The most appropriate type is a situational–thematic dictionary. Thematic proverbs and sayings are units serving a separate speech topic. In the Dahl dictionary, proverbs are arranged by topic, but in the dictionary there are no instructional–oriented proverbs and there is no indication for their use in speech.

The dictionary "Russian proverbs, sayings and winged expressions" also does not provide non–Russian students with sufficient opportunity to learn proverbs and sayings. This dictionary provides mainly regional geographic information.

Such linguistic and regional work on Russian proverbs and sayings can significantly intensify the work of the teacher: on the one hand, it contributes to a more complete assimilation of proverbs and sayings by Tajik students and the expansion of their vocabulary, on the other hand, allows the teacher to familiarize students with Russian proverbs and sayings.

Keywords: *dictionary, Russian, sayings, proverbs, teacher, students, others, work*

Сведение об авторе:

Мирзоева Шамигул Идибековна *– Преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел. (+992) 558885388*

About the author:

Mirzoeva Shamigul Idibekovna *– Lecturer at the University Department of the Russian Language of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel. (+992)558885388*

ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ КУРИЁӢ ВА ТОҶИКӢ

Шин Н.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Чунон ки маълум аст, ҷонишин аз гурӯҳи ҳиссаҳои номии нутқ мебошад. Вале бояд гуфт, ки ҳамчун ҳиссаи номии нутқ вай наметавонад дар ифодаи бевоситаи ашёи гуногун ва аломату миқдори онҳо ба кор равад, балки одатан ба ин ё он ашёи табиӣ, аломату хусусият ва теъдоди муайяни он танҳо ишор мекунад ва ё ягон ҷиҳати характерноки онро нишон медиҳад. Ҳамин хусусияти ҷонишинро ҳам дар забони куриёӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Ҷонишинҳои ишоратӣ як навъи хелҳои ҷонишинро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи ҷонишинҳо хусусияти ҷудокунӣ доранд, зеро тавассути онҳо гӯянда ё нависанда аз анбӯҳи ашёи ҳамчинс даркориашро ҷудо намуда, таваҷҷӯҳи шунаванда ё хонандаро ба он ҷалб месозад ва ҳамзамон ба он ишора мекунад, ки минъбад нутқи ӯ дар хусуси кадом ашё ё рӯйдоди олами ҳастӣ идома хоҳад ёфт.

Забоншиноси тоҷик Б.Сиёев қайд мекунад, ки истилоҳи «ҷонишинҳои ишоратӣ» ба ин гурӯҳи калимаҳо аз рӯи вазифаашон дода шудааст, ки ин бесабаб нест: вазифаи ишорӣ ба воситаи онҳо нисбат ба дигар хели ҷонишинҳо ва калимаҳои дигар гурӯҳ равшантар иҷро мешавад. (Сиёев 2002, 320).

Ҷонишинҳои ишоратӣ дорои як қатор хусусятҳои фарқкунанда мебошанд, ки тавассути онҳо аз дигар хелҳои ҷонишин ҷудо шуда меистанд. Инак, баъзе аз онҳо фарқиятҳоро ба таври зерин метавон номбар кард:

а) Ҷонишинҳои ишоратӣ нисбат ба инсон ва дигар предметҳо баробар кор фармуда мешаванд: **ин шогирд**, **ин ҳикоя**, **он китоб**, **он дарахти чормағз**.

б) Хусусияти дигари ҷонишинҳо ишорати дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дорои категорияи грамматикии шахсу шумора нестанд.

в) Ҷонишинҳои ишоратӣ маъноан хусусияти антонимӣ пайдо мекунанд: **ин–он**, **ҳамин–ҳамон**. Дар ин маврид ҷонишини ин ба предмети ишора мекунад, ки он ба гӯянда наздик аст (ин хона), вале, баръакс, ҷонишини **он** ба предмете ишора мекунад, ки вай аз гӯянда дур ҷо гирифта бошад (он хона).

г) Ҷонишинҳои ишоратӣ нисбат ба дигар хелҳои ҷонишин дар забон фаъолтар мебошанд. Ин аст, ки дар мавридҳои муайяни нутқ онҳо метавонанд на танҳо калимаҳои алохида, балки ибора, ҷумла, ҳатто матнҳои пайвасту яклухтро табдил созанд ва ба сухани гӯянда ё нависанда равонӣ, суфтагиву рехтагӣ, сабукӣ бахшида, муассирии онро таъмин намоянд.

Ҷонишинҳои ишоратӣ чун як навъи махсуси калимаҳо дар таркиби луғавии забонҳои куриёиву тоҷикӣ мақоми шоиста доранд. Онҳо, ки хусусияти номӣ зоҳир мекунанд, чун дигар ҳиссаҳои номии нутқ дар қолаби анъанавии чоргонаи калимасозӣ тарҳрезӣ меёбанд. Ин қолабҳои калимасозӣ, ки зимни истилоҳоти маъруфи **ҷонишинҳои сода**, **сохта, мураккаб** ва **таркибӣ** шинохта мешаванд, аз табиати рангин ва пурҷилои худи калимаҳои ҷонишинӣ, ки ҷанбаҳои ҳам лексикӣ ва ҳам грамматикиро фаро мегиранд, ба берун меоянд:

а) Дар қолаби калимаҳои сода. Ба ин гурӯҳ фақат ҷонишинҳоеро нисбат бояд дод, ки таркибан яз як реша иборат бошанд. Аз қабили **ин** ва **он**, ки ин ду ҷонишин якрешагӣ буда, аз аҳди бостон то имрӯз таҳаввулоти муайянеро аз сар гузаронида, ҳамчун категорияи махсуси калимаҳо дар забон амал карда истодаанд.

б) Дар қолаби калимаҳои сохта. Ин ҷонишинҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо аз пешванду реша таркиб ёфтаанд. Ба ин гурӯҳ ҷонишинҳои **ҳамин** ва **ҳамон**ро дохил кардан мумкин аст, чунки онҳо зимни бо ҳам омезиш ёфтани пешванди **ҳам** ва ҷонишинҳои содаи **ин** ва **он** шакл гирифтаанд.

в) Дар қолаби калимаҳои мураккаб. Ин навъи ҷонишинҳо вобаста ба маънои луғавӣ ва вазифаи грамматикии худ бо ҷонишинҳои содаю сохта дар мавқеи синонимӣ қарор мегиранд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои **ончунон, ҳамчунон, чунон, чунин, инчунин, ҳамчунин**ро метавон нисбат дод, ин онҳо ду ва сеҷузъа буда таърихан аз ҷонишинҳои **ин, он**, пешванди **ҳам**–ва пешоянди **чун** тарҳрезӣ гардидаанд. Ҷонишинҳои навъи мазкур аз нигоҳи маънӣ зимнан дар ифодаи тобишҳои монандӣ, киёсу муқобила, табодули ашё ва андеша, тарзи иҷрои кор ва амсоли инҳо меоянд ва ҳамзамон дар чараёни нутқ тобиши таъкидӣ низ зоҳир мекунанд. Метавон гуфт, ки асоси ҷонишинҳои ишоратии мураккабсохт ҷонишинҳои ишоратии **ин** ва **он** мебошанд. Аз ин хотир, онҳо ба ҷонишинҳои ишоратии сохта, ки низ аз ҳамин асосҳо мерӯянд, то ҷойе умумият доранд.

г) Дар қолаби калимаҳои таркибӣ. Ҷонишинҳои ишоратӣ, ки дар қолаби таркибҳо сурат мегиранд, дар забони адабии муосири тоҷик миқдоран хеле зиёданд. Дар ташаккул ва рушду такомули ин гурӯҳи ҷонишинҳо мавқеи исмҳое, ки дар ифодаи мафҳуми қиёсу муқобила ба кор мераванд ва ҳам худи ҷонишинҳои ишоратӣ калон аст. Аммо бояд афзуд, ки на ҳама ҷонишинҳои ишоратӣ имконияти бо исмҳо таркиб бастан доранд. Балки аз маводи андухтаи мо бармеояд, ки ин гуна имконият танҳо аз ниходи ҷонишинҳои ишоратие ба берун меояд, ки онҳо аз ҷиҳати сохт ё сода ва ё сохта буда бошанд. Аз қабили **ин, он, ҳамин, ҳамон**. Барои намуна мисолҳои зеринро овардан мумкин аст: **ин гуна, ин хел, ин навъ, ин сон, ин тавр, ин зайл, он гуна, он хел, он сон, он тавр, он зайл** ва ғайра.

Чунон ки дида мешавад, ҷонишинҳои ишоратии таркибӣ аз лиҳози маънӣ миёни худ муносибати антонимӣ пайдо мекунанд ва ин муносибати онҳо дар ифодаи маънии масофа, ки ба гӯянда наздик, ё аз гӯянда дур ҷой доштани ашё ишора мекунанд, эҳсос мегардад. Масалан, ҷонишинҳое, ки таркибан аз ҷонишини ин шакл гирифтаанд, ба ашёи наздик ба гӯянда ё нависанда ишора мекунанд, лекин ҷонишинҳое, ки аз ҷонишини **он** таркиб бастаанд, ба ашёи аз гӯянда ё нависанда дур ишора месозанд.

Ин навъи ҷонишинҳо дар забон вазифа, маънӣ ва тобишҳои зиёди маъноию услубӣ зоҳир мекунанд, ки баъзе аз онҳоро ба таври зерин метавон арзёбӣ намуд:

1. Агар аз ҷонишини **ин** ва исмҳои гуногун ба зуҳур оянд, аз нигоҳи маънӣ ба ду гурӯҳ чудо мешаванд.

а) Гурӯҳи якум ба сифату ҳолати ашё далолат мекунанд. Дар ин маврид таркибҳои **ин гуна, ин хел, ин навъ, ин тарз, ин сон, ин зайл** ва ғайра ба кор мераванд.

*Баъд аз дидани **ин гуна** шаклу шамоили ин одам дар дили ман гузашт……(С.А.с.13): … дар **ин хел** аҳвол аберааш базудӣ калон намешавад ва ба воя намерасад (С.А.с.24).*

б) Гурӯҳи дуюм ба миқдору андозаи ашё, аломат ва амал ишора мекунад. Дар ин маврид аз таркибҳои **ин қадар, ин дараҷа** ва ғайра кор гирифта мешавад:

*Сабаби ӯро **ин қадар** дӯст доштани мардум ба ҳусн ва зебоии ӯ набуда, балки дар тарҷумаи аҳволи ӯ буд(С.А.с.314).*

2. Агар аз ҷонишини **он** ва исмҳо таркиб банданд, он гоҳ ба масофа ва аломату амал ишора месозанду бас. Ин мафҳумҳо тавассути таркибҳои **он қадар** ва **он дараҷа** ба амал меоянд:

*Хонаи мо **он қадар** ҳам дур нест,*
Гар чӣ дар чашми шумо манзур нест (М. Турсунзода).

3. Ҷонишинҳои ишоратӣ, ки аз ҷонишини ҳамин ва исмхо таркиб меёбанд, ба миқдору дараҷа, андоза ва аломату амали ашё ишора мекунанд.

Ҷонишинҳои навъи мазкур инҳо мебошанд: **ҳамин кадар, ҳамин гуна, ҳамин тавр, ҳамин хел, ҳамин тарз, ҳамин тариқ** ва ғайра:

*Ҳоло **ҳамин тавр** аст–гуфт Амини муш ном яке аз талабагон… (С.А.с.28);*

*…… ман **ҳамин гуна** ҳазлҳои ҷиддинамои шуморо акнун нашунавидаам–гуфт тоҷияфурӯш (С.А.с.21–22); Ана **ҳамин тарз** шуда Ятим Мурод ҳам ба камсомол даромад ва ҳам сарҳадчӣ шуд (С.А.с.323); Воқеаи мактабро тарк кардани ин духтарак ба **ҳамин тариқ** рӯй дода буд (С.А.с.325)*

4. Ҷонишинҳои ишоратӣ, ки аз таркиб бастани ҷонишини **ҳамон** бо исмҳои гуногун сар мезанад, ба миқдору дараҷаи ашё ва монандию аломату амали он ишора менамоянд. Ба ин гурӯҳ таркибҳои **ҳамон кадар, ҳамон зайл, ҳамон ҳолат, ҳамон гуна** ва амсоли инҳо дохил мешаванд:

*Лекин ӯ ба **ҳамон гуна** корҳо ҳеҷ илтифот намекард (С.А.с.325); … ӯ дар **ҳамон холат**… як дасти худро ба болои бурдаи охирини нон гузашта… (С.А.с.19).*

Ҷонишинҳои ишоратӣ аз нигоҳи таърих ва ташаккули таърихӣ дар як поя қарор надоранд. Ба ин маънӣ, хастанд калимаҳое, ки аз ибтидо ба ҳайси ҷонишин ба зуҳур омада, дар тамоми давраҳои

таърихии рушди забонҳои тоҷикию куриёӣ мавқеи худро тағйир надодаанд. Аммо, баръакси ин, боз ҷонишинҳое низ вуҷуд доранд, ки онҳо бо мурури замон ва тибқи талаботи қонунҳои дохилии забон ба баъд аз ҳисоби дигар ҳиссаҳои нутқ рушд кардаанд. Ҳамин ҳодиса таҳозо менамояд, ки ҷонишинҳои ишоратиро дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳ тасниф созем:

1) Ҷонишинҳои ишоратии аслӣ. Ба ин гурӯҳ ҷонишинҳои **ин** ва **он** дохил мешаванд. Зеро инҳо решагианд ва бунёдашон аз аввал ҳамчун ҷонишин рехта шудааст.

2) Ҷонишинҳои ишорати ғайриаслӣ. Ин навъи ҷонишинҳо дар қолаби калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ бунёд ёфта, зимни иртиботи бевоситаи худи ҷонишинҳо бо дигар ҳиссаҳои нутқ сар задаанд.

Масалан, ҷонишинҳои ***ҳамин, ҳамон, инчунин, ончунон, чунин, чунон, ин гуна, ин хел, ин тавр, ин зайл, ин сон, он хел, он гуна, он сон*** ва ғайра ҳамин гуна хусусият доранд.

Бояд кайд кард, ки ҷонишинҳои ишоратӣ аз ҷиҳати вазифадорӣ низ дар забонҳои муқоисашаванда ба таври гуногун амал мекунанд. Масалан, агар ҷонишинҳои аслии **ин** ва **он**–ро дар забони тоҷикӣ мавриди муоина қарор дихем, метавонем бубинем, ки онҳо, дар ҳақиқат, чор вазифаи мушаххаси лексикӣ–грамматикиро ба ҷо меоранд. Аммо, агар вазифаҳои ҷонишинҳои ишоратии ғайриаслиро аз назар гузаронем, маълум мешавад, ки баръакси гурӯҳи якум, имконияти онҳо дар ин бобат чандон доманадор нест.

Инак, вазифаҳои ҷонишинҳои аслии **ин** ва **он**–ро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

а). Ин ҷонишинҳо беш аз ҳама вазифаи ишоратӣ дошта, дар чараёни нутқ хусусияти сифатӣ ва таъинӣ зоҳир мекунанд:

Ин *масъала дар пеши ман монанди муаммо сарбаста аст (С.А.с.61);* *Ин кор аз ман зиёдтар барои ӯ фоиданок аст (С.А.с.50);* ***Он*** *рӯз ҳам шикори ман барор нагирифт (С.А.с.25);* ***Он*** *хокистарро чӣ кор мекунед? (С.А.с.62).*

б). Дар вазифаи табдили предмет ба кор мераванд. Дар ин маврид онҳо хусусияти предметӣ касб мекунанд:

Соро ***инро*** *бардошта, ба пеши бузғола бурд (С.А.с.201); Мурдаи* ***инро*** *ман гурондам (С.А.с.78);* ***Он*** *шабро ба фикру хаёл бедор гузаронидам...(С. А.с. 26); Ҳанӯз ба* ***он одам*** *нарафтаам, як кори зарур ба ёдам омад (С. А.с.60).*

в). Ба вазифаи калимаи ҳамнисбат меоянд. Дар ин ҳолат дар таркиби сарҷумлаи ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷо гирифта, талаб пеш меоранд, ки фикри ишорашуда тавассути ҷумлаи пайрави хабар ифода ёбад:

Як фазилати хуби ӯ ***ин*** *буд, ки ӯ одами сода, камгап ва гапбардор буд (С.А.с.221);*

Душвориши кор ***он*** *аст, ки гуфт Ҳамроҳрафиқ,–ҳамроҳонам пиёда мондаанд (С. А.с 220).*

г). Вазифаи муайяни услубиро ба ҷо меоранд. Ин хусусияти онҳо дар забони асарҳои бадеӣ зимни ба риштаи тасвир кашидани ҳодисаҳои олами воқеӣ аз ҷониби адибон ба мушоҳида мерасад. Дар ин маврид ҷонишинҳои **ин** ва **он** ба сухан як навъ оҳанги таъкиду тантана низ зам мекунанд.

Ин *ҳаёти ширине, ки ду ҷавон ба сар бурда, аз висоли якдигар худро хушбахту саодатманд медонистанд, барои Саидбой аз марг ҳам талхтар буд (Ҳ. Н. с 16);* ***Он*** *хабар тамоми ғаму кулфати Ризоро барҳам дод (Ҳ.Н.с 16); Аз одамон пурсидам,* ***ин****–кино гуфтанд (Ҳ.Н.с 66).*

Аз тафтишу таҳлили мисолҳои боло маълум мешавад, ки ишорачонишинҳои **ин** ва **он** дар забон аз ҷиҳати вазифа, хусусият ва мавқеъ аз якдигар фарқи ҷиддӣ надоранд. Фарқ ҳангоми истифодаи онҳо танҳо дар тарзи зоҳиршавии нутқи гӯянда эҳсос мегардад. Яъне, чӣ тавре ки гуфта шуд, агар мусоҳиб ба ашёи аз худаш дур ишора кунад, аз ҷонишини **он** ва агар ба ашёи ба худаш наздик ишора карданӣ бошад, ҳатман аз ҷонишини **ин** истифода ба амал меорад:

Ана, ***ин*** *чист? Як мушт қанди сафедро аз кисааш бароварда нишон дод Мирзо (Ҳ.Н.с.55) ...дар* ***он*** *ҷо нафасатро ҳам гирифта наметавонӣ (Ҳ.Н.с.15).*

Дар забони куриёӣ ишорачонишинҳои аслӣ аз шаклҳои 이[i] ва 그[keu], ки моҳиятан ба ҷонишинҳои **ин** ва **он**–и забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд, иборат мебошанд. Аз инҳо якумӣ ба ашёи ба гӯянда наздик ва дуюмӣ ба ашёи ба шунаванда наздик ишора месозанд. Ашёи аз шунаванда ва аз гӯянда дур бошад тавассути шакли 저[jeo] ишора меёбад, ки ин мутаносибан бо ҷонишини **вай**–и забони тоҷикӣ (ин ҳам гоҳ–гоҳ хусусияти ишоратӣ касб мекунад), баробар меояд. Фарқ дар он аст, ки ҷонишини мазкур, баръакси ҷонишини **он**–и забони тоҷикӣ, ки дар масофаи дуртар ҷой доштани ягон ашё ишора менамояд, аз гӯянда ва шунаванда ниҳоят дур будани ашёро далолат мекунад. Ғайр аз ин дар забони кӯриёӣ боз ҷонишини 그것[keugeot] ба кор меравад, ки ин ҳам аз

ҷонишинҳои аслӣ ҳисоб меёбад ва ба ашёи аз назар ғоиб, ё ашёи дар тафаккур эҳсосшаванда ишора месозад. Бо ҳамин, чунон ки мебинем, дар забони кӯриёӣ қиёсан бо забони тоҷикӣ теъдоди ишорачонишинҳои аслӣ зиёд мебошад, ки онҳо вобаста ба фосилаи байни гӯяндаву шунаванда ва предмети муҳокима сар зада, ба ашё, самту сӯй ва макону замон ишора мекунанд.

Ҷонишинҳои ишоратии ғайриаслӣ аз рӯи он вазифааҳои муқаррарӣ, ки дар нутқ зоҳир месозанд, аз ҷонишинҳои аслӣ фарқ надоранд. Тафовути ин ду навъи ишорачонишинҳо дар сохту таркиби морфологии онҳо ба назар мерасаду бас. Ба ин маънӣ, агар ишорачонишинҳои аслӣ шакли сода дошта бошанд, ишорачонишинҳои ғайриаслӣ, баръакс дар қолаби калимаҳои сохта ва мураккабу таркибӣ сурат мегиранд.

Масалан, ҷонишинҳои **ҳамин** ва **ҳамон,** ки тавассути пешванди **ҳам**–аз ҷонишинҳои содаи **ин** ва **он** сохта шудаанд, мисли ҷонишинҳои мазкур ба масофаи миёни ашёи ба гӯянда наздик ё аз ӯ дур ишора менамоянд. Ана ҳамин ду тарзи ишора миёни ҷонишинҳои **ҳамин** ва **ҳамон** муносибати муқобилавии онҳоро ба вуҷуд меорад, ки ин хусусият, чи тавре зикр кардем, дар ҷонишинҳои аслии **ин** ва **он** ҳам эҳсос мегардад:

Ҳамин *шаб аввал ба қишлоқи Хоҷачилдиёр, баъд ба қишлоқҳои Тӯдаю Ноҷӣ рафта...(Ҳ.Н. с.115);* ***Ҳамон*** *шаб дар тасаввури Зокир занаш–Саидабибӣ андӯҳгин менамуд (Ҳ.Н. с.86).*

Дар забони куриёӣ синоними ишорачонишинҳои тоҷикии ғайриаслии **ҳамин** ва **ҳамон** шаклҳои 이것 [igeot] ва 저것 [jeogeot] мебошанд, ки онҳо моҳиятан ба ашёи гуногун иртибот дошта, аз нигоҳи вазифа мисли ҷонишинҳои забони тоҷикӣ ба масоҳаи байни ду мусоҳиб (гӯяндаву шунаванда) ва ашёи мавриди назар ишора мекунанд. Вале ишорачонишинҳои тоҷикӣ **чунин** ва **чунон**, ки таркибан мураккаб буда, аз пешоянди **чун** ва ҷонишинҳои содаи аслии **ин**–у **он** шакл гирифтаанд, дар забони куриёӣ муродиф надоранд. Аз инҳо ҷонишини **чунин** ба сифату аломати ашё ва **чунон** ба зиёд ё баланд будани дарачаи сифат ва аломату ҳолати ашё далолат мекунад. Ин ду ҷонишин дар насри классикӣ ниҳоят фаровон ба кор рафтаанд (Сиёев 2002, 349–354) ва дар забони муосири тоҷик низ чандон камистеъмол нестанд. Сабаб дар он аст, ки онҳо дорои тобишҳои гуногуни бадеию услубӣ мебошанд ва дар мавриди таъкиди фикр низ кор фармуда мешаванд. Аз ин рӯ, адибон дар ҳама гуна шароити муносиб дар асарҳои бадеӣ аз онҳо ҳамчун воситаи хуби таъмини бадеият ва ҷиҳатҳои услубии тасвир зиёд истифода ба амал меоранд:

Мирзо гумон надошт, ки ***чунин*** *бадбахтӣ ӯро ба сар меояд (Ҳ.Н.с. 239); Ятим Мурод ин гапҳоро* ***чунон*** *бо ҷиддият гуфт, ки бовар накардани онҳо ба Норбибиш мумкин набуд (С.А.с.334).*

Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳи муайяни ишорачонишинҳо фаъолият мекунанд, ки аз ҷиҳати сохти грамматикӣ мураккаб буда, таркибан се ҷузъи алоҳидаро дар бар мегиранд. Масалан, ҷонишниҳои **инчунин**, **ончунон**, **ҳамчунин**, **ҳамчунон** аз ҳамон қабиланд, ки онҳо аз иртиботи қавии ҷонишинҳои аслии **ин**, **он** бо пешванди **ҳам**–ва пешоянди чун ба зуҳур омадаанд. Ҷонишинҳои навъи мазкур вобаста ба вазифа ва ҳам он маъние, ки аз ниҳоди онҳо берун меояд, бо ишорачонишинҳои **чунин** ва **чунон** дар мавқеи синонимӣ қарор мегиранд. Аммо тафовути нозуке, ки миёни онҳо эҳсос мешавад, ин аст, ки ҷонишинҳои **ҳамчунин** ва **ҳамчунон** дар муқоиса бо ҳаммаъниҳои худ–**чунин**, **чунон** ва **инчунин**, **ончунин** ашёи ишорашаванда, ё тобишҳои маъноию услубиеро, ки дар ҷараёни нутқ зоҳир мекунанд, барҷастатар таъкид месозанд:

*...**инчунин** аз тарафи соҳили советӣ ҳам пай дар пай милтиқҳо холӣ шудан гирифтанд (С.А.с.338); ...даҳонаш **ончунон** аз ош пур мегашт, ки дар вақти хоидан ва нафас кашидан донаҳои биринҷ ... ба рӯи табақ пош мехӯрданд (С.А.с.47); Дунё ба назари ӯ **ҳамчунон** торик шуд, ки гӯё офтоб фурӯ рафта ва торикӣ оламро фаро гирифта бошад (С.А.с.254); ...ӯ, чунон ки дар умри худ якум бор бар рӯи кат мехобид, **ҳамчунин** бар рӯи бистари нарм ҳам якум бор меёзид (С.А.с.284).*

Ин ҷо бемаврид аст қайд кунем, ки дар бобати истифода аз ишорачонишинҳои ғайриаслии **инчунин**, **ончунон**, **ҳамчунин**, **ҳамчунон** дар байни забонҳои тоҷикию куриёӣ тафовут ҷой дорад. Ин тафовут дар он ба мушоҳида мерасад, ки ин гурӯҳи ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ–чӣ дар нутқи гуфтугӯӣ ва чӣ дар услуби илмию бадеӣ ҳамеша дар гардиш бошанд ҳам, дар забони куриёӣ муодили мувофиқ надоранд. Вазифаи онҳо дар забони куриёӣ тавассути ишорачонишинҳое ба ҷо оварда мешавад, ки дар қолаби калимаҳои таркибӣ рехта гардидаанд. Аз қабили 이렇게[ireohkke] – ин хел, ҳамин гуна, 저렇게[jeoreohkke] –он хел, ҳамон гуна, 여기[yeogi] –ин ҷо, 거기[geogi] –он ҷо ва амсоли инҳо, ки дар ишораи макон, аломату сифати ашё ва дигар ҳодисаҳо ба кор мераванд.

Ҷонишинҳои ишоратӣ, ки аз нигоҳи сохт таркибӣ мебошанд, дар забони тоҷикӣ, одатан, дар асоси бо ҳам омадани худи ишорачонишинҳои содаю сохта ва хелҳои гуногуни исм шакл мегиранд.

Дар ин маврид беш аз ҳама аз ҷонишинҳои **ин, он** ва **ҳамин, ҳамон** кор гирифта мешавад. Бинобар он, ҷонишинҳои навъи мазкурро ба ду гурӯҳи калон тасниф намудан лозим аст:

1. Ҷонишинҳои таркибӣ, ки аз ҷонишинҳои аслии **ин, он** ва исмҳо сохта шудаанд. Ин навъи ҷонишинҳо вобаста ба вазифаҳое, ки доранд, ду гурӯҳи мустақилро ташкил медиҳанд:

а). Ҷонишинҳое, ки ба сифату ҳолати ашё ишора мекунанд: **ин хел, ин гуна, ин навъ, ин зайл, ин сон, ин тариқа, он хел, он гуна, он навъ, он зайл, он сон.**

Азбаски ҷонишинҳои содаи таркиби ин гурӯҳ –**ин** ва **он** аз рӯи ифода ва ишора ба масофаи байни гӯяндаву ашё муносибати зидмаъной зоҳир мекунанд, ҳамин гуна муносибат дар ҷонишинҳои таркибӣ низ боқӣ мемонад:

*Ба **ин гуна** одам наздик нашавед (С.А.с.41); Ин муллобача **он гуна** кас не...(С.А;С.40);...ҳикояти оши дирӯза **ин тариқа** аст (С.А.с.35);...**ин хел** табақ чӣ лозим? (С.А.с.129).*

б). Ҷонишинҳое, ки ба миқдору дараҷаи предмет ё аломату амал нигаронида шудаанд: **ин қадар, он қадар, ин дараҷа, он дараҷа:**

*Сабаби **ин қадар** дӯст доштани мардум ӯро ба ҳусн ва забони ӯ набуда...(С.А.с.314); Ҳаво **он қадар** ҳунук набошад ҳам, барф бо донаҳои калон–калон меборид (С.А.с.299);*

*Вақте ки Ятим ба ӯ аз модараш чи гуна ҷудо шуданашро ва ба **ин дараҷа** дӯст доштани модараш ӯро ҳикоя кард, ӯ як оҳи дароз кашид (С.А.с.315).*

2.Ҷонишинҳои таркибӣ, ки аз ҷонишинҳои ғайриаслии **ҳамин, ҳамон** ва исмҳо ба вуҷуд омадааанд: **ҳамин хел, ҳамон хел, ҳамин қадар, ҳамон_қадар, ҳамин гуна, ҳамон гуна, ҳамин тавр, ҳамон тавр.**

Ин гурӯҳи ҷонишинҳо ба миқдору дараҷаи ашё ва аломату амал ишора менамоянд:

*Ба ман **ҳамин қадар** маълум аст (С.А.с.122); Ширинтарин гуфтаҳои ӯ ҳам **ҳамин гуна** ҳикояҳои афсонамонандаш ба шумор мерафтанд (С.А.с.31); **Ҳамин тавр** ки буд, чӣ моёнро аҳмақ карда баровардед? (Ҳ.Н.с.104).*

Дар забони куриёӣ ишраҷонишинҳои таркибӣ моҳиятан ба ашё, аломати он ва макони воқеъ гардидани ашёю ҳодисаҳои гуногун ишора мекунанд. Аз ин ҷиҳат, онҳоро ба ду гурӯҳ тасниф хоҳем намуд:

1.Ҷонишинҳои ишоратии таркибӣ, ки ба ашё ва аломати он нигоронида шудаанд. Ин навъи ҷонишинҳо, ки ба масофаи байни гӯянда, шунаванда ва предмету ҳодисаи мавриди муҳокима дахл доранд, дар навбати худ, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а). Ба ашёи ба гӯянда наздик ишора мекунанд : 이[i]:

이는 정말 말도 안 된다. [ineun jeongmal maldo an doenda].

Ин ба ақл дуруст намеояд.

б). Ба ашёи ба шунаванда наздик ишора мекунанд: 저[jeo]:

이도 저도 내 알 바 아니다. [ido jeodo nae al pa anida].

На инро ва на онро донистан намехоҳам.

в). Ба ашёи аз гӯянда ва шунаванда дур ишора мекунанд: 그 [keu]:

그와 같은 생각은 적절하지 않다 [keuwa kateun saenggageun jeokjeolhaji antta].

Ба он фикр мувофиқ намеояд.

2.Ҷонишинҳои ишоратии таркибӣ, ки ба макони ҷойдоштаи ашё ё ягон ҳодиса дахл доранд. Ин гурӯҳи ҷонишинҳоро низ вобаста ба муҳтаво ва моҳияташон чун гурӯҳи якум ба навъҳо ҷудо мекунем:

а). Ба макони ба гӯянда наздик ишора мекунанд:

여기[yeogi]**:** 여기에 민수가 있어요. [yeogie minsuga isseoyo].

Минсу дар ин ҷост.

이곳[igot]: 내 고향은 이곳이다.[nae gohyangeun igosida].

Зодгоҳи ман ин ҷост.

б). Ба макони ба шунаванда наздик ишора мекунанд:

거기[keogi]**:** 거기에 민수가 있나요? [keogie minsuga issnayo?]

Минсу дар он ҷо бошад?

그곳 [keugot]: 네가 말한 그곳이 어느 곳이냐? [nega malhan keugoshi eoneu goshinya?] Он ҷой, ки ту гуфтӣ, кадом ҷой аст?

в). Ба макони аз гӯянда ва шунаванда дур ишора мекунанд:

저기 [jeogi]**: 저기**에 민수가 있어요. [jeogie minsuga isseoyo].

Минсу дар он ҷост.

저곳 [jeogot]: 집을 **저곳**에 세워 볼까? [jibeul jeogose sewo polkka?]

Дар он ҷо хона сохта бинем?

Бояд гуфт, ки дар бобати истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ дар байни забонҳои тоҷикию куриёӣ, аз як тараф, умумият эҳсос гардад, аз тарафи дигар, фарқият ба назар мерасад:

1.Умумияти онҳоро ин тавр матавон арзёбӣ намуд:

а). Ишораҷонишинҳое, ки ба ягон ашё нигаронида шудаанд, ҳам дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ истеъмол меёбанд. Ин ҳодиса асосан дар ҷонишинҳои **ин**, **он**, **ҳамин**, **ҳамон** ба мушоҳида гирифта мешавад:

Дар забони тоҷикӣ: **ин–инҳо**, **он–онҳо**, **ҳамин–ҳаминҳо**, **ҳамон–ҳамонҳо**.

Дар забони куриёӣ: 이(것) i(geot)–이(것)들i(geot)deul: 그 (것)keu(geat) –그(것)들keu(geot)deul, 저(것) jeo(geat)–저(것)들 jeo(geat) deul

б). Ишораҷонишинҳои аслии **ин**, **он**, **вай** (이[i], 그[keu], 저[jeo]) ва ишораҷонишинҳои мансуб ба макон –**ин ҷо**, **он ҷо**, **вай ҷо** (이곳[igot], 그곳[keugot], 저곳 jeogot) дар ҳар ду забон як хел ба кор мераванд.

2.Фарқияти ин ду забон дар ин бобат чунин аст:

а).Ҷонишинҳои ишоратии таркибӣ, ки марбут ба маконанд (ин ҷо, он ҷо, ҳамин ҷо, ҳамон ҷо) дар забони куриёӣ як зада қабул карда, чун як калима талаффуз ва навишта мешаванд(여기[yeogi]**,** 저기[jeogi]**,** 거기[jeogot]), вале дар забони тоҷикӣ ҳар кадоми он задаи алоҳида дошта, аз объекти ишорашаванда ҷудо талаффуз ва чун ду калима аз ҳам ҷудо навишта мешаванд.

б). Дар забони тоҷикӣ пурсишҷонишин ё ҷонишини саволӣ кай амал мекунад, ки он дар забони куриёӣ зери мафҳуми «ишораҷонишини замонӣ» шинохтаву тадқиқ карда мешавад.

в).Ҷонишинҳои ишоратии **ин**, **он**, **вай** дар забони куриёӣ (이[i], 그[keu], 저[jeo]) дар муқоиса ба забони тоҷикӣ муносибати гӯяндаро нисбат ба ашёи ишорашаванда дақиқтар нишон медиҳанд.

АДАБИЁТ

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷ.1.Душанбе,1985, с.156–171

2.Забони адабии ҳозираи тоҷик, к.1(барои мактабҳои олӣ). Душанбе, 1973, С.216–231.

3.Сиёев. Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ. Душанбе, 2002, 495с.

4.백봉자 (2013) 외국어로서의 한국어 문법 사전. 서울: 도서출판 하우 461 p.

5.이익섭(2005), 『한국어문법』, 서울: 서울대학교출판문화원. 468 p.

6.이익섭· 채완(2004), 『국어문법론강의』, 서울: 학연사. 420 p.

7.이주행(2011), 『알기 쉬운 한국어 문법론』, 서울: 도서출판 역락. 380 p.

8.임호빈·홍경표·장숙인(1987), 『한국어문법』, 서울: 신구문화사. 301 p.

Адабиёти бадеӣ

9. Айни С. Куллиёт, ҷ.4. Сталинобод, 1961, 350с.

10. Назаров Ҳ. Мирзо Ризо (повест). Душанбе, 1970. 312с.

ЗНАЧИТЕЛЬНЫЕ ЗАМЕНЫ В КОРЕЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Сравнительно–типологическое изучение языков в современном этапе столкновения цивилизаций отражается, прежде всего, на языке, и является одним из важнейших проблем современной лингвистики. Принимая во внимание вышесказанное, автор в этой статье рассмотрел указательные местоимения двух разноструктурных языков –корейского и таджикского языков для сравнения.

В этой статье отмечены интересные и отличительные черты указательных местоимений от других местоимений, их синонимические и антонимические отношения, использование их в качестве замены слов и фраз, и даже целых предложений и текстов в сопоставимых языках. В статье также исследуются эти типы местоимений с точки зрения исторического развития, структуры, стилистических оборотов, художественных выражений, лексических и грамматических функций, их позиции и сравнение

Исследователь разделил ссылки на две группы, основные и второстепенные, и показал их общие черты и различия в этих двух языках. Он считает, что эти два типа местоимений не отличаются друг от друга своими задачами. Различие можно увидеть только в их морфологическом строении,

первые из которых встречаются в самых простых, а вторые –в шаблоне сложных и составных конструкций.

Ключевые слова: *грамматика, морфология, типология, сравнение, противопоставление, местоимение, указательные местоимение, антоним, слово, словосочетание, предложение, текст, цивилизация, корейский язык, таджикский, структура, стиль, значение, лексика, основные, второстепенные, развитие.*

SIGNIFICANT CHANGES IN KOREAN AND TAJIK LANGUAGES

The comparative typological study of languages in the modern stage of the clash of civilizations is reflected primarily in the language, and is one of the most important problems of modern linguistics. Considering the above, the author in this article examined the demonstrative pronouns of two different structures languages –Korean and Tajik languages for comparison.

This article will highlight the interesting and distinctive features of demonstrative pronouns from other pronouns, their synonymous and antonymic relationships, their use as a substitute for words and phrases, and even whole sentences and texts in comparable languages. Also explores these types of pronouns in terms of historical development, structure, stylistic turns, artistic expressions, lexical and grammatical functions, their position and comparison.

The researcher divided the links into two groups, primary and secondary, and showed their common features and differences in the two languages. He believes that these two types of pronouns do not differ from each other in their tasks. The difference can only be seen in their morphological structure, the first of which are found in the simplest, and the second in the pattern of complex and composite structures.

Keywords: *grammar, morphology, typology, comparison, contrast, pronoun, demonstrative pronoun, antonym, word, phrase, sentence, text, civilization, Korean language, Tajik language, structure, style, meaning, vocabulary, basic, secondary, development.*

Сведения об авторе:

Шин Нагкюн *–старший преподаватель кафедры филологии Юго–Восточной Азии Таджкиского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел. 446400852*

About the author:

Shin Nagkyuk *–Senior Lecturer of the Department of Philology of south-east Asia of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Street, phone: 44–640–08–52*

ТДУ 809. 155. 0

ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГИИ ВОЖАҲОИ МАҚОЛАИ «ФАРДОИ МАКТАБУ МАОРИФ»-И ЎРУН КЎҲЗОД

Валиев Ҷ.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Морфология як қисми грамматика буда, дар бораи сохти грамматикии калима, тарзи ифодаи маънои грамматикӣ ва роҳу воситаҳои калимасозӣ баҳс мекунад. Морфология гурӯҳҳои лексикию грамматикии калимаҳо ва ҳодисаҳои грамматикиеро меомӯзад, ки бо қонуну қоидаи мавҷудияти калима ҳамчун воҳиди грамматикӣ марбутанд. Гурӯҳҳои грамматикии калимаҳо дорои категорияи грамматикӣ ва системаи шакл (парадигма) мебошанд.

Меъёри таснифи луғавӣ –грамматикии калимаҳо (ҳиссаҳои нутқ), гурӯҳҳои грамматикии калимаҳо ва шаклҳо, ки дар асоси умумияти ифодаи маъно ва шакли грамматикӣ муттаҳид шудаанд, хелҳои луғавию маъноии калимаҳо, ки маъноянон барои муайян кардани категорияҳои грамматикӣ ёрӣ мерасонад, категорияи грамматикӣ ва маънои грамматикӣ, шакли грамматикӣ ва парадигма мавзӯъҳои асосии морфология ба шумор мераванд ва дар тадқиқи морфологии калима мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар таҳлили хусусиятҳои морфологӣ бештар ба масъалаҳои калимасозӣ ва ҳиссаҳои нутқ диққат дода ва ҳар як калима, ки ба воситаи пешванду пасвандҳои калимасоз, на шаклсоз, боз калимаҳои наве месозанд, ки ҳам дар маънои луғавӣ ва шакли грамматикиашон тағйир меёбанд.

1. Хусусияти морфологии ҳиссаҳои номӣ. Тамоми калимаҳо ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд, ки онҳоро ҳиссаҳои нутқ меноманд. Ҳиссаҳои нутқ гурӯҳҳои асосии луғавӣ – грамматикии забонанд, ки дар асоси хусусиятҳои зерин тақсим мешаванд: а) хусусияти маъноӣ (маънои ҷомеи предмет, амалу ҳолат ва ғайра), яъне маънои умумии категориявӣ; б) хусусиятҳои морфологӣ (категорияҳо ва хусусиятҳои морфологии калимаҳо), яъне умумияти парадигмӣ; в) хусусияти синтаксисӣ (вазифаи синтаксисӣ ва тарзи алоқаи калимаҳо). Дар забони адабии ҳозираи тоҷик чунин гурӯҳҳои луғавӣ –грамматикии калимаҳо мавҷуданд: исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандакҳо, ҳиссача, нидо.

Ҳангоми таснифи ҳиссаҳои нутқ пеш аз ҳама маънои луғавии калима ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан, исм предметро, сифат аломати предметро, шумора миқдори предметро, феъл амалу ҳолати предметро, зарф аломати амал ва аломати аломатро ифода мекунад. Азбаски забони тоҷикӣ хусусияти аналитикӣ дорад ва дар он флексияи номӣ дида намешавад, дар таснифоти ҳиссаҳои нутқ мавқеи маънои калима калон аст. бинобар он ки бисёр калимаҳои номӣ шакли равшани морфологӣ надоранд, онҳоро берун аз ибора ё ҷумла танҳо аз рӯи маъно ба ягон гурӯҳ (масалан ба гурӯҳи ном ва ё сифат) даровардан мумкин аст.

Боби асосии морфологияро ҳиссаҳои нутқ ташкил мекунанд. Тамоми калимаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқи хусусиятҳои луғавию грамматикӣ ба ду гурӯҳи калон: ҳиссаҳои мустақили нутқ ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ҷудо мешаванд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки маънои мустақили луғавӣ, хусусиятҳои хоси калимасозӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ доранд ва ин аломатҳои меъёри асосии таснифоти онҳо ҳисоб меёбанд. Ба ин гурӯҳ исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф дохил мешаванд.

Вобаста ба ҳамин масъалаҳои зикршуда, яъне хусусиятҳои калимасозӣ ва морфологии ҳиссаҳои номии нутқро ба ҷуз феълу зарф, ки зермавзӯи алоҳидаи кор мебошад, дар калимаҳои дохили мақолаи «Фардои мактабу маориф» таҳқиқ карда мебароем.

Калимасозии исм ва хусусиятҳои морфологии он дар калимаҳои дохили мақола бо пешванду пасвандҳои калимасоз: ҷумҳур –ӣ, бе –барор –ӣ, рав –иш, рӯз –гор, зинда –гӣ, хоб –гоҳ, муборизи –а, фиреб –гарӣ, бе–масъулият–ӣ, омӯз –иш –гоҳ, шавқ –манд –он, аз ҷиҳати сохт калимаҳои типии сохта буда, ба воситаи префиксу суффикси калимасоз аз дигар ҳиссаи нутқ исм сохтаанд. Мисол, бебарорӣ аз решаи барор, феъли фармоиш буда, ки ду зинаи калимасозиро гузаштааст, аввал бо пешванди бе –, бебарор сифат шуда, баъдан бо пасванди –ӣ бебарорӣ сохта шудааст. Ҳамчунин калимаи рав феъли фармоиш, замони ҳозира бо гирифта пасванди калимасози –иш, исм шудааст, калимаи омӯзишгоҳ ду пасванди калимасоз омӯз феъл, замони ҳозира, сиғаи амр, омӯзиш, исм, ғайришахс, маънӣ ва ғайра, омӯзишгоҳ исм, ғайришахс, модӣ, ифодакунандаи макон, яъне конверсия шудаанд. Ё ин ки аз исми шахс бо гирифтани пасванди –а исми ғайришахс ифода кардааст. Типии имсҳои мураккаб бошад, дар шакли мураккаби тобеъ омадаанд: соҳиб + истиқлол (исм + исм), дониш+ ҷӯ (исм + феъл), сар+ бор –ӣ (исм+ исм + пасванд), баҳона +ҷӯ –ӣ (исм+ феъл+ пасванд), шавқ + дор –он (исм+ феъл+ пасванд) сохт +мон (феъл+ феъл), пеш+ ниҳод (зарф + феъл), пеш+ рафт (зарф+ феъл), ҷавоб + гӯ (исм+ феъл) ҳуқуқ + шинос (имс + феъл), ҷомеа+ шинос (исм + феъл) ва мактаб + шинос (имс + феъл) ҳисоб мешаванд.

Категорияи номуаянӣ дар чанд калима: нуқсе, нимчасаводе, шарте, соҳае, наврасоне, ва коре дида мешаванд.

Хусусияти калимасозии сифат дар мақолаи «Фардои мактабу маориф» чунончӣ: ба –хусус, воқе –ӣ, назар –ӣ, дарс –ӣ, бо –қувват, ҳама –гон –ӣ, бе –самар, иқтисод–ӣ, ҷуғроф–ӣ, доим –ӣ, дурӯғ –ин, ихтиёр –ӣ, бо –савод, бе –савод, тахассус –ӣ, бештари ин калимаҳо аз исм ва ҷонишин ба воситаи пешванду пасвандҳои калимасоз сифат сохтаанд. Сифатҳои мураккаб: дил + хоҳ (исм+ зарф), замона + боб (исм+ исм), ду+ хон (шумора + феъл), дарс + гурез (исм+ феъл), кам+ бағал (зарф + исм) шуморида мешаванд, вале дар матни мақола аз тарафи нависанда ду калимае, ки ба сифат тааллуқ доранд: дастандаркор ва чаласавод ба ягон гурӯҳ дохил намешаванд. Дар калимаи дастандаркор ҳангоми ба ҷузъҳо тақсим намешаванд, чаласавод бошад, дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи чала нест, аммо дар шева мебошад. Вале дар ин калима чала (яъне ангӯштарин) ба маънои аслии худ наомадааст.

Дар мақола хусусияти калимасозиву морфологии шумора ва ҷонишин дида намешавад.

2. Хусусияти морфологии зарф ва феъл. Феъл ва зарф дар қисмати морфология аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ дар он фарқ мекунанд, ки дорои замон ва навъҳо, усулҳои махсуси калимасозӣ

доранд. Аз ҷумла, феъл –дорои асос, замон, навъҳои тасрифнашаванда (масдар, сифати феълӣ, ва феъли ҳол), мутлақ ва давомдор, монда ва гузаранда, сиға буда, ки дар натиҷаи калимасозӣ, яъне бо гирифтани пешванду пасвандҳои калимасозу шаклсоз дар феъл тағйироти замон, сиға ва дигар навъҳои феъл рӯх дода метавонад. Барои тақвият бахшидани фикр ба мисолҳои дохили мақола бо назари таҳқиқ менигарем. Мисол, бар –по, дар –кор, рӯбарӯ, бар –овард –ан, пеш –бин–ӣ, кушод –а, шинохт –а зикр гардидаанд, ки баъзан калимаҳое, ки феъл шуда омадаанд, аз дигар ҳиссаҳои нутқ (исм) ба воситаи пешванду пасвандҳои феълсоз сохта шудааст. Дар калимаи барпо, бар –пешванд, по –исм мебошад, калимаи даркор ҳам бо пешванду исм, вале калимаи рӯбарӯ пешоянди ба на ба вазифаи миёнванд омадааст ва тобиши грамматики худро дар ин калима дигар кардааст. Дигар калимаҳо, баровардан реша овард феъли замони гузашта, аммо бо гирифтани пешванду пасванди калимасоз дар шакли масдар ифода гардидаст. Калимаҳои кушод ва шинохт аз асоси феъли замони гузашта бо гирифтани пасванди а феъли ҳол сохтааст.

Зарф дар баробари дигар ҳиссаҳои нутқ ба худ хусусиятҳои морфологии хос дорад, яъне ифодакунандаи замон, макон, сабабу натиҷа, миқдору дараҷа, шарт, хилоф ва монандӣ буда ва ҳам дар дараҷаи қиёсӣ омада метавонад. Вобаста ба калимасозӣ зарфҳои дохили мақолаи «Фардои мактабу маориф» –ро муайян менамоем. Мисол, маҷбур–ӣ, чанг –зад –а, кам –ёб, душ –вор, сохт –а дар шакли зарф оварда шудаанд. Калмаи чангзада аз исм (чанг), асоси замони гузаштаи феъл (зад) ва бо пасванди (–а), камёб аз зарф (кам) ва феъли фармоиш (ёб), калимаҳои душвор ва сохта аз исму феъл бо гирифтани пасвандҳои калимасоз сохта шудаанд. Хусусиятҳои морфологӣ, тарзи амал (маҷбурӣ, чангзада, камёб, душвор, сохта) ифода гардидаанд.

3. Хусусиятҳои морфолигии ҳиссаҳои ёвар. Боби асосии морфологияро ҳиссаҳои нутқ ташкил мекунанд. Тамоми калимаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқи хусусиятҳои луғавию грамматикӣ ба ду гурӯҳи калон: ҳиссаҳои мустақили нутқ ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ҷудо мешаванд.

Гурӯҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро калимаҳое ташкил мекунанд, ки вазифаи номинативӣ надоранд, яъне предмет, аломату хусусият, амалу ҳолатро номбар намекунанд, балки барои ифодаи муносибати грамматикии байни калимаҳои мустақил, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро ҳиссаҳои номустақили нутқ меноманд. Маънои грамматикии калимаҳои ёридиҳанда дар айни замон маънои луғавии онҳо ба шумор меравад. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, азбаски вазифаи номинативӣ надоранд, аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд. Ба гурӯҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқи забони тоҷикӣ пешоянду пасоянд, пайвндак, ҳиссача ва нидо дохил мешаванд.

Дар мақолаи «Фардои мактабу маориф»-и Ӯрун Кӯҳзод мавқеи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро дида мебароем. Пешояндҳо –аз, ба, дар, чӣ, бо, барои, чун истифода шудааст, ки дар матни мақола ҳамаи ин пешояндҳо тобиши грамматикии худро дигар накардаанд. Ва аз ҷиҳати сохт бошад, ҳамаи пешояндҳо дар шакли сода баён шудаанд. Пасояндҳо –ро, ҳамон омадааст ва дар матн бошанд як маротиба истифода гардидаанд. Пайвандакҳо дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайваст ва тобеъ. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар навбати худ ба се гурӯҳ: паиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ ҷудо мешаванд. Пайвандакҳои пайвасткунандаи паиҳам: ва, у, ю, ву дар мақола бештар калимаҳоро ба ҳам чида шудани як аъзои ҷумла истифода шудаанд. Вале барои сохтани ҷумлаҳои мураккаби пайвас кам истифода гардидаанд. Пайвандакҳои хилофӣ –аммо, вале омад, ки дар ҷумлаҳои мураккаби сохтаашон, вазифаи грамматикии худро аз даст надодаанд. Пайвандаки ҷудоӣ истифода нащудааст.

Пайвандакҳои тобеъкунанда: ки, агар, аз ин рӯ, то, азбаски истифода гардидаанд. Аз ин пайвандакҳо сермаҳсулашон ки ва агар мебошад, ки бештар барои сохтани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар мақола истифода шудаанд. Ва барои фарқ кардани сарҷумла аз ҷумлаи пайрав бештар хусусияти синтаксисӣ гирифтаанд.

Ҳиссачаи фақат дар мақола баён шудааст, дигар ягон навъи ҳиссачаҳо наомадаанд. Нидо ҳам, ягон навъаш истифода нагардидааст.

Хулоса, мо хусусиятҳои морфологии ҳар як ҳиссаи нутқро, вобаста ба мустақил ва номустақил ҷудо намудаем. Ҳиссаҳои мустақилро бо хусусиятҳои калимасозияшон, ки ба воситаи пешванду пасвандҳои калимасоз фарқ мекунанд, ҷудо намудем. Ҳангоми таҳқиқи кор вобаста ба ҳиссаҳои номӣ, мавқеи исм нисбат ба дигар ҳиссаҳои мустақил, вобаста ба калимасозиву хусусиятҳои морфолигияш мавқеи калон дорад, баъдан мавқеи феъл, сифат ва зарф мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Вале ҷонишин ва шумора, ки хусусиятҳои калимасозӣ дар забон қариб надоранд ва дар мақола ҳам мавриди баён қарор нагирифтааст. Аммо бояд гуфт, ки ҳангоми таҳқиқи кор мо вобаста ба хусусиятҳои калимасозияш ҳар як ҳиссаи нутқро диққат додем, ба масъалаҳои ҷаъбандӣ ва навъҳои исм, дараҷаҳои сифат, шахсу шумора дар феъл, дараҷаи қиёсии зарфҳо кор нагирифтаем. Чаро ки ин масъалаҳо танҳои вазифаи шаклсозӣ доранд, на вазифаи маъносоз. Ҳиссаҳои

ёридиҳандаи нутқ бошад, пешоянду пасоянд, пайвандакҳо, ҳиссача дар мақола мавриди истифода қарор гирифтааст. Вале нидо дида намешавад, чунки нидо хоси услуби гуфтугӯй ва бадеӣ мебошад, на услуби илмӣ.

АДАБИЁТ

1. Амлоев А.Я. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. –Душанбе: ДСРТ, 2016. –151с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Фонетика, морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. –356 с.
3. Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси. –Душанбе, 2006. –186 с.
4. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. –Душанбе, 1967. –134 с.
5. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Ҷ. 7. –Сталинобод, 1954.
6. Рустамов Ш. Исм категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. –Душанбе: Дониш, 1981. –219 с.
7. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ. –Душанбе, 2014. –106 с.
8. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо (аз рӯйи маводи шеваи ҷануби шарқии забони тоҷикӣ). –Душанбе: Ирфон, 2010. –144 с.
9. Хоркашев С. Ҷумлаҳо асоси калимаҳои мураккаб. Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» №1 (56–2), 2014. –с. 327–332.
10. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдӣ) // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 1/2. –Душанбе: 1975. –с. 283–307.

Манбаъ:

11. Ӯрун Кӯҳзод. Ғайр аз хӯрдан ва нӯшидан. –Душанбе: Шарқи озод, 2017. –222 с.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ СТАТЬИ «БУДУЩЕЕ ШКОЛЫ И ОБРАЗОВАНИЯ» –УРУН КУХЗОД

Словообразование является важнейшим способом обогащения словарного состава языка. С развитием структурного состава имен существительных постоянно совершенствуются и развиваются пути и модели словообразования этой части речи. Изменения словообразовательной структуры имен существительных осуществляются в рамке грамматического строя и внутренних закономерностей языка. Важным источником выявления особенностей словообразования современного таджикского литературного языка являются произведениясовременных таджикских писателей, поэтому материалом для исследования структуры слов детерминативного типа в настоящей статьи послужили тексты прозаических произведений Уруна Кухзода.

Ключевые слова: *словообразование, сложные слова, структура слов, элементы словообразования, сокращение изафета, соединение слов, модели словообразования.*

MORPHOLOGICAL FEATURES OF WORD FORMING ARTICLES «FUTURE SCHOOL AND EDUCATION» –URUN KUKHZOD

Word–building is the most significant way of enriching Tajik language's lexis. Connected to compound nouns, form and methods of word–building regularly evolves and develops. Change and improvement of word–building appears according to regularity of development of language. And studying the works of writers one of the essential matters. With understanding this significance, in the article is studied the main forms of building words of determinative type.

Keywords: *word–building, compound words, structure of word, element of word–building, connecting words, forms of word–building.*

Сведения об автора:

Валиев Джамшед Абдурасулович*, докторант PhD кафедры теория и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Телефон: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru*

About the author:

Valiev Jamshed Abdurasulovich*, Doctorate PhD in the Department of Tajik Philology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy. phone number: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru*

ТДУ 809. 155. 0

ТАҲЛИЛИ МОРФОЛОГИИ МОҚОЛАИ «БУРДУ БОХТИ НАСР»-И ЎРУН КЎҲЗОД

Каримов Ш., Валиев Ҷ.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқу омӯзиш ва баррасии масъалаҳои лексикиву морфологии мақолаҳои дохили китоби «Бурду бохти наср»-и Ўрун Кўҳзод дар илми забоншиносӣ чизи нав мебошад. Тамоми мақолаҳое, ки донишманд мавриди пажўҳищи худ қарор додааст, аз солҳои 1997 –ум оғоз шуда, то замони нашри китоб, яъне соли 2017 –ро дар бар гирифтааст. Мавзўи дохили мақолаҳои китоб аз рўи масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳодисаҳои дар замони худ рўҳдода ва мавзўъҳояшон фарқи куллӣ доранд. Инчунин вобаста ба мавзўи дохили мақолаҳо китобро ба чор бахш ҷудо менамоем. Қисми якум «Миллат» буда, аз ҳафт мақола иборат мебошад. Қисми дуюм «Адабиёт», ки аз нўҳ мақола, қисми сеюм «Забон» аз ҳафт мақола ва қисми чорум «Адибон», ки аз чордаҳ мақола иборат мебошад. Ва нависанда ба масъалаҳои дохилии мақолаҳо аз назари илми забоншиносиву адабиётшиносӣ диққати ҷиддӣ додааст. Аз ҷумла, дар мақолаи «Бурду бохти наср », ки ба қисми дуюми мақолаҳо мансуб шуда, Ўрун Кўҳзод ба масъалаҳои қолаби калимасозӣ аз рўи хусусияти луғавию морфологӣ, морфологию синтаксисӣ, синтаксисӣ –морфологӣ ба ин мақола баҳои объективона додааст. Ва аз рўи таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши кори курсии мо маълум гардид, ки хусусияти луғавию морфологии калимаҳои дохили мақола қолаби калимасозиро нависанда моҳирона истифода бурдааст.

1. **Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номӣ.** Ҳангоми таснифи ҳиссаҳои нутқ пеш аз ҳама маънои луғавии калима ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан, исм предметро, сифат аломати предметро, шумора миқдори предметро, феъл амалу ҳолати предметро, зарф аломати амал ва аломати аломатро ифода мекунад. Азбаски забони тоҷикӣ хусусияти аналитикӣ дорад ва дар он флексияи номӣ дида намешавад, дар таснифоти ҳиссаҳои нутқ мавқеи маънои калима калон аст. бинобар он ки бисёр калимаҳои номӣ шакли равшани морфологӣ надоранд, онҳоро берун аз ибора ё ҷумла танҳо аз рўи маъно ба ягон гурўҳ (масалан ба гурўҳи ном ва ё сифат) даровардан мумкин аст.

Боби асосии морфологияро ҳиссаҳои нутқ ташкил мекунанд. Тамоми калимаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқи хусусиятҳои луғавию грамматикӣ ба ду гурўҳи калон: ҳиссаҳои мустақили нутқ ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ҷудо мешаванд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки маънои мустақили луғавӣ, хусусиятҳои хоси калимасозӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ доранд ва ин аломатҳои меъёри асосии таснифоти онҳо ҳисоб меёбанд. Ба ин гурўҳ исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф дохил мешаванд. Вобаста ба хусусиятҳои калимасозии ҳиссаҳои номии нутқ калимаҳои дохили мақоларо аз рўи қолаби калимасозӣ ҷудо менамоем.

Мавқеи калимасозии исм дар забони тоҷикӣ нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ серистеъмол мебошад ва чунин калимаҳо дар мақола бо роҳи калимасозӣ исм шуда омадаанд: фаҳм + иш (феъл + пасванд), рафт + ор (феъл + пасванд), дон + иш (феъл + пасванд), даъво + гар (исм + пасванд), хоҳ + иш + манд (феъл + пасван + пасванд), фармо –иш (исм + пасванд), хушёр + ӣ (сифат + пасванд), хомўш + ӣ (феъл + пасванд), хирад + манд (исм + пасванд), ҳунар + манд (исм + пасванд), бе + адолат + ӣ (пешванд + исм + пасванд), рост + ӣ (сифат + пасванд), тарғибот + гар (исм + пасванд), Тоҷик + истон (исм + пасванд) ин типи калимаҳо аз ҷиҳати сохт ба гурўҳи сохта дохил мешаванд. Калимаҳое, ки да шакли мураккаб зикр шудаанд, мисол: сар + фаҳм (исм + феъл), адиб + тарош (исм + пасванд), гўш + зад (исм + феъл), гуфт + у + гў (феъл + миёнванд + феъл), вариант + соз + ӣ (исм + феъл + пасванд), вариант + соз (исм + феъл), эҷод + кор (исм + исм), тараф + гир (зарф + феъл), вариант + навис + ӣ (исм + феъл + пасванд), ибрат + гир + ӣ (исм + феъл + пасванд), гирд + овар + ӣ (сифат + феъл + пасванд), ҷавон + мард (исм + исм), ақл + омўз (исм + феъл), дур + бин + ӣ (сифат + феъл + пасванд), ҳақ + ҷў + ӣ (исм + феъл + пасванд), бад + бахт + ӣ (сифат + исм + пасванд), пеш + оҳанг (зарф + исм), ҷамъ + омад (исм + пасванд), ҳақ + шинос + ӣ (исм + феъл + пасванд), ҳезум + биёр + ӣ (исм + феъл + пасванд), қалам + каш (исм + феъл), ғўла + бур + ӣ (исм + феъл + пасванд), пеш + рафт (зарф + пасванд), хоҷа + гӣ + дор + ӣ (исм + пасванд + феъл + пасванд), сар + гузашт (исм + феъл), ки ҳам дар шакли мураккаби тобеъ ва пайваст омадаанд.

Ҳамин хусусияти калимасозиро дар сифат дида мебароем: зоҳир + ӣ (исм + пасванд), душ + вор (исм + пасванд), мутаассиф + она (исм + пасванл), баде + ӣ (исм + пасванд), бе + банд (пешванд + феъл), бе + даво (пешванд + исм), ривоят + ӣ (исм + пасванд), оқил + она (сифат + пасванд), бо + ҳавсала (пешванд + исм), инсон + ӣ (исм + пасванд), бо + фаҳм (пешванд + феъл), бе + фаҳм

(пешванд + феъл), рӯҳ + ӣ (исм + пасванд), карахт + ӣ (сифат + пасванд), адаб + ӣ (исм + пасванд), бе + мақсад (пешванд + исм), бе + ранг (пешванд + исм), бе + маънӣ (пешванд +исм), хуш + зот (сифат + исм), бе + ғараз + она (бе + исм + пасванд), эҷод + ӣ (исм + пасванд), ташкил + ӣ (исм + пасванд), моҳир + она (исм + пасванд), бе + шира (пешванд + исм), бе + таъсир (пешванд + исм) дар шакли сохта баён шудаанд. Типи сифатҳои мураккаб: равон + шинос + ӣ (феъл + феъл + пасванд), пур ғун + ҷо + иш (сифат + феъл + исм + пасванд), усто + кор + она (исм + исм+ пасванд), бе + сар + у +нӯг (пешванд + исм + миёнванд + зарф), сер + истеъмол (сифат + исм), амонат + дор + ӣ (исм + феъл + пасванд), ҳаво + баланд + она (исм + сифат + пасванд), пайғом + бар + ӣ (исм + феъл + пасванд), умумӣ + инсон + ӣ (сифат + исм + пасванд), нав + ҷӯ (сифат + феъл), нав + ҷавон (сифат + исм), хуш + қалам (сифат + исм), суст + қалам (сифат + исм), умумӣ + иттифоқ (сифат + исм), хуш + зот (сифат + исм), ватан + дор + ӣ (исм + феъл + пасванд), мӯъҷаз + баён + ӣ (исм + исм + пасванд), образ + дор (исм + феъл), грамматик + навис + ӣ (исм + феъл + пасванд), забон + зад (исм + феъл), ситам + кор (исм + исм) иборат мебошанд. Калимасозии сифат ба мисли исм аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба роҳҳои алоқаи грамматикӣ сохта мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ шумора ва ҷонишин хусусияти калимасоз кам дорад, чунки шумора барои шумурдани ашё буда ва ҷонишин ба ҷои исм, сифат ваш умора дар матн кор фармуда мешаванд. Аммо он ҷонишину шумораҳое, ки дар мақолаи нависанда баён шуданаанд, зикрашонро меоварем: ҷонишинҳо: ӯ, вай, мо, онҳо, худ, ягон, якдигар, ҳамдигар, ин, он, ҳеҷ, ҳамин, ҳар, ҳар чӣ, чӣ гуна, чӣ қадар, ҳамчун –ам, –аш, –атон дохил мешаванд. Шумора бошад, як, ҳафт, бистум, сиюм, чилум, панҷоҳум, 15, 1995, 12, 1961, 1988 дигар шумора дар матн дида намешавад ва худи шумора дар забони тоҷикӣ танҳо аз чанд калимае иборат мебошад.

2. Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф. Чи тавре ки ишора рафт, исм, сифат, шумора, ки ном, аломат, миқдору тартиби предметҳоро ифода мекунанд ва ҷонишин, ки ба ҷои ин ҳиссаҳои нутқ кор фармуда мешавад, ҳиссаҳои номии нутқро ташкил медиҳанд. Ин ҳиссаҳои нутқ асосан аз ҷиҳатҳои гуногуни предмет –ном, аломат, миқдору тартиби онро ифода мекунанд, яъне ин ҳиссаҳои нутқ ба предмет марбутанд.

Дар забон ғайр аз калимаҳои мансуби ҳиссаҳои номии нутқ боз гурӯҳи калимаҳои мустақилмаъное мавҷуданд, ки онҳо баръакси ҳиссаҳои номии нутқ ҳаракату ҳолатро ҳамчун амал ва аломати амалу аломати аломатро ифода менамоянд, яъне ҳиссаҳои мустақили ба амал марбути нутқ мебошанд. Ба ин гурӯҳи ҳиссаҳои мустақили нутқ феъл ва зарф дохил мешаванд.

Феъл ва зарф дар қисмати морфология аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ дар он фарқ мекунанд, ки дорои замон ва навъҳо, усулҳои махсуси калимасозӣ доранд. Аз ҷумла, феъл –дорои асос, замон, навъҳои тасрифнашаванда (масдар, сифати феълӣ, ва феъли ҳол), мутлақ ва давомдор, монда ва гузаранда, сиға буда, ки дар натиҷаи калимасозӣ, яъне бо гирифтани пешванду пасвандҳои калимасозу шаклсоз дар феъл тағйироти замон, сиға ва дигар навъҳои феъл рӯх дода метавонад. Хусусияти калимасозии феъл дар забони тоҷикӣ ба монанди исму сифат серистеъмол мебошад, ки ба восита пешванду пасванҳои калимасоз аз дигар ҳиссаҳои нутқ ё ин ки аз худи феъл калимаи нав месозанд, ки ба категорияи морфологии феъл тааллуқ дорад. Ҳамин хусусияти морфологии феълро дар мақолаи «Бурду бохти наср»-и Ӯрун Кӯҳзод мебинем: бар + овард + ан (пешван + феъл + пасванд), дар + кор (пешванд + исм), бар + овард + а (пешванд + феъл + пасванд), бар + мехӯрад (пешванд + феъл) ҳисоб мешаванд. Ҳамин хусусияти морфологиро дар зарф таҳқиқ мекунем: ба + такрор (пешванд + исм), ҳама + ҷониб + а (ҷонишин + зарф + пасванд), хондан + боб (феъл + исм), зиндагӣ + соз (исм + феъл), дур + у+ дароз (сифат + миёнванд + зарф), мушкил + кушо (сифат + феъл), душ + вор + ӣ (исм + пасванд + пасванд),

3. Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар. Гурӯҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро калимаҳое ташкил мекунанд, ки вазифаи номинативӣ надоранд, яъне предмет, аломату хусусият, амалу ҳолатро номбар намекунанд, балки барои ифодаи муносибати грамматикии байни калимаҳои мустақил, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро ҳиссаҳои номустақили нутқ меноманд. Маънои грамматикии калимаҳои ёридиҳанда дар айни замон маънои луғавии онҳо ба шумор меравад. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, азбаски вазифаи номинативӣ надоранд, аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд. Ба гурӯҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқи забони тоҷикӣ пешоянду пасоянд, пайвндак, ҳиссача ва нидо дохил мешаванд.

Дар мақолаи «Бурду бохти наср»-и Ӯрун Кӯҳзод мавқеи ҳиссаҳои нутқ ба маврид истифода шудааст, вобаста ба таносуби ҷойгиршавиашон ҳиссаҳои ёварро таҳсимбандӣ менамоем. Пешояндҳо –аз, ба, бо, дар, пеш, барои, бинобар он, пасояндҳо –барин, –ро, ҳамон, замон. Пайвандакҳо: пайваскунанда –ва, у, ю, ву, аммо, вале, лекин, балкӣ, ё, тобеъкунанда –ки, зеро, зеро ки, агар, вагарна, чунки, то, модом ки, мисли, ба шарте ки, ба ҷои он ки, вақте ки, аз ин рӯ, ҳар қадаре ки. Ҳиссачаҳо –ҳатта, фақат, масалан, баръакс, албатта ҳисоб мешаванд. Аммо нидо дар матни мақолаи нависанда истифода нашудааст.

Хулоса, дар мақолаи «Бурду бохти наср»-и Ӯрун Кӯҳзод аз рӯи таҳқиқ ва пажуҳиш дар илми забоншиносӣ кори тоза ҳисоб шуда, аз рӯи хусусияти морфологӣ калимаҳои дохили матни мақола таҳқиқ намудем. Боби аввал ва зерфаслҳои он бошад, аз рӯи таҳқиқ мавқеи ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла ҳиссаҳои номии нутқ мавқеи калон дорад. Хусусияти калимасозии исм ва сифат дар илми забоншиносӣ, махсусан, забони тоҷикӣ қолабҳои зиёди калимасозӣ доранд ва таносуби калимасозиро вобаста ба пешванду пасвандҳои калимасоз на шаклсоз, бо роҳи пайваст ё тобеъ сохта шудани калимаҳои мураккаб муайян карда шудаанд. Феъл ваз арф бошад, дар худ хусусияти дигари грамматикӣ дошта, аз ҳиссаҳои номии нутқ фарқ мекунанд. Аз рӯи мавқеи пешванду пасвандҳои калимасоз дар феъл ва зарф кам истифода мешаванд. Нависанда ҳамаи қолабҳои луғавию морфологии калимасозии зобони адабии ҳозираи тоҷикро бо маврид ва илмӣ истифода гардонидааст.

АДАБИЁТ

1. Амлоев А.Я. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. –Душанбе: ДСРТ, 2016. –151 с.
2. Аминов С. Забони тоҷикӣ. синфи 10. –Душанбе: Маориф, 2018. –224 с.
3. Анварӣ С., Мирзоев А.. Забони тоҷикӣ. синфи 6. –Душанбе: Маориф, 2018. –196 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Фонетика, морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. –356 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика, лексикология ва морфология. Ҷилди 1 (ҳайати муҳаррирон: Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров). –Душанбе: Дониш, 1985. –355 с.
6. Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси. –Душанбе, 2006. –186 с.
7. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. –Душанбе, 1967. –134 с.
8. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Ҷ. 7. –Сталинобод, 1954.
9. Рустамов Ш. Исм категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. –Душанбе: Дониш, 1981. –219 с.
10. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ. –Душанбе, 2014. –106 с.
11. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо (аз рӯйи маводи шеваи ҷануби шарқии забони тоҷикӣ). –Душанбе: Ирфон, 2010. –144 с.
12. Хоркашев С. Ҷумлаҳо асоси калимаҳои мураккаб. Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» №1 (56–2), 2014. –с. 327–332.
13. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдӣ) // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 1/2. –Душанбе: 1975. –с. 283–307.

Манбаъ

14. Ӯрун Кӯҳзод. Ғайр аз хӯрдан ва нӯшидан. –Душанбе: Шарқи озод, 2017. –222 с.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СТАТЬИ УРУНА КУХЗОДА «ПОБЕДА И ПОБЕДА»

Словообразование является важнейшим способом обогащения словарного состава языка. С развитием структурного состава имен существительных постоянно совершенствуются и развиваются пути и модели словообразования этой части речи. Изменения словообразовательной структуры имен существительных осуществляются в рамке грамматического строя и внутренних закономерностей языка. Важным источником выявления особенностей словообразования современного таджикского литературного языка являются произведениясовременных таджикских писателей, поэтому материалом для исследования структуры слов детерминативного типа в настоящей статьи послужили тексты прозаических произведений Уруна Кухзода.

Ключевые слова: *словообразование, сложные слова, структура слов, элементы словообразования, сокращение изафета, соединение слов, модели словообразования.*

MORPHOLOGICAL ANALYSIS OF THE ARTICLE OF URUN KUKHZOD «VICTORY AND VICTORY»

Word–building is the most significant way of enriching Tajik language's lexis. Connected to compound nouns, form and methods of word–building regularly evolves and develops. Change and improvement of word–building appears according to regularity of development of language. And studying the works of writers one of the essential matters. With understanding this significance, in the article is studied the main forms of building words of determinative type.

Keywords: *word–building, compound words, structure of word, element of word–building, connecting words, forms of word–building.*

Сведения об авторах:

Каримова Шарифхуджа *–докторант (PhD) первого курса кафедры теории и истории литература Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон +(992) 918186768*

Валиев Джамшед Абдурасулович*, докторант PhD кафедры теория и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни им. С. Айни. Телефон: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru*

About the authors:

Karimov Sharifkhuja *– the first of year Doctorate (PhD) of the theory and history of literature Department, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Телефон +(992) 918186768*

Valiev Jamshed Abdurasulovich*, Doctorate PhD in the Department of Tajik Philology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy. phone number: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru*

КОНЦЕПТ «РУССКИЙ СОЛДАТ» В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ПОЭЗИИ: ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

Третьякова Л.Н.

Российский университет дружбы народов, Москва, Россия

Понятие «концептосфера» представляет собой основополагающую составляющую когнитивной лингвистики. Термин «концептосфера» введен в науку академиком Д.С. Лихачёвым, который трактовал концептосферу как совокупность концептов нации. Понятиям концептосферы, концептологии и концептам посвящены работы Н.Ф. Алефиренко. Н.Д. Арутюнова, С.А. Аскольдова, А. Вежбицкой, В.В. Воробьева, Е.С. Кубряковой, Д.С. Лихачева, С.Х. Ляпина, Ю.С. Степанова, И.А. Стернина, В.М. Шаклеина и др. Исследование темы военной концептосферы русского языка вызвано следующими лингвистическими и экстралингвистическими причинами:

1) повышенным интересом современных лингвистов, историков и культурологов к данной области;

2) тревожными тенденциями снижения значимости военных компонентов в культуре современного российского общества.

В когнитивной лингвистике концепт рассматривается как единица, объясняющая ментальные, психологические и культурологические ресурсы сознания представителей определенной национальной общины (нации). Концепт включает в себя информацию о картине мира индивидуума и общества. Согласно Ю.С. Степанову, концепт –это лишь та единица, которая несет культурную информацию, «сгусток культуры в сознании человека; то, в виде чего культура входит в ментальный мир человека» [8, с. 43].

И.С. Выходцева пишет, что концепт отображает специфику индивидуально–авторского сознания и является системообразующим элементом художественной картины мира [3, с. 14]. Исследователь Л.В. Калашникова пишет: «Изучение языка через призму теории о концептах позволяет выявлять как общее, так и индивидуальное в языках. Сам концепт является в некоторой степени абстрактным до тех пор, пока не возникнет контекст, то есть необходимость словесно, письменно или при помощи языка жестов выразить этот концепт» [5, с.359]. Концепты «Родина», «родной дом», «семья», «русский солдат», «Великая Отечественная война», «свои–чужие» –важные и емкие составляющие всей концептосферы русской культуры, нашедшие свое отражение в многочисленных художественных произведениях.

Концепт «солдат». Это слово пришло в русский язык в XVII веке из немецкого, до XVII века в русском языке для обозначения военнослужащих использовалось слово «вой» (однокоренное со словом воин). Однако корнями слово «солдат» уходит в итальянский язык: «солдат» произошло от слов soldo –сольдо (монета) и soldare –нанимать, таким образом, это слово изначально обозначало нанятого воина.

В «Толковом словаре живого великорусского языка» В.И. Даль дает следующее определение слову «солдат»: *«рядовой воин, военный рядович, служивый, кавалер. Солдат добрый человек, да плащ его хапун. Солдаты, что малые ребята: и много поедят, и малым сыты. Солдаты и на том*

свете в воинстве Христовом служат. Солдат солдату родной брат. Солдатища в сажень. Солдатина молодчина. Солдатская голова, как под дождичком трава. Солдат в поле умирает, матрос в море. Доброго солдата выбирают, а не покупают. Худой солдат, который не надеется быть генералом. Хорошо, сказывают, в солдатах, да что–то мало охотников. Солдат отрезанный ломоть (от семьи). Солдат шилом бреется, дымом греется. Где коза прошла, там и солдат пройдет. У солдата на все ответ есть и т.д. Солдатка –жена солдата. Солдатеть –принимать обычаи солдатские» [4, с. 264–265].

Рассмотрим концепт «русский солдат» в отечественной поэзии. Этот концепт встречается в произведениях Э.А. Асадова, В.С. Высоцкого, Н.С. Гумилева, М.А. Дудина, К.М. Симонова, Р.И. Рождественского, А.Т. Твардовского и др.

Русский солдат –бесстрашный и самоотверженный воин («*Солдатского сердца* отвага» – выражение, принадлежащее поэту М.А. Дудину), беззаветно отдающий жизнь за родную землю, семью и дом, верный в дружбе; как правило, выходец из рабочей или крестьянской семьи, не ищущий славы. Верность Родине и готовность отдать жизнь за нее, честь и обещание –главные моральные принципы русского солдата. Русский солдат готов пожертвовать даже семьей, любимыми людьми, быть вдали от них во имя общего блага, защиты и спасения государства. В русской литературе большое внимание уделено образу неизвестного солдата, следовательно, концептуальное поле «солдат» включает в себя выражение «неизвестный солдат» как собирательный образ русского воинства.

«Могила Неизвестного солдата!
О, сколько их от Волги до Карпат!
В дыму сражений вырытых когда–то
Саперными лопатами солдат». (Э.А. Асадов. Могила Неизвестного солдата. Год неизвестен).

Однако другой русский поэт –М.А. Дудин –утверждает, что безымянных (неизвестных) солдат не бывает, *«у каждого личное имя, какое с рожденья дают»*:

«Гремят над землею раскаты,
Идет за раскатом раскат.
Лежат под землею солдаты
И нет безымянных солдат». (М.А. Дудин. И нет безымянных солдат. 1969 год).

В произведении В.С. Высоцкого поднимается тема крепости, выносливости, сильных волевых качеств и верности Отечеству русского солдата:

«Солдат всегда здоров,
Солдат на все готов, –
И пыль, как из ковров,
Мы выбиваем из дорог» (В.С. Высоцкий. Солдаты группы «Центр», 1968).

Страдания солдата в связи с потерей близких отражены в стихотворении М.В. Исаковского:

«Враги сожгли родную хату,
Сгубили всю его семью.
Куда ж теперь идти солдату,
Кому нести печаль свою?
Пошел солдат в глубоком горе
На перекресток двух дорог.
Нашел солдат в широком поле
Травой заросший бугорок.
Стоит солдат –и словно комья
Застряли в горле у него.
Сказал солдат: «Встречай, Прасковья,
Героя–мужа своего» (М.В. Исаковский. Враги сожгли родную хату. 1945).

В художественной литературе часто изображен образ русского солдата–освободителя не только своей родной страны, но и других государств (например, от немецкой или турецкой оккупации). Теме памятников русскому солдату посвящены следующие стихотворения:

«Белеет ли в поле пороша
Иль гулкие ливни шумят,
Стоит над горою Алеша,
В Болгарии русский солдат.

И сердцу по–прежнему горько,
Что после свинцовой пурги
Из камня его гимнастерка,
Из камня его сапоги» (К.Я. Вашенкин. Алеша. 1967).

Концепт «русский солдат» тесно связан с религией (Православием). В произведении Д.С. Самойлова «Слово о Богородице и русских солдатах» описывается, как Богородица приняла в рай русских солдат, накормила их и согрела, но они предпочли вернуться на землю, так как один из служивых чувствовал ответственность перед оставленными им на земле женой и пятью детьми, другой солдат не мог покинуть Родину в беде:

«Стояли два солдата на посту придорожном,
Ветром покрыты, дождем огорожены.
Ни сухарика в сумке, ни махорки в кисете –
Голодно солдатам, холодно им на свете.
Взяла их Богородица за черные руки,
В рай повела, чтоб не ведали муки…
«Век бы пробыть, Мати, с тобою,
Но дума одна не дает мне покою, –
Ну как, Богородица, пречистая голубица,
Бабе одной с пятерыми пробиться!
Избу подправить, заработать хлеба…
Отпусти ты меня, Пречистая, с неба».
И ответил другой солдат –Тишка:
«И не надо, Богородица, не надо мне раю,
Когда за Родину на Руси помираю» (Д.С. Самойлов. «Слово о Богородице и русских солдатах». 1942).

Классическим образцом солдата в русской поэзии является собирательный образ Василия Теркина –героя поэмы А.Т. Твардовского «Василий Теркин». В этом произведении русский солдат – это воин, труженик, товарищ, патриот, гражданин, выразитель менталитета и психологии русского народа:

«Тем путем идут суровым,
Что и двести лет назад
Проходил с ружьем кремневым
Русский труженик–солдат» (А.Т. Твардовский. Василий Теркин. 1941–1945 гг.).

В литературных произведениях образ русского солдата часто противопоставлен врагу. В поэме А.Т. Твардовского «Василий Тёркин» ярко представлен художественный концепт «свои–чужие». Данный концепт имеет сложную структуру, состоящую из понятийного, образного и ценностного компонентов. Данная модель основывается на теории В.И. Карасика о структуре любого концепта [6].

Военная концептосфера занимает важное место в сознании носителей русского языка. Концепт «русский солдат» нашел свое отражение преимущественно в произведениях о Великой Отечественной войне и собрал воедино лучшие черты русского воина.

ЛИТЕРАТУРА

1. Антология военной поэзии. «Ты припомни, Россия, как все это было!»: сборник: 65–летию Победы в Великой Отечественной войне посвящается. М.: Вече, 2010. 592 с.
2. Волкова В.Б. Концептосфера современной военной прозы. Автореф. …д.филол.н. Екатеринбург, 2014. 42 с.
3. Выходцева И.С. Концепт «свой–чужой» в советской словесной культуре (20–30–е годы). Автореф. …к.филол.н. Саратов, 2006. 20 с.
4. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. Т.4. СПб.: Издание книгопродавца–типографа М.О. Вольфа, 1882. 683 с.
5. Калашникова Л.В. Концепт –«многомерное идеализированное формообразование» // Межкультурная коммуникация и перевод. Москва, 2005. С. 359.
6. Карасик В.И. Культурные доминанты в языке // Языковая личность: культурные концепты. Волгоград – Архангельск: Перемена, 1996. С.3 –16.
7. Кокарев И.С. Русский солдат–богатырь: о формировании образа // Culture and civilization. 2017. Vol. 7. Is. 3A. pp. 287–294.
8. Степанов Ю.С. Константы: Словарь русской культуры: 3–е изд. М.: Академический проект, 2004. 992 с.
9. Твардовский А.Т. Василий Тёркин. М.: Астрель, 2012. 352 с.

КОНЦЕПТ «РУССКИЙ СОЛДАТ» В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ПОЭЗИИ: ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

В статье на материале поэтических произведений проведен лингвокультурологический анализ концепта «русский солдат», а также исследовано когнатное понятие «свои–чужие» в русском языковом сознании. Работа выполнена в русле когнитивной лингвистики с использованием метода концептуального анализа литературных произведений.

Ключевые слова: *Лингвокультурологический анализ концепта, этнотип, концепты «русский солдат», «свои–чужие», поэзия о войне.*

THE CONCEPT OF "RUSSIAN SOLDIER" IN THE RUSSIAN POETRY: LINGUISTIC AND CULTURAL ANALYSIS

The concept «A Russian soldier» is analyzed in the article, the research is based on the poetic works. The cognitive concept of "ours–strangers" is studied in the paper. The work is carried out in the line of cognitive linguistics using the method of conceptual analysis of literary works.

Keyword. *Linguistic and cultural analysis of concepts, ethnotype, concepts "Russian soldier", "ours–strangers", poetry about the war.*

Сведения об авторе:

Людмила Николаевна Третьякова *–кандидат филологических наук, доцент кафедры русского языка №3 Российского университета дружбы народов, Москва, Россия. E-mail: ludmilatretyakova1@gmail.com.*

About the author:

Ludmila Nikolaevna Tretiakova *–candidate of philological sciences, associate professor, Russian language department № 3, Peoples' Friendship University of Russia, Moscow, Russia. E-mail: ludmilatretyakova1@gmail.com.*

РОҲҲОИ КОРБУРДИ ВОЖАГОНИ ИҚТИБОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ЛОТИНӢ ВА ОЛМОНӢ

Нурова З.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Калима, таркиб, ибора ё ҷумлаҳое, ки аз дигар забонҳо бевосита ё бавосита мегузаранд, иқтибос номида мешавад. Калимаҳо ба таркиби луғавӣ аз дигар забон бо ду роҳ иқтибос мешаванд: а) бевосита; б) бавосита.

Иқтибоси бевосита гуфта иқтибосҳоеро меноманд, ки калима, таркиб ё ибора бевосита аз як забон ба забони дигар мегузаранд. Иқтибосҳои бавосита бошанд калима, таркиб ё ибораҳое мебошанд, ки аз як забон ба забони дигар бо воситаи забон дуюм (миёнарав) ворид мегарданд. Калимаҳои иқтибосие, ки ба таркиби луғавии забони дигар ворид мегарданд, дар асоси мутобиқ намудани онҳо ба сохти грамматикӣ, фонетикии забон мутобиқ кунонида, баъдан мавриди истеъмол қарор мегиранд.

Пеш аз ҳама аз сарчашмаҳои илмӣ чунин бармеояд,ки калимаҳои иқтибосӣ калимаҳое мебошанд, ки аз як забон ба забони дигар дар натиҷаи муносибатҳои таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тиҷорат ва монанди инҳо ворид мегарданд

Дар дунё ягон забоне вуҷуд надорад, ки тар таркиби луғавии худ калимаҳои иқтибосӣ надошта бошад ва забонҳои олмониву лотинӣ аз ҷумлаи онҳост. Забони лотинӣ –забони мурда маҳсуб ёфта, имрӯз касе бо он ҳарф намезанад, аммо дар вожасозии забонҳои аврупоӣ он манбаи бисёр муҳиме мебошад

Забони олмонӣ ҳам мисли дигар забонҳои дунё аз калимаҳои иқтибосӣ орӣ нест. Агар ба даврaҳои таърихи ташаккули забони олмонӣ назар андозем, мебинем, ки дар таркиби луғавии ин забон ҳам шумораи калимаҳои иқтибосӣ хеле зиёданд [3, 55].

Ҷадвали дар поён овардашуда ин гуфтаҳои моро бори дигар собит месозанд.

замон	санаҳои таърихӣ	забон
асрҳои VI –IX	давраи масеҳишавӣ	лотинӣ
асрҳои XII –	давраи баҳодурӣ –ритсарӣ	фаронсавӣ

XIV		
асрҳои XV – XVI	давраи инсондустӣ (гуманизм)	лотинӣ, юнонӣ, итолиёвӣ
асрҳои XVI – XVII	ҷанги сисола. Давраи Аламодӣ	фаронсавӣ, итолиёвӣ
асрҳои XIX – XX	инқилоби саноатӣ. Ҳаракати коргарон. Рушди техникӣ. Ҷанги якум ва дуюми Ҷаҳон	англисӣ, фаронсавӣ, калимаҳои иқтибосӣ бо решаи калимаҳои лотинӣ ва юнонӣ (интернат–сионализм)
Баъди соли 1945	Давраи баъдиҷангӣ	англисӣ (амрикоӣ)

Ба таркиби луғавии забони олмонӣ на танҳо аз забонҳои дар ҷадвал нишондодашуда, балки боз аз забонҳои дигар ҳам иқтибосот ворид гардидаанд. Вале шумораи иқтибосҳо аз ин забонҳо он қадар бисёр нестанд.

Калимаҳои иқтибосӣ метавонанд бо роҳҳо ва сабабҳои мухталиф вориди таркиби луғавии забони дигар гарданд.

Чи тавре дар боло ишора намудем муносибатҳо ва ҳамкориҳои байни давлатҳо махсусан муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат ва фарҳанг яке аз сабабҳои асосии воридшавии калимаҳои иқтибосӣ мегарданд [5, с.77].

Сабаби дигари он пешрафти илму техника, кашфиётҳо, ихтироот боиси ба таркиби луғавии забон роҳ ёфтани калимаҳои иқтибосӣ мегардад. Сабабҳои воридшавии калимаҳои иқтибосиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: сабабҳои таърихӣ (объективӣ) ва психологӣ (субъективӣ).

Дар сарчашмаҳои илмӣ чунин омадааст, ки нахустин калимаҳое, ки ба забони олмонӣ ҳамчун иқтибос ворид гардидаанд, ин вожаҳо аз забони келтӣ мебошанд. Баъдан чунин калимаҳо аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ, итолиёӣ, франсавӣ, англисӣ ва славянӣ ба забони олмонӣ ворид мегарданд. Аслан дар забони олмонӣ шумораи калимаҳои воридгардида аз забони лотинӣ ва баъдан юнонӣ хеле зиёданд.

Яке аз сабабҳои калимаҳои зиёди иқтибосгардида аз забони лотинӣ ба забони олмонӣ ин муносибатҳои тӯлонии иқтисодӣ, ҳарбӣ ва фарҳангии байни давлати Олмон ва римиҳо буд.

Аз даврахои атиқа зиёда аз 600 калимаҳои лотинӣ ба забони олмонӣ иқтибос гардида буданд.

Барои мисол чанде аз вожагони иқтибосиро дар забонҳои муқоисашаванда номбар менамоем:

забони лотинӣ	забони адабии ҳозираи олмонӣ	
cauro	kaufen	харидан
moneta	Münze	танга
saccus	Sack	халта
asinus	Esel	хар
piper	Pfeffer	қаламфур

Хусусан дар соҳаи заминдорӣ калимаҳои иқтибосии забони лотинӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд.

забони лотинӣ	забони адабии ҳозираи олмон	
vinum	Wein	вино
cfulis	Kohl	карам
cucurbita	Kurbis	каду
sinapis	Senf	хардал
menta	Minze	пудина

Яке аз сабабҳои воридшавии калимаҳои лотинӣ ин ҷараёни омехташавии этникӣ мебошад. Муносибати байниэтникӣ ба он оварда расонд, ки аз фаъолияти хоҷагидории римиҳо мафҳумҳо ва калимаҳои нав ба забони олмонӣ ворид гардид [1, 188]. Аксарияти ин калимаҳои иқтибосӣ номгӯи олотҳои меҳнати хоҷагидорӣ, растаниҳо, иншоотҳои муҳофизатӣ, амволи манзил ва инчунин баъзе мафҳумҳои ба соҳаи тиҷорат ва сохтмон мансуб бударо ифода мекарданд.

забони лотинӣ	забони адабии ҳозираи олмон	
mūrus	Mauer	девори сангӣ
têgula	Ziegel	хишт
picem	Pech	қатрон
cella	Keller	таҳхона

coquina	Küche	ошхона
fenestra	Fenster	тиреза
cista	Kiste	сандуқ
tap(p)etum	Teppich	гилем
charte	Kerze	шамъ

Дар давраи аввал калимаҳои лотинӣ ба забони олмонӣ ба таври шифоҳӣ ворид мешуданд. Аллакай дар даври дуюм бошад вожаҳои забони лотинӣ ба таври хаттӣ дохил мешуданд.

Бо мурури замон дар баробари дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи забоншиносӣ ҳам калимаҳои лотинӣ иқтибос мешуданд. Ҳанӯз дар қарни VI аз тарафи Изидор фон Зевилла як қомусе мураттаб тартиб дода шуд. Дар давраи антиқа фарҳанг ва қомусҳо бо забонҳои лотинӣ ва юнонӣ низ таълиф гардида буданд. Дар давраи асри миёнагӣ бошад, асарҳои номбаргардида бо забони лотинӣ навишта мешуданд. Қадимтарин луғати дузабонаи олмонӣ «Abrogans» ном дошта, луғати лотинӣ –олмонӣ мебошад [6, 88–90]. Мақсад аз таълиф намудани ин гуна луғатҳо омӯзиши забони лотинӣ буд.

Ҳамин тавр, дар баробари дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи забонишиносӣ, чӣ тавре, ки дар боло ишора намудем махсусан дар қисмати грамматики забон калимаҳои иқтибосӣ, аз он ҷумла аз забони лотинӣ воридгардида хеле сершуморанд. Барои мисол ва исботи гуфтаҳои боло бархе аз ин калимаҳоро пешниҳод менамоем.

Мафҳумҳо	Варианти лотинӣ	Варианти олмонӣ	Варианти тоҷикӣ
Grammatik	*lat.* grammatica *grch.*grammatice	1) Sprachlehre 2)Sprachwissenschaft, als Lehre von den Elementen der Sprache	грамматика
Genus	*lat.* genus	Geschlecht, Abstimmung	ҷинс(ият)
Maskulinum	*lat.*masculinum	männlichen Geschlecht	ҷинси мардона
Femininum	*lat.* femininum	weiblichen Geschlecht	ҷинси занона
Neutrum	*lat.* neutrum	sächlichen Geschlecht	ҷинси миёна
Infinitiv	*lat.* infinitivus	nicht näher bestimmte Zeitformen	масдар
Indikativ	*lat.* indikativus	anzeigende Form	сиғаи хабарӣ
Imperativ	*lat.* imperativus	Befehlform	сиғаи амрӣ
Konjunktiv	*lat.* coniunctivus	der Satzverbindung dienender Modus	сиғаи шартӣ
Casus	*lat.*casus	Fall	падеж (афтиш)
Nominativ	*lat.* nominativus	Nennfall	падежи номинатив
Genitiv	*lat.* genitivus	Wesfall	падежи генитив
Dativ	*lat.* casus dativus	Gebefall	падежи датив
Akkusativ	*lat.* casus accusativus	der die Anklagt betreffende Fall	падежи аккузатив
Verb	*lat.* verbum	Wort	феъл
finites Verb	*lat.* finitus verbum	bestimmte Verbalform	шакли муайяни феълӣ
Präsens	*lat.* praesentia	Gegenwart	замони ҳозира
Präteritum	*lat.* praeteritum	vorübergegangene	замони гузашта
Perfekt	*lat.* perfectum	vollendete	перфект, шакли мутлақи феъл дар замони гузашта
Plusquam–perfekt	*lat.* plusquam perfectum	mehr als vollendet	плюсквамперфект, шакли мутлақи феъл дар замони гузаштаи дур
Futurum	*lat.* futurum	das Zukunftige	замони оянда
Singular	*lat.* singularis	einzeln	шумораи танҳо
Plural	*lat.* pluralis	Mehrzahl	шумораи ҷамъ

Substantiv	*lat*. substantivus	für sich selbst bestehende Wort	исм
Adjektiv	*lat*. adiectivus	Hinzufügung	сифат
Adverb	*lat*. adverbium	Umstandswort	зарф
Numerale	*lat*. numeralis	die Zahl betreffend	шумора
Konjuga–tion	*lat*. coniuntio	Verbindung, Verknüpfung	пайвандак
Präposition	*lat*. praepositio	Vorrausetzung	пешоянд
Partikel	*lat*. partikula	Teilchen	ҳиссача
Interjektion	*lat*. interiectio	das Dazwischen –werfen	нидо

Хулоса, бояд ёдовар шуд, ки вожагони иқтибосӣ дар ҳарду забон ҳам васеъ корбурд гардида, дар заминаи сарчашмаҳои таъриҳӣ ва адабиётҳои илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз ин хотир, мавзӯи фавқ яке аз мавзӯъҳои доманадор ва муаммонок буда, дар илми забоншиносӣ ҷойгоҳи вижаеро касб кардааст. Перомуни ин масоили забоншиносӣ то ҳол аз ҷониби ягон муҳаққиқ ва пажуҳишгаре ба таври ҷудогона таҳқиқоте карда нашудааст. Аз ин рӯ, ба таври як мақола ба риштаи таҳқиқ кашидани он аз манфиат орӣ нахоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. –М.: Советская энциклопедия, 1966. –606 с.
2. Iskos A. Deutsche Lexikologie. –Л.: Просвещение,1970.–294 S.
3. Lewkowskaja K.A. Lexikologie der deutschen Gegenwartssprache. –М.: Высшая школа,–1968.–319 S.
4. Медведева Е.В. Лексикология немецкого языка. Лекции, семинары, практические занятия. –М.: Либриком, 2009. –448с
5. Москальская О.И. История немецкого языка: Учебное пособие для студ. линг. ун–тов фак. ин.яз. высш.пед.учеб.заведений. –М.: Академия, 2003. –288с.
6. Stepanowa M.D. Lexikologie der deutschen Gegenwartssprache. –M.: Academia, 2005.–252 S.
7. Schippan Th. Lexikologie der deutschen Gegenwartssprache. –Tübingen, 307 S.
8. Филичева Н.И. История немецкого языка: курс лекций. –М.: 1959.

СПОСОБЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗАИМСТВОВАНИЯ СЛОВ В ЛАТИНСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье рассматриваются способы использования заимствования слов в латинском и немецком языках. Следует отметить, что заимствования слов является одной из актуальных и распространенных тем, в науке о лингвистике есть свое место. Автор исследует с ее чистотой и активностью эту вершину темы. Таким образом, заимствования слов в составе слова и фраз приобрели роль важных. Кроме того, заимствования слов были одним из ключей проблем лингвистике из ветки лексикология, от другой принадлежности фраз большая разница, но некоторые из заимствования слов с новый слова составляют.

Ключевые слова: *фраза, слово, предложение, заимствования слов, существительное, прилагательное, грамматика, язык, актуальность. проблема, определение, различие, соединение и т. д.*

THE WAYS OF USAGE BORROWING WORDS IN LATIN AND GERMANY LANGUAGES

This article discusses ways to use loan words in Latin and German. It should be noted that the borrowing of words is one of the relevant and widespread topics, in the science of linguistics there is a place. The author explores this peak of the topic with its purity and activity. Thus, the borrowing of words in words and phrases acquired the role of important ones. In addition, borrowing of words was one of the keys of the problems of linguistics from the branch of lexicology, there is a big difference from other belonging of phrases, but some of the borrowing of words from a new word is made up.

Keywords: *phrase, word, sentence, borrowing words, noun, adjective, grammer, language, actual, problem, definition, difference, connect and etc.*

Сведения об авторе:

Нурова Зведамо *–старший преподаватель кафедры стилистики и теории перевода языков романского–германского факультета Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, (+992) 918694285.*

About the author:

Nurova Zvedamo *–a senior teacher in the department of the stylistic and theory of translation of the languages Roman and Germany Faculty TSPU named after S. Aini, (+992) 918694285.*

ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ. ВАРВАРИЗАТСИЯИ ЗАБОН

Холиқова Ч.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Истилоҳи «варваризатсия»–ро аз рӯи бартарӣ ба ду маъно истифода мекунанд. Ба маънои якум он ҳамчун муродифи калимаи «ваҳшиёна фироркунӣ», ба маънои дуюм бошад, барососии ин давра вайроншавии механизмҳои коммуникатсия, яъне муошират, якдигарфаҳмӣ мебошад» М.М.Зошенко доир ба ин аз забони қаҳрамони худ дар ҳикояи «Забони маймун» чунин гуфта аст: «Забони душвор аст, ин забони русӣ, азизон шаҳрвандон! Бисёр мушкил, хеле душвор. Сабаби асосӣ –дар он мавҷуд будани калимаҳои зиёди хориҷист. Барои мисол, нутқи фаронсавиро гирем. Ҳамааш хубу содаю фаҳмост. Кескесе, мерси, комси –ҳамааш, диққат диҳед, ки калимаҳои тоза фаронсавӣ, аслӣ ва фаҳмоанд. Акнун ба ибораҳои русӣ диққат диҳед: тамоми нутқ бо калимаҳои хориҷии маъноҳои туманӣ омехта аст. Аз ин нутқ мушкил гашта, нафасгирӣ ва асабҳо вайрон мешаванд» [2, с.65].

Дар фарҳанги О.С. Ахманов ба истилоҳи «варваризм» на ба як маъно, балки ба се маъно тавсиф шудааст. Ман ин истилоҳро асосан ба чунин маъно истифода мекунам: «Калима (ифода)–и хориҷии дар забони умумӣ ҳуқуқи шаҳрвандӣ қабулнакарда ва танҳо дар баъзе гуногуншаклии хоси он мавҷудбуда» [1, с.88].

Дар кадом гуногуншаклии хоси забони муосири русӣ чунин варваризмҳо, ба монанди «приватизатсия, ваучер, дефолт, коррупсия, стагнатсия, олигарх, консенсус, саммит, плюрализм, рейтинг, мониторинг, брифинг, спикер, имплементация, истеблишмент, спичрайтер, имиҷмейкер, нюсмейкер, мэр, префект » ва ғ. истифода мешаванд? Ин ҷо дарёфтан душвор нест, ки сухан оиди кадом гуногуншаклии хоси забони муосири русӣ меравад: доир ба забони сиёсӣ.

Қонунияти аҷоибе мушоҳида мешавад: Русия се давраи варваризатсияи забони худро аз сар гузаронд, ки ҳар кадомаш бо ҳодисаҳои гардишкунандаи таърихи сиёсии он марбут буд: дар давраҳои Пётри I, пас аз инқилоби с.1917 ва пас аз барқароркунии капитализм дар мамлакатамон. Қонунияте, ки оиди он ҳоло сухан меравад, аз он иборат аст, ки аввал забони мо дучори таҳоҷуми варваризмҳо дар соҳаи сиёсат, сипас бошад, вақте ки ин таҳоҷум бобарор мешавад, ба чунин таҳоҷум дигар соҳаҳои ҳаёт низ дучор мегарданд. Дар мо бо сиёсат танҳо тиҷорат рақобат кардан метавонад (онҳоро аз якдигар ҷудо кардан душвор аст): аккредитив, бонус, брокер, брэнд, денонсатсия, депозит, дивиденд, дилер, дисконт, дистрибютер, ипотека, инвестор, клиринг, котировка, консорсиум, ликвиднокӣ, лизинг, маркетинг, менеҷмент, ноу–хау, риэлтор, секвестр, форс–мажор, фючерс, чартер, холдинг, эмиссия ва ғ.

Таҳоҷуми истилоҳоти сиёсию бозорӣ ба забони муосири русӣ солҳои охир ба варваризатсияи умумии он роҳ кушод. Дар соҳаи варзиш ҳоло чунин варваризмҳо: виндсерфинг, скейтборд, армрестлинг, кикбоксинг, фристайл ва ғ. мушоҳида мешаванд. Онҳо танҳо ба варзишгарони касбӣ дастрасанд. Тамоман нофаҳмост, барои чӣ вақти иловагиро ҳангоми бозиҳои футболу хоккей «овертайм », бозии такрории пас аз мусовиро бошад, «плей–офф » ном мебаранд. Истиқроз дар соҳаи техникаи компютерӣ: дисплей, и–мэйл, монитор, файл, интерфейс, принтер ва ғ. нисбатан асоснок мебошанд, зеро ин ҷо муодилҳои русӣ, одатан, вуҷуд надоранд (ба шумори истисноҳои кам истилоҳи «мышь» меафтад).

Ҳозир соҳаеро дарёфтан мушкил аст, ки дар он мо калимаҳои хориҷиеро вонахӯрем, ки истиқрозашон дар забони мо, одатан, беасос менамоянд. Танҳо баъзе мисолҳоро меорем: имидж, офис, презентация, грант, эксклюзив, номинация, спонсор, продюсер, видео, шоу, видеоклип, видеосалон, прайм–тайм, шоу–бизнес, шлягер, ток–шоу, реалити–шоу, шоумен, триллер, трикстер, хит, дискотека, диск–жокей, топ, топ–модель, сити, бутик, шоп, путана, бомонд, ремикс, ди–джей, VIP–персона, VIP–кортеж, топ–менеджер, хай–тек, консалтинг, биллборд, клинч, гастербайтер, геймер, тинейджер, мейнстрим ва ғ.

Ҳангоми баҳодиҳии вазъияти мавҷудаи мамлакати мо пас аз барқароркунии капитализм, Ю.В.Рождественский навишта буд: «Суиистифода (хушунат)–и нутқии аз тарафи корпоратсияҳо, нотиқон мушоҳидашаванда, ҳоло чунон зиёд аст, ки боварии корпоратсияҳо дар он аст, ки онҳо метавонанд ҳар чизе ки хоҳанд мекунанд, ки аз ҳад мегузарад» [4, с.32].

Шояд, Ю.В. Рождественский, ба мисли аксарият ходимони фарҳанги мо (аз ҷумла, филологҳо: В.В.Колесов, В.С.Елистратов, И.Т.Милославский, В.Троитский ва диг.) беҳуда дар ташвишанд?

Шояд, баъзан онҳо бо апокалиптизм шуғл меварзанд, ки ҳоло аслан ҷойи тааҷҷуб нест, вале як чиз бешак аст: одамони бо тамоми вуҷудашон мухлиси тақдири забони русӣ, ин муносибати «варварӣ»–ро ба дастоварди бузурги халқи рус –забони он, пазируфта наметавонанд. Онҳо наметавонанд ба таври фалсафавӣ ба он умед кунанд, ки «бузург ва тавоно» худаш аз уҳдаи проблемаҳояш мебарояд. Дар ин маврид бепарвоиро онҳо ҳамчун хиёнат нисбати забони А.С. Пушкин ва Л.Н. Толстой, Д.И. Менделеев ва В.И. Вернадский баҳодиҳӣ мекунанд.

Ба он умед кардан, ки забони мо худ ба худ аз уҳдаи проблемаҳояш мебарояд, маънои табиати инсонии забонро надонистанро дорад. Ҳар як забон аслан на ба таври мӯъҷизавӣ ташаккул меёбад. Онро ҳомилон –комилан одамони зинда тартиб додаанд ва тартиб дода истодаанд. Масалан, дар забони давраи шӯравӣ аслан на ба таври мӯъҷизавӣ бисёр калимаҳое ба вуҷуд омаданд, ки муаллифони худро доштанд. Рябов А.Н. дар замони худ дар китоби комили қайд мекунад: «аксарияти калимаҳои нави дар замони шӯравӣ пайдошуда аслан русӣ мебошанд (изба–читальня, ударник, пятилетка, совхоз, дружинник, самбо (худмуҳофизат бе яроқ,), холодильник, пылесос, самосвал ва ғ.) ва танҳо миқдори ками калимаҳои нав –дар миқёси тамоми лексикаи забони русӣ – дар ин замон аз дигар забонҳо истикроз шудаанд (свитер, джинсы, кросс, метро, комбайн, детектив, кооперация, рентабельный, приоритет ва ғ.). Ба ҳар як нафар маълум аст, и дар давраи пасошӯравӣ, дар фарқият аз давраи шӯравӣ, ин неологизмҳо аз рӯйи бартарии пайдоиши хориҷӣ бештар вомехӯранд» [4, с.87].

Воридшавии калимаҳои хориҷӣ ба забони русӣ дар давраи пасошӯравӣ миқёсҳои хавфоварро қабул кард. Суиистеъмоли ин калимаҳо боиси ҷудокунии одамони собиқ шӯравӣ мешавад. Илова бар ин, онҳо ба амалишавии функсияи асосии забони мо –функсияи коммуникативӣ монеа мешаванд, зеро аҳамияти онҳо, одатан, ба ғайрикасбион нофаҳмост.

Аз ҳама беҳтар вазъи ҳозираи варваризатсияи забониро дар мамлакати мо рӯзноманигори смоленӣ Николай Казаков тавсиф намудааст. Мавсуф онро ҳамчун «бегонапарастӣ ва ё интервенсияи калимаҳои хориҷӣ» мешуморад. Комилан дуруст ӯ ноқилони асосии ин интервенсия – рӯзноманигорони Москваро қайд мекунад. Ӯ навишта аст: «Охир ин агрессияи ҳақиқии бедалел (номатлуб)–и лексикаи бегонаи ҳамчун бегонагии забонии бахубӣ рангшуда мебошад. Худо накунад минбаъд ҳамин тавр давом ёбад, пас аз 10–15 сол аз калимаҳои решагии забони русӣ калимаҳои кам боқӣ мемонанд, русҳо якдигарро ба душворӣ хоҳанд фаҳмид. Ҳамаи ин «ток–шоу», «шлягер», «дайджест» «трансферт», «секвестр», «оффшор», «менеджмент», «эксклюзив»–ҳо ва садҳо истилоҳҳои дигар ба русиягиҳо бар ивази калимаҳои решагии миллии комилан созгору шоиста таҳмил мешаванд. Калимаҳои бегона аксаран на аз зарурияти дурусттар, аниқтар ва образноктар ифода баён кардан истифода мешаванд, балки танҳо барои худнамоианд»

Дар забони русӣ калимаҳои зиёде ҳаст, ки шаҳрвандӣ қабул карда, қисми асосии лексикаи он шудаанд. Ҳоло кам нафаре медонад, ки калимаҳои «артель, лапша, базар, болван, кутерьма, чулок » ба забони мо аз забонҳои туркӣ, «наивный, серьёзный, солидный, массивный, партизан, кошмар, блуза, котлета » аз забони фаронсавӣ омадаанд (ва ғ.). Саволе пайдо мешавад, ки меъёрҳои имкониятдиҳандаи муайян кардани оё ин ва ё он калимаро истикроз кардан зарур аст ва ё не вуҷуд доранд? Бешак, ин ҷо бояд пеш аз ҳама ду меъёр риоя шавад: якум аз вуҷуд надоштан дар забони модарӣ калимаи решагӣ (аслан русӣ) барои мафҳуми ифодашаванда; меъёри дуюм бошад, ҳангоми зарурият (арзиш, фоида)–и худи мафҳуми истиқирозшаванда аз дигар фарҳанг якҷоя бо калимае, ки бо он ифода меёбад.

Меъёри сеюми мувофиқи мақсад будани истикрози забонӣ ҳамоҳангии калимаи истикрозӣ мебошад. Бешубҳа, бо ёрии он мо фаҳмонда метавонем, ки барои чи дар забони русӣ чунин калимаҳо, ба монанди «перпендйкула » (маятник), «бергверг » (рудник), «гидрогениум » (водород) ва ғ. зинда намонданд. Тарҷумаҳои муосири онҳоро М.В. Ломоносов карда буд. Мо бояд ҳозир низ аз санъати сохтани эквивалентҳои русиро ба калимаҳои истикрозӣ омӯзем. Ӯ инчунин «абрис »–ро ба «чертёж», «оксигениум »–ро ба «кислород », «солюцию » –ро ба «раствор» иваз кард. Ба забони муосири русӣ ба гумон аст кадом як «прайм–тайм» ё «ток–реалити–шоу»-и душворталаффуз пайванд шаванд.

Таърихи забони русӣ ба мо тарҷумаҳои бебарори калимаҳои хориҷиро ба русӣ низ мондааст. Масалан, дар асри XIX шогирдони И.С. Шишков «тротуар»–ро ба «топталище », «эгоизм » –ро ба

«ячество », «инстинкт » –ро ба «побудку », «брильянты » –ро ба «сверкальцы », «бильярд» –ро ба «шаротык», «архипелаг » –ро ба «многоостровие»... иваз кардан, пешниҳод мекарданд.

Ҳангоми фаҳмондани сабабҳое, ки асоси тақдири бомуваффақият ё бемуваффақияти ягон истиқрозро ташкилкунанда, ҳар се меъёри мувофиқи мақсад будани истиқрози каломии қайдкардаи ман ба назар гирифта шаванд:

1) вуҷуд надоштани калимаи решагие, ки бояд ин ва ё он мафҳумро ифода намояд;

2) зарурияти этнофарҳангӣ дар истиқрози худи мафҳум якҷоя бо таъйини каломии он;

3) созгорӣ (ҳамоҳангӣ)–и он.

Бо такя ба ин меъёрҳо, мо метавонем то як андоза фаҳмем, ки чаро баъзе калимаҳои истиқрозӣ дар давраи истилоҳоти пётрӣ, масалан, зинда монданд (транспорт, офицер, матрос, церемония, триумф ва ғ.), дигар калимаҳо бошад, ба архаизм (баталия, фортеция, виктория, политес ва ғ.) табдил ёфтанд. Яковлев И.С. навиштааст: «Илова бар ин, риояи меъёрҳои мазкур ба мо имкон медиҳанд то як андоза тақдири калимаи истиқрозиро пешгӯӣ намоем. Пешгӯии манфии тақдири калимаи истиқрозӣ бояд ба инкор аз он оварда расонад. Мафҳуми барои халқ дар лаҳзаи замони муайян мухим дар ин маврид бояд дар асоси захираҳои дохилии забони модарӣ, дар асоси воҳидҳои решагии калиматашаккулдиҳанда ифода ёбад» [5, с.76].

Қабул кардани калимаҳои беш аз ҳадди хориҷӣ ба забони модарӣ, тавре ҳоло мушоҳида мешавад, яъне паст задани забони мо, боварӣ накардан ба захираҳои дохилии онро дорад.

Дар охири ҳаёти худ Ю.В. Рождественский ба ноқилони варваризатсия ва вулгаризатсияи забони русӣ чунин гуфта буд: «Забони русӣ дар ҳақиқат дорои сифатҳои беназир аст. Аз Ломоносов, Тургенев ва дигарон иқтибосҳо наоварда, танҳо мегӯям: озодии имкониятҳои калиматашаккулдиҳанда, васеии синонимика, имконияти истифодаи васеътарини лексикаи баҳодиҳанда …зиёдии истилоҳот дар тамоми соҳаҳои техника, илм ва санъат, устувории тартиби калимаҳо ва аз ин рӯ, имкониятҳои бесарҳади ритмологӣ ва мелодӣ забони русиро ҷойгиркунандаи гуногуншаклтарин нозукиҳои маъно мекунанд. Ҳамчун забоншиноси солҳои зиёд доир ба забоншиносии қиёсӣ коркарда, масъулона тасдиқ мекунам: дар дунё ба мисли забони русӣ дигар забоне нест, ки дорои чунин имкониятҳои васеи интиқоли ҳиссиёт, образу мафҳумҳо бошад» [3, с.6].

Хамин тавр бояд илова каод, ки риояи меъёрҳои мазкур ба мо имкон медиҳанд то як андоза тақдири калимаи истиқрозиро пешгӯӣ намоем. Пешгӯии манфии тақдири калимаи истиқрозӣ бояд ба инкор аз он оварда расонад. Мафҳуми барои халқ дар лаҳзаи замони муайян актуалишуда дар ин маврид бояд дар асоси захираҳои дохилии забони модарӣ, дар асоси воҳидҳои решагии калиматашаккулдиҳанда ифода ёбад.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. М.: Советская энциклопедия, 1966. С. 70.–365 с.
2. М.М.Зошенко Чужебесие, или интервенция иностранных слов. Режим доступа: https://sotnia.8m.com/t2001/t9705.htm).
3. Рождественский Ю.В. Теория риторики. –М..
4. Рябов А.Н. Особенности развития русского языка.–М.: Наука, 2010.–143 с.
5. Яковлев И.С. Характеристика современного русского языка.–М.: Наука, 2008.–176 с.

ЯЗЫК И КУЛЬТУРА: ВАРВАРИЗАЦИЯ ЯЗЫКА

В этой статье автор исследует роль языка и культуры и варваризация языка. На основе обширного материала автор показывает различные вопросы языка и культуры.

Особое внимание в работе уделено вопросами изучения обширного материала автор показывает различные вопросы таджикского языков варваризация языка. Работа посвящена вопросам связи таджикских писателей и поэтов с русской литературой; влияния русской литературно–философской мысли на взгляды таджикских поэтов; изучению творчества русских поэтов и мыслителей в персидском и таджикском литературоведении.

Так, за прошедший период через русский язык на таджикский были переведены слова, которые имеют различные оттенки иностранных слов. К этим словам можно отнести такие имидж, офис, презентация, грант, эксклюзив, номинация, спонсор, продюсер, видео, шоу, видеоклип, видеосалон, прайм–тайм, шоу–бизнес, шлягер, ток–шоу, реалити–шоу, шоумен, триллер, трикстер, хит, дискотека, диск–жокей, топ, топ–модель, сити, бутик, шоп, путана, бомонд, ремикс, ди–джей, VIP–персона, VIP–кортеж, топ–менеджер, хай–тек, консалтинг, биллборд, клинч, гастербайтер, геймер, тинейджер, мейнстрим. Мы остановимся на некоторых слов, которые имеют свои развития в таджикском языкознании.

Ключевые слова: *варваризм, русский и таджикский язык, художественный метод, связи, литературный, таджикский, американский, детективные романы.*

LANGUAGE AND CULTURE: LANGUAGE BARBARIZATION

In this article, the author explores the role of language and culture and the barbarization of language. Based on extensive material, the author shows various issues of language and culture.

Particular attention is paid to the study of extensive material by the author shows various issues of the Tajik language language barbarization. The work is devoted to the relationship of Tajik writers and poets with Russian literature; the influence of Russian literary and philosophical thought on the views of Tajik poets; the study of the work of Russian poets and thinkers in Persian and Tajik literary criticism.

So, over the past period, words that have different shades of foreign words have been translated into Russian through Tajik. These words include image, office, presentation, grant, exclusive, nomination, sponsor, producer, video, show, video clip, video showroom, prime time, show business, hit, talk show, reality show, showman, thriller, trickster, hit, disco, disc jockey, top, top model, city, boutique, shop, confused, beau monde, remix, dj, VIP, VIP–cortege, top manager, hi tech, consulting, billboard, clinch, gasturbiter, gamer, teenager, mainstream.

We will focus on some words that have their own development in Tajik linguistics.

Keywords: *barbarism, Russian and Tajik, artistic method, communication, literary, Tajik, American, detective novels.*

Сведение об авторе:

Холикова Чиёнби Мухаммадовна *–Преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

About the author:

Kholikova Chiyonbi Muhammadovna *–Lecturer at the University Department of the Russian Language of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini*

БАЪЗЕ БОВАРИҲО ВА МАМНӮЪҲО ВОБАСТА БА МАРОСИМИ KĀL–ZINED ‘САРШӮЁН’ ДАР ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ (ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ)

Назаршоева Ч.Р.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандаров

Дар баробари дигар расму анъанаҳо вобаста ба таваллуди кӯдак маросими *kāl–zinēd* ‘саршӯён’ ҳам дар мардуми куҳистони Помир махсус ва муҳим ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки маросими *kāl–zinēd* ‘саршӯён’ дар мардуми Шуғнон дар се мавриди муҳим: баъди ҳафт (як ҳафта) рӯзи тӯй, ки дар забони шуғнонӣ ҳамчун *niwenc kāl–zinêd* ‘саршӯёни арӯс’, дар мавриди таваллуд кардани кӯдак, ки ҳамчун *zečā kāl–zinêd* ‘саршӯёни зани навзоида’ роиҷ аст ва дар рӯзи дуюм (пештар рӯзи сеюм)–и баъди дафни марҳум, ки дар забони шуғнонӣ бо ибораи *γāmzada–yen kāl–zinêd* ‘саршӯёни хешовандони марҳум’ маълум аст, анҷом дода мешавад. Дар мақолаи мазкур мо русуми *kāl–zinēd* ‘саршӯён’–и зани навзоида ‘zečā’ ва баъзе мамнӯъҳо ва боварихо вобаста ба ин русумро аз ҷиҳати этнолингвистӣ таҳлилу баррасӣ хоҳем кард. Ин русум дар мардуми Шуғнон бо номҳои *aray–um* ‘сеюм’ ё *kāl–zinêd* ‘саршӯён’, дар мардуми Рӯшон *kāl–zinēd* ‘саршӯён’ва дар мардуми водии Бартанг *winēj yattow* ‘ба дидорбинӣ омадан’ шинохта мешавад. То гузаштаи начандон дур сару тани зани навзоида ‘*zečā’*–ро то се рӯз намешустанд. Дар тасаввури мардум гӯйо дар муддати ин се рӯз қувваҳои бадӣ метавонистанд ҳар соату лаҳза ба *zečā* ‘зани навзоида’ ва тифлаш осеб расонанд. Дар забони шуғнонӣ ин амал бо ифодаи *zečā–yat wam kūdak–ti šiddat čīdow* ‘осеб расондан ба зани навзоида ва кӯдакаш’ маъмул аст. Муҳаққиқи шинохта З.Юсуфбекова ба ин масъала ибрози назар карда менависад, ки «барои муҳофизат кардани зани навзоида бо кӯдакаш аз алмастӣ (албастӣ) дар муддати се рӯз онҳоро ношуста мехобонданд, чунки кувваҳои бадӣ ба чизи ифлос наздик намешуданд ва аз ин ҷиҳат ба онҳо зарар расонида наметавонистанд» [8, с.79].

Дар оғози мақолаамон қайд карда будем, ки дар мардуми Шуғнон русуми *kāl–zinêd* ‘саршӯён’ ҳамчун *aray–um* ‘сеюм’ низ маъмул аст. Ҳангоми ҷамъоварии маводи шифоҳӣ маълум гардид, ки ин рӯз ҳамчун маросими *būn–δêd* низ дар мардуми Шуғнон шинохта мешавад. Яъне дар ин рӯз ҳамсояҳои наздик ва хешони наздик ба дидорбинии‘*peẋctow’* зани навзоида меоянд. Чунин анъана дар мардуми Шуғнон роиҷ будааст, ки занони ба хонаи *zečā* ‘зани навзоида’ меомадагӣ ҳамроҳаш

дар як коса орд меовардаанд ва аз ин орд ба курпаи зани навзоида пошидаанд. Вобаста ба ин амал дар забони шуғнонӣ ифодаи *zečā būn–δêd* ‘орд пошидани зани навзоида’ истифода мешавад. Мардумшинос З. Юсуфбекова хусусияти ин орд, ё ба истилоҳ *būn*ро ҳамчун рамзи хушбахтӣ нишон додааст [8, с.75]. Таърихнигор Қаландаров Т. маросими *būn–δēd* –ро дар мардуми Шуғнон ҳамчун таманиёти қувваи зиндагӣ ва дарозумрӣ ба кӯдаки навзод шарҳ додааст [4, с.287]. Муҳаққиқи номбурда нишон додааст, ки маросими *būn–δêd* ‘ордпошӣ’ дар *aray–um* ‘сеюм’ анҷом дода мешавад: «дар рӯзи сеюм, дар хонае, ки тифл ба дунё меояд, занҳои ҳамсоя дар дасташон косаи орд, ба ин хона меомаданд. Онҳо бо навбат зани навзоидаро камтар аз ин орд пошида «*muborak vid*» (муборак бошад) мегуфтанд, яъне зани навзоидаро муборакбодӣ мекарданд. Ин русум дар байни мардум номи *būn–δêd ‘ордпошӣ’*–ро гирифтааст» [хамон чо]. Пас маълум мегардад, ки ин маросим маҳз дар рӯзи сеюм ‘*aray–um’*, ки дар ин рӯз русуми *kāl–zinêd* ‘саршӯён’–ро ҳам анҷом медодаанд, ба ҷо оварда мешуд. Мардумшинос З.Юсуфбекова бошад доир ба ин русумҳо дар китобаш маълумот дода, онҳоро русумҳои алоҳида нишон додааст. Вай менависад: «Дар деҳот вақте ки дар бораи таваллуди одами нав мефаҳмиданд, занон аз ҳар як хонавода барои табриккунӣ ба хонаи зани навзоида меомаданд. Инро дар мардуми Шуғнон *peẋctow* ё *būn–δêd* мегуфтанд»[8, с.75]. Ба ақидаи мо, якбора анҷом додани чанд амали муҳим барои зани навзоида, ки ба рӯзи сеюм рост омадаанд, боиси бо номҳои ҳархела маъмул гаштани онҳо дар байни мардуми Шуғнон гардидаанд, яъне бархе ин маросимро ҳамчун *aray–um* ‘сеюм’ дигарон kāl–zinêd ‘саршӯён’ ё būn–δêd ‘ордпошон’ ном мебаранд. Вобаста ба ин русум дар забони шуғнонӣ калимаву ибораҳо ва ифодаҳои гуногун роиҷ ҳастанд, ки иштироккунандагони русум, амалҳои ба зани навзоида мумкин ё номумкин ва дигар хусусиятҳои ин онро ифода мекунанд.

Вожаи kālzinêyīj ба шахс далолат мекунад ва маънои зане, ки дар рӯзи сеюм ‘*aray–um*’ сари зани навзоидаро мешӯяд, ифода мекунад. Одатан ин корро *zeča–bůn* ‘зане, ки ҳамроҳи зани навзоида дар давоми ҳафт ё то чилрӯзагӣ мешинад’ ё модари зани навзоида анҷом медиҳад. Аз ҷиҳати сохт ин калимаи мураккаб аст. Аз ду решаи мустақил *kāl* ‘сар’, ки калимаи аслӣ ва *zinê* ‘шӯй’ феъли амрӣ, ки ба шахси дуюми танҳо далолат мекунад бо иловаи пасванди калимасози –ij/*yīj* сохта шудааст. Вожаи мазкур ба гуруҳи ҳиссаҳои номии нутқ, яъне исм мансуб аст.

Ифодаи *zečā kāl–ta pis ẋůmi–yaϑ at ẋābindi nazini–yen* ‘сари зани навзоидаро дар вақти пешин ё шаб намешӯянд’ дар байни мардум мамнӯъ ҳисоб мешавад. Мардум боварӣ бар он доранд, ки дар вақти пешин тамоми қувваҳои бадӣ ба замин мефароянд ва метавонанд ба зани навзоида осеб расонанд.

Zečā γūnj–ta pi yoc na–weδ–en, yā kāl–darδ–in sůd, na–pitêwen–ta wi δew–at jin wi ca viriyen ičīz balo wi qati wam–ard mā–ken. Wam γūnj–ta γeẋ pi bīr ribi–yen ‘мӯйи сари зани навзоидаро дар оташ намепартоянд, то ки ба дарди сар гирифтор нашавад, дар ягон ҷо ҳам намепартоянд, то ки деву ҷин онро пайдо карда ба вай ягон бало накунанд. Муйи сарашро дар замин мегӯронанд.

Zečā wirow–ti čārvin ẋac čīdow ‘аз сари зани навзоида оби равғанинро рехтан’. Ин амал дар рӯзи сеюм ‘*aray–um’* анҷом дода мешавад. Баъди оне ки *kālzinêyīj* сару тани зани навзоидаро мешӯяд, занони дигар бо навбат омада, дар як коса оби бо равған омехтакардаро гирифта, бо ният аз сари зани навзоида се маротиба ‘*ara pīδ’* мерезанд. Хусусан занони бефарзанд дар ин рӯз бо умед ин обро аз сари зани навзоида рехта, дар дилашон нияту орзӯи фарзанддор шуданро мекунанд.

Ифодаи *wiẋtak qati zečā tīr–ti nīstow* ‘бо тифл дар болои зани таваллудкарда нишастан’. Хусусияти вижагии ин амал дар он аст, ки барои дар ҳолати пештара барқарор кардани устухонҳои коси зани таваллудкарда анҷом дода мешавад. Ин амал то ҳозир ҳам дар бисёр деҳаҳои Шуғнон роиҷ аст. Тарзи иҷрои амали мазкур чунин аст: баъди шустани сару тани зани таваллудкарда ӯро дар ҷойи хобаш якпаҳлӯ хобонда яке аз занон ё худи *pīr–zečā* кӯдакашро дар дасташ гирифта аввал ба як паҳлӯи зан дар муддати чанд дақиқа мешинад, баъд зан ба паҳлӯи дигар хоб мекунад ва *pīr–zečā* ин амалро такрор мекунад. Дар забони шуғнонӣ дар таркиби ҷумла омада ҷумлаи тобеи он ҷумлаи пайрави сабабро мемонад. *wiẋtak qati–ta dijāt zečā tīr–ti niϑ–en, lāk wam sitxůn–en barjoy sen.*

Қайд бояд кард, ки дар рӯзи сеюм ё *aray–um*, тифли навзодро ҳам бо оби гарм шуста, аввалин бор ба вай курта мепӯшонанд, ки он дар давоми чилрӯзагӣ аз танааш бароварда намешуд. Ин куртаро тоҷикони куҳистони Помир *čill–gi kurtā* ё *čilgê–puẋōk рушонӣ čilgay–puẋok* ном мебаранд, дар водиҳои Қаротегину Дарвоз, водии Зарафшон ва дигар ҷойҳои тоҷикнишин он бо *kurta–i sagak* маълум аст [7, с.148; 5, с.122]. Куртаи сагак ном гирифтан ҳам аз рӯи амале, ки пеш аз пӯшондани он

ба кӯдак анҷом медиҳанд, баромадааст. Яъне нахуст куратаро ба гардани сагбача ё саг мепартоянд, ба умеди он ки тифли навзод ба монанди саг сахтҷон ва чусту чолок ба воя расад [6, с.143].

Аз таҳлил бармеояд, ки дар бораи маросими *kāl–zinêd* ‘саршӯён’, *arāy–um* ‘рӯзи сеюм’ *ё būn–δêd* 'орд пошидан' дар байни худи муҳаққиқони мардумшинос маълумотҳои мухталиф вуҷуд доранд. Вале аз рӯи он маълумотҳое, ки мо ҳангоми бо одамони калонсоли деҳаҳои гуногуни водии Шуғнону Роштқалъа ҳамсуҳбат шудем ва аз рӯи сарчашмаҳои таърихнигорон ба даст овардаем, ин маросимҳо дар як рӯз анҷом дода мешуданд. Риоя накардани баъзе аз амалҳо дар маросими *kāl–zinêd* ‘саршӯён’ агар ба зарар расондани деву қувваҳои дигари бад нисбат дода шаванд, амалҳои дигар аз қабили *zečā tīrti wixtak qati nīstow* ‘дар болои зани навзоида бо кӯдакаш нишастан’ баҳри саломатии зани навзоида анҷом дода мешаванд.

Маҷмуи ибораҳое, ки дар забони шуғнонӣ барои ифода кардани маросими kāl–zinêd ‘саршӯён’ корбаст шудаанд, аз ҷиҳати сохти синтаксисиашон ҳам ибораҳои озод ва ҳам ибораҳои рехтаи фразеологиро ташкил медиҳанд. Дар ибораҳои озоди синтаксисӣ калимаҳо бештар дар асоси алоқаи ҳамроҳӣ ташкил ёфтаанд. Аз рӯи хел ё маъно ин ибораҳо аксарият ибораҳои масдарӣ мебошанд, ки ҷузъи тобеъашон ягон ҳиссаи номии нутқро мемонад. Ҷузъҳои тобеи ибораҳо калимаҳои аслии забони шуғнониро ташкил медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Броимшоева М. Қ. Боварҳо ва таъбирҳо дар забонҳои шуғнонӣ–рӯшонӣ: таҳлили этнолингвистӣ. Матбааи АИ ҶТ «Дониш», Душанбе:–2012 –191 с.
2. Зарубин И. И. Рождение шугнанского ребёнка и его первые шаги/ Сборник В. В. Бартольду. Ташкент: 1927 С. 361–370 –556 с.
3. Карамшоев Д. Шугнанско –русский словарь. Т. 3. Москва Издательская фирма «Восточная литература» РАН:–1999 –567 с.
4. Каландаров Т.С. Шугнанцы. (Историко–этнографическое исследование). Институт этнологии и антропологии РАН, Москва:–2004 –476с.
5. Мардонова А. Обычаи и обряды детского цикла у таджиков верховьев Зеравшана в прошлом и настоящем // Мардонова А. Советская этнография 1984. С.120–128.
6. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониш. Изд. Дониш: 1998 – 250 с.
7. Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз. Ҷ.3. Дар зери таҳрири Н.А. Кисляков ва А.К. Писарчик. Душанбе: 1976 –237 с.
8. Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев конец XIX –начало XX века. Институт этнологии и антропологии РАН, Москва: 2015 –220 с.

НЕКОТОРЫЕ ЗАПРЕТЫ И ПОВЕРЬЯ, СВЯЗАННЫЕ С ОБРЯДАМ KĀL–ZINED ‘МЫТЬЁ ГОЛОВЫ РОЖЕНИЦ’ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ (ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ)

В данной статье рассматриваются и анализируются слова и словосочетания, связанные с обрядам kāl–zinêd ‘мытья головы роженицы’ в шугнано–рушанском языке с точке зрения этнолингвистики. Среди этнографов имеются различные мнения о данном обряде. Как отмечено в статье, данный обряд в шугнане именуется aray–um ‘третый день’, в Рушане как kāl–zinēd ‘мытье головы рожениц’ а в Бартанге winēj yattow ‘приход на смотрины’. Кроме того в этот день у шугнанцев проводится обряд būn–δêd ‘обсыпание мукой’. Выяснилось, что все эти обряды проводились в один и тот же день т.е. на третий день после рождения ребенка (arayum rūz), но последовательно. Сперва проводилось мытье головы роженицы, потом близкие родственники и соседи обсыпали ее мукой приговаривая при этом: «muborak yed».

Также рассматривается грамматическая структура слов и словосочетаний. Выяснилось, что большинство словосочетаний относятся к свободным синтаксическим словосочетаниям. И связываются примыканием.

***Ключевые слова**: мытьё головы рожениц, обсыпание мукой, третий день, словосочетания, грамматический анализ.*

SOME PROHIBITIONS AND BELIEFS ASSOCIATED WITH RITES OF KĀL–ZINÊD ‘WASHING THE HEAD OF WOMEN IN LABOR’ IN THE SHUGNI LANGUAGE (ETHNOLINGUISTIC ANALYSIS)

This article examines and analyze the words and phrases associated with the ritual kāl–zined «washing the head of a woman in labor» ’in the Shugni–Rushani group of languages from the ethnolinguistics point of view. Among ethnographers there are different opinions about this rite. As noted in the article, this rite in Shugnan is called aray–um ‘the third day’, in Rushan as kāl–zinēd ‘washing the head of women in labor’

and in Bartaŋ winējyattow 'coming to the bride's'.In addition, the ritual būn–δêd 'sprinkling with flour' is held at the Shugnan on this day. It turned out that all these rituals were performed on the same day, i.e. on the third day after the baby birth, but sequentially. First, the head of the woman in labor was washed, then close relatives and neighbors sprinkled flour on her, saying: «muborak ved».

The grammatical structure of words and phrases is also considered. It turned out that most phrases relate to free syntactic phrases and bind by attachment.

***Keywords**: washing women's head, sprinkling flour, the third day, phrases, grammatical analysis.*

Сведение об авторе:

***Назаршоева Ч.Р.** –научный сотрудник Института гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова Академии наук Республики Таджикистан, г.Душанбе. Хорог, Таджикистан.*

About the author:

***Nazarshoeva Ch.R.** –Researcher of the Institute of Humanities named after B. Iskandarov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Dushanbe. Khorog, Tajikistan*

УДТ: 809.155.0

ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ КИШОВАРЗӢ
(дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)

Анварзода М.А.

Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ

Дар таърихи забони тоҷикӣ баррасии системаи фонетикӣ, таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии забони осори чӣ нависандагони давраи адабиёти классикӣ ва чӣ адабиёти нав ниҳоят муҳим ва боарзиш мебошад.

Забони асарҳои устодони сухан–Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода ва дигар шоирону нависандагони забардасти тоҷик аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва сохтори грамматикӣ ғановатманд буда, фасоҳату равонии сабки нигориши осори онҳо забони адабӣ ё меъёри тоҷикиро зинда нигоҳ дошта, ба он пояҳои мустаҳкам ва устувор гузоштаанд.

Бинобар ҳамин, масъалаи омӯзиш ва баррасии давраи нави забони тоҷикӣ ва таърихии он яке аз мавзӯъҳои бисёр муҳиму судманди забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди он ки дар ин ҷода пажӯҳишҳои чудогона ба анҷом расида бошанд ҳам, вале бархе аз паҳлуҳои забони осори шоирону нависандагон ба истиснои баъзе корҳои илмӣ аз доираи таҳқиқот дар канор мондаанд, ё қисме аз онҳо ҳанӯз шакли проблемавӣ надоранд ва метавон гуфт, ки аз нақшаи умумии омӯзиши таърихи рушду густариши забон берун мебошанд.

Пас аз ҳамаҷониба омӯхтани вижагиҳои забони осори адибони давраҳои гуногуни адабиётамон имконият ба вуҷуд меояд, ки ба комёбиҳо ноил гардем ва ба андешаҳои роҷеъ ба масъалаҳои алоҳидаи грамматикаи забони ҳозираи тоҷик гуфташуда аз дидгоҳи тозаву нави забоншиносӣ баҳои дақиқ диҳем.

Аз ин рӯ, яке аз чунин вазифаҳо таҳлил ва баррасии сохти грамматикӣ, луғат ва услуби забони асарҳои шоирону нависандагони чудогона маҳсуб меёбад. Бинобар ҳамин, таҳлил ва таҳқиқи забони осори асосгузори адабиёти нави тоҷик, устод Садриддин Айнӣ дар равшан сохтани вижагиҳои луғавӣ ва грамматикаи забони давраи нави рушду такомули забон яке аз масъалаҳои асосӣ ва боарзишу пураҳамияти забоншиносии тоҷик арзёбӣ мешавад.

Албатта, дар бораи асарҳои Айнӣ ҳам муҳаққиқони тоҷик ва ҳам пажӯҳишгарони хориҷӣ корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд. Бо вуҷуди ин, дар бораи вижагиҳои забони осори Айнӣ пажӯҳишҳои вижае, ки ҷанбаҳои забони нависанда, хусусан луғоти соҳавии асарҳои ӯро ҳамаҷониба фаро гирифта бошад, вуҷуд надорад.

Забони адабии давраи нав ба номи устод Садриддин Айнӣ вобастагӣ дошта, ӯ забони адабии нави тоҷикиро ба андозае фасеҳ, мавзун, шевову гуворо ва умумифаҳм кардааст, ки инро тамоми мардуми тоҷик, ҳатто форсизабонони олам эътироф намудаанд.

Устод Айнӣ дар мавриди интихоби вожаҳо аҳамияти махсус додааст, ки инро мо дар мутолиаи асарҳои ӯ ба хубӣ дарк мекунем. Агар мо ба таркиби луғоти осори нависанда назар афканем, мебинем, ки ӯ дар ҳақиқат дар интихоби вожа ва вожасозӣ маҳорати бағоят баланд нишон дода, онҳоро ба қалби хонанда ҷо карда тавонистааст. Дар забони асарҳои устод Айнӣ, асосан, вожаҳоеро

метавон ба мушоҳида гирифт, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ва ё дар гӯйишҳои он маъмул мебошанд.

Аз ин ҷиҳат, яке аз вижагиҳои луғоти соҳавии асарҳои устод Айнӣ дар он инъикос меёбад, ки ӯ бештар калимаҳои тоҷикиро ба кор бурда, аз бемаврид истифода намудани вожаҳои бегона (ғайритоҷикӣ), ки муродифи онҳо дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст, худдорӣ намудааст. Ба туфайли чунин нуктасанҷиаш мебошад, ки ҳар як хонандаи имрӯзаи тоҷик асарҳои бадеӣ ва тарҷумаиҳолии ин нобиғаи илму фарҳангро бидуни ягон душворӣ мехонад, мефаҳмад ва аз ҳар сатри он лаззати маънавӣ мебардорад.

Мусаллам аст, ки як қисмати асосӣ ва бунёдии захираи луғавии забони тоҷикиро вожаву истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳанд. Пешаи кишоварзӣ барои ориёиҳо, бавижа тоҷикон, касби пуршараф ва муқаддас ба ҳисоб мерафт ва имрӯз ҳам ин анъана байни мардуми мо идома дорад. Аз ин рӯ, парвариши маҳсулоти ғалладона ва чорво ҳамчун нишонаи сарватмандӣ маҳсуб меёфт. Дар Тоҷикистон пешаи асосии бештари мардуми тоҷик, бавижа сокинони манотиқи кӯҳистон, ҳам кишоварзӣ ва ҳам чорводорӣ аст ва ризқу рӯзии онҳо аз ҳамин ҳисоб ба даст меояд.

Ин аст, ки дар заминаи кишоварзӣ вожаву истилоҳоте ба вуҷуд омадаанд, ки ба маишату фарҳанг ва суннатҳои халқу миллат робитаи қавӣ доранд. Аз ин ҷиҳат, вожаву истилоҳоти кишоварзӣ як бахши бузурги сарчашмаи луғавии забонро фаро мегирад ва таҳқиқоти вижаро мехоҳад.

Имрӯз шоҳиди он ҳастем, ки рушду густариши илму технологияи муосир дар саноат ва соҳаи кишоварзӣ дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд овард. Масалан, кори бештари касбу ҳунарҳои дастӣ ва ё бунёдӣ ба техникаи замонавӣ вобаста шуд, ки аз чунин дигаргунӣ мардуми тоҷик ҳам истисно нест. Бештари суннатҳои кишоварзӣ оҳиста–оҳиста коҳиш ёфта, истилоҳоти хоси соҳа бо мурури замон ба коми фаромӯшӣ мераванд, вале дар осори нависандагону шоирон онҳо боқӣ мемонанд. Бинобар ҳамин, яке аз вазифаҳои муҳаққиқини забоншинос иборат аз он аст, ки ҳар чӣ зудтар аз куҳансолон ва осори адибон чунин навъи вожаҳоро ҷамъоварӣ намоянд ва дар асоси маводи ҷамъоварда таҳқиқоти судманде анҷом диҳанд.

Вожаву истилоҳоти кишоварзӣ ва ё соҳаҳои дигар на танҳо барои таҳқиқи забони тоҷикӣ муҳим аст, балки барои омӯзишу баррасии забонҳои эронӣ, решашиносии бархе аз калимаҳо, мардумшиносӣ, ҳамчунин такмили фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва соҳавӣ мусоидат мекунад.

Ин зарурат моро водор сохт, ки истилоҳоти кишоварзиро дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳем, чунки дар ин асар калимаҳои фаровоне аз ин соҳа истифода шудаанд, ки низ ба таҳқиқи махсус зарурат доранд. С. Айнӣ дар ин асари тарҷумаиҳолии худ аз чунин навъи калимаҳо ба таври фаровон истифода намудааст. Бештари ин навъи вожаҳои соҳавӣ калимаҳои бунёдии забони тоҷикӣ буда, то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд ва дар гуфтори мардум ба ҳамон шаклу маъно, ба истиснои чанде ба кор мераванд: гандум, ҷав, арзан, мош, шолӣ, биринҷ, ҷӯй, пахта, ғӯза, дарав ва амсоли инҳо.

Ба пажӯҳиши вожаҳои кишоварзӣ дар забоншиносии тоҷикӣ таваҷҷӯҳ камтар зоҳир шудааст. Ба ҷуз аз баъзе корҳо ва ишораҳои иҷмолӣ таҳқиқоти мукаммале дар ин мавзӯъ рӯйи кор наомадааст.

Пажӯҳиши соҳаҳои гуногуни забоншиносӣ аз солҳои 60–уми асри ХХ оғоз гардида, дар ин самт корҳои арзишманди зиёде низ ба анҷом расидаанд. Бо вуҷуди ин назар ба соҳаҳои дигар ба лексикаи кишоварзӣ кам таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст. Вале дар бархе аз асарҳо ва рисолаҳои илмии оид ба лаҳҷашиносӣ, забонҳои шарқии эронӣ, дар мисоли гурӯҳи забонҳои помирӣ ва забони яғнобӣ луғоти кишоварзӣ то андозае таҳқиқ шудаанд.

Масалан, доир ба ин мавзӯъ дар луғоти кишоварзии гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [10, с.841], забони яғнобӣ [4, с.21–23, 5–13] ва ҷо–ҷо дар асару мақолаҳои забоншиносон маълумот дода мешавад. Инчунин, дар рисолаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (фонетика, лексика) муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев дар бахши лексика фасли алоҳидаеро бо унвони «Номи дарахтони мевадор ва бемева» ҷудо карда, дар бораи хусусиятҳои лексикии номи дарахтони мевадор ва бемева таҳқиқоти пуарзиши шевашиносӣ анҷом додааст. Ҳамчунин, Н. Гадоев дар рисолаи «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» (2012) дар фасли алоҳида вожаҳои марбут ба растаниҳоро таҳлили илмӣ кардааст. Вобаста ба масъалаи мазкур мақолаҳои алоҳидаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқон М.Маҳмудов, С.Хоркашев, С.Юсупова, Р.Сангинова, И.Сулаймонов, М.Каримова ва дигарон рӯи чоп омадаанд, ки дар баррасии воҳидҳои луғавии марбут ба соҳаи кишоварзӣ аҳамияти муҳими илмӣ доранд. Инчунин, дар осори илмии муҳаққиқон Ҳаким Тирмизӣ, С.Назарзода, Д.Саймиддинов, М.Султонов, Д. Хоҷаев, А.З.Розенфелд, С.Раҳматуллозода, М.Ҷумъаев ва А.Юсуфов ишораҳои махсус шудаанд, ки аз аҳамият холӣ нестанд.

То имрӯз калимаҳои марбут ба соҳаи кишоварзии осори адибони алоҳида таҳқиқот нашудааст. Махсусан, омӯзиши осори устод Садриддин Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо» дар ин ҷода аҳамияти калони илмӣ дорад. Зеро ин адиби забардаст аз забони адабиёти ғании классикии тоҷик ва забони зиндаи мардум вожаву истилоҳоти соҳаи кишоварзиро фаровон ва самаранок истифода бурдааст. Инчунин, дар ин асар калимаю истилоҳоти фаровони соҳавӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ҳифз шудааст, ки омӯзиши онҳо дар давраи нави тараққиёти забони тоҷикӣ муфид буда, барои аз нав ба истеҳсолоти забонӣ ворид кардани онҳо шароит фароҳам омадааст. Бархе аз вожаҳое, ки дар замони Садриддин Айнӣ ба кор мерафтанд ва ӯ дар асарҳои худ аз онҳо истифода кардааст, имрӯз калимаҳои кӯҳнашуда ба ҳисоб мераванд: **чорбоғнок, чоряккорӣ, таноб, каландгар, заминҳои маита** ва амсоли инҳо.

Таҳқиқи вижагиҳои лексикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва услубии асарҳои бадеиву ёддоштии асосгузори адабиёти нави тоҷик устод Садриддин Айнӣ солҳои зиёдест, ки таваҷҷӯҳи донишмандони забоншиносро ба худ ҷалб кардааст. Бо ташаббус ва ибтикори пажӯҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин бора асарҳову мақолаҳои зиёди илмӣ аз ҷониби Х.Ҳусейнов (1973), С.Ҳалимов (1974), А. Керимова (1954), Х.Юсупов (1971), М.Юсупова, М. Холов (1972), А.Мирзоев, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ҳ.Турсунова, С.Раҳматуллозода навишта шудаанд.

Чунон ки маълум аст, ҳангоми баррасии ягон масъалаи илмии забоншиносӣ пажӯҳишгарон барои тасдиқи андешаи худ асосан ба забони осори С. Айнӣ такя мекунанд. Аз ин ҷиҳат, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи вижагиҳои забони асарҳои ӯ дар илми забоншиносии тоҷик зарур ва муҳим буда, барои омӯзиш ва муайян кардани паҳлуҳои норавшани забон мусоидат мекунад.

Албатта, забоншиносии тоҷик дар соҳаҳои гуногун ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Бо вуҷуди ин, бисёр масъалаҳои назариявӣ ва амалии вожаву истилоҳоти кишоварзӣ, сайри таърихии онҳо, инкишофи қолабҳои вожасозӣ, вижагиҳои услубӣ ва дараҷаи истифодаи онҳо то андозае аз доираи тадқиқ берун мондааст.

Садриддин Айнӣ дар асарҳои худ ба интихоби вожаҳо аҳамияти махсус додааст. Агар ба таркиби вожаҳои осори нависанда нигоҳ кунем, ба хубӣ мебинем, ки ӯ дар интихоби калима ва вожасозӣ, аз ҷумла луғоти соҳаи кишоварзӣ, маҳорати баланд нишон додааст: **чорбоғнок, серобталаб, обкашак, корандагӣ, каландгар.** Хусусияти муҳимми забони осори Садриддин Айнӣ дар он аст, ки ҳариб ҳамаи вожаҳои истифоданамудаи ӯ дар забони адабии ҳозира ва ё дар гӯйишҳо ба мушоҳида мерасанд: **ҷӯй, сероб, серобталаб, замин, камзамин, серзамин, ҳосилхез, ҳосилпазӣ, кишт, сабзавот, ҳосил, киштзор, ҷӯйковӣ, пурмева, дарав, гандумпоя, пунбадона, хишова, ғӯра, кӯрак, киштукор, обёрӣ** ва амсоли онҳо.

Вижагиҳои дигари луғоти асарҳои Садриддин Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо» ин аст, ки нависанда бештар аз захираи луғавии забони тоҷикӣ истифода намуда, аз бемаврид ба кор бурдани вожаҳои ғайритоҷикӣ, ки муродифҳои онҳо дар забони тоҷикӣ мавҷуданд, худдорӣ намудааст.

Дар вожасозӣ Садриддин Айнӣ аз воситаҳои гуногуни калимасозӣ истифода кардааст. Вожаҳои таркиби луғавии «Ёддоштҳо»–ро аз рӯйи сохт метавон ба чунин гурӯҳҳо дастабандӣ кард:

Вожаҳои сода. Аҳамияти барҷаста доштани калимаҳои содаро муҳаққиқи забони немисӣ М. Д. Степанова муҳим дониста, чунин зикр менамояд, ки «калимаҳои решавгӣ, тавре маълум аст, дар меҳвари фонди асосии луғавӣ қарор дошта, чун асосҳои калимасозӣ хизмат мекунанд» [8, с.58]. Ҳамчунин, забоншинос С. Хоркашев (ҳоло С. Раҳматуллозода) дар таҳқиқоти калимаю истилоҳоти марбут ба сохтмон ва хонасозӣ дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ–шарқии забони тоҷикӣ ба нақши калимаҳои сода аҳамияти махсус дода, чунин менависад: «Дар ташаккули лексикаи ин гурӯҳ ва ҳамчунин дигар қабатҳои лексикаи соҳавии марбут ба шеваҳои баррасишаванда (шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ–шарқии забони тоҷикӣ дар назар дошта мешавад –А.М.) воҳидҳои луғавии сода нақши муҳим доранд. Пеш аз ҳама ин ба он вобаста аст, ки калимаҳои сода бо таваҷҷуҳ ба доштани маъниҳои гуногун метавонанд морфемаҳои сермаъною омонимӣ шаванд ва барои рушду такомули муродифоту калимаҳои ҳамгун чун воситаи фаъол хизмат кунанд. Аз тарафи дигар онҳо барои сохтани калимаҳои мураккаб фаъолона иштирок мекунанд». [11, с.25]. Ин гуна калимаҳо дар осори устод Айнӣ хеле зиёдандва барои сохтани дигар калимаҳои аз рӯйи сохт сохтаю муракаб мусоидат мекунанд. Аз ҷумла: **гандум, ҷав, арзан, қӯноқ, мош, шолӣ, биринҷ, ғӯза** (пахтаи ҷойдорӣ), **намарза, бутта, кӯрак, пахта, кокул** (пучоқи ғӯза)**, саҳро, ҷӯй, сероб, ҳавлӣ, замин, кишт, сабзавот, дашт, ҳосил, дарав, кӯлмак ва ғайра, ки дар ташаккули калимаҳою ибораҳои соҳа хидмат кардаанд.**

Дар баробари калимаҳои сода дар ташаккули калимаҳои соҳаи кишоварзӣ вожаҳои сохта ва мураккаб нақши муҳим доранд.

1.Бо пасвандҳои калимасоз сохтани калимаҳо:

1) бо **пасванди –ӣ –(гӣ):** деҳқонӣ [1, с.5], баҳорӣ [1, с.57], балхӣ [1, с.9], ва ғ,. Мисол дар ҷумла: Касби асосии аҳолии ин деҳа **деҳқонӣ** буда, бештаринашон камзамин ва безамин буданд [1, с.5];

2) бо пасванди –**зор:** киштзор, [1, с.23], регзор [1, с.22], сусзор [1, с.50], зардолузор [1, с.107], шӯразор [1, с.140];

3) бо пасванди **–ча**: давча, [1, с.13], химча [1, с.12], пулакча [1, с.22], ҷуволча [1, 24], боғча [1, с.121], каландча [1, с.107];

4) бо пасванди **–анда:** киштукоркунанда [1, с.58],

6) бо пасванди –**зор:** киштзор [1, с.24];

5) бо пасванди –**гар**: каландгар [1, с.46];

7) бо пасванди **–вор**: гандумвор [1, с.32].

8) бо пешванди **бе–**: безамин, [1, с.5], беоб [1, с.57], беҳосилӣ [1, с.118];

Дар байни вожаҳои кишоварзӣ калимаҳои мураккаб низ ба мушоҳида мерасанд. Ин гурӯҳи калимаҳо аз мураккаби пайваст ва тобеъ иборатанд.

Аз вожаҳои мураккаби типпи пайваст тавассути миёнванди –у–танҳо вожаи киштукор (кишт+у+кор) ба назар расид. Аммо калимаҳои мураккаби типпи тобеъ нисбатан бештаранд ва аз қолибҳои зерин иборатанд**:**

а) **аз исму исм**: дандонмола, гулбутта, пунбадона, гандумпоя, серзамин. Дар байни ин калимаҳои мураккаби тобеъ вожаи **дандондо нмола** диққатҷалбкунанда аст. Вожаи мавриди назар мураккаб буда, аз калимаҳои **дандон** ва **мола** таркиб ёфтааст, ки ҷузъи аввал шарҳу эзоҳ намехоҳад, вале ҷузъи дуюм **мола** вожаи кишоварзӣ буда, он аз тахтаи ҳамвори бедандона ё сихдор аз чӯб ва ё оҳан сохта мешуд, ки онро ба ҷуфти гов ё трактор баста, заминҳои шудгоршударо ба воситаи он ҳамвор мекунанд. **Дандонмола** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) сабт нашудааст, вале дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2008) ба гунаи **«дандонмола»** ба қайд гирифта шуда, чунин тавзеҳ ёфтааст: дандонмола; «сихмола; **дандонмола** кардан сихмола ронда, шикастани кулӯхҳо ва нарму ҳамвор кардани замини шудгоршуда пеш аз кишт» [8, с.406].

Вожаи **дандонмола** дар бархе аз гӯйишҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла шеваи ҷанубӣ, ба сурати **сихмола** ба кор меравад. Масалан, дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубӣ» ба таври зайл шарҳ дода шудааст: сихмола –тахтаи дандонадор, ки барзгарон (ҷуфтронон) бо он замини шудгоршударо ҳамвор кунанд [10, с.553]. **Дандонмола** аз ҷиҳати баромад ҳарду ҷузъ, яъне ҳам **дандон** ва ҳам **мола** марбут ба забони тоҷикӣ мебошанд.

б) **исм ва асоси замони ҳозираи феъл**: ҳосилхез (ҳосил+хез)**;**

в) **сифату сифат**: навсабз;

г) сифат исм: серзамин, сероб: «Идораи рӯҳонии ин деҳа ба дасти мутаваллиҳо буд, ки онҳо аз ҷумлаи **серзамин**они хоҷагони мираконӣ буданд ва идораи мулкӣ–маъмурӣ дар дасти тоҷикон буд, ки арбоб ва оқсақол барин маъмурони маҳаллӣ аз **серзамин**тарини онҳо «интихоб» (таъин) меёфт» [1, с.6].

ғ) **аз шумора ва исм:** чорбоғ;

д) **аз зарф ва исм**: камзамин.

2. Вожаҳои мураккаби омехта. Ин гуна вожаҳо воҳидҳои луғавие мебошанд, ки аз ҳамнишинии асосҳои мустақилмаъно ва вандҳои калимасоз ба вуҷуд омадаанд: заминронӣ, ҷӯйковӣ, обкашак, камобӣ, тутпазӣ, ҳосилпазӣ, пунбакбаста, заминронӣ**,** себарга, чорбоғнок, заминронӣ [1, с.20], ҷӯйковӣ [1, с.20], корандагӣ, чоряккорӣ [1, с.5], регкашонӣ [1, с.24], токкушоӣ [1, с.20], мевадорӣ [1, с.9], ҳосилпазӣ [1, с.58], сардарахтӣ [1, с.6], тутпазӣ [1, с.29], ҳоҷихонӣ [1, с.6], камобӣ [1, с.6]. Деҳқонони деҳаи Маҳаллаи Боло ба заминронӣ, ҷӯйковӣ ва токкушоӣ машғулӣ мекарданд [1, 20]. «Азбаски ин деҳа дар наздикии дарёи Зарафшон воқеъ шудааст ва аз байни деҳа ҳам ба номи Мазрангон як ҷӯи калон мегузарад, сероб ва обод буда, бештарини ҳавлиҳояш рӯидаричадор, чорбоғнок ва пурмева аст?» [1, с.5].

Дар калимаҳои ин гурӯҳ вожаи **киштукоркунанда**, каме фарқ мекунад. Ин вожа аз исмҳои **кишт** ва **кор**, миёнванди **–у**–, асоси замони ҳозираи феъли **кун** ва пасванди**–анда** сохта шудааст, ки ҳамаи ҷузъҳо аз ҷиҳати баромад мутааллиқ ба забони тоҷикӣ мебошанд. «Муродбек ва қозӣ Сафӣ канори рӯди Ҷилвони навободро ҳам ором нагузоштанд: деҳқонони дар он ҷо **киштукоркунанда** тамоман бе ҳайвоноти корӣ буда ва фақат бо каланду бел заминҳои маита (мурда)–ро кор карда

гашта буданд» [1, с.58]. **Киштукоркунанда** исми амали шахс буда, чанд зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст. Дар зинаи аввал аз **кишт** ва **кор** тавассути пайвастани миёнванди **–у–**вожаи **киштукор** ба вуҷуд омадааст, ки исми амал аст. Дар зинаи дуюм ба ин вожа асоси замони ҳозираи феъли кардан (кун) ҳамроҳ гардида, аз исми абстракт калимаи **киштукоркун** пешаи шахсро рӯйи кор овардааст. Дар зинаи сеюм бо илова шудани пасванди **–анда** вожаи **киштукоркунанда** ҳосил шудааст, ки исми амал ва ё пешаи шахсро ифода мекунад.

3. Калимаҳои мураккаби сеҷузъа: серобталаб, чоряккорӣ.

Ташаккули таркиби луғавии забон ба болоравии фарҳанг, илму техника, ба тараққиёт ва тағйироту таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин зисту зиндагонии одамон иртибот дорад. Бинобар ин, ҳар тағйироте, ки дар ҷамъият ба вуҷуд меояд, дар забон ҳам инъикос меёбад, ки ин масъала ба соҳаи кишоварзӣ низ бетаъсир намемонад. Як қисми вожаҳо аз истеъмол берун мешаванд, дар баробари ин калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд ва ин ҳодиса тибқи қонуну қоидаҳои дохилии забон сурат мегирад.

Ба ҳамин восита ба захираи луғавии забон вожаҳои нав ворид мегарданд. Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» вожаи мураккаби сеҷузъаи **серобталаб** –ро ба кор бурдааст, ки ду ҷузъи аввали он (**сер** ва **об)** тоҷикӣ буда, ҷузъи сеюми он **–талаб** аз ҷиҳати баромад арабӣ мебошад, ки Садриддин Айнӣ онро бо вожаҳои **сер** ва **об** ба шакли **серобталаб** даровардааст ва ин калима дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ба қайд гирифта нашудааст. Вожаи **серобталаб** бештар дар мавриди заминҳое ба кор меравад, ки ба об нисбат ба бархе аз заминҳои корами обӣ эҳтиёҷи зиёдтар доранд.

Ба ҳамин минвол, ин калима ба бахши вожаҳое мансуб аст, ки ба обу обёрӣ тааллуқ доранд. Аз сарчашмаҳои таърих маълум мешавад, ки ориёиҳо аз давраҳои қадим ба соҳаи кишоварзӣ, бавижа зироаткорӣ, боғдорӣ, обчакорӣ ва чорводорӣ машғул будаанд. Бостоншиносон боқимондаҳои иншооти обёрии суғдиёнро, ки аҷдоди бевоситаи тоҷикон мебошанд, пайдо кардаанд ва онҳо аз сатҳи баланди рушду инкишофи сохтори оббиёрии мардуми Суғд гувоҳӣ медиҳанд.

Ба таври намуна метавон бархе аз ин навъи вожаҳоро, ки дар «Ёддоштҳо» низ омадаанд, мавриди баррасӣ қарор дод: **ҷӯй, камоб, сероб, беоб, ҷӯйковӣ, обкашак, обёрӣ.** Вожаҳои овардашуда ба шарҳу эзоҳи зиёд эҳтиёҷ надоранд, чунки ҳамаи калимаҳо тоҷикӣ мебошанд. Дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ вожаи **обкашак** истифода шудааст, ки он дар гуфтори имрӯзаи мардуми мо бо номи русиаш, яъне **«насос»** шӯҳрат дорад.

Ҳамин тавр, аз баррасии маводи мавҷудаи «Ёддоштҳо» ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки забони тоҷикӣ аз вожаву истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ хеле ғанӣ буда, устод Садриддин Айнӣ дар ин асари худ аз онҳо ба таври фаровон истифода кардааст. Бештари ин навъи калимаҳо вожаҳои бунёдии худи забони тоҷикӣ мебошанд ва дар ҳамон шаклу маъно, ба истиснои чанде аз онҳо, имрӯз низ ба кор мераванд.

Таркиби луғавии «Ёддоштҳо» аз воҳидҳои луғавии аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб ва ибораву вожаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ хеле бой буда, тавассути онҳо калимаҳои фаровоне сохта шудаанд. Дар «Ёддоштҳо» бо теъдоди вожаҳое вомехӯрем, ки имрӯз низ ҳам дар забони адабии тоҷик ва ҳам дар шеваҳои манотиқи гуногуни мамлакат ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Онҳо хусусият, навъ, саҳроӣ ва ё хонагӣ, хому пухта буданро ифода мекунанд. Ба ҳамин минвол, дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ вожаву истилоҳоти кишоварзии зиёде истифода шудааст, ки дар қолибҳои калимаҳои мураккаби тобеъ ва ибораҳо сохта шудаанд: корандагӣ, чоряккорӣ, каландгар, ду тӯда хок, чим ва лойи шитта, хоки регомез, регкашонӣ, кишти баҳорӣ, заминҳои корам, деҳқонони безамин, обёрӣ, мавсими ҳосилпазӣ, киштукоркунанда, заминҳои маита (мурда), деҳқонони камзамин ва миёнаҳол, нокорам, бойҳои серзамин. пунбадона, гандумвор, гандумпоя, ҷуволҳои пурҷав, чорбоғнок, ҳосилхез, деҳқонӣ, камзамин, безамин, серзамин, камоб, беоб, регзор, киштзор, заминронӣ, ҷӯйковӣ, нурӣ.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 октябри 2019 таъкид карданд, ки «... зарур аст, ки барои тавсеаи доираи калимасозиҳои мавзӯӣ, аз қабили истилоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра аз имкониятҳои забони модарӣ ҳамаҷониба истифода карда шавад. Бо мақсади ҳифзи асолати забон ҳангоми истифодаи истилоҳот бояд ҳам зарфияти унсурҳои пойдори забони давлатӣ ва ҳам иқтибосгирии оқилонаву санҷида ба таври мутавозӣ дар мадди назар бошад.

Мо бояд аз иқтибосҳои бемавқеъ худдорӣ карда, истилоҳоти иқтибосиро ба табиати забон, сохтори сарфию наҳвӣ ва низоми овозии он мутобиқ гардонем» [7, с.1].

Хулоса барои ҳамаҷониба муайян намудани нақши ин устоди сухан ва каломи бадеъ корҳои муҳимми илмие лозим ва заруранд, ки дар онҳо натанҳо соҳаҳои кишоварзӣ, балки соҳаҳои дигар ва гуногуни филологӣ, бавижа забоншиносӣ дар асоси маводи эҷодиёти Айнӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гиранд. Ба ин восита натанҳо вижагиҳои забон ва услуби Айнӣ, балки дар баробари ин вазъияти забони адабии давраи ӯ, муносибати он ба даврахои гузаштаву имрӯза низ муайян ва муқаррар мегардад.

Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун пайрав ва идомабахши кори эҷодии адибони бузурги гузашта забони адабиро такмилу инкишоф дод. Услуби соданависиро омили муҳим ҳисобида, онро аз ҳисоби забони оммафаҳми адабӣ ва умумихалқӣ ривоҷу равнақ бахшид.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Иборат аз чор ҷилд / С.Айнӣ. − Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллиии тоҷик, 2009. − 680 с.
2. Зоитова М. Таҳқиқи вожаҳои марбут ба наботот дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ // М.Зоитова // Суханшиносӣ, №3, 2018. –С. 133–141.
3. Керимова А. Роль Садриддина Айни в развитии современного таджикского литературного языка. Автореф. канд. диссер. − М: 1954. −21 с.
4. Мирзоев С. Вожаҳои суғдӣ дар яғнобӣ дар мисоли бархе аз вожаҳои кишоварзӣ / С.Мирзоев //Суханшиносӣ, №3, 2015. – С. 5–13.
5. Мирзоев А, Солиев Ҳ. Ибораҳои исмии бо пешоянди «бо» дар осори Садриддин Айнӣ / А,Мирзоев, Ҳ.Солиев // Забоншиносии тоҷик. −Душанбе: Дониш. –С. 123–135.
6. Ниёзмуҳаммадов Б. Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. Сталинобод: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ–педагогии Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон, 1960. − 166 с.
7. Раҳмон Эмомалӣ. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 04.10. 2019 // «Адабиёт ва санъат», 10.10.2019, №41.
8. Степанова М. Д. Методи синхронного анализа лексики / М. Д. Степанова. –М. : Высш. Шк., 1963. –200 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. − Душанбе: ҶММ «Ксероксленд», 2008. − 949 с.
10. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. − Душанбе: Дониш, 2017. − 841 с.
11. Хоркашев С. Р. Лексико–семантический и морфологический анализ предметной лексики в южных и юго–восточных говорах таджикского языка. АДД / С. Р. Хоркашев –Душанбе, 2015. –53 с.
12. Холов М. Лексика романа «Дохунда» Садриддин Айни. Автореф. канд. диссер, Душанбе, 1972. −19 с.
13. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ. − Душанбе: Ирфон, 1973. –С.135–136.
14. Ҳалимов С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик / С.Ҳалимов. − Душанбе: Ирфон, 1974.
15. Юсупов Х. Лексические особенности языка произведений Садриддина Айни. Автореф. канд. диссер. −Душанбе, 1971. − 18 с.

СТРУКТУРНО–СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ТЕРМИНОВ (по материалам «Воспоминание» Садриддина Айни)

В статье на основе материала «Воспоминании» устода Садриддина Айни подвергнуты анализу термины, относящиеся к сфере сельского хозяйства. До сих пор лексическому анализу сельскохозяйственных терминов устода Садриддина Айни неуделено внимания, они остались вне поля зрения специалистов. В этом смысле изучение слов и терминов сельского хозяйства в настоящее время является одним из наиболее важных вопросов таджикского языкознания. Поэтому, сбор и классификация данной области, определение путей их возникновения и развития изучение терминов является актуальным как для их сохранения, так и для дальнейшего исследования.

Ключевые слова: *таджикский язык, хозяйственные термины, лингвистика, диалектология, этимология, лексика, морфология, язык произведение Садриддина Айни, словообразование, сложные слова, словарный состав языка.*

STRUCTURAL AND SEMANTIC OF ANALYSIS AGRICULTURAL TERMS (based on the «memoirs» of sadriddin aini)

In this article, on the basis of the material «Memoirs» of Sadriddin Aini's ostodom, all terms related to agriculture are analyzed and studied. The main objective of the study is that little attention is paid to the lexical analysis of agricultural terms of Sadriddin Aini's nest, they remain outside the field of view of industry experts. In this sense, the study and consideration of words and terms of agriculture is currently one of the most significant and useful issues of Tajik linguistics based on materials from the works of Sadriddin

Aini. Therefore, the collection and classification of words of the agricultural sector, the ways of their occurrence, formation and development, stable idiomatic expressions, degree, history of research and study of this type of terms can be relevant, both for their preservation and for further research, to become a useful basis for researchers in this region.

Keywords: *Tajik language, business terms, linguistics, dialectology, root studies, vocabulary, morphology, Sadriddin Aini.*

Сведение об авторе:

Анварзода Мавджуда Анвари *–аспирантка заочное отделение Института языка и литературы имени Абуабдулло Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, E-mail mmavjuda2004@mail.ru, Тел: (+992) 937743205;*

About the author:

Anvarzoda Mavjuda Anvari, *– Postgraduate student of the correspondence department of the Institute of Language and Literature named after Abuabdullo Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. E-mail mmavjuda2004@mail.ru, Тел: (+992) 937743205.*

ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЛАҲҶАИ ТОҶИКОНИ ВАХОН

Муминова С.Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Калимаю истилоҳоти марбут ба муносибатҳои хешутаборӣ таърихи хеле қадима дошта, як қабати муҳими лексикаи забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикиро ташкил медиҳанд. Таҳқиқи лингвистии онҳо дар асоси маводи мавзеъҳои муайяни ҷуғрофӣ то ҷойе дар мақолаву рисолаҳои алоҳидаи А.З. Розенфельд, Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев, З. Зайниддинова С. Хоркашев, И. Сулаймонов сурат гирифта бошад ҳам, тадқиқи мукаммалу муфассали масъалаи мазкур дар шакли ҷамъбаст зимни маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар маҷмӯъ то имрӯз аз назари аҳли тадқиқ дур мондааст.

Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев бо такя ба таснифоти А.К. Писарчик калимаю истилоҳоти хешутабориро ба гурӯҳҳои: 1) терминҳои ҳамхунӣ; 2) терминҳои ғайриҳамхунӣ ҷудо кардаанд, ки чунин тарзи тақсимбандӣ минбаъд дар рисолаҳои ба омӯзиши лексикаи лаҳҷаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ бахшидаи Ш.Исмоилов, М.Кабиров, Б.Осимова, З. Замонов, Н. Гадоев, Р. Сангинова, Г. Абдуллоева ва ғ. ба инобат гирифта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар гӯйиши тоҷикони Вахон, аз як тараф, нигоҳ доштани унсурҳои қадима ё субстратии забонҳои эронӣ мушоҳида карда шавад, аз тарафи дигар, дар зери таъсири забонҳои помирӣ, хусусан забони вахонӣ, ҳодисаи ба вуҷуд омадани баъзе калимаву мафҳумҳои хешутаборӣ низ дида мешавад, ки ин хусусиятҳоро дар раванди таҳқиқи ҷузъиёти масъалаи мазкур баррасӣ хоҳем кард.

Лексикаи хешутабориро дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон аз лиҳози дараҷаи истеъмол ба таври зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Калимаҳои умумитоҷикӣ;
2. Калимаҳои хоси лаҳҷа (диалектизмҳои лексикӣ);
3. Калимаҳое, ки аз забони вахонӣ ба луғати лаҳҷаи тоҷикони Вахон ворид шудаанд;
4. Калимаҳое, ки баромади тоҷикӣ надоранд ва хоси забонҳои помирӣ низ нестанд.

Ба гурӯҳи якум калимаҳое шомил мешаванд, ки онҳо асосан моли забони адабии тоҷикианд ва аз ҷиҳати баромад мутааллиқ ба забони тоҷикӣ мебошанд. Онҳо вобаста ба тарзи талаффуз ва шакли истеъмол дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

1) айнан бе тағйироти фонетикӣ истеъмол меёбанд: **бобо**, **бобокалон**, **набера**, **хоҳар**, **хоҳарзода**, **домод**, **зан**, **шӯ** (Ямг, Нижгар, Чилтоқ, Удит);

2) бо тағйироти овозӣ мавриди истифода қарор доранд: **пыдар** (падар), **таға** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар шакли **таго/тагой** ба маънои «бародари модар» ба қайд гирифта шуда, дар лаҳҷаи мазкур муродифи он **холык** низ роиҷ мебошад. Вожаи **ҳамшира** ба маънои «хоҳар» бо таркиби овозии **амшира/hамшира** истеъмол меёбад, ки чунин падида барои соҳибони лаҳҷаҳои тоҷикони Бадахшон зуҳуроти ягона нест, балки вожаҳои **хывар** (хоҳар); **бъродар** (бародар); **писандара** (писари ӯгай); **бъродарзода** (бародарзода, ҷиян); **хысыр** (хусур, падари шавҳар ё зан); **хышдоман** (хушдоман, модари шавҳар ё зан).

Истилоҳи **хонзо** зоҳиран бо калимаи **хонзот** (зоти маҳалии чорво), ки дар лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор И.Сулаймонов (2011, 6, 265) ба қайд гирифтааст, монанд бошад ҳам, он ба маънои «малика», «завҷаи хон» дар гуфтори тоҷикони вахонӣ маъмул аст ва асли он вожаи **хонзода** ба ҳисоб меравад.

Ба гурӯҳи дуюм диалектизмҳои луғавӣ ё калимаю истилоҳоти хешутабориеро дохил намудем, ки онҳо дар гӯйиши тоҷикони Бадахшон, хоссатан тоҷикони Вахон, мақоми махсус доранд вале решаи онҳо дар забони адабӣ дучор намеояд: **нани** (Ямг, Нижгар) –модар, **дади/доди/пыдар** (Ямг, Нижгар) –падар; **доштми** (Ямг) –хоҳар, хешдухтар; **лол** (додар), **лолък** –додарак, **бийор** –бародар ва **бийорък** –додар. Ин вожа асосан дар лаҳҷаи тоҷикони Дарвозу Ванҷ серистеъмол буда, баробари шаклҳои умумиистеъмолӣ ва лаҳҷавӣ дар нутқи тоҷикони Вахон низ дучор меояд; дар нутқи тоҷикони деҳаи Удит калимаи **бийор** (бародар) ва **хоар** (хоҳар) дар таркиби вожаҳои мураккабсохти **бийорзо** (ҷиян, бачаи бародар) ва **хоарзо** (ҷиян, фарзанди хоҳар) ба кор мераванд; **арғън/арғун/йарғун** –омехта, фарзанде, ки яке аз волидонаш аз авлоди сайидҳо ё хоҷаҳо ва дигаре аз мардуми одӣ бошад.

Дар гӯйиши тоҷикони Ишкошим мафҳуми «угай» бо истилоҳи **боғӣ** ва дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон ҳамин мафҳум ба вожаи **бърод**а**рич** ифода меёбад.

Барои ифодаи мафҳуми **набера** тоҷикони Вахон ғайр аз шакли ба тағйироти овозӣ дучоромадаи он **нъwера** ҳамчунин аз шаклҳои классикӣ ва амалкунандаи забони вахонӣ низ истифода мебаранд, ки ин шаклҳо дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969), **набас/набаса/набиса** ба маънои «набера», духтарзода»; «писарзода» тавзеҳ шудаанд (с. 816).

Дар забонҳои шуғнонӣ ва рӯшонӣ дар шакли **нибос/нибес/набус/набес**; сарикӯлӣ: **набус/набес/набас**; язгуломӣ: **набас/hawec**; мунҷонӣ: **haweca**; вахонӣ: **набыс/нъпыс** [6, с. 56] бо андак тағйироти овозӣ ҳамон шаклҳои адабию классикиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон ҳам онро ба гунаи **набоса** дучор омадем. Фарзанди **набера**ро намояндагони лаҳҷаи тоҷикони Вахон дар шакли **натеча** корбаст мекунанд.

Тоҷикони Вахону Ишкошим зимни ифодаи мафҳуми «**келин**» вожаи **сънор/синорро** ба кор мебаранд, ки он дар лаҳҷаҳои Ванҷ, Рашт ва Дарвозу Кӯлоб низ айнан дар ҳамин шаклу маънӣ мавриди истифода қарор мегирад. Калимаи **зача** ба маънои «зани навзоида» дар забони шуғнонӣ ва лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ ва ҳамчунин дар гӯйиши тоҷикони Вахон дар ҳамин шакл роиҷ буда, дар забони вахонӣ ба сурати **зича** ба кор меравад.

Ба гурӯҳи сеюм диалектизмҳое, ки решаи онҳо дар забони адабии тоҷик дучор намеояд, вале аз забони вахонӣ, ба лаҳҷаи тоҷикони Вахон ворид шудаанд, шомил мешаванд. Чунончи, вожаи **нан** дар нутқи мардуми деҳаи Чилтоқ ба маънои «модар» ба кор меравад, вале аҳолии деҳаи Ямг ва Ниҷгар онро дар шакли **нани** истеъмол мекунанд. Мафҳуми модар ба шакли **нан/нани** наздик дар лаҳҷаи тоҷикони Бухоро низ дучор меояд [8, с. 122].

Вожаи **зо** дар нутқи мардуми деҳаи Удит ба маънои «кӯдак, бача» истифода мешавад, ки чунин шаклҳо аз мавҷудияти баъзе унсурҳои шарқӣ эронӣ дар ин минтақаи забонӣ дарак медиҳанд. Калимаи **уштък** низ аслан ба забонҳои помирӣ (вахонӣ, ишкошимӣ) мансуб буда, он ба маънои «тифли навзод, кӯдаки навзоде, ки ӯро акнун парпеч карда бошанд», фаҳмида мешавад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикони Вахон, Ғорон, Ишкошим дар заминаи вожаи **уштък** (тифли навзод, тифли парпечшуда, калимаи мураккаби **уштъкбадал** ба маънои «тифле, ки онро гӯё деву парӣ дуздида бошад ва ба ҷойи он кӯдаки нуқсондори худро монда бошад», истифода мешавад. Вожаи лаҳҷавии **уштукро** ба маънои (кӯдаки навзод) Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев дар лаҳҷаи Роғ (ҷануби Кӯлоб) ба қайд гирифтаанд [9, с.201]. Ин вожа дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ, аз ҷумла лаҳҷаҳои Рашт ва шимолии Кӯлоб, дар намуди **лулак** роиҷ мебошад. Барои ифодаи маънии «бародари падар», ки дар забони адабӣ бо калимаи **амак** ифода меёбад, дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон истифода шудани унсури луғавии **бъчӣ**, ки аслан моли забони вахонӣ мебошад, мавриди корбурд қарор дорад.

Бояд зикр намоем, ки аҳолии деҳаи Чилтоқ асосан аз тоҷикзабонон иборат мебошад, вале ҳудуди 40–45% мардуми ин мавзеъро вахониён ташкил медиҳанд, ки онҳо тайи чанд садсола дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекунанд ва дар забони вахониён корбаст шудани вожаҳои тоҷикӣ, ё ин ки дар нутқи тоҷикон истеъмол ёфтани калимаҳои забони вахонӣ зуҳуроти табиӣ маҳсуб меёбад. Масалан, вожаи **тат** ба маънои «падар» аслан аз забони вахонӣ ба лаҳҷаи мавриди назар гузаштааст.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, хусусан дар лаҳҷаи водии Рашт, истилоҳи **сънд** ба маънои «ҳаромзода» истеъмол меёбад. Калимаи мазкур дар гуфтори тоҷикони Бадахшон, аз ҷумла дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон, низ ба маънои «ҳаромзода, тифле, ки аз падару модари ғайриникоҳӣ ба дунё

омада бошад», фаҳмида мешавад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин калима моҳиятан мафҳуми манфиро ифода мекунад.

Ба гурӯҳи чорум як идда калима–истилоҳоти хешутаборӣ дохил мешаванд, ки баромади онҳо аслан аз забонҳои дигар ба вуқӯъ пайвастааст: а) дар заминаи иқтибосгирӣ аз забони арабӣ: **холък**– дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон ва Ғорон айнан ҳамин тавр ба маънои «таго, бародари модар» роиҷ мебошад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ (1969) низ ба ҳамин маънӣ оварда шудааст [16, с.488]. Дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон зимни калимасозӣ шакли **холък** дар сохтани вожаҳои хешутабории **холъкбача** (тағобача, писари таго) ва **холъкдъхтар** (тағодухтар, духтари таго) ба кор меравад.

Истилоҳи **амак** дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон ба гунаи **амык** истеъмол меёбад, ки он аз вожаи арабиасли **ам**(м) ба маънои «бародари падар» ба вуҷуд омадааст. Ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969, 61) ба мушоҳида мерасад. Истилоҳи а**мма**–муаннаси **амм** дар лаҳҷаи мазкур мисли забони адабии тоҷик ба маънои «хоҳари падар» [17, с.59] кор фармуда мешавад.

2) Калима–истилоҳоте, ки баромади туркӣ (қирғизӣ) доранд: **къмғола** (духтари фотиҳашуда) – дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар шакли «қинғола» ба маънои «арӯсе, ки ҳанӯз никоҳ нашуда бошад, духтари номзадшуда» зикр ёфта, ба қолаби калимасозии забони тоҷикӣ созгор афтода, вожаҳои навъи мураккаби омехтаи **қинғолбозӣ/қинғолабозӣ** сохтани он ҳам таъкид шудааст [17, с.683]. Вожаи **қинғола** дар аксарияти шеваю лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бо ҳамин маъно маъмул аст. Истилоҳи **қайсангыл**–монанди вожаи **қинғола** дар бисёр лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба маънои «хоҳари зан» истифода мешавад. Мафҳуми «зани бародар» бо истилоҳи **йанга** ва «шавҳари хоҳар» бо истилоҳи **йазна** ифода меёбад.

Дар баробари ин, дар лаҳҷаи тоҷикони Вахон бо ҳолатҳои аҷиби забонӣ–ба маънои иловагӣ молик гардидани калимаҳои забони адабӣ дучор меоем. Масалан, вожаи **пъдархон**(д) зоҳиран шакли **падархонд**ро дошта бошад ҳам, дар лаҳҷаи мазкур ба маънои «шоҳиди домод дар рӯзи тӯй» кор фармуда мешавад, ки ин бо «крестный отец»-и русӣ дар мавқеи синонимӣ меояд. Ҳамин вазифаро **модархон**(д)–шоҳиди арӯс дар рӯзи тӯй иҷро мекунад, ки он бо ибораи «крестная мать»-и русӣ муносибати ҳаммаъноӣ пайдо карда, хусусияти этнографӣ касб намудааст. Ё ин ки истилоҳи этнографии **модаршир** ба маънои «зане, ки арӯсро то хонаи домод ҳамроҳӣ мекунад» ва ё вожаи **муштаҳи «модарӣ»** низ этнография буда, ба маънои «колое, ки аз ҷониби домод чун туҳфа ба хонадони яке аз хешони модарии арӯс мефиристанд», фаҳмида мешавад. Чизи дигари ҷолиби диққат ба маънои дигар истифода шудани калимаҳои мураккаби шакли **гандамодар** –фарзанди зани бадхулқ ё **гандападар**–фарзанди марди бадахлоқ мебошад, ки маънои манфии вожаи **ганда** (бад, зишт) ба таври пардапӯш дар калимаҳои мазкур зикр ёфтааст. Воҳиди луғавии мураккабсохти **занғолиб** тибқи қолаби калимасозии забони адабиёти классикӣ сохта шудааст, ки он дар лаҳҷаҳои дигар дар шакли **занкалон** ба маънои «марди мутеи зан» корбаст мешавад.

Мансубияти калима–истилоҳоти хешутабории ҳамхун ва ғайриҳамхунро дар ҷадвал ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

Истилоҳоти хешутаборӣ вобаста ба гурӯҳҳои ҳамхунӣ, ғайриҳамхунӣ ва ҷинсият

гурӯҳ	ҷинсият	истилоҳоти хешутаборӣ дар муҳити лаҳҷа	шакли адабӣ	ҳудуди интишор
ҳамхун	**мардона**	бобо/бowo	бобо	Ямг, Нижгар
		дади	падар	Ямг, Нижгар, Удит
		пыдар	падар	Ямг
		тат	падар	Чилтоқ
		амык	амак	Ямг, Нижгар
		амак	амак	Чилтоқ
		бъчи	амак	Чилтоқ
		таґа	таго(й)	Ямг, Нижгар
		холык/холък	таго(й)	Ямг
		ака	бародар	Ямг
		бъродар	бародар	Чилтоқ
		бийор	додар	Удит
		бийорзо	писари	Удит
		лол/лоълк	бародар,ҷиян	

		холъкбача	додар/додарак	Т/В
ҳамхун	**занона**	нан	писари хола	Т/В
		нани	модар	Чилтоқ
		момо	модар	Ямг, Нижгар
		амма	бибӣ	Ямг, Нижгар
		хола	хоҳари падар	Ямг, Нижгар,
		хыwар	хоҳари модар	Чилтоқ. Я.Н.Ч
		хоар/хоҳар	хоҳар	Ямг, Нижгар
		hамшира	хоҳар	Чилтоқ, Удит
		доштми	хоҳар	Т/В
ҳамхун	**умумиҷинс**	набоса	хоҳар/хешдухтар	Ямг
		hawера	набера	Ямг
		н’боса	набера	Чилтоқ, Удит
		awера	набера	Нижгар
			абера	Ямг, Нижгар,
		натеҷа		Удит, Чилтоқ
			фарзанди абера	Ямг, Нижгар
		уштък	кӯдак	
			тифли парпеч	
		зо	фарзанд	
ғайриҳамхун	**мардона**	хысыр	кӯдак	Удит
		домод	падаршӯ, падари	Ямг
		ewар/ывар	зан	Ямг
		йазна	домод	Ямг
		шӯ	додари шӯ	
		боҷа	шавҳари хоҳар	
ғайриҳамхун			шавҳари хоҳар	Нижгар
	занона	хышдоман	шавҳарҳои ду	
		снор	хоҳарон	Ямг
		йанга	хушдоман	Ямг, Чилтоқ
		қайсангыл	келин	Удит
		зани ewар	ҳамсари бародар	Нижгар
			хоҳари шавҳар, ё	Чилтоқ
		awсун	зан	
			ҳамсари бародари	
		пошкаста	шавҳар	
ғайриҳамхун		айол/awрат	муносибати занони	Ямг
		хеш	ду бародар	
	умумиҷинс	зурйот	зан, духтар	
		сағера	ҷинси зан	
		дугоник	авлод, ақрабо	

Хулоса, дар таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикони Вахон истилоҳоти хешутаборӣ, дар баробари он ки хусусиятҳои луғавию маъноии умумитоҷикӣ доранд, ҳамчунин бо мавҷудияти як қатор диалектизмҳои лексикие, ки хоси ҳамин гӯйиш мебошанд, зимни муносибати ҳамсоягӣ бо забонҳои помирӣ, хусусан забони вахонӣ ва дар шаклҳои махсус ба тағйироти фонетикӣ дучор омадани баъзе калимаҳои иқтибосӣ (арабӣ) нисбат ба лаҳҷаҳои тоҷикии дигар минтақаҳои тоҷикнишини Бадахшон фарқ карда меистад.

АДАБИЁТ

1.Абдуллоева Г. Лексика Каратагского говора. АКД. –Душанбе, 2013. –22 с.
2.Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов. –Душанбе: Ирфон, 2012. –209 с.
3.Замонов З. Лексика даштиджумского говора. АКД. –Душанбе, 2009. –19 с.
4.Исмоилов Ш. Муносибати лексикаи лаҳҷаи Қаротегин бо баъзе аз забонҳои помирӣ //. Масъалаҳои забони тоҷикӣ (Мачмӯаи илмӣ). –Душанбе: ДДОТ ба номи Т. Шевченко, 1991. –С.3–12.
5.Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт. –Душанбе: Ирфон, 2018. –333 с.
6.Карамшоев Д., Бахтибеков Т. Доир ба алоқаи луғавию грамматикии забонҳои помирӣ ва тоҷикӣ // Мачмӯаи илмӣ. Масъалаҳои забоншиносӣ. –Душанбе: Дониш, 1975. –С.54–73.

7.Кабиров М. Лексика говоров таджиков Чирчик Ташкентской области Республики Узбекистан. –АКД. Душанбе, 1995. –18 с.
8.Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро. –Душанбе: Дониш, 1989. –280 с.
9.Неменова Р.Л., Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. (Фонетика, лексика). Ҷилди 1. –Душанбе: Дониш, 1980. –330 с.
10. Осимова Б.А. Лаҳҷаи Хуҷанд (лексика ва фразеология). –Хуҷанд: ММПИ, 2000. –56 с.
11. Писарчик А.К. О некоторых терминов родства таджиков // Сборник статей по истории филологии народов Средней Азии, посвящённый 80 –летию со дня рождения А. А. Семёнова, Т. XVII. –Сталинобод, 1953, стр. 179–186.
12. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка. –Л.: ЛТУ, 1971. –192 с.
13. Сангинова Р. Лексика канибадамского говора таджикского языка. –АКД. –Душанбе, 2012. –23 с.
14. Сулаймонов И. Лексика говоры горного Гиссара. –АКД. –Душанбе, 2019. –25 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.–М.: Энсиклопедияи советӣ, 1969. –950 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. –М.: Энсиклопедияи советӣ, 1969. –951 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. –Душанбе: ҶММ «Ксероксленд» бо ҳамкории интишороти «Сухангустар», Машҳад, 2008. –950 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. –Душанбе: ҶММ «Ксероксленд» бо ҳамкории интишороти «Сухангустар», Машҳад, 2008. –945 с.

ТЕРМИНЫ РОДСТВА ГОВОРЕ ТАДЖИКОВ В ДОЛИНЕ ВАХАНА

Термины родства имеют древную историю, которые в течение времени сохранились их в разные формы в различных говорах и диалектах нашего языка.

В зависимости от родственных отношении исследователи выделяют две типы этих терминов:

1. *Термины кровного родства*
2. *Термины некровного родства*

Такие слова используется в словарном составе диалекта таджиков Вахана в следущих формах:

а) в форме общетаджикских слов: бобо, бибӣ, момо, хwар, зан, шу, набера.

б) слова которые характерны говоре таджиков Вахана:

набис//нъпыс (внук), натеҷа (дети правнука), нан//нани (мать) и т.д

в) диалектизмы корни которых не встречаются в таджикском литературном языке однако в бадахшанских таджикских диалектах употребляются в разные формы: уштьк (новорождённый) бъчӣ (дядя), сънд.

г) Термины родства, заимствованные в говоре таджиков Вахана: холък (дядя), яна (сестра мужа).

Термины родства показывающие широкие возможности словообразование в говорным среде.

Ключевые слова: *говор, лексика, памирские языки, таджикские говоры Вахана, лексические диалектизмы, общеупотребительные слова, термины кровного и некровного родства.*

TERMS OF RELATIONSHIP TO THE SPEAK OF THE TAJIKS IN THE WAKHAN VALLEY

The kinship terminologies have an ancient history, which was preserved in various forms in our dialects over time.

Depending on the kinship relationship, researchers categorised this term into two different types:

1. *Kinship based on blood or consanguineal kinship*
2. *Social kinship*

Such words are used in the dictionary of the Wakhan Tajik dialect in the following forms:

a) in the form of common Tajik words: bobo (grandfather), bibi (paternal grandmother), momo (maternal grandmother),, zan (wife), shu (husband), nabera (grandson or granddaughter).

b) words that are typical in Tajik Wakhan dialect: nabis // napys (grandson), nateja (children of great–grandson or great–grandaughter), nan /nani (mother), etc.

c) some expressions or dialects, which roots are not found in the Tajik academic language, but in Badakhshan Tajik dialects are used in different forms: ushtuk (newborn) bchi (uncle), sund (bastard).

d) Kinship terms that are borrowed from other languages in Tajik Wakhan dialect: kholuk (uncle), yana (husband's sister).

Kinship terms show broad word formation in a colloquial language.

Keywords: *dialect, vocabulary, Pamir languages, Tajik Wakhan dialects, lexical dialects, common words, terms denoting blood and social kinship.*

Сведения об авторе:

Муминова Сафарбегим Бахриевна *–Старший преподаватель кафедры теории и практика языкознания Таджикского педагогического университета им. С.Айни. Тел: (+992) 938220238; E-mail: safarmuminova@gmail.com*

About the author:

Muminova Safarbegim Bahrievna *– a senior Lecturer at Theory and Practice of Linguistic Studies Department, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni; phone number: (+992) 938220238; E-mail: safarmuminova@gmail.com.*

БАРРАСИИ ҚАБАТҲОИ ЛУҒАВИИ ОЙКОНИМҲОИ «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

Имамбердиева С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани ойконимҳои осори бадеӣ дар айни ҳол хеле муфидовар буда, бо ин роҳ дараҷаи корбурди ҷойномҳои ҷуғрофӣ дар офаридани манзара ва тасвири ҳодисаи таърихию бадеӣ муайян мегардад. «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ низ яке аз асарҳои тарҷумаиҳолӣ буда, фарогири ҳаводису воқеоти гуногуни охири асри XIX ва ибтидои асри XX халқи тоҷик маҳсуб ёфта, дар инъикоси ин ҳодисаҳо ҷойномҳои таърихии тоҷикнишин зикр гардидаанд. Мо тасмим гирифтем, ки дар доираи ин нигошта ҷойномҳои ҷуғрофии асарро аз нигоҳи забонӣ мавриди баррасӣ қарор дода, вижагиҳои онҳоро муайян кунем.

Ойконим вожаи юнонӣ буда, маънии хона, хоҷагии хонавода, иншооти биноро дорад ва дар топонимика чун истилоҳ маҷмӯи номи нуқтаҳои аҳолинишин (шаҳр, шаҳрак, деҳа, гузар, маҳалла)–ро ифода менамояд. Ойконимияро низ муҳаққиқон вобаста ба нуқтаҳои маскунӣ аз нигоҳи ҳудуд ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардаанд: *Полионимия* –маҷмӯи номҳои шаҳр; *Комонимия* –маҷмӯи номҳои деҳот; *Урбононимия* –маҷмӯи хиёбону кӯча, пасткӯчаву гузаргоҳ; *Агронимия* –маҷмӯи номҳои майдон ва бозорҳои шаҳр; *Эрготопонимия* –маҷмӯи номҳои муассисаву корхонаҳо, заводу фабрика; *Хрематонимия* –маҷмӯи номҳои марбут ба ҳаёти маданиву равшаннамоӣ; *Хоронимияи шаҳрӣ* – маҷмӯи номҳои кӯчаю маҳалҳои марбут ба касбу кор.

Ойконимҳои «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: *а) полионимия; б) комонимия; в) урбононимия; г) агронимия; ғ) хрематонимия; д) хоронимияи шаҳрӣ; е) эрготопонимия.*

а) Полионимия як бахши ҷудонашавандаи ойкомия маҳсуб ёфта, маҷмӯи номи шаҳрҳо аст ва аз ҷузъҳои **poly**–*сер, бисёрсоҳа, шаҳр* + **onumiya** –*ном* иборат буда, маҷмӯи номи шаҳрҳоро ифода мекунад. Дар асари мавриди баррасӣ чунин номҳои шаҳрро нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ корбаст кардааст: **Бухоро [**7, 10, 12, 22(2), 23(2), 39, 53(3), 60, 63, 66, 71(2), 79, 84, 100, 107, 111(2), 122, 125, 132(4), 133(2), 134, 137(2), 138(2), 140, 141(2), 144, 145, 146(2), 156, 161, 164(4), 165, 166(4), 167, 169, 170(4), 171, 172; **Қ. 2:** 174(7), 175(3), 176(3), 178(4), 179(2), 181(5), 182(3), 183(2), 184(2), 185, 186,187(2), 188, 189(6), 190, 191, 192, 194(2), 196, 198, 214(2), 215, 220, 224, 225(3), 227, 229(3), 230, 239, 240, 241, 243, 246(2), 247, 251, 252, 259(2), 262(2), 265, 267(3), 283(3), 290, 297, 298, 301, 302(2), 303(3), 307, 310, 313(2), 317, 320, 332, 338, 339, 346, 347(2), 348, 351[1], **Самарқанд [**Саҳ. 7, 59, 100, 132, 142(3); **Қ 2:** 175, 176(3), 178(2), 202(2), 203, 216, 220, 225(6), 226, 291(3), 298, 308, 351**], Ғиждувон [**8(2), 9, 13, 62, 71, 72(3), 74, 89(2), 97, 98, 99, 103(2),105(2), 107(3), 108, 110, 114(3), 116(2), 126, 129, 156(3), 159, 163, 164(3), 166(2); **Қ. 2:** 204, 246, 252, 256, 262(3), 263(2), 291**], Шофирком [**Саҳ.8, 9(2), 24, 25, 33, 36, 39, 66, 71, 79, 80(3), 89, 124; **Қисми 2:** 251**], Қаршӣ** [39], **Тошканд [100], Хӯқанд** [301, 302], **Шаҳрисабз** [280], **Қазон** [280], **Макка** [280], **Марғелон** [346, 347(2)], **Фарғона** [347] ва ғ. Аз ин полионимҳои оварда Қазон дар ҳудуди Русия ва Макка дар ҳудуди Арабистони Саудӣ воқеъ аст. Полионимҳои Бухоро, Самарқанд, Ғиждувон, Шофирком, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Марғелон, Фарғона то кунун дар ҳамин шакл ифодакунандаи ҷойномҳо дар Осиёи Миёна ҳастанд ва аз қабили ҷойномҳои бостонӣ маҳсуб меёбанд. Полионими Хӯқанд то имрӯз андаке тағйири шакл карда, дар шакли Қӯқанд мавриди корбурд қарор дорад. Ҳоло чанд мисол аз асар меоварем, ки дар онҳо ин полионимҳо оварда шудаанд: ...табақаҳои гуногуни аҳолии *шаҳри Бухоро* ва машғулоти онҳоро дар бар мегирад [7, с.280]… муҳоҷират ба Самарқанд ва воқеаҳое, ки … инҳоянд программаи иҷмолии ёддоштҳои ман [59]. …аз тобеоти райони *Ғиждувон* буда, …воқеъ аст [8]. …аз Сайидато ном деҳаи райони *Шофирком* муҳоҷир шуда омадагӣ буда …

[8]. Баъд аз мурдани падараш …ба тарафҳои *Қаршӣ* рафтааст [39]. Бештарин деҳқонони районҳои *Ғиждувон* ва *Вобканд* сурудхон ва шашмақомдон буданд [91]. …дар Тошканд кор мекард [100]. ...ин кафшро русҳо надӯхтаанд, балки тоторҳои Қазон дӯхтаанд... [227]. ...чорвои ӯ (падари Ҳайдарқул–Чӯчқа –И.С.) дар айёми тобистон дар байни *Қаршӣ* ва *Шаҳри Сабз* ...мечаридааст [302]. ...ин тобистон яке аз бойҳои Бухоро, ки барои пиллахар ба *Марғелон* мерафт ... ҳамроҳи худ бурд [346]. ... ӯ ҳар рӯз ба бозорҳои атрофи *Фарғона* барои хариди пилла рафта шабона ҳам дар ҳамон бозорҳо мехобид [347].

б) Комонимия як бахши ҷудонашавандаи ойкомия маҳсуб ёфта, маҷмӯи номи деҳаҳо аст ва аз ҷузъҳои k**omos –деҳ** + **onumiya** –*ном* иборат буда, маҷмӯи номи деҳаҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Дар асари мавриди баррасӣ чунин номи деҳаҳоро нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ корбаст кардааст: **Деҳнави Абдуллоҷон** (Деҳнав) [9, 10, 36, 76], **Болои Рӯд [**11, 24(4), 25(2), 35**], Сарваре, Табариён** [11, 160], **Рӯбаҳо** [13,73,75,76], **Қарахонӣ** [33], **Тезгузар** [36, 253, 254], **Боғи Афзал, Қараяғоч, Муҳаммад Боқӣ, Қочихӯрон [**36], **Дарвешобод** [103(3), 105(3), 113, 119(2)], **Паҳмӯза (Паҳнмӯза)** [110, 112], **Обкена** [121], **Сайидкент** [123], **Ялангӣ** [132(2)], **Даҳбед [**142], **Тахти Қӯрғон** [164, 165], **Буркут** [164, 165], **Маҳалла [**167, 243], **Маҳаллаи Шофирком** [190], **Файзобод** [214(2), 215(5), 220(2), 291], **Дилкушои Берун** (Дилкушо) [215, 291(3)], **Ғарбун** [215, 291], **Ҷӯгихона** [220], **Галаосиё** [223, 260(3)], **Каркӣ [**243, 265], **Хариз** [255, 263], **Дарвоз** [259(2), 260], **Розмоз** [262, 263], **Гулобиён** [279], **Бозорча** [283], **Галачӯй** [298].

Аз ин комонимҳои оварда *Деҳнави Абдуллоҷон* (Деҳнав) [9, 10, 36, 76], *Болои Рӯд* **[**11, 24(4), 25(2), 35**],** *Тахти Қӯрғон [164, 165], Боғи Афзал, Муҳаммад Боқӣ, Маҳаллаи Шофирком [190], Дилкушои Берун* (Дилкушо) дар қолаби ибора–комоним шакл гирифта, комонимҳои *Деҳнави Абдуллоҷон, Боғи Афзал, Муҳаммад Боқӣ* ба гурӯҳи антрокомонимҳо мансубанд, зеро дар ташаккули ин комонимҳо номи одамон нақш доранд. Комонимҳои *Сарваре, Тезгузар, Дарвешобод, Обкена, Сайидкент, Даҳбед, Ҷӯгихона, Галаосиё* ва *Галачӯй* дар қолаби комонимҳои мураккаб шакл гирифта, аз ду ҷузъ таркиб ёфтаанд ва ҳар ду ҷузъ тоҷикист. Комонимҳои *Табариён*, *Рӯбаҳо, Қарахонӣ, Каркӣ, Ялангӣ, Бозорча* ба қатори комонимҳои сохта шомил гардида, комонимҳои *Паҳмӯза, Обкена, Буркут, Маҳалла, Ғарбун, Хариз, Дарвоз, Розмозро* ба гурӯҳи сода ва содаи рехта нисбат додан мумкин аст. Дар байни комонимҳои сода ва содаи рехта ҷойномҳои *Буркут, Маҳалла, Ғарбун* тоҷикӣ набуда, ба гурӯҳи забонҳои арабӣ *(Маҳалла, Ғарбун)* ва туркӣ *(Бургут* ба маънои уқоб –И.С.) мансубанд: … аз ҷумлаи деҳоти *Деҳнави Абдуллоҷон* … воқеъ шудааст [10]. Мо фардо обро то *Рӯбаҳо* ва пасфардо то *Деҳнав* мебарем [247, 255]. Ба болои ин дар наздикии ин деҳа –дар деҳаи *Болои Рӯд*, … чандин санги осиё будааст [11, 24(4)]. …дар *Сарваре* ва *Табариён* ном деҳаҳо чандин санги осиё будааст [11]. …Мулло Бобоҷон дар деҳаи *Рӯбаҳо* … имом шуда буд [73]. …ба киштзори деҳаи *Қарахонӣ*, ки …мепайваст [33]. **…**ӯ чанд рӯз пеш ба деҳаи Тезгузар … рафта буд [36(2)]. Киштзорҳои *Боғи Афзал, Тезгузар, деҳаи Қараяғоч* бо киштзорҳояшон, тарафи шимоли *Деҳнави Абдуллоҷон, Муҳаммад Боқӣ* ва як қисми *Қочихӯрон* дар зери рег монданд [36]. …он вақтҳо ҳар сол дар моҳи мизон дар *Дарвешобод* ном маҳаллаи Ғиждувон …сайр мешуд [103(3)]. … деҳае буд, ки вайро *Паҳмӯза (Паҳнмӯза)* меномиданд [110]. Аз деҳаи *Обкена*, аз ҷанозаи касе, –гуфта ҷавоб дод [67]. Бештарин заминони *Соктаре* ва *Сайидкент* дар дасти авлоди ҳамон қозӣ буд [123]. Хоҷагон бо як ҳашамати амирмонанд аз шаҳри *Самарқанд* баромада, ба деҳаи *Даҳбед*, ба тӯйхона рафтанд [142]. ...дар *Маҳалла* ном деҳа, ки ба он ҷо наздик буд, аз Бухоро меҳмон омада будааст [167]. Мулло Абдусалом писари як деҳқони деҳаи маҳаллаи *Шофирком* буда, саводи тоҷикӣ ва арабӣ дошта, хатро хуб менавишт... [190]. ...аз пеши деҳаи *Файзобод* ва *Дилкушои Берун* гузашта, ба *Ғарбун* мерасад [215]. Чун ба роҳи байни *Ҷӯгихона* ва *Файзобод* расида ба тарафи шимол ... баргаштем [220]. Дар гӯштигирӣ эълон карданд, ки аҳолии тобеоти ноибнишини *Галаосиё* ... гӯштӣ хоҳад гирифт [223]. Мо аз он ҷо гузашта ба *Хариз* ном ҷое расидем...[255]. Аммо дуздон аз ин кор хабар ёфта, ба корвони амлокдор дар наздикии деҳаи *Розмоз* ҳуҷум овардаанд [262]. ...як гурӯҳ аз дуздон дар наздикии *Тализарангарӣ*, дар як работи холӣ шабона ҷамъ шуда манзил мекардаанд... [263]. Дар деҳаи мо *Бозорча* –Насими Хархӯр ном як кас буд [283].

в) Урбононимия як бахши ҷудонашавандаи полионимия маҳсуб ёфта, маҷмӯи номи хиёбону кӯча, пасткӯчаву гузаргоҳ аст ва аз ҷузъҳои **arbs** (ю.) –«шаҳрӣ» ва **onim** (ю.) –ном, ки аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои гузару хиёбонҳо ва нуктаҳои аҳолинишини шаҳриро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Дар асари мавриди баррасӣ чунин урбонимҳоро нависанда барои

инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва ҷаззоб баромадани тасвир корбаст кардааст: *Маддоҳони Бухоро* [111], *Бозори Хӯҷа* [138], *Кемухтгарон* [138], *Тоқи Заргарон* [210, 237], *Ҷаъфархоҷа* [233, 237], гузари *Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод* [237], *Гузари Мирзо Ғафур* [291], *Кӯчаи Сангин, Хоҷа Зайниддин, Ҳаммоми Кунҷак, Сиддиқиён, Таги Манор* [305]. ... дар гузари *Маддоҳони Бухоро* зиндагонӣ мекунам [111]. Акаҳоям се рӯз кофтуков карда аз *Бозори Хӯҷа ном* гузари Бухоро як ҷое ёфтанд [138]. Вақте ки мо ба *гузари Кемухтгарон* расидем, акаам дар барф лағҷида афтид, хум шикаст ва ангишт пош хӯрд [138]. Дар ҳамин вақт аз тарафи *Тоқи Заргарон* ... ду нафар намоён шуд [237]. Аҳмади Калла дар гузари *Ҷаъфархоҷа* як ҳавлӣ дошт... [233]. … аз гузарҳои *Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод* гузашта ба *гузари Ҷаъфархоҷа* расидем [237]. ... аз *гузари Мирзо Ғафур* ба тарафи дасти рост ... баргаштем [291]. ... аз он ҷо ба *гузари Кӯчаи Сангин* баромада ба воситаи *гузарҳои Хоҷа Зайниддин, Ҳаммоми Кунҷак, Сиддиқиён* ва *Таги Манор* рафта ба *мадрасаи Мири Араб* даромадем [305].

г) Агронимия як бахши ҷудонашавандаи ойконимия маҳсуб ёфта, маҷмӯи номи майдон ва бозорҳои шаҳр аст ва аз ҷузъҳои **agro** (ю.) –«замин» ва **onim** (ю.) –ном, ки аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои майдони ба замин иртиботдоштаи шаҳрро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Дар асари мавриди баррасӣ чунин агронимҳоро нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва ҷаззоб баромадани тасвир корбаст кардааст: **Сари Пули Эшон** [129], **Регистон** [140, 212, 267(2), 269(4), 270(3), 271, 272(4), 273, 277(3), 278(3), 279, 284, 285(2), 287, 288, 291, 292(2), 304, 305, 306], **Таги Шӯр** (қассобхона) [267], **Бозори Нав, бозори Хӯҷа, сари бозори Ғозиён** [267], **Майдони Машқи Сарбоз** [291, 296, 298], **Саройи Таги Пушта** (сарой) [294, 295], **Растаи Наддофӣ [**304]: Дар наздикии деҳаи мо *Сари Пули Эшон* ном бозорчае буд, ки аз хонаи мо ду километр дурӣ дошт [129]. ...танҳо як бор *Регистон* ва масҷиди *Болои Ҳавзр*о дидам [140]. Яке аз онҳо қассобии *Таги Шӯр* аст, ки аз сад дӯкон зиёдтар дорад [267]. Ғайр аз инҳо дар *бозори Нав, бозори Хӯҷа, сари бозори Ғозиён* ва дар дигар бозорчаҳо ва чорбаққолиҳо қассобон ҳастанд [267]. *Майдони Машқи Сарбоз* дар байни ҳамин ду роҳ воқеъ буд...[291]. Дар сарои *Таги Пушта*, дар сарое, ки он ҷо гаҷкӯбӣ мекунанд, –гуфт Нурбой [294]. ...аз *Регистон* ва *Тоқи Тиргарон* гузашта ба *растаи Наддофӣ* расидем [304].

ғ) Эргонимҳо як бахши антропонимика буда, маҷмӯи номи гурӯҳи одамонеро фаро мегиранд, ки дар бунёд ё шаклгирии ин ё он муассиса, иттиҳод, ширкат, корхона, саҳҳомия, маҳфил ва амсоли инҳо нақш доранд. Ин истилоҳи топонимӣ мансуби забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **ergo** –«меҳнат», «кор», «заҳмат», «фаъолият» ва **onimiy** –ном таркиб ёфта, маҷмӯйи номи муассисаву корхонаҳо, заводу фабрикаҳоро ифода мекунад: *Созмони Милали Муттаҳид, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ансамбли тарона ва рақси «Лола», Ансамбли фолклорию этнографии «Ганҷина», Ансамбли «Наврӯз»,фабрикаи дӯзандагии «Зайнаб–бибӣ», маҒозаи «Зебо», маркази савдоҳои «Садаф», «Пайкар», суратгирхонаи «Ватан»* ва ғ.: **Мири Араб** [9, 133(3), 134, 136(2), 138; **Қ. 2:** 189(2), 192,193, 195, 196(3), 196(3), 197, 199(2), 210, 224, 226(2), 227, 228, 229(2), 233, 236, 239, 241, 265(2), 267, 278, 279]: …вакфи *мадрасаи Мири Араб* буданд [133]. **Чӯбин** – (мадраса): ...он девор ин қитъаро аз роҳи калони *мадрасаи Чӯбин* … ҷудо мекард [107]. **Масҷиди Калон [**133, 137, 279, 306]**:** Маълум шуд, ки дар он ҷо –дар байни саҳни мадрасаи *Мири Араб* ва *Масҷиди Калон* чавкӣ (базми умумии подшоҳӣ) барпо шуда будааст [133]. **Болои Ҳавз** [140, 212(2), 267, 270, 278, 279]: ...масҷиди *Болои Ҳавз*ро дидам, чунки худам ба танҳоӣ ҷоеро намедонистам [140]. **Фатҳулло қушбегӣ** (мадраса): ...ӯ (Мулло Деҳқон –И.С.) аз *мадрасаи Фатҳулло қушбегӣ*, ки ба ҷойи мо наздик буд, як ҳуҷра ёфта буд ва дар он ҷо дарсгӯй мекард [140]. **Мадрасаи Ҷаъфархоҷа:** Ҳатто ҳуҷраҳои *мадрасаи Ҷаъфархоҷа*, ки чӯбин буда, рафта–рафта хароб шуда, қобилияти бошишгоҳии худро тамоман барҳам дода буд [178]. **Мадрасаи Мирзо Улуғбек, Заргарон:** ...аз байни мадрасаҳои *Мирзо Улуғбек* ва *Заргарон* ... гузашта ба гузари *Ҷаъфархоҷа* расидем [237]. **Кӯкалтош [267(2), 307, 308]:** ...кӯшишхонаи вай дар ғарбии *мадрасаи Кӯкалтош* дар паҳлӯи *масҷиди Шайхшост* **...** [267]. **Шайхшо**: ... дар паҳлӯи масҷиди *ҷомеи Шайхшост*, ки вай ғайриуламои *Мадрасаи Кӯкалтош*, рӯзҳои ҷумъа димоғи ҳазорон нафар ҷумъахононро ҳам «хушбӯй» мекунад [267]. **Хиёбон** (раста, мадраса): ...сеюм, қассобии *растаи Хиёбон* аст, ки кушишхонаи вай дар паҳлӯи *мадрасаи Хиёбон* ҷой гирифтааст [267]. **Дорушшифо** (мадраса) [270(2), 271, 272]: ... ки ин бино аз тарафи ғарб аз мадрасаи Дорушшифо бо як тангкӯча ҷудо мешуд ... [270]. **Хонаи Каъба:** ...назар ба қавли ӯ, (Ҳоҷӣ Зокир –И.С.) ки аз шайхи арабҳо нақл мекард, «ҳар кас, ки ба хонаи Каъба дарояд, аз ҳамаи гуноҳонаш тамоман пок шуда, аз модар нав зоидагӣ барин

мешудааст» [280(2)]. **Мадрасаи Ҷинон:** (Мулло Туроб) аз *мадрасаи Ҷинон* як ҳуҷра гирифта дар он ҷо мардумгурезона зиндагӣ мекардааст [308].

д) Хрематонимия навъе аз прагматонимҳо буда, номи чиз ё ашёи маданияти моддӣ, ки бо дасти инсон сохташуда буда, аз ҷузъҳои **xrematos** –чиз, ашё ва **onim** –ном таркиб ёфта, барои ифодаи номи ҷавоҳирот, асбоби мусиқӣ, санги қимматбаҳо ва монанди инҳо меояд. Дар асари мавриди баррасӣ қарор гирифта хрематоними Раҳимхониро (меҳмонхона) нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаи таърихӣ ва ҷаззоб баромадани тасвир корбаст кардааст: Баъзеи онҳо (завворахо (зиёраткунандаҳо)–и амири Бухоро –И.С.) саловатхон буданд, ки ҳар рӯз вақти пешин ба арки подшоҳӣ баромада дар меҳмонхонаи «*Раҳимхонӣ*» ... саловат хонда...[196].

е) Хоронимия як бахши ҷудонашавандаи ойконимия маҳсуб ёфта, номи ҳудудҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо, воҳидҳои ҳудудию маъмурӣ ва ҳоҷагию маъмурӣ ё табиию ҷуғрофӣ, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Фаронса, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, вилояти Хатлон, ноҳияи Ғончӣ, ноҳияи Панҷ ва амсоли инҳоро ифода мекунад. Ин вожа юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **xoros** –«кишвар», «мамлакат» ва **onim** –ном таркиб ёфтааст. Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ чунин хоронимҳоро нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва ҷаззоб баромадани тасвир истифода кардааст: **Россия (Русия)** [164(3), Қ.2. 178, 181, 229], **Ҳиндустон** [66, 194, 195], **Осиёи Миёна** [Қ. 2: 175, 181, 216], **Қазон** [227, 229], **Доғистон** [272], **Кавкази Шимолӣ** [272]. Чанд мисол аз асари «Ёддоштҳо»: ...баъд аз сулҳи байни амир ва подшоҳи *Россия* расман ин қоида барқарор бошад ҳам, амир Музаффар... [164]. Биноҳои мадрасаҳои Бухоро монанди мадрасаҳои дигар қисми *Осиёи Миёна* дуошёна ва баъзан якошёна буда... [175]. ...ин кафшро русҳо надӯхтаанд, балки тоторҳои *Қазон д*ӯхтаанд [227(5)]. ...дӯхти либосҳошон умуман ба шакли либосҳои мардуми *Доғистон* ва *Кавкази Шимолӣ* буд [272].

Гуфтан ҷоиз аст, ки як қисми асосии маводи ойконимии «Ёддоштҳо»–ро ҷойномҳои навъи ойконим–ибора ташкил мекунанд. Аз баррасии ин гурӯҳи ҷойномҳо маълум гардид, ки онҳо дар асоси қолаби ибораи озоди синтаксисӣ ташаккул ёфтаанд. Маводи аз асари мавриди таҳриз бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки ағлаби калимаҳои таркиби ин навъ номвожаҳо баромади тоҷикӣ дошта, дар ҳамин замина ташреҳ намудани онҳо имконпазир мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки номҳои ашхос ё ба истилоҳ антропонимҳо дар ташаккули қолаби ҷойномҳои мазкур ширкати фаъол дошта, дар аксар маврид мансубияти гузар, замин, дӯкон, раста ва дигар нишондодҳоро ба ин ё он шахс нишон медиҳанд.

Хулоса, ин навъи ҷойномҳои асари «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ инъикосгари тарзи зисту зиндагонӣ, машғулиятҳои мардум, урфу одат ва анъанаҳои мардуми шаҳри Бухоро, ки воқеаҳои асосии асари тарҷумаиҳолӣ дар ҳамин шаҳр гузаштааст, ба ҳисоб рафта, омӯзиши онҳо барои бахшҳои дигари илм, аз ҷумла таъриху этнография ва ғ. аҳамияти бузургро молик аст ва метавон тавассути онҳо баъзе суннату анъанаи мардумии минтақаро мушаххас намуд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 11. / С. Айнӣ. –Душанбе, Ирфон, 1976. –С.11–120.
2. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб./Ҷ.Алимӣ. –Душанбе, 1995. –С.82–110.
3. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар./А.Девонақулов.–Душанбе,Ирфон, 1989. –С.48.
4. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ. / А. Мирбобоев. –Душанбе, 2016. –320 с.
5. Нафасов Т. Ўзбекистон топонимларининг изоҳли луғати./ Т.Нафасов. –Тошкент: Ўқитувчи, 1989. –288 с.
6. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номашиносии тоҷик. / О. Маҳмадҷонов. –Душанбе, 2004. –С.19.
7. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон. / Н. Офаридаев. –Душанбе, 2001. –С.125.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., СЭ, 1969. –Ҷ.1. –908 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., СЭ, 1969. –Ҷ.2. –910 с.
10. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд./ Д. Ҳомидов. –Душанбе, 2015. –166 с.

РАССМОТРЕНИЕ ЛЕКСТУРНЫХ СТРУКТУР ОЙКОНИМОВ «ВОСПОМИНАНИЯ» С. АЙНИ

Основное содержание статьи - лексический анализ ойконимов «воспоминание» С. Айни, и автор пытается обсудить эти аспекты на материалах ойконимии. Автор отмечает, что ойконимы «воспоминание» мастера С. Айни как термины номенклатурного поля в терминах построения целесообразно разделить на простые, искусственные, сложные и фразеотопонимы.

Это произведение является одним из шедевров таджикской литературы, и использование этих типов топонимов отражает отраженный в произведении образ жизни, занятия, обычаи и традиции жителей городов и мест, а также их изучение для других дисциплин, включая историю и историю. этнография и др. имеют большое значение, и по ним можно идентифицировать некоторые народные обычаи и традиции региона.

Ключевые слова: *топоним, ойконим, эргоним, хороним, агрономия, полионим, комоним, урбаноним, сода, сохта, комплекс, словосочетание-топоним, язык, структура, таджикский, топонимы, полезная, красивая земля, древний, синоним.*

CONSIDERATION OF LEXTURE STRUCTURES OF OIKONYMS "MEMORIES" S. AINI

The main content of the article is the lexical analysis of the oikonyms "memories" by S. Aini, and the author tries to discuss these aspects on the basis of oikonyms. The author notes that the oikonyms "memories" of the master S. Aini as terms of the nomenclature field in terms of construction should be divided into simple, artificial, complex and phraseotoponyms. This work is one of the masterpieces of Tajik literature, and the use of these types of toponyms reflects the lifestyle, occupations, customs and traditions of the inhabitants of cities and places reflected in the work, as well as their study for other disciplines, including history and history. Ethnography and others are of great importance, and some of the folk customs and traditions of the region can be identified from them.

Keywords: *toponym, oikonym, ergonym, khoronim, agronomy, polyionym, comonym, urbanonym, soda, sokhta, complex, toponym phrase, language, structure, Tajik, toponyms, useful, beautiful land, ancient, synonym.*

Сведения об авторе:

Имамбердиева Саломат *– старший преподаватель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: (+992) 907303119. Адресс, г.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 45.*

About the author:

Imamberdieva Salomat *– a senior lecturer of the Department of Teaching Methods of the Tajik Language and Literature of S. Aini Tajik State Pedagogical University. Phone: (+992) 907303119. Address: sh. Dushanbe, Khiyoboni Radak, 45.*

ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ОНОМАСТИКА

Қаюмова М.Б.

Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Ҳар як забон дар ҷараёни рушди худ тадриҷан пурғановату мукаммал мегардад. Ҷараёни ташаккулу таҳаввули забон, ки ба рушду тарвиҷи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, муносибатҳои байниҳамдигарии халқу миллатҳо робитаи мустақим дорад, асосан дар замина ва бунёди таркиби луғавӣ ва сохти сарфунаҳвӣ сурат мегирад. Дар пасманзари рушди таърихии ҷомеа, ки ба пайдоиши предмету ҳаводиси нав мусоидат мекунад, мафҳумҳои мутобиқи онҳо пайдо гардида, бо номбаршавии онҳо калимаҳои нав низ ба вуҷуд меоянд.

Калимаҳои нав дар замина ва бунёди таркиби луғавӣ ва сохти сарфунаҳвии худи забон ва дар баъзе ҳолатҳо дар натиҷаи иқтибос аз дигар забонҳо пайдо мешаванд. Аз забонҳои дигар гирифтани калимаҳо барои ҳар як забон ҳодисаи маъмулию табиӣ буда, баҳри такмили бештари он забон имконияти зиёд фароҳам меоранд.

Антропонимҳо қисми таркибии сарват ва ғановати луғавии забон мебошанд. Аз ин рӯ, онҳоро бидуни қонунмандиҳои забон омӯхтан номумкин аст.

Номҳои хоси одамон ҳама гуна дигаргунии ҷамъиятро зуд эҳсос мекунанд. Онҳо аз нуқтаи назари муҳаққиқи рус З.Г.Исаева аз дигар категорияҳои луғавӣ бештар бо тағйирпазирию серҳаракатиашон фарқ мекунанд. Вале ин чунин маъно надорад, ки номҳои хоси одамон номураттабу номуташаккил бошанд. Ҳангоми шиносоӣ бо миқдори муайяни антропонимҳо ба

кадом забон тааллуқ доштани онҳоро муайян кардан чандон мушкил нест, зеро вижагии миллии онҳо дар ҷиҳатҳои овозӣ, маъноӣ ва сохти таркибии онҳо зоҳир мегардад .

Тадқиқи антропонимия аз нуқтаи назари иҷтимоӣ марбути сотсиолингвистика мебошад, ки ҷузъи забоншиносии умумист. Муайян кардани тағйироти антропонимҳо, аз як тараф, рушду дигаргунии сохти ҷомеаро нишон диҳад, аз тарафи дигар, собит менамояд, ки аъзоёни ҷомеа нисбат ба чунин тағйироту таҳаввулот бетараф набуда, онро дар лексикаи забон ба таври васеъ истифода мекунанд. Чунин мавзӯъҳо дар якҷоягӣ муносибати байни забон ва ҷомеа, забон ва шуур, забон ва тафаккурро муайян менамоянд.

Ном ба шахс маҳз дар ҷомеа мавқеи хоса дошта, барои муносибати мутақобилаи аҳли ҷомеа зарур мебошад. Номи фард барои ҷомеа бетафовут нест. Аз ин рӯ, мароқ ба номҳоро дарку фаҳм кардан мумкин аст.

Тариқе ки И.В. Бестужев–Лада зикр мекунад, антропонимҳо чун дигар номҳои хос танҳо барои он мавҷуданд, ки вазифаи муайянро иҷро мекунанд. Дар сохтори ин вазифаҳо чор гурӯҳ маълуманд:

1. **Фарқкунонии фардҳо аз ҳамдигар.** Ин вазифа зарурӣ ва оқилона буда, бе он антропонимия умуман маъное нахоҳад дошт.

2. **Иҷтимоӣ.** Ин вазифа ба мақоми фард дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ишора мекунад ва он дар ҳаёти ҷомеа арзишмандии амалӣ дорад.

3. **Анъанавӣ.** Он ба расму русум, анъана, мӯд ва завқи шахсӣ мувофиқат мекунад. Вазифаи мазкур на он қадар зарурист, вале вобаста ба омилҳои айнию зеҳнӣ (объективӣ ва субъективӣ), ки антропонимияи гузашта ва муосирро муайян менамояд, ногузир ва ҳатмӣ мебошад.

4.**Хурофотӣ.** Ин вазифа ба эътиқоди номгузорон ба қувваи фавқуттабии ном [муҳофизат аз қувваҳои бадӣ ва пуштибонӣ аз ҷониби қувваҳои нек, худову фариштагон] алоқаманд буда, он на он қадар зарур ва комилан меваи хурофот аст, вале дар ҷомеаи мафкураи динӣ ва ҳамин гуна боқимондаҳои замони гузашта дошта ногузир мебошад.

Барои маълумоти муфассал гирифтан оид ба антропонимияи тоҷик ҷараёни пайдоиш, ташаккулу инкишофи сохту таркиб ва марҳилаҳои асосии таърихи номҳои шахсиро бояд донист.

Номҳои шахс пеш аз ҳама дар заминаи калимаҳои муқаррарӣ (апеллятивҳо) пайдо гардида, бо мурури замон гоҳо робитаи худро бо асоси пайдоишашон гум карда, ҳамчун аломатҳои номӣ, нишонаҳо боқӣ мемонанд.

Азбаски ҷараёни онимизатсия (табдили калимаҳои муқаррарӣ ба ном) дар шакли таҷассуми номҳои шахс дар апеллятивҳои сершумор ифода мегардад, аз рӯйи ҷанбаю хусусияти апеллятивҳо хусусияти ирсии антропонимҳоро муайян кардан мумкин аст. Дар ин робита пеш аз ҳама номҳои анъанавии бостонӣ дар муқоиса бо номҳои иқтибосии дар зери эътиқодмандии динӣ ё таъсири маданияти халқҳои дигар азхудшуда, ҳамчунин номҳое, ки пайдоишашон ба ин ё он ҷараёни рушди фарҳангиву иҷтимоии ҷомеа вобастагӣ доранд, мавқеи ҷудогонаро ишғол менамоянд.

Қисми муайяни номҳои бостониро бе тадқиқоти махсус низ фаҳмидан мумкин аст, зеро онҳо алоқаи хешро бо лексикаи зинда то ҳанӯз накандаанд ва аз рӯи маънии хеш гуногун буда, одатан мустақим ё бавосита ба ҷиҳатҳои маънавию ахлоқӣ ё ҷисмонии соҳиби ном, ҳолати тавлид, шароити иҷтимоиву иқтисодии волидон, тасаввурот оид ба оламу муҳити атроф, ҷаҳонбинӣ, хусусиятҳои хоси синни кӯдакӣ ишора мекунанд .

Таърихи номҳо одатан бо таърихи ҳаёти ҷамъиятии халқ алоқаи зич дорад. Қонуни рушди зиндагӣ табъу завқ ва мафкураи инсонро тағйир медиҳад, ки он таҷассуми мустақими хешро дар антропонимия меёбад.

Тадқиқотҳои этнографӣ нишон медиҳанд, ки антропонимия марҳилаи муайяни пайдоишу рушдро тай кардааст. Аз рӯи тадқиқоти И.В. Бестужев–Лада антропонимия се марҳилаи рушдро тай намудааст: ибтидоӣ, ғуломдорию феодалӣ ва капиталистӣ.

Марҳилаи ибтидоӣ бо ҷомеаи ибтидоӣ ва сохти ибтидоӣ вобаста мебошад. Дар ин давр таҳаввули тадриҷии ном –лақабҳои сода рӯй медиҳад, ки тавассути низоми мураккаби таҳаввулот ҷараён мегирад.

Омили нахустини мураккабшавии номҳои шахс эътиқод ба нерӯи фавқуттабиии он мебошад. Мардум бовар мекард [ҳозир ҳам аксар эътиқод доранд: ҳангоми дидани фол ва сеҳру ҷоду номи шахс лозим аст], ки истифодаи ном бо нияти бад метавонад ба соҳиби он таъсири манфӣ расонад, ҳатто нобуд созад. Анъанаи махфигардонии номҳои аслӣ маҳз аз ҳамин гуна эътиқод маншаъ гирифта, боиси арзи вуҷуд намудани маҷмӯи мураккаби номҳои рамзӣ шудааст. Дар бештари навоҳии Тоҷикистон то солҳои 40–50 махфигардонии ном (то ба синни балоғат ба ҷойи номи расмӣ

истифода шудани лақаб) мавҷуд буд. Анъанаи махфӣ нигоҳ доштани номи расмӣ дар зери номи ғайрирасмӣ, ки аз умқи таърих (аз давраи муштарак будани забони ҳиндуиронӣ ва ҳиндуаврупоӣ) сарчашма мегирад ва натиҷаи тахайюлоту тасаввуроти атиқа доир ба алоқамандии ном бо рӯҳи одам, номи махфӣ бошад, воситаи ҳимояи соҳиби ном аз қувваҳои бадӣ мебошад, то кунун яке аз вижагиҳои номгузории қисме аз мардуми Бадахшон аст. Анъанаи дуномгузории тоҷикон ба таври умумӣ аз тарафи олимон М. С.Андреев, О.Ғ.Ғафуров қайд гардидааст. Эътиқод ба қувваи фавқуттабиии ном то ба он дараҷае дар шуури инсон ҷой гирифтааст, ки он муддати асрҳо на танҳо барҳам нахӯрд, балки бо шаклу мазмуни нав давом ёфт.

Тадриҷан бо сабабҳои болоӣ номҳои оилавӣ (дар шакли ишора ба аслу насаб), номҳои топонимӣ (ишора ба мавзеи таваллуд ва зист), номҳои касбӣ (ишора ба навъи машғулият ё мавқеи иҷтимоӣ) пайдо шудаанд. Тариқе ки Бестужев–Лада қайд менамояд, бо таназзули сохти ибтидоӣ ин низом ба бӯҳрон дучор шуда барҳам мехӯрад ва шаклан нав мегардад, ҳарчанд ки осори он дар давоми марҳилаи минбаъдаи рушд, дар баъзе мавридҳо то кунун мушоҳида мешавад.

Марҳилаи дуюм, ки давраи гузариш аст, ба таври хронологӣ бо сохти ғуломдорӣ ва феодалӣ алоқаманд мегардад. Дар ин давр нахуст каме содагардонии низоми пешинаи номгузорӣ рӯй медиҳад, ки он ба ташаккули давлат ва гузариш аз динҳои ибтидоӣ ба классикӣ алоқаманд мебошад. Вале тадриҷан як гардиши нави мураккабшавии низоми номгузорӣ мушоҳида мегардад, ки дар чор равия сурат мегирад: а) ташаккули насаб (махсусан барои ашрофон), б) паҳншавии номҳои топонимӣ, в) паҳншавии номҳои касбӣ, г) васеъ паҳн гардидани аввал номҳои шахсӣ, сипас тахаллусу лақабҳои насабӣ.

Баробари гузариш аз сохти феодалӣ ба сармоядорӣ дар ин низом низ бӯҳрон рӯй медиҳад, зеро дар шароити нав ном аз ҷиҳати мавқеъ устувор набуд. Дар ин давр, ки кӯчиш ва миқдори аҳолӣ зиёд асту коргузорӣ шаҳодатномаи шахсиро дар шакли хаттӣ талаб менамояд, лақаб ба сабаби хусусияти ивазшавӣ ва ба фардияти гуногун (ё баръакс бо вариантҳои мухталиф ба як фард) тааллуқ доштанаш, дар муомилаи расмӣ ноқулай мегардад. Аз ин рӯ, низоми нави муосир –ном ё якчанд ном бо иловаи номи падар ва номи насабӣ [гоҳо дукаратӣ] ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тариқ ҳам мешавад, ки тадриҷан тахаллусу лақабҳои насабӣ ҷойи номҳои насабиро мегиранд, яъне аз номҳои ғайрирасмӣ номҳои расмӣ пайдо мешаванд.

Табиист, ки ҳамаи ин марҳилаҳоро ҳар халқ ба тариқи гуногун дар шаклу услуби хоси хеш аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, дар баробари марҳилаҳои умумӣ омӯзишу таҳқиқи мушаххаси марҳилаҳои рушди таърихии халқҳои муайян арзиши муҳимро дорост. Дар ташаккулу рушди номнома ба назари аввал бисёр чизҳо тасодуфӣ ва номафҳум метобанд. Ин зуҳурот ба номномаи тоҷикон низ тааллуқ дорад, зеро дар он номҳои сохту пайдоишашон гуногуни бо олами ҳайвонот, асбоби рӯзгор, табиат, ҷаҳонбинию фаҳмиши фарҳангӣ, эътиқоди динӣ, бо ин ё он забон (арабӣ, туркӣ, русӣ ва д.) алоқамандро вомехӯрем. Ҳудуди мушоҳида ва тадқиқ нисбат ба вақту замон чӣ қадар тангу маҳдуд бошад, зуҳуроти антропонимӣ ҳамон қадар тасодуфӣ, номуназзам ва нофаҳмо ба назар мерасад. Вале агар ба умқи таърих, замон ва макон ҳар қадар ворид шавем, ҳамон миқдор равшан мегардад, ки номнома на маҷмӯи калимаҳои тасодуфӣ, балки ёдгориҳои хоси фарҳангӣ буда, он дар баробари таҷассуми марҳилаҳои гуногуни ҳаёти моддиву маънавии халқ муттасилӣ ва таносуби ҳамаҷонибаи фарҳангҳоро собит менамояд.

Дар забоншиносии дунё, аз чумла забоншиносии собиқ шӯравию рус перомуни масъалаҳои гуногуни исмҳои хос ё антропонимҳо тадқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд, ки ин ҷо танҳо зикри чанд маҷмӯаи библиографии мансуби ономастика шояд кофӣ бошад.

Омӯзиш ва тадқиқи исмҳои хос дар забоншиносии иронӣ тайи солҳои 30–юми асри XX пас аз нашри мақолаи забоншиноси шӯравӣ, профессор В.И.Абаев бо унвони «Дар бораи номҳои хоси достони Нартҳо» вусъат гирифт [1]. Ин раванд хосатан тайи солҳои 60–уми садаи XX то кунун рушд меёбад ва дар атрофи исмҳои хос, аз ҷумла номвожаҳои ашхос, силсилаи тадқиқотҳо ба анҷом расидаанд, ки ҳар яке дар баррасӣ ва тадқиқи ин зуҳуроти забонӣ саҳм гирифтаанд. Номшиноси тоҷик Ш.Ҳайдарӣ (Ҳайдаров) дар асари тозаэҷоди библиографии хеш тадқиқотҳои бахши ономастикаи забонҳои ирониро ҷамъ намуда, онҳоро бо бахшҳои ономастика (антропонимика, этнонимика, геонимика, топонимика, хрематонимика, ктематонимика, теонимика, мифонимика, зоонимика, геортонимика, фалеронимика, хрононимика) гурӯҳбандӣ намудааст, ки маводи он аз охирҳои асри XVIII то соли 2011 марбут мебошанд.

Дар тадқиқ ва коркарди номвожаҳои ашхос ё антропонимҳои забони тоҷикӣ нақш ва хидмати олимони маъруфи номшинос О. Ғафуров, Ш. Ҳайдарӣ (Ҳайдаров), Ф. Абдулло, Д.Д. Мирзоева, А.

Акрамов, М. Диловаров, С. Абдуллоева, М. Аюбова, Р.Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, О. Қосимов, Д. Саймиддинов, Ҳасани Ёрзод, Н. Шарофов, Я. Калонтаров, Б. Бобохонов, Т. Ваҳҳобов, А. Ҳасанов ва дигарон шоистаи зикр мебошанд.

Муҳаққиқи дигар, ки ба омӯзиши номвожаҳои ашхос саҳми бориз дорад, забоншинос Ш.Ҳайдаров (Ҳайдарӣ) маҳсуб аст. Асару мақолаҳои мавсуфро бо назардошти мансубияти маводи таҳлилӣ ба се гурӯҳ тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст: а) асару мақолаҳое, ки ба номвожаю лақабҳои ноҳияи Ашт ва атрофи он (яъне водии Фарғона) бахшида шудаанд. Аз қабили «Антропонимияи тоҷикони шимолу ғарби водии Фарғона (дар мисоли ноҳияи Ашт), «Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони ноҳияи Ашт, «Пажӯҳиши лақабҳои мардуми ноҳияи Ашт» [17;18]ва ғайраҳо; б) асару мақолаҳои оид ба номвожаҳои ноҳияҳои дигари ҶТ. Умуман, Ш.Ҳайдаров аз зумраи забоншиносонест, ки хастанопазирона дар атрофи масоили номшиносӣ тадқиқот мебарад ва аз поягузорони илми ономастикаи тоҷик маҳсуб меёбад. Асару мақолаҳои мавсуф хосатан аҳамияту арзиши амалӣ дошта, дар онҳо ҷанбаи таҳлили сохторӣ дар заминаи ҷанбаи синхронӣ роҳандозӣ шудаанд ва беш аз ҳама тамоюлҳои номгузорӣ ҳадафи тадқиқотҳои муаллиф қарор гирифтаю ба ҷанбаи диахронӣ таваҷҷӯҳ камтар зоҳир гардидааст.

Дар тадқиқ ва баррасии номвожаҳои ашхоси манотиқи Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои Шахртузу Кубодиён забоншинос М.Аюбова саҳм дошта, дар атрофи ин мавзуъ рисолаи номзадии хешро бо унвони «Антропонимияи точикони навоҳии Шаҳритусу Кубодиён» дифоъ намудааст [3]. Муҳаққиқ тавонистааст тамоюлоти рушди ҷомеа ва таҷассуми он дар савияи номгузорӣ, сохтори номвожаҳо ва усулҳои сохтмони онҳо, таърихи иддае аз номҳои ашхосро ба риштаи таҳлил кашад. Дар робита ба тадқиқотҳои номшиносон О.Ғафуров, Ш.Ҳайдаров ва М.Аюбова зикр бояд намуд, ки дар илми забоншиносии тоҷик бахши антропонимика ба соҳаи нави илми номшиносӣ мубаддал гаштааст.

Солҳои ахир дар номшиносии тоҷик тадқиқотҳои муқоисавии номвожаҳои ашхос арзи вуҷуд кардаанд, ки ҳадафи онҳо нишон додани вижагиҳои хоси номвожаҳо дар ду забон мебошад. Ин ҷо зикри чанде аз онҳо зарур аст. Яке аз онҳо тадқиқоти номшинос Д.Мирзоева маҳсуб аст, ки ба омӯзиши забонии антропонимҳои тоҷикию русӣ (дар ҷанбаи муқоисавӣ) бахшида шудааст.

Қобили зикр аст, ки номвожаҳои ашхос дар саҳифаҳои асарҳои энсиклопедӣ низ мавриди шарҳу эзоҳ қарор гирифтаанд ва онҳо ҷанбаи ҳикоявӣ доранд. Дар ин қабил мақолаҳои энсиклопедӣ ғолибан маълумоти умумию муқаддимотӣ оид ба номҳои мавриди таҳлил пешниҳод карда мешавад ва онҳо аз таҳлили амиқи илмӣ хеле камбағал мебошанд. Чунин мақолот, ки оид ба номвожаҳои таърихию устуравӣ бахшида шудаанд, дар сафаҳоти «Энсиклопедияи советии тоҷик» (иборат аз 8 ҷилд), «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат» (иборат аз 3 ҷилд) ба тариқи фаровон манзур гардидаанд.

Як силсила тадқиқотҳои дигар, ки мустақиман ба омӯзиш ва коркарди номвожаҳои ашхоси осори китобӣ бахшида шудаанд, ба ҷанбаи омӯзиши як қисмати антропонимҳои забон, яъне номвожаҳои осори хаттӣ поя гузоштанд. Дар ин бахш зикри тадқиқотҳои Р.Шоев ва С.Абдуллоева ҳатмист, ки мо асарҳои онҳоро мавриди арзёбӣ қарор додем.

Дар мавриди омӯзиш ва баррасии номвожаҳои осори бадеӣ ба тариқи мушаххас то ба ҳол асари тадқиқотӣ арзи вуҷуд накардааст. Оид ба номвожахои ашхос дар асарҳои ҷудогона баъзе қайдҳои муқаддимотӣ, масалан, дар асарҳои профессорон Д.Саймиддинов, М.Қосимова, О. Қосимов дида мешавад. Ҳамчунин, дар атрофи номвожаҳои ашхоси «Шоҳнома» мақолаҳои ҷудогона аз ҷониби забоншиносон Р.Х. Додихудоев, Т. Ваҳҳобов, Ш. Ҳайдаров ва дигарон ба табъ расидаанд, ки дар онхо баъзе ҷиҳатҳои номвожаҳои ашхоси «Шоҳнома» ё номвожаҳои алоҳида ба риштаи тадқиқ кашида шудаанд. Дар Тоҷикистон дар робита ба тадқиқи маҷмӯи антропонимияи «Шоҳнома» Майнусов Д.Ф. тадқиқоти махсусе муфассалан анҷом дода шудааст [5].

Омӯзиш ва тадқиқи паҳлӯҳои мухталифдар забоншиносии Ирон низ хеле густурда ва чашмрас аст, чаро ки дар ин кишвар номҳо ба таҳаввулоти ғайризабонии асл камтар дучор гаштаанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқони Ирон ба омӯзиши номҳо ва исмҳои хос аз ҳама беш таваҷҷӯҳ доранд ва ба итминони комил гуфта метавонем, ки номшиносӣ як бахши бисёр муҳим ва устувори улуми адаб ва забони ин кишвар маҳсуб аст. Мутаассифона, ин баҳоро нисбати улуми адаб ва забони тоҷикӣ гуфтан наметавон.

Дар забоншиносии Ирон ба таҳия ва маънидоди номҳои хос аҳамияти махсус дода мешавад.

Марбут ба ин раванд якчанд луғат, фарҳанг ва номномаҳои марбути осори давраҳои мухталиф имрӯз дастраси аҳли эҳтиёҷ ва муҳаққиқон ҳастанд [5;6;7;8;11;12;13;14;15;16].

Масалан, аз осори зикршуда дар мавриди ҷамъоварӣ ва ташреҳи номҳои «Шоҳнома»-и Ҳакими Тусӣ «Фарҳанги номҳои «Шоҳнома»-и доктор Мансури Растагори Фасоӣ нақши махсус дорад [16]. Дар фарҳанг номвожаҳои хоси «Шоҳнома» гирдоварӣ шуда, аз рӯи имкон баъзе номвожаҳои он бо такя ба асару манобеи нашрӣ оид ба таърихи ташаккули онҳо маълумот пешкаш гардидааст. Бахусус, муқаддимаи фарҳанг собит месозад, ки дар таҳияи фарҳанг муаллифи он ба хулосаҳои ҷиддии илмӣ омадааст. Аз ҷумла: а) дар матнҳои мавҷудаи «Шоҳнома» дар навишти баъзе номҳои хос ба гуногуннависӣ роҳ дода шудааст, ки маҳсули фаъолияти котибон мебошанд. Барои саҳеҳ ва дурустнависии номҳои хос матнҳоро бояд баргузида, матни ислоҳшуда, илмӣ ва саҳеҳ аз «Шоҳнома»–ро омода кардан зарур аст; б) аксари ғолиби номвожаҳои хоси «Шоҳнома» порсӣ (яъне иронӣ) мебошанд ва исботи онро ҳамин медонад, ки аз миёни номҳои мундариҷа дар «бои алиф»-и ин фарҳанг танҳо ду ном порсӣ нест ва дар бахши «ҳамза» аз миёни 93 ном 70 ном порсӣ аст, 10 ном арабӣ ва моҳияти бақияи номҳо низ рӯшан нест; в) номи бештари «бегонагон, бавижа тӯрониён, порсӣ» будааст; г) бисёре аз номҳои «Шоҳнома» аз ҷиҳати сохтор мураккаб буда, нисбати онҳо теъдоди номҳои сода камтар арзёбӣ мегардад.

«Фарҳанги «Шоҳнома»-и Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ низ барои мураттаб намудан ва дар як ҷо фароҳам овардани номҳои касон [антропонимҳо] ва ҷойҳо (топониму микротопонимҳо) нақши хоса дорад [6]. Бо итминон гуфта метавонем, ки дар ин фарҳанг ҳамаи номи касону ҷойҳо бо шарҳу эзоҳи он гирд оварда шудааст, ки муҳаққиқони номвожаҳо метавонанд ба тариқи пурсамар истифода баранд.

Дар Аврупо нахустин маротиба фарҳанги мукаммали «Шоҳнома» аз ҷониби шарқшиноси олмонӣ Фритс Волф мураттаб гардида, соли 1935 ба нашр расида буд [19]. Соли 1998 бошад, тарҷумаи форсии он дар Ирон бо номи «Фарҳанги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» ба табъ расид. Лаёқату шоистагии ин фарҳанг дар он зоҳир мегардад, ки дар он номвожаҳои «Шоҳнома» ба мукаммалан сабт ёфтаанд [19].

Адабиёти форсии тоҷикӣ, осори таърихию ҷуғрофии гузаштагони мо вобаста ба мавзӯи тасвир ва ҷанбаи бадеияшон саропои номвожаҳо буда, то кунун оиди гунарангию вижагиҳо ва мақому манзалати онҳо дар мутуни бадеию таърихӣ тадқиқоти мушаххас, комил, амиқ дар номшиносии тоҷик роҳандозӣ нагардидааст.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон ба номҳо чӣ олимон ва чӣ мутахассисони соҳаҳои номгузорӣ он қадар аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Масалан:

1.Аксари номҳои нуқтаҳои калони аҳолинишини кишварамон ҳоло ҳам дар шакли туркӣ–ӯзбакӣ боқӣ мондаанд ва онҳоро бояд муассисаҳои салоҳиятдор иваз кунанд;

2.Дар суннату анъанаи тоҷикон, умуман ориёнажодону мусалмонон ҳеҷ давру замон ба нуқтаҳои маскуние, аз қабили шаҳр, ноҳия, деҳа, кишвар номи шахсонро намегузоштанд ва инро ғайри қобили қабул медонистанду баръакс таърихан мардум ному насаби худро аз нуқтаҳои маскунӣ мегирифтанд. Ҳоло бошад, бубинед ноҳияҳоеро, аз қабили Н.Хусрав, А.Ҷомӣ, Б.Ғафуров, Ҷ.Балхӣ, М.С.А.Ҳамадонӣ ва чанде дигар мондаанд, ки хоси суннату анъана ва номгузориҳои таърихии мо намебошанд.

3.Аксари мардумро тоҷикон ташкил мекунанд, аммо бубинед, ки чӣ қадар дағалу фоҳиш муқаддастарин мафҳумҳои хешу табории мо бо луғатҳои туркзабонону муғулнажодон омезиш махлут: оча, ата, таға, ака, апа, келин ва ғайра мафҳумҳои муқаддас, ки бояд тибқи ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ иваз шуда, ба танзим дароварда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Абаев, В.И.О собственных именах нартовского эпоса/В.И.Абаев//Язык и мышление.–Л.,1935.–С.63–78.
2. Атобакӣ, Парвиз. Вожаномаи «Шоҳнома». –Техрон, 1386. –369с.
3. Аюбова, М.Антропонимияи точикони навоҳии Шаҳритусу Кубодиён/М.Аюбова.–рисолаи номзадӣ, 2002.–156с.
4. Волф, Фритс. Фарханги «Шохнома»-и Фирдавсй/Фритс Волф.–Техрон, 1998.
5. Майнусов, Д.Н. Антропонимы «Шахнаме» Абулкасыма Фирдоуси: (лингвистический аспект): АКД/Д.Н. Майнусов.–Душанбе, 2013.–27 с.
6. Мозандаронӣ, Ҳусайн Шаҳид. Фарҳанги «Шоҳнома». Номи касон ва ҷойҳо/Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ//Нашри Балх.–Бунёди Нишобур,1337. –814 с.

7. Нахӣ, Ҳусейн. Номнома. –Теҳрон, 1334.–490 с.
8. Нушин, А. Вожаномак.–Теҳрон:Муин,1384.–479с.
9. Ҳайдарӣ, Ш. Мақолаҳои номшиносӣ/Ш.Ҳайдарӣ.–Пермь: Форвард, 2001.–116с.
10. Ҳайдаров, Ш. Пажӯҳиши лақабҳои мардуми ноҳияи Ашт.–Перм: Форвард,2001.–116 с.
11. Пурпорсӣ, Меҳрубон Гуштосп. Ганҷинаи номҳои иронӣ/Меҳрубон Пурпорсӣ.–Теҳрон: Фуруҳар,1362.–124с.
12. Разӣ, Ҳошим. Фарҳанги номҳои Авасто (иборат аз 3 ҷилд)/Ҳошим Разӣ.–Теҳрон: Фуруҳар,1346
13. Ризозода, Шафақ. Фарҳанги «Шоҳнома»/Шафақ Ризозода.–Теҳрон, 1971.–271с.
14. Ризозода, Шафақ.Сайре ба сарвати номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе/Шафақ Ризозода//Мақолаҳои номшиносӣ.–Перм: Форвард, 2001. –136с.
15. Фасоӣ, Мансури Растагор. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». ҷ.1–2/Мансури Растагори Фасоӣ.–Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369, ҷ.1. –594 с.
16. Фасоӣ, Мансури Растагор .Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». Ҷ.1–2.–Теҳон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369.Ҷ.1.–594с.
17. Хайдаров, Ш. Антропонимика. Топонимика. Этносотсиолингвистика/Ш.Ҳайдаров//Сборник статей.–Пермь: От и До, 2011. –208с.
18. Хайдаров, Ш. Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони ноҳияи Ашт/Мансури Растагори Фасоӣ.–Душанбе: Дониш, 1986.–228с.
19. Fritz Wolff. Glossar zu Firdosis Schahname. –Berlin, 1935.

ПРИРОДА И СУЩНОСТЬ ОНОМАСТИКИ

В статье рассматриваются особенности сущности и природы ономастики как науки.

По мнению автора статьи, каждый язык в процесе своего развития постепенно совершенствуется. Процесс становления и развития языка, непосредственно связанный развитием экономической, социальной, политической и культурной жизни общества, взаимоотношение народов и наций, в основном происходит на основе лексического состава и грамматического строя. В контексте исторического развития общеста, содействующее возниконовению предмета и бурных событий, появляются соответствующие понятия, также формируются новые слова.

Автор отмечает, что к сожалению, в Таджикистане мало уделено внимания именам как со стороны ученых, так и специалистов. Например:

1.Большинство названий населенных пунктов страны все еще функционируют в тюрко–узбекской форме и их должны заменить компетентные учреждения;

2.В традиции таджиков и вообще арийцев никогда не присволи названия населенным пунктам, таким как города, районы, селения, страны имена людей и это не признавали как нормальное явление, наоборот, исторически люды заимствовали из названия населенный пунктов себе собственные имена. А теперь некоторым районам, присвоили такие названия как: Н.Хусрав, А.Джоми, Б.Гафуров, Дж.Балхи, М.С.А.Хамадони и некторые другие, не характерные традициям наречения имен;

3.Большинство граждан республики составляют коренные таджики, однако, как видится, множество священных родственных понятий смешены грубыми тюрко–монгольскими лексическими единицами: оча (мать), ата (отец), таґа (дядя), ака (брать), апа (сестра), келин (сноха) и другие священные понятия, подлежащие на основе нормативно–правовых документов, регулированию.

Ключевые слова: *сущность, содержание, ономастика, имена собственные людей, международные отношения, определенное количество людей, антропонимика, наречение имени, специалисты сферы наречения имен, традиция таджиков, имя и фамилия, историческая номинация.*

NATURE AND ESSENCE OF ONOMASTICS

The article deals with the features of the essence and nature of onomastics as a science. According to the author, each language in the process of its development is gradually improving. The process of formation and development of the language, directly related to the development of economic, social, political and cultural life of society, the relationship of peoples and Nations, is mainly based on the lexical composition and grammatical system. In the context of the historical development of the community, contributing to the emergence of the subject and violent events, there are relevant concepts, also formed new words.

The author notes that unfortunately, in Tajikistan little attention is paid to the names of both scientists and specialists. For example:

1.Most of the names of settlements in the country still function in the Turkic–Uzbek form and should be replaced by the competent institutions;

2.In the tradition of the Tajiks, and the Aryans never prizvali the names of settlements such as cities, districts, villages, country the names of the people and is not recognized as a normal phenomenon, on the contrary, historically, people have borrowed from the name of the locality points their own names. And now some areas have been given such names as: N. Khusrav, A. Jamie, B. Gafurov, J.Balkhi, M. S. A. Hamadoni and some other, not characteristic traditions of naming names;

3.Most of the citizens of the Republic are indigenous Tajiks, however, it seems that a lot of sacred related concepts are mixed with coarse Turkic–Mongolian lexical units: OCHA (mother), ATA (father), TA maa (uncle), aka (take), APA (sister), Kelin (daughter–in–law) and other sacred concepts subject to regulatory documents.

Keywords: *essence, content, onomastics, proper names of people, international relations, a certain number of people, onomastics, naming, specialists in the field of naming names, the tradition of the Tajiks, a name, a historic nomination.*

Сведения об авторе:

Каюмова Мубина Бобоевна *- заведующая кафедрой таджикского языка и литературы Педагогического колледжа Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова -16.Тел.: (+992) 987886656.*

About the author:

Qayumova Mubina Bobina *– chair of the Department of Tajik language and literature teachers College Kulob State University named after A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulyab, S. Safarova str. –16.Tel: (+992) 987886656.*

НАҚШИ КАЛИМАСОЗИИ МОРФЕМАИ «ХОНА» ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ (аз рӯйи маводи ҷилдҳои 3-4)

Сатторов Н.С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Калимасозӣ роҳҳо ва воситаҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои навро меомӯзад. Вай ба сохти грамматикии забон алоқаманд буда барои такмили таркиби луғавӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина метавон гуфт, ки калимасозӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини ҳиссаҳои нутқ мебошад. Калимаҳои мураккаб аз фонди луғавии забон маншаъ гирифта, боиси инкишофи таркиби луғавии забон мегарданд.

Истифодаи калимаи **хона** дар забони тоҷикӣ дар калимасозии мураккаби тобеъ бисёр назаррас мебошад. Чунончи дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ зиёд истифода мешавад, ба тарзе ки бемуболиға саҳифае нест, ки дар он калимаи мазкур дар ҳамбастагӣ ба калимаҳои дигар мураккаб шуда наомада бошад. Ҳамин аст, ки дар осори илмии забоншиносӣ ҳангоми баррасии исмҳои мураккаби тобеъ, бевосита ба нақши калимаи **хона** дар ташаккули ин гуна калимаҳо ишора шуда, ба таври муфассал атрофи он сухан мегӯянд. Истифодаи вожаи **хона** зимни баррасии исмҳои мураккаби тобеъ на дар сохтори факки изофат, балки ҳангоми таҳлили калимаҳои мураккаб баргирифта аз ибораҳои ғайриизофии исмӣ меояд. Дар ин қабил исмҳои мураккаб ҷузъи асосӣ на дар ҷойи якум, балки дар ҷойи дуюм меистад. Дар забоншиносии муосири форсӣ бошад, аз ин гуна таркиботи исмӣ ба истилоҳи изофаи мақлуб ёд карда шудааст. Чунончи Хонларӣ мегӯяд: «*таркиби ду исм, ки изофаи мақлуб хонда мешавад ва аз маҷмӯи калимаи дигаре, ки исм аст, ба даст меояд*» [8, ҷ.3, с.54]. Дар ин ҷо номбурда ҷумлаи «*Баъд аз он хонаҳост, ки зиёфатхонаҳои Иброҳим будааст*» ҳамчун намуна овардааст, ки дар он исми мураккаби зиёфат+хона бо изофаи мақлуб сохта шудааст.

Яке аз қолибҳои исмҳои мураккаб, ки дар онҳо калимаи тобеъ дида мешавад, қолиби исм+исм мебошад. Ба таъкиди донишмандон ҳама калимаҳои мураккаби ифодакунандаи макон, ки ҷузъи дуюм ва асосиашон **хона** мебошад, як хел нестанд, онҳо вобаста ба ҷузъи тобеашон вазифаи гуногунро адо мекунанд [3, с.153; 2, ҷ. 1, с.119]. Дар зер барои таъйиди сухани боло ҳамчун намуна

исмҳои мураккабе, ки ҷузъи дувумашонро вожаи **хона** ташкил медиҳад, оварда шуда, саъй дар он мешавад, ки он исмҳо аз иқтибосоти арабӣ интихоб шаванд: а) ҷузъи тобеъ шахсро далолат кунад, исми мураккаб ҷойи машғулият ва касбу корро ифода менамояд, ба монанди қозихона, ки аз ду калима қозӣ–исми шахс ва хона таркиб ёфтааст («*Ноиби қозикалон хати ваколатро ба тарзе ки дар қозихонаҳои Бухоро одат буд, навиштааст*») [1, с.512].

Илова бар ин, исмҳои мураккаби ноибхона [ноиб+хона] (ба Галаосиё ба ноибхона рафта будам) [1, с. 366], ҳокимхона [ҳоким+хона] (ҳар дуямонро зада–зада аз ҳокимхона ба кӯча бароварда пеш карданд) [1, с. 435], қорихона [қорӣ+хона] (монанди дигар падарони фарзандонашон нобино маро ба қорихона дод, ки дар он ҷо Қуръон ҳифз кунам) [1, с. 435], ғарибхона [ғариб+хона] (*Мадрасаҳои Самарқанд подахона ва мадрасаҳои Бухоро ғарибхона гардида буданд*) [1, с.132] ва раисхона [раис+хона] (*баъд аз таъзир раис фармуд, ки он «гунаҳгор»–ро ба раисхона бурда, дар зинхона нигоҳ доранд*) [1, с. 276]–ро низ метавон ба гурӯҳи мазкур ворид кард.

Чи тавре дида мешавад, чунин исмҳо маконеро ифода мекунанд, ки махсуси исмҳои ҷузъи тобеъ мебошад, яъне хусусияти таъйинотӣ доранд [3, с. 154]. Дар ин ҷо метавон аз калимаи иқтибосии арабӣ ҳалво ва суффикси тоҷикии шахссози –гар ёдовар шуд, ки дар якҷоягӣ–ҳалвогар ба шахс далолат менамояд ва бо илова шудани хона ба он исми мураккаби ҳалвогархона [ҳалво+гар+хона] (*Дар даруни ҳавлӣ як хонаи калон ҳаст, ки вай ҳалвогархона аст*) [1, с.17] таркиб меёбад, ки ба макони ҳалвогарӣ далолат месозад.

Исмҳои мураккаби амлокдорхона [амлок+дор+хона] (*Амир пагоҳонӣ ба Ғиҷдувон омада, ба амлокдорхона фуромада ва аз Рустами ашкӣ тарсида зуд гурехта ба тарафи шаҳр рафтааст*) [1, с.540] ва аробакашхона [ароба+каш+хона] (*сеюмашон барои ароба ёфта оварда ҷасади мақтулро ба деҳа бурдан ба аробакашхона рафт*) [1, с.599] ба монанди ҳалвогархона таркиб ёфтаанд, танҳо фарқ он аст, ки дар онҳо на суффикс, балки асоси замони ҳозираи феъл истифода шудааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ҳалвогархона, аробакашхона ва амлокдорхона калимаҳои мураккаби тавассути вожаи хона сохташудае ба шумор мераванд, ки пеш аз қабули ин вожа як зинаи калимасозӣ (пасвандӣ ва илова шудани асоси замони ҳозираи феъл)–ро аз сар гузаронидаанд; б) исмҳое низ ҷузъи тобеи калимаи хона шуда метавонанд, ки ҳайвонот ва паррандагон, ҳашарот ва хазандагонро мефаҳмонанд. Дар чунин маврид исми мураккаб ҳамчун иқоматгоҳи ҷузъи тобеъ воқеъ мегардад [2, ҷ. 1, 119].

Воқеан, дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ исмҳои мураккабе, аз қабили асбхона, говхона, аккахона, хархона, говхона ва ғайра ба таври васеъ истифода шудааст, вале чи тавре дида мешавад, ҳеҷ ҷузъе аз он вожаи иқтибосӣ нест. Дар ин бахш танҳо калимаи мол, ки дар таркиби исми мураккаби молхона [мол+хона] (*зану бачаи худро ба қисми молхонаи ҳавлии бой кӯчонда оварда, дар он ҷо дар гӯшаи як коҳхона зиндагонӣ сар кардааст*) [1, с.308] меояд, метавонад ҳамчун вожаи иқтибосии арабӣ (мол а.–дорой, сарват; мулк, молу мулк, моликият, пул, сармоя; коло, порча [4, ҷ.2, с.701; 5, ҷ.1, с.810] муаррифӣ гардад. Вале ин нуктаро бояд зикр намуд, ки он маъное, ки мол дар забони тоҷикӣ (ҳамчун чорво, хусусан чорвои майда) касб кардаву дар ин ҷо истифода шудааст, аз маънои аслии он ба пуррагӣ дур гашта, як навъ калимаи асили тоҷикӣ гардидааст; в) бештарини исмҳои мураккабе, ки ҷузъи тобеашон предметро мефаҳмонад, ҷойи чизнигаҳдорӣ, маҳфузгоҳ ва анборро мефаҳмонанд [3, с.154].

Гуфтан бамаврид аст, ки дар ин бахш низ намунаҳои зиёде аз «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ, аз қабили *ҳезумхона, ангишхона, регхона, обхона, зинхона* ва ғайра овард, вале барои ифодаи нақши калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ин гуна маврид аз исми мураккаби аслиҳахона [аслиҳа+хона] (*Дар тарафи шимоли Тахтапул қӯрхонаи (аслиҳахонаи) амир воқеъ шуда буд*) [1, с.203] мисол шуда метавонад, ки он ҳам дар байни қавсайн ҳамчун калимаи тафсиркунанда оварда шудааст. Ба андешаи инҷониб овардани калимаи китобхона [китоб+хона] (*Китобхонаи Шарифҷон–махдум беҳтарин ва бойтарини китобхонаҳои хусусии шаҳри Бухоро буд*) [1, с.293] низ дар ин ҷо муносиб аст, чун ба макони нигаҳдории китоб ишора мекунад.

Бояд гуфт, ки дар «Ёддоштҳо» С.Айнӣ барои ифодаи махзани китобҳо аз шакли ҷамъи он–кутуб низ истифода кардааст: кутубхона [кутуб+хона] (*Дар замони пеш баъзе мадрасаҳо кутубхонаи махсус ҳам доштааст*) [1, с.132].

Исми таркибии нақорахона [нақора+хона] (бар болои дарвозаи арк дар нақорахона нақораҳошонро тафсонда таранг карда, чӯбакҳо дар даст тайёр меистоданд) [1, с.572] мисоли ин бахш шуда метавонад.; г) ҷузъи тобеи исмҳои мураккаб аз исмҳои абстракт (маънӣ) низ ифода меёбад. Вобаста ба маънои луғавии калимаи тобеъ исми мураккаб ҳамчун макони амалу ҳаракат ва ҳолату вазъият воқеъ мегардад [1, ҷ.1, с.119]. Барои ин исмҳои мураккаби ғуслхона [ғусл+хона] (*Махдуми Гав офтобаҳояшро пуроб карда, ба ғуслхона рафт*) [1, с.156], дарсхона [дарс+хона] (*Пеши як айвони болоиро девор кашида дарсхона сохтаанд*) [1, с.296], ғамхона [ғам+хона] (*бо оҳу нолаву афғон дар ғамхонаи худ менишастагӣ шуд*) [1, с.358], тиҷоратхона [тиҷорат+хона] (*Мирзо ҳар рӯз пагоҳонӣ ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт*) [1, с.444], ғайбатхона [ғайбат+хона] (*«Ғайбатхона» ном ниҳода шудани мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб як дараҷа дуруст ҳам буд*) [1, с.478], фатвохона [фатво+хона] (*шакли «фатвохонаи ҳарбии динӣ»–ро ба худ гирифта буд*) [1, с.505], тамошохона [тамошо+хона] (*Муаллиф ин ҳолро дар кӯчаҳо ва тамошохонаҳои Петербург низ дидааст*) [1, с.559], хамирхона [хамир+хона] (*Духтарони баднамо ва дилнокаш дар хизмати ошхона, хамирхона ва ҷомашӯйхонаи шайх, ки ин «хонаҳо» бояд дар ҳар шабу рӯз барои садҳо нафар хонақоҳнишин кор мекарданд, мепӯсиданд*) [1, с.590], ҳабсхона [ҳабс+хона] (*маслиҳатдиҳандаи аробакашони Файзобод дар бораи гурезондани аробакаши маҳбус дар роҳи ҳабсхона... худи ӯст*) [1, с.526] ва қиморхона [қимор+хона] (*вазифаи дигарашон қиморбозиро манъ кардан буд, аммо дар қаровулхонаҳои худ қиморхона кушода, номи онро «пойтуг» монда буданд*) [1, с.478] намуна шуда метавонанд.

Мавриди зикр аст, ки на дар ҳамаи ин калимаҳо **хона** ифодагари иқоматгоҳ шуда метавонад, чун бештари ин калимаҳо ба маънои маҷозӣ истифода шудаанд ва ин маъно, пеш аз ҳама, аз рӯйи монандии шакли калимаҳо ё предметҳо пайдо шудааст. Масалан, калимаи ғамхона на ба маънои он ки худи хона ғамноку ғамангез бошад, балки ин мафҳум маҷозан аз рӯйи ягон ҳодиса ва мусибате ба тамоми аҳли он хонавода таъсир расондан аст, ки онҳо дар ғаму ғусса мемонанд [7, с. 25]

Дар баробари ин, дар ҷилдҳои 3–4–и «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ исми мураккаби соҳибхона [соҳиб+хона] (сифати феъли тарзи фоъилии забони арабӣ ва вожаи тоҷикӣ) (*Аммо соҳибхона дар ин гуна шабҳо ҳам дар гӯшае нишаста, ба кори худ машғулӣ мекард*) [1, с.286], ки ба таври факки изофат сохта шудааст, ба таври васеъ истифода гаштааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки С.Айнӣ шакли изофии ин исми мураккабро низ истифода кардааст: (*баъзеҳо бо шароби дастии соҳиби хона шеркайф ҳам шуда мегирифтанд*) [1, с.286].

Дар «Ёддоштҳо» ҳамчунин исми мураккаби хонавайрон [хона+вайрон] (*...ва дар кори камбағалони Бухороро хонавайрон кардани онҳо ҳукумати амир бевосита манфиатдор аст*) [1, с.302] бисёр истифода шудааст, ки дар радифи хонасалот ва дар муқобили исми дигари мураккаб хонаобод қарор мегирад.

Хулоса, тавассути вожаи хона дар «Ёддоштҳо» С.Айнӣ на танҳо бо калимаҳои асили тоҷикӣ, балки ҳамроҳ ба калимаҳои иқтибосии арабӣ низ калимаҳои мураккаб сохтаву барои расонидани фикр ва тасвири муҳиту ҳодиса ба таври густарда корбурд намудааст.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм)/ С.Айнӣ. Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. –680 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. –356 с.
3. Рустамов Ш. Исм. /Ш.Рустамов. –Душанбе: Дониш, 1981. –220 с.
4. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ –тоҷикӣ. /С. Сулаймонӣ Ҷилди 1. –Душанбе: Эрграф, 2005. –1046 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. –Душанбе: Дониш, 2008. –950 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. –Душанбе: Дониш, 2008. –945 с.
7. Холов М. Хона ҳамчун ҷузъи калимаҳои мураккаб дар «Дохунда»-и С.Айнӣ/М.Холов. Мактаби советӣ. –Душанбе, 5 майи 1975. С.24–26.
8. Хонларӣ П. Таърихи забони форсӣ/П.Хонларӣ. Ҷ.3. –Теҳрон: Фарҳанги нашри нав, 1372. –490 с. [бо забони форсӣ].

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ РОЛЬ МОРФЕМА «ХОНА»В «ЁДДОШТХО» (ВОСПОМИНАНИЕ) С. АЙНИ (по материалам 2–3 тома)

Словообразования является одним из основных принципов становления и формирования словарного состава таджикского языка и безусловно в ней огромную роль играют сложные слова. В образовании сложных слов детерминативного типа в «Ёддоштхо» (воспоминания) С.Айни

морфема «хона» присоединяяс к заимствованным арабским лексическим единицам занимает особое место и по различным моделям образует многочисленные лексемы. Эти лексемы в основном обозначают место занятия людей. Часть сложных слов образованных при помощи морфемы «хона» имеют один степень, а другаю часть два ступени словообразования, которые анализированы в данной статье.

Безусловно, в формировании сложных слов детерминативного типа в «Ёддоштхо» (воспоминание) С. Айни морфема «хона» играет важную роль и способствует пополнению словарного состава языка.

Ключевые слова: *словообразование, сложные слова, степень словообразования, хона, суффикс, морфема, заимствования, арабское происхождение.*

ROLE OF THE WORD–FORMATION OF THE MORPHEME " ХОНА"IN «MEMORENDUM» OF SADRIDDIN AYNI (from the materials of 3–rd and 4 th parts)

Word formation is one of the main ways of forming and developing the lexical structure of the Tajik language. Complex dictionaries are specialized in it. When constructing complex words, the determinant of the morpheme "хона" simultaneously with the amazing palms in" note " S. Ayni created an important sector of complex words and built many different templates with it. The most complex words constructed from this morpheme mainly represent a place to practice and a profession, while the subordinate part refers to a person.

Some of the complex words created by the component "хона" survived one level of words and the other part of the two levels that were subjected to scientific consideration in this article.

Of course, the role of morpheme "хона" in the formation of complex typical words of the determinant in the «Memorendum» of S. Ayni is important and helps to improve the composition of the dictionary.

Keywords: *abbreviation, compound word, word combination, home, suffix, morpheme, extract, Arabic.*

Сведение об авторе:

Сатторов Нурали Саидалиевич *– Саискатель кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел: (+992) 935949323 E–mal: nuralijon82@mail.ru*

About the author:

Sattorov Nurali Saidalievich*– an applicant for the Department of Theory and Practice of Linguistics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone number: (+992) 935949323 E-mail: nuralijon82@mail.ru*

РОЛЬ И МЕСТО ОТНОСИТЕЛЬНЫХ СЛОВ В ОРГАНИЗАЦИИ ТЕКСТА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Рузиев А.Ш.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Наряду с основных вышеназванных присоединительных союзов, в качестве средства связи между присоединяемым элементом и основным высказыванием в составе текста могут употребляться и так называемые относительные слова, к которым следуем отнести; *пас аз ин, пас аз он, аз ин сабаб, аз ҳамин сабаб, ин аст ки, аз ин рӯ,ба ин вақ,ҳ, барои ҳамин, бинобар ин, бинобар он, бо вуҷуди ин, бо вуҷуди он* и другие.

В самом деле, указанные относительные слова, употребляясь между основным высказыванием и присоединяемым элементом, выполняют функцию соответствующих сочинительных и подчинительных союзов с присоединительным значением.

Рассмотрение относительных слов как средства связи между компонентами сложного синтаксического целого объясняется тем, что они обладают значением относительности, которое лежит на основе связи присоединяемого элемента с основным высказыванием. Эта функция названных сочетаний приближает их к союзам. В синтаксисе современного таджикского литературного языка они не зафиксированы как союзы. Однако в лингвистической литературе встречаются работы, в которых показано употребление союзных слов в функции соответствующих

союзов. Основываясь на выражаемой семантике, мы рассматривали сочетание относительных наречий как относительные слова и выделили присоединяемые элементы с названными относительными словами в самостоятельный параграф. По выполняемой функции их нельзя отнести к бессоюзным присоединяемым элементам.

Переходим к рассмотрению основных структурно–семантических присоединяемых элементов с относительными словами.

I. Относительные слова *пас аз ин, пас аз он* употребляются в присоединительное функции: Относительные слова *пас аз ин, пас аз он* являются трёхкомпонентными и состоят из наречия+предлог+местоимения. Все эти конструкции имеют временное значение. Они объясняют основной компонент по связи в отношении времени, и поэтому соответствуют одной из функции союзов *ва, ӯ* в сложносочиненных предложениях.

а) *Ашур мувофиқи фармони хуҷаинаш аввал дарвозаро қулф зада калидашро ба лаби суфа гузошт. Пас аз он ба асп нигоҳубин кард [3, с.3, 48] . –Ашур, по приказанию своего хозяина, сначала закрыл ворота замком, а ключ оставил у края суфы. Затем осмотрел лошадь. б) Навкаронаш ҳам фардои он рӯз даста–даста бо яроқҳои худ омада ба ҳукумат таслим шуданд. Пас аз ин вилояти Ғарм дар роҳи обод шудани худ озод буд [3, с.18, 4]*. –На следующий день его воины группами сдавались со своими оружиями правительству. Затем Гармский вилоят мог свободно развиваться.

Как видно из примеров, синтаксическая связь присоединяемого элемента с основным высказыванием устанавливается при помощи относительных слов пас *аз ин, пас аз он.* Образцы с вышеуказанными относительными словами встречаются в присоединительной функции чаще, чем союз дас *аз он ки*, который вводит придаточное предложение времени.

II. Сравнительные слова аз *ин сабаб, аз ҳамин сабаб, ба ин сабаб, барои ҳамин, бинобар ин* употребляется в присоединительной функции. Относительные слова *аз ин сабаб, аз ҳамин сабаб, ба ин сабаб* являются трехкомпонентными, то есть предлог+местоимение+имя, а относительные слова *барои ҳамин, бинобар* ин двухкомпонентными, то есть, предлог + местоимение. Все перечисленные относительные слова употребляются в функции подчинительного союза с семантикой причинно–следствия. По этому поводу уместно привести здесь следующее замечание: «Кроме этого, следует иметь в виду, что в разбираемых случаях базовая структура логически выражает причину, а вводимый при помощи относительных слов *аз ин сабаб* –поэтому и другие –парцеллят–следствие».

а) *Нуралӣ мехост, ки, бо ин ҷавони зӯр муносибати нағз дошта бошад. Аз ҳамин сабаб дар ҳама ҷо тарафашро мегирифт [3, с.23, 5] . –Нурали хотел быть в хороших отношениях с этим сильным молодым человеком. Поэтому везде заступался за него. б) Косибҳо одатан баъди кор хӯрок хӯрда, барои истироҳат ба чойхонаҳо мебаромаданд. Аз ҳамин сабаб бегоҳиҳо чойхонаҳои майдони Чоршанбе хеле серодам мешуданд [3, с.3, 58] . –Обычно ремесленники после работы, поужинав, направлялись для отдыха в чайханы. Поэтому по вечерам чайханы на площади Чоршанбе становились многолюдными.*

В этих примерах связь между присоединяемыми элементами и основными высказываться наступает при помощи относительного слова, во втором примере, лексическим повтором является; чойхонаҳо.

а) *Аммо Нурбой, ки чанд вақт боз бекор буд ва дар охир бемор шуд, ба ӯ чизе дода натавонист. Ба ин сабаб ба сари вай ин балоро овард [7, с.5, 337]. –Но Нурбай, который долго не работал, к тому же заболел, ничего не мог ему дать. Поэтому тот причинил ему такую неприятность. б) Баъд, ба ҷои отаи меҳрубонам ин хел мардаки сангдилро ота гуфта натавонистам. Ба ин сабаб аз дасти вай ба гурехтан қарор додам [7, с.13, 49]. –Затем вместо моего милого отца, я не мог называть этого жестокого человека своим отцом. Поэтому я решил сбежать от него. В обоих примерах, связь между основным высказыванием и присоединяемым элементом осуществляется посредством относительного слова ба ин сабаб. В первом примере, кроме относительного слова, связь между компонентами сложного синтаксического целого устанавливается заменой имени собственного Нурбои местоимением вай. А во втором примере –заменой словосочетания мардаки сангдил местоимением вай. в) Инженери сех ҳам гӯё пешаки медонист, ки, ба ин хел тамошоҳо наомадан авлотар аст. Барои ҳамин зуд гапа ба монтажи аппарат гузаронид [3, с.9, 170]. –Как будто инженер цеха заранее знал, что на такие просмотры лучше не приходить. Поэтому он быстро повернул разговор на монтаж аппарата. г) Ҳавои гарм нисбат ба ҳавои сард аз об сусттар сер мешавад, яъне намии бисёртареро ба худ гирифта метавонад. Барои ҳамин ҳам дар ҳавои гарм либоси тар тез хушк*

мешавад [3, с.17, 8]. –Теплый воздух по сравнению с холодным воздухом медленнее всасывает воду, то есть, может поглощать в себя больше влаги. Поэтому теплый воздух быстрее сушит одежду.

Если в первом и во втором примерах связь между компонентами сложного синтаксического полного осуществляется лишь только относительным словом, *барои ҳамин,* то в третьем примере, она выражается и относительным словом и лексическим повтором *ҳавои гарм* в обеих частях сложного синтаксического целого. Подобное явление свидетельствует о наличии смысловой связи присоединительного элемента с основным высказыванием.

а) *Деҳаи Болои Руд дар шимоли руди куҳнаи Шофирком ва дар канори он вокеъ шудааст. Бинобар ин, он деҳаро Болои Руд номидаанд [3, с.18, 9]. –Деревня Болои Руд была расположена на севере старого Шафиркамского канала и на его берегу. Поэтому ее и называли Болои Руд. б) Қози, амин, осақол ва дигар калоншавандагони туманро чеғ зада аз одамҳои бади деҳаи худатон, хусусан аз ғуломон хабардори кунетон гуфтааст. Бинобар ин осақолхо ҳар касро кофтуков карда гуштаанд [3, с.6, 234]. –Пригласив казия, эмина, аксакала и других уважаемых лиц тумана, предупредили их быть осторожными с плохими людьми своей деревни, особенно с рабами. Поэтому аксакалы обыскивали всех. в) Ҳама нағз мефахмад, ки (ду вақт) рӯзе аз ҳар сар гов 10–12 кило ва аз ин ҳам зиёд шир ҷушем, бурди калон мекунем. Бинобар ин шири говро то охираш мечушем [3, с.10, 61]. –Все хорошо понимаем, что если ежедневно с каждой коровы надоим по 10–12 литров и больше молока, мы будем в выигрыше.* Поэтому корову выдаиваем полностью. В первом примере связь между основным высказываниям и присоединяемым элементом устанавливается относительным словом *бинобар ин* и повторением имени собственного *Болои Руд* в обеих частях сложного синтаксического целого. Во втором примере связь между компонентами сложного синтаксического целого выражается относительным словом *бинобар ин* и заменой однородных членов предложений *қози, амин, осақол* словом *осақолҳо*, который употребляется в присоединительной части. В третьем примере также связь между основным высказыванием и присоединяемым элементом выражается относительным словом *бинобар ин* и лексическими повторами *гов*, *шир*, *ҷушидан* в обеих частях сложного синтаксического целого. г) *Аҳли корвон ҳамаги хеваги буда, ҳамааашон ба сарои Ургенч мефуромаданд, ба сарои дигар фуромада, ба бозори дигар фурӯхтани молҳошон мумкин набуд. Бинобар ин ҳамаи аҳли корвон ба сарои Ургенҷ фуромаданд [6, с.3, 50]. –Люди из каравана все были хивинцами. Все они обычно останавливались в Ургенчском караван–сарае. Только там могли они останавливаться, продавать свой товар, торговать на каком–нибудь другом базаре и дворе хивинцам запрещалось.* Поэтому, караван дойдя до Ургенчского караван–сарая, не пошел дальше. А в этом примере, синтаксическая связь присоединяемого элемента с основным высказыванием устанавливается относительным словом *бинобар ин* и повторением словосочетаний *аҳли корвон, сарои Ургенҷ*. А сказуемые *мефуромаданд, фуромадан* в основном высказывании и *фуромаданд* в присоединительной части еще больше сближают семантическую связь между компонентами сложного синтаксического целого.

К составу вышеперечисленных относительных слов относятся *бо вуҷуди он, бо вуҷуди ин*. Они также являются трехкомпонентными которые состоят из предлога + имя + местоимения. Эти относительные слова, как и предыдущие, устанавливают синтаксическую связь между присоединяемым элементом и основным высказыванием и выражают причинно–следственное смысл.

а) *Ба ҳамин тариқ, то охири вохури Сафар дар вазъияти ногувор мондани худро аён насохта зур ба зураки гоҳ–гоҳ охиста лаб ба ханда мебурд, ба саволу ҷавобхои ҳозирин кутоҳ ҷавоб мегардонд. Бо вуҷуди ин чеҳраи парешонҳоли ӯ дере бетағир мемонд [3, с.5, 163]. –Такам образом, Сафар, почувствовав, что до конца встречи не может оставаться в таком неприятном состоянии, чуть–чуть иногда улыбался, на вопросы и реплики присутствующих отвечал коротко. Несмотря на это его рассеянное лицо, долго не менялось, б) Бовари дорам, ки, аз вай ин хел бетамизи намебарояд. Бо вуҷуди ин таги дили ӯро фаҳмидан даркор [3, с.14, 291]. –Верно, что он не сделал такую глупость. Но все же нужно узнать, что у него на душе. в) Хайрият, ки, ин вазифаи додагиашонро назорат намекарданд. Бо вуҷуди ин ман ба ёд кардан кушиш мекардам [3, с.18, 4]. –Хорошо, что не проверяют порученное задание. Несмотря на это я старался зубрить.*

В этих образцах синтаксическая связь между компонентами сложного синтаксического целого устанавливается при помощи относительного слова *бо вуҷуди ин.* г) *Ана, масалан, гуфтам ман, поезди Тошкент –Сталинобод ҳам аввал ба самти ғарб меравад, аз нисфи роҳ, ба тарафи шарқ мегардад,*

яъне то Бухоро пеш мераваду аз Бухоро ба пас. Бо вуҷуди он сиҳат–саломат ба Сталинобод мерасад [4, с.22, 2]. –Вот, например, говорил я, поезд Ташкент –Сталинабад сначала идет в западном направлении, на полдороге идет в восточном, то есть до Бухары идет вперед, от Бухары –назад. И, несмотря на эти направления, преспокойно приходит в Сталинабад. В этих примерах связь устанавливается при помощи указанного союза, а во втором, кроме союза, есть общий элемент «*Сталинабад*», которой употребляется в обеих частях сложного синтаксического целого, то есть, существует двойная связь.

Рассмотрим основные структурно–семантические присоединяемые элементы с относительными словами в английском языке, такими как: instead, besides, so, then, on that occasion.

He tried to think of Marcia but couldn't seem to remember what she looked like. Instead, all he could see were large dark–blue eyes and flaming–red hair [3, c.15, 38]. –Он старался думать о Марсии, но не мог вспомнить как она выглядела. Напротив, все что он мог видеть –это большие темно–голубые глаза и пламенно–рыжие волосы. Употребляясь между основным высказыванием и присоединяемым элементом, относительное слово instead имеет некое значение сочинительного союза. Средством связи также является лексический повтор личного местоимения he.

I love my independence too much. Besides, I have few wifely qualities, as we both know [2, 15, 17] . –Я очень люблю свою независимость. Кроме того, как мы оба знаем, у меня есть несколько женских качеств. Основное высказывание и присоединяемая часть связаны при помощи относительного слова besides, имеющего в данном примере сочинительное значение. Средством связи выступает также повтор личного местоимения I.

When I get involved with my painting, I forget about the rest of the world. So I accept my life as it is [3, c.15, 17] . –Когда я занимаюсь рисованием, я забываю обо всем остальном в мире. Таким образом, я принимаю свою жизнь такой, какая она есть. В данном примере, выступая в качестве относительного слова, so обладает значением относительности между присоединяемым элементом и основным высказыванием. Кроме того, как и в других примерах, средством синтаксической связи выступает местоимение I.

He had been honest when he had told Angel that he never considered his feelings when he made a decision. So, why were his emotions fighting to take control now? [3, c.15, 42]. –Он говорил правду, когда сказал Ангел, что он никогда не учитывал свои чувства, когда принимал решение. Тогда почему сейчас он старается сдерживать эмоции?

– It was that very difference that Scott always encouraged –the honesty.

– Then why did he expect me, of all people, to marry her? [5, c.15, 41].

– Это было то самое отличие, которое всегда поддерживал Скот –честность.

– Тогда почему он думал, что из всех людей именно я женюсь на ней? Как мы видим, относительные слова, вводящие присоединяемые элементы, в этих двух примерах имеют одинаковое значение, несмотря на то, что в первом примере используется относительное слово so, в то время как во втором примере –then. В первом примере повтором является личное местоимение he, использованное во втором примере в притяжательном падеже. Во втором примере повтором выступает имя собственное, который в присоединяемой части передается личным местоимением he.

He hadn't talked with her since he had taken her home from the party the other night. On that occasion he hadn't made the mistake of kissing her good–night [4,15, 44]. –Он не разговаривал с ней с тех пор как отвез ее домой той ночью после вечеринки. По этому поводу он не совершил ошибку, поцеловав ее на ночь. В данном примере связью между основным высказыванием и присоединяемым элементом выступает словосочетание on that occasion, который имеет подчинительное значение. Кроме того повтор личного местоимения he показывает связь между частями сложного синтаксического целого.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алиев А. Баъзе роҳҳои алоқаи ҷумлаҳои таркиби порчаҳои яклухти синтаксиси. –Мактаби совета, 1980, №9.

2. Аракин В.Д. Практический курс английского языка. 2–курс. Гуманитарный издательский центр «Владос». Москва, 2003. 515с.
3. Брандес М, П. Синтаксическая семантика текст, МГПИИЯ им. М. Тореза.–М., 1977.
4. Гаврилова Г. Ф. Сложносочиненное предложение и связный текст. РЯШ. –1984. –№2. –с. 93–97.
5. Зикриёев Ф. К. Рочеъ ба воҳиди суперсинтаксисии забон // Республиканская конференция: Актуальные проблемы общего языкознания и методика преподавания языка (26–27 марта) –Душанбе, 2003. –с.116–119.
6. Зикриёев Ф. К, Масъалаҳои лингвистикаи матн // Номаи меҳр. –Хучанд, 2003.–С.53–64.
7. Зикриёев Ф. К. Оид ба тарзи луғави –морфологии, ташаккули матн (дар асоси маводи асарҳои бадеии С. Айнӣ). –Устод Айни ва асолати забон, –2003.. –с..5.

РОЛЬ И МЕСТО СВЯЗЬ СЛОВ В СТАНОВЛЕНИИ ТЕКСТА НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается роль и место соотношения слов в составлении текста на таджикском и английском языках. Автор исследует слово связного в тексте и текстология сравнительных языков. Из этого будет исходить то, что в отношении проблем лингвистики у них есть свое место. Следует отметить, что проблема текстовой и текстология была одной из величайших и исследующих до сих пор имени лингвистов отечественных и зарубежных не решена сама собой. Таким образом, в этой статье немного исследовано, что не является преимуществом, поэтому также существует проблема языка с точным и глубоким исследованием.

Ключевые слова: *роль, слово, предложение, фраза, структура, композит, отношение, определение, текст, текстовая критика, язык, лингвистика, грамматика, сравнение, обучение, проблема, автор, словообразование, роман, пример, простое предложение, одно–простое предложение, два простых предложения, сложное предложение, вопросительное слово, предикат, субъект, атрибут, модификатор наречий, объект, прямой объект, косвенный объект, наречие места, наречие причины, наречие времени и т. д.*

THE ROLE AND PLACE OF THE RELATION OF WORDS IN MAKING UP OF THE TEXT IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with the role and place of the relation of words in making up of the text in Tajik and English languages. An author is researching the word of connected it's in text and textual criticism of the comparative languages. From it will be coming that regarding of problems in linguistics science they have got features place. It should be noted that the problem of text and textual criticism was one of the greatest and investigating till now behalf linguists of native and foreign do not solved itself. Thereby in this article is a bit researched from was not benefit that's why it's also this problem of language with researching of exactly and deeply has got need.

Keywords: *role, word, sentence, phrase, structure, composite, relation, definition, text, textual criticism, language, linguistics, grammar, compare, learning, problem, author, word–building, novel, example, simple sentence, one–simple sentence, two–simple sentence, compound sentence, interrogative, predicate, subject, attribute, adverbial modifier, object, direct object, indirect object, adverbial of place, adverbial of cause, adverbial of time etc.*

Сведение об автора:

Рузиев Ардамехр Шарафджонович *– аспирант кафедрой языкознание и сопоставление типология английского языка Таджикского государственного педагогического университета имена С. Айни (+992) 985010009, Эльектронная почта Arda112@mail.ru*

About the author:

Ruziev Ardamehr Sharafdzhonovich, *– postgraduate student of the Department of Linguistics and Comparison of the Typology of the English Language of the Tajik State University names of S. Aini (+992) 985010009, E-mail: arda112@mail.ru*

ОҲАНГҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР РОМАНИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ «ГУЛИ БОДОМ»

Абдуллозода М.А.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Романи нависандаи номии тоҷик Ҷалол Икромӣ «Гули бодом» дар охирҳои давраи бозсозӣ навишта шуда, соли 1991 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№ 11, С. 3-74; № 12, С. 8-69) мухтасари он ба табъ расидааст, аммо дар шакли пурра ва ба ҳайси китоби алоҳида аз тариқи нашриёти «Адиб» соли 2000-ум аз чоп баромадааст.

Нависанда дар хотираҳои худ «Он чӣ аз сар гузашт», ки солҳои 1988-1992 навишта буд, менависад: «Асари охирини ман «Гули бодом» аст, ки аз ҳаёт ва фаъолияти артисткаи халқии СССР – Тӯҳфа Фозилова гирифта навишта шудааст. Ин асар дар шумораҳои 11-12 «Садои Шарқ» соли 1991 чоп шуд (ба таври мухтасар). Пурраи романро ба нашриёти «Адиб» дода будам, ҳоло қариб ду сол мешавад, ки аз чопаш дарак нест» [2, с.322]. Нашриёти «Адиб» чунонки зикр гардид романро танҳо соли 2000-ум интишор намуд, аз ин рӯ, ҳарчанд асари мазкур дар даврони гузариш навишта шудааст, аммо падидаи барҷастаи адабии марҳалаи аввали истиқлоли давлатӣ ба ҳисоб меравад.

***

Симои Т. Фозиловаро нависанда дар образи Қумрӣ таҷассум кардааст. Ба ин хотир, «Гули бодом» романи сирф бадеӣ буда, масалан дар фарқ аз романи Шодон Ҳаниф, ки низ ҳамон солҳо таълиф ва нашр шудааст [4, с.256-434] асари ҳуҷҷатӣ-бадеӣ нест, аммо саршор аз оҳангҳои публитсистӣ мебошад. Ин оҳангҳои публитсистии асар бештар дар мавриди инъикоси ҳақиқати таърихии солҳои гуногуни қарни ХХ, ки нависанда худ шоҳиди бевоситаи онҳо буд, зоҳир мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳанӯз адабиётшиноси номии тоҷик, устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ба «нақли эмотсионалӣ, сюжети тезу тунд, коллизияҳои драмавӣ ва воқеанигорӣ» таваҷҷуҳ доштани Ҷалол Икромиро, таъкид карда буд [5, с.130].

Чунин сабку тарзи баёнро қариб дар ҳама асарҳои ӯ, махсусан романи охирини ӯ «Гули бодом» ба мушоҳида гирифтан мумкин аст Ҳадафи мақолаи мазкур баррасии ин гуна тасвирҳои нависанда аз рӯйдодҳои таърихӣ, вазъи воқеии замон мебошад, ки ҷанбаи публитсистӣ ё воқеънигории романро таҳвият додаанд.

***

Қисми аввали роман аз баҳори соли 1917 дар шаҳри Конибодом оғоз шуда, вазъи иҷтимоиву сиёсии онрӯзаи шаҳр, барқарор шудани ҳокимияти муваққатӣ ва баъдан рух додани инқилоби болшевикӣ, мубориза барои ҳаёти нав бо душманону босмачиён, ҳаёти шахсии падару модари Қумриро дар бар гирифтааст. Волидайни Қумрӣ - Нодир ва Латофат, ки аз хонаводаҳои камбизоат буданд, бо як тақдири аҷиб оила барпо намуданд. Латофатро, ки аз хурдӣ бо Нодир якҷо калон шудаву ҳампаймон буданд, Неъма-қассоби сарватманд бо зару зӯрӣ падари вай - Аҳмадҷонро розӣ кунонида, ба занӣ гирифт. Ҳамроҳ бо ҷӯраҳояш амину оқсақол Нодирро бо туҳмат ҳабс кунонида ба Сибир бадарга карданӣ буданд. Онҳо тавонистанд ӯро ҳабс кунонанд, аммо бадарга карда натавонистанд, зеро раиси Конибодоми онрӯза Ёрмуҳаммади Мингбошӣ инсони баинсофу адолатпарваре буд. Ин хислати ӯ дар вақти пурсиши Нодири туҳматзада аён мегардад:

«- Ба ин хел туҳматҳои душманона чӣ ҳам мегуфтам, мингбошӣ?! – гуфт Нодир. – Худатон доно ва бино ҳастед, худатон инсоф кунед!

Ин суханҳо, ки аз самими дил, аз ростӣ ва дурустӣ гуфта шуда буданд, ба мингбошии пурдон ва ботаҷриба таъсир карданд. Мингбоширо одами золим ва шаддод гуфта намешуд. Вай ҳарчанд аз рӯи вазифааш гоҳо сахтгир ва серқаҳр шуда бошад ҳам, дар асл раҳмдил ва баинсоф буд. Бинобар он аҳолии шаҳру деҳот ӯро ҳурмат мекарданд, аз вай хурсанд буданд. Ҳоло ҳам вай ба симои Нодир, ба суханҳои аз дилу ҷон гуфтаи ӯ мутаваҷҷеҳ шуда ва аз лаҳни аризаи туҳматомези Аҳмадҷон натиҷа гирифта, хеле мулоим шуд:

- Ин тур бошад, буду шуди воқеаро бе дурӯғ гуфта те!» [1, с.4].

Вай нақли Нодирро бодиққат гӯш кард ва боварӣ ҳосил намуд, ки ба вай дар ҳақиқат туҳмат задаанд ва мехоҳанд ӯро бадбахту нобуд созанд: «Мингбошӣ занг зад,

хизматгор даромада Нодирро аз назди ӯ баровард. Мингбошӣ боз аризаи Аҳмадҷонро, ки онро худи амини маҳалла оварда дода буд, бодиққат чашм давонд ва бо дастхати пештараи ҳамин амин муқоиса карда дид, ки ҳар дуяш бо як қалам ва бо як даст навишта шудаанд.

- Ланъатии фиребгар! – ғурунгид мингбошӣ ва боз занг зад. Хизматгор даромада, «лаббай» гуфт:

- Амину оқсақоли маҳаллаи Пӯлодонро зуд гирифта биё!» [1, с.5-6].

Ҳамин тариқ, бо дастгирии мингбошии адолатпарвар Нодир халосӣ ёфт, ба висоли Латофат расид, оила барпо намуд, аввал ба идораи мингбошӣ, сипас ба хидмати ҳокимияти нави инқилобӣ даромад. Мингбошӣ ҳам тарафдори ҳокимияти нави мардумӣ шуда буд. Мустақар шудани ҳокимияти шӯроиро нависанда ин тавр тасвир кардааст:

«Охирҳои моҳи феврали соли 1918 дар Конибодом баҳор омад, баҳори нозанин! Ҳамроҳи баҳор ҳокимияти шӯроӣ омад. Дар ҳавлии мингбошии собиқ, ки вай ба ихтиёри худаш онро ба ҳукумати нав тақдим карда буд, аввалин комитети ичроияи районӣ ташкил ёфт. Дар болои дарвозаи ин ҳавлии бошукӯҳ байрақи сурхи инқилобӣ ҷилвагар гардид. Мингбошӣ, ки тарафдори ҳукумати нав, тарафдори ҳукумати шӯроӣ шуда буд ва худаш ёрӣ дода васиқа, санадҳо ва ҳамаи коғазҳои даркорӣ, балки ҳамаи асбоби мирхонаро ба комитети ичроия супурда буд, дар ҳавлии дарун истиқомат мекард ва ҳокимияти нав ба ӯ кордор нашуд. Ҳатто гоҳ-гоҳ ӯро ҷеғ зада маслиҳат мепурсиданд ва корҳои ташкилиро пеш мебурданд» [1, с.27].

Қисми якуми роман бо ҳуҷуми нобарори бадхоҳон ба ҷони Латофат дар вақти набудани Нодир ва таваллуд шудани фарзандашон Қумрӣ ба анҷом мерасад.

Қисми дуюми роман ба авзои шаҳри Конибодом дар солҳои «НЭП», идомаи муборизаи бо босмачиён ва иштироки фаъолонаи Нодир дар набард бо онҳо ва оқибат аз дасти душманон қатл шудани ӯ, лаҳзаҳои ҳаёти хушбахтонаи оилавӣ, ятим мондани Қумрӣ дар 8-солагӣ ва корманди милиса шудани Латофат, ба мактаб-интернат дохил шудани Қумрӣ ва чанд лаҳзаи дигар тасвир ёфтаанд.

Вазъи Конибодоми нимаи солҳои 20-уми асри ХХ пешорӯи хонанда чунин ҷилвагар мешавад: «Шаҳри Конибодом нисбатан ором буд. Аз як тараф таъсири он ки ҳаракати босмачигарӣ хеле шикаст хӯрда, гирду атрофи шаҳр осуда гашта буд. Аз тарафи дигар, таъсири сиёсати нави ҳокимияти шӯроӣ, таъсири «НЭП» хеле зиёд буд. Савдогар мардум ҳамин тавр, ки худаш намехӯраду ёфтагиашро ба бозор мебарорад, аз дили санг равған мекашаду аз зери замин қанду асал мебарорад. Бино бар он бозорҳо калон ва серодам, магазин ва дуконҳои бисёр дар Ӯрда ва атрофи он кушода шуда буданд. Бозори ордаллофӣ пур аз орду гандуму ҷаву ҷуворию чормағзу бодом буд. Қассобҳо гӯшти гов, гӯсфанд ва шутур мефурӯхтанд. Аз куҷои тани гӯсфанд пурсед, аз ҳамон ҷо бурида медоданд. Барои тушбера-тушберабоб, барои палав-палавбоб, барои мантумантубоб карда медоданд…» [1, с.48]. «Дар гузарҳо ҳанӯз ҳам оқсаққолҳо, имому сӯфиҳо буданд ва кор мекарданд. Мардум панҷ вақт намозро дар масҷид адо мекарданд» [1, с.49].

Ҷалол Икромӣ худ шоҳиди таърихи солҳои 20-уми қарни гузашта буд ва он солҳоро аз рӯи мушоҳидаҳои шахсии худаш ба тасвир кашидааст, ки хеле ҷолиб буда, ба хонандаи закӣ аз ҳақиқати таърихии он айём маълумоти пурқимат медиҳад. Аз чунин тасвироти нависанда хонанда хусусиёти маишати мардумро дар он рӯзҳо ба хубӣ эҳсос менамояд.

Дар чунин вазъи аз як тарафи осуда, вале аз тарафи дигар мураккаб ҳаёти оилавии Нодиру Латофат идома меёфт ва Қумрӣ ба воя мерасид. Аз синни кӯдакӣ дар вай истеъдоди санъатдӯстӣ ҳувайдо мегардид ва ба таври табиӣ суруду оҳангҳоро аз худ мекард. Аз ин волидайн ҳам ҳайрон буданд ва ҳам хурсанд: «… Қумрӣ инро гуфта аз ҷо бархост ва давида дойрачаи худро гирифта задан гирифт ва ба ҳавои он ашӯлаҳои нав ба нави худро, ки аз дугонаҳояш ёд гирифта буд, ба хондан сар кард… Нодир ва Латофат ҳайрон шуданд, ки Қумриҷони ҳафтсолаи онҳо ин қадар гап, ин қадар санъатро аз куҷо омӯхта бошад. Худо, аз чашми бад нигаҳ дорад, азизаки моро, шоираи моро, ғазалхони моро! Чунин буд ҳоло фикру зикри Нодир ва Латофат. Дар авлоди онҳо ғазалхону гапдон гузашта бошад ё не, ман намедонам, мегуфт ба худ Нодир, ин аз кӣ мерос гирифта бошад? Ё шояд аз модараш омӯхтааст? Аммо модараш, ки ҳарчанд зани доно, ҷасур ва гапдон аст, лекин ғазалхонию рақсро чандон наметавонад. Ин ҳунарҳо ба Қумрӣ худодод аст, худодод!» [1, с.77].

Ин гуна лаҳзаҳои кӯтоҳ, вале беҳтарини ҳаёти оилавии қаҳрамонони худро инъикос намуда, «хушбахту хуррам будани – падар, модар ва духтар… дар бистари фароғат хобидани» [1, с.78-79] онҳоро таъкид карда, боз ба тасвири муборизаҳои ҳаётӣ иҷтимоии давр мегузарад. Оқибати ин набарди хайру шарр аз дасти одамони Полвонов барин душманони дохилӣ ба қатл расидани Нодир меанҷомад. Нависанда аз кушта шудани инсони муборизу қаҳрамон ва ҳаққӯву халқпарвар чун Нодир хеле афсӯс мехӯрад: «Дасти қотил кори худро кард. Нодири паҳлавон, Нодири мерган, Нодири қаҳрамон ҷон дода буд. Нодире ки дар роҳи озодии халқ, барои зиндагии осудаҳолонаи халқ, барои кори хайру кори ҳақ мекӯшид, аз ҷаҳон чашм пӯшида, дар пеши дарвозаи ҳавлии худ ба хун ҷӯлида мехобид» [1, с.94].

Баъди тасвири чунин ҳолати риққатовар нависанда ба худу хонанда саволҳои фалсафӣ дода - «Чаро дунё ҳамин тавр сохта шудааст?! Чаро мардум хуни ҳамдигарро мерезанд, ба ҷони ҳамдигар қасд мекунанд, зиндагии ҳамдигарро дида наметавонанд?! Магар рӯи замин ба онҳо тангӣ мекунад? Магар ризқу рӯзӣ намерасад? Магар Нодир ба ғайр аз кори нек гуноҳе карда буд?» - ба ҷавоби онҳо мегузарад: «Вай ҳатто Полвоновро озор надода буд. Ва ҳол ин ки метавонист дар як шаб ҷаҳонро аз шарри вай наҷот диҳад ва худаш ҳам ҷувонимарг нашавад»[1, с.94].

Сипас, чӣ тавре ки ба Ҷалол Икромӣ хос аст, вай ба андешапардозиҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва қиёсҳои сиёсиву таърихӣ мегузарад, ки оҳангҳои публитсистии романро баръало ҷилва медиҳанд: «Бале, бале дар байни мардум Полвонов барин касон, разилон, бадхоҳони инсоният, хунхорон ва нобакорон ҳастанд: дунёро ифлос ва заминро бо хуни бегуноҳон олуда мекардагиҳо ҳастанд! Буданд ва дергоҳ хоҳанд буд. Искандари Мақдунӣ, Чингизхон, Темури Ланг, Наполеон, Гитлер, Сталин, Берия барин касонро чаро модарон зоида, ба воя расонидаанд? Ин зотҳо сабаб шуданд, ки рӯи дунёро хуни бегуноҳон рангин кунад. Амирон, шоҳон, ҳукмдорон, фармондеҳони беинсоф барои дурӯза кайфу сафои худ одамонро ба ҳамдигар шӯронданд, бо дасти бародар бародарро, бо дасти писар падаронро ба хоки сияҳ яксон карданд. Гоҳо ҳамаи ин ноҳаққӣ ва хунрезиҳоро ба адолат, ба инсонпарварӣ, барои ҳаққоният ба қалам доданд. Мардуми фиребхӯрда бовар карданд, эътиқод бастанд ва ҳар чӣ золим гуфт, бо ҷону дил гӯш карданд… Роҳбарони разолатпеша ва ҳукуматдорони беинсоф роҳи «манкуртизм» - ро пеш гирифтанд. Онҳо як идда, як тӯдаи хурдро не, халқҳоро ба ҳамдигар ҷанг андохтанд, фармуданд, ки гӯшти ҳамдигарро хӯранд» [1, с.95].

Аз ин сатрҳои пуртаъсир муносибати нависандаро ба одаму олам, ба амалҳои зиддиинсонии ҳукмдорони хунрезу ҷаҳонгир ба мушоҳида гирифта, адолатхоҳиву инсофталабии ӯро мебинем. Ҷалол Икромӣ адиби ростгӯву ҳақпарвар буда, зулму золимӣ, хунрезиву разолати ҳокимони худкомаро сахт маҳкум мекунад, ҷонибдори инсондӯстиву адолат аст. Вай бо таъйиди он ки мутаассифона чунин золимон «буданду то дергоҳ хоҳанд буд», боз ҳам оптимист аст: «Хайрият, дар дунё одамоне ҳастанд, ҷамъиятҳое ҳастанд, ки ҳамеша пеши роҳи ин нобакоронро дошта меистанд, ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ҷанг нашавад, хуни бегунонҳон нарезад! Вагарна аз дунё осоре намемонад» [1, с.95].

Муаллиф бо як маҳорати том манзараи азодориро тасвир карда, ҳатто аз номи худаш, гӯё чун як шоҳиди бевоситаи ҳодиса, ки он қадар ба асари бадеӣ хос нест, ба ҳайси як публитсисти шуълавар таъкид менамояд: «ман нависандаи ин сатрҳо, тасвири азо ва мотамро, тасвири кушокушӣ ва қатлу ғоратро дӯст намедорам, дастам меларзад, диламро пардаи сиёҳ мефишорад ва гоҳо мегирям. Ман хуб медонам, ки ин тасвирҳо, ин саҳифаҳои мотам ва азодорӣ ба хонандаи муҳтарам низ дилхоҳ нест. Лекин чӣ илоҷ, ки дар аввали баҳор гоҳ сел мешавад, гоҳ жола меборад, гоҳ барф» … [1, с.97].

Хулласи калом Қумрӣ дар синни 8-солагӣ аз падар ятим монд. Латофат пас аз азодорӣ фаранҷиро партофт, ба даст яроқ гирифт ва нахустин милитсионерзани тоҷик шуд. Вай мисли шавҳараш бо душманони сохти нав ба муборизa даромад, сарвари гурӯҳи милитсионерони ҷавон гардид. Ҳамзамон ба тарбияи духтараш диққат медод ва ӯро барои хонондан ба мактаб интернат гузошт.

Қисми сеюми роман пурра ба ҳаёти Қумрӣ ва модараш бахшида шудааст. Қумрӣ ба воя расид, чун сароянда и мумтоз ва ҳунарманди театр камол ёфт, дар театрҳои Тошканд ҳунари худро сайқал дод бо Азиз ном ҷавони истаравшанӣ ҳаёти оилавӣ барпо намуд ва онҳо ба марказ, пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе омаданд, дар ин ҷо соҳиби фарзанд шуданд ва ба кору фаъолият пардохтанд.

Дар ин қисмат маҳорати тасвирпардозӣ ва андешапарварии Ҷалол Икромӣ ба таври барҷаста намоён шудааст. Зимни тасвири раванди ҳаёти шахсӣ ва ба камоли

эҷодӣ расидани Қумрӣ, нависандаи нозукбин табиату маишати шаҳрҳои Конибодом, Истаравшан ва Душанбе, таърихи ташаккули театри тоҷик, танқиди Сталин, НКВД ва сиёсати табъизро (репрессия) инъикос менамояд. Дигар аз вежагиҳои асар он аст, ки дар роман барои таҳвияти фикр пораҳои шеърӣ, махсусан байтҳое, ки аҳаммияти иҷтимоӣ ва тарбиявӣ доранд, хеле зиёд истифода шудаанд, ки ба сабки Ҷалол Икромӣ хос аст.

Ин аст, ки хонанда аз ин роман бо вазъи он замон, ки қаҳрамонони асар кору фаъолият мекарданд бохабар шуда, ҳамроҳ бо муаллиф ба ҳаёти ҷомеаи он давра, на танҳо ғӯтавар мегардад ,балки ба фикру андешаҳои амиқ фурӯ меравад. Хонандаи бофаҳму зирак аз ин ҳама тасвироти иҷтимоии нависандаи ҳақгӯ панду сабақи ҳаётӣ мегирад, таърихи қарни ХХ-ро меомӯзад, пеши назараш табиату маишати кишвари азизаш ҷилвагар мешаванд.

Тасвири Ӯротеппа (Истаравшан): «Шаҳри дилкаш ва обод буд Ӯротеппа! Агар аз баландии теппаи Муғон баромада нигоҳ кунед, медидед, ки байни шаҳр сойи пуроб мегузарад, шаҳру атрофи шаҳр аз дарахту токзорҳо пӯшида шудаанд. Мардуми шаҳр меҳнатӣ, ҳунарманд (алочабоф, чӯбтарош, кордсоз, челонгар ва ғайра), меҳмондӯст ва маданӣ буданд. Ҷавонҳо мувофиқи анъанаи ҳазорсола калонсолонро ҳурмат мекарданд. Бадахлоқӣ ва шӯрпуштӣ хеле кам буд» [1, с.121].

«Намедонам «Ӯротеппа» аз кай боз ба ин шаҳри хубу қадима ном шудааст ва чӣ маъно дорад ва ба ин шаҳр чӣ муносибат дорад! Чаро Истаравшан намегӯянд! Магар барои талаффузи мардум вазнинӣ мекунад?» [1, с.142].

Бояд гуфт, ки маҳз дар замони истиқлоли давлатӣ номи аслии ин шаҳри қадима – Истаравшан - барқарор карда шуд.

Тавсифи дӯстиву рафоқат ва дуруст интихоб кардани дӯст: «Дӯстро аз дӯст фарқ карда тавонистан лозим аст. Дӯстони забонӣ ва молӣ ҳам бисёр мешаванд. Вақто ки ту мансаб дорӣ, давлат дорӣ, ин тавр «дӯстон» ба гирду атрофат пашша мешаванд, лекин ҳамин ки аз мансаб ва аз мол ҷудо гаштӣ, он «дӯстҳо» ҳам аз ту ҷудо мешаванд. Аммо дӯсти ҷонӣ ҳаргиз туро фаромӯш намекунад» [1, с.125]. Ин пораро муаллиф бо ин рубоӣ таҳвият бахшидааст:

Ҳар дил, ки асири меҳнати ӯст, хуш аст,
Ҳар сар, ки губори сари он кӯст, хуш аст.
Аз дӯст ба новаки гам озурда машав,
Хуш бош, ки ҳарчӣ ояд аз дӯст, хуш аст.

Қаҳтии соли 1933 ва танқиди ҳаракати колхозӣ: «Соли 1933 – соли гуруснагӣ ва қаҳтӣ омад. Нон дар ҳама ҷо бо карточка – норма шуд. Дар шаҳрҳо ва деҳаҳои мамлакат чизи хӯрданӣ намонд. Мардум гадо шуданд, бенаво шуданд ва ба як лаб нон мӯҳтоҷ гаштанд. Манзараҳои мудҳиши дар деҳаҳо оила-оила мурда мондани деҳқонон дида мешуд (худо накунад, ки он рӯз боз ба сари мардуми мо баргардад!). Дар шаҳрҳо одамҳо аз байни ахлотҳо чизи хӯрданӣ меҷустанд. Саг намонд, гурба намонд, сангпушту хорпушт намонд, ҳамаро хӯрданд. Хусусан дар тарафҳои Русия ва Украина даҳшат зиёд буд. Дар Осиёи Миёна мардум ба ҳар ҳол мева доштанд, каму беш чорво доштанд ва ба он дарача даҳшат зиёд набуд. Гуруснагӣ буд, вале аксарияти мардум нимсеру нимгурусна кор ва меҳнат мекарданд; бо карточка нон мегирифтанд, аз кӯҳу дара мева меғундоштанд, чормағз, тутмавиз меҳӯрданд ва ба ҳар ҳол қути лоямуте доштанд» [1, с.153].

Сабаби аслии ин ҳама даҳшатро нависандаи мушоҳидагару ҳолдон даст кашидан аз «сиёсати нави иқтисодӣ» (НЭП) ва аз татбиқи зӯроваронаю иҷбории сохти колхозӣ мебинад:

«Ҳаракати колхозӣ, ки аз соли 1930 сар шуда буд, дар соли 1933 қариб ҳамаи деҳқононро аз замин, аз об ва асбоби деҳқонӣ маҳрум карда, зӯран ва зулман ба колхоз ҷо кард. Беҳтарин деҳқонҳои пуртаҷриба, хоҷагиҳои ба худаш тинҷ ва пурқувватро муштзӯр гуфта ҳабс карданд, бадарға карданд ва несту нобуд сохтанд. Барои он ки колхозҳо мустаҳакам шуда, корашон ривоҷ ёбад, вақту меҳнату кор лозим буд. Ҳанӯз ба он фурсат нарасида буд, гуруснагӣ, бенавоӣ имкон намедод…» [1, с.154].

Аҳволи шаҳри Душанбе баъд аз як соли қаҳтӣ: «Шаҳри Душанбе дар соли 1934 аз қаҳтӣ ва бадбахтиҳои солҳои 1930-1933, базӯр, оҳиста-оҳиста қомат рост мекард. Акнун одамонеро, ки ба даруни қуттиҳои ахлот даромада нони қоқу устухон меҷустанд, намедиданд. Лекин ҳанӯз ба нон ва дигар озуқаворихонорма буд. Ба сари кас аз ним кило то ҳаштсад грамм нон мерасид. Гоҳ-ногоҳ гӯшту равған ҳам пайдо мешуд. Ҳукумат барои олимон, адибон ва аҳли санъат бартариҳо дода буд, ки онҳо гурусна

намонанд. Дар бозор сабзавот мева, орд, биринҷ ва дигар чизҳо ёфт шуда меистоданд. Одаме, ки пул дошт, бад зиндагӣ намекард» [1, с.163].

Мардум акнун аз чанголи қаҳтӣ халосӣ мехӯрданд, ки ба сарашон бадбахтии дигар омад: табъизу табъидҳои сталинӣ, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо одамони бегуноҳ, махсусан аз табақаи зиёӣ озор диданд ва қурбон шуданд, ки дар қатори онҳо худи Ҷалол Икромӣ низ буд. Нависанда на танҳо ҳолдони вазъи шахсони дигар, балки шоҳиди бевоситаи воқеаҳо буд, худ ба маҳбас афтода буд, аз ин рӯ, дар ин маврид суханаш қурб дошта, танқидҳояш объективӣ мебошанд

Танқиди табъизҳои аҳли зиёи тоҷик: «… аз аввали соли 1933 дар Душанбе чӣ қадар одамонро гирифта, нобуд карданд! Абдулқодир Муҳиддинов, ки яке аз инқилобчиҳои Бухоро, яке аз ҷонфидоҳои давлати шӯроӣ буда, молу мулки худро дар роҳи озодии халқи Бухоро дареғ надошта буд, ҳоло дар ҳабс аст. Комилӣ ки яке аз мунавварфикрон, яке аз аз ходимони давлат, яке аз ҷонфидоиёни ҳокимияти шӯроӣ буд, дар ҳабс аст. Бектош барин олими доно дар ҳабс аст» [1, с.183-184].

Танқиди сиёсати Сталин, ки сабабгори қаҳтӣ ва табъизҳо гашта буд: «Ҳамин тавр буд он вақтҳо ақидаи мардум дар бораи Сталин ва намедонистанд, ки бо фармони вай ва шариконаш худи ҳамон солҳо дар Россия, Украина ва дигар ҷоҳо миллионҳо деҳқонҳо аз гушнагӣ ҳалок ва несту нобуд шуданд; намедонистанд, ки Сталин ва атрофиёнаш беҳтарин мардони мамлакатро якта-якта, тӯда-тӯда гирифта нобуд карда истодаанд; намедонистанд, ки Сталин барои ҳокими мутлақ гаштан, барои фармонравои кулл шудан, барои манфиати худ ба корҳои даҳштаоваре сар кардааст, ки ақлҳо ҳайрон мегардад; аз даҳшат ва ваҳшонияти он ки ҳеҷ золиме ба он дараҷа нарасидааст, саҳифаҳои таърих хунолуд мегардад… Бале, барои донистани ин «корнома» - ҳои Сталин ва атрофиёнаш ҳанӯз вақт нарасида буд: ҳанӯз мардум бедор нашуда ва аз даҳшатҳо бехабар буданд. Дар мамлакат тарсу ваҳм, нобоварӣ ба ҳамдигар, хабаркашӣ, буҳтон, ҳабс ва таъқиб дар авҷ буд» [1, с.176].

Аз таърихи ИҶШС медонем, ки чунин бедории халқҳои шӯравӣ дар ду давра сурат гирифтааст: баъди анҷумани ХХ ҳизби коммунистӣ, ки дар он ҷиноятҳои Сталину ҳамроҳонаш фош гардиданд ва дар солҳои бозсозии горбачевӣ, ки даврони озодии сухану ошкорбаёнӣ фаро расид. Дар ин ду марҳалаи таърихӣ халқҳои шӯравӣ, аз ҷумла халқи тоҷик вобаста ба сиёсати даврони сталинӣ бисёр чизҳоро фаҳмида гирифтанд, чашмашон то андозае кушода шуд, аммо то ҳол ҳаводорону тарафдорони он сиёсат, тавсифгарони Сталину атрофиёнаш хеле зиёданд, ҳарчанд хушбахтона аксарият нестанд.

Ба монанди амаказодаи Заҳириддини танбӯрӣ (ҳамкори Қумрӣ дар театри Душанбе), ки бовар дошт: «Органҳо одами бегуноҳро ҳабс намекунанд. Ман ба ин боварӣ дорам. Масалан Бектош, дар вақташ ба босмачиҳо котиб будааст, худаш гуфта буд. Як вақтҳо навишта буд, ки дар Осиёи Миёна тоҷик ном миллат нест. Ин тоҷик мегуфтагиҳо ҳама ӯзбекҳоянд, ки ба таъсири форсҳо монда забонашонро гум кардаанд. Ин чӣ гап?! Акнун омада-омада олими забон ва адабиёти тоҷик шудааст. Албатта ин хел одамро гирифта месанҷанд» [1, с.186].

Бояд гуфт, ки Назруллоҳи Бектош яке аз шахсиятҳои мураккаби замони худ буд. Мисли Фитрат дар аввали солҳои 20-уми қарни гузашта зидди манфиатҳои миллии халқи худ амал намуд, вале баъдан иштибоҳашро фаҳмида барои рушди илму адаби тоҷик хидмат кард, ки дар ин маврид адабиётшинос А. Набиев тадқиқоти мукаммале анҷом додааст [3, с.316].

Баръакси амакзодаи худ Заҳириддин дар ин хусус ақидаи дигар дошт: «Заҳириддин аз ин суханони амакзодааш ҳайрон шуду гапе назад. Содда, амакзодаи содда! Наход, ки ҳамаи ҳабсшудагон гуноҳ дошта бошанд?! Наход, ки Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов душмани ҳукумат бошад? Наход, ки Комилӣ аксулинқилобӣ бошад?! Не, амакзодаи соддаи ман ба органҳо, ба золимон, ба бераҳмон, ки одамони нагзро нобуд карда истодаанд, бовар карда, худашро далер гирифта гаштааст. Илоҳӣ ба вай офате нарасад! Ман бошам, ҳеҷ бовар намекунам, ҳамеша ҳушёр меистам!.. (Афсӯс, ки ин ҳушёр ҳам баъдтар дар зиндони КГБ нобуд гашт)» [1, с.186].

Аз баёни чунин ақидаҳо чи аз забони муаллиф ва чи аз забони қаҳрамонон, мо пеш аз ҳама, мавқеи иҷтимоии Ҷалол Икромиро ба мушоҳида мегирем: озодихоҳӣ, ҳақҷӯӣ ва инсондӯстии (гуманизми) олӣ.

Бояд гуфт порчаҳое, ки дар боло оварда шуданд, ҷанбаи публитсистии хатти сюжетро таҳвият додаанд, рӯҳи замон ва мавқеи иҷтимоиву сисёсии муаллифро ба

хонанда нишон додааанд. Вале ин ҳама, дар зимни сюжети асосӣ – ҳаёти шахсиву фаъолияти эҷодии Қумрӣ ва таърихи ташаккули театри тоҷик ҷараён мегирад.

Қумриро аз театри Тошканд намояндаи театри Тоҷикистон бо номи Саидмуродов бо тарғибу ташвиқ, ки - бояд театри ватани худро рушду инкишоф дод; бояд «ҳисси тоҷикӣ» [1, с.162] дошт, бояд пойтахти нави тоҷиконро ободу замонавӣ кард, - ба Душанбе меорад. Қумрӣ бо шавҳари худ Азиз ба Душанбе омада ва ба фаъолият пардохт. Ба ҳама душвориҳову ҳасудиҳо нигоҳ накарда, чун ҳунарманди баркамол шакл гирифт ва ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расид. Маҳз бо саҳми ӯ ва дигар ҳунармандоне, ки аз шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Конибодом ба Душанбе омада буданд, театри тоҷик ташаккул ёфт ва соли 1941 бо симои шаклгирифта ба Маскав рафт: «Дар аввали моҳи апрели соли 1941 дар Маскав даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик гулдурросзанон гузашт. Дар театрҳо, клубҳо ва хонаҳои маданият намояндагони санъат ва адабиёти тоҷик ҳунарнамоӣ карданд. Дар Маскав даҳ рӯз ҳимҳимаи санъат ва адабиёти тоҷик буд: даҳ рӯз суруд ва навоҳои тоҷикӣ аз радиоҳо садо доданд; даҳ рӯз халқи Маскав чун санъатшинос ба санъати намояндагони тоҷик баҳои хубу аъло доданд» [1, с.219].

Аз рӯи натиҷаҳои баланди даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик Туҳфа Фозилова (образи Қумрӣ) бо ордени Ленин мукофотонида шуд, баъдан соли 1957 соҳиби баландтарин унвони аҳли санъати даврони шӯравӣ – артисткаи халқии СССР гардид. Лаҳзаҳои охирини ҳаёти ӯро нависандаи чирадаст ин тарз ба қалам медиҳад: «Мегӯянд, ки агар булбул бо дигар сабабҳо намирад, охирон бор нағмасароӣ карда, дар аснои чаҳ-чаҳ заданаш ҷон медиҳад. Қумрихон ҳам рӯзи 17 март дар спектакли «Вақте ки шаҳр дар хоб аст» нақши асосиро бозӣ карда, рӯзи 20 март (соли 1985) ба ҷашни рафиқаш иштирок карда, худи ҳамон шаб бемор мешавад ва дар бемористон вафот мекунад» [1, с.223].

Ҳамин тариқ, аз баррасиву таҳлили ҷанбаҳои публитсистии романи «Гули бодом»-и Ҷалол Икромӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард:

инъикоси ҳақиқати таърихӣ ва ҳодисаҳои реалӣ ба василаи руҷӯъҳои таърихиву фалсафӣ, оҳанги публитсистии романро тақвият додааанд;

Яъне, бо он, ки Сорбон дар тамоми жанрҳои адабӣ асарҳои ҷолиб ва мондагор эҷод кардааст, дар миёни осори ӯ повестҳояш бо ҳадафи тадқиқи бадеи воқеият, бо ғановати бадеӣ, усул ва сабки ҳунарӣ, ифшои ҳунари нависандагӣ бартарӣ доранд.

«Забиба», ки яке аз қиссаҳои ба тозагӣ эҷоднамудаи ин адиби шинохта буда, дар он ҳодисаҳо дар атрофи як хонавода ва муносибати аъзоёни он тасвир шудааст, мавзӯи ахлоқро дар бар мегирад. Аз осори пешинаи Сорбон маълум аст, мавзӯи ахлоқи ичтимоӣ ва тамоюли ахлоқӣ аз солҳои аввали эҷод таваҷҷӯҳи адибро ба худ кашида буд. Нависанда дар симои қаҳрамонҳои асар Забиба ва шавҳараш Барзу бераҳмии бархе волидонро нисбат ба фарзанди хеш инъикос намудааст. Қисса аз зиёрати Ҳазорчашма, ки ҳар ду қаҳрамон бо нияти шустани гуноҳ, ин ҳамон гуноҳест, ки ҳаждаҳ сол муқаддам содир кардаанд, ба ин мавзеъ меоянд, ин ҷо гӯсфанд қурбонӣ мекунанд ва шиносоӣ бо шайхи риёкори мазори Ҳазорчашма ва зани Шайх–Раъно, духтархондаш–Наъно оғоз меёбад.

Забибаи ҳамеша ғамгину ғуссаманд имрӯз бо он, ки тарбиятгари фарзандони мардум аст, аз ҳоли фарзанди хеш хабар надорад, зеро замоне ба гапи шавҳараш Барзӯи тоҷир гӯш дода, тифли хешро, ки аз издивоҷи онҳо ҳанӯз нӯҳ моҳ нагузашта, ба дунё омадааст, аз бими он, ки ӯро ҳаромӣ хонда, онҳоро мазаммат хоҳанд кард, дар зоишгоҳ мемонад. Ғами фарзанди гумном Забибаро рӯз то рӯз, моҳ ба моҳ, сол ба сол афтодарӯҳ ва ғамзада намуда, билохира дар ҷустуҷӯи ӯ сарсону саргардон мегардонад.

Шавҳараш Барзу, тоҷири муваффақ, ки ҳамсарро ба ин амал маҷбур кардааст, низ пушаймон аст, аммо ин пушаймонӣ барои фарзанди гумном не, балки барои аз тӯли солиёни дароз ғамзадаву афтодарӯҳ дидани ҳамсар сар задааст, ки ба зиндагии онҳо бетаъсир намондааст. Пушаймонии Забиба аз дарки эҳсоси модарии ӯст, вале пушаймонии Барзӯ аз он аст, ки ин воқеа сояи торик ва андӯҳовари худро дар зиндагӣ ва рӯзгори онон андохтааст ва онҳоро то ҷое нохуш гардонидааст. Агар ин ғамзадагӣ ва афтодарӯҳии ҳамсараш набуд ва Забиба низ писар фаромӯш мекарду зиндагии хеш бе ёди ӯ идома медод, Барзӯ ҳамчун падар писари гумном ҳеҷ ба ёд намеовард ва эҳсоси пушаймонӣ ҳам надошт. Ва дар посухи ин худхоҳӣ ӯ аз фарзанд ҷавоби сазовор мебинад. Аммо мутаассифона, барои хатои худро фаҳмидану дарк намудан ва паи ислоҳи он талош кардани ин зану шавҳар ҳаждаҳ сол лозим шуд, ки дар ин муддат он тифли навзо ба балоғат расида, бузург мегардад. Бераҳмии волидон ва муносибати хеле сарди фарзандхондагон кӯдаки маъсумро ба як шахси дунёбезор, хашин, одамбадбин, бадқаҳр ва бераҳм мубаддал гардонид, ки билохира ҳатто бо падар бе ҳеҷ шарму истиҳола дастбагиребон шуд.

Табиист, ки дар ин воқеа Забиба зиёдтар азият мекашад, зеро интихоби модар дар ҳама вазъият бояд фарзанд бошад. Аммо Забиба ба хотири вайрон нагардидани оила, бехабар аз он, ки ҳеҷ хонавода бе фарзанд аслан пойдор нест, аз баҳри кӯдаки хеш мебарояд. Баъди ҷустуҷӯҳои зиёд фарзандашро меёбад, аммо писари ӯ дигар волидон, хосса падарро дидан намехоҳад. Муносибати хеле сарди писари Забиба, номаш дар асар маълум нест, ба волидон хеле табиӣ тасвир шудааст, зеро фарзанде, ки волидон аз ӯ рӯ мегардонанд, дар дил нисбат ба онҳо озор ва нафрат хоҳад парварид.

«–Хонаи холаи Забиба? –садои ҷавонписаре.

Духтар посух надода, Барзӯ садои дупӯста баровард: «Ҳа».

–Ҳастанд?

–Не.

–Шумо кӣ?

–Шӯяш.

«Туф!» Лахтае туф ба рӯяш кард ва нигарон истод» [5, с.306].

Ин рафтори писар мақоли халқ ба ёд меоварад, ки гуфтаанд:

–Ҳар он чӣ киштӣ, ҳамон медаравӣ.

Рафтори аз ахлоқу одоб фарсаҳҳо дури писари Барзу ҳосили бешафқатиест, ки замоне ба ҷигарбанди хеш раво дида буд; варо мисли бегонагон аз худ, аз модар дур намуд, балки дар зоишгоҳ мисли гурбачаи ҳузураш дар хонавода нозарур партофт. Инак ба подоши он рафтор фарзанди бегонанамои адабгумкардаи тарбиятнадида пасттарин рафтор ва таҳқир ба ӯ сазовор медонад. Аммо вопас ба манзили волидон омадани писар маънии он дорад, ки ӯ билохира ба назди волидон, ба хонаводаи аслии худ бармегардад. Меҳри модар оқибат писарро ба манзили волидон овард.

Писари Забибаро хонаводаи бонуфуз ва дорое ба тарбияи хеш мегирад, вале дар ин давом онҳо соҳиби ду духтар мешаванд, ки гӯё дигар ниёзе ба писархонд надоранд ва ӯ дар хонавода каси зиёдатӣ ва нолозим мегардад. Инро мо аз муносибати духтарони ин мард, ки бо бародархондаи худ номеҳрубон буда, бо таънаву маломат боиси аз хонавода рафтани писар мегарданд, мушоҳида мекунем.

«Духтарон ба ҳам нигаристанд:

–Ӯ бародари мо нест. Чун донист, ки бародари мо нест, баромада рафт.

–Кучо?

–Нопайдо. Падару модармон дар ҷустуҷӯ [5, с.310]...»

Воқеан муносибати сард ва орӣ аз меҳри духтарони хонавода натиҷаи муносибати волидони онҳост. Агар муносибати волидон бо мурури замон бо писархонд дигар намешуд, хоҳарон бо носозие ӯро таънаву маломат намуда, нобародар ва бегонааш намехонданд. Сардмеҳрии фарзандхондагон дар муносибати духтарон ба бародархонда бозтоб шудааст.

Шайхи мазор, марди чашмонаш хунгирифтаи фосиқ оромгоҳи бузургворро василаи даромади муфт дарёфта, бо фатвоҳои дурӯғин зиёраткунандагонро фиреб карда, ба доми хеш меафтонад, вале аз Барзӯ, ки ба гумони он, ки ӯ прокурор аст, меҳаросад. Пешниҳоди Шайх–қассоб ба Забиба тинати аслии ӯро ошкор намуда, нафрати хонандаро ба ин риёкорони рӯҳонитарош аён менамояд:

«Янга! Бори дигар ойӣ, танҳо биё!»

«Чаро?»

«Дам медозам. Занҳои безурёт омада...бачадор мешаванд».

«Худоро шукр, безурёт нестам» [5, с.290].

Наънову модараш Раъно ӯро бад бинанд ҳам, илоҷе надоранд, аз тарс ба ӯ итоат мекунанд. Ин ҳодисаву воқеаҳои айёми ҷанги шаҳрвандӣ, беҳокимиятӣ ва таи чанд соли баъди он буд, ки ин тоифаро ҳукмрон гардонид ва ба ҳар амале, ки мехостанд, даст мезаданд. Инро мо дар мисоли Шайх–қассоб мебинем, ки ҳатто ошкоро сабаби падари Наъно, шавҳари Раъноро қатл карданашро аз муҳаббати худ ба ин зан мешуморидааст.

«–Ӯ ба ягон кас итоъат намекунад; ягон расму русумро риоя надорад... Шумо одами хуб тобед, гӯям, ки падари маро ӯ кушта...Аз барои очам. Гӯё чунин корро накунад, зиндагӣ барояш ҳаром буд...Худи қассоб «ишқ» номад» [5, с.289].

Ба духтархонди худ Раъно ба чашми ҳавасхоҳ ва шаҳват нигаристани ин марди фосиқ сирати нопок ва касифи ин мардро бештар ва амиқтар ошкор мекунад.

Аммо хонанда ба бисёр манзараҳое вомехӯрад, ки барояш ғайричашмдошт буда, ӯро қонеъ намекунанд. Баробари аз даргоҳи падарандар озод шудан хонанда шоҳиди бархе аз рафторҳои ношоями Наънои ранҷдидаву азияткашида шуда, ҳисси эҳтиромӣ тараҳҳумро ба ӯ гум мекунад. Фаразан, Наънову писари Забиба гӯё якдигарро писанд афтодаанд, вале дар рафтори Наъно мо дилдодаву ошиқро не, балки духтари сабукмағзеро мебинем, ки ҳар лаҳза рафтори беандеша ва бепардаеро аз ӯ интизор хоҳӣ буд.

«Занг набаромада Наъно шинохт Барзӯро ва дар боз кард. Чун дарун омад, духтар хештан тарсидаву ҳаросида гирифта, ба оғӯши мард ҷо шуд». [5, с.311].

Худро ба оғӯши марди номаҳрам партофтани духтари қадрас, инчунин бо писари Забиба бо тезӣ унс гирифтани ӯ ва ишқварзии онҳо дар хомазор варо ба хонанда чун духтари сабукандешаву сабукниҳод ва ҳатто сабукпо ва маънан хароб нишон медиҳад. Баъдан Наъно, ки ранҷу азиятҳои зиёде кашидааст, бояд ҳар рафторашро санҷида амал мекард, на чун як духтараки ҳарҷоӣ худро ба бағали марди зандори синнаш бузург ҳаво медод.

Қиссаи «Санам» низ аз осори дар солҳои охир нашргардидаи адиб буда, он воқеаҳои охири солҳои навадуми садаи бист ва рӯзгори яҳӯдиёни кишвари моро, ки бар асари ин воқеаҳо ҳамагӣ кӯч бастанд, дар бар гирифтааст. Қаҳрамонҳои марказӣ Азизи бухороӣ, ки донишҷӯи бахши дандонпизишки Донишгоҳи тиббист, зани ҷавону зебо Сара ва шавҳари ӯ–Абрами пиру барҷомонда мебошанд. Санам исми гузоштаи Азиз ба акси ҷавонии Сараи зебову хушандом аст, ки шавҳараш

Абрам кашида, нусхаи онро дар маґоза ба фурӯш гузоштааст. Бояд гуфт, ки Азизро бо ин яҳудиён на танҳо он кулбаи назарногири иҷорае, ки дар ҳавлии Абраму Сара дошт, мепайвандад, балки ӯ аз тифлӣ дар тарбияи марди яҳудӣ Микойил бузург шудааст ва ин аст, ки дар ҳар нишасту хез ва ҳар рафтору кирдори ӯ соҳибхона Абрами солманд аъмоли яҳудиёнаро дармеёбад. Яъне, Азиз дар хонадони Абрам ва пасон дар зиндагии Сара тасодуфан пайдо нашудааст, балки тарбияи падарандараш Микоил ӯро то андозае ба мисли дар рӯ ба рӯи силоҳдорон гиря карданаш, то дилашон сӯзаду ба ӯ кордор набошанд, хеле эҳтиёткорона пинҳон шуданаш аз силоҳдорони ґоратгар яҳудикирдору яҳудихислат намудааст. Аммо ҳадафи нависанда инъикоси рӯзгори яҳудиён не, балки ҷанг ва оқибатҳои харобиовару фоҷиабори он аст, ки дар мисоли рӯзгори Сара ва Азиз тасвир ёфтааст. Рӯзгори пур аз тарсу ҳарос ва ваҳшатзое, ки ҷанг ба сари одамон меорад, аксари хонаводаҳоро бадбахт ва мусибатзада, аз ҳам ҷудо ва парешон намуд. Сара низ, ки аз зиндагии якҷоя бо Абрам фарзанддор нагардида, ягона ґамаш ҳамин бефарзандӣ буд, баъди марги Абрам ҳам фарзанд ва ҳам ёри муносибе ба мисли Азиз дошт, хушбахттарин зан буд. Аммо ҷанг боиси ҷудоии ҳазорҳо касоне ба мисли Сараву Азиз гардида, ба сари онон бадбахтиву мусибати зиёд овард.

Нависанда дар симои Азиз ҷавонони содаву ормонношикастаи донишҷӯи солҳои навадумро, ки аз воқеаҳои рухдода ба даҳшат афтода, сари калоба гум карда буданд, тасвир менамояд. Ин ҷавони донишҷӯ дар сар ҷуз савдои таҳсил дигар андешае надорад ва аз дасти ҷангу ҷангҷӯён дар ранҷу азоб буда, майдони сиёсату сиёсатбозон барои ӯ тамоман бегона аст. Ба Душанбе низ бо умеди таҳсил омада, дили пурормону пурорзуяш ташнаи дониш ва илм асту бас. Ӯ мисли бархе аз ҳамсолон фиреби фитнаангезони ҷангхоҳи мансабталошро нахӯрда, балки аз зумраи он ҷавонони донишҷӯест, ки китоб дар даст тарсону ларзон ва шиками гурусна ба дарс мешитобиданд.

Дар дами вопасин Абрами бемор розӣ мешавад, ки ҳамсари ҷавон ҳатто аз дигар мард ҳам бошад, пеш аз марги ӯ фарзанддор шавад. Ва интихоби Абрам сари иҷоранишини ҳавлии онҳо Азизи донишҷӯ, ки ба катхудои ин манзил писанд омада буд, интиҳо меёбад. Ва бешак ин амалро аз бешарафии Абрам шуморидан хатост, зеро ҳамсарашро, ки хеле ба Абрам садоқат ва муҳаббат дошт, бехад дӯст медошту намехост, бо гуноҳи ӯ ва баъди сари ӯ зан танҳо монад. Ин қарорро пазируфтан барои Абрам бадтар аз марг буд ва аз манзараи арбадаи Сара ва садои шикастани тақсимчаи шишагин, ки далели рашки Абрам аст, бедорхобии Абрам гоҳе, ки Сара дар ҳуҷраи Азиз қарор дорад, гоҳи бордор шудани ҳамсарашро фаҳмидан бесадо ашк рехтани ӯ ба мушоҳида мерасад.

«Куҷо рафтам? Пеши ошиқам!». Ва хомӯшии мутлақ шуд. Баъд садои ба замин зада, шикастани тақсимча омад» [6, с.7–44].

Ӯ воқеан азоби сахти рӯҳӣ мекашад, вале бо олиҳимматӣ ва ҷавонмардӣ барои Сара имконияти таваллуди фарзанд, имконияти модар шуданро медиҳад.

Нависанда солҳои пурошуби Тоҷикистон, қатлу ґорати одамони бегуноҳ, рабудани духтаракони маъсум ва бо роҳи зуроварӣ ва фиреб соҳиб шудани молу мулки дигарон ва онҳоеро, ки аз ин диёр кӯч мебастанд, равшан ва барҷаста тасвир намудааст. Хонаи Сараро ґорат мекунанд, зани ҳамсояро мекушанд, духтари ҳамсоя–Шаҳрияи шух аввал ґайб зада, баъди муддате бо камондори ҳарбипӯш пайдо мегардад, раиси маҳалла ҳавлии Сараро муфт соҳиб шудан мехоҳад, камондорон интизори фурӯхтани ҳавлӣ то баъди савдо харидору соҳибмулкро қатл ва ґорат намоянд, ин ҳама манзараҳоеанд, ки мо дар гузаштаи на чандон дур шоҳид будем.

Аммо яҳудизани ҷавон Сара бо дурандешии хоси яҳудиёна аз миёни ин оташу дуд ва хунрезиҳои ҷанг бо писарчааш Абрам ва тилловориҳои пинҳоннамудааш беосеб берун мешавад.

Раиси маҳалла, Шаҳрия ва камондоре, ки бо ӯст, нафароне ҳастанд, ки суистифода аз фазои дудолуди замони ҷанг манфиат бардоштан мехоҳанд. Муаллиф симои зишти онҳоро ба хонанда зиёд наменамоёнад, вале дар як лаҳза ва ё ду–се манзарае, ки дар асар тасвир ёфтааст, рафтору кирдор ва мақсаду нияти онҳо равшан ва ошкор ба назар мерасад.

Раиси маҳалла барои он, ки ҳавлии Сараро зудтар соҳиб гардад ва ё аз савдои он суде ба даст орад, дурӯғ гуфта, худро ваколатдори соҳибҳуқуқ муаррифӣ менамояд:

«Як кас омадаст, ки хона аз они ӯст; ҳуҷҷат ҳам дорад». Вале чун аз даҳонам чунин савол баромад: «Раисбобо, агар шумо ёрӣ диҳед, як дарвозаи нав шинонем». «Худаш мешинонад!» «Худи кӣ?» «Он, ки ордер дорад». Ҳаждаҳам ба замин зад. Печи ресмони дарвозаро накушодам. «Соҳиби ҳавлӣ дар роҳ...» Бофтам. Раис як қадам пас рафт. «Мумкин,–гуфт ва фармуд: –устоҳо ҳастанд...» ва дум хода кард...» [6, с.29].

Раиси маҳалла мисли гурги борондидае, ки аз моли ба яғморафта луқмае рабуданист. бо истифода аз беҳокимиятӣ ва вазъи ноҷури кишвар ва мусибати ҳамватанон мехоҳад, ҳавлиҳои бекасмондаи соҳибонашон аз тарс гурехтаву пинҳон шударо фурӯшад.

Аммо Шаҳрияи шӯхро, ки дили софаш моили Азиз буд, замони хуношому бераҳми ҷанг ба ин раҳ тела додаву бо камондорон ҳамнишин ва ҳамлибосу ҳамранг гардонидааст, ки дигар дили сангинаш ҳатто барои модар ҳам ғамин нест. Рамзи танпӯши даридаи ӯ нишони дастзурии силоҳдорони замони ҷанг ба ин духтараки маъсуми бепуштибон аст, ки пасон ба пайраҳаи ифлосаш тела медиҳанд. Шаҳрия пешнамунаи садҳо духтаронест, ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ силоҳдорони нохалаф бадбахт намуда, саргуму раҳгум сохтанд. Маъсумияти рӯҳонӣ ва ҷисмонии Шаҳрияро рабуда, варо ба инсони дигаре бедарду ғам ва бераҳм мубаддал сохтанд. Ба андешаи Сара ӯ гунаҳкори ғоратгариҳои ҳавливу хонаи ӯ ва ҳатто марги модараш буда, Азиз низ ба духтар шубҳа дорад. Мутаассифона, нависанда далели мувофиқ ва тавзеҳи муносибе барои исботи ин андешаи Сара ва Азиз, ки Шаҳрия дар ин амалҳо даст дорад, наовардааст. Бинобар ин, хонанда ба он, ки Шаҳрия ба куштори модари азизаш дастбакор бошад, бовар нахоҳад кард. Духтарак, ки ба ҷуз модар каси наздике надошт ва ҳавлӣ низ бе ин ҳам моли ӯ буд, чаро бо силоҳдорон забон як намуда, модари хеш ба қатл мерасонад? Ба андешаи мо ӯ низ худ дар аввал қурбонии нахустини ин фоҷиаҳо буда, пасон ҳамнишину ҳаммаслаки силоҳдорон мегардад. Ҳамин тавр муаллиф чеҳраи аслии ин духтараки ҳамсояро то ба охир накушода, симои ӯ дар асар норавшан мемонад.

Маълум аст, ки авзои бади сиёсӣ, ҷангу нооромиҳо ва куштору ғоратгариҳои силоҳдорон ба вазъи иҷтимоӣ бетаъсир нахоҳад монд. Фосилаи аз Бухоро баргаштан ва то ба фурӯдгоҳ омадани Сара дуру дароз давом намекунад, вале муаллиф дар ин муддати кутоҳ вазъи гиреҳхӯрдаву мураккаби ҷангзадаи ҷомеаро дар мисоли рӯзгори Азиз тасвир намудааст. Азизи бекасу танҳо дар ҷомеаи ҷангзадаи хуношом, ки дигар инсон қадру қиммате надошт, ба фоҷиаҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардад; дар пеши назараш зани ҳамсояро кушта, духтарашро мерабоянд, хонаи Сараро ғорат мекунанд, вале қаҳрамон бо нигоҳи зиндагисоз дар ин шаҳри ҷангзада дар ҳавлии дарвозааш шикаставу яғмогардида интизори касе аст, ки акнун дар айёми одамхори ҷанг ягона шахси наздик ва муттакояш маҳсуб меёбад. Сара низ дар азоби рӯҳӣ буда, мехоҳад, хонаводаи навбунёдаш; писарчааш Абрам ва шавҳараш Азизро беосеб ба ватани аҷдодӣ барад. Аммо ҳар ду аз ғоратгариҳову қатлу куштори камондорон дар тарсу ҳаросанд.

Бо қатъи назар аз ин камбудиҳо қиссаҳои «Санам» ва «Забиба» асарҳои пуарзиш ва мондагоре ҳастанд, ки пораи таърихи кишвари моро дар хеш таҷассум намудаанд ва хонанда хосса, насли наврас аз мутолиаи ин асарҳо бардошти маънавии хубе хоҳад гирифт. Эҷодиёти Сорбон воқеан дар даврони истиқлолият ҷилваи тоза ва мазмуни дигар касб намуда, мавзуоти гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихии моро дар бар гирифт. Ин давраи эҷодиёти муаллиф варо бори дигар чун нависандаи хушсалиқа ва таҷрибаандухтаи адабиёти навини тоҷик шиносонид. Нуктаи дигаре, ки мавриди зикр аст, ин беҳтарин унвон барои ҳар адиби мардумӣ–маҳбубияти Сорбон миёни халқ аст, ки нависанда баъли нашри нахустин қиссаҳои худ соҳиб гардидааст. Ин асарҳо бори дигар Сорбонро чун носири беҳамто ва адиби пухтаҳарф дар адабиёти муосири тоҷик муаррифӣ мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Абдунабӣ Сатторов. [Сорбон. Куллиёт, ҷилди 1.–Душанбе: «Эҷод», 2009. 488 с.
2. Худойназар Асозода.Таърихи адабиёти тоҷик, (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. –Душанбе. «Маориф ва фарҳанг», 2014. –594 с.
3. М.Шукуров. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо, ҷилди 4. Душанбе, –1980 –380 с.
4. Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ. Нависандае, ки ба касе монанд нест.–Душанбе: «Балоғат»,2016.–248 с.
5. Сорбон. Шаҳрбону –Душанбе: «Ирфон», 2019 –306 с.
6. Садои Шарқ. Сорбон. Санам, 2010. №11 –С.7 –44.

ОСОБЕННОСТИ ЖАНРА НЕДАВНО ОПУБЛИКОВАННЫХ РАССКАЗОВ СОРБОНА

В статье рассказывается о жанровых особенностях недавно опубликованных рассказов Сорбона «Забиба» и «Санам». Автор предоставил информацию о героях этой истории, Забибе, образованной женщине, которая была директор гимназии «Дониш» и имела семью, которую уважали люди и торговец Барзу, который однажды совершил ошибку и пострадал. Забиба оставила своего новорожденного сына в родильном доме, который родился через короткий промежуток времени после их брака. Затем она покаялась и стала отшельником. «Санам» –это

также недавно опубликованная история Сорбона, рассказывающая нам о тревожных годах и начале гражданской войны и миграции еврейского народа из Душанбе, а также о судьбе Абраама и ее молодой жены Сары Азиз, которая была студенткой–арендатором.

Ключевые слова: *ужасное время войны, воины–лучники, лучники в масках, еврейское предвидение, сломанная ворота, глава махалли, плохое состояние общества во время войны, вечернее кровопролитие, открытые и неудачные молодые люди 90–х годов, социальное положение, политическое состояние, человеческая ценность, грабеж и убийство и т. д.*

GENRE PECULIARITIES OF NEWLY PUBLISHED STORIES OF SORBON

The article tells us about genre peculiarities of newly published Sorbon's stories entitled «Zabiba» and «Sanam». The author provided information about characters of the story, Zabiba, educated woman, who was the head of «Donish» gymnasium and had had a family and was respected by the people and Barzu, trader, who made mistake once in his life and suffered. Zabiba left her a newborn son in the maternity house, which was born after a short period time following their marriage. Then she repented and became a hermit. «Sanam» is also a newly published story of Sorbon that tells us about anxious years and beginning of civil war and migration of Jewish people from Dushanbe and about Abraam and her young wife Sara Aziz's fate and, who was a tenant student.

Keywords: *war terrible time, archer warriors, masked archers, Jewish farseeing, broken gate, head of mahalla, bad condition of society during the war, an evening blood shedding, open–hearted and unsuccessful young people of 90s, social condition, political condition, human value, robbery and murder, etc.*

Сведения об авторе:

Мухаммадохирова Ханифа *–ассистент кафедры таджикского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел .: (+992) 939290924*

About the author:

Muhammadokhirova Hanifa *–assistant in the Department of Tajik Language of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Tel.: (+992) 939290924*

МАВҚЕИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ДАР РОМАНИ «ДУХТАРИ ОТАШ»-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Давлатов А.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав

Яқин метавон гуфт, ки романи эҷоднамудаи Ҷалол Икромӣ, «Духтари оташ» яке аз романҳои пурмуҳтаво, пурмазмун ва бо сабки хосса мавқеи намоён дар адабиёти навини тоҷик касб намудааст. Дар ин асари пуарзиш нависанда бо образ ва тасвирҳои нотакрори худ аз зиндагонии занони Бухорои то замони инқилоб, машаққат ва пурсабрии занон ба пасту баландиҳои зиндагӣ ва муборизаи тамоми занони Осиёи Миёна баҳри ба даст овардани зиндагии осоишта хеле барҷаста иниъкос гардидааст.

Ҳар як адиб зарбулмасалу мақолро вобаста ба завқи эҷодии худ истифода мекунад ё ба таври дигар гӯем ҳар як адиб сабки хоси худро дошта, вобаста ба он дар асарҳои худ аз зарбулмасалу мақол истифода мекунад.

Чи тарзе ки Асрорӣ В. қайд мекунад: «Нависанда аз зарбулмасал ҳамчун аз масолеҳи забон ва васоитаи тасвири бадеӣ ба таври васеъ истифода мекунад. Зарбулмасал барои кушодани характери қаҳрамон, тасвири барҷастаи вазъият, пуркувват кардани мазмуни андешаи муаллиф ё персонажи асари ӯ, типпи кунонидани образ дар асари бадеӣ ва ғайра роли муайяне мебозад.» [Асрорӣ 1990, с.13]

Бинобар он ки қисми бештари воқеаву ҳодисаҳои тасвиршудаи «Духтари Оташ» ба ҳаёти мардуми қишлоқ ва шаҳри Бухорои то инқилоби тоҷик марбут ва алоқаманд аст, нависанда дар асоси материалҳои замони худ ба хусусиятҳои эҷодиёти шифоҳии халқ диққати махсус медиҳад.

Зарбулмасалу мақол аз ҷумлаи он жанрҳое ба ҳисоб мераванд, ки доираи истеъмолашон васеъ буда, дар тамоми минтақаҳо бо сабку услуби худ истеъмол мегардад. Мақолу зарбулмасал жанрҳои хурди шифоҳие ҳастанд, ки дар худ маъноҳои васеъро доро мебошанд. Ин жанрҳо аз замонҳои қадим дар байни мардум маъмулу машҳур буда, халқ аз инҳо ба таври фаровон истифода мекунад.

Адабиётшинос Бозор Тилавов қайд мекунад, ки: «Зарбулмасалу мақолҳо аз ҷумлаи маъмултарину машҳуртарин анвоъи эҷодиёти бадеии шифоҳии халқ буда, ғояҳои аҷибу афкори начиби кулли инсониятро дар шакли ниҳоят кӯтоҳу мухтасару дилнишин баёну ифода мекунанд. Онҳо аҳамият ва афзоиши баланди таърихӣ, бадеӣ ва ахлоқию тарбиявӣ доранд, дар бобати такмилу инкишофи донишу маърифати одамон, завқи бадеӣ, нутқи мардум нақши ниҳоят бузург доранд». [Тилавов 2006, с.7]

Тафовути зарбулмасал аз мақолро муҳақиқион гуногун шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла Воҳид Асрорӣ чунин қайд мекунад: «Зарбулмасал ва мақол аз ҷиҳати вазифа ва роли худ дар матн ва дар нутқ аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Аммо аз ҷиҳати хусусияти бадеӣ тафовуте доранд. Зарбулмасал бештар ба маҷоз, киноя, ташбеҳ, рамз ва ғайра сохта мешаванд. Маънии маҷозиаш асосӣ мебошад... Дар мақол чунин хусусияти маҷозӣ нест ва сухан асосан ба маънии аслии худ истифода мешавад».[Асрорӣ 1990, с. 6]

Муҳаққиқи дигар тафовути зарбулмасалу мақолро чунин арзёбӣ кардааст: «Ҷиҳати ниҳоят фарккунандаи зарбулмасалу мақолҳо ва панду ҳикматҳо, ки дар гурӯҳҳои дигари ифодаҳои рехта, аз ҷумла, воҳидҳои фразеологии забон дида намешаванд, ифодаи муҳокима ва хулосабарориҳои мантиқӣ дар онҳост. Бештарин зарбулмасалу мақолҳо аз ду ҳисса –муҳокима ва хулосаҳо иборатанд». [Маҷидов 1982, с.18]

Ҷалол Икромӣ низ аз ҷумлаи он адибоне ба ҳисоб меравад, ки сабки хоси худро дорад. На фақат дар забони худи нависанда, балки дар забони персонажҳои асар низ истифода шудани ибора ва ифодаҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳо, гувоҳи гуфтаҳои боло мебошад.

Дар аксари зарбулмасалу мақолҳое, ки Ҷалол Икромӣ дар ин романаш истифода кардааст, таҳлили худи ҳамон зарбулмасал ё мақол дар ҷумлаи пеш ё баъдина оварда шудааст. Чунончӣ дар мисоли зерин: «Ба ин кори вай Мағфират муқобилият карда, норозигӣ изҳор кард, лекин бой узрхоҳона, ба тариқи маслиҳат гуфт, ки «Фирӯза, ки сиҳат шуд, ба Асо никоҳ карда медиҳад». Ин *як тиру ду нишон* гуфтанӣ аст. Ҳам Мағфират осуда мешавад, ки бой дар фикри зан карда гирифтани Фирӯза нест, ҳам Асо, ки хизматгори ҷонсупори ӯст ва мехоҳад Фирӯзаро ба занӣ бигирад, осуда ва таъмин мегардад ва ҳам даҳони мардум баста мешавад.»[Икромӣ 2014, с.358]

Дар адабиётшиносии тоҷик ҳаёт ва фаъолияти Ҷалол Икромӣ то андозае мавриди таҳлил қарор гирифта, дар бораи ҳикояву романҳои адиб чанд мақолаву рисолаҳои хурду калон навишта шуда бошад ҳам, аммо дар бораи «Зарбулмасал ва мақол» дар романи «Духтари оташ» рисолае ба назар намерасад.

М. Шукуров ва Л. Демидчик дар асари худ «Насри Ҷалол Икромӣ» тамоми осори ӯро аз аввалин ҳикояаш то романи «Зоғҳои бадмур» мавриди таҳқиқ қарор додаанд, аммо доир ба корбурди зарбулмасалу мақол сухане нагуфтаанд. Муҳаққиқи дигар Худойдодов Б. дар асари худ «Романи Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ», ин романро таҳлил кардааст. Ӯ ба мавзӯҳои зерин аҳамият додааст, аз ҷумла ғоя, конфликт, системаи образҳо, офаридани характерҳо, фардикунонидани қаҳрамонҳо, кушода додани ҷаҳони ботинии онҳо. Дар ин рисола низ дар бораи «зарбулмасал ва мақол» сухане нарафтааст.

Аз ин лиҳоз лозим шуморида шуд, то дар ин мақолаи илмӣ мавқеи зарбулмасалу мақол дар романи «Духтари оташ» мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода шавад. Зеро ба ҳамагон маълум аст, ки маҳз истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дар асарҳои бадеӣ обуранги бадеии асарро дучанд ва хонданибобу мӯъҷаз мегардонад. Ҷалол Икромӣ низ чунонки дар зер мушоҳида мекунем бо истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, арзиши романи «Духтари оташ»–ро дучанд гардонидааст.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар ин роман наздики 80 –зарбулмасалу мақол истифода шудааст. Зимнан ҳамин ёдовар шуд, ки мо ҳар як зарбулмасалу мақоле, ки аз ин роман пайдо намудем, нусхаи онро аз Куллиёти фолклори тоҷик овардем, то ин ки арзиши ин мақолаи илмӣ боз ҳам баланд шавад. Барои таҳвияти гуфтаҳои боло як ду намуна меорем, то бидонем, ки зарбулмасалу мақол чи гуна истифода шудааст.

Зарбулмасали зерин чунин истифода шудасст: «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» (Т571) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.74].

–Майлаш, духтарам, ман коре мекунам, ки *ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад*! Яъне бо гуфтаи ту ва ба ивази як ҷувол гандуму як кӯза равған туро ба бои бухорӣ медиҳам, лекин илтимос мекунам, ки туро ба Иброҳимҷон никоҳ карда диҳад.[Икромӣ 2014, с.66]

Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад –ин зарбулмасал ба зарбулмасали «бо як тир ду нишон ё «фохтак» задан» қаробат дорад, яъне ҳангоми кореро ба анҷом расонидан набояд тарафи муқобил аз

ту дилозурда шавад. Ҳам ба мақсад расиву ҳам дигар касро маёзорӣ. Дилором –каниз ҳодисаву воқеаҳои гузаштаи худро ба навбераи худ Фирӯза ва инчунин ишқи миёни худ ва Иброҳимҷон ва воқеаи ба ғуломи гирифтор шуданашро ҳикоя мекунад. Он сол гурӯснагӣ омада буд, мардумон ҳар чизи пурқиммат ва ҳатто фарзандони худро дар ивази андак равғану гандум мефурӯхтанд. Иброҳимҷонро падараш ба нархи як ҷувол гандум фурӯхт. Ин ҳодисаро шунида, Дилором ба назди оқсақоли деҳа рафта дар ивази худ як ҷувол гандуму як кӯза равған гирифта ба назди падару модари худ оварда атола мепазад ва ба модару падри пираш мехуронад ва худ дегро лесида қаноат мекунад. Баъд аз хоби онҳо баромада меравад. Падару модараи Дилором пир ва лоғар аз гурӯснагӣ ба ҳалокат наздик буданд, аз ҳамин сабаб ҳам ин амалро ичро кард, яъне ба дилдодаи худ расид ва аз ҷониби дигар падару модарашро аз марг начот дод.

Зарбулмасали дигарро аз назар мегузаронем: «Ба собуни ман ҷома нашуштӣ» (Т445) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.66].

–Чӣ механдед?! Маймун бача зоид? Як ноқисулақл гапҳои моламяълам гуфт –гуфт –дия!

Ҳама хомӯш шуданд, лекин овози кампир боз баланд шуд:

–Ту, оқсақол, ҳанӯз *ба собуни ман ҷомашӯӣ накардаӣ*! –гуфт вай таҳдидомезона. –Ноқисулақл бошам ҳам, ҷавоби садта ту барин буғӯзаъламҳоро гуфта метавонам. Беҳтар, ки машмаша накарда, аз атрофи сари дегат бохабар шав! [Икромӣ 2014, с. 132]

Бо собуни ман ҷомашӯи накардаӣ –аз ин зарбулмасал чунин маънӣ бар меояд, ки то ҳол хулқу атвори маро хуб намедонӣ. Нависанда воқеаи оқсақол, ки Дилором –канизро дар байни маъракаи тӯй паст мезанад овардааст. Аммо Дилором –каниз низ паст намемонад ва дар ҷавоб ба ӯ ҳамин зарбулмасалро мегӯяд. Яъне огоҳ мекунад, ки бо ман ин тавр муносибат накун, ту маро хуб намедонӣ.

Зарбулмасали зерин чунин истифода шудааст: «Лӯбиё каду –лаънат ба ҳар ду» (Т480) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.67].

–Ҷадиду болшевик илоҳӣ ба дунё наомаданак мешуд! –гуфт Пошобибӣ. –Ҳар дуяш ҳам як бало –*лӯбиё каду, лаънат ба ҳар ду*! [Икромӣ 2014, с.537].

Лӯбиёю каду лаънат ба ҳар ду –ин зарбулмасал аслан ҳангоме, ки одам ягон чизро нахоҳад, истифода мебарад. Нависанда бошад, ҷадиду болшевикро ба лубиёю каду ташбеҳ дода, аз забони персонаж ба ҳардуи онҳо лаънат хондааст.

Зарбулмасали дигарро аз назар мегузаронем, ки ба таври зайл омадааст: «То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад» (Т037). [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.42].

–Пас чӣ бояд кард? –Камолиддин тангдил шуда буд. –Модоме, ки барг меҷунбад, пас шамол ҳаст. Мо бояд пеши шамолро гирем. [Икромӣ 2014, с.422].

То шамол нашавад, барги дарахт намеҷунбад –чуноне ки дар зарбулмасали «дуд беоташ намешавад» таҳлил кардем, ҳаминро танҳо қайд кард, ки ҳеҷ чиз бесабаб намешавад, ҳар рӯйдоде сабабе дорад. Камолиддин андӯҳгин шуда, мегӯяд, ки модоме ки барг меҷунбад, пас шамол ҳаст, бояд пеши ин шамолро гирифт. Ҳадаф аз он нест, ки пеши шамоли табииро гирифт, балки мақсад дар он аст, ки пеши ҷангу низоъро гирифт.

Зарбулмасали машҳур ба таври зерин омадааст: «Алами Исоро аз Мӯсо гирифт» (Т593) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.75]. Фарқ дар ин ҷо танҳо дар калимаи аввал дида мешаваду халос, «қасд» ва «алам» дигар ба маъно ҳеҷ нуқсоне ворид нашудааст.

Мағфират ба пешвози меҳмони омада истода гуфт: –Қасди *Исоро аз Мӯсо* гирифтанӣ будам... ассалом, чӣ тавр шуду шамол аз куҷо паронд? [Икромӣ 2014, с.412].

Қасди Исоро аз Мӯсо гирифтан –яъне корро дигар кас анҷом медиҳад, ба ивази ӯ шахси дигар дар азоб мемонад. Баъд аз оне ки Асо ба хонаи иноқ об овард, дар хона худи иноқ набуд, аммо Мағфират, ки дар аввал зани Ғаничонбой акнун ҳамсари иноқ буд, дар хона интизори ӯ буд. Мағфират ба Асо гуфт, ки Фирӯза ишқу муҳаббатро чӣ медонад он говтабиат. Асо дар ғазаб шуда, мегӯд, ки ҳатто як тори мӯи ӯро ба ҳазор барин шумоҳо баробар намекунам. Аз ин нияти бади ин зан Асо пай бурду дарҳол аз хона баромад, аз ақиби Асо сангеро партофту аммо санг нарасид. Дар аснои баромад духтари миршаб Мушаррафа, ки акнун зани қоматбаланд шуда буд, даромада аз ӯ чӣ воқеа шуданашро пурсид. Мағфират дар ҷавоб мегӯяд, ки қасди Исоро аз Мӯсо гирифтанӣ будам, аммо нашуд.

Ин мақол ҳамеша дар асли худ меояд, барои он ки аз ду ҷузъи хурд иборат аст. Дар китоби Куллиёт бошад ба ҳамин тарз омадааст: «Ҷӯянда –ёбанда» (Т126) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.47].

– Смирнов, шумо? Аз кучо маро дида мондед? –*Чӯянда –ёбанда*! –гуфт Смирнов. –монда нашавед, то ба кучо? [Икромӣ 2014, с.371].

Ман дар як дақиқа ҳозир мешавам. О, мегӯд –ку: чӯянда ёбанда! [Икромӣ 2014, с.462].

Чӯянда –ёбанда, ин мақолро дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида карда мешавад. Агар нафаре сидқан дар пайи чустучӯи чизе бошад, ҳатман ба мақсадаш хоҳад расид. Ин мақол ду маротиба ва аз нутқи ду персонаж яке Смирнов, дигаре Тағойча оварда шудааст. Дар ҳар дуи ин матнҳо мақол ба маънии пайдо намудани шахс истифода шудааст.

Ин зарбулмасал бо иваз намудани калима «гунҷишк» ба «чумчуқ» истифода шудааст. Чунончӣ: «Чумчуқа кӣ кушад? –Қассоб» (Т173) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.50].

–Рӯзамон аз ин беҳтар мешуд, –гуфт Ака Махсум. –Ба ҳар ҳол ҳокими рус ин қадар ҷоҳил не. *Гунҷишка кӣ кушад, қассоб!* –гуфтагӣ барин, ҳокими рус аз як тараф сахтгирӣ кунад ҳам, аз тарафи дигар каму беш озодӣ ва равшанӣ меорад. [Икромӣ 2014, с.201].

Гунҷишка кӣ кушад –қассоб, яъне бояд корро он шахсе анҷом диҳад, ки аз ӯҳдаи он кор мебарояд ё мутахассиси он кор аст. Дар байни дӯстон Ҳайдарқул, Қорӣ Усмон, Қорӣ Шариф, Ашрафҷон, Ака Махсум ва Қорӣ Абдулваҳҳоб ҷамъомаде шуд, ки дар ин миён Ашрафҷон мепурсад, агар оқпошшо Бухороро мегирифт чӣ мешуд? Дар ҷавоб мешунавад, ки агар ҳокими рус Бухороро мегирифт аз як тараф сахтгирӣ кунад аз тарафи дигар озодӣ низ ба мардум медод.

Зарбулмасали зерин бо вариантҳои гуногун дар Куллиёти фолклори тоҷик истифода шудааст. То 27 вариант омадааст ва ҳар як нусхаи истифода шуда, боз борҳо истифода шудаанд, ба монандӣ: «Ба умеди худо нашав буттая дор, Ба умеди Баҳоваддин нашаву буттара қап, Машав ба умеди пир дегро даст гир» [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.147].

–Бале, –гуфт боз ба хомӯшӣ халал дода қозӣ, –метарсам, ки умрам кӯтоҳӣ мекунаду ба муқобили ин бадтол хонадони мо бепаноҳ мемонад!

–Худо накунад! –гуфт дарҳол раис. –Насиб бошад, ба ҳамаи душманонатон ғалаба карда, ба сад медароед!

–*Ба умеди худо нашав буттаро дор*, гуфтаанд, писарам! –гуфта монд падар. [Икромӣ 2014, с.224]

Ин зарбулмасал ақидаи зидди динӣ дорад, аммо маъниаш дар он нест, ки инсон аз умеди Худо даст канад, балки дар он аст, аи мегӯяд ба умеди дигарон набош ва ба кори худат амал кун ва боз дар маврид саҳеҳ маълум набудни коре гуфта мешавад. Дар ин ҷо қозиву раис бо ҳам сӯҳбат мекунанд ва ба пеши худ миршабро даъват карда сабаби даъват кардани Остонақул қушбегиро пурсон мешаванд. Миршаб низ мегӯяд бояд ба ҷаноби олӣ духтари боақлу ҳушу зебоеро пайдо карда бурдан даркор. Баъд аз рафтани миршаб раис, ки писари қозӣ буд мегӯяд, ки Остонақул душмани сарсахте аст, набояд дар пеши миршаб суханҳои махфӣ гуфт. Падараш мегӯяд метарсам, ки умрам кӯтоҳӣ мекунад, бар зидди ин душманон, аммо писараш мегӯяд ғам махур падар шумо ба ҳамаи душманонатон ғалаба карда ба сад медароед. Падараш ҳамин зарбулмасалро меорад.

Мақоли мазкур чунин омадааст: «Дуз бошу баинсоф бош» (Т439) [Куллиёти фолклори тоҷик 1986, с.66].

Ту дар ин ҷо истода камтар кор кун, камбағал, лекин ҳушёр бош, ки беобрӯ накунӣ, фаҳмидӣ? *Дузд бош, баинсоф бош*! [Икромӣ 2014, с.238].

Дузд бош баинсоф бош –Дар тамоми корҳо адлу инсофро набояд фаромӯш кард. Новобаста аз қудрату тавоноии худ ба дигарон набояд зарар расонд. Кали Қурбон хидматгори миршаб, ки аз корҳои имшаба ягон даромад надошт, бисёр ғамгин ва хафа буд. Миршаб ҳангоми ба хона рафтанаш, тамоми корҳоро ба гардани Кали Қурбон вогузор карда таъкид мекунад, ки ҳушёр бош, боз беобрӯй накунӣ!

Дар натиҷаи омӯзишу баррасии эҷодиёти Ҷалол Икромӣ ва бахусус романи «Духтари оташ» ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳеҷ эҷодкоре бидуни омӯзишу истифодаи эҷодиёти даҳонакии халқ дар офариниши асари боарзише наметавонад муваффақ гардад. Аз як ҷониб истифодаи эҷодиёти мардум дар асарҳои бадеӣ дар баланд гардидани сатҳи бадеӣ ва мӯҳтавою мазмуни асар нақши муаассир гузорад, аз ҷониби дигар зуд ба дили хонанда роҳ меёбад. Чунин асарҳое ки дар баробари барчаста нишон додани қаҳрамон ҳамчунин аз гуфтори воқеии мардум, ки ҳар рӯз дар ҳаёт вомехӯранд истифода шавад, бештар диққатҷалбкунанда шуда, маҳбубияти хоссаеро касб мекунад.

Бо даст додани имконият мавзӯи матраҳро идома дода, кӯшиш менамоем ҷиҳатҳои навину муассири эҷодиёти даҳонакии халкро на танҳо дар як асари Ҷалол Икромӣ балки дигар асарҳои ӯ ва

асарҳои нависандагони дигарро низ ба риштаи таҳқиқ кашида, шаклҳо истифодаи жанрҳои эҷодиёти халқро муайян намоем.

АДАБИЁТ

1. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. Душанбе: Маориф, 1990.–255 с
2. Икромӣ Ҷ. Духтари оташ (роман). Душанбе: Адиб, 2014. –560 с.
3. Кулиёти фолклори тоҷик: Зарбулмасалҳо. Ҷилди 4. Душанбе. Дониш, 1986. –240 с.
4. Тилавов Б. Суханҳои рӯҳафзо. –Душанбе: Деваштич, 2006. –152 с.
5. Худойдодов Б. Романи Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ». Душанбе. Ирфон, 1967. –109 с.
6. Шукуров М, Л. Демидчик. Насри Ҷалол Икромӣ. Душанбе. Ирфон, 1979. –139 с.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1982. –106 с.

МЕСТО ПОСЛОВИЦ В РОМАНЕ «ДУХТАРИ ОТАШ» ДЖАЛОЛ ИКРОМИ

В данной статье рассматривается положение пословиц в романе "Духтари оташ" и Джалол Икроми. Автор в своей исследовательской области считает необходимые проблемы одной из приоритетных задач и проводит исследование с чувством высокого бизнеса и самоотверженности. Следует отметить, что бескорыстное занятие–это справедливость, честность и неповторимый автор, который овладевает своим страстным творчеством в современной литературе. Книга содержит материалы из числа студентов, читателей из числа преподавателей и студентов. Кроме того, этот увлекательный писатель, нагруженный своими творческими романами, стал популярным среди других писателей. Джалол Икроми в своих романах вызвал возмущение новостью и общепринятой ассоциацией, которая заставляет читателя читать ее с большим умом.

Ключевые слова: *Джалол Икроми, пословицы, писатель, литература, роман, произведения, творчество, проблема, исследование, загадка, лирика, любовь, головоломка.*

THE PLACE OF PROVERBS IN THE NOVEL «DUKHTARI OTASH» JALOL IKROMI

This article deals with the position of proverbs in the novel "Dukhtari otash"i Jalol Ikromi. The author in his research field considers the necessary problems to be one of the priority problems and conducted the investigation with a sense of high business and dedication. It should be noted that a selfless occupation is justice, honesty and a unique author who master their passionate creativity in modern literature. The book contains materials from the number of students, readers from the number of teachers and students. In addition, this fascinating writer, loaded with his creative novels, has become a viewing among other writers. Jalol Ikromi in his novels has caused outrage at the news and the generally accepted association that makes the reader read it with great intelligence.

Keywords: *Jalol Ikromi, proverbs, writer, literature, novel, works, creativity, problem, research, riddle, lyrics, love, puzzle.*

Сведение об авторе:

Давлатов Абубакр *–ассистент кафедры философии и культуры Бохтарского государственного университета имена Носира Хусрава, тел.: (+992) 907703096, abubakr.davlatov.9696@gmail.com*

About the author*:*

Davlatov Abubakr *– assistant of the Department of philosophy and culture of Bokhtar state University named after Nosir Khusrav, tel: (+992) 907703096, abubakr.davlatov.9696@gmail.com*

АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ –МУАЛЛИФИ КИТОБҲОИ ДАРСӢ

Норова Г.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар оғози асри ХХ Иттиҳоди Шӯравӣ инсони нав ва бо тафаккуру нигоҳи тозаро нисбат ба зиндагӣ рӯи саҳнаи ҳаёти сотсиалистӣ овард, бо ҳамин маром гузаштагони мо то солҳои 90–уми ҳамин сада дар кору фаъолияти меҳнатию–иҷтимоӣ,таълиму тадрис дар ҳама зинаҳои макотиби таҳсилоти ибтидоию умумӣ ва таҳсилоти олӣ аз рӯи барнома ва дастурҳои таълимию методии ҳамин давра фаъолият намуданд.

Фаъолияти адабию–эҷодии Абдусалом Деҳотӣ ҳамчун муаллифи китобҳои дарсӣ тақрибан аз охири солҳои 40 шурӯъ мегардад. Ӯ то навиштани китобҳои дарсӣ аз оғози солҳои сиюм ба қавли

устод С.Айнӣ ҳамчун адиби насли комсомол ба навиштани суруду таронаҳо ва шеърҳо барои бачаҳо ва наврасон шурӯъ карда буд ва ба ин васила ба ҳолати руҳӣ ва хислату характери бачаҳо ошно гардида буд [3].

Шоир дар ин давра барои бачагон шеърҳои зиёде эҷод карда зиндагии кӯдаконро бештар омӯхт. Шеърҳои «Ҷавоб ба оташдиҳандагони ҷанг» (1931), «Иди якуми май», «Қарзи вичдон» (1936), «Эй булбулакони боғи дониш» (1940), «Табрики соли навӣ» (1941), «Ватани мо шуд аз дигар озод» (1946), «Баҳор омад», «Лашкари советӣ», «Баррачаи ман», «Трактор омад», «Шогирди Ленин мешавем» (1948) [3] ва амсоли инҳоро ба табъ расонидааст.

Дар ин давра А.Деҳотӣ махсусан, дар навиштани китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ фаъолона иштирок мекунад, ин соҳаи фаъолияти ӯ диққати ӯро тадричан бештар ба адабиёти бачагона ҷалб мекунад. Беш аз ҳама, ӯ ба хусусиятҳои синну солии хонандагони хурдсолаш аз наздик шинос шуд. Хусусияту характер ва табиати онҳоро хӯб омӯхт, аз осори оригиналии адибони бачагонаи рус пурмаҳсул тарҷума кард ва сабаки эҷодӣ гирифт,ба равнаки минбаъдаи фаолияти эҷодии ӯ махсусан, дар байни солҳои 1948–1956 рӯ ба навиштани китобҳои дарсӣ овардани А.Деҳотӣ фаъолияти эҷодии ӯро ҳамчун адиби бачаҳо бештар густариш дод.

А.Деҳотӣ чунин китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ таҳия намудааст, «Китоби хониш» барои синфи 3, «Китоби хониш «барои синфи 4, «Китоби хониш» барои синфи 1 (ҳамроҳии Ш.Ниёзӣ), «Китоби хониш» барои синфи 2 (ҳамроҳи Ғ.Эшонҷонов) тартиб дода нашр кардааст. Бояд тазаккур дод, ки китобҳои таҳия ва тартибдодаи А.Деҳотӣ аз рӯи хронология, яъне соли нашр ба тариқи зайл қарор доранд:

« Китоби хониш « барои синфи 1 бо ҳаммуаллифии А.Эшонҷонов соли 1948 ва «Китоби хониш» барои синфи 2 (ҳамроҳи А.Эшонҷонов) соли 1950, «Китоби хониш» барои синфи 4–ум соли 1959 (ин китобҳо минбаъд такроран аз нав нашр шудаанд. [1]

Ҳамин тавр, иштироки фаъолонаи А.Деҳотӣ дар тартиб додани китобҳои дарсӣ ба қавли С.Саидов «... Ӯро ба ҳаёт, табиат ва характери бачагон бештар ошно гардонид, ба ӯ имконият дод, ки на танҳо мувофиқи синну соли хонандагон материалҳои адабиёти бадеиро интихоб кунад, худ бевосита барои синну соли муайян асарҳои тозаву нишонрас ва замонавӣ эҷод намояд.» [3]

Ҳамин тавр қисми зиёди шеърҳои баъди соли 1948 эҷоднамудаи А.Деҳотӣ пурра ба синну соли бачагон ва талаботи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқанд. Ин навъ асарҳои А.Деҳотӣ рафтору кирдор ва характери бачагони хурдсолро пурра ифода мекунад, ба синну соли бачаҳо ҷавобгӯянд.

Донишманди адабиёти бачагона будани А.Деҳотӣ аз рӯи чунин гузоришоти проблемавии ӯ «Адабиёти бачагона қафо монда истодааст», «Барои сифати баланди тарҷумаи асарҳои назм», «Дар бораи ашӯлаҳо ва таронаҳои тоҷикӣ»,»Барои тараққиёти адабиёти бачагона» муҳимтарин воситаи тарбияи коммунистии бачагон, махсусан равшан мегардад [3].

Чун дар ин гузориш ҳадаф баррасии китобҳои дарсии А.Деҳотӣ қарор дорад, дар идомаи сухан роҷеъ ба ин масъала чанд нуктаро таъкид кардан мехоҳем. Таҳлилу баррасии ҳамаи китобҳои дарсии А.Деҳотӣ кори мушкилписанд аст, мо қарор додем, ки танҳо ба устухонбандии «Китоби хониш»и синфи 2 нашри соли 1950–ум бо ҳаммуаллифии А.Эшонҷонов ба табъ расидааст, ибрози андеша кунем.

«Китоби хониш»и синфи 2 аз 178 саҳифа иборат аст. Муаллифони китоби дарсӣ синфи 2 нашри соли 1950 мувофиқи талаботи идеологияи замон бо Гимни Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ кардаанд, пас аз ин, «Гимни Давлатии РСС Тоҷикистон» ва суруди А.Лоҳутӣ «Ман паҳлавонам» меояд, ки аз 5 банди чормисраӣ дар қофиябандии аааа омадааст. Суруд дар навъи жанри мусаммати мураббаъ қарор дорад. Аз нигоҳи мавзӯъ дар суруд ифтихор, меҳнатдӯстӣ, сарфарозӣ аз меҳнати суботкорона тараннум шудааст. Қаҳрамони лирикӣ бо оҳанги мутантан, фотеҳона мегӯяд:

Дона мепошам бо зарбдорӣ,
Пахта мечинам бо ҳушёрӣ.
Сабақ мехонам бо номдорӣ,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам.
Тоҷикистонро ман дӯст медорам,
Кори колхозро баҷо меорам.
Планро ақиб намегузорам,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам [1, с.5].

Баъд аз ин суруд дар бораи «Ватан –Модар» порчае мансуре оварда мешавад, ки дар он мафҳуми «Ватан» ба маънои зодгоҳ, деҳа, мавзеъе, ки гузаштагон, бобо ва бобокалонҳо зиндагӣ

кардаанд, фаҳмида мешавад, ҳатто онро Модари худ медонем, модаре, ки моро мехӯронаду мепӯшонад ва ба мо забон ёд медиҳад, илм меомӯзад. Пас аз ин ҳамин ҳикмате бузург «Ватан–Модар «, бо суханҳои оқилонаи халқӣ баррасӣ мешавад, аз ҷумла :

Лаънат ба касе к–аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию, ба кас банда шавад! [1, с.6].

Ҳамин усули аз нигоҳи мавзӯъ, мундариҷа, ғоя, ҷобаҷогузории мавод минбаъд бо низом риоя мегардад, баъд дар мавзӯи дигар шеъри А.Лоҳутӣ «Хайрбод, Москва» оварда шудааст, ки аз 5 банд иборат аст. Бандҳо дар шакли қофиябандии **аабб** (банди якум ва дуюм), бандҳои сеюм, чорум дар шакли қофиябандии **ааба** ва банди панҷум **аабб** омадааст. Ин шеъри А.Лоҳутӣ аз нигоҳи устухонбандӣ хеле ҷолиб аст, масъалан банди аввал:

Эй рафиқони Маскав,
Меҳрубонони Маскав.
Бар шумо раҳмат, раҳмат!
Иззату ҳурмат, ҳурмат!
Банди дуюм:
Омадем осон, осон,
Рӯйи Маскав дар чашмон.
Меравем мушкил, мушкил,
Сурати Маскав дар дил.

Байти дуюми банди дуюм дар банди панҷуми ин шеър ҳамчун байти васила такрор мешавад:

Омадем, осон, осон,
Рӯйи Маскав дар чашмон.
Меравем мушкил, мушкил,
Сурати Маскав дар дил [1, с.7].

Чунин тарзи тасвир ва баён барои баррасии маънои калидию меҳвари шеър ва зуд хотиринишин шудани он дар хотири бачаҳои синни хурди мактабӣ имконият фароҳам меоварад.

Пас аз шеър боз дар дарси дигар порчаи мансур пешниҳод мегардад, ки «Мамалакати мо» ном дорад. Баъд таронаи «Гул кун ҳамеша»-и М.Миршакар оварда шудааст, ки аз 10 банди чормисраӣ иборат буда, низ дар мавзӯи тавсифи Ватани муҳташаму ягона бахшида шудааст:

Эй Ватани мо,
Ту дилрабоӣ,
Эй гулшани мо,
Ту дилкушоӣ.
Гул кун, Ватанҷон,
Ту бехазонӣ,
Чун бахти моён,
Доим ҷавонӣ...[1, с.8]

Баъд аз ин дар бораи мавзӯи «Китоб–дӯсти вафодор аст», «Китоб–маслиҳатчии мост», «Китобхониро ёд гир!» намунаҳо овардааст:

1.Китоб.

Дӯст медорам туро, эй ҳамдами ҷонам китоб !
Аз саҳар то шом бо шавқу ҳавас хонам китоб!
Аз ту мегирем моён дарси илму маърифат,
Аз ту шоду хуррамам, эй маҳрами ҷонам китоб!....

Пас дар супориш омадааст: Чистони зеринро бодиққат хонеду маъноящро ёбед:

Ҳамдаме дорам, ки беовоз сӯҳбат мекунад,
Бе даҳону бе забон нақлу ривоят мекунад.
Ҳушу ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,
Аз кадомин фан, ки мехоҳӣ, ҳикоят мекунад? [1, с.13].

Минбаъд пас аз чистони манзум боз порчаи мансур ҳикояе «Мактаб дар беша»-и нависандаи рус В. Иванов оварда шудааст, ки аз фаъолияти бачаҳои наврас ва ёрии онҳо дар замони ҷанг ба партизанҳо қисса мекунад. Ҳамчунин манзумаи шоир Муҳиддин Фарҳат «Кӣ чӣ орзу мекунад» ҳамчун маводи таълимӣ интихоб шудааст.Аз мундариҷаи манзума бармеояд, ки бачаҳо Қодир, Маъруф, Масъуд шабона дар гирди курсие нишаста ҳар яке орзуи касбу ҳунари ояндаи худ мекунанд. Яке пас аз хатми мактаб орзуи ба мактаби олӣ дохил шудан, дигаре орзуи муҳандис

шудан,саввумин орзуи табиб шуданро ҳавас кардаанд. Мегӯянд, ки орзу агар ними давлат бошад, амалишавии орзу ин давлат аст. Муҳтавои манзума ҳамин маънеро талқин мекунад [1, с.16–18].

А.Деҳотӣ ҳамчун муаллифи китобҳои дарсӣ ва омӯзгору шоири бачаҳо синну сол, ҷаҳони андеша, ҳолати руҳӣ ва кору фаъолияти бачаҳоро вобаста ба замон дар мадди назар қарор додааст. Ӯ на танҳо ҳикоя, манзума, суруду таронаҳо, чистон, инчунин аз адабиёти шифоҳӣ барои бачаҳо зарбулмасалу мақолҳо низ намуна овардааст. Масъалан; ба ин зарбулмасалҳо мутаваҷҷеҳ мешавем, ки мазмуну мундариҷаи тарбиявию таълимии хотирмон доранд. Масъалан: «Дар ҳама кор машварат бояд, кори бемашварат накӯ н–ояд»,»Беша бе шер нест,дарё бе моҳӣ»,»Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад», «Аввал андеша,баъд аз он гуфтор», аз ҳамин ҷумлаанд, ки мазмуну мундариҷаи хеле муаассири тарбиявӣ доранд [1, с.18] .

Бояд таъкид кард, ки А.Деҳотӣ ҳангоми интихоби мавзӯъҳо ва ҷобаҷогузории онҳо бодиққатона, масъулиятшиносона муносибат кардааст. Ҳамин аст, ки китобҳои дарсии тартиб додаи ӯ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ такрор ба такрор борҳо нашр шудаанд ва то имрӯз арзиши худро гум накардаанд.

Аз ин чанд намунаи фишурда маълум мешавад, ки Абдусалом Деҳотӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ хусусияти синну солии бачаҳоро пурра ба инобат гирифтааст, маводҳои манзуму мансури адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣро бодиққат омӯхта, гуруҳбандӣ намудааст, ба масъалаҳое эътибор додааст, ки барои сайқалу қавӣ гардонидани хотир ва дониши бачаҳо хеле мувофиқанд ва ин таҷрибаи ба китобҳои дарсӣ шуғл варзидани ӯ беҳуда нарафтааст, дар эҷоди шеъру ҳикояҳои бачагона тарҷумаи осори манзуму мансури адибони рус барои бачаҳо имконияти васеъ фароҳам овардааст.

АДАБИЁТ

1. А.Деҳотӣ .А.Эшонҷонов.»Китоби хониш» барои синфи 2–уми мактабҳои ибтидоӣ. Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1950. –178с.
2. А.Деҳотӣ.»Китоби хониш» барои синфи 2–уми мактабҳои ибтидоӣ.Сталинобод:Нашриёти Давлатии Тоҷикистон,1959 –145 с.
3. С.Саидов.А.Деҳотӣ–адиби бачаҳо.Душанбе:ДДОТ ба номи С.Айнӣ,2007. –68с.
4. С.Саидов. Адабиёти бачагона–Душанбе: Маориф, 2019 –383 с.
5. Р.Амонов. Адабиёти бачагона.–Душанбе:Маориф, 1982 –346с.

АБДУСАЛОМ ДЕХОТИ – АВТОР УЧЕБНИКОВ «КНИГА»

Данная статья посвящается педагогической деятельности Абдусалома Дехоти, как автора учебников»Книг для чтений»для 1,2,4 классов средних школ и влиянию ***авторства*** *этих книг на его творчества как детского писателя. Абдусалом Дехоти является поэтом комсомольской эпохи послереволюционного периода и занимается творчеством стихотворений для детей школьного и дошкольного возраста.А.Дехоти, как автор учебных пособий, написал такие учебники, как книга для чтения для первого, второго, третьего классов. Эти книги по сей день имеют огромное значение и являются образцом составления учебников и пособий для детенй школьного возраста. А.Дехоти выступает и творит как поэт–агитатор советской эпохи и идей коммунистической партии. Он в своих произведениях и учебниках гордится своей эпохой. Его творчество воспитывает в молодом поколении советской времени любовь к Родине, преданность советской власти и быть образованным человеком своего общества. Известно,что Абдусалом Дехоти является талантливым исследователем детской литературы: в его таких статьях, как «Адабиёти бачаҳо қафо монда истодааст», «Барои сифати баланди тарҷумаи асарҳои назм», «Дар бораи ашӯлаҳо ва таронаҳои тоҷикӣ»,»Барои тараққиёти адабиёти бачагона» рассматриваются проблемы таджикской детской литературы, показываются тенденции ее развития и их роль в коммунистическом воспитании нового поколения. [3]. Итак, Абдусалом Дехоти играл влиятельный роль в развитии таджикской детской литературы. В изучении и развитии таджикской детской литературы роль Абдусалома Дехоти проявляется ещё и в том, что он использовал переводы произведений русских поэтов и писателей при написании книг для детей дошкольного и школьного возраста.*

Ключевые слова: *детская литература, возраст, младший и средний школьный возраст, литературный жанр, песня, поговорка, пословица, рассказ, загадка, книга для чтения, советская эпоха, молодежь, Родина,творчество, агитатор, поэт,влияние.*

ABDUSALOM DEHOTI, WRITER OF «READER» TEXTBOOKS

This article is devoted to the pedagogical activity of Abdusalom Dekhoti, as the author of textbooks "Books for Reading" for 1, 2, 4 classes of secondary schools and the influence of the authorship of these books on his work as a children's writer. Abdsal Dekhoti is a poet of the Komsomol era of the post–revolutionary period and is engaged in the creation of poems for children of school and preschool age. A. Dehoti, as the author of textbooks, wrote textbooks such as a book for reading for the first, second, third grades. To this day, these books are of great importance and are a model for the preparation of textbooks and manuals for children of school age. A. Dekhoti speaks and creates as a poet–agitator of the Soviet era and the ideas of the Communist Party. He is proud of his era in his works and textbooks. His work brings up in the young generation of Soviet times love for the Motherland, devotion to Soviet power and be an educated person of his society.

It is known that Abdsal Dekhoti is a talented researcher of children's literature: in his articles such as "Adabiyoti бачаҳо қафо monda istodaast," "Baroi sifati balandi тарҷумаи асарҳои nam," "Dar borai ашӯлаҳо va таронаҳои тоҷикӣ," "Baroi тараққиёти adabiyoti bachagona" consider the problems of Tajik children's literature, shown [3]. So, Abdusalom Dehoti played an influential role in the development of Tajik children's literature. In the study and development of Tajik children's literature, the role of Abdusalom Dekhoti is also manifested in the fact that he used translations of works by Russian poets and writers when writing books for children of preschool and school age.

Keywords: *children's literature, age, younger and middle school age, a literary genre, the song, a saying, a proverb, the story, a riddle, the book for reading, the Soviet era, youth, the Homeland, creativity, the propagandist, the poet, influence.*

Сведения об авторе:

Норова Гулчехра *–старший преподаватель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета именни Садриддина Айни: тел: (+992) 935314731.*

About the author:

Norova Gulchehra *– a senior lecturer in the Department of Theory and History of Literature of the Tajik State Pedagogical Universite named after Sadriddin Ayni: tel: (+992) 935314731.*

ФАРҚИ СУЖАИ ДОСТОНИ МАРЯМ ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ» ВА «ТАФСИРИ СУРОБОДӢ»

Абдуҷабборова М.А.

Донишгоҳи саноатии Тюмен

Бо ривоҷи тафсирнигорӣ дар қаламрави таъриху фарҳанг ва адабиёти форсу тоҷик ҷанбаҳои мухталифи достони Марям дар баробари дигар қиссаҳо бо шеваҳои хоси нигориш таҷассум ёфтааст. Дар «Тафсири Сурободӣ» низ ҷузъиёти достони Марям ба таври муфассал нақл шудааст. Қиссаи мазкур асосан дар ин тафсир низ дар ҷараёни шарҳу тафсири ду сура –«Оли Имрон» ва «Марям» омадааст. Қисматҳои достони мазкур дар ин тафсир асосан ҳамон ҷузъиёте мебошанд, ки марбут ба назри модари Марям, таваллуди Марям, ба савмаа дода шудани Марям, Марям ва Закариё, омадани ғизоҳои осмонӣ, Марям ва Ҷабраил, таваллуди Исо ва монанди ин мебошанд.

Аз муҳимтарин шабоҳатҳои ин тафсир ба китоби «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар он зоҳир мешавад, ки дар ин китоб низ қиссаҳои пайғамбарон ба пуррагӣ ва мукаммал нақл гардидааст, ки бо назардошти сабки ҷаззоби баён доштан бархе аз қиссаҳояш ба таври баргузида ба эҳтимоми пажӯҳишгарон ва донишварони мухталиф чун Яҳёи Маҳдавӣ, Маҳдии Бино, Парвиз Нотили Хонларӣ, Муҳаммад Ҷовиди Саббоғиён дар шакли китобҳои алоҳида ба маҷмӯи достонҳои ин тафсир бо номи «Қисаси «Қуръони маҷид» интишор ёфтаст [2, с.254].

Дар баробари вуҷуди чунин шабоҳатҳо сабки баёни тафсир дорои хусусияти хосаи худ дар баёни қиссаҳои пайғамбарон мебошад, ки дар тафосири дигари ҷомеъ ба назар намерасанд. Дар ҷараёни баррасии достони Марям дар ин асар ба бархе аз онҳо ишорат хоҳад рафт.

Аз ҷумла, қисмате аз сужаи достон, ки ба назри модари Марям марбут аст, дар ин тафсир чунин омада:. إِذْ قَالَتِ امْرَأَتُ عِمْرَانَ رَبِّ إِنِّي نَذَرْتُ لَكَ مَا فِي بَطْنِي مُحَرَّرًا [3, 3, 35]. Чун гуфт: зани Имрон номаш Ҳанно: Худовандо, ба дурустӣ, ки паймон кардаму дарпазируфтам аз баҳри Ту он чӣ дар шиками ман аст,

озод кардаӣ дар кори Ту ва он буд, ки Ҳанно зани Имрон вақте ба дари масҷиди Байт–ул–муқаддас мегузашт ва чаҳорсад марди руҳбон дар он масҷид муъТакиф буданд, палосҳо пӯшидаву шабу рӯз ба ибодат машғул. Ӯро ҳоли эшон дар он ҷаҳду ибодат бузургомаду вай бордор буд. Ҳамон ҷо бо Худо назр кард, ки чун он фарзанд бизояд, дар кори Худо кунад, то дар миёни он руҳбонон мебошад. Гуфт: فَتَقَبَّلْ مِنِّي إِنَّكَ أَنتَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ [3, 3:35]. «Фаро пазир аз ман ин назру ин фарзандро, ба –дурустӣ, ки Тӯӣ Ту, шунавои дуои ман, доно ба муроди дили ман». Ин бигуфту бигузашт. فَلَمَّا وَضَعَتْهَا قَالَتْ رَبِّ إِنِّي وَضَعْتُهَا أُنثَى [3,3:36]–Чун бинҳод он борро, духтар омад, андуҳгин гашт, гуфт: «Худовандо, ман ин бор биниҳодам мода». وَاللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا وَضَعَتْ وَلَيْسَ الذَّكَرُ كَالْأُنثَى [3, 3 с.36] «Ва Худо худ донотар буд, бад–он чи Ӯ бинҳод ва гар вазаат ба рафъи то хонӣ: бад–он чӣ ман бинҳодаму бизодам ва набуд писар чун духтар, яъне аз духтар он наёяд, ки аз писар, дар будан миёни руҳбонмардон». [3,3:35].« ووَإِنِّي سَمَّيْتُهَا مَرْيَمَ–Ва ман ном кардам ӯро Марям ва Марям ба забони ибронӣ сиддиқа бувад ва гуфтаанд: «Марям дар номи занон чун Яҳё бувад дар номи мардон, ки аввали номаш чун охир буд» [1,1, с.275].

Аз баррасии ин бахши достон дар тафсири мазкур бармеояд, ки ин ҷо асосан муколамаи модари Марям бо худ ва назр кардани вай фарзандашро ба масҷиди Байт–ул–муқаддас зикр мешавад. Ин ҷо низ равшан мешавад, ки ҳарчанд дар асли достон бар асоси сарчашма дар китобҳои Таврот ва Инҷил доштан ба ибодатгоҳи масеҳиён назр мекунад, муаллифи тафсири мазкур низ чун «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» онро ба масҷид назр мекунад. Дар баробари ин дар «Тафсири Сурободӣ» як омили дигари назри Марям ба масҷид ба назар мерасад, ки дар сужаи асли он ва он чӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нақл шуда фарқ доранд. Ин ҷо таъкид мешавад, ки «ва чаҳорсад марди руҳбон дар он масҷид муъТакиф буданд, палосҳо пӯшидаву шабу рӯз ба ибодат машғул. Ӯро ҳоли эшон дар он ҷаҳду ибодат бузург омаду вай бордор буд. Ҳамон ҷо бо Худо назр кард, ки чун он фарзанд бизояд, дар кори Худо кунад, то дар миёни он руҳбонон мебошад». Пас, ин ҷо равшан мегардад, ки дар хати сужаи достон дар ин тафсир ҳолати руҳбонон бар модари Марям таъсир мерасонад, то ӯро назри масҷид созад, чун онҳо пайваста дар ибодат буданд.

Нуктаи дигаре, ки дар ин ҷузъиёти достон нақл мешавад, он аст, ки муаллифи китоби «Тафсири Сурободӣ» номи Марямро аз рӯи навишт ба номи мардонаи Яҳё монанд мешуморад, ки албатта ин марбут ба ягонагии оғозу анҷоми ҳар ду ном аст. Ба ибораи дигар, Марям ҳам бо «мим» оғоз ва анҷом мешавад ва Яҳё бо «йо» шурӯъ ва хатм мегардад, ки албатта ин шеваи муқоиса ҳам ба усули нигориши достон бетаъсир намондааст.

Давоми достон дар «Тафсири Сурободӣ» чунин нақл шуда: «Вайро Марям ном карданду фоле бирафт, ки аввали умраш чун охир бувад дар покизагӣ аз гуноҳ, ҳамчун Яҳё ва гуфтаанд «мар» гузаштан буду «ям» дарё бувад, ӯро аз баҳри он Марям ном карданд, ки аз занон ӯ буд, ки бар дарёи дунё ба саломат бигузашт, ки ҳаргиз аз ӯ гуноҳе дар вуҷуд наомад». Ин ҷо маълум мешавад, ки муаллифи тафсири Сурободӣ нахуст ба шарҳи маънии вожаи Марям мепардозад, ки ҷузъи аввали он «Мар» ба маънии гузаштан бошад ва «ям» –дарё. Ин ҷо ҷолиб он аст, ки муфассир сабаби Марям ном ниҳодани ӯро шарҳ медиҳад, ки «бар дарёи дунё ба саломат бигузашт, ки ҳаргиз аз ӯ гуноҳе дар вуҷуд наомад». Ин нукта дар ривоятҳои дигари достон дида намешавад ва истифода аз унсури луғот ва шарҳу тафсири ном дар таркиби сужаи достон яке аз тозагиҳое ба шумор меравад, ки мо дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» намебинем.

Яке аз хусусиятҳои дигари достон дар «Тафсири Сурободӣ» дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф баробари нақли достон ахбори дигар сарчашмаҳоро низ меоварад, ки ин шеваи баён дар тафосири баъдӣ агарчӣ роиҷ шуда бошад, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дида намешавад. Аз ин ҷост, ки дар ҳар ҷои достон бо зикри таъбири «дар хабар аст», ки нақлҳои дигари пайванд ба достон доштаро меоварад. Масалан, дар ҳамин бахши достон илова бар он чӣ омадааст, аз рӯи дигар нақл чунин таъкид мекунад: «Дар хабар аст, ки чун Ҳанно ӯро бидид андуҳгин шуд аз он назр, ки карда буд. Ҳотифе ӯро овоз дод, ки: Эй заифа, андуҳ мадор, ки мо ӯро ба ҷойи писаре бипазируфтему мақсуди ту баромад وَأَنبَتَهَا نَبَاتًا حَسَنًا [3,3:37]:

Ин ҷо дар навбати аввал як нукта равшан мешавад, ки вақте Ҳанно духтар будани фарзанди хешро мебинад, андуҳгин мегардад. Ҳамин замон ҳотифи ғайбӣ нидо мекунад, ки мо ӯро ба ҷои писар бипазируфтем. Ҳамин ҷузъиёти достон, ки ба зуҳури ҳотифи ғайбӣ пайванд дорад, дар гунаҳои қаблии достон дида намешавад. Баробари ин, баррасии ин ҷузъиёти достон дар «Тафсири Сурободӣ» ин нуктаро мусаллам месозад, ки Сурободӣ дар тафсири хеш ҳангоми баёни қиссаи назри модари Марям ҷузъиёти онро хеле дақиқ шарҳу тафсир намудааст, то ки матлабҳои аслии достон ба таври барҷаста ва равшан маълум гарданд. Аз ин рӯ, дар ин тафсир дар мисоли достони Марям як нукта равшан мегардад, ки дар он ҳангоми нақли қиссаҳо услуби хосаи қиссапардозӣ

риоят шудааанд, ки хонандаро ба худ ҷалб менамояд ва ба андеша раҳнамун мегардонад. Дар баробари ин ҳамин ҷузъиёти достон, ки шартан лавҳаи «Назри Марям» унвон гирифтааст, дар «Тафсири Сурободӣ» нисбатан муфассал баён гардидааст. Ин тафсилот пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки нахуст номи модари Марям Ҳанно зикр мешавад ва тавре мо таъкид доштем, оид ба сабабҳои назраш маълумоти мукаммал зикр шуда, ки яке аз онҳо ҳавас кардани 400 нафар руҳбонон мебошад. Дар канори ин, чунонки гуфта омад, маънои номи Марям сиддиқа шарҳ дода шудааст, ки ин шеваи тавзеҳоти луғавӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дида намешавад. Ҳарчанд шабоҳатҳо ва монандиҳо миёни баёноти достон аз ҷониби Абубакри Атиқи Нишопурии маъруф ба «Сурободӣ» дар бораи лавҳаи назри модари Марям бо нақли достон дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дида мешавад, аммо бо тазаккури нукоти дар боло таъкидшуда ва муқоисаҳое, ки баъдтар анҷом мешаванд, маълум мегардад, ки Сурободӣ дар нақли ин достон ба таври комил таҳти таъсири Табарӣ қарор надорад. Шарҳҳои анҷомдодаи муфассир ҳам хусусиятҳои филологӣ ва ҳам вижагиҳои этимологӣ доранд, ки ин шеваи кори ӯ барои равшан намудани маънҳои калимоти қиссаҳо ба хонанда кӯмак мерасонад.

Шеваи дигари фарқкунандаи лавҳаи назри модари Марям дар «Тафсири Сурободӣ» аз «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» истифодаи санъати суолу ҷавоб дар равиши нақли достон аз ҷониби Сурободӣ ба шумор меравад. Шеваи суолу ҷавоб ҳам ба таври хоса ҷараён мегирад ва нахуст муаллиф сареҳан таъкид мекунад, ки суол ва баъдан худ изҳор менамояд, ки ҷавоб гӯем. Ба назар мерасад, ки ин суолҳо аз тарафи касе ба муаллиф манзур мешаванд ва ӯ бар онҳо посух гуфта, дар пайванд ба достон зикр месозад.

Ҷузъиёти дигаре, ки аз ин достон дар «Тафсири Сурободӣ» омадааст, лаҳзаи «Рафтани Марям ба Байт–ул–муқаддас» ба шумор меравад. Нахуст, ин ҷо сухан аз гуфтори Марям бо фаришгагон оғоз ёфта, он ҷо ба покиву назофат ва мақоми маънавии Марям ҳамчун зани баргузида сухан меравад, ки албатта, сарчашма дар Қуръон дорад:

Ва из қолатил малоикату ё Маряму: ва ёд кун, чун гуфтанд фаришгагон Марямро ки, يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَاكِ وَطَهَّرَكِ [3,3:42] ба дурустӣ, ки Худо баргузид туро ва пок гардонид туро аз ҳайзу аз айбҳо, ки дар занон бошад ва баргузид туро бар занони ҷаҳониён. Суол: чӣ фоида бувад дар такрори вастафики? Ҷавоб гӯем: Аввал истифои Марям он буд, ки Худои Таоло ӯро ба ҷои марде бипазируфту ғизои ӯ наими биҳишт кард, ва дигари истифо он ки ӯро фазлу шараф ниҳод бар занони ҷаҳониён. Суол: Мепурсад, ки Марям аз Фотимаву Оиша фозилтар буд, то гуфт ало нисо–ал–оламин? Ҷавоб гӯем: ало нисо–ал–оламин, мурод аз он ҷаҳониёни рӯзгори ӯ буданд ва ин ҳам чунон аст ки банӣ Исроилро гуфт ва *иннӣ фаззалатукум алал–ал–оламин, ай:* алал–ал–оламин замонакум. Ҷавоб дигар гӯем, ин истифо ба афзунии чизҳо бувад, ки Марямро буд, чун қабули ҳусну рӯзӣ биҳишту хидмати Закариё ва тавлиди бе мард ва дигар каромот, ки ӯро буд ва Пайғамбар алайҳиссалом гуфт: Аз мардони комил бисёр будааанд, аммо аз занон Осия будааасту Маряму Хадича, Оиша ва Фотима, ва фазли Оиша бар дигар занон, чун фазли сарид аст бар дигар таомҳо.

يَا مَرْيَمُ اقْنُتِي لِرَبِّكِ وَاسْجُدِي وَارْكَعِي مَعَ الرَّاكِعِينَ [3,3:44]*:* ай Марям фармонбардор бош Худоятро ва гуфтаанд ин амр аст ба қиём дар намоз, яъне дар намоз биисту рукӯъ кун ва пуштро хам деҳу сучуд кун бо намозкунон ва ин амр аст ба намози бачамоъат гузоридан» [1, 1, с.281] .

Дар ин ҷо ду мавриди суолу ҷавоб ба мушоҳида мерасад, ки албатта, бо ҳамон шеваи марсум дар Тафсир зоҳир шудааст. Аммо ин ҷо пайванди посухҳо ба хати сужаи достон ба мушоҳида мерасанд. Зимнан муаллифи тафсир бо додани посух барои муқаррар намудани мақоми Марям иқдом менамояд. Нахуст, мақоми Марямро тавассути рисолат ва фазилатҳои хосаи худи вай муқаррар месозад, яъне образи Марям бар асоси амалкарди худи ӯ ба таври барҷаста ҷилвагар мешавад. Баъдан, дар ин қисмати достон суоле дар мавриди муқоисаи образи Марям бо занони дигари олами ислом гузошта мешавад, ки посух бар он тавассути ҳадисе аз Паёмбари ислом сурат мегирад, яъне ин ҷо симои Марям бо Фотимаву Оиша муқоиса мешавад ки барои ғанӣ гардонидани сужаи достон нақши муассир мегузорад:

Шарҳу тафсири мафоҳими хосаи дини ислом, чун намозу рукӯъу сучуд ин ҷо аз он дарак медиҳад, ки дар муҳтавои достони мазкур дар ин тафсир ҷанбаҳои исломии он таквият дода шудааст, ки албатта сабаби аслии ин равшан аст. Чун ин китоб, ки худ Тафсири Қуръон аст, дар асл ба мазмуну муҳтавои навъи қуръонии достон такя намудааст. Дар идома бошад, ба ҷанбаи ғайбӣ доштани достони Марям ишорат мекунад ва муаллиф мушаххасан ба он ҳамчун қисса муроҷиат менамояд: ذَلِكَ مِنْ أَنبَاءِ الْغَيْبِ نُوحِيهِ إِلَيْكَ [3,3:44] Он чӣ ваҳй мекунем ба ту ё Муҳамад, қиссаи Закариёю Яҳёву Маряму дигар қиссаҳо, ҳама аз хабарҳои ғайб аст ба нопайдоӣ пайғом медиҳем онро ба ту ва

وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ يُلْقُونَ أَقْلَامَهُمْ [3,3:44]. Ва набудӣ ту назди эшон ё Муҳаммад, чун бар об меафканданд он руҳбонон қаламҳои эшонро, айюҳум якфалу Маряма: то аз эшон, кӣ дарпазирад Марямро ва гуфтаанд қаламҳои эшон заррин буд гуфтанд бар об афканем ҳар киро қалам ва бар сари об биистад, Марямро ӯ қабул кунад. Чун барафканданд ҷумла қаламҳо фурӯ рафт магар қалами Закариё ки бар сари об биистод ва гуфтаанд эшон қаламҳо бар оби равон афканем, ҳар киро қалами ӯ бар рӯй об бишавад, кафили Марям ӯ бувад, қалами Закариё бар рӯйи об бирафту қаламҳои дигар ба нишеб фурӯ шуд ва гуфтаанд, қуръа чунон заданд, ки ҳар киро қалам ва бар оби равони биистад, кафили Марям ӯ бувад, қалами Закариё биистод, ва қабул кард Марямро وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ يَخْتَصِمُونَ [3,3:44] [1,1,276].

Дар ин ҷо мо мушоҳида мекунем, ки муаллифи тафсир баёни ба Закариё мансуб шудани Марямро дар сурати бар об афкандани қаламҳо овардааст, ки мунтаҳо қалами Закариё бар болои об қарор мегирад ва меистад. Ҷолиб он аст, ки ҳангоми нақли ҳамин бахши қисса мушаххасан муаллиф ба нуқтаи назари дигар муфассирон ишорат мекунад ва зимнан таъкид медорад, ки «аммо бештари муффасирон бар онанд, ки ҳар яке аз эшон гуфт: ман қабул кунам. Охир қуръа заданд, қуръа бар Закариё омад, чунон ки фурӯтар буд». Ин ҷо пайдост, ки муаллифи «Тафсири Сурободӣ» аз мавҷудияти дидгоҳҳои дигар дар ин бора низ сарфи назар намекунад ва ин ҷо ишорат ба қуръакашӣ менамояд, ки дар дигар тафосир ҷой дорад. Ин шеваи баёнот дар дигар кутуб камтар ба мушоҳида мерасад. Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мо мушоҳида менамоем, ки баъдан Закариё хонае бар болои масҷид баҳри Марям месозад. Аммо дар «Тафсири Сурободӣ» баёнот бисёр дақиқ изҳор мешавад, яъне ӯ савмаае дар паси Масҷиди Муқаддас месозад, ки бо масҷид пайваста буда тавассути нордбон ба он бояд боло равад. Ин ҷо ба назар мерасад, ки муаллиф дар тарзи баёноти хеш ҳам ба ҷузъиёти он дар китобҳои муқаддаси Таврот ва Инҷил ручӯъ мекунад ва ҳам бар матолиби Қуръон такя менамояд: «Чун Закариё ӯро дарпазируфт, аз баҳри ӯ савмаае бикард дар паси Масҷиди Муқаддас, пайвастаи масҷид ва онро даре маҳкам барниҳод, чунон ки ба нордбон бар онҷо боистӣ шуд.

كُلَّمَا دَخَلَ عَلَيْهَا زَكَرِيَّا الْمِحْرَابَ وَجَدَ عِندَهَا رِزْقًا [3,3:37] Ҳар гаҳ ки даршудӣ бар ӯ Закариё дар он савмаа, ёфтӣ назди ӯ рӯзие ба хилофи одат, меваҳои латиф, ба тобистон меваи зимистон ва ба зимистон меваи тобистон. قَالَ يَا مَرْيَمُ أَنَّى لَكِ هَذَا [3,3:37] Закариё гуфт: ай Марям, аз куҷо мебувад туро ин рӯзӣ, ки дар ин савмаа, ҷузъ ман касе дигар менаояд, кӣ меоварад инрову аз куҷо меоранд. قَالَتْ هُوَ مِنْ عِندِ اللَّهِ [4,3:37] Марям гуфт: ин аз назди Худо аст, аз он ҷо, ки на коранду на дараванду на бар зананд, меваи биҳишт сохта ба ман меоранд ва он меваи таранҷир буду рутабу ангуру дигари фавокеҳ. إِنَّ اللَّهَ يَرْزُقُ مَن يَشَاءُ بِغَيْرِ حِسَابٍ [4,3:37] ба дурустӣ, ки Худо рӯзӣ диҳад меваи биҳишт онро, ки хоҳад бешумор, яъне бе он кӣ бо вай шумор кунанд бадон ва гуфтаанд бағайри ҳисоб [1,1,276].

Дар ин ҷо нуктаи дигар муҷассам мешавад, гарчанде мавзӯи омадани меваҳо аз ғайб дар ҳамаи кутуби тафсир ба мушоҳида мерасад, ки сарчашма дар асли достон дорад, аммо дар бештари тафосир асосан ба омадани меваҳои зимистонӣ дар тобистон ва акси он тобистонӣ дар зимистон таъкид мешавад. Сурободӣ бошад дар достони нақлнамудаи хеш фаротар меравад ва ҳатто унвони меваҳоро ба сурати таранҷир, рутаб ва ангуру дигар навъи меваҳо зикр мекунад, ки ҷойи дигар дида намешаванд.

Ҳамин манзара дар ду маврид ҳам дар тафсири сураи «Оли Имрон» ва «Марям» омадаанд, аммо сабаб ва омили нақл фарқ мекунад. Дар ин баёноти муфассир як нуктаи хеле муҳим нуҳуфтааст, ки баъди дидани ҳамин ҳолати ғайбӣ Закариё бовар ҳосил мекунанд ва умед бар он мебандад, ки ӯро низ фарзанде хоҳад омад. Гӯё ҳамин пайванд додани ҳолат ба муносибати дигар барои эҷоди бовар ва умед дар ниҳоди Закариё такрорёбии ҷузъиётро аз миён мебардорад ва чунин ба назар мерасад, ки ин ҳолат барои зарурати таквият такрор шудааст. Мутолиаи ин манзараи достон инчунин баёнгари он аст, ки дар «Тафсири Сурободӣ» дар лавҳаи боло мисли ҷузъиёти гузашта дар бештари маврид ба тариқи саволу ҷавоб сурат мегирад. Ба усули саволу ҷавоб нақл намудани лавҳаи ба Байт–ул–муқаддас рафтани Марям дар сураи «Оли Имрон», ҳамчунин дар сураи «Марям» низ истифода шудааст. Албатта, чунин шеваи корбурди саволу ҷавоб ва равшанӣ андохтан ба ҷузъиёти қисса ҳамчун ваҷҳи фасоҳати сухан ба адабиёт таъсири худро гузоштааст. Баъдтар бар пояи асоси саволу ҷавобҳо мазмуну мундаричаи достонҳои тафсир ба адабиёти хаттӣ ворид гардида, имконият додаанд, ки доир ба тафаккур ва ошноии қисса дар замони муаллифи тафсир маълумот манзур шавад.

Аз баррасии ҷузъиёт ва ҳолатҳои марбут ба достон бармеояд, ки асосан дар сураи «Марям» лаҳзаи дидани мурғу орзуи фарзанд кардани Ҳанно, ба назар мерасад. Дар қисмати нақлшуда дар

ҷараёни тафсири сураи «Оли Имрон» бошад дар масҷид будани 400 нафар руҳбонон ба назар намерасад. Аз ин муқоисаҳо бармеояд, ки дар «Тафсири Сурободӣ» қиссаи Марям дар сураҳои «Оли Имрон» ва «Марям» дар якҷоягӣ якдигарро такмил намудаанд. Синну соли Марям чи хеле ки дар «Тафсири Табарӣ» панҷсола будани ӯ зикр шудааст, дар «Тафсири Сурободӣ» ба назар намерасад.

Дигар аз ҷузъиёти достон, ки дар «Тафсири Сурободӣ» омадааст, лавҳаи «Марям ва Ҷабраил» башумор меравад.

Бихон, эй Муҳаммад, дар ин Қуръон қиссаи Марямро, чун ба як сӯ шуд аз хонадони худ ба ҷойгоҳи баромади офтоб, то ғусл кунад, гуфтанд ғусли ҳайз ва гуфтанд ғусли назиф, зеро ки вайро олоиши занон набуд, фаро гирифт миёни хеш ва миёни эшон пардае. Аз он ҷост, ки тарсоён рӯ сӯи машриқ кунанд дар намоз, ки Марям макони шарқӣ ҷуст. Бифиристодем ба вай Ҷабраили моро, монанди одами ростандом, барҳайат ва раънои накӯрӯй, накӯмӯй, накӯқад. Дар пеши Марям биистод, дар он вақт ки ҷома дарпӯшид Марям ӯро бидид битарсид Гуфт: ман боздошт хоҳам ва паноҳ гирам ба Худо аз ту, агар ту парҳезгорӣ. ...Ҷабраил гуфт: Чунин гуфт, Худои ту: «ки он бар ман осон аст. То кунам ӯро нишоне ва ҳуҷҷате мардумонро бар камоли қудрати мо ва то раҳмате буд аз мо ё неъмате буд халқро бад–он, ки табибе буд ва муаллиме буд ва баракате буд ва буд ин кори баргузорида» …Ҷабраил сухани хеш мегуфт ва Марям тааҷҷуб мекард. Ҷабраил гуфт: Даҳон боз кун. Марям даҳон боз кард. Ҷабраил пуфе дар даҳони вай афканд, Худои Таъоло дар соате Исоро аз он нафас, боди Ҷабраил биёфарид. Ҷабраил гуфт: «пуф», Худо гуфт: «кун», Исо гуфт: «лаббайк». Баргирифт Марям бор ба Исо ба як сӯ шуд, бурд ӯро ба ҷойгоҳе аз аҳл» [1,2,1469].

Ҷузъиёти ин достон хеле муфассал дар ин тафсир нақл шудааст ва ҳамоно бо истифода аз усули суолу ҷавоб дар батни қисса масоили муҳими исломӣ шарҳу тафсир ёфтаанд. Ҳолати дамида шудани нафас ва рӯҳи муқаддас низ бо шеваи муколамаи Ҷабраил ва Марям баён гардидааст, ки яке аз ҷузъиёти меҳварии қисса ба шумор меравад, зеро аз ҳамин ҷо ба қисмати дигари достон–валодати Исо робитае барқарор мешавад.

Аз ин баррасиҳо равшан мегардад, ки лавҳаи «Марям ва Ҷабраил» дар «Тафсири Сурободӣ» аз баёноти он дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳам аз ҷиҳати сужету ҳам аз ҷиҳати корбурди калимаву ҷумлаҳо. Баёноти достон дар «Тафсири Сурободӣ» нисбат ба он комилтар буда, лаҳзаҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар дигар тафсирҳо ба чашм намерасанд. Дар «Тафсири Сурободӣ» достони Марям муфассал ва мушаххас нақл мегардад. Маълум мешавад, ки дар ҷараёни шарҳи ин достон муаллиф аз исроилиёт ва дигар манбаҳо истифода кардааст, ки ин усули қиссанигорӣ дар тамоми тафсирҳои куҳани форсӣ ба назар мерасанд.

Яке аз муҳассаноти достони Марям, махсусан ин лавҳа дар «Тафсири Сурободӣ» ба шумор меравад, ки як ҳиссаи қисса агар дар дигар сураҳо омада бошад, онро танҳо дар як сура комилан бозгӯ мекунад ва дар мавриди дигар аз он дурӣ меҷӯяд ва ё ба такрор роҳ намедиҳад. Масалан, лавҳае, ки мо муқоиса мекунем, ҳам дар сураи «Оли Имрон» ва «Марям» зикр шудааст, лекин дар сураи «Марям» комил нақл нашудааст, танҳо дар аввал зикри Марям омада, дигар муаллиф тариқи суолу ҷавоб роҷеъ ба Исо сухан рондааст.

Ба таври умум, баррасии муҳтаво ва мундариҷаи достони Марям дар «Тафсири Сурободӣ» моро бар он натиҷа меорад, ки муаллиф қатъи назар аз тасарруфи маъноӣ ва баёнӣ қиссаи Марямро бо такя бар сарчашмаҳои мухталиф хеле такмил додааст. Дар баробари ин, бархе аз ҷузъиёти достон дар нақли Сурободӣ ба мушоҳида намерасанд, аммо иловаву такмилҳои вай боис шудаанд, ки достон боз ҳам мукаммал ва аз нигоҳи маъноӣ қавитар шавад. Махсусан, истифодаи суолу ҷавобҳо дар миёни достон ҷанбаҳои маъноии онро мукаммал намуда, корбурди шарҳи вожагону луғот шеваи баёни муаллифро боз ҳам хонову муҷаззо гардонидаанд. Бо такя бар ҳамин шеваи баёни муаллифи «Тафсири Сурободӣ» муҳаққиқи қиссаҳои қуръонӣ У. Ғаффорова дар таҳқиқоти хеш дуруст қайд мекунад, ки «аз замони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» то «Тафсири Сурободӣ» тағйироти назаррасе ба забон ва услуби баёни қиссаҳо ворид шудааст, ки дар навиштаҳои Абубакр Атиқи Нишопурӣ он эҳсос мешавад» [2, сю263]. Ҳақиқати ин амрро мо дар мисоли достони Марям ба мушоҳида мегирем, ки воқеан дар баробари такмили маънавии достон муаллиф бар хати сужаи он ба таври умум нукоти фаровоне афзудааст, ки дар маҷмӯъ достонро ба як қиссаи пурбор ва рангину ҷаззоб табдил додаанд.

Аз мутолиаи достони Марям дар Тафсири Сурободӣ чеҳраи марказии достон барои мо ҳамчун шахсияти ростгӯ ва росткирдор ва соҳиби рафтори оддӣ ва малакӣ муҷассам мегардад. Дар баробари

ин, вуҷуди Марям ва гуфтору муколамаҳои ӯ бо Ҷабраил ва Закариё ва овардани далелҳои шаръӣ боис шудааанд, ки мардум дурустӣ ва садоқати Марямро дар бархӯрд бо пайғамбари замонаш дар мавриди ризқ ва бо фаришстаи вахӣ бишносанд ва эътироф намуда, дар баробари ин ба Исо низ пас аз таваллуди вай сидқу ихлос зоҳир намоянд. Образи Марям дар «Тафсири Сурободӣ» аз ҳар ҷиҳат такмил ёфта, махсусан муколамаҳои ӯ боис шудааст, ки мақоми маънавӣ ва чеҳрааш ҳамчун бонуи баргузида боз ҳам равшантар ва муҷассамтар ҷилвагарӣ кунад.

Агарчи дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» бештар ҷанбаи нақлии достон афзалият дорад, дар «Тафсири Сурободӣ» арзишҳои адабии достон ба сурати махсус ҷилвагар мешаванд. Муқоисаи сужаи достони Марям дар кутуби тафсир нишон медиҳад, ки ҳарчанд муфассирон бар асоси такя бар сарчашмаҳои дигар бар хати сужаи он афзудаҳое анҷом дода, шеваи нигориши қисса андар қиссаро эҷод намудааанд, аммо дар умум ҳамон хати сужаи аслии достон боқӣ мондааст, ки дар баробари фарқият ҳамин ҷузъиёти мушобеҳи он умумияти достонро дар ин китобҳо нишон медиҳад.

АДАБИЁТ

۱. سورابادی ابوبکر.تفسیرسورابادی.–تهران در ۵ جلد.۱۳۸۱.

2. Ғаффорова У. Қиссаҳои қуръонӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»:

3. Коран / И.Ю. Крачковского –пер., коммент. и «Приложения» / Под ред. В.И. Беляева. –М.; Изд–во вост. лит–ры, 1963. –714 с.

4. Қасас–ул–анбиё /. Таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ, Аъламиён Маҳдуми Абдусаттор, Саидиён Исматуллоҳи Аҳрор, Амриддин Ҷалол. –Душанбе: Ориёно, 1991. –397 с.

5. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). / Тарҷума ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров.–Душанбе: Ирфон, 2007.–616 с.

6. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ –тоҷикӣ:

7. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ /. Таҳия ва таълиқоти Н.Салимов, Н. Зоҳидов, Н. Ғиёсов, А.Ҳасанов, А. Самеев, дар 2 ҷилд, ҷ 1.–883 с., ҷ. 2.–783 с. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.

ОБЩНОСТЬ И ОТЛИЧИЯ СЮЖЕТА СКАЗАНИЯ О МАРЙАМ В «КОММЕНТАРИИ АТ-ТАБАРИ» И «КОММЕНТАРИИ СУРОБОДИ

Статья посвящена отличию сюжета сказания о Марйам в «Переводе «Комментария ат–Табари» и «Тафсири Сурободи». С появлением религиозного мировосприятия и ниспосланием божественных писаний наблюдается значительная эволюция сказаний, связанных с пророками, одним из ярчайших образцов считается сказание о Марйам и формирование его сюжета. Сравнение различных версий сюжета сказания о Марйам в древних произведениях и источниках исламской эпохи показывает, что в целом сказание прошло полный период эволюции в плане содержания, и под влиянием элементов разных культур в его структуре и содержании произошли изменения. Хотя в последующих версиях и сохранились центральные образы первой версии сюжета, однако, в ходе изложения событий и происшествий сказания они сменили место, что обусловило содержательную эволюцию произведения.

Ключевые слова: *Марйам, Исо, тафсир, «Перевод «Комментария ат–Табари», «Тафсири Сурободи».*

COMMONNESS AND DIFFERENCES IN THE PLOT OF THE TALE OF MARYAM IN «COMMENTS OF AT-TABARI» AND «COMMENTS OF SUROBODI»

The article is devoted to distinction the plot of the stoty about Maryam in the Translation of the Commentary of at–Tabari and Tafsiri Surobodi. With the advent of religious perception of the world and the sending of divine scriptures, a significant evolution of the legends associated with the prophets is observed; one of the brightest examples is the legend of Maryam and the formation of its plot. Comparison of different versions of the plot of the legend of Maryam in ancient works and sources of the Islamic era shows that, as a whole, the legend went through a full period of evolution in terms of content, and under the influence of elements of different cultures in its structure and content there were changes. Although the central images of the first version of the plot were preserved in subsequent versions, however, during the presentation of the events and incidents of the tale, they changed their place, which led to a substantial evolution of the work.

Key words: *Maryam, Iso, tafsir, «Translation of»Commentary at–Tabari», «Tafsiri Surobodi».*

Сведение об авторе:

Абдужабборова Мадина Абдуфаёзовна *–кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры межкультурной коммуникации, Тюменского индустриального университета, Тюмень Россия. E-mail: abduzhabborova@bk.ru.*

About the author:

Abduzhabborova Madina Abdufayozovna- *Ph.D. in Philology, Senior Lecturer, Department of Intercultural Communication, Tyumen Industrial University, Tyumen Russia. E-mail: abduzhabborova@bk.ru.*

891.58.092
Р–88

СОХТУ ТАРКИБИ ҒАЗАЛИЁТИ КАЁНӢ

Рустоӣ М.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ду маҷмӯаи шеъри ғазалиёти Каёнӣ (бо номҳои «Паёми шимол» ва «Девони ашъор») бидуни шак, матолиб ва мазомини мухталиферо дар бар доранд. Аммо як бахши калони онро ашъори ғаноӣ ва ишқӣ шакл медиҳад, ба вижа девони ашъори эшон мамлӯъ аз масоили ишқӣ ва тавсифӣ аст, ки чун Ҳофиз аз май ва маъшуқ, аз бода ва соқӣ ҳарф ва баён дошта ва бо ба кор бастани таркиботи зебое, мисли *бодаи гулгун, чашми наргис, шохи шамшод, зулфи анбарин, қади дилҷӯ, соғари саҳбо, шӯри ҷунун, ҳалқаи зулф, баёзи гардан, барги лола, чини кокул, тири хаданг, насими субҳгаҳ, шохаи гул, бозори сунбул, ҳарими дӯст, нолаи мастона, соғари май, тири нигоҳ, кунҷи хилват, занҷири тааллуқ, дили ғамгусор, бодаи субҳдам, лаби лаъл, қиблаи ҳоҷот, пайки ҷунун, гулгашти чаман, гули навруста, шароби ноб, дили хаста* ва дигар вожаҳои таркибӣ ва ташбеҳоти зариф ғазалҳои эшонро дилписанд ва сазовори таваҷҷуҳ гардонида аст. Масалан:

Парешон кард, боди субҳгаҳ зулфи парирӯро,
Мушавваш кард дар чин бӯи зулфаш нофи оҳуро.
Фидои мақдами ӯ бод ин рӯҳу равони ман,
Хиромад гар ба кӯи ишқбозон қади дилҷӯро.
Намоён кард рӯро баҳри ушшоқон, на бар воиз,
Ки аъмоён набинад дар ду гетӣ рӯи некӯро.
Хирадмандон агар бинад рухаш, шуридасар гардад,
Лабони лаълу чашми масту зулфу холи ҳиндуро
Магӯ бисёр, соғар нӯш Нодир аз кафи соқӣ
Маранҷон з–ин қадар гуфтор табъи ёри бадхӯро [2, с.4].

Бо инсироф аз нишондеҳи вожаҳои пайваста, сохта ва омехта, танҳо вожаҳои мураккаб: *боди субҳгаҳӣ, зулфи парӣ, бӯи зулф, нофи оҳӯ, қади дилҷӯ, рӯи некӯ, лабони лаъл, чашми маст, холи ҳинду, кафи соқӣ, ёри бад* дар ин ғазал метавонанд сатҳи муносибе аз диду дасти бози шоирро дар сохт, ҷобаҷоӣ ва радифи калимоту вожаҳо дар қолаби абёти ин шеър нишон бидиҳад.

Дар ин миён, аз ин ки чӣ гуна парешон ва мунташир шудан бӯи зулфи парирӯй нофи оҳуи Чинро нигарон месозад, каме ниёз ба макс дорад.

Дар билоди Туркистон вилояте аст, ба номи Хутан, ки миёни Қошғар ва Ёркан мавқеият дорад. Аммо Хутани имрӯзӣ зери султаи кишвари Чин, аз ҷумлаи шаҳрҳои машҳури Туркистони Шарқӣ ва ё Синкиёнг аст, ки дар 300 километри ҷануби шарқии Ёрканд, бар канори чапи Хутандарё ба иртифои 370 метр аз сатҳи дарё қарор дорад.

Аҳолии он минтақа ҳама мусалмон буда ва дар фанни бофандагию тиҷорати абрешим ва пунба дасти боло дошта ва доранд.

Муҳимтарин вижагии Хутан мавҷудияти оҳувони соҳиби мушк дар кӯҳҳову биёбонҳои атрофи он аст, ки судури ин мушк аз қадимулаём аз ин ноҳия муҷиби шуҳрати Хутан дар ҷаҳони қадим гардида аст ва дар адабиёти порсӣ–дарӣ Хутан илова аз мақоми мушкхезиаш ба ҷиҳати доштани шоҳидон ва хубрӯён низ мавриди таваҷҷуҳи зиёде буда аст.

Аз асари ривояти забонӣ овардаанд, ки оҳувони Хутанзамин дар фасли пойизи Чин ки тарашшуҳоти атрогин бо ҳамон ғадаи қисмати нофашон сахту сифт мегардад, нисбати рафъи хоришаш оҳувон нофашонро ба санг мемоланд ва афроде, ки шуғли ҷамъоварии гард ва судаҳои хушбӯи нофи оҳувонро доранд, онро бо зарофат ва диққати хосе ҷамъоварӣ мекунанд ва ғайра.

Дар ин ҷо шоири хушзавқу қареҳа хушбӯии зулфи парешони мамдуҳашро, ки аз асари вазиши бод, пахш ва нашр гардида, бо овардани таркибҳои мулоим: боди субҳгаҳ, зулфи парӣ ва нофи оҳу

чунон меситояд ва менавозад, ки ҳатто атрогинии сару зулфи ӯро аз атри машҳури нофи оҳуи Хутани Чин низ бартар мешуморад.

Каёнӣ ба далели шароити хоси сиёсӣ–иҷтимоӣ, ки дар он ба сар мебурд, саъй мекард, то ашъор, таркибот ва ороҳои он миқдоре маҳбуз, печида ва ибҳомомез бошад. Мисол:

Дило, зи ғуссаю андуҳу рӯзгор бимир,
Дило, зи кашмакаши ҷаври кордор бимир.
Кунун зи вазъи хаёли замона ҳайронам,
Зи бевафоии ин чархи сифлакор бимир.
Зи аҳли даҳр гурезонамаш набигузоранд,
Ки нест аз худу бегона эътибор, бимир.
На дӯстӣ, на муҳаббат, на ошноирост
Ба қалби хаста або чашми ашкбор бимир.
На рангу бӯи муҳаббат дар ин ҷаҳон боқист,
Таҳобунаст, ту бо қалби доҳдор бимир.
Куҷост фарқ миёни даввобу инсонӣ,
Арӯси даҳр хазонрост дар канор, бимир
Надонамаш дили садпораро чи кунам,
Миёни синаи ман қалби беқарор бимир [3, с.35–36].

Ӯ дар ин гуфтори ҳоҷиб пӯшида ва ғайри сареҳ аз ҷавру ғабни замон, бегонагӣ ва беэътибории рӯзгор ва аз бевафоию ноошноии аҳли даҳр бо ғаму андуҳ ва ашку оҳ забони шиква сар дода ва бо беқарорию қалби доҳдор, чунон ноумедона менолад, ки ҳатто идомаи зиндагӣ ва ҳаётро низ дар сояи чунин низому иҷтимоъ лозим ва шоиста нашмурда ва дар пайи мисраҳои дувуми абёт вожаи таъсирбори «бимир»–ро баҳси радифи шеър мавриди истеъмол қарор медиҳад.

Дило, зи ғуссаю андуҳи рӯзгор бимир,
Дило, зи кашмакаши ҷаври кордор бимир [3, с.35].

Дар ин ҷо бар илова мавҷудияти ҳолат пушидагӣ ва иститор бар аҳволи зоҳири шеър, гулвожаҳои пайвастае чун: *хаёл, таҳобун, даввоб, чарх, сифла ва даҳр* низ дар ин суруда ворид шудааст, аммо дар ин ҷамъ ду вожаи қобили таваҷҷуҳ: «таҳобун» ва «равоб» мушкилфаҳм ва камсобиқатар аст.

Вожаҳо аз назари шакл умуман ҳолати сегона (содда, сохта, омехта) доранд [5, 69], ки бо ҳузурашон пайваста бо ороҳои ҳунари дар шеър каломро оҳангин, дилпазир ва хушоянд месозад.

Вожаҳои *ғусса, ҷавр, ҳайрон, сифла, хаста, хазону чора* дар зумраи калимоти сода пайвастаи мавҷуд дар шеъри болоанд, ки ба танҳоии худ мустақилона маъно ва мафҳумеро ифода медоранд, аммо вожаҳои кордор, беқарор, чи чора ва бевафо, ки муташаккил аз як вожаи баста ва номустақилу як вожа ё морфемаи мустақиланд, калимоти муштақ ва ё сохта месозанд.

Мураккаботи омехтаи *сифлакор, садпора* ва таркибҳои ҳунарии *ғусаю андуҳ* (шикоят, шум), *кашмакаши ҷур, хаёли замона, аҳли даҳр, қалби хаста, чашми ашкбор, бӯи муҳаббат, қалби доҳдор ва аруси даҳр*, ки бо касраи изофат шинохта мешаванд. Дар лобалои ин сурудаи шоир чеҳранамоӣ мекунанд ва ба он зебоӣ мебахшанд.

Бо ин ҳол ҳувайдост, ки ҳарчанд аз ҳолати печидагӣ ва таъқидоти шеър коста шавад, таркиботу ороҳои сода ва авомфаҳм мегардад. Пас ба таркиботи фавқулзикр : ғуссаю андуҳ, хаёли замона, чархи сафла, аҳли дард, қалби хаста, бӯи муҳаббат ва ғайра. Метавон таркиботи миёна ва мутавасут хитоб намуд, аммо гоҳе ҳам чунин ғамуз ва иститореро, ки дар абёти фавқ ба мушоҳида мерасад, ба сароҳат мубадал мегардад ва боз ҳамон гуна, ки пештар ишора шуд, гуфтори равшану ашъори сареҳ ва аксаран аз тафаннун, тахаюл ва бар ҳунари камтаре бархурдоранд, мисли:

Нодиро! Гар ту ба ин ҳашмату ҷоӣ, афсӯс,
Ки бад–ин мулк ту бе дасти сахоӣ, афсус.
Ҳокиму қозию моъмур пайи моли фақир,
Соилонро бувадаш навҳасароӣ, афсӯс.
Гарчи муҳтоҷи касе нестем аз фазли Худо,
Халқ бинам ҳама бо ҳоли табоҳе, афсӯс.
Оламе аз ситаму зулм ба фарёду фиғон,
Ноумед аз дари шоҳанд, Худое, афсӯс.
Ришвату зулм зи ҳар вақт фузунтар гардид,
Ҳамаро кор ба ҷуз дидарое, афсӯс.
Рӯзу шаб аст раият ҳама дар ранҷу алам,
Бар дари хонаи ҳар фард сипоҳе афсӯс.
Ҳар кас дар кулбаи вайронаи худ гирякунон.

Синасӯзон ҳама дар нолаву оҳе, афсӯс,
Бемуррват ҳама хунхору ҷафоҷӯ золим.
Сифлатабъон ҳама дар нолаву оҳе, афсӯс,
Кор аз дасти ту н–ояд на ба узру на ба ҷанг.
Хешро мекунӣ ангуштнамое, афсӯс [4, с.153].

Мурури ин абёт мерасонад, ки шоир бо хотира ва иштибоҳе, ки аз чигунагии вазъияти ҳокими сиёсӣ, иҷтимоию фарҳанги кишвару ҷомеа дорад бо радиф қарор додани калимаи афсӯс ва таркиботи нисбатан сода ва мустаъмил бар ҳама нобасомониҳо чун зулму ситами шоҳи хунхоре ва ҷафоҷӯе ришваву фасоду дузду ҳокиму қозӣ ва соири маъмурони низом метозаду бо мавҷудияти камранги ороҳо ва сунаоти адабӣ, мақсуд ва асли ҳадафро, ки тасаллути нозебои шароити ногувори ҳамон вақта аст, ба равшанӣ ва урёнӣ мавриди интиқод қарор медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Деҳхудо, Алиакбар. Фарҳанги луғати Деҳхудо / Алиакбари Деҳхудо, Теҳрон, 1362
2. Каёнӣ, Саид Нодиршоҳ. Девони Саид Нодиршоҳи Кайнӣ, чопхонаи Раҳимӣ, шаҳри Бамбайи Ҳиндустон, кул153. –4 с.
3. Каёнӣ, Саид Нодиршоҳ. Паёми шимол, Тоҷмаҳал, Бомбай, соли 1276 С.35–36.
4. Каёнӣ, Саид Нодиршоҳ. Девони Саид Нодиршоҳи Кайёнӣ, чопхонаи Раҳимӣ, шаҳри Бамбайи Ҳиндустон ,с. 5, кул. –153 с.
5. Ямин, Муҳаммад Ҳасан. Дастури муосири порси–дарӣ, чопи интишороти Майванд, Кобул, с.1383. –69с.

СТРУКТУРА И СОСТАВ СБОРНИКА ГАЗЕЛЕЙ КАЁНИ

Структура и состав стихотворение поэтов и слова писателей, если относится к их творениям и украшениям, его благо приятие и полезность будить несколько таковым.

С прохождением стихов Саида Надир–шаха Каёни, особенно рассматривается в его лирическом произведение, чтобы его поэзия из взора структуры и состава, выразительности, ясности, благозвучности и содержанием бывает могущественным.

Раздел лирических стихотворение двух поэтических сборников Саида Надир–шаха Каёни, которую называют «Весть Севера» и сборник стихов в сходстве лирических поэтов как Хафиз в целом включает в себе вопросы любви и почитание, которые в привозной примере тексте статьи все слава: слитный, построенный, смешанный, производные или притворные слава, примешанный сложности и прочие распространённые состав умения, с ясностью описывается.

Ключевые слава: *заимствования, Саид Надир–шох Каёни, структура и состав, Туркистан, пупок газелья, мускус Хутана, Ёрканд, Кошгард, Синкиён, вред, вьючное животное.*

THE STRUCTURE AND COMPOSITION OF GAZELLES OF KAYONI'S POETRY

This article deals with he structure and composition of poems' of this poets and the words of writers, if they relate to their creations and ornaments, wake him a few favors and usefulness.

With the passage of verses and sura of Said Nadir Shah Kayoni, especially looking at his lyrical work, so that his poetry from the view of structure and composition, expressiveness, clarity, harmoniousness and content can be powerful.

The section of the lyric poem of two poetry collections by Said Nadir–shokh Kayoni, which is called «The Voice of North» and a collection of poems in the context of lyrical poets, like Hafiz as a whole, includes the issues of love and reverence, which in the imported text of the article is all glory: unity, built, mixed, predvone or pretend glory, pre–mixed complexity and other common skill composition, is described with clarity.

These properties in this article are well tolerated in discussions.

Keywords: *borrowing, Said Nadir–shokh Kayoni, structure and composition, Turkistan, navel of gazelle, Musk Khutan, Yorkand, Koshgard, Sinkiyon, harm, pack animal.*

Сведения об авторе:

Мирзомухаммад Рустоӣ *–докторант факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Телефон: (+992) 917591354. E –mail: m.rustoyee@yahoo.com*

About the author:

Mizomuhammad Rustoi *– a doctorant of Department of Tajik Philology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: (+992) 917591354. E–mail:m.rustoyee@yahoo.com*

УДК: 891.550–1

ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ОФАРИНИШИ ГАВҲАРИ ГУФТОР ДАР ДОИРАҲОИ АДАБИИ МОВАРОУННАҲРИ НИМАИ ДУВВУМИ АСРИ XVIII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

Ғафурова Ҷ.М.

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар Мовароуннаҳри ҳамин мақтаи таърих раванди сиёсату иқтисод ва фарҳангу ададбиёт бо сабабҳои айнию зеҳнӣ хеле ба дараҷаи фатарот расида буд [1, с.10–14].

Ба мулоҳизаи мо, яке аз сабабҳои айнии ин ҳолат дар Мовароуннаҳр аз ҳаракат мондани корвонҳои «Роҳи бузурги абрешим» аст. Ба коршиносон маълум аст, ки аз солҳои 20–уми садаи XVI бо шарофати кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ роҳи обии қитъаҳои Ғарбу Шарқ кушода шуд. Аз ин хотир «Роҳи бузурги абрешим», ки Ғарбу Шарқ –шаҳрҳои Ланжау Увей, Дунхуану Турфан ва Кучейи Чинро тавассути шаҳрҳои бузурги Шарқи Наздику Миёна бо Венетсияи Итолиё пайваст менамуд, аз ҳаракат боз монд[2, с. 3–4]. Аз Мовароҳунаҳр се шохаи калони ин роҳи абрешим мегузашт. Тавассути тоҷирони корвонҳои ин роҳ дар Моҳвароҳунаҳр на танҳо молу маноли беҳтарини Ғарбу Шарқ хариду фурӯш мегардиданд, балки хабарҳои тоза, комёбиҳои илму фарҳанги ҷаҳони мутараккӣ ва фановариҳои он интишор меёфтанд.

Мутаасифона, ин роҳи бузурги хушки абрешим ба иллати дар Моҳвароуннаҳру Афғонистон набудани роҳи обию баркӣ то солҳои 70–уми садаи XVI1 асосан ғайримустаъмал гардид. Бад–ин сабаб дар Мовароуннаҳр робитаи иқтисодию тиҷоратӣ бо кишварҳои дигар хеле маҳдуд гардид. Ҳамон туркҳо аз ҷумла ғуз, ки аз даврони Исмоили Сомонӣ корвонҳои абрешимро аз сарҳади Эрон то ба марзи Чин пешвоз гирифта ва сипас гусел мекарданд, бекору бенаво гардиданд. Ба чунин иллату сабабҳои аёнӣ кишвари Мовароуннаҳр рӯ ба таназзули сиёсию иқтисодӣ ва парокандагӣ ниҳод.

Омили зеҳнии таназзули сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат, албатта бо айби сиёсатмадорони хонадони Аштархонияву Мағития ба вуқӯъ пайваст.

Аммо дар Эрону Туркияи усмонӣ ба шарофати муҳайё будани роҳи обию баҳрӣ, робитаи иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангӣ бо кишварҳои мутараккии Урупо гусаста нашуд ва мунтазам бардавом буд.

Нимаи дуюми асри ХУ111 ва даври якуми қарни Х1Х яке аз даврахои мураккабтарину фоҷиабори ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву мадании халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Махсусан нимаи дуюми асри ХУ111, ки ба пойдоршавӣ ва устувор гардидани сулолаи Манғития рост меояд, замони « ба бӯҳрони сахти иҷтимоӣ.. »[3]. шудани хоҷагии халқ низ мебошад. Парокандагии мамлакат аз нимаи асри ХУ111 оғоз ёфта буд.

Давраи мудҳиштарини аҳволи сиёсию иқтисодӣ ва маънавию равонии мардуми аморати Бухоро ба замони султаи Абулфайзхони аштархонӣ (1711–1747) рост меояд. Абулфайзхон ба айшу нӯш ва оростани базмҳои духтарони моҳпайкару ҷавонони сарвқад машғул шуд ва дар натиҷа нуфузи худро аз даст дода, бозичаи аъёну ашрофи дарбор гардид[4]. Ин ҳолат ғоратгарии гумоштагони ҳукумати марказӣ ва феодалони маҳаллиро пуркувват намуд. Чунончи Ҳоҷӣ Ҳакимхон, ки яке аз муаррихони он давра аст, дар «Мутахабут–ут–таворих», роҷеъ ба сабабҳои ба тарзи даҳшатовар бад шудани вазъи иқтисодию сиёсии замони Абулфайзхон менависад: «Чун Абулфайзхон бар сари салтанат нишаст, …дасти татовул ба раъият кашид ва ҷавонони моҳрӯ ва канизакони саврқадро ҷамъ намуда ба айшу ишрат машғул гашт. Дар мамолики Мовароҳуннаҳр ба сари ҳар кас ҳавои ҳукумат буд, сар бардошт»[5].

Абулазими Сомӣ низ дар «Тӯҳфаи шоҳӣ» сабаби беоромӣ ва бетартибҳои замони хони мазкурро шарҳ дода навиштааст: «Абулфайзхон аз ҷиҳати одамӣ рушду қобилият майл ба ҷониби ҳавои нафсонӣ карда, ба мусоҳибати амраду нисвон рағбат намуда, ғайр аз таҷарруби бодаи

арғувонӣ ва таайюш бо амраду ағонӣ коре надошт. Ҳар ҷо амради ҳасана ва зани ҷамила шунид, бо зӯру зачр аз хонаҳо берун кашид ва мутасарриф шуд»[6].

Натиҷаи ҳамин белаёқатӣ ва гирифтори айшу ишрат гардидани Абулфайзхон буд, ки дар ин давра аз итоати ҳукумати марказӣ сар кашидани ҳокимон авҷ гирифт, ҷангу ҷидоли байни ҳамдигарии онҳо шиддат ёфт. Ниҳоят, вилоятҳои Фарғона, Балх, Бадахшон, Ҳисор ва Шаҳрисабз худро комилан мустақил эълон карданд [7, с.58].

Чунон ки А. Мирзоев менависад, ҳатто кор ба ҷое расид, ки Рачабхон ном шахс дар замони Абулфайзхон қазоқҳои аз фишори қалмоқ ба аморат омадаро бо худ гирифта, Самарқанду Миёнколот ва қисме аз туманҳои Бухороро ишғол намуд[8, с.115]. Ҳарчанд ин водиҳои ҳосилхез ҳафт сол чарогоҳи қазоқҳои бодиянишин гардид, аммо ҳукумати хонӣ ба муқобили онҳо чорае ҷуста натавонист. Боиси ҳамин буд, ки дар мамлакат қаҳтии сахт рӯй дод. Дар ин хусус Муҳаммад Яқуб дар «Гулшан–ул–мулук» навиштааст: «… Он ҷомеа (ҷамоаи қазоқ. –Ғ.Ҷ.) муддати ҳафт сол пай дар пай айни расидани ҳосилоти зироат мобайни Самарқанду Бухороро талаф карданд. Ба Мовароуннаҳр қаҳтӣ шуд. Гӯшти одам ғизои мардум буд. Мурдаро ба гӯр намебурданд, мехӯрданд. Ҳар кас ба ҳар ҷониб ватани худро гузошта рафт. Дар Бухоро ду гузар мардум монд ва дар Самарқанд аҳде намонд» [9].

Маълумоти Муҳаммад Яъқубро дар «Тӯҳфаи шоҳӣ» Абулазими Сомӣ такрор намуда, дар поёни он илова кардааст: « Гӯянд дар он вақт дар Самарқанд Шоҳҷуғз ном қаландаре буд ва ғайр аз ӯ касе намонд. Чунончи, дар ин маънӣ ӯ гӯяд:

Ба соли ҳазору саду чиҳилу ҳашт, *баробар аст ба с.1745*

Самарқанд гардид монанди дашт» [10].

Дар маълумоти Муҳаммад Яъқуб ва Абдулазими Сомӣ ба назари мо муболиғае ҳаст, аммо навиштаи онҳо аз заъфи ҳукумати марказӣ ва аҳволи мудҳиши мардуми ин сарзамин ҳикоят мекунад. Дар чунин ҳолати ногувор Нодиршоҳи Афшор (1688–1747) ба Мовароҳуннаҳр ҳучум овард ва бидуни муқовимати маҳаллӣ Бухорои Шарифро ишғол кард. Вақте Нодиршоҳ ба ватани худ бармегашт, чун шоҳи фотеҳ ба сифати «Оқ уйлиён» аз аҳоли Бухоро чиҳил ҳазор нафарро ба Эрон бурд. Дар ин ҳангом Абулфайзхони Музтариб ба рӯйхати муҳоҷирони ба таври махфӣ номи яке аз рақибони пурхатари худ –Муҳаммад Раҳимхони манғитро дохил карда буд. Дар ин ҳолат Раҳимхон илоҷе надошт, ки дар қатори «Оқ уйлиён» ҳамроҳи Нодиршоҳ ба Эрон наравад.

Раҳимхон, ки марди далер ва низомии корозмудае буд, дар андак муддат дар назди Нодиршоҳ эътиборе пайдо кард. Ӯ барои дафни падараш Ҳакимбии атолиқ, ки дар Бухоро фавтида буд, бо иҷозати Нодиршоҳ ба ватан бармегардад ва баъди маросими дафн Абулфайзхонро дар мадрасаи Мири Араб санаи 1747 ба қатл мерасонд ва бо ҳамин султаи хонадани Аштархониён дар Мовароуннаҳр поён мепазиранд.

Албатта, дар чунин вазъияти душвори сиёсию иқтисодӣ ва бепарвоию бесомониҳои ҳукуматдорони коҳил ба ҳаёти маданию адабӣ ва маънавию равонии мамлакат зарбаҳои басо сахттарин расида буд. Бо вуҷуди ин, мувофиқи маълумоти асари тазкирамонанди Муҳаммадамини Насафӣ «Мазҳар –ул –мусаннифин» (соли таълиф 1172–1758) дар чунин давраи сангин низ як зумра шоироне ба монанди Муҳаммад Эъҷоз, Муҳаммади Муншӣ, Мирзоафзали Муншӣ, Муҳаммадамини Фохир, Мулло Ишратӣ, Юсуфхоҷаи Бухороӣ, Мавлоно Сафоӣ, Устод Қосими камонгар, Мулло Лизои котиб ва чанд нафари дигар дар сарзаминҳои Насафу Бухоро ва Самарқанд эҷод намудаанд. Аммо аз мероси ин зумра адибон алҳол танҳо пораҳои алоҳидаи «Мазҳар –ул–мусаннифин»-и Муҳаммадамини Насафӣ боқӣ мондаасту халос ва мероси дигарон дастхуши фоҷиҳаи таърих гардидаанд.

Муҳаммад Раҳимхон (1747–1758) барои таъмин кардани иқтидори ҳукумати марказӣ алайҳи амирони саркаш муборизаҳои шадидеро пеш гирифт ва дар солҳои 1753–1757 вилоятҳои Миёнколот, Қаршӣ, Уротеппа, Шаҳрисабз, Ургут, Панҷакент ва Деҳнавро бо зарби шамшер ба ҳукумати марказӣ тобеъ намуд.

Бо ҳамин таъсири ҳукумати марказиро назар ба давраи Аштархониён борҳо афзун сохт…

Дар замони ҳукумати амир Дониёл (1758–1785) амаки Раҳимхони манғит, дубора даъвогарони тоҷу тахт авҷ гирифт. Аммо бо фармон ва қатъияти амир Дониёл аксари мухолифони ҳукумати марказӣ аз ҷумла, Тағоймуроди баркут, Бекназарбии кенагас ва Ҷаҳонгирбии Сарой бо тарафдорони худ кушта шуданд.

Дар замони амир Дониёл аристократияи тоифаи манғит бидуни қобилияту кордонӣ ба корҳои давлатӣ хеле зиёд ҷалб шуданд [11]. Чунин бетартибиҳо буд, ки дар мамлакат дуздию ришвахӯрӣ,

хелҳои гуногуни андоз бо шаклҳои тозааш афзун гардид ва талаву торочи аҳли заҳмат авҷ гирифт. Чунончи, Аҳмади Дониш дар «Рисолаи таърихӣ»–аш аз аҳволи тоқатфарсои мардуми Моваро̆ҳуннаҳри ин давра ба ин қарор овардааст: «Бидон ки дар айёми ҳукумати амир Дониёл ба доруламорати Бухоро хеле тафовути фоҳиш дар умури миллатӣ воқеъ шуда, аксар мадрасаҳо ва масоҷид аз дарс ва намоз таътил ёфта, ҳуҷроти мадорис коҳхонаи хари обкашу ғалладонаи баққол шуда… Ҳар чӣ аз ҳар ҷо ёфтанд, мутасарриф ва молик шуда, шӯъла аз чароғи бевазан ва нон аз анбори авқоф дуздида ба масрифи шикам ва харҷи худ мерасониданд ва касеро маҷоли бархост набуд ва бозори хамру қимор ва фиқу фасод бисёр ривоҷ ва гарм буда, дар миёни умаро ва ҳукком. Лекин фуқаро ва раоёро маҷоли ҳаракат ва сукут набуда аз фарти зулму зачр ва олуқу солуқ; Мисли омиёна ва вакилона ва арзонии никоҳу қимати никоҳона. Масалан маҳри муаҷҷал 10 дирам ва никоҳонаи қозӣ 10 динор ва 1 ман гандум даҳ танга, ҳакулмизон 15 танга, илаҳаза … Вазорати Бухоро дар ӯҳдаи Давлатқушбегӣ буда, марди фосиқ, саффоки бебок ва мансаби қозикалон дар қабзаи қозикалон Низомиддин, ки шориби хамр ва арақ буда…»[12, с.12–13].

Чунон ки мебинем, ин тартиби идораи давлат аз ҳукумати мараказӣ норозиҳои аҳолиро зиёд кард, феодалони мансабхоҳ аз чунин вазъият истифода бурда, ба мустақилӣ мекӯшиданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки Хеваю Фарғона мустақил шуд. Шаҳрисабз, Уротеппа, Ҷизах аз ҳукумати марказӣ рӯ гардонд ва дар Ҳисору Бадахшон нуфузи ҳукумат ниҳоят суст шуд. Чорачӯиҳои ҳукумати хонӣ, ки барои бартараф кардани вазъият Давлатқушбегӣ ва қозӣ Низомиддинро қатлъ намоянд ҳам, натиҷаи дуруст надод. Зеро дар ин давра низ аҳволи сиёсию иқтисодии мамлакат хеле бад буд.

Амир Шоҳмурод (1785–1800) барои беҳтар кардани вазъи иқтисодии кишвар баъзе чораҳо ҷуста, чанде аз андозҳои амир Дониёлро бекор кард, дар системаи обёрии мамлакат чораҳо ҷуст, чанд рӯду наҳрҳо кушод ва ба золимони саркаш чораҳои қатъӣ дид, аз порахӯрону хиёнатгарон чанде мансабдоронро ба қатл расонд ва барои шунидани арзу доди фуқаро шахсан бо сардории худ ҳайати махсусе таъсис кард.

Ба ҳар ҳол, ин амир дар байни аҳолӣ ва аҳли дарбор чун амири «адолатпаноҳ» ва «амири маъсум» шуҳрат ёфт. Шоҳмурод зоҳиран шахси тақводор буд ва лақаби « Маъсумби»–ро гирифта буд, тарафдори тариқати суфия худро нишон медод. Ӯ дабдабаву тафохури зиёдро хуш надошт. Барои он, ки таваҷҷуҳи оммаи халқро ба худ ҷалб намояд, баъд аз вафоти падараш омурзиши гуноҳҳои ӯро бо нолаву зорӣ аз офаридгор талаб намуд. Дар замони ӯ ба ҳокимони саркаш чораҳои амалӣ диданд. Бинобар донистани хоинӣ ва фисқу фуҷури аъёну ашроф дар салтанати падараш Шомурод ба сари давлат омадан замон қозикалону қушбегиро дар назди мардум ба қатл расонид. Бо ин амал ҳам намояндагони аъёну ашрофро тарсонд ва ҳам эътиқоди халқро ба худаш пайдо кунонид. Дар аввал як қатор андозҳоро барҳам дод. Барои шунидани арзу доди мардум гурӯҳи махсус ташкил намуд.

Ислоҳоти асосие, ки барои рушди хоҷагии мамлакат мусоидат кард, ислоҳоти пулӣ буд. Ислоҳоти пул, кушодани роҳҳои нави тиҷоратӣ, обёрӣ кардани заминҳо, бекор намудани ҳокимони пешина ва таъини ҳокимони нав дар умури давлатдорӣ, хоса оид ба ҳуқуқ, шахсан навиштани (таълифи) дастур ва назорати он аз чунин қабил иқдомоти ӯ буданд. Як қатор вилоятҳо аз ҷумла, Марв, Балх,Қундуз, Уротеппа, Ҳисор ва Андхӯй тобеъи аморат гашт ва ниҳоят мамлакат ба навъе рӯ ба тараққӣ ниҳод. Ӯ соли 1800 аз олам чашм мепӯшад.

Амир Ҳайдар (1800–1827) тавонист, ки ба навъе сиёсати падараш Шоҳмуродро давом бидиҳад. Вазъи нисбатан муътадили давраи амир Шоҳмурод халал ёфта буд. Амири нав оромию осудагиро хоҳон бошад, ҳам онро пурраву доимӣ нигоҳ дошта натавонист. Ҳарчанд дар аввалҳои султонии вай ҳокимони вилоятҳои Шаҳрисабз, Қаротегин, Дарвоз, Шуғнон ва Уротеппа аз ҳукумати марказӣ сар кашиданд, вале амир ба зудӣ дар он вилоятҳо ҳокимонро иваз кард ва ба ҷои онҳо одамони худро гумошт. Амир пас аз чанде устувор кардани пояи давлаташ ба Чорҷӯй ва Марв лашкар кашид ва қиме аз аҳолии Марвро ба водии Зарафшон, муҳоҷир намуд. Аз ин кирдори Ҳайдар хони Хоразм Элтузар ба хашм омада, ба Бухоро лашкар кашид. Ҷанг байни ду лашкар сахт шиддат гирифт. Амир Ҳайдар ҳариб бар Илтузархон ғолиб меомад, ки аз фурсат истифода бурда, хони Фарғона Олимхон (1799–1809) ба Уротеппа ҳуҷум овард ва минбаъд валиаҳди ӯ амир Умархон аз тарафи ҷануб вилоятҳои Шуғнон, Дарвоз, Қаротегин ва Вахон аз тарафи шимол Туркистону Ҳафтрӯдро тасарруф кард. Муқобилият ба ҳокимони вилоятҳои дуру наздик, саркуб намудани ошӯбҳои халқӣ, норизоии аъёну ашрофи аморат бархурду додугирифт бо хонигарии Хӯқанд боиси камқувват гаштани аморати Бухоро, парокандагию таназзули иқтисодиёти он гардид.

Давраи салтанати Амир Насруллоҳ (1827–1860) низ басо аз хунрезиҳо–куштану ғорат ва торочгариҳо иборат буд. Ӯ мехост, ки вилоятҳои саркаш тобеи ҳукумати марказӣ бошанд. Бо ин мақсад вай аз халифаи Рум (Туркия) ваколат гирифт, ки аморати Бухоро дар ҷодаи шариати ислом дар Мовароуннаҳр аз ҳама афзалият дорад. Халифаи Рум чунин ваколатро ба хони Хуқанд Муҳаммадалихон (1822–1842) низ медиҳад. Ин қазия зиддияти ду ҳукмрони Осиёи Миёнаро хеле пуршиддат намуд. Амир Насрулло барои тавсия додани қаламрави аморат бо баҳонаҳои гуногун дар як муддати кӯтоҳ се бор ба Хуқанд лашкар кашид ва ҳар бор шаҳрро торочҷ менамуд. Ӯ бори сеюм дар саҳнаи 1257–1842 дар шаҳр ва атрофии он қатли ом гузаронид. Дар ин қатли ом хони Хуқанд Муҳаммадалихон, Додараш Султонмаҳмуд ва модари онҳо шоираи шаҳир Макнуна (Нодира)–ро ваҳшиёна қатл кунонид. Насрулло вақти баргашт ба Бухоро бисёр аз аҳли донишу ҳунар ва адабро асир меорад, ки байни онҳо шоири маъруф Ҷунайдуллои Ҳозиқ буд. Минбаъд Насруллоҳ бо дасти гумоштагони худ Ҳозиқро қатл мекунад ва сари бетани ӯро ба назди амир меоранд. Амир Насрулло шахси бераҳму шафқат ва фосиқу худроҳа буд ва ҳар чӣ мехост онро шариати ислом ба қалам медод. Аҳмади Дониш, ки чанд гоҳ дар дарбори вай хизмат карда буд, дар хусуси рафтори ин амир фармудааст: «Ҳар чиз ки мувофиқи раъйи худ писандид, онро аз зӯъми худ шариат дониста, беибо амал менамуд. Он чиро ки хилофи раъйи хеш медид, онро хилофи шариат медонист ва дар он умури номашрӯъи фиқи шаръ ва хилофи раъйи ӯ фаторо диҳад, ба андак замоне ба ранги хиёнатро ба ӯ нисбат дода, ба мусодираи амволу амлок ва ихроҷ кардани ӯ амр мекард.» [13, с.28] Абдулазими Сомӣ дар такмили маснавии «Дахмаи шоҳон» ба забони худи Насруллоҳ овардааст:

Чӣ сарҳо, ки аз ҳукм кардам ба дор
Чӣ хунҳо ки ман рехтам бар канор…
Гирифтам, буридам сарашро ба теғ,
Аз ин кор бар ман наёмад дарег[14]

Мансабдороне, ки ба табъи дилаш ифои вазифа намекарданд, онҳоро ба қатл мерасонд, ё молу мулкашонро мусодира карда онҳоро бадарға месохт. Фаъолияти як қатор мансабҳои аморатро маҳдуд намуд. Дар соҳаи ҳарбӣ ислоҳоти куллӣ ҷорӣ намуда, барои пурқувват шудани иқтидори мамлакат маблағҳои калон сарф кард. Сарбозонро бо либосу лавозимоти ҷангии истеҳсоли Русия мусаллаҳ сохт. Аз маълумоти таърихнигорон маълум мешавад, ки ин амири ҷаллод бо ташаббуси занаш ваҳшиёна кушта мешавад.

Ба ин тариқ. чунон ки аз тавсифи ҳаёти сиёсӣ ва қисман шароити иқтисодии султаи Абулфайзхони аштархонӣ, Раҳимхону амир Дониёл, Шоҳмуроду Ҳайдар ва амир Насруллоҳи манғит равшан маълум мешавад, ин мақтаи таърих дар зарфи тақрибан 200 сол ба иллати ҷангу ҷидолҳо, торочу ғорати аҳолӣ ва пайёпай иваз шудани султаи ҳукуматдорон ва ниҳоят парешонии сиёсии мамлакат дар Мовароҳуннаҳр барои пешравии иқтисоду фарҳанг, адабиёту санъат ва маънавиёт заминаҳои хурдтарин ҳам аз байн рафта буд.

Баръакси ин ҳолат дар миёнаҳои садаи XVIII соҳибзавқон ва суханварони Эрон бо мусоидати ҳукуматдорон дар тамоми риштаҳои суханварӣ бар эътироз аз сабки ҳиндӣ ба равиши устодони қадим пайравӣ менамуданд ва ба гуфтаи Зайнулобиддини Муъташам ин давра «Яке аз адвори муҳим ва дурахшони ададбиёти форсӣ дар назму наср ба шумор мерафт» [15, с.394]. Агар шоирони қасидасарою ғазалсарои сабки бозгашт ба монанди Сайидалии Мушток, Шӯъалаи Исфаҳонӣ, Ҳотифи Исфаҳонӣ, Фурӯғи Бастомӣ, Фатҳалишои Сабо, Нишоти Исфаҳонӣ, Маҷмари Кошонӣ дар пайравии Унсурию Фаррухӣ ва Манучеҳрию Муизӣ, Анварию Хоқонӣ ва Саъдию Ҳофиз қасидаю ғазалҳо суруда, забону адабиёти форсиро дар содагию равонӣ ба забони мардуми замон бештар мувофиқ созанд, вале дар Мовароуннаҳр адабиёти форсӣ хеле паст рафта буд.

Тибқи маълумоти тазкираҳои Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ, Мирсиддиқи Ҳашмат, Афзали Пирмастӣ, Неъматуллои Муҳтарам ва Абдуллоҳҳоҷаи Абдӣ дар миёнаҳои садаи XVIII дар Мовароуннаҳр чанд адибе ба монанди Дардии Бадахшонӣ, Муҳамадсолеҳи Хусрав, Шаҳиди Бухорӣ ва Музҳаби Бухорӣ умр ба сар дошта бошанд, ҳам ба сабаби ноороміҳои ҳаёти сиёсӣ аз мероси онҳо аксари талаф гардидаанд ва то замони мо хеле қисми каме боқӣ мондаанд. Чунончи Мирсиддиқи Ҳашмат доир ба рисолаи «Бадоеъ–ус–саноеъ»-и Шаҳиди Бухорӣ мулоҳиза ронда фармудааст: «… Баъд аз тафаҳҳус (ковишу ҷустуҷӯ) чунин маълум шуд, ки ин китоб дар авохири аҳди Абулфайзхон ё дар замони Раҳимхон ва амир Дониёл ба шерозаи таълиф расида, чун хотимааш «би–л–ҳамду лилаҳи таммат» расидааст, на соли китобат маълум ва на камияти манқудият»[16]. Ин маълумот намунае аз осори талафгардидаи адибон аст. Хушбахтона аз осори Муҳаммадисои Мавзун «Маснавии мавзун»[17] ва Садриддини Маҳзун[18] девони ғазалиёт дар дастраси мост.

Зоҳиран, дар Мовароуннаҳр аз миёнаҳои салтанати амир Дониёл, солҳои 70–уми қарни ХУ111 барои пешравии фарҳангу ададбиёт баъзе заминаҳо пайдо шуданд. Чунки аз ҳамин давра тибқи маълумоти сарчашмаҳо ба арсаи ададбиёт як зумра адибон ба монанди Мирзосодиқи Муншӣ, (в. 1819), Қонеи Насафӣ, Шайидои Хуҷандӣ, Носҳеи Хатлонӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ, Ҳабои Дарвозӣ ва чанд тани дигар ворид шуданд. Андак дертар дар солҳои 80–90–ум ва миёнаҳои садаи Х1Х ин таъдоди шоирони Мовароуннаҳрро адибони ҳамчун Орифи Бухорӣ, Шавқии Каттақурғонӣ, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Ансаби Бухорӣ, Нодими Истаравшанӣ, Мирзосидиқи Фано, Узлати Косонӣ, Гулхании Ғармӣ, Нозили Хуҷандӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Музтари Косонӣ, Султонхони Адо, Макнунаи Хӯқандӣ, Маъдани Панҷозӣ ва чанд нафари дигар афзун намуданд. Маълумоти муфасалеро дар ин хусус аз асари У.Каримов «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали садаи Х1Х» (Душанбе: Дониш –1974) ба даст хоҳед овард.

Дар ин мақдаи таърих тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҳавзаҳои адабии Мовароҳуннаҳр – аморати Бухорову хонияи Хӯқанд ва қисман Хоразм зиёда аз 170 нафар адибони гуногунтабақаю маслак умр ба сар доштанд.

Бо вуҷуди ин таъдоди адибон гуфтанӣ ҳастем, ки дар аморати Бухорои ин давра ба монанди Эрон ва аҳди сомонию ғазнавӣ ва ё салҷуқӣ доираи адабии муташакиле мавҷуд набуд.

Дар ин аморат ба иллати парешонии сиёсию иқтисодӣ ва хирадношиносии ҳукуматдорони марказӣ аҳли илму адаб, ба ҷуз дарбор, дар ҳолати парешонӣ дар вилоятҳои аморат ба монанди Бухоро, Самарқанд, Ҳисор, Каттақурғон, Насафу Шаҳрисабз, Уротеппа, Хатлону Дарвоз ва Бадахшон эҷод кардаанд. Чунончи дар Бухоро Мансурхоҷаи Ансаб, Саъдиддини Моҳир, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Мулло Рачаби Дониш, дар Ҳисор дар боргоҳи мири он Абдулкаримхон шорироне ба мисли Мирзоолимҷони Ҳасрат, Мулло Рачаби Парӣ, Тошхоҷаи Ҳирсӣ, Мулло Ҷазбӣ эҷод намудаанд. Дар Самарқанд маҳзуми Самарқандӣ, Забеҳои Яҳуд, Мирзо Раҳими Раҳим, Муҳаммад Содиқи Матлаб; дар Насафу Шаҳрисабз, Конеъи Насафӣ, Музтари Косонӣ, Мулло Муштоқ; дар Уротеппа Муҳаммадсолеҳи Нодим, Мирзо Сидиқи Фано, Ҳусайнхоҷаи Хиҷлат; дар Каттақурғон Мулло Шавқӣ, Мулло Хумулӣ; дар Дарвоз Ҳабои Дарвозӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ, Мирзо Сарроф, Муҳаммад Раҳими Ғармӣ; дар Бадахшон Муҳаммад Исои Мавзун, Муҳаммад Набии Ахгар аз ҷумлаи шоирони номдори замон буданд.

Аммо амирони манғития дар дарбори худ баҳри мадҳу ситоиши бевосита шориронеро ҷамъ накардаанд ва барои ин кор фарҳангу фазилати онҳо кифоят намекард. Ҳамон шоироне, ки ба тақозои замон дар боргоҳи амирон зистаанд, на барои истеъдоди шоирию ситоиши корнамоиҳои амирон, балки барои иҷрои вазифаҳое аз қабили «муншигӣ», «воқеъанигорӣ», «мирзоӣ» ва «латифагӯию зарофат» муаззаф буданд. Аммо онҳо шоирони боистеъдоде буданд ва аз эҷоди шеър даст накашидаанд. Чунончи Мирзо Содиқи Муншӣ ба иншонависӣ ва мукотиботи дарбор машғул буд. Дар канори ин ӯ ба гуфтаи Возеҳ «…девоне дар шеър тамом карда, қариб ба понздаҳ ҳазор байт ва маснавиёти мутафариқа низ дорад ва дар бадеагӯйи, латифасанҷӣ ва ҳозирҷавобӣ аз беназирони аҳд буд»[19, с.164]. Муҳаммад Шарифи Ориф муаррих буд ва ба унвони «Тоҷ–ут–таворих» асри таърихие таълиф кардааст. Дар ин хусус Возеҳ мефармояд: «Ориф тахаллуси Муҳаммад Шариф аст. Дар аҳди амири Кабир (Шоҳмурод) ва амири Саид (Ҳайдар) зиста… китобе тасниф карда мусаммо ба «Тоҷ–ут–таворих» муштамил бар дақоиқ ва саводири амири Кабир ва амири Саид. Девоне низ қариб ба се ҳазор байт тартиб дода, аксари он хуб ва мустаҳсан аст»[20, с.172–173].

Аз «муштамил бар дақоиқ ва саводири амири Кабир ва Саид» гуфтаи Возеҳ бар меояд, ки вазифаи асосии Ориф иборат аз қайд кардани «саводир»-и амирони мазкур буд. Аммо дар канори ин Ориф шоири комил ва соҳибдевоне низ будааст.

Аз ҷумлаи ин хидматгузорони дарбори аморат амир Ҳайдар Мирзо Содиқи Мунширо ба иваз ва мукофоти хидматҳои чандинсолааш бо айби ночизе ки ҳатто маълум нест, пас аз 63–солагӣ аз дарбор ронда ба кӯҳистони Дарвоз бадарға мекунанд.

Чанде аз шоириони вилоятҳои гуногун ба сабаби сахтиҳои зиндагӣ ва ҷустуҷӯйи харидори матоъи шеър аз шаҳр ба шаҳр, аз вилоят ба вилоят сарсону саргардон буданд. Чунончи, Маҳзуни Самарқандӣ, Конеи Насафӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Камоли Бухорӣ Умеди Самарқандӣ аз зумраи онҳо буданд.

Дар айни парокандагии сиёсии аморати Бухоро, чунон ки болотар гуфтем, дар солҳои 70–уми садаи ХУ111 вилояти Фарғона мустақилият пайдо кард. Аз охирҳои қарни ХУ111 хонияи Хуқанд қувват гирифт ва дар аҳди Олимхон (1799–1809), амир Умархон (1809–1822) ва Муҳаммад Алихон (1822–1842) ба як давлати мукҳадир табдил ёфт. Махсусан дар замони амир Умархон бо ташаббус ва

сарварии ин амири шоир дар Фарғона шеъру шоирӣ равнақ ёфт ва тибқи маълумоти «Маҷмӯаи шоирон»-и Фазлии Намангонӣ (с.т. 1821) дар ин хония зиёда 75 нафар аҳли адаб эҷод кардаанд. Шоироне ба монанди Адо, Лола, Вазир, Маъюус, Хотиф, Хиҷлат … дар ҷавоби ашори амир Умархон дар радифу қофия ва вазни ашъори ин шоир ғазалу қасидаҳо мегуфтанд. Ин овозаи шуарои Фарғона дар атрофу акнори Мовароуннаҳр хеле шӯҳрат ёфт ва аз атроф ба ин дарбор шоирони зиёде рӯй оварданд. Аз ҷумлаи шоирони сарсону саргардони вилоятҳои аморати Бухоро Маҳзуни Самарқандӣ, Конеи Насафӣ, Камоли Бухорӣ, Умеди Самарқандӣ ва чанд нафари дигар ба ин дарбор муроҷиат намуданд. Чунончи пеш аз он ки Маҳзуни Самарқандӣ ба дарбори амир Умархон рӯй оварад дар шаъни амири сангдили Бухоро Ҳайдар гуфтааст:

Тез кардӣ ин қадар чун арра сад дандони зулм,
Раҳм кун з–инсоф, эй золим, ту ин дандона рез!
Қадрдони гавҳари мазмун нашуд ин ҷо кассе,
Хез ин дури сухан дар кишвари Фарғона рез [21, с.52–53].

Ҷунайдуллои Ҳозиқ низ ба қавли Возеҳ ба лутфу марҳамати риёкорони амир Ҳайдар «нафрин гӯён» ба Фарғона рӯй оварда буд. Қисми зиёди ин шоирон ба даргоҳи амир Умархон роҳ ёфта, дар силки

шуарои маддоҳи ӯ ҷой гирифтанд[22, с.34]. Ин адибон ба мисли шоириони таҳҷоийи дарбор дар тақлиду пайравии ашъори амир Умархон ғазалҳо гуфта, бо ҳамдигар муҷовабаю мусобиқаҳои адабӣ менамуданд. Онҳо дар муҷоваботи худ мекӯшиданд, ки ҳар яке аз дигаре ашъори беҳтаре бигӯянд ва ба ин восита дар Фарғона чароғи адабӣ фурӯзонтар бошад. Чунин ҳаракат ва ҷунбиши адабӣ дар пешравию равнаки адабиёти форсӣ дар водии Фарғона таконе буд.

Дар назди амирони Бухоро монанди хонияи Хуқанд, доираи адабии расмӣ набуд ва шоирони қаламрави аморат дар шаҳру вилоятҳо ба таври парешон эҷод мекарданд. Аксари ин адибон дар хонаҳои одамони бофазли замон ва китобхонаҳо гирд омада, маҷлисҳои адабӣ меоростанд. Чуночи дар хонаи Муҳаммад Аминхоҷаи мутахаллис ба Эшон ба гуфтаи Возеҳ «чанде аз аҳли фазлу дониш ҷамъ омада, мунозира ва мушоира менамуданд ва мубоҳисаи ҳар навъ ашъор ва ҳикоёти рангин дар миён меафтода»[23, с.230–231]. Возеҳ дар фасли Музтари Косонии тазкирааш менависад, ки «… ӯро бо Махдум–Ҷунайд ва соири фузало мусоҷирот ва мунозирот буда, ҳамагӣ малеҳ ва мустаҳсан». Дар тасдиқи гуфтаҳои Возеҳ аз ашъори Музтар ва Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ матлаъҳои зерини ғазали онҳоро меорем:

Музтар:
Ҷунуни зулфи ту ҷӯяд паноҳ дар занҷир,
Забони нола шавад узрхоҳ дар занҷир[24].

Ҳозиқ:
Бувад умеди халосӣ зи чоҳ дар занҷир,
Мабод ҳеҷ кас аз дастгоҳ дар занҷир[25]

Чунин маҷлисҳои адабиро аҳли адаби шаҳр дар китобхонаи Говкушони Бухоро бо иноят ва мусоидати қозӣ Саъдии Моҳир, ки аз вазифаи қозигӣ маъзул шуда буд, доир менамуданд. Аз ҷумла, Абдулазими Сомӣ дар «Миръот–ул–хайёл» доир ба ин маҷлиси адабӣ овардааст:

Зи ширинкаломони мулки Бухор,
Яке буд машҳури аҳли диёр.
Мусаммо ба қозӣ–Саъдӣ буд ӯ,
Ҳама шеъри ӯ нофаи мушкбӯ.
Шуда аз қазо азл омад ба шаҳр,
Зи дори шоҳи ҷаҳон ёфт баҳр.
Китобхонаи Говкушонро амир,
Ато кард бар он адимунназир.
Дар он ҷо шуда ҷамъ аҳли ҳунар,
Фасоҳаткаломони донишасар.
Чун Мухтор махдуми ширинкалом,
Тахаллус ба Афсаҳ ба назди авом.
Ҷалолию Ансаб, Саиду Мунир,
Масеҳову Фитрат, Дабири кассир.
Дигар Осиву Афқари ҳушманд,

Зи аҳли фазоил дигар боз чанд.
Шабу рӯз бо ҳам мусоҳиб буданд,
Ба иншову ашъор рағиб буданд…
Зи бас ҷои хубони айём буд,
Китобхона чун қасри Баҳром буд [26].

Дар тасдиқи мулоҳизаҳои Абулазими Сомӣ мо аз ашъори қозӣ Саъдии Моҳир ва Ансаб матлаъи ғазали онҳоро дарҷ менамоем.

Моҳир:
Ба гардун меравад оҳам ба ёди сарви чолоке,
Зи юми ишқбозӣ мекунам ман сайри афлоке.

Ансаб:
Тую зоҳид. ҳавои тубию дастору мисвоке,
Ману сарви қади дилдору ҷому сояи токе.

Мо дар канори ин мусобиқаҳои адабӣ ва ашъори ҷавобияи Ҳозиқу Музтар ва Моҳиру Ансаб барои минбаъд беҳтар сарфаҳм рафтани сабки адибони Мовароунаҳр ба тариқи намуна ин ду ғазали Ҳозиқу Ансабро низ муроқибат менамоем:

Ҳозиқ:
На маро сояи тубию на кавсар даркор,
Қади чун сарви сиҳию лаби шаккар даркор.
Шеъри мо ҳуҷҷати қатъист дар исботи камол,
Теғро ҷавҳар агар ҳаст, чӣ дигар даркор !
Дар суханҳо раҳе тақлид намепаймоям,
Килки моро набувад сархату мистар даркор.
Шеъри мо чун хуми май худ ба худ аз ҷӯши дил аст,
Нест бо мастиш мо шишаю соғар даркор.
Ҳозиқ осон набувад, гавҳари гуфтор ба назм,
Дили холӣ зи ғаму кисаи пурзар даркор .

Ансаб:
На маро ҷоми Ҷаму мулки Сикандар даркор,
Шоҳиди маъниву шеъри хушу дилбар даркор,
Дурри маънӣ ба каф оварданат осон набувад,
Табъи мавзуни хушу фикри муаттар даркор.
Чӣ гуҳарҳо ки нашуд ҳосилам аз баҳри хаёл,
маро орзуи лаълу на гавҳар даркор.
Пучмаҳзони ҷаҳонро зи рухи хуб чӣ суд?
Зоҳидонро ҳаваси сабҳаву минбар даркор.
Ансаб аз баҳри тамошои аруси маънӣ,
Дили покиза чу миръоти Сикандар даркор[27].

Дар ин мусобиқаи адабӣ Музтари Косонӣ низ иштирок доштааст, ки дар поён танҳо матлаъи ғазали ӯро дарҷ менамоем:

Нест дар маҳфили мо шишаи соғар даркор,
Бода бе ҷумбиши лаъли лаби дилбар даркор [28].

Чунон ки дидем радифгӯию мусобиқаҳои адибии шоирони қаламрави аморати Бухоро аз мушоираи шоирони дарбори амир Умархон тафовути калон доштааст. Дар дарбори Умархон шоирон дар таклид ва пайравии ашъори Амир шеър гуфта, аз чорчӯба ва талаботи пешакӣ таъин намудаи хон берун намебаромаданд. Шоирони аморати Бухоро аз чунин маҷбурияти адабӣ фориғ буда, тибқи завку саликаи табии хеш мусобиқаҳои адабӣ менамуданд. Махсусан, аз он ду ғазали Ҳозиқ ва Ансаб, ки дар боло дидем пай бурдан душвор нест, ки дар мусобиқаҳои адабии ин шоирон мақсади на танҳо ҷустуҷӯҳои адабию зебоишиносӣ дар офаридани шеъри хуби дилнишин инчунин таъкид кардани омилҳои иҷтимоии «ба назм овардани гавҳари гуфтор» низ будаанд.

Ҳадафи умдаи мо аз мушоҳидаи равияи ашъори шоирони дарбори амир Умархон аз ашъори «мувофиқи табъи шоҳ», «дар пайравии шоҳ», «беғашу холис» дар радифҳои «офтоб», «чашм», «ангушт»-и шоироне ба монанди Фазлӣ, Адо, Вазир, Дабир, Нола, Афсӯс, Ҳиҷлат, Риндӣ ва чанд тани дигар беҳтар огоҳӣ ёфта, тавассути сиёқи ин шоирон услуби шеъри доираи адабии Хуқандро саҳеҳтар сарфаҳм рафта буд. Дар канори ин таҳқиқи маҷлисҳои адабӣ, мушоираю мусобиқаҳои

адабии Музтару Ҳозиқ, Ҳозиқу Музтар, ҷаласаи шоирони хонаи Аминхоҷаи Эшон ва китобхони Говкушон (Моҳир, Ансаб, Афсаҳ ва Афқар) аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар услуби бадеӣ ва тарзи ифодаи тафаккури адибони аморати Бухорову хонияи Хӯқанд аҳлаб аломату вижагиҳои сабки хуросонӣ мушоҳида гардиданд. Аммо аз мушоҳида, далелҳо ва баррасиҳои мо равшан шуд, ки дар услуби ин зумра адибон ҳоло мушаххасоти сабкҳои ироқию ҳиндӣ асосан дучор нагардиданд.

Бо вуҷуди ин ҳама далелҳо, Возеҳ дар фасле аз тазкирааш дар бораи услуби шеъри Муҳаммад Содиқ, Матлаби Марвию Самарқандӣ баҳо дода овардааст, ки Матлаб шоири «саҳеҳулфаҳму ҷадиддуттабъ аст. Татаббӯи ашъори салафу алаф бисёр карда … ҳамагӣ манзумоташ мустаҳсану ҳамвор ва соф аст. Мазмунҳои ғариб эрод намуда, дар банду басти алфоз санъате ба кор бурда»[29, с.24]. Возеҳ дар поёнии ин баҳои нуқтасанҷонааш аз ду байти Матлаб ду байтӣ шоҳид овардааст. Яке аз он ду байти ғазалҳо ин аст:

Девона шуд зи ёди қадат сарв дар чаман,
Деҳқон зи мавҷи об сало сил ба пош кард.
Қумрӣ зи боли худ ба рухаш зад тапончаҳо,
То бар қади ту сарв ба гулшан талош кард [30, с.249].

Аз ин далел воқеан ҳам бар меояд, ки Матлаб дар эҷоди шеър кӯшишҳо доштааст, ки аз чанбару доираи сабки хуросонӣ берун барояд. Исботи ин кӯшишҳо «ҷадидуттабъ» ва «эҷодгари мазмунҳои ғариб» унвон гирифтани ӯст. Махсусан «зи мавҷи об», «ба пойи сарв», «салосил бастан»-и деҳқон

хеле матбӯъ воқеъ гардидааст. Бо вуҷуди ин навҷӯйи Матлаб дар офаридани рагу пайи қабатҳои шеър содиқи сабки хуросонӣ аст.

Ба ин тариқ, он чӣ, ки марбут ба услуби ашъори шоирони Мовароуннаҳр баён гардидаанд, нисбатан ҷамбаи муқаддимотӣ доштанд. Ҳоло дар ин масъалаи сахт мураккабу мушкил, мулоҳизаю ҳуҷҷатҳои худро ба таври маҷмӯъ баён хоҳем кард.

АДАБИЁТ

1. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Сталинобод. 1960, с. 28
2. Абдулазими Сомӣ. Такмилаи маснавии «Дахмаи шоҳон», нусхаи № 9271 (Дш) в.23а
3. Абдуазими Сомӣ. Тӯҳфаи шоҳӣ, нусхаи №786 (Дш), в.36а
4. Баёзи № 1189, (Тш) в. 143а
5. Баёзи № 321 (ИЗА) в.53а
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. к.2. Душанбе; Ирфон. 1985
7. Каримов У. Роҳи бузурги абрешим. Душанбе; Сарбоз. 2003. с. 3–4
8. Каримов У. Адибиёти тоҷик дар нимаи дуюми асриХУ111 ва авали асри Х1Х С.47–52–53.
9. Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ. Туҳфат–ул–аҳбоб. 24 с.
10. Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ. Туҳфат–ул–аҳбоб… 164с.
11. Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ. Туҳфат–ул–аҳбоб… 34 с.
12. Маҳаммад Яъқуб. Гулшан–ул–мулук, нусхаи 2663 (Дш), в.166а
13. Мирзо Абдуазими Сомӣ. Миръот–ул–хаёл, нусхаи №2188 (Тш) вв. 35б–36в
14. Мирзо Сиддиқи Муншӣ. Девон. Нусхаи №1047 (Дш), в. 14а
15. Мирзо Сидиқи Ҳашмат.Тазкират –уш–шуаро, нусхаи №2729 (Дш) в.43 б.
16. Муътамн Зайнулобиддин. Таҳаввули шеъри форсӣ. 394 с.
17. Муҳаммадисои Мавзун. Маснавии мавзун, нусхаи №612 (Дш) в 23а
18. Садриддини Маҳзун.Девони ғазалиёт, нусхаи № 613.
19. Айнӣ С. Таърихи хонадони Манғитияи Бухоро. Тошканд: 1923.С. 10–14
20. Ҳоҷӣ Ҳакимхон. Мунтахаб–ут–таворих, нусхаи № 63. Хонамузейи А.А. Семёнов. в.15а

СОЦИАЛЬНЫЕ ФАКТОРЫ И СУЩНОСТЬ; РЕЧИ В ЛИТЕРАТУРНЫХ КРУГАХ МОВАРОУННАНРА ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XVIII ВЕКА И ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЫ XIX ВЕКА

На данном этапе истории политические, экономические, культурные и литературные процессы в Мовароуннахре по текущим и интеллектуальным причинам достигли критической стадии, которой из одной главных причин этого было прекращение движения караванов по великому шелковому пути в Мовароуннахре. Этот великий шелковый путь стал практически непригодным для использования до 70–х годов XVI века из–за отсутствия водных и электрических дорог в Мохваруннахре и Афганистане. По этим очевидным причинам страна Мохваруннахра находится в состоянии политического, экономического упадка и распада. В этот период, согласно источникам, в литературных кругах Мохваруннахра –Бухарского эмирата и Хукандского ханства, а частично и Хорезма проживало более 170 писателей различных сословий и профессий.

Интеллектуальный фактор политического, экономического и культурного упадка страны, конечно же, был по вине политиков Аштархонидской и Магитийской династий.

Ключевые слова: *источники, фактор, поэзия, жанр, век, исследование, писатели, ораторское искусство, Хорезм, Хуканд, Бухара, Моваруннахр, Хуросон, рукопись, круг.*

SOCIAL FACTORS AND ESSENCE; SPEECHES IN LITERARY CIRCLES OF MOVAROUNNANR OF THE SECOND HALF OF THE XVIII CENTURY AND THE FIRST HALF OF THE XIX CENTURY

At this stage of history, the political, economic, cultural and literary processes in Movarounnahr, for current and intellectual reasons, reached a critical stage, which one of the main reasons for this was the cessation of the movement of caravans along the Great Silk Road in Movarounnahr. This Great Silk Road became practically unusable until the 70s of the XVI century due to the lack of water and electric roads in Mohvarunnahr and Afghanistan. For these obvious reasons, the country of Mohvarunnahr is in a state of political, economic decline and decay. During this period, according to sources, more than 170 writers of various classes and professions lived in the literary circles of Mokhvarunnahr –the Emirate of Bukhara and the Khukand Khanate, and partly in Khorezm.

The intellectual factor of the country's political, economic and cultural decline, of course, was the fault of the politicians of the Ashtarkhonid and Magitian dynasties.

Keywords: *sources, factor, poetry, genre, century, research, writers, oratory, Khorezm, Khukand, Bukhara, Movarunnahr, Khuroson, manuscript, circle.*

Сведение об авторе:

Гафурова Джамиля Музаффаровна *– старший преподаватель кафедры языков Таджикский государственный университет коммерции тел: (+992) 904066655 E –mail: djamila.1966@mail.ru . Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Махсум 111 /3 х.3*

About the author:

Gafurova Jamilya Muzaffarovna *– a senior lecturer, Department of Languages, Tajik State Chamber University tel: (+992) 904066655 E –mail: djamila.1966@mail.ru. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. N.Makhsum 111 / 3 x.3*

АЗ ТАЪРИХИ РАВОБИТИ АДАБИИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИС

Шозиёева Г.П., Салоҳитдинова М.А.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Бояд гуфт, ки давраи таърихӣ ва фарҳангии Шарқ на танҳо дар маркази диққати муҳаққиқон ва донишмандони мамолики Шарқ, балки шарқшиносони Ғарб низ ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Ҳарчанд илми шарқшиносӣ дар Аврупо дар асри XVIII ташаккул ёфта бошад ҳам, пеш аз он низ илму фарҳанг ва адабиёти Шарқ, ба вижа адабиёти форсии тоҷикӣ тавассути сайёҳон ба муҳаққиқон ва донишмандон шиносонида шуд. Нуктаи дигареро бояд дарҷ намуд, ки ҳаргуна робитаҳо ва ташаккули онҳо ба робитаи сиёсӣ зич алоқаманд аст, зеро барои ба роҳ мондани равобити дуҷониба ва бисёрҷониба пеш аз ҳама донистани таърих, фарҳанг, маданият, адабиёт ва илми он халқияту миллат зарур аст. Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки аввалин маротиба аз мамолики Аврупо, Британиёи Кабир ба сарзамини Форс рӯ овардааст [7, с.87]. Барои ҳамин бо ривоҷ ёфтани робитаи сиёсӣ байни Форс ва Британияи Кабир (Англия) маҳз дар асри XIII дар давраи ҳукмронии Шоҳ Эдварди I ба вуҷуд пайваст. Барои робита пайдо намудан Шоҳи Англия Эдварди I намояндаи худро Ҷоффри Ленгли (Geoffrey of Langley)–ро барои ба роҳ мондани равобити дуҷонибаи сиёсиву фарҳангӣ ва илмӣ ба сарзамини Форс мефиристад [6, с.25].

Чи тавре ки зикр намудем, ҳар гуна равандҳои таърихии ҷаҳонро равобити адабӣ–фарҳангӣ ба ҳам мепайвандад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур шарқшиноси машҳури рус Н.И. Конрад (1891–1970) дар асари худ таҳти унвони «Масъалаҳои адабиётшиносии муосир» («Проблемы современного литературоведения»), ки таърихи адабиёти ҷаҳонро дар асрҳои XVI–XIX меомӯзад, қайд мекунад, ки «рушди робитаҳои иқтисодӣ–тиҷоратӣ тавонист равобити адабӣ–фарҳангиро густариш диҳад ва бо ҳам бипайвандад» [4, с.301].

Ҳамагон медонанд, ки дар ҳар давраи таърихӣ робитаҳои адабии форсӣ–тоҷикиро илми шарқшиносӣ рушд медиҳад, дар баробари дар Ғарб ташаккул ёфтан дар шарқшиносии рус низ

корҳои зиёди ҷиддӣ анҷом ёфтанд. Хотиррасон бояд кард, ки бо тақсим шудани ҳудуди форсзабонон дар солҳои 20–30–уми асри ХХ шарқшиносӣ ҳамчун илми ҷудогона ташаккул ёфт, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷумҳуриҳои дигари форсзабон ва форстабор, ба мисли Эрон, Афғонистон, Покистон ва қисмати қораи Ҳинд ба тобеияти Шоҳигарии Англия даромаданд.

Дар ин замина шарқшиносии рус ҷудогона аз шарқшиносии Ғарб, хусусан шарқшиносӣ дар Англия рушду ташаккул ёфт. Халқи тоҷик, ки шоирони бузург, ба мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Низомиву Ҷомӣ ва дигаронро ниёгони ҳуд меҳисобанд, таҳлилу таҳқиқоти зиёди илмиро анҷом доданд. Муҳаққиқони Ғарб низ асарҳои оламшумули форсии тоҷикиро дар Эрону Афғонистон, Ҳинду Покистон, ки ниёгони ҳудро низ меҳисобиданд, дастрас намуда, дар Ғарб таҳқиқ намуда, корҳои бисёри ҷиддии илмиро анҷом доданд.

Таърих гувоҳ медиҳад, ки адабиёти форсу тоҷик яке аз қадимтарин адабиётҳои ҷаҳон ба шумор рафта, то имрӯз дар саросари мамолики форсизабонон ба мисли Эрону Афғонистон, Тоҷикистону Покистон ва қисматҳои қораи Ҳинд ва берун аз он шуҳрати зиёд дорад. Қуллаи баландтарини рушду нумӯи адабиёти форсии тоҷикӣ асрҳои IX–X маҳсуб меёбад, ки фарзандони асил ва нобиғони зиёдеро, ба мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Дақиқиву Фаррухӣ ва дигарон ба камол расиданд. Инчунин зикр бояд кард, ки бо ба майдони илму фарҳанг баромадани чунин нафарони барӯманд ва уламову шуарро тавонистанд на танҳо Шарқ, балки ҷаҳони Ғарбро низ тасхир кунанд.

Пеш аз ба вуҷуд омадани илми шарқшиносӣ (Orientalism) дар Англия «Омӯхтани Шарқ» (Oriental Studies), ки ҳамчун илми ҷудогона дар Ғарб шинохта мешуд, ном дошт. Илми мазкур дар Ғарб ба марҳалаҳои мазкур ҷудо мешавад:

–марҳалаи пеш аз исломӣ;
–марҳалаи асримиёнагӣ;
–марҳалаи эҳё (то соли 1800);
–шарқшиносии асриXIX;
–шарқшиносии асриXX;
–аз «омӯхтани Шарқ» то шарқшиносӣ.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҳар марҳалаи таърихии илми шарқшиносӣ ва такомули он олимони аврупоӣ тавонистанд ҷанбаҳои зиёди илмӣ–таҳқиқотии осори гаронбаҳои нобиғони Шарқ, ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигаронро мавриди пажуҳиши ҳуд қарор диҳанд.

Яке аз чунин муҳаққиқон ва донишмандони Ғарб Артур Ч,он Арберри (1905–1969) мебошад, ки дар асарҳои таълифнамудаи ҳуд илми шарқшиносиро дар даврахои гуногуни таърихӣ таҳлил намудааст. Ӯ дар тӯли умри гаронмояи ҳуд силсилаи осори арзишманди илмиву адабӣ дар заминаи омӯзишу тақиқи адабиёти форсии тоҷикӣ ва арабӣ асарҳои гаронарзиши ҳудро таълиф кардааст. Асарҳои таълифнамудаи олим ва донишманди англис аз ҷониби аҳли илми ҷаҳонӣ мусбӣ арзёбӣ шудааст [5, с.378].

Бештари таҳқиқоти осори А. Арберри ба мутолиоти тасаввуф, Қуръон, фиқд ва фалсафаи Ислом, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва арабӣ, мақоми барҷастаи намояндагони адабиёти мухталифи Шарқ дар рушди тамаддуни башарӣ, тарҷумаҳои назми классикии форсии точик ва араб, вижагиҳои забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ ва ғ., фаро метиранд.

Бояд зикр кард, ки то ҳол дастнависҳои Артур Арберри бештар дар китобхонаи Ҳиндустон, Донишгоҳи Кембриҷ, Донишгоҳи Оксфорд ва ғ. маҳфузанд, ки дар ташаккул ва рушди илми шарқшиносии Аврупо, ба вижа англис ва дарки махсусиятҳои ҳавзаи мутолиоти Британияи Кабир арзиши баланде дошта, барои таҳдикд нак,ши барчастаи ислом ва пешрафти исломшиносиву шарқшиносӣ кумаки бузурге расонида метавонанд [3, с.84].

Асари арзишманди ин муҳаққиқи намоёни англис таҳти унвони «***Нақши британиёиҳо дар эроншиносӣ»*** (Лондон, 1942) дар тарҷумаи форсии зиндагиномаи муаллиф «Адои нақши британиёиҳо ба мутолиоти форсӣ» зикр шудааст. А.Арберри ин асарро дар баробари рисолаи «Шаркшиносони Британия» замони фаъолияташ дар Вазорати иттилооти Англия дар нимаи аввали солх,ои 40–уми асри ХХ, замони вукуи чанги дувуми чах,онӣ бо мак,сади таблитотӣ таълиф кардааст. Аз ин ру, чанбаи таблитотию иттилоотии асар аз чанбаи хоси пажух,ишиаш ба маротиб

бештар намудор мешавад. Асари мазкур дар омузиши вазъи хдвзаи мутолиотии Ховар ва ховаршиносӣ дар Англия ва ҷустуҷуҳои илмии шарқшиносони тирози аввали ин кишвар дар амри таҳқиқи таърих, тамаддун, адабиёт ва мазҳаби кишварҳои шаркӣ аҳамияти бисёр муфиде дорад.

Ҳамин тавр, илми шарқшиносӣ дар Аврупо садсола (аз асри 16) рушду нумуъ ёфта, таҳқиқоти зиёдро рӯи кор овардааст. А.Арберри аз чунин олимоне маҳсуб меёбад, ки фарҳанг, забон ва маданияти Шарқро дар Аврупо муаррифӣ намудааст. Инчунин осори таълифнамудаи ӯ дар давраи муосир дар зери назари муҳаққиқони ҷаҳон қарор дода шудааст.

АДАБИЁТ

1. Арберри, А. Адабиёти классики форсӣ / А.Арберри. Тарчумаи доктор Асадуллоҳӣ Озод.–Машҳад: Остони кудси Разавӣ, 1381.–480 с.
2. История отечественного (российского) востоковедения до середины XIX века. М., 1990, .–312 с.
3. История востоковедения с середины XIX века до 1917 г. М., 1997.
4. Конрад Н.И. Запад и Восток. Статьи. –Москва: Главная редакция восточной литературы, 1972, 496 с. с. 301.
5. Arberry, A. J.Classical Persian Literary / A.J.Arberry.–London: George Allen Unwin, 1958.–457p.
6. Patrick Clawson. Eternal Iran. Palgrave, 2005, p.225.
7. William Jones. A discourse on the institution of a society for enquiring into the history, civil and natural, the antiquities, arts, sciences, and literature of Asia, London: T. Payne and son, 1784

ИЗ ИСТОРИИ ПЕРСИДСКО–АНГЛИЙСКИЕ ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ

В данной статьи автор анализирует персидско–таджикской литературы литературные связи. В процессе своего развития персидский язык и литература не только оставили огромное наследство будущим поколениям, но и сыграли значительную роль в развитии науки и культуры народов всего мира. Без сомнения можно сказать, что именно благодаря преобладанию гуманистических идей в художественных произведениях наших классиков, с давних времён их внимательно изучали и в странах Европы. Нельзя поручиться, указывая на то, что на идеологию, английских писателей и поэтов не повлиял красочный мир таджикской и персидской литературы. Это явление в течение долгих лет привело к литературным взаимосвязям поэтов и писателей различных народов, которые способствовали сближению культуры и цивилизации наций.

Ключевые слова: *литературные, восточные, английские, персидские, персидские, исторические, научные, научные, английские путешественники.*

FROM THE HISTORY OF THE PERSIAN AND TAJIK LITERARY RELATIONSHIPS

In this article, the author analyzes the Persian–Tajik literature literary relations. In the process of its development, the Persian language and literature not only left a huge inheritance to future generations, but also played a significant role in the development of science and culture of the peoples of the whole world. Without a doubt, it can be said that precisely because of the predominance of humanistic ideas in the artworks of our classics, from ancient times they have been carefully studied in European countries. It is impossible to vouch, pointing out that the ideology of English writers and poets was not affected by the colorful world of Tajik and Persian literature. Over the years, this phenomenon has led to literary relationships between poets and writers of various nations, which contributed to the convergence of the culture and civilization of nations.

Keywords: *literary, oriental, English, Persian, Persian, historical, scientific, scientific, English travelers.*

Сведение об авторах:

Шозиёева Г.П. *- кандидат филологических наук, ученый секретарь Института Азиатских и Европейских исследований Национальной академии наук Республики Таджикистан*

Салоҳитдинова М.А. *–докторант (PhD) Института Азиатских и Европейских исследований Национальной академии наук Республики Таджикистан*

About the autors:

Shoziyoyeva G.P. *- Candidate of Philological Sciences, Scientific Secretary of the Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Salohiddinova V.A. – doctor *(PhD) of the Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА РОБЕРТА РОЖДЕСТВЕНСКОГО НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Ашуров А.Дж.

Кулябский государственный университет имени А.Рудаки

Особенности изучения вопроса русско–таджикских взаимообогащения имеет огромное развитие для вопроса взаимовлияния и литературных связей, в частности, для художественного перевода повести и романов, которые показывают вопросы истории одного народа или одного писателя на другой язык при помощи художественного перевода.

Следует сказать, что литературные связи является методом развития различных характером народов мира. История народов мира показывают развития литературных связей, который всегда была в центре внимания литературоведов по различными языковыми принципами, антропологическими, культурными вопросами для взаимообогащения и развития литературы. Основная проблема литературных связей в настоящее время является актуальным в современной литературе, как историческом и теоретическом литературоведении.

Васильев Р.С. писал: «Художественный поэтический перевод в настоящее время развивается на основе межлитературных связей и литературные связи разных народов. Русская современная поэзия творчества Роберта Рождественского показывает, что его художественные произведений развивается на основе различные темы и проблемы, которые находятся в связи с другими проблемами современной русской литератур» [2, с.11].

Надо отметить, что в настоящее время процесс развития мировой литературы развивается на основе взаимообогащения литератур различных методов, которые имеют характер в западно–восточной литературе, где они развиваются на основе традиций различных народов мира, которые имеют художественной проблемы в литературе разных народов. Поэтому, надо отметить, что работа в этом направления является актуальным в современном литературоведении, потому что литература одного народа на другой в ракурсе темы литературных связей и диалога все глубже показывают другой мир и культуру другого народа.

Следует отметить, что этот метод стала новым в изучения поэтической жизни в XX век. Именно в это время появились необходимость возрождения литературных связей, взаимовлияния на качественно новом уровне, который закладывают новые проблемы взаимообогащения литератур народов мира в курсе темы литературных связей и диалога все глубже развивают другой мир и культуру другого народа.

Арбузов А.Н. писал: « Одной из главной проблемы взаимовлияния в современной русской литературы является литературные связи двух братских народов это русско–таджикские литературные связи, которые продолжается в течение тысячелетие. Поэтому связи одной поэзии на другую можно встречать в творчестве современного русского поэта XX века Роберта Рождественского, которые перевели на другие языки народов мира, в частности на таджикский язык». [1, с.88].

Надо отметить несколько проблемы русско–таджикских литературных связей и взаимодействия. Первая проблема –это влияние литературы народов Востока, в том числе таджикского народа, на американскую литературу, а вторая заключается во влиянии американской литературы на таджикскую литературу XX века, в особенности советского периода. В настоящее время существует обширная научная литература, посвященная изучению различных аспектов таджикско–американских литературных связей. Таджикско–американские культурные и литературные связи на протяжении столетий являются предметом пристального внимания ученых.

Особое место в плеяде литературных деятелей, тесно связанных непосредственно с персидско–таджикской литературой (среди них Пушкин, М.Ю. Лермонтов, Н.В.Гоголь, И.С.Тургенев и др.)

Эта работа представляет собой первый опыт целостного изучения таджикско–американских литературных связей и историко–культурных влияний, испытанных таджикскими писателями и получивших прямое или опосредованное отражение в их творчестве. Особое внимание в работе уделено рецепции таджикским писателем творчества классиков современной русской литературы, в особенности в творчестве Роберта Рождественского. Работа посвящена вопросам связи таджикских писателей и поэтов с русской литературой; влияния русской литературно–философской мысли на взгляды таджикских поэтов и писателей; изучению творчества русских поэтов и мыслителей в персидском и таджикском литературоведении.

Межлитературных связи и взаимодействия имеют немалое значение в развитии национальной литературы и литературного процесса. Постоянное взаимодействие и взаимообогащение национальных культур является стимулом обмена художественными ценностями.

«Надо отметить, литературные связи в других странах мира является актуальным и имеет различные причины, которые имеют развития и показывают проблемные вопросы реальной жизни»[3, с.11].

Особое место в развитие взаимообогащения литератур занимает художественный перевод мировой литературы на таджикский язык, а также надо отметить обратный перевод лирических произведений американской литературы на таджикский язык. Литературные связи получил дальнейшее развития в начале XXI века в Республике Таджикистан. Это можно отметить и в русско–таджикских переводов художественной литературы. До этого в нашей литературы были художественные переводы из русской поэзии, которые перевели таджикские поэты и писатели. В развитии литературных взаимосвязей особое значение приобретают переводы сокровищ мировой литературы на таджикский язык и переводы произведений таджикской литературы на иностранные языки. Межлитературные взаимосвязи особенно сильное развитие получили в годы независимости нашей республики. То же самое можно сказать и о таджикско–русских литературных взаимосвязях. До провозглашения независимости Республики Таджикистан переводы американской художественной литературы на таджикский и, наоборот, переводы таджикской литературы на английский, осуществлялись через языки посредники (в основном через русский язык). Это тенденция продолжается и в наши дни, хотя в республики вырос целый ряд специалистов, хорошо знающих язык оригинала и прекрасно владеющих родным языком, переводящих непосредственно с иностранных языков и на иностранные языки. Так, за прошедший период через русский язык на таджикский были переведены такие произведения Роберта Рождественского, как стихотворение «Восток свободный»в журнале Садои Шарк» в трёх номерах за 1989 год, В работе мы остановимся на некоторых особенностях перевода русской литературы на таджикский язык. Выберем для этого оригинал известной поэмы русского поэты Роберта Рождественского, а также его русский и таджикский переводы. Поэма появился на таджикском языке в журнале «Садои Шарк» («Голос Востока») в переводе известного таджикского переводчика У. Холикова. Как известно, главный герой поэмы не желает стареть, не хочет увидеть в зеркале свое старческое отражение –он хочет вечно остаться молодым, красивым.

Таким образом, надо отметить, русская литература стала необходимым звеном как в эстетическом развитии народа, так и в развитии национальных литератур. Об этом свидетельствует тот факт, что в послереволюционные годы русская поэзия получает большое распространение в республиках Средней Азии. В 1984 г. К. Баялинов переводит на таджикский язык ряд стихотворений Роберта Рождественского.

ЛИТЕРАТУРА

1. Арбузов А.Н. Особенности американской литературы.–М.: Наука, 2001.–243 с.
2. Васильев Р С. Характеристика современной американской литературы.–М.: Наука, 2012.–265 с.
3. Рябова Л.М. Переводы произведений американской литературы.–М.: Наука, 2007.–254 с.
4. Сидиров Н.И. Творчество Р.Рождественского.–М.: Наука, 2010.–123 с.

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА РОБЕРТА РОЖДЕСТВЕНСКОГО НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В этой статье автор исследует вопросы таджикско –русские литературные связи. На основе обширного материала автор показывает различные развития вопросы таджикские русские литературные связи.

Особое внимание в работе уделено рецепции таджикским писателем творчества классиков русской литературы в особенности творчества Роберта Рождественского. Работа посвящена вопросам связи таджикских писателей и поэтов с русской литературой; влияния русской литературно–философской мысли на взгляды таджикских поэтов и писателей; изучению творчества русских поэтов и мыслителей в персидском и таджикском литературоведении.

Так, за прошедший период через русский язык на таджикский были переведены такие произведения русского поэта Р.Рождественского, как поэма «Хорошо» на таджикский язык в журнале «Садои Шарк» в трёх номерах за 1989 год. В этой работе мы остановимся на некоторых особенностях перевода русской литературы на таджикский язык. Выберем для этого оригинал известного русского поэта, а также его русский и таджикский переводы. Поэма появился на таджикском языке в журнале «Садои Шарк» («Голос Востока») в переводе известного таджикского переводчика У. Холикова.

Ключевые слова: *перевод, художественный, связи, литературный, таджикский, американский, детективные романы.*

FEATURES OF TRANSLATION OF ROBERT CHRISTMAS TO TAJIK LANGUAGE

In this article, the author explores issues of Tajik –Russian literary relations. Based on extensive material, the author shows various developmental issues of Tajik Russian literary relations.

Particular attention is paid to the reception by the Tajik writer of the work of the classics of Russian literature, especially the work of Robert Rozhdestvensky. The work is devoted to the relationship of Tajik writers and poets with Russian literature; the influence of Russian literary and philosophical though.

So, over the past period, such works of the Russian poet R. Rozhdestvensky as the poem «Good» were translated into Tajik through Russian into Tajik in the journal «Sadoi Shark» in three issues in 1989. In this work, we will focus on some features of the translation of Russian literature into Tajik. We choose for this the original of the famous Russian poet, as well as his Russian and Tajik translations. The poem appeared in Tajik in the journal Sadoi Shark (Voice of the East) in the translation of the famous Tajik translator U. Kholikov.

Keywords: *translation, literary, communication, literary, Tajik, American, detective novels.*

Сведение об авторе

***Ашуров Азамат* Джумаевич** *–Преподаватель кафедры зарубежной литературы Кулябского государственного университета имени А. Рудаки Тел. (+992) 937087695*

About the author

Ashurov Azamat Jumaevich *–Lecturer, Department of Foreign Literature, Kulyab State University named after A. Rudaki Tel (+992) 937087695*

БАЪЗЕ ҚОЛАБҲОИ ЖАНРИИ ТОК–ШОУ

Азизов Ф.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷои баҳс нест, ки ток–шоу дар низоми жанрии телевизион ҷойгоҳ ва мавқеи худро соҳиб гардидааст. Ҳарчанд баъзе назарияҳои мухолиф вуҷуд дошта бошанд ҳам, ток–шоу яке аз жанрҳои ҷавон ба шумор рафта метавонад, ки тафсилу ташреҳи он аз ҷониби аксар муҳаққиқон тақрибан ягона аст. Ҳарчанд дар бораи он баъзан тафсилоти умумие вуҷуд доранд, ки ба он наметавон ҷонибдор буд: **«...баъзан ҳамагуна барномаи муколамавие, ки дар он журналист сӯҳбати озод менамояд, чун ток–шоу шинохта мешавад»** [12, с.198] Дуруст аст, ки муколама дар ток–шоу мавқеи устувори созандагӣ дорад, аммо танҳо муколама унсури шинохти ин жанр нест. Ба назари мо ин муколама чандин аҷзои созандаи дигарро дарбар мегирад, ки онҳо дар таҷрибаи журналистикаи телевизион нав мебошанд ва ин ҷузъиёти нав муҷиби тавлиди жанри нав ҳам бо номи ток–шоу мебошанд. Аз ҷониби дигар жанри мазкур танҳо ба ВЭА хос буда, на ҳама журналистон ба он сару кор гирифта метавонанд: **«Ток–шоу жанрест, ки танҳо хоси телевизион буда, дар матбуот истифода намешавад»** [14, с.134] Дар ин маврид муҳаққиқ И.Усмонов нақши телевизионро дар пайдоиши жанрҳои нав зикр намуда, ток–шоуро қолаби нав медонад: **«Воситаи визуалӣ, махсусан телевизион мутолиаро маҳдуд карда, системаи жанриро тағйир дод. Ҳақиқати воқеиро дар қолабҳои нав пешниҳод карда истодааст, ки шоу дар ин самт истисно нест.»** [15, с.21] Ҳарчанд ток–шоу ба таври мушаххас бо тақозои таҳаввулоти жанрӣ ба миён наомада бошад ҳам, (ҳолати тасодуфӣ муҷиби пайдоши он аст.Ф.А) аммо табиати замонияш бозгӯ аз он мебошад, ки ҷомеа ҳама вақт ниёз ба ҳамингуна қолабҳои нави баёни фикр дорад. Тафсилу хислати намоишӣ доштани ин жанрро муҳаққиқ А.Саъдуллоев чунин муайян кардааст: **«...намоишҳои зиндаи сабтшударо (ахён–ахён мустақим)–ро ток–шоу мегӯянд. Агар онро айнан ва таҳтуллафзӣ аз англисӣ баргардонем, маъноияш тамошои шифоҳӣ (гуфтугӯӣ), намоиши гуфтугӯӣ аст.»** [9, с.78]

Дар нишондоди муҳаққиқ Д.Давронов шинохти ин жанр сурати суфтаву одӣ дорад: **«Ток–шоу дар асоси таваҷҷӯҳи мардум ба ягон масъала таҳия мешавад»** [3, с.149] Дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза ҳадафи таъсир ба афкор торафт амиқтар мешавад. Созмондиҳандагони барномаҳои мухталиф дар партави ҳамин мақсад ақидаҳои худро бештар шакл мебахшанд. Аз ин рӯ ток–шоуро жанри психологӣ низ гуфтан мумкин аст. Ба ақидаи М.Муродов шоумен **«...бо робитаи психологӣ таваҷҷӯҳи аудиторияи зиёдро ба худ ҷалб менамояд»** [6, с.135]

Таркиби ин жанр аз унсурҳои зиёди созанда иборат аст ва ҷой доштани проблемаву мавзӯи муҳими рӯз аз ҷумлаи онҳост. Маълум аст, ки ток–шоу аз ҷузъиёти мухталифи бадеӣ

(саҳнаҳо, сужаҳо, ҳаракатҳои озод, нутқи мустақим ва ғ.) иборат мешавад. Дар баробари ин дар ток–шоу таҳлили муаммо ва масъалаи муҳими иҷтимоӣ матраҳ мешавад. Масъалагузориҳо дар ток–шоу чун дигар жанрҳои таҳлиливу таҳқиқӣ сурати ором надорад ва ин ҳолатро ба назар гирифта, муҳаққиқ А.Азимов нисбат ба шинохти ин жанр чунин нуқтаи назар дорад: **«Жанри ток–шоу сюжети тезу тунди шакли ташкилии мавод аст»** [1, с.71]

Ток–шоу дар такя ба уфуқҳои зиёд масъалаи хосеро аз чанд равзана баррасӣ кардан мехоҳад, ки ин равзанаҳо фикру ақоиди маҷмӯӣ мебошанд. Дар он ҷиддият, ҳазлу шухӣ, шарҳу таҳлил, мухокимаву хулоса ва чандин аҷзои дигар вуҷуд дорад, ки дар маҷмӯъ хислати андармонсозиро соҳиб мешавад. Ба ақидаи муҳаққиқон М.Шоев ва С.Гулов ток–шоу як василаи саргармсозиву тафреҳӣ ба ҳисоб меравад, ки бинандаро аз ахбори воқеӣ дур мебарад: **«Вақтҳои охир ақидаи мардум нисбати теленавигариҳо тағйир хӯрдааст, онро дар бисёр мавридҳо бо ҳар гуна сархушиҳо (шоу) меангезанд, ахбори асил андак камарзиш шудааст.»** [17, с.38–42] Дар ҳақиқат дар ток–шоу вазифаи андармонсозӣ ва тарбияи завқ (завқи коҳида ва завқи созанда) сифати шинохташаванда мебошад. Хислатҳои боло гувоҳи он аст, ки жанри мазкур моҳияти амиқи публитсистиро соҳиб буда, унсурҳои жанрҳои зиёдро бо ҳадафи хос дар худ истифода мекунад **«…дар воситаҳо ва шаклҳои саргармсозӣ аз махсусиятҳои публитсистӣ, адабӣ ва театрӣ истифода мешаванд»**[15, с.21]

Корбасти хосияти зиёд вазифаи тарбиявию ахлоқии ток–шоуро ҳамчун як жанри публитсистӣ истисно намегардонад. Публитсистика бошад, бо истифода аз имкони зиёд (илму адабиёту фалсафа) ҳамеша ба афкори ҷомеа таъсиргузор будан мехоҳад. Ҳамин аст, ки ба андешаи муҳаққиқ И.Ҳамидиён: **«...ток–шоу ин баҳс, таҳлили проблемаи рӯз, рухдоди ҷолибу саргармкунандае мебошад, ки хусусияти омӯзишу фарҳангӣ дорад»** [16, с.189] Андешаи болоро муҳаққиқи дигар телевизион З.Эшматов низ ҷонибдорӣ менамояд ва дар баробари хусусияти фарҳангиву маърифатӣ доштани ток–шоу паҳлуҳои дигари онро низ зикр менамояд: «...ток–шоу дар заминаи **таҳия ва пахш кардани барномаҳои иқтисодӣ, публитсистӣ, фарҳангию маърифатӣ, таълимӣ, шавқангез ва варзишӣ бештар шакл пайдо карда метавонад.»** [18, с.83–86]

Ба назар чунин мерасад, ки дар ток–шоу ҳангома мавқеи меҳварӣ дорад ва ин хосият як гӯё барои маъруфияти ин жанр мусоидат кардааст. Ҷои тардид нест, ки ВАО ба воситаи ҳангома дар шароити имрӯза дар ҷараёни равандҳо таъсири бештар гузошта метавонад. Зеро табиати равонии инсон ҳангомаро бештар мепазирад ва сарфи назар аз паҳлуҳои мусбату манфии он доим дар маркази таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Яъне ҳангома низ бисёр нақшаву ҳадафҳоро хеле осон амалӣ карда метавонад. Чунин ҳолатро ба назар гирифта, муҳаққиқ С.Мирзоев ток–шоуро як воситаи баланд бардоштани рейтинги телевизион мешуморад: **«…оммавӣ гардонидани ахбори сенсатсионӣ ин як воситаи арзони баланд гаштани рейтинги матбуот, телевизион ва радио мебошад»**[7, с. 140] Ҳангома дар рақобатпазир гаштани жанр мусоидат кардааст, ки онро натанҳо муҳаққиқон, балки ҳатто тамошобинон низ иқроранд. Ҳамин аст, довари аслии ток–шоуи имрӯза дар навбати аввал тамошобин ба ҳисоб рафта, дар қабулу шинохти он дар пеш аз ҳама ба дараҷаи ҳангоманокии он баҳо медиҳад. Шояд ба ин ваҷҳ –яъне дар рақобат неруманд будани жанри мазкур аст, ки муҳаққиқ С.Узарова шоуҳои телевизиониро **«вируси телевизионӣ»**[13, с. 99–100] ҳам номидааст. Ҷои инкор нест, ки ток–шоу мавқеи аксар жанрҳои телевизиониро махдуд гардонид. Хосияти аксар жанрҳоро аз худ карда гирифт. Фарҳангу иқтисодиёту сиёсатро аз дидгоҳи махсус баррасӣ менамояд, ки имконро дигар жанрҳо надоранд. Ток–шоу қолаби жанрии худро соҳиб гардидааст ва таҳқиқу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аудиторияи он торафт васеъ мегардад. Дар тақсимбандии жанрии замони шӯравӣ ток–шоу вуҷуд надошт ва акнун чун як истилоҳи маъмул дар ҷомеа маълум мебошад. Муҳаққиқ М.Сафарова дар такя ба маънии истилоҳ сифати зоҳирии жанрро чунин тафсил медиҳад: **«Ток –шоу аз ду калимаи англисӣ иборат буда маъноиш чунин аст: ток–гап задан, изҳори ақида намудан, мулоҳиза рондан. Шоу нишон додан, намоиш додан, пешкаши омма гардонидан»** [10, с.22]

Назар ба қавли баъзе муҳаққиқон ток–шоу ба тақдири инсонҳои алоҳида сару кор дорад. Тақдирсозии ток–шоу бештар аз паҳлӯи мусбат сурат гирифта, зиндагиву мушкилоти печидаву ҳайратбахши як нафар дар маркази ток–шоу қарор мегирад. Албатта дар он тавсифу таҳнияти ва афсусу шафқат самти ягона набуда, омилони бадбахтии ҳамон як нафар дар асоси ҳукму таҳлилҳои иштирокдорон мушаххас карда мешавад. Он баъзан ба як мурофиаи васеъдоман табдил меёбад, ки бинандаро ба қазоват водор мекунад. Ба ин мазмун муҳокимаи сарнавишти инсон ва роҳҳои ҳалли қазияи печидаи рӯзгори ӯ хосияти жанр дониста мешавад: **«Ток–шоу инсонеро нишон медиҳад, ки бо як мушкилот мувоҷеҳ гардидааст ва дар ин самт эҳсос мекунад, ки ӯ танҳо нест ва ба ӯ монанд дигарон низ чунин тақдир доранд»**[11, с. 98]

Ба ақидаи Г.Кузнетсов ток–шоу маънии **«намоиши муколама»** [4, с. 193] **–ро дорад.** Дуруст аст, ки дар ток–шоу муколама мавқеи устувор дорад, аммо ин маънои онро надорад, ки ток–

шоуро маҳз бо ин унсур шиносем. Яъне муколама дар доманаи таҳлилҳои фаррох бо ҳар гуна баҳсу ихтилофҳо таҷзия меёбанд. Ҳатто онро мусоҳибаву баҳс номидан низ душвор аст. Вале он ақида низ сарфи назар нест, ки ток–шоу низ чун дигар жанрҳо қолаби устувору ноҷунбон надорад ва ҷузъиёти жанрҳои гуногунро дар худ инъикос мегардонад. Ба андешаи муҳаққиқ А.Саъдуллоев ин ҷузъиёт дар мачмӯъ самти ягона пайдо менамоянд: **«Дар жанри ток–шоу аносири бисёр жанрҳои телевизионӣ истифода мешавад. Масалан, дар ҳар гуна ток–шоу ҷузъе аз мусоҳиба, мубоҳиса, сужаҳои бозидор дар атрофи шахсияти баранда (модератор) гирд оварда ва дар мавқеъгирии муаллиф нақши ҷузъи асосиро ичро менамояд»** [9, с.78]

Такрор гардидани хусусиятҳои жанрҳои дигар дар ток–шоу амри табиӣ мебошад. Ба таври мисол агар муҳаққиқ И.Усмонов ба ток–шоу баҳои баланд надода онро **«...ҳангомаи амалӣ ва суханбозӣ »**[14, с.134] гӯяд, дар ҷои дигар қолаби нисбатан қатъии онро нишон додан мехоҳад**: «Агар ток–шоу ба сифати жанри хоси телевизион шинохта шавад, ҷои вай дар қолаби мусоҳиба меояд.»** [14, с.135] Муҳаққиқи дигар М.Орипова бошад дар такя ба қонуниятҳои публитсистикаи телевизионӣ жанри нисбатан фаррохдоман будани ток–шоуро таъкид менамояд: **«…дар сужаҳои доманадори ток–шоуҳои алоҳида ҷузъиёти жанри очеркро дучор омадан мумкин аст»**[8, с.50]**.**

Маҳбубияти ток–шоу ҳамчун жанри ҷавони телевизионӣ рӯз то рӯз меафзояд. Ин жанр ҳамқадами замон будан мехоҳад ва мушоҳида низ мегардад, ки хосияти фаврият низ дар он торафт меафзояд. Худи ҳамон рӯз дар атрофи як воқеаи муҳими рӯз таълиф гаштани ин барнома тақвияти гуфтаи болост. Ин тамоюлро дар телевизионҳои бонуфузи Русия дидан мумкин аст, ки худи ҳамон рӯз аз ҷониби шоумени маъруф барнома ба таври мустақим бо назардошти расидагирӣ ба вақт омода карда мешавад. Он сирф ахборӣ нест ва ҷузъиёти иттилооту таҳлил омезиши хоса пайдо мекунанд. Ба ақидаи А.Азимов бо назардошти хосиятии таҳлиливу ахбориву психологӣ **«жанри ток–шоу майдони телевизионро ғасб намудааст».**[1, с.74–75] Ин ғосибиятро ба он вобаста метавон кард, ки ток–шоу ҳамчун жанри психологӣ дар баробари жанри ахборӣ мақом ёфтан мехоҳад. Ин имкон ба он вачҳ аст, ки соири мавзӯот дар ток–шоу хосияти иҷтимоӣ дошта, таранннуми оҳанги рӯзанд. Яъне жанрест, ки озодиро дӯст медорад ва алоқамандии қавӣ ба навгониҳо дорад. Ин ақидаро М.Орипова тақвият дода мегӯяд: **«Дар саҳнаи телевизионҳои ғайридавлатӣ жанри ток–шоу зуҳуроти доимӣ набуда, танҳо бо навгониҳои фарогири худ пайдо мешаванд.»** [8, с.50]

Дар ин жанр воқеият меҳвари ҳадаф аст ва барои тавзеҳу ташреҳ ва ҳукму баҳогузориҳо нақши чандин нафар коршиносону мутахассис муҳим дониста мешавад. Талаботи жанр аст, ки бояд ба студия тамошобинону коршиносон даъват карда шаванд ва аудиторияи созмондодашудаи фаъоли студия яке аз хусусиятҳои асосии ин жанр аст**: «Жанри ток–шоу тақозо медорад, ки дар таҳияи он ба студия тамошобинон ва экспертҳо даъват карда шаванд»**[8, с. 50] Муҳаққиқ М.Сафарова уфуқҳои фарогирии жанрро ба назар гирифта, дар мавриди таркиби ин аудиторияи студия чунин андешаро баён мекунад: **«Шоу–барномаи маъмули телевизионӣ секунҷаеро мемонад, ки онро баранда ба истилоҳи илмӣ «шоумен», «модератор», «интервюрер» меҳмонону (мутахассисони ин ё он соҳа) ва тамошобинон дар студия ташкил медиҳанд»** [10, с.22]**.**

Бояд изҳор дошт, ки шавқоварӣ ва ё диққатҷалбкунанда будани ток шоу қисман ба қаҳрамон ва ҳунари сухандонии қаҳрамон вобастагӣ дорад. Дар ин барнома муаллифу баранда на он журналисте мебошад, ки мо ӯро дар дигар барномаҳову расонаҳо мешиносем. Дуруст аст, ки ш**оумен «вобаста ба таъиноти барнома актёр ва рӯзноманигорест, ки намоиши телевизиониро ҷараён мебахшад»** [6, с. 135] Дар ин маврид то андозае нақши пассиви барандаи барнома низ зикр карда мешавад: **«Журналист сарфи назар аз истеъдоду банду басти дурусти кадрҳо, ҳамагӣ танҳо як миёнарав байни қаҳрамон ва тамошобин аст»**[5, с. 140]

Аз ҷониби дигар тарзи пешниҳод ва интихоби мавзӯъ дар ток шоуҳои телевизионҳои ватанӣ тақозо менамояд, ки бояд мавзӯъи интихобшуда дуруст матраҳ шавад. Яъне дар баъзе аз барномаҳо муҳимияти мавзӯъ асос дониста мешавад. Тавре зикр гашт жанри ток шоу дар худ таъиноти жанрҳои дигарро низ ҳифз менамояд. Масалан, дар ин жанр унсурҳои саволу ҷавоб, ки хоси жанри мусоҳиба мебошанд, дида мешавад. Ҳамчунин то андозае дар ин жанр суҳбатҳои кӯтоҳ ҷой карда мешаванд. Хосияти танзу ҳаҷв низ дар он истисно нест. Вале ток шоу бо характери шифоҳии худ аз дигар жанрҳо фарқ менамояд. Масалан танҳо аудиторияе, ки дар ин барнома даъват карда мешавад бо як ҳаракат, як ханда ва ё як сухан метавонад ҷузъи наве дар ин барнома илова намояд. Дар барномаҳои ток шоу фикр бесарҳад аст, яъне вобаста ба мавзӯъ чӣ ақидае, ки шахс дошта бошад баён менамояд. Ин ҷузъиёт дар ягон жанри телевизионии дигар дида намешавад. Барандагони намоишномаҳои мазкур пеш аз ҳама бояд дорои дониши хуби соҳавӣ буда мавзӯъеро, ки ба аудитория пешниход менамоянд бояд ҳаматарафа омӯхта бошанд: **«Нақши асосиро дар барнома баранда дорад. Асоси кори ӯ**

қобилияти кор бурдан бо омма аст. Вай бояд, пеш аз ҳама дониши кофии сиёсиву фарҳангӣ, ичтимоиву ҳуқуқӣ ва дар бораи мавзӯи интихобкардааш маълумоти муфассал дошта бошад» [10, с.22]

Шоумен дар ток–шоу ровии фаъол аст ва ҷаҳонбиниҳову донишҳои муайяну амиқи шоумен шарти асосии нерӯ пайдо кардани барнома мегардад. Мутолиаи беохир, ки хоси рӯзноманигорон аст, метавонад барои захираи фонди луғавии наттоқон кӯмак расонад. Чун барнома хусусияти шифоҳӣ дорад гоҳ–гоҳ ҳолатҳое ба миён меоянд, ки аудитория аз мавзӯъ дур мешавад аз ин рӯ баранда барои ба сари мақсад овардани ҷонибҳо талош намояд. Журналистони рус бо пешниҳоди барномаҳои ток шоу аввалан озмун ташкил менамоянд то дар барномаи худ ровиро интихоб намоянд. Дар чунин барномаҳо ҳамоҳангии аудитория вазифаи асосии шоумен (баранда) мебошад. Аслан миёни телевизионҳои хориҷии дуру наздик мо бештар ба барномаҳои ток–шоу–и шабакаҳои Русия ошно ҳастем. Ҳарчанд ин жанр ба Русия ҳам аз дигар давлатҳо омада бошад, вале журналистони рус худ тавонистанд ин жанрро ба шакли лозима истифода намоянд. Махсусан ин жанр дар шабакаҳои НТВ, ОРТ, РТР ва дигар шабакаҳо маъруф гардидааст. Ток–шоуи ватании мо дар роҳи такомул қарор дорад. Барномасозии ток–шоуро мо аз барномаҳои телевизионии Русия қабул намудем. Ток шоу аз қабили жанрҳое мебошад, ки дар интихоби мавзӯъ муаллиф азоб намекашад. Зеро тамоми масоили чамъиятӣ метавонад мавзӯъи барнома бошад. **«...як махсусияти асосии шоубарнома ва умуман дигар жанрҳои публитсистӣ ин равшанӣ андохтан ба ягон воқеаи рӯзмарра, таҳлили факту далелҳои ба ягон воқеаи рӯзгор дахлдошта ва бо мақсади ҳаллу фасл ё ба вучуд овардани гуногунандешӣ дар бораи мавзӯе суҳбат намудан аст»** [10, с.22]

Ба он хотир ин намуд мавзӯъҳо интихоб карда мешаванд, ки ширкаткунандагони касбу кори гуногун буда байни худ баҳс менамоянд. Ба ҳамдигар ошно гардида, бояд ҳамаи онҳо аз ин мушкилот огоҳӣ дошта бошанд. Дар ҳолате, ки қисме аз иштирокчиён маълумоти кофӣ нисбати мавзӯъ надоранд, барнома ҷолиб намешавад. Зеро онҳо ба баҳс дода намешаванд. Ровие, ки дар ин намуди барномаҳо интихоб мешавад, бояд ҳунари идора намудани аудиторияро дошта бошад. Аз доираи ҷаҳонбиниву донишҳои иштирокдорон то ҳадде воқиф бошад. Дар баъзе аз барномаҳои ток шоуи Русия ровиён миллатгарой менамоянд, ки ин ҳолат дар фаъолияти журналистӣ бегона ҳисобида мешавад. Зеро ҳангоми интихоби мавзуҳои глобалӣ рӯзноманигор ҳуқуқи ба иззати нафси мардуми дигар расиданро надорад. Дар бисёр ҳолат вақте ток шоу мақоми худро гум мекунад ҳамон замон шакли пешниҳоди дигар рӯйи кор меояд ва ё барномаи тозаи ток шоу эфир меравад.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион.–Душанбе, 2013.–90 с.
2. Азимов А. Маҳорати таҳлилгарии журналисти телевизионӣ.–Душанбе, 2013. –88 с.
3. Давронов Д, Раҳмонова Ҷ. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо.–Душанбе: 2012.–156 с.
4. Кузнецов, М. так работают журналисты ТВ/Г.Кузнецов.–Москва, 2000.224 с.
5. Кузнецов М, Цыкунов И. Практическая психология ПР и журналистики. Как позволит другим делать по вашему. –М.: РИП –холдинг, 2004.–148 с.
6. Муродов, М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ / М. Муродов. –Душанбе, 2011.–146 с.
7. Мирзоев С. Становление и развитие профессии тележурналиста в Таджикистане// Актуальные проблемы журналистики (сборник научных статей). –Душанбе, 2012. –151 с.
8. Орипова М.З. Жанровая мозаика на ТВ (по материалам независимых телекомпаний РТ).–Душанбе: Хумо, 2008.–72 с.
9. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши дуввум бо тағйиру иловаҳо.–Душанбе, 2010.–112 с.
10. Сафарова М. Шоу–барномахои телевизионӣ ва муаммои ҳаёти ҷавонон// Васоити электронии ахбор ва ормонҳои миллӣ(маҷмӯаи мақолаҳо).–Душанбе: Баҳманрӯд, 2015. –158 с.
11. Соҳибназарбекова Ш.М. МТРК «МИР» объединяет русскоязычное простарнство СНГ// Актуальные проблемы журналистики (сборник научных статей). –Душанбе, 2012. —151 с.
12. Телевизионная журналистика: Учебник. 4–е издание //Редколлегия: Г.В.Кузнецов, В.Л.Цвик, А.Я.Юровский.–М.: Изд–во МГУ, 2002. –304 с.
13. Телерадиоэфир. История и современность /Под редакции Я.Н.Засурского.–М., 2005.–240 с.
14. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. –Душанбе, 2009. –138 с.
15. Усмонов И.К. Влияние СМИ РТ на формирование информационное пространство РТ/// Актуальные проблемы журналистики (сборник научных статей). –Душанбе, 2012. –151 с.
16. Хамидиён И., Абдурахим Б. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидение (монография). –Душанбе, 2018.–256 с.

17. Шоев М, Гулов С. Телевизион ва имкониятҳои он// Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе, 2005.–95 с.
18. Эшматов З. Таҳрих ва ташаккули ТВТ// Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе, 2005.–95 с.

НЕКОТОРЫЕ ЖАНРОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТОК–ШОУ

В этой статье, опираясь на мнение специалистов отрасли, приводятся некоторые жанровые особенности ток–шоу как жанр телевидения. Ток–шоу уже занимает свою позицию в жанровой системе телевидения, и посвящается какой–то проблеме на основе интересов народа. Точку зрения об этих жанровых характеристиках обозначили исследователи А.Саъдуллоев, И.Усмонов, С.Гулов, А.Азимов, Д.Периодонов, Дж.Рахмонова,М.Муродов, С.Мирзоев, М.Орипова, М.Шаев, М.Сафарова, З.Эшматов и другие. Структура этого жанра состоит из многих конструктивных элементов, которые включают в себя различные художественные детали, такие как сцены, сюжеты, свободные движения, свободную речь и тому подобное. В ток–шоу обсуждается важнейший социальный вопрос. Этот жанр обладает глубокой публицистической мощью и использует в себе множество элементов жанра с особенной целью. Важнейшее его свойство –наличие публицистического духа. Анализируя проблему дня, интересное и трогательное событие приобретает поучительный и культурный характер. В ток–шоу беседа может иметь стержневую позицию. Беседа способствовала конкурентоспособности жанра, в котором убедились не только исследователи, но даже зрители.

Все большее повторение особенностей других жанров в ток–шоу является для него естественным . Исследование показывает, что ток–шоу как молодой жанр телевидения с каждым днем получает большую популярность и тем самым доказывает современность жанра. Благодаря освещению и обсуждению какого–то важного события дня в ток–шоу, он приобретает и информационный характер. Ток–шоу не является чисто новостью и в нем смешиваются информационная и аналитическая особенности. Таким образом, получается, что ток–шоу, объединяя в себе различные жанровые особенности, сегодня может рассматривать самые актуальные вопросы, тем самым расширяя свою аудиторию.

Ключевые слова: *телевидение, ток-шоу, жанр, манера, особенность, важность, мнение, аудитория, ведущий, пропаганда, анализ, диспут.*

SOME GENRE STEREOTYPES OF TALK SHOWS

This article explains some of the characteristics of the talk show genre as a television genre based on the opinions of industry experts. Talk shows already have their place in the genre of television, and it is based on the public's interest. About the features of this genre are researchers A. Sadulloev, I. Usmonov, S. Gulov, A. Azimov, D. Davronov, J. Rahmonova, M. Murodov, S. Mirzoev, M. Aripova, M. Shoev, M. Safarova, Z. Eshmatov and others have expressed their views. The composition of this genre consists of many constructive elements and consists of various literary details such as scenes, plays, free movements, direct speech and the like. The talk show explores puzzling issues and important social issues, relying on multiple horizons to address a particular issue through multiple windows. This genre possesses a deep publicist nature and uses many elements of the genre with its specific purpose. The most important feature of this is the spirit of publicity. By analyzing the problems of the day, it is an interesting and invigorating event, which is becoming more educational and cultural. The talk show can now have an axial position. However, the genre has become very competitive in the genre, which is enjoyed not only by researchers, but also by viewers. It is natural for a number of other genres to repeat in talk shows. Studies show that the popularity of talk–shows as a young television genre is growing day by day, confirming the genre's relevance. The fact that this program was celebrated that day around one of the most important events of the day is an indication that the information component is growing.

Talk–shows are not purely informative, and they combine information and analysis. The result is that the talk show, as a genre, is dominating the present–day TV scene and continues to grow its audience.

Keywords*: television, talk show, genre, manner, peculiarity, importance, opinion, audience, presenter, propaganda, analysis, dispute.*

Сведение об авторе:

Азизов Фируз *– Аспирант факультет журналистики, Таджикский национальный университет. Адрес: Таджикистан, 734025, Душанбе, р. Рудаки, улица Навбахор. дом 21.*

About the author:

Azizov Firuz *– reseracher of Department of international journalism, faculty of journalism, Tajik National University. Address: Prospect Rudaki, Dushanbe,734025, Navbahor str. 21, Republic of Tajikistan. E–mail: f.azizi bk@.ru Phone: (+992) 93 805 5008*

ВЫРАЖЕНИЕ И ИЗЛОЖЕНИЕ ЯЗЫКОВЫХ СВОЙСТВ В ПЕРЕВОДЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ Ф.МУХАММАДИЕВА

Бакаева М.Т.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

В шестидесятые годов XX века не только в таджикскую литературу, но и в литературу многонационального народа Советского Союза входят огромное количество поэтов и писателей вооруженные не только литературными тенденциями и направлениями, но и отличительными от других специальными форменными способами и современными литературными языковыми стилями.

Поэты и писатели шестидесятых не только сломали стереотипы общепринятых форм литературного мышления тех лет, но и изменили основные свойства советской литературы.

Исходя из этого, наставник М.Шакури обращает огромное внимание на литературное творчество и личность Ф.Мухаммадиева он отмечает, что в течение шестидесятых годов формируется облик литературного стиля Ф.Мухаммадиева и определяется основное направление в его творчества. Его путь в последние десять пятнадцать лет были поисками новых направлений и изучений духовности наших современников, а также важных проблем социальной действительности. Такое новшества автора наблюдается не только в содержании его сочинениях, но и в форменном стиле писателя, в способах их художественного изложения, и жизненной действительности.

Художественная проза Ф.Мухаммадиева, со стороны языкового описания и изложения литературно творческого мышления имеет специальные свойства. Исследование и изучение творчество писателя отчетливо и ясно показывают основные направления форменного стиля произведения литератора. Этому стилю писателя переводчики и литераторы проявляют особое внимание.

Изучив творчество Ф. Мухаммадиева можно сделать вывод, что он является из тех писателей, которые обладают специальными методами и манерой владения языка. Автор имеет особую манеру изложения, изысканное мастерство владением языка, своевременное использование поговорок, пословиц, а также отшлифованных изречений, является важнейшим свойством языкового творчество писателя. Ф. Мухаммадиев при представлении своих сюжетов старается изложить свои намерения, используя простые несложные слова, и выражения он обращает особое внимание формулировки и осмыслению изображения сюжетной линии в произведении. Переводчики его произведений в частности Ю.Смирнова, А. Боршаговский, А.Шокало и другие, чрезмерно старались соблюдать это направление форменного изложения автора что, безусловно, в полной мере им удается.

Так как, согласно наглядным предписаниям художественного перевода, один из главных критерий перевода литературного текста с одного языка на другой, является сохранение языковой формы основного текста, то есть оригинала. Это направление литературного стиля писателя выявляется в переводах известного русского литератора А.Боршаговского в рассказах «Варта» а также новеллах «Джага», «Эй санам» (Возлюбленная), «Тамошо» (Зрелище) и др.

Изучив литературные и искусные качества в произведениях Ф. Мухаммадиева переводчик, А. Боршаговский отмечает: «Мухаммадиев пишет фронтальный групповой портрет, но явный и простой. Он видит близких себе по духу хороших людей, заслуживающих доброго авторского юмора, и в полной мере душевного участия»[4, с.437]. А. Боршаговскому удалось постичь основное творчество писателя, поэтому он взялся за переводы его произведений. К своему делу он относится творчески. В переводах, особенно в новеллах и в рассказе «Варта», ему удалось показать яркий публицистический умысел и форменное изложение автора также ему удалось передать остроумие писателя.

Необходимо отметить, что только творческое отношение к делу, позволяет переводчику передать все основные тонкости искусного и поэтического стиля художественного произведения автора. Такое творческое отношение можно наблюдать в переводе, новеллы «Тамошо» (Зрелище), в которой описывается, как Набиджон отправляется в Дом офицеров, чтобы посмотреть на выступление своего Деда, после чего он попадает в аварию. Дом офицеров, продвижение

Набиджона по улицам города, авария, отправление его в больницу и всё остальное, указывает на почвенную публицистическую действительность новеллы.

В большинстве эти подробности идентично были переведены на русский язык. Читатель, владеющий русским языком, прочитав новеллу «Тамошо» с легкостью может ощутить, что в этом произведении речь идет об одном обычном каждодневном случае, произошедший с героем новеллы Набиджоном. Но каждая деталь каждый эпизод данной новеллы передается с такой точностью, описанию которому способствует экспозиция и развития действий.

Необходимо подчеркнуть, что публицистический умысел в произведениях Ф.Мухаммадиева как описание настоящего времени и каждодневное жизненное событие героя, передается словами основного рассказчика (автора) А. Боршаговскийи А. Шокало, при переводе романа «Угловая палата» на русский язык уделяют особое внимание на манеру сочинение автора.

По нашим наблюдениям, главное языковое свойство художественных произведений Ф.Мухаммадиева это упор на живую разговорную литературную речь, которое в полной мере соблюдает языковое соотношение своих героев. Этот язык, является специальной формой сочинения Ф. Мухаммадиева, которую он особенно четко использует в сатирических и шуточных изложениях и выражениях своего творчество. Для достижения данной цели, писатель находит из резервов народной живой речи, такие изречения, что приводят к восхищению современного таджикского читателя, и они получают огромное удовольствие при знакомстве с творчеством Ф. Мухаммадиева и с его произведениями.

Яркий пример, этому новелла «Косадум». Название этой новеллы переводчик Л.Кандинов не переводил, но в книге «Избранные сочинения» Ф.Мухаммадиева, который был опубликован в Москве, в двух томах на русском языке, названная новелла была введена в раздел очерков. По нашему мнению, поступили неподобающим образом «Касадум» в таджикском языке, считается из числа знаменитых юмористических новелл Ф.Мухаммадиева.

Как было упомянуто выше, язык художественного произведения Ф.Мухаммадиева, имеет особые свойства, и самое главное это благосклонность писателя к живой литературной речи. Особая свежесть и сочность юмористического и шуточного стиля его сочинения берет своё начало от этого важного форменного направления. Немаловажным является здесь уточнить определения «реалии», данное Т. А. Казаковой: «***Реалии*** –именования национально–культурных объектов, характерных для исходной культуры и сравнительно мало или вовсе не известных переводящей культуре». [1, с.72]

Переводчик рассказа «Старые люди» А. Баршаговский пишет: «Я познакомился с Ф. Мухаммадиевым когда он закончил рассказ «Старые люди». Ему тогда было тридцать пять лет. Мы с М. Шагинян внимательно изучили рассказ, в переводе на дословный «Калка» (лад). Его стиль мышления чистота взгляда и тонкая чувствительность на жизнь в этой повести очаровала Мариэтту Сергеевну».[4, с.437]

Русский текст рассказа «Старые люди» привлекает внимание не только описание событий, изложение бесед и судеб стариков, но и стиль изложения речи, которая играет важную роль для определения поэтической формы автора, особенно использования неродных слов и изречений, присущие старикам и взрослым, делают рассказ «Старые люди» богатым и красочным. Писатель в беседе с дядюшкой Ахрор использовал следующие слова выражения и фразы: «киначи» (жаждущий мести), «кори хайр» (доброе дело), «осонаша гирем» (возьмем несложное), «порсола» (прошлогодний), «йигитча» (хлопец), «чақ–чақ карда» (весело болтая); в беседе с Зиябобо: «бутун чатоқ» (совсем плохо), «олам гулистон» (все хорошо или мир в цветах), «чатоқи» (нечестный, хитрый), «ин бачая бинед» (посмотри какой юноша), «барака ебет» (будьте счастливы или счастья тебе), «ноинсоф» (бесстыжий), «гапи дигар» (другое дело); и в беседе с Икбол холой: «якраха» (односторонее) «мани сарсахт» (неудачник, невезучий я), «белати комсомол» (комсомольский билет) и.т.д.

Из–за использования отшлифованных изречений, рассказ «Старые люди» становится более подробным, в изображении, чем остальные произведения писателя. Ради выражения этого языкового направления произведений Ф.Мухаммадиева, в переводе одну часть отшлифованных изречений переводчики переводили на русский язык дословно, а другую часть присущий таджикскому языку, которые не имеют особых синонимов в русском языке, осуществили смысловой перевод. На практических переводах литературных произведений, этот вид изложения приемлем для специального единичного подлинного языка. Так как, художественный перевод, не является механическим процессом и дословным повторением слов литератора, а является также

творческим и искусным действием. Поэтому, в переводе отшлифованных фраз и других единиц специального языка произведений Ф.Мухаммадиева, А.Борщаковский, А. Шокало М.Явич, Ю.Смирнова, которые, переводили на русский язык произведения писателя, имели творческое отношение к этому делу. Это действие в переводах Л. Кандинова и Х. Отахоновой, которые владели двумя языками (таджикский и русский), приобретает другую окраску. Но самое главное то, что все переводчиков произведений писателя обращают особое внимание на важное направление в его произведениях это форма сочинения Ф.Мухаммадиева.

Перевод отшлифованных фраз и другие единицы современного языка, которые являются заманчивыми для литературных изложений Ф.Мухаммадиева, сохраняются в переводах его произведений на русский язык. Как было выше упомянуто, выражение этого важного языкового направления произведений автора на русский язык излагается в двух формах. В первом случае, переводчики стараются разыскать русские приближенные по смыслу слова и выражения к отшлифованным таджикским выражениям и использовать их в своих переводах.

Например, при переводе повести «Старые люди» М.Явич разными способами перевел на русский язык следующие выражения: «усул ба дастинақорачи» (такт в руках барабанщика), «гиреъ ба бод задан», «қабат қабат гӯшт кунад» (богатеть) «кучуката рав гуфтан» (не бойся никого), «пишакатро пишт гуфтан» (Никто не посмеет до тебя дотронутся), «сари кала баро гум кардан» (совсем голову потерял). Например, фраза «кучуката рав гуфтан ё гуфтам» была переведена таким образом: «собаку твою или кошку из дома выгнал», этот перевод в целом выражает смысл таджикской прозы. Или другое отшлифованное выражение «сару колобаамро гум кардам» перевели таким способом «совсем голову потерял». Это выражения соответствует отшлифованному таджикскому значению первоначального текста.

Эти два вида перевода отшлифованными таджикскими фразами, которые занимают особое место в прозе Ф. Мухаммадиева, можно встретить в большинстве переводах произведений писателя. Но мастерство, интуиция и способности переводчика в выражении специальной изысканности языка и форменном изложении писателя, располагается на разных уровнях. Необходимо подчеркнуть во время перевода таджикских пословиц и поговорок большинство переводчиков произведений Ф.Мухаммадиева, пользовались этими двумя знаменитыми формами художественного перевода. Например, переводчик романа «Угловая палата» сделал смысловой перевода значения некую таджикскую поговорку «қади мавзун, одами дилкаш» на русском языке «стройный, с мягкими добрыми чертами лица». Или другая пословица «батан бакор фармо, панд шунав» дословный перевод «лодырю дают работу, а он начинает тебя поучать». Этот перевод очень близок к первоначальному тексту, то есть к оригиналу. Другая пословица «духтари сархам ба дасти шавхари ноахл меафтат» перевели таким образом «расторопная девушка неудачно выйдет замуж». Эта таджикская пословица свей полнотой значения и художественной красоты выделяется в русском переводе.

Данные слова и выражения дают сочность и свежесть форменному изложению автора, и укрепляют индивидуальность основных героев рассказов. Переводчик названного произведения М. Явич при переводе на русский язык беседы и рассуждения Зиябабы, Ахрорамака и Икбалхалы старался обеспечить специальные свойства этих людей переводом специальным единым их языком. «–Вы уж простите, что оторвал от дел, –немного успокоившись, сказал дядюшка Ахрор, но у меня не было другого выхода. Вот если бы я мог сам писать! Читать ещё полбеды, а писать, кроме пожеланий да приветов, ничего не получается. По правде говоря, мне и письмо нелегко писать. Лучше десять машин хлопка перетаскаю, чем одно письмо напишу».[3, с.386]

В данном примере, переводчик по мере возможности сохранил тон речи дядюшки Ахрора, что является одним из важнейших достижений переводчика.

Этот метод, вошедший во внутренний мир героя, путем выражений и языковых средств, в большинство часто встречается в произведениях Ф.Мухаммадиева. Писатель путем влияния языковых элементов, знакомит нас с внутренним миром, духовным и нравственным поведением своего героя. В вышеуказанном отрывке переводчик по мере возможности старался сохранить важные стороны, а также манеры изложения писателя. Но, к сожалению, этот уровень желаемого изложения автора соблюдается не во всех переводов произведений писателя. Несмотря на некоторые образные языковые недостатки, переводы произведения Ф. Мухаммадиева на русский язык заканчиваются на хорошем уровне. На наш взгляд, основная причина этого успешного перевода является непосредственное участие самого автора во время переводов его произведений.

Наставник Ф. Мухаммадиев с познанием высокой ответственности литературного творчества, обращал особое внимание на каждый перевод своего произведения. Иначе, говоря, переводы романов, новелл и рассказов мастера Ф. Мухаммадиева, способствовали не только популярности таджикского языка, но и повлияли на литературную сферу, особенно на художественную прозу Советского Союза, а также сыграли огромную роль в развитии художественного перевода в Таджикистане. Сегодня русские переводы произведений Ф.Мухаммадиева могут послужить образцом для нынешних переводчиков нашей литературы и школой обучения переводческому мастерству.

ЛИТЕРАТУРА

1. Т.А. Казакова «Практические основы перевода»,СПб., –Союз, 2001 г. С.72
2. Мухаммадиев Ф. Домик на окраине: Повесть / Авториз. пер. с тадж. М. Явич // Дружба народов.–1963.–№7.–С.137–170.
3. Мухаммадиев Ф. Угловая палата: Роман. Повесть: Пер. с тадж.–М.: Сов. писатель, 1989.–368 с.
4. Мухаммадиев Ф. Избранные произведения: В 2–х т.: Пер.с тадж.–М.: Художественная литература, 1988.–Т.2: Повести. Рассказы. Очерки.–448 с.
5. Мухаммадиев Ф. Домик на окраине: Повести и рассказы: Пер. с тадж.–М.: Молодая гвардия, 1971.–239 с.
6. Мухаммадиев Ф. Одамони кухна: Повесть // Шарки сурх . –1962. –№3.–С.41–58; №4.–С.22–48.
7. Перевод средство взаимного сближения народов: Художественная публицистика.–М., Прогресс, 1987.–638 с.
8. Поэтика перевода: Сб. ст. / Сост. С.Гончаренко; Ред. Н.Матяш.–М., Радуга, 1988.–235 с.

ВЫРАЖЕНИЕ И ИЗЛОЖЕНИЕ ЯЗЫКОВЫХ СВОЙСТВ В ПЕРЕВОДЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ Ф.МУХАММАДИЕВА

Художественная проза Ф.Мухаммадиева, со стороны языкового описания и изложения литературно творческого мышления имеет специальные свойства. Исследование и изучение творчество писателя отчетливо и ясно показывают основные направления форменного стиля произведения литератора. Этому стилю писателя переводчики и литераторы проявляют особое внимание.

В данной статье сделаны выводы, что Ф. Мухаммадиев является из тех писателей, которые обладают специальными методами и манерой владения языка. Автор имеет особую манеру изложения, изысканное мастерство владением языка, своевременное использование поговорок, пословиц, а также отшлифованных изречений, является важнейшим свойством языкового творчество писателя.

Ключевые слова: *переводчик, языковые элементы, пословицы, поговорки, текст, проза, сюжет, автор, направления, содержание.*

EXPRESSION AND STATEMENT OF LANGUAGE PROPERTIES IN THE TRANSLATION OF F. MUKHAMMADIEV'S WORKS

Fiction Mukhammadiev's fiction has special properties in terms of linguistic description and presentation of literary creative thinking. Research and study of the writer's work clearly and clearly show the main directions of the uniform style of the literary work. Translators and writers pay special attention to this style of the writer.

This article concludes that F. Mukhammadiev is one of those writers who possess special methods and manner of language proficiency. The author has a special manner of presentation, exquisite mastery of the language, the timely use of sayings, proverbs, as well as polished sayings, is the most important property of the writer's linguistic creativity.

Keywords: *translator, linguistic elements, proverbs, sayings, text, prose, plot, author, directions, content.*

Сведения об авторе:

Бакаева Мехриниссо Тугаловна *–старший преподаватель кафедры русской и мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни тел. (+992) 919037503*

About the author:

Bakaeva Mehrinisso Tugalovna *–senior lecturer at the Department of Russian and World Literature of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini tel. (+992) 919037503*

ИНЪИКОСИ МАРОСИМИ ДАФН ДАР «БАДОЕЪ-УЛ- ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Сайдалиев Р.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

«Бадоеъ-ул- вақоеъ» асари Зайниддин Махмуди Восифӣ буда, бо забони форсӣ – тоҷикӣ таълиф шудааст. Ин асар аз 46 боб иборат буда, ҳар боби онро худи муаллиф «Гуфтор» номидааст. Аз боби 1 – ум то боби 11 – уми «Бадоеъ-ул- вақоеъ» байни солҳои 1517 – 1518, бобҳои дигари он то охири соли 1551 навишта шудаанд.

Дар ин маъхази мӯътамад як қатор масъалаҳои мардумшиносӣ, аз қабили унвону мансабҳои динию давлатӣ, касбу ҳунарҳо, ёдгориҳои меъморӣ, санъат, сару либос, ришу мӯйлаб, тӯй ва маросими дафн ба назар мерасанд, ки ҳар яке аз масъалахои фавқи шаҳодати таърихи кӯҳан ва сарчашмаи пайдоишро доро мебошанд.

Ҳадафи мо дар ин мақола омӯзиши маросими дафн аз нигоҳи Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» иборат аст. Маросими дафн аз назари Восифӣ ҳамчун маросими хоси дорои хислати шарқӣ мансуби арзишҳои «ислом» - ӣ ва ҳам замон дорои урфияти мардумӣ тасвир шудааст. Дар асари нависанда ва воқеанигори охирҳои асри XV ибтидои асри XVI Восифӣ «Бадоеъ-ул- вақоеъ» дар ду маврид оид ба маросими дафн ишорат рафтааст, аз ҷумла чунин ишорат ҷой дорад: «Сад ҳамчунон ғулом фидои он азизон ин гуфт ва ба боғча даромад дид, ки ғулом афтода ва мурда…ва ғуломонро фармуд, ки он ғуломи мақтулро бурданд ва дар гӯшае дафн карданд»[1, с.1045].

Тадқиқи ин масъала нишон дод, ки маросими дафн аз дигар маросимҳои мардумӣ фарқ карда меистад. Дар маросими дафн бахусус марги ҷавон, ғаму ғусса, андӯҳ, нолаю фиғони волидайн, наздикон, хешу пайвандони оилаи мусибатзада ва сару либоси мотамӣ азодорӣ ҷолиби таваҷҷух аст. Аз ҷумла дар боби 36 – уми асар «Достони Хоҷа Низомулмулки Хавофӣ» аз боби сару либоспӯшиҳои азодорӣ ва тарзи таъзият чунин қайд шудааст: «Мирзо дар ҳоли мастӣ фармуданд, ки нишоне ба Бибимуҳиби Ҷангӣ навиштанд…Муҳаммад Мӯъминро бо чиллаи камон ба чиллахонаи адам фиристод. Ними шаб буд, ки нишон расида ва кутволи қалъа ба муқтазои фармуда амал намуд. Сабо хабар дар шаҳр афтод, ки аз рӯзи растохез хабар медод. Томоми шаҳр аз мард ва зан кабудпӯш шуданд ва тархи таъзиятро дар боғи нав, ки қариби боғи Зоғон аст, андохтанд». [2, с.1206 – 1207].

Мӯҳтавои назари Восифӣ дар ин гуфтор ба ҳодисаи қатли писари шоҳ Ҳусайн Бойқаро Мӯъмин Мирзо аз тарафи қалъабон бахшида шудааст, вобастагӣ дорад. Дар мавриди пӯшидани сару либоси мотамӣ дар ин асар низ ишора рафтааст. Аз рӯи урфият вобаста ба хислати мардум шахси азодор сару либоси кабуд, сабз ва сиёҳ мепӯшанд, ки ин аз азодории онҳо шаҳодат медод. Аслан мардум пӯшидани либосҳои ранги сиёҳ доштаро бештар истифода мебурданд. Мардҳо дар ин рӯз ҷомаву тоқи пӯшида миёнбанди кабуд мебанданд. Баъзан занҳо куртаю рӯймоли сиёҳ низ истифода мебаранд, ки он дарачаи азодории онҳоро ифода мекунад. Дар ин бора муаллифи «Бунёди маданияти шахс» зикре дорад: «Шубҳае нест, ки либоси азодори хусусияти хурофотпарастӣ надошта, балки аломатест барои ифода намудани вазъияти рӯҳиву зиндагии шахси мазкур. Нишонест барои шинос намудани шахсони дигар аз мусибати худ,чунки ин лаҳзаи мудҳишу ғамгини ҳаёти ҳар як фард аст. Дили азодор дар ин ҳолат пурхуну рухсорааш зард аст». [3, с.59].

Ҳамзамон дар «Бадоеъ-ул- вақоеъ» ҳолати марсияхонӣ ишора рафтааст, ки бевосита ба маросими дафн алокамандӣ дорад. Аслан қасидаҳои марсиявӣ бештар дар васфи подшоҳон, ҳокимон, амалдорони олимақом, амирону хонҳо, ходимони илм, арбобони сиёсию давлатӣ аз ҷониби шоирони касбӣ навишта мешуданд. Ҳофизон бошанд, он марсияҳоро дар рӯзҳои азодорӣ месароиданд. Чунончӣ дар бораи марсияхонӣ Восифӣ чунин гуфтааст: «Гулхани гуфт ай Ғаввосӣ он буқъаро (ки) дар сар

халонидаӣ ва аз Исрофил хабар медиҳӣ аз сар баровар ва сайҳае дар дами Ғаввосӣ марсияро баровард ва матлаи марсия ин буд, ки

Дило зи гардиши гардуни бемадор дарег
Наяк дарег, ки ҳар соате ҳазор дарег». [.4, с.1207].

Ба андешаи мо ин анъана дар байни тоҷикон ҳанӯз аз давраи Кушониён, Сосониён ва Сомониён паҳн шуда омадааст. Имрӯзҳо ҳам ин анъана дар байни мардуми тоҷик мавҷуд аст. Машҳуртарин марсиясароёни асрхои XV – XVI – и Хуросон Мавлоно Абдурахмони Ҷомӣ, Гулхании Астарободӣ, Ғаввосӣ, Зайниддин Восифӣ мебошанд. Восифӣ, тавре муҳаққиқи осори ӯ устод С. Айнӣ овардааст, марсияҳояшро бештар дар вафоти Севунҷхоҷахон гуфтааст.

Маросими дафн аз қисматҳои зерин иборат аст: ҷон кандан, манаҳбандӣ, ғусли майит, такфин (яъне кафан), тобут, тайёри ба ташеи ҷаноза (яъне тайёри дида рафтан ба ҷаноза), намози ҷаноза, қабр ва тадфин (яъне дафн), зиёрати қабр.

Ҳолати дигаре, ки дар ёддоштҳои Восифӣ ишорат шудааст ва он ба маросими дафн алокамандӣ дорад биҳил талабидан аст. Дар ин бора Восифӣ чунин гуфтааст: «Хадичабегим гирён шуд ва гуфт рост мегӯед ва аз акобир биҳили хост». [5, с.1119].

Биҳили талабидан дар суннати мардум чунин аст, ки пеш аз сакароти мавт шахси ҷонсупор аз зану фарзандон, хешу таборон, наздикону дӯстон ва пеш аз ҳама аз ҳамсоягон бо мақсади осон гардидани ҷонсупорӣ талабида мешавад. Биҳилиро ҳамчун воситаи осон баромадани ҷон низ истифода мебурданд. Пеш аз марг ё ҷон додан ҳама одамон ҷуръате намекунанд бигӯянд, ки биҳилам кунед. Ҳолате дар ибрати мардум вомехӯрад, ки одамоне, ки пеш аз марг ранҷи бисёр мекашанд, ҷонашон, ки тангӣ кард, биҳилиро воситаи осон баромадани ҷон меҳисобиданд. Пеш аз лаҳзаи марг аз хешу табор ҳамсояхо, дӯстон агар шавҳар бошад, аз завҷаи худ ва фарзандон биҳилӣ металабад. Ҳамчун ишораи эҳтиром, сипоси нону намак ва бахшоиши гуноҳ иброз мегардад. Ин расм ҳоло ҳам дар байни мардумони мусулмон мавҷуд аст. Онро дар байни сокинони водии Кӯлоб пиҳил ё пел кардан меноманд.

Вақте ки шахс аз олам мегузарад, аввало чашмонашро пӯшонида дар болои чашмонаш хок мемоланд, то ин ки аз дунё сер равад, қоматашро рост карда, нарангуштҳои пояшро мебанданд. Пас аз ичрои ин амал бо дока манаашро мебанданд ва болояшро бо карбос мепӯшонанд. Хешу табор ва дӯстон ба хонаи шахси мусибатзада омада, ҳамдардии худро баён менамоянд. Маросими ба хок супурдани майит аксаран дар рӯзи аз дунё гузаштан баргузор мегардид ва амали хеле мураккаб ба ҳисоб мерафт. Агар марг саҳар фаро расида бошад, майитро ҳамон рӯз мегурониданд, лекин марг бегоҳӣ ё шаб рух медод, дар ин ҳолат гуру чӯби майит дар рӯзи дигар гузаронида мешуд. Маросими шустани майит аз тарафи мурдашӯйхо гузаронида мешавад. Майитро чор нафар мешӯянд, ки онҳоро дар байни мардум мурдашӯй меномиданд. Ғусли мурда дар асари Восифӣ «Бадоеъ-ул- вақоеъ» дар як ҷой ишорат шудааст. Восифӣ дар хусуси ғусл додан чунин маълумот додааст: «Ман гуфтам, ки дар вилояти мо расме аст, ки ёрони худро худ ғусл медиҳанд» [6, с.1147].

Майитро хешу табор ё дӯстони наздик ғусл медоданд. Қисме аз одамон дар вақти зинда будани хеш мурдашӯйҳоро муайян карда, ба писарони худ васият мекарданд, ки маро «фалониҳо» ғусл диҳанд. Аслан шустани майит, ҷаноза хондан, дар гур мондан ва ғайраҳо ба васияти пешакӣ сурат мегирифт. Шустушӯи майит дар рӯзи дафн баргузор мешуд.

Майитро дар дохили хона шустушӯй мекарданд. Шахси асосӣ шӯянда ба ҳисоб рафта, баъд такягир обҷӯшон, обрез поқап ва обёр буд. Ҳамон таҳдегие, ки дар он об гарм мекарданд, барои майит худсоз буд. Пеш аз шустан манаҳбанд ва пойбанди майитро кушода либосҳояшро мекашиданд ва чодареро дар болояш мепартоянд то ин ки тани урёни майит натобад. Майитро ба пушт хобонида, ду нафар чодарро медоранд, то мурдашӯй дастонашро аз таги он дароварда тавонад. Обе, ки майитро мешӯянд, дар кузачаи сафолин гирифта мешуд. Як нафар бо пушти даст об мерезад ва мурдашӯй дар

даст латаи тоза печонида, аввало майитро истинҷо медод. Баъд аз ин майитро таҳорат медоданд. Бидуни обгардонкунии даҳону бинӣ Рӯи майит, баъд дастҳояшро то оринч шӯста сарашро масҳ карда, пойҳояшро то буҷулак мешустанд. Майитро ба тарафи чап хобонида, тарафи ростро се бор мешӯянд. Боз ба тарафи рост хобонида, тарафи чапашро низ об рехта мешӯянд. Майитро ба тахтапушт хобонида, тарафи сар ва синаашро каме мебардоранд ва мурдашӯй шикамашро аз боло то поён молиш медиҳад. Тахтае, ки дар болои он майитро мехобониданд, таршӯй ном дошт. Оби мурдашӯро дар кунчи хона мерехтанд. Баъд аз шуста тамом кардан, таҳдегиеро, ки дар он барои мурдашӯй об гарм карда мешуд, вайрон мекарданд. Ин аз он сабаб аст, ки вакте майит аз дунё рафт, дигар дилаш ба манзилаш насӯзад.

Вакте, ки мурдаро мешӯянд, дар қабристон қабрканон ба кандани қабр аллакай шурӯъ намуда буданд. Баъди шустани майит ба вай кафан мепӯшонанд, ки онро дар байни мардумони шаҳри Ҳирот такфин, таъфин, тадфин, кафан ва либоси охират низ ном мебаранд. Чунончӣ дар ин бора Восифӣ чунин қайд кардааст: «Садри подшоҳ омад ва ҷиҳати такфин як ҳазор танга овард» [7, с.1147.]. Ё ин,ки «Шоҳзода Муҳаммад Мӯъминро кафан карда, дар хок гуронида буданд» [8, с. 998].

Кафанро барои майти мард пирони рӯзгордида, барои майити зан бошад, занҳои таҷрибадор пора мекунанд. Кафани майити мард аз 21-метр карбос иборат аст. Ранги матои кафан ҳатман сафед бояд буд. Дар вақти пора кардани кафан 1-метр карбосро гирифта, дар сутуни пешайвонихона мебанданд,ки ин рамзи мусибатдориро нишон медод. Кафани занҳо нисбат ба мардҳо зиёдтар аст, барои занҳо пешбанд илова карда мешавад. Кафан аз қисмҳои зерин иборат аст: курта аз сари китфҳои майит то зонуҳояшро фаро мегирифт. Аз мобайни он ба сӯи сина ва сӯи китфҳо каме чок карда мешавад; чодар ё болопӯш ин қисми кафан аст, ки бо он сар то пои мурдаро печонида мешуд. Чодар аз қади майит каме зиёдтар гирифта мешуд, ки як ваҷаб аз болои сар ва як ваҷаб аз поёни пояш баста шавад.

Тарзи ҷобаҷогузории кафан чунин аст: аввало чодарро паҳн карда дар болои чодар куртаро гузошта, майитро курта пӯшонида, баъд чодарро аввал тарафи чап, сонӣ тарафи росташро таҳ карда, аз болои сар ва аз поёни пояш як қабза гирифта мебанданд. Баъди иҷрои ин амалҳо дар тобут чой мекарданд. Дар шаҳри Ҳирот тобутро тахти равон мегӯянд. Тобут ашёи аз чӯб сохташуда буда, маийтро дар он ҷой карда ба қабристон мебаранд. Аз чӯби бед сохта мешавад. Ба таври зинапоя алоҳида-алоҳида аст. Дарозии тобут 3 м. ва бараш 0,5 м.-ро ташкил медод. Майитро дар байн мегузоранд ва аз ҳарду тараф нимметрӣ даста барои дошта бурдани тобут муайян шудааст. Тобутро аслан 6-8 нафар дошта мебурд. Тобутро аз хона ба сар мебароранд. Вакте ки ба ҷанозагоҳ мебаранд, шахси муттасадие пешопеши тобут «салоти ҷанозаи муъмин дарёб» мегӯяд. Ҳаминро се маротиба бо овози баланд такрор мекард.

Ҷаноза дар асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар се ҷой дучор омадааст. Шумори одамони ҷанозахон бояд бе ҳисоб бошад. Чӣ қадаре ки дар гусел ва ҷанозаи муъмини мйит одам зиёд бошад, ҳамон қадар дар он дунё ӯро одамони зиёд пешвоз мегиранд. Майитро рӯ ба ҷониби қибла мегузоранд. Домулло пеш аз хондани ҷаноза ворисони майит ва пайвандонашро пурсон мешавад, ки майит дар дунё аз касе қарздор хаст ё не. Шахсоне, ки ба майит дар вақти зинда буданаш қарз дода буданд, қарзашонро ёдрас мешаванд, то ин ки майит аз дунё қарздор наравад ва дар манзили охират озодона хоб равад. Агар марҳум карздор бошад, бояд аз аҳли байти ӯ касе қарзро ба зимма гирад, баъди адои қарз домулло иҷозат медод, ки майитро чаноза хонанд. Домулло аз пеш истода, шахсони дигар аз қафои ӯ чанд қатор саф мекашиданд. Чаҳор ракъат такбири намози ҷаноза мехонданд.

Дастҳоро ба сӯи гӯш бурда, «Оллоҳу акбар» мегӯянду дастҳоро болои даст мегузоранд. Се бори дигар Оллоҳу акбар гуфта, сарашро болотар мебардорад. Ба тарафи рост, баъд ба тарафи чап салом медиҳад. Баъд аз анҷоми маросими ҷаноза тобути майитро ба қабристон мебаранд. Тобути майитро 6-8 нафар дар китфҳо дошта ба сӯи қабристон мебурданд. Баъд аз муддати муайяни роҳ рафтан онҳоро дигарон иваз

мекарданд. Дошта бурдани тобут ва иштирок дар қабристон амали савоб ё хайре ҳисобида мешуд. [9, с.22].

Қабр дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ дар чор ҷой дучор омадааст. Чунончӣ Восифӣ дар ин бора гуфтааст: «Ҳамаро дар болои қабри мавлавӣ андохтанд» [10, с.1063]. Қабр ҷоест, ки дар он майит гузошта мешуд. Барои кандани қабр панҷ нафар сафарбар карда мешуд. Ба андешаи мо дар асрҳои миёна низ қабр ҳамон рӯзе, ки майит ба хок мерафт канда мешуд. Пешаки қабр канда намешуд. Дар вақти кандани қабр то ба хок супоридани майит қабрро танҳо намегузоштанд Аввал чаҳоркунчаи рост то пеши бар меканданд, ки онро ширдон меноманд. Дар бари ширдон аз қисми поён бо теша лаҳад канда мешуд. Лаҳаро ба таври нимдоира ба андозаи қади майит меканданд. Лаҳат ҷоест, ки дар он майитро ҷой мекунанд. Баъд аз канда тамом кардани қабр майитро дар болои ширдон аз тобут озодона гирифта, аз пойҳояш ба лаҳад медаровардaнд. Як нафар аз наздикони майит ҷасадро дар дохили лаҳад ҷой карда, аз қисми поёни чодар ангуштҳояшро мекушод ва аз қисми болои чодар рӯи майитро мекушояд. Баъд аз баромадани ин шахс аз лаҳад лаҳадро бо хишти хом ё чим маҳкам мекунанд, то ин ки хок ба болои сар ва рӯи майит нарезад. Ҳамон шахсе, ки дар кандани қабр бели нахустинро сар кардааст, ба ширдон хок мепартофт, Дигарон низ бо навбат хок мепартоянд.

Пас аз ба хок супоридани майит ҳама дар атрофи қабр нишаста, домулло аз Қуръони Карим сураи Таборакро хонда каме хок гирифта, ба болои қабр мегузошт. Яке аз фарзандони майит бо домулло болои сари қабр истода сураи Ёсинро қироат менамуд. Баъди дуову фотиҳа ҳама ба хона баргашта, дар хонаи майит ояте аз Қурони Каримро тиловат мекарданд. Баъд аз гуру чӯб кардани майит рӯзи дигар чизе, ки аз майит аҳлу ақрабояш дарёфт мекунанд, онҳоро шуста ба мурдашӯйҳо медоданд. Дар рӯзи дуюм тарака баргузор мешуд. Молу мулке, ки баъд аз одами мурда мемонад, яъне мерос тақсим карда мешуд. Дар бораи тақсими мероси майит дар «Бадоеъ-ул- вақоеъ» дар як ҷой ишорате пайдо намудем. Чунончӣ: «Вай вафот кард, инҳо аз вай мерос расид» [11, с.447]. Фикри мо доири тарака чунин аст, ки моле ки аз мард мерос мемонад, ба зан писарону духтаронаш тақсим мешавад. Тарака аслан ба мардони хонадон тақсим карда шуда, аз ин шумора 20%-и онро ба занҳо тақсим мекунанд. Дар шароити имрӯза аслан фарзанде, ки ҳамрохи падар зиндагӣ мекард, ба ӯ бахшида мешавад. Дар сурати яке аз фарзандон норозигӣ кардан аз тақсимоти тарака ӯ метавонад, моли ба ӯ тақсимшударо бигирад. Агар мард, зан, писару духтар надошта бошад, онгоҳ молашро ба бародарону хоҳарон ва хешони наздик тақсим мекарданд.

Тибқи одати мусулмонон муддати то се рӯз дар хонаи азодор нону хӯрок намепазанд ва тановул хам намекарданд. Ҳамин аст, ки гӯё сиёҳӣ дар он хона ҳукмрон аст. Баъди се рӯз пухта хӯрдани нону таъом дуруст аст.

Вақте ки майитро ба хок месупоранд, то се рӯз домуллои маҳалла бо ҳамроҳии шахсони наздики майит ба сари қабр мераванд ва дуое мехонад, ки онро дар байни халк «хоксалом» мегӯянд. Баъди ба анҷом расонидани хоксалом, ки то се рӯз идома меёбад, таъом пухта хӯрдан дар он хона иҷозат дода мешавад.

Дар гузашта дар рӯзи ҳафтум як табақ ширравган ё ширбиринҷ, наскотала, агар азодор шахси доро мешуд, қурутоб мекарду халос.

Ба андешаи мо, дар ҳар замон баргузории маросими дафн як навоварӣ эҷод мегардад. Зимни омӯзиши маросими дафн аз рӯи асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» гузаронидани маъракаҳои ин маросим аз қабили саритахтагӣ, панҷшанбегӣ, чил, шашмоҳагӣ, сари сол ва дастарханҷаъм карданро мушоҳида ва пайдо накардем. Дар он давра яъне охири асрҳои XV ибтидои асри XVI ин маъракаҳои миёншикан мавҷуд набуданд. Бо бехтар гардидани сатҳи некуаҳволии халқҳо ин маъракаҳои хурофотӣ пайдо шуданд. Ҳоло бошад, ин маросимҳо бо тақозои замон қисман барҳам дода шудаанд.

Омӯзиши маросими дафн нишон дод, ки дар замони ҳукмронии Темуриён ва Шайбониён анъанаи дар болои қабри ҳокимон гузоштани сангнавиштаҷот расм шуда буд, ки бо навиштаҷоти арабиасос оро дода мешуд. Тавре устод С.Айнӣ овардааст, катибаи санги мазори Севунҷхоҷахонро, ки дар тахти Тошканд ҳоким буд, Восифӣ навиштааст [12, с.273.]

Мо гузаштагони худро ёд мекунем. Оромгоҳи онҳоро зиёрат намуда, ба хотири онҳо санги ёдоварӣ мегузорем. Қабристон таърих аст ва таърихро бояд ҳифз намоем.

Хулоса, дар замони зиндагонии Восифӣ урфиятҳои исломӣ амал мекард, аммо дар байни халқиятҳо, мазҳабҳо фарқиятҳои ҷузъӣ дида мешаванд. Дар вақти омӯзиши

асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мо аз ҳаёти халқи тоҷик дар охири асри XV ибтидои асри XVI воқиф шуда, ба расму оин, урфу одат ва хусусияту ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти он давра шинос гардида, маълумотҳои заруриро нисбат ба таърихи гузаштаи ниёгонамон дастрас карда метавовонем.

АДАБИЁТ

1. Зайниддин Восифӣ «Бадоеъ-ул- вакоеъ». А.Болдиров. М.1961, китоби 2 -.с.1351
2. Зайниддин Восифӣ «Бадоеъ-ул- вакоеъ». А.Болдиров. М.1961, китоби 2 -.с.1351
3. Ё. Одинаев. «Бунёди маданияти шахс». Душанбе «Маориф» 1989.
4. Зайниддини Восифӣ «Бадоеъ-ул- вакоеъ»А.Болдиров. М.1961. китоби 2-.с.1351
5. Зайниддини Восифӣ «Бадоеъул вакоеъ»А.Болдиров.М.1961.китоби 2-.с.1351
6. Зайниддини Восифи «Бадоеъул вакоеъ»А. Болдеров. М. 1961 китоби 2 -.с.1351
7. Болдыров А.Н.Зайнаддин Восифи.Бадоеъ-ул вақоеъ.М.ИВЛ.1961.,к.2. -.с.1351
8. Болдыров А.Н.Зайнаддин Восифи.Бадоеъ-ул вақоеъ.М.ИВЛ.1961.,к.2. -.с.1351
9. Назаров Х., Додихудоев Р.Х., Афганистан сегодня: Душанбе,1998г.
10. Болдыров А.Н.Зайнаддин Васифи Бадоеъ-ул-вакоеъ.М.ИВЛ.к.2-.с.1351
11. Болдыров А.Н.Зайниддин Восифи. Бадоеъ-ул-вакоеъ.М.ИВЛ.1961.к.1-.с.682
12. Айни С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Сталинобод Нашриёти Давлатии Точикистон. - 1956. 314.с.

ОСВЕЩЕНИЕ ПОГРЕБАЛЬНЫХ ТРАДИЦИЕЙ И ОБЫЧАЕВ У ТАДЖИКОВ В ХОРАСАНЕ И МАВЕРАННАХРЕ В «БАДАИ – АЛ – ВАКАЪ»-И ЗАЙНАДДИН ВАСИФИ

В статье указывается на древние погребальные традиции и обряды, связанные со смертью и погребанием таджиков Мевароуннаҳра в период XV-XVI вв. В этой статье автор более подробно рассказал о традициях и похоронах таджиков Хуросона и Мовароуннахра в XV-XVI вв. Похороны-последний момент проводки умершего человека из мира тленный в мир будущего.

Это самый страшный момент в жизни всего населения мира, в том числе и таджикского. Другая особенность этой церемонии состоит в том, что она носит характерную одежду. На снимке погребения и церемонии захоронения автор опирался на сведения «Бадаи-ал-вакаъ» Зайниддина Воссифи, которые по сей день не потеряли своего этнографического значения и считается одним из великих произведений по истории таджиков в Средние века.

Ключевые слова: *ткань, гроб, губ, Гирка, волдыри, сюрпризы, розы, сирены, без запаха, похороны.*

LIGHTING THE FUNERARY TRADITION AND CUSTOMS OF TAJIKS IN KHORASAN AND MAWARANNAHR IN THE "BADI – AL - VACAY"AND ZAINADDIN WASIFI

The article points to the ancient burial traditions and rituals associated with the death and burial of Tajiks Mevarounnaҳra in the period of XV-XVI centuries. In this article, the author spoke in more detail about the traditions and funerals of Tajiks Khuroson and Movarounnahr in the XV-XVI centuries. Funeral-the last moment of posting a deceased person from the world perishable in the world of the future.

This is the most terrible moment in the life of the entire population of the world, including the Tajik. Another feature of this ceremony is that she wears characteristic clothes. In the picture of the burial and the ceremony of burial, the author relied on the information "Badi-al-vacay" Zayniddin, Ossify, which to this day has not lost its ethnographic value and is considered one of the great works on the history of the Tajiks in the Middle ages.

Keywords: *fabric, coffin, lip, Girka, blisters, surprises, roses, sirens, odorless, funeral.*

Сведение об авторе:

Сайдалиев Рустам *– старший преподователь кафедры общий истории и методики преподавания история Кулябский государственный университет им. А.РудакиТел: (+992) 989198230*

About the autor:

Saidaliyev Rustam *- Senior Teacher of the Department of General History and Teaching Methods History of Kulab State University named after A.Rudaki Tel: (+992) 989198230*

ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР ВА САҲМИ Ӯ ДАР ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Раҳмонзода А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи ҳар як халқу миллат афроди хидматгузор арзи ҳастӣ менамоянд, ки корномаҳояшонро ҳеҷ гоҳ пасояндагон фаромӯш намекунанд. Халқи тоҷик низ бо ин гуна фарзандони фарзонааш ифтихор намуда, хотираи онҳоро ҳамеша пос медорад ва ба ному пайкори шоистаи онҳо арҷ мегузорад.

Ин қабил одамон на танҳо барои номуси ватандорӣ талош мекунанд, балки дар таҳкиму пойдории давлату миллат ҳиссаи сазовор гузошта, умри бобаракати хешро баҳри ҳифзу ҳимояи анъанаҳои таърихиву фарҳангии халқашон сарф менамоянд. Махсусан, дар солҳои аввали садаи XX як қатор фарзандони ҳақталошу бонангу номус барои соҳиби истиқлолияти миллӣ гардидани халқи тоҷик талош карданд ва ба муқобили гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои хатарноки пантуркистон мубориза бурда, ҷони худро дар хатар гузошта, бо иродаи қавӣ ва қобилияти баланди ташкилотчигӣ ҷиҳати таъсис додани давлати миллӣ корҳои бузургро ба анҷом расониданд ва бар ивази садҳо қурбонӣ ва муборизаҳои шадиди инқилобӣ ба мақсади олии худ ноил гардиданд.

Шириншоҳ Шоҳтемур ба қатори чунин афроди ватандӯст шомил шуда, зиндагӣ ва фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ӯ намунаи олии худшиносӣ ва худогоҳӣ барои ҳар як фарди тоҷик ба шумор меравад. Вай баробари устод Садриддин Айнӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Аббос Алиев, Саидризо Ализода ва дигарон барои бедории шуури меҳнаткашони тоҷик корҳои шоистаеро анҷом додааст. Ӯ ва ҳамсафонаш ҷиҳати таъсис ёфтани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон муборизаи шадид бурда, дар саргаҳи аввалин фидоиёни роҳи ҳақиқат қарор доштанд.

Доир ба нақшу мақоми Шириншоҳ Шоҳтемур дар таърихи халқи тоҷик –Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид намудаанд: «Шириншоҳ Шоҳтемур аз ҷумлаи сиёсатмадорон ва ходимони барҷастаи давлатие буд, ки тамоми қуввату дониш ва неруи маънавиашро барои поягузорӣ ва бунёди давлати миллии тоҷикон равона сохтааст. Ӯ аз рӯзгори пуртазоду пурихтилоф сабақ андӯхта, ҳамчун шахси матиниродаву донишманд, инсони оқилу дурандеш, сиёсатмадори барҷаставу ташкилотчии моҳир ба камол расидааст»[3, с.321].

Дар ҳақиқат, Шириншоҳ Шоҳтемур тамоми маҳорат ва истеъдоди фитрии худро барои ташкили давлати миллӣ равона карда, ба хотири барқарор намудани адолати иҷтимоиву сиёсии халқи тоҷик, дуруст муйян кардани мавқеи он дар миёни халқҳои Осиёи Миёна ва қадима будани ин миллати куҳанбунёд кӯшиш ба харҷ додааст. Вай дар баробари ҳаммаслакони хеш ба муқобили қуввaҳои тундрав муборизаи беамон бурда, ҳастии халқашро сарбаландона дифоъ кардааст. Ҳамин ҷоннисорӣ ва ҳақталошии ӯ ва ҳамсафонаш имкон доданд, ки Тоҷикистон аввал ба сифати ҷумҳурии худмухтор ва сипас, ба сифати ҷумҳурии мустақил дар ҳайати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёбад ва халқи тоҷик пас аз ҳазор сол соҳиби давлати миллӣ гардад.

Шириншоҳ Шоҳтемур умри кӯтоҳ, вале пурбаракат дида, дар як давраи ниҳоят мураккабу сангин зиндагӣ карда, бо дониши васеъ, ҳисси ватандӯстӣ, маҳорати махсуси ташкилотчигӣ ва фарҳанги баланди сиёсӣ миёни ҳамсафони худ шоистаи эҳтиром ва қадрдонии зиёд гардида, то охирин лаҳзаҳои ҳаёташ ба халқу Ватани худ содиқ мондааст.

Вай соли 1889 дар ноҳияи Шуғнон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ дар айёми кӯдакӣ аз падару модар ятим монда, ба хурдсолии худ нигоҳ накарда, ба хотири бори зиндагиро пеш бурдан ба отряди сарҳадчиёни рус ба кор медарояд ва дар он ҷо забони русиро омӯхта, бо афкори тоза шинос мегардад. Соли 1914 ба шаҳри Тошканд рафта, бо муҳити нав ошноӣ пайдо менамояд. Боздиди Шириншоҳи ҷавон аз шаҳри саноатӣ ва пешрафта ба ҷаҳони маънавиаш таъсири бузург мерасонад. Маҳз дар ҳамин ҷо Шириншоҳ Шоҳтемур бо гурӯҳи

пешқадами коргарӣ, ки рӯҳияи озодандешӣ ва инқилобӣ доштанд, ошно гардида, ҳамчун муборизи ҳаёти нав ба камол мерасад. Новобаста ба душворихои зиндагӣ ӯ дар Тошканд таҳсил карда, забони русиро ёд мегирад ва асарҳои зиёдро мутолиа менамояд.

Шириншоҳи ҷавон ва мубориз аз имтиҳони таърих гузашта, ба ҳайси яке аз аввалин барқароркунандагони сохти шӯравӣ ба Ватани худ –Тоҷикистон фиристода мешавад. Вай нахустин супориши ҳокимияти навро оид ба ташкили маъракаи ғаллатайёркунӣ дар уезди Хуҷанд ва Дилварзин бо сари баланд иҷро карда, ба ҳайати сегонаи ҳарбӣ–сиёсӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фиристода мешавад ва баъдан раиси сегонаи ҳарбӣ–сиёсӣ интихоб мегардад. Ин давраи ниҳоят вазнину мураккаби фаъолияти Шириншоҳ Шоҳтемур ба шумор мерафт, зеро ӯ вазифадор гардида буд, ки дар ин кӯҳистони дурдаст сохти навро барқарор намояд, ба муқобили босмачигарӣ мубориза барад, ячейкаҳои ҳизбӣ ва мактабҳои навро таъсис намояд ва халкро ба тарафдории давлати шӯроҳо ҷалб созад.

Соли 1921 Шириншоҳ Шоҳтемур корро аз ислоҳоти замин оғоз карда, ба мардуми деҳқон заминҳоро тақсим менамояд ва асосҳои ҳокимияти навро дар кӯҳистон барқарор мекунад. Вай бо гурӯҳи худ аксари ноҳияҳои Бадахшонро пиёдаву савора тай мекунад. Онҳо дар ҳар як деҳа ва макони аҳолинишин бо сокинон мулоқот карда, ҳокимияти шӯроҳоро муаррифӣ менамоянд ва ячейкаҳои маҳаллӣ ва курсҳои маҳви бесаводиро ташкил мекунанд. Нухустин омӯзгоронро аз миёни мардуми маҳаллие, ки савод доштанд, интихоб менамоянд.

Соли 1923 Шириншоҳ Шоҳтемур ба Тошканд даъват шуда, ба ҳайси инструктори шуъбаи ақаллиятҳои миллӣ ба кор оғоз мекунад. Дар ин давра дар Осиёи Миёна сиёсати тақсимоти милливу ҳудудӣ шурӯъ мегардад ва дар гузаронидани он Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолона ширкат варзида, аз манфиатҳои миллати тоҷик ҷасурона дифоъ мекунад ва барои таъсиси ҷумҳурии худмухтор якҷо бо ҳаммаслаконаш талош намуда, дар ниҳоят онро соли 1924 таъсис медиҳанд. То ба чунин пирӯзӣ расидан борҳо Шириншоҳ Шоҳтемур ва ҳамақидаҳои ӯ ҳақталошӣ карда, ақидаҳои пантуркистон, панэронистон ва панисломистҳоро ботил бароварда, бо далел ва мисолҳои раднашаванда мавҷудияти халқи тоҷикро исбот карданд, барои худмухторият талош намуданд ва номаҳои асоснок омода карда, роҳбарияти ҳамонвақтаи ҳокимияти шӯроҳоро бовар кунонданд, ки халқи тоҷик дар Осиёи Марказӣ ҳуқуқи баробар ва болотар аз ҳамаи қавму миллатҳоро доро буда, арзандаи худмухторӣ мебошад. Муборизаҳои сиёсӣ ниҳоят шиддатнок мегузашт, монеаҳо хело зиёд буданд, афроди босаводи озодихоҳ кам буд, вале ақаллияти ҳушёру зирак, ватанхоҳу ватандӯст, ҳомии забону таърих мисли айниҳо, алиевҳо, шириншоҳҳо новобаста ба ҳуҷуми нобаробари иртиҷоъпарастон пирӯз гардиданд ва худмухториро насиб шуда, барои расидан ба ҷумҳурии иттифоқӣ як қадам пеш гузоштанд. Ин пирӯзӣ масъулияти ватанхоҳонаи Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигаронро зиёд намуд ва онҳоро вазифадор кард, ки боз ҳам фаъол гарданд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва барои расидан ба мақсади ниҳоӣ санаду далел ҷамъ оварда, миёни аҳолӣ кор баранд ва шуури сиёсии тоҷиконро баланд бардошта, адолати таърихиро барқарор намоянд.

Бо ҳамин аз соли 1924 то соли 1929 барои Шириншоҳ Шоҳтемур ва ҳамақидаҳояш даври муборизаи нав шурӯъ мегардад. Онҳо барои мустақилияти халқашон кӯшиш карда, миёни аҳолӣ корҳои зиёди таблиғотиро оғоз мекунанд ва барои бедории шуури миллӣ нахустин рӯзномаи «Овози тоҷик» –ро таъсис дода, корҳои сиёсӣ ва истиқлолиятхоҳиро боз ҳам бештар ба роҳ мемонанд.

Соли 1926 Шириншоҳ Шоҳтемур ба муқобили пантуркистон, ки нисбат ба халқи тоҷик сиёсати шовинистӣ мегузарониданд, баромад карда, дар мактубаш ба номи КМ ВКП (б) ва бюрои осиёимиёнагии КМ ВКП (б) таҳти унвони «Дар бораи мавқеи маданӣ–социалӣ ва иқтисодии тоҷикон дар хоки Республикаи Ӯзбекистон» чунин менависад:

«Баъди аз рӯи нишонаҳои миллӣ ва территориявӣ ҷудо кардани Осиёи Миёна дар хоки республикаи Ӯзбекистон қатори дигар миллатҳо тахминан ҳаштсад ҳазор нафар тоҷикон боқӣ монданд, ки бо халқҳиятҳои Ӯзбекистон алоқамандии наздик доранд. Дар замони мавҷудияти республикаи сотсиалистӣ ва дастурҳои мутобиқи Партияи Коммунистӣ оид ба масъалаи миллӣ, шояд ба ёд овардани масъалаи мазкур ва талаб кардани диққати асосӣ нисбат ба ин гурӯҳи аҳолии тоҷик аҷиб намояд, вале ин чизро мавқеи имрӯзаи онҳо тақозо дорад. Ман

вазифаи худ мешуморам, ки дар ин гунна гузориш диққати Комитети Марказии ВКП(б)–ро ба як қатор ҷиҳатҳои масъала ҷалб намоям» [2, с.18].

Ин мактуби таърихии Шириншоҳ Шоҳтемур, ки вазъияти воқеии халқи тоҷикро таҷассум мекард ба ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд ва барои таъсис ёфтани ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон асос гузошт. Баъд аз ин комиссияи алоҳида таъсис ёфт ва масъалаи ташкили ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон ҷиддӣ оғоз ёфт.

Дар ин миён устод Айнӣ ва ҳамфикрони ӯ бо мақолаҳои шуълабори худ мардумро бедор намуда, қадимияти халқи тоҷикро исбот мекарданд ва зиёиёни ватандӯстро дар атрофи худ ҷамъ намуда, барои бедории шуури халқи тоҷик талош менамуданд.

Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигар роҳбарони ҳамонвақта бошад, дар ин солҳо ба корҳои ташкилӣ машғул шуда, барои таҳкими пояҳои ҷумҳурии худмухтор ва таъсиси сохторҳои он талош меварзиданд.

Таҳти роҳбарии Шириншоҳ Шоҳтемур ҷиҳати интихоби пойтахти ҷумҳурии мустақил як гурӯҳ таъсис ёфта, якчанд маротиба ба Душанбе сафар менамоянд ва дар ҷойи холӣ аввалин хишти муассисаҳои ҷумҳуриявиро гузошта, барои бунёди пойтахти ояндаи тоҷикон санги асос мегузоранд. Онҳо бо аспу ароба аз Самарқанду Тошканд лавозимоти кориро оварда, барои бунёди иншоотҳои давлатӣ иқдом мегиранд. Ҳамзамон чопи рӯзномаву маҷаллаҳоро назорат карда, дар таҳия ва чопи мақолаҳои озодандешона мусоидат менамуданд. Ба ғайр аз ин миёни аҳолӣ таблиғот бурда, бо маърӯзаҳои инқилобӣ ва ватандӯстона баромад мекарданд ва барои босавод кардани аҳолӣ ҷиҳати таъсиси мактабҳои маҳви бесаводӣ кӯшиш ба харҷ медоданд.

Бешак, хидмати Шириншоҳ Шоҳтемур дар ҳамон давра фарох ва доманадор буда, ӯ ташкилотчии бомаҳорат ба ҳисоб мерафт ва дар ҳалли масъалаҳои душвортарин мусоидат менамуд. Доир ба ин паҳлӯи шахсияти Шириншоҳ Шоҳтемур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд:

«Маҳорати баланди ташкилотчигии Шириншоҳ Шоҳтемур ҳангоми адои вазифаҳои душвор дар ҷорӣ намудани арзишҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ, барҳам додани бесаводии омма, наҷот додани аҳолӣ аз гуруснагӣ, тарбияи кадрҳои ҷавон, рушди заминаҳои фарҳанги миллӣ, таҳкими мақому манзалати зан дар ҷомеа, бунёди сохтори маориф, рушди хизматрасонии тиббӣ ва монанди инҳо баръало зоҳир мегардид» [3, с.323].

Дар воқеъ, саҳми Шириншоҳ Шоҳтемур баробари ташкил намудани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон инчунин дар поягузории матбуоти тоҷик бениҳоят бузург буда, маҳз бо кӯшиши ӯ ва дигар зиёиёни бедордили тоҷик нахустин рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ –«Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Раҳбари дониш» таъсис ёфтаанд.

Хидмати Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамзамон дар нашри асари мондагори устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», ки дар ҳимояи манфиатҳои милливу фарҳангии тоҷикон аҳаммияти ҳалкунанда бозид, низ назаррас мебошад. Маҳз бо пешниҳоди Шириншоҳ Шоҳтемур устод Айнӣ ба ин кори ниҳоят сангин, вале пурифтихор даст зада, дар як муддати кӯтоҳ барои исботи қадимияти халқи тоҷик ва соҳиби девону дафтар будан ин тазкираи арзишмандро таълиф мекунад ва рақибони сиёсии замонро ҳушдор месозад, ки тоҷикон қавми бумӣ буда, забон, фарҳанг ва адабиёти куҳан дорад ва тайи ҳазорсолаҳо ба халқаш хидмат менамояд. Ин асари комилан пурахаммият асос гардид, ки ҳастии халқи тоҷик таърихан исбот шавад ва талошҳои ғаразноки гурӯҳҳои миллатчиёни ҳангомаҳоҳ барбод равад. Тазкираи мазкур инчунин асолати мавҷудияти забони тоҷикӣ ва халқи тоҷикро равшан сохт ва давраҳои ташаккули онҳоро дар ҷараёни таърихӣ дар миёни қавму миллатҳои Осиёи Миёна сареҳу ошкор гардонид.

Шириншоҳ Шоҳтемур ба таърих, санъат, фарҳанг ва адабиёти халқаш эҳтироми хоса дошт ва дар ин самт корҳои шоистаеро ба анҷом расонида, ба бузургони гузаштаи адабиёту санъат арҷ мегузошт.

Соли 1934 бо ташаббуси Шириншоҳ Шоҳтемур ҷашни 1000 –солагии Ҳаким Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе таҷлил гардид. Дар ҷумҳурӣ якчанд рисолаҳои илмӣ чоп шуда, мақолаҳои зиёд дар бораи шахсияти Фирдавсӣ ва ҳамасрони ӯ интишор шуданд. Бо ин восита мардуми тоҷик бештар ба мазмуну мундариҷаи достонҳои «Шоҳнома» ошноӣ пайдо карданд ва маҳбубияти ӯ миёни халқ бештар гардид. Устод Айнӣ яке аз аввалинҳо шуда, барои муаррифии шахсияти Фирдавсӣ рисолаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» –ро эҷод

намуд ва нақши ин адиби ватандӯстро дар зинда нигоҳ доштани таърих ва осори қадимаи халқи тоҷик беназир донист.

Дар замоне ки номи тоҷик аз дафтару девон ва ҳатто забонҳо афтода буд ва аксари тоҷикон таҳти таъқиби шадид қарор доштанд, Ширишоҳ Шоҳтемур барин фарзандони нотарсу далер худро боифтихор тоҷик эълон карданд ва миллату забонашонро ҳифзу ҳимоя намуданд. Вай дар ҳама ҳолат як посух дошт: «Дар куҷое бошам, бо тоҷикон бошам».

Ин шиори ватандӯстона то лаҳзаҳои охирини умр ҳамроҳ ва ҳамқадами ӯ буд ва ҳастиаш бо ҳастии миллату забонаш пайванд гардида, қалбаш мисли дили Данко барои халқу Ватан метапид.

Воқеан, Ширишоҳ Шоҳтемур ягона шахсе буд, ки пас аз пирӯзии болшевикон дар Бухоро барои дифои ҳуқуқи тоҷикон аз ҷониби Кумитаи инқилобии шӯравӣ ваколатдор гардид ва ҳамчун мудири бахши тоҷикии Шуъбаи ақаллиятҳои миллии Кумитаи инқилобии Тошканд дар шароити сахти табартақсими ҳудуди миллӣ бо матонату ҷасорат барои таъсиси давлати тоҷикон мубориза бурд.

Ширишоҳ Шоҳтемур инсони матинрода, сарсупурдаи Ватан ва ҳомии роҳи озодӣ ба ҳисоб рафта, хизматҳои арзандаеро барои халқаш ба анҷом расонидааст. Гарчанде ҳасадхӯрону кинаҷӯён ӯро ба миллатчигӣ гунаҳгор карда, қурбони туҳмати ноҳақ гардониданд, вале ӯ наҳаросида, то ба охир дар ақидааш устувор монд ва номи тоҷик ва забони тоҷикиро чун гавҳараки чашм ҳифз намуд.

Охири солҳои панҷоҳум Ширишоҳ Шоҳтемурро «сафед» мекунанд ва ӯ мисли ҳазорҳо тан сарсупурдагони роҳи озодӣ ва истиқлолиятхоҳон аз бадномӣ раҳо меёбад. Боз аз сари нав кору пайкори онҳо вирди забонҳо мегардад. Мутаассифона, то фаро расидани даврони истиқлолият барои хотираи неки ӯ танҳо як чорабинӣ доир шуда буду халос.

Хушбахтона, хидматҳои шоистаи Ширишоҳ Шоҳтемур ва бисёре аз ҳамсафони ӯ танҳо баъди ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ қадр мегарданд ва ба кору фаъолият ва заҳматҳои кашидаи онҳо баҳои воқеӣ дода мешавад.

Махсусан, бо ташаббус ва ибтикори бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми ин шахсияти таърихӣ баланд бардошта шуд ва корномаи таърихии ӯ аз нав муаррифӣ гардид. Ба ин хотир дар ҷумҳурӣ дар сатҳи баланд 100 –солагии Ширишоҳ Шоҳтемур ҷашн гирифта шуд ва хидматҳои вай ба ордени «Дӯстӣ» қадрдонӣ гардид. Сарвари давлат ҷиҳати иштирок дар ин чорабинӣ ба шаҳри Хоруғ сафар намуда, дар миёни фаъолон ва сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон суханронӣ карданд ва аз нақши бузурги ин чеҳраи сиёсӣ дар таъсису бунёди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон изҳори назар намуданд. Дар ин суханронӣ эълон карданд, ки барои пос доштану абадӣ гардонидани хотираи Ширишоҳ Шоҳтемур Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи ин шахсияти таърихӣ гузошта шавад. Пасон, дар маросими пардабардорӣ аз пайкараи Ширишоҳ Шоҳтемур дар Боғи марказии шаҳри Хоруғ иштирок карда, дар назди он гулчанбар гузоштанд.

Соли 2006 бошад, бо дарназардошти хидматҳои таърихӣ ва ҷоннисории ин фарзанди барӯманди халқи тоҷик дар қатори дигар абармардон Пешвои миллат ба Ширишоҳ Шоҳтемур унвони олии Ватан –Қаҳрамони Тоҷикистонро қадр карданд.

Бо иқдоми бузургворонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо хизматҳои шоистаи Ширишоҳ Шоҳтемур қадрдонӣ гардиданд, балки армонҳои ношикастаи ӯ амалӣ шуданд.

Соли 2019 Сарвари давлат ташаббуси роҳбарияти вилоятро дастгирӣ карда, нақшаи чорабиниҳоро ба муносибати 120 –солагии Қаҳрамони Тоҷикистон –Ширишоҳ Шоҳтемур дастгирӣ карданд ва дар ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилоят якчанд маъракаҳои муҳим роҳандозӣ шуданд. Байни мактаббачагони вилоят озмуни иншои беҳтарин доир ба шинохти ин шахсияти таърихӣ доир гардид. Театри шаҳри Хоруғ намоишномаро дар бораи корнамоии Ширишоҳ Шоҳтемур омода карда, дар маркази ноҳияҳои вилоят онро ба маърази тамошо гузошт. Инчунин доир ба шахсияти Ширишоҳ Шоҳтемур рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ интишор шуда, дар шаҳри Хоруғ конференсияи ҷумҳуриявӣ оид ба мақоми барҷастаи Ширишоҳ Шоҳтемур дар бунёди давлатдории тоҷикон доир гардид. Дар ин конференсия бори дигар таъкид шуд, ки хидматҳои Ширишоҳ

Шоҳтемур дар таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон беназир буда, кору пайкори шоистаи ӯ ҳеҷ гоҳ аз хотираи халқи тоҷик дур нахоҳад шуд.

Бешак, Шириншоҳ Шоҳтемур намунаи барҷастаи фарзандони диловари тоҷик мебошад, ки дар солҳои мудҳиштарину сахттарин ҷонбозиҳо карда, номуси ватандорӣ ва парчами миллиро баланд бардошт, халқашро ҳимоя намуд ва бо дастгирии ҳамсафону ҳамфикронаш адолати таърихиву сиёсиро барқарор кард. Ҳамин андешаҳо дар мисраъҳои шеърии Ато Мирҳоҷа боз ҳам самимона садо медиҳанд:

На зиндааш талаби қасру ҳур кард зи халқ,
На мурдааш талаби чӯбу гӯр кард зи халқ.
Барои зиндаи мо по фишурд Шириншоҳ,
Барои мурдаи мо ҷон супурд Шириншоҳ [1, с.15].

Умедворем, ки зиндагиномаи ин марди таърихӣ барои насли имрӯзу фардо намунаи олии мактаби бузурги хештаншиносӣ, ватанпарварӣ ва ҷавонмардӣ боқӣ хоҳад монд.

АДАБИЁТ

1. Ато Мирҳоҷа. Ишқ ва ашк. –Душанбе: Нодир, 2003. –200 с.
2. Шириншо Шоҳтемур. Сарбози ҳақиқат / Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. –Душанбе: Ирфон, 1991. –400 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. –Душанбе: «ЭР–граф», 2016. –364 с.

ШИРИНШО ШОТЕМУР И ЕГО ВКЛАД В ЗАЩИТЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ ТАДЖИКОВ

В статье изучению подвергается неоценимый вклад Героя Таджикистана Шириншо Шотемура в деле защиты национальных интересов таджикского народа. На основе первоисточников и исторически фактов показан процесс и результат активной деятельности Шириншо Шотемура за исконные права своей нации. Отмечается роль Шириншо Шотмемура в основании новой столицы таджикской государственности, его организаторские способности в деле социального и культурного развития Таджикистана. Подчеркивается, что за свое великое служение на благо возрождения страны –Президент Республики Таджикистан, Лидер нации Эмомали Рахмон в 2006 году присвоил Шириншо Шотемуру высокое звание Героя Таджикистан.

Ключевые слова: *Эмомали Рахмон, Шириншо Шотемур, Таджикистан, таджики, права таджиков, национальное самосознание, национальный интерес, патриотизм*

SHIRINSHO SHOTEMUR AND HIS CONTRIBUTION TO PROTECTING THE NATIONAL INTERESTS OF TAJIKS

The article examines the invaluable contribution of the Hero of Tajikistan Shirinsho Shotemur in protecting the national interests of the Tajik people. On the basis of primary sources and historical facts, the process and result of Shirinsho Shotemur's activity for the ancestral rights of his nation is shown. The author notes the role of Shirinsho Shotmemur in the Foundation of the new capital of the Tajik state, his organizational skills in the social and cultural development of Tajikistan. It is emphasized that in 2006, President of the Republic of Tajikistan, Leader of the nation Emomali Rahmon awarded Shirinsho Shotemur the high title of Hero of Tajikistan for his great service for the revival of the country.

Keywords*: Emomali Rahmon, Shirinsho Shotemur, Tajikistan, Tajiks, rights of Tajiks, national identity, national interest, patriotism*

Сведения об авторе:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз *–академик Национальный академии наук Республики Таджикистан, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и современной таджикско–персидской литературы Таджикского национального университета. Тел.: (+992 37) 2216500; rahmonov_a@mail.ru*

About the author:

Rakhmonzoda Abdujabbor Aziz *–academician of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Tajik–Persian literature of the Tajik National University. Phone: (+992 37) 2216500; rahmonov_a@mail.ru*

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТАЪСИСИ ПОЙТАХТИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН

Ганҷакова М.Г.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Пойтахт воқеан гаҳвораи камолот ва инкишофу пешрафти миллат буда, ягон давлати соҳибтамаддун ва кишвари олам бе маркази тавонои илмиву фарҳангӣ вуҷуд дошта наметавонад. Миллати соҳибфарҳанги тоҷик, ки ҳазорҳо сол қабл аз ин дорои низоми хосаи давлату давлатдорӣ ва пойтахтҳои ободу фарҳангпарвар буд, бо оини деринаи шаҳрсозиву шаҳрдорӣ, инчунин бунёди марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ шӯҳрати оламгир ёфтааст.

Пойтахти Тоҷикистон–шаҳри Душанбе таърихи рангину тӯлонӣ дорад ва барои ҳар яки мо таҷрибаи беҳамтои эҷодию созандагии халқи тоҷик, маҳз дар симои он таҷассум гаштааст.

Аз таърих бармеояд, ки баъди тақсимоти миллӣ–ҳудудӣ ягон шаҳри бостониву фарҳангии тоҷикон ба мисли Бухорову Самарқанд ва то соли 1929 Хуҷанд ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон шомил нагардид, ки ба ҳайси пойтахти ҷумҳурии навтаъсис интихоб гардад. Аммо халқи тоҷик аз ин бохти таърихӣ рӯҳафтода нашуда, баҳри эъмори пойтахти ҷумҳурии навтаъсис дар симои Душанбе камари ҳиммат баст. 15 марти соли 1925 деҳаи хурди Душанбе маркази маъмурии ҶМШС Тоҷикистон эълон гардид, [1, с.377] ки маҳз аз ин лаҳзаи хотирмон таърихи созандагиву шаҳрсозии тоҷикон ибтидо меёбад.

Бояд таъкид намоем, ки заминаи аввали давлатсозии тоҷикон ва бунёди пойтахти он –шаҳри Душанбе давраи муборизаҳои шадид баҳри эъмори ҳаёти сиёсию давлатӣ ва дифои ҳуқуқҳои маънавии миллати тоҷик маҳсуб меёбад. Миллати куҳанбунёди тоҷик файзи муташаккилии воқеиро эҳсос намуда, онро дар мубориза барои сохтани пойтахту давлат ва фарҳанг амалӣ намуд. Давлати порашуда, марказҳои илмиву фарҳангии аздастрафта ва миллати парокандаро маҳз ин мардуми ташнаи истиқлолияту соҳибихтиёрӣ ба гирд овардан сар карда, тоҷиконро дар қаламрави маҳдудтари сарзамини аҷдодӣ муттаҳид намуд. Халқи тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ шаҳру пойтахтҳое бунёд кардааст, ки ҳамто надошта, мавриди таваҷҷӯҳи оламиён қарор гирифтааст. Суннатҳои шаҳрдорӣ ва санъати меъмории тоҷикон, ки хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ дошта, то замони мо боқӣ мондааст, ки беист дар симои Душанбеи имрӯза ҷилвагар мебошад.

Душанбе шаҳри ҷавони кӯҳанбунёдест, ки шоҳиди бисёр воқеаҳои таърихӣ, падидаҳои сиёсию фарҳангӣ, рӯзҳои вазнину фоҷиабор ва шодмонию ҷашнҳо мебошад. Пойтахти Тоҷикистон –шаҳри Душанбе оинаи таъриху зиндагии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон аст [7, с.13].

Аввалин раиси шаҳри Душанбе Абдукарим Розиқов (1925–1932) маҳсуб меёбад, ки барои аз як деҳоти назарногир ба маркази маъмурию фарҳангӣ табдил додани он хеле кӯшишу ғайрат намудааст. Худи ӯ шахсан ба бинокорону муҳандисон ва олимон чандин маротиба сӯҳбату мулоқот намудааст, то ин ки дар Душанбе сохтмони иншооту биноҳои нав ба роҳ монда шавад ва шаҳр ҳар чӣ зудтар симои пойтахтро ба бар намояд. Бо ташаббуси он соли 1926 гурӯҳи меъморону муҳандисони сохтмон ба Душанбе омаданд, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо нақшаи нахустини сохтмони шаҳрсозӣ таҳия гардид. Агар соли 1920 дар Душанбе 14–16 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекард ва ибтидои соли 1925 тахминан ҳазор нафар боқӣ монда буд, зеро бештари сокинон бо сабаби 15 марти соли 1925 баргузор ва ба кори худ шурӯъ намудани аввалин Шӯрои интихоботии вакилони коргарон, деҳқонон ва Аскарони сурх шаҳрро тарк намуда буданд. Шӯрои шаҳр аз шӯъбаҳои маорифи халқ, тандурустӣ, хоҷагии коммуналӣ, таъминоти иҷтимоӣ, молиявӣ, савдо, фарҳангӣ, саноат ва меъмории маҳаллӣ иборат буд [1, с.378].

Ба ҳукумати навтаъсиси халқи тоҷик ва Шӯрои шаҳрии Душанбе лозим омад, ки сохтмони пойтахти ҷумҳурии худро аз ҷои холӣ оғоз намуда, биноҳои аввалини маъмурӣ, мактабҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, табобатӣ, хонаҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳо бунёд намоянд. Вале гузариш ба ҳаёти осудаҳолона кафолати амнияти шаҳрвандонро таъмин карда наметавонист. Дар гӯшаю канори Душанбеи навбунёд боқимондаи дастаҳои зиддишӯравӣ амалиёти ҷангиро идома медоданд. Вале ба муташанниҷии вазъияти сиёсӣ нигоҳ накарда, меъморони шаҳр дар мӯҳлати кутоҳ, роҳи инкишофро аз иморатҳои як ошёнаи похсагӣ, қамишӣ, бо тангкӯчаҳои каҷу килеб оғоз намуда, то бунёди хиёбонҳои ободу биноҳои нав оварда расонд [1, с.378], ки аз рушди бемайлони шаҳрсозӣ дар замони мухторият шаҳодат медиҳад.

Моҳи марти 1925 дар майдони назди бозори собиқ «Баракат» (ҳозира Осорхонаи миллӣ) хоначаи начандон калон, ки аз се ҳуҷра, утоқи духтур, қабули беморон ва дорухона иборат буд,

аввалин касалхона ба истифода дода шуд.

Ба пойтахт мубаддал гардидани шаҳри Душанбе вақти зиёдро дар бар нагирифта бошад ҳам, ҳукуматдорони он дар хусуси маънавиёт ва саломатии меҳнаткашон ғамхорӣ зоҳир намуда, аллакай моҳи октябри соли 1926 қарор «Дар бораи тартиби фурӯши нушокиҳои спиртӣ» ва сипас моҳи ноябри худи ҳамон сол «Дар бораи мубориза ба муқобили мастӣ» қабул намуданд. Ҳукуматдорон қоидаҳои савдои нушокиҳои спиртдор ва рафтори шаҳрвандонро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ тартиб доданд [1, с.378], ки натиҷаи амалигардии он боиси баланд шудани маданияти шаҳрдории сокинони пойтахт гардид.

Соли 1925 дар шаҳри Душанбе барои расонидани мукотибот тавассути нақлиёти ҳавоӣ аввалин фурӯдгоҳ, ки он вақт аэростансия номида мешуд, сохта шуд. Бинои хизматрасонии он дар заминкани бо қамиш пӯшонидашуда ҷой гирифта буд. Инчунин ду заминкани дигар мавҷуд буд, ки дар яке захираи сӯзишворӣ нигоҳ дошта мешуд ва дар дигаре посбонон ҷой гирифта буданд. Қайд намудан лозим аст, ки айни замон дар ҷойи аэростансияи онвақта бинои матбааи «Матбуот», Академияи илмҳо ва Вазорати адлия воқеъ гардидаанд.

Барои расонидани маводҳои сохтмонӣ аз Узбекистон ба Душанбе ҳанӯз то инқилоб ду шоҳроҳи асосӣ бунёд ёфта буданд. Аввалинаш аробагард ба ҳисоб рафта, он аз тарафи ғарб, бо самти Ғузор – Душанбе тавассути Деҳнав, ба дарозии 290 км роҳ меомад. Дигараш аз Тирмиз оғоз ёфта, тавассути соҳилҳои дарёҳои Аму ва Панҷ гузашта, то Сарой Камар (имрӯза Панҷ) ё аз Вахш то Ҷиликул рафта мерасид. Аз ин нуқтаҳои аҳолинишин то Душанбе низ роҳи аробагард кашида шуда буд. Дарозии умумии шоҳроҳи ҷанубӣ 270 км–ро ташкил медод. Ба ивази Шоҳроҳи ғарбӣ соли 1925 аз Сари Осиё то Душанбе роҳи аввалини автомобилгард гузаронида шуда буд, ки ба воситаи он бо автомобилу аробаҳо кашонидани масолеҳи сохтмониро оғоз намуданд [3, с.27]. Дере нагузашта аз ҷониби Артиши Сурх ин роҳи автомобилгард такмил дода шуда, аз Душанбе то Кофарниҳон роҳи автомобилгард гузаронида шуда ва то Қурғонтеппаю Ҷиликул сохтмони шоҳроҳи нав оғоз ёфт [3, с.27]. Дар ҳамин сол аз болои дарёи Душанбе аввалин купрӯки калони чӯбин сохта шуд, ки айни ҳол аз хиёбони Исмоили Сомонӣ купрӯки ҳозиразамон мегузарад.

2 декабри соли 1925 дар ҷаласаи васеи Раёсати Кумитаи инқилобӣ натиҷаи аввалини корҳои маъмурияти шаҳр ҷамъбаст гардид. Дар он қайд шудааст, ки дар Душанбе 3 мактаби ибтидоии дорои 123 хонанда ва беморхонаю дармонгоҳ кушода шудаанд. Шумораи аҳолии шаҳр то 1660 нафар афзоиш ёфтааст. Агар аҳолии деҳот низ ба ҳисоб гирифта шавад, он гоҳ шумораи он чандин маротиба зиёдтар мегашт, зеро ба Шӯрои шаҳри Душанбе якчанд ҷамоатҳо — Роҳатӣ, Янгиқурғон, Қиблаӣ, Мазори Мавлоно, Симиганч, Варзоб, Чорбоғ, Лучоб, Чоряккорон ва Шайнак низ шомил буданд. Барои ҳамин Шӯрои туману шаҳрӣ аз рӯзи ташкил ёфтанаш дар давоми чор сол бо номҳои гуногун: Шӯрои туману шаҳрӣ, Шӯрои уезду шаҳрӣ, Шӯрои ноҳиявию шаҳрӣ номида мешуд. Қайд намудан лозим аст, ки танҳо дар моҳи октябри соли 1929 шаҳри Душанбе аз ноҳияҳои наздики худ чун воҳиди маъмурии мустақил ҷудо карда шуд [1, с.379].

Моҳи феврали соли 1926 дар Душанбе аввалин шӯъбаи алоқа таъсис ёфта буд. Дар ибтидо барои ҷойгир кардани шӯъбаи алоқа бино ёфт нашуд ва он зери чанори калон дар минтақаи собиқ бозори «Баракат» (ҳозира Осорхонаи миллӣ) ҷойгир карда шуда буд. Пас аз се моҳ шӯъбаи алоқаро дар хоначаи начандон калон, каме дуртар аз ҳамон чанор ҷой доданд. Ба ихтиёри сардори шӯъбаи алоқа асп бо ароба ҷудо карда шуд.

Моҳи сентябри соли 1926 аз тарафи меъморони ба Душанбе омада, бо сарварии П.И. Ваулин навори топографии шаҳр бардошта шуда, нақшаи аввалини пойтахт тартиб дода шуд.

Сохтмони биноҳои аввалин дар шароитҳои хеле душвор — нарасидани оддитарин маводҳои сохтмонӣ мегузашт. Комиссариатҳои халқ (вазоратҳо)–и Тоҷикистон дар кулбаҳои похсагин, ки аз ду–се ҳуҷраи фаршашон хокӣ иборат буданд ва аз хонаҳои истиқоматӣ бо тирезаҳои на он қадар калони шишагин фарқ мекарданд.

2–ноябри соли 1926 дар ҷаласаи Раёсати Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (суратҷаласаи № 23) нақшаи аз ҷониби меъморон тартибдодаи шаҳри Душанбе аз назар гузаронида шуда ва доир ба номи аввалин кӯчаҳои шаҳр қарор қабул карда шуд. Дар он гуфта мешуд, ки «ноҳияҳои зерини кӯчаҳои Душанбе — Ленин, Коммунистӣ, Комсомол, Интернатсионал, Советӣ, Карл Маркс, Деҳқон, Қурғонтеппа ва ҳамагӣ 18 номгуй тасдиқ карда шавад». Бо ин мақсад дар мӯҳлати ду ҳафта лавҳачаҳо бо номгӯи кӯчаҳо бо забонҳои русию тоҷикӣ тайёр карда шуда ва дар гӯшаи кӯчаҳо часпонда шуданд. Ба ғайр аз ин дар Душанбе ду майдон ташкил карда шуда буд, ки номи Озодӣ (сипас майдони ба номи Ч. Путовский) ва 1–май (сипас бо номи М. Фрунзе, Советӣ, Дӯстии халқҳо,

ба номи В. И. Ленин, Озодӣ ва ҳоло Дӯстӣ)–ро гирифтаанд.

Аз 1 то 12 декабри соли 1926 дар Душанбе Анҷумани 1–уми Муассисони Умумитоҷикони Шӯрои вакилони коргарон, деҳқонон ва Аскарони Сурхи ҶМШС Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар натиҷа Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ваколати худро вогузор намуд [1, с. 387]. Анҷуман барномаи минбаъдаи сохтмони хоҷагии халкро муайян карда, дар хусуси ташкил кардани ҶМШС Тоҷикистон Эъломия қабул намуда, онро ба расмият даровард, ки барои инкишофи раванди ҳамаҷонибаи хоҷагии ҷумҳурӣ хеле муҳим буд. Дар охири соли 1926 миқдори сокинони шаҳри Душанберо 5–6 ҳазор нафарро ташкил медод.

Ба шарафи баргузоршавии Анҷумани Муассисони Умумитоҷикон дар майдони Озодӣ аввалин мучассама дар Тоҷикистон — ҳайкали В.И. Ленин, ки ба воситаи аробаҳо аз Бухоро оварда шуда буд, дар Боғи Марказии фарҳангию фарогатии пойтахт соли 1926 гузошта шуд.

27–апрели соли 1927 Шӯрои комиссарони халқи ҶМШС Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони шаҳри Душанбе» қарор қабул намуд, ки барои шаҳрсозии мураттаб аз рӯи барнома замина муҳайё намуд. Соли 1927 аз рӯи лоиҳаи меъмор П.И. Ваулин дар Душанбе аввалин қасри бошукӯҳ барои гузаронидани анҷуман, конференсия ва ҷаласаҳои гуногун — Қасри деҳқон дар назди бинои Театри драмавии русӣ ба номи В. Маяковский сохта шудааст. Соли 1928 ҷанубтар аз кинотеатри ҳозираи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ бинои Кумитаи иҷроияи Марказии ҶМШС Тоҷикистон сохта шуд.

Моҳи апрели соли 1929 ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон округи Хуҷанд дохил шуд. 16 октябри соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон мубаддал ёфта, ба ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ ҳамчун ҷумҳурии мустақил шомил гардид [1, с.387].

Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон дар роҳи минбаъдаи давлатдории халқи тоҷик давраи муҳим маҳсуб меёфт. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҷумҳурии нав пайдо гашт, ки пойтахти он шаҳри Душанбе таъйин гардид.

19 октябри соли 1929 Анҷумани фавқулоддаи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон дар хусуси табдил додани номи Душанбе ба Сталинобод қарор қабул намуд. 1 декабр Раёсати КИМ ИҶШС ба қарори Анҷумани фавқулоддаи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон дар хусуси табдил додани номи шаҳри Душанбе ба Сталинобод ризоият дод [1, с.387]. Дар табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ шахсиятҳои барҷаста А.Муҳиддинов, Ш.Шоҳтемур, Н.Махсум, В.Толпиго ва А.Дяков хизмати бузург намуданд.

Мавқеи муҳимро дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ–иқтисодии ҷумҳурӣ соли 1929 сохта ба истифода додани роҳи оҳани Тирмиз –Душанбе иҷро менамуд, ки минбаъд маркази ҷумҳуриро ба шаҳрҳои Тошкент ва Москва пайваст намуд. Дар натиҷаи бо шаҳрҳои марказӣ пайваст гардидан, вазъи иқтисодӣ–иҷтимоии шаҳр тағйир ёфта, то андозае сохтмони саноати сабук ва хӯрокворӣ ба роҳ монда шуд. Маҳз аз ҳамин давра болоравии қатъии иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон оғоз меёбад. Ба воситаи қаторахои аввалин барои сохтмони заводҳо ва тайёр намудани хишти пухта, оҳану бетон таҷҳизоти зарурӣ оварда шуд. Маҳз ҳамин давра аз Россия ба Душанбе омадани ҳазорҳо коргарон, садҳо муҳандисон, омӯзгорон, духтурон ва мутахассисони дигар касбу кор оғоз ёфт.

Дар баробари он сохта ба истифода дода шудани як қатор омӯзишгоҳҳои миёнаи махсус ва баъдан мактабҳои олӣ барои пешрафти хоҷагии халқ, мутахассисони аввалин — омӯзгорон, кормандони тиб, техникҳо ва муҳандисҳоро тайёр менамуданд, ки ҳамзамон боиси рушд ва густариши фарҳанг гардид. Соли 1929 дар заминаи маҳфили бадеии худфаъолиятӣ нахустин театри касбии тоҷик — Театри академӣ–драмавии ба номи А. Лоҳутӣ таъсис ёфт. Аз ҳамин давра ҷараёни эҳёи санъати тоҷик оғоз ёфта, мактаб ва омӯзишгоҳҳои мусиқавӣ кушода шуда, озмунҳои бадеии худфаъолиятӣ баргузор мегардиданд.

Соли 1930 Ҳукумати Тоҷикистон аввалин лоиҳаи банақшагирии шаҳри Душанберо тасдиқ намуд [6]. Соли 1930 дар Душанбе аввалин муассисаи илмии Тоҷикистон — Кумитаи тоҷикшиносӣ кушода шуд, ки дар соҳаи забон, адабиёт, таърих ва мардумшиносии халқи тоҷик ба кори илмию тадқиқотӣ оғоз намуд. Соли 1932 Базаи тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС таъсис дода шуд. Дар ибтидо Базаи тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС дар бинои китобхонаи давлатӣ ҷойгир, соли 1936 ба бинои Стансияи метереологӣ гузаронида шуд, ки ба он чор ҳуҷра ҷудо гардида ва соли 1938 ба биное оварда шуд, ки дар назди Бонки давлатӣ сохта шудааст [1, с.397].

Моҳи феврали соли 1930 дар ҷаласаи Шӯрои шаҳрии Душанбе оид ба сохтмони фурудгоҳ дар қафои бинои вокзали роҳи оҳан ва харидорӣ намудани таҷҳизот ба маблағи 100 ҳазор сӯм қарор қабул карда шуд. Аз соли 1931 дар Душанбе ба тарзи доимӣ ду ҳавопаймои Ф–13 ҷойгир гашта, дар назди Шӯрои шаҳрӣ аэроузел ташкил карда шуд. Миёнаҳои солҳои 30–юм фурудгоҳ бо

ҳавопаймоҳои тамғаи АНТ–9, ПС–5, П–5, Стал–2 пурра карда шуд.

Моҳи ноябри соли 1931 президиуми Шӯрои шаҳри Душанбе оид ба пайваст гардидани хати алоқа ба Москва муроҷиат намуд. Ин иқдоми президиуми шаҳрии Душанбе дастгирӣ гардида, трести «Мосрадиострой» дар шаҳр бинои алоқаи мавҷи кутоҳмуддатро бо Тошкент ва Москва пайваст намуд [6].

15 октябри соли 1932 аввалин кинотеатри тобистона ба кор даромад ва моҳи ноябри худи ҳамон сол Расадхонаи астрономии шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз намуд.

20 октябри соли 1936 бинои дуошёнаи нави вокзали роҳи оҳан ба истифода дода шуд, ки дар он толорҳои интизории дараҷаи 1 ва 2, ошхона, хонаи кӯдаку модар ва гушаи иттилоотӣ ҷой гирифта буданд.

Дар охири солҳои 20–ум ва ибтидои солҳои 30–юм бо суръати тез биноҳои нави маъмурӣ ва хонаҳои истиқоматӣ сохта ба истифода дода мешуданд. Вале бешубҳа қайд намудан лозим аст, ки бештарашон хурд, аз ҷиҳати меъморӣ оддӣ, якошёна буданд, вале ба ин нигоҳ накарда, онҳо вобаста ба тақозои давру замони худ дар бобати ҷой гирифтани муассисаҳо ва соҳиби манзили зист гардидани аҳолии афзоишёбандаи пойтахти навбунёд нақши азим бозиданд.

Дар нимаи аввали солҳои 30–юм аз рӯи лоиҳаи меъмор П.И. Ваулин дар Душанбе нахустин биноҳои дуошёна –Кумитаи шӯрои халқӣ, рӯ ба рӯи бинои Ҳукумати шаҳр ва Комиссариати халқии кишоварзӣ, имрӯза бинои Вазорати адлия сохта шуд. Соли 1934 дар кӯчаи собиқ ба номи Куйбешев, имрӯза хиёбони ба номи академикҳо Рачабовҳо аввалин мактаби тоҷикии дуошёна сохта шуд, ки ҳоло дар он бино Осорхонаи бостоншиносии Тоҷикистон ҷой гирифтааст. Моҳи июни соли 1935 дар кӯчаи Лоҳутӣ, айни ҳол хиёбони Рудакӣ ба сохтмони бинои Кумитаи Марказии ҳизби Коммунистии Тоҷикистон оғоз намуданд. Дар худи соли 1935 бинои Бонки давлатӣ –Бонки Миллии Тоҷикистон ба истифода дода шуд.

Дар ибтидои солҳои 30–юм таҳти шиори «Шаҳрро ба боғи сарсабз табдил медиҳем» рӯзномаҳо интишор мегардиданду барномаҳои пагоҳирӯзии радио оғоз меёфтанд. Сокинони пойтахт ин даъватро рӯҳбаландона ҷонибдорӣ менамуданд. Баҳри амалигардонии шиори мазкур соли 1934 дар Душанбе 73 ҳазор, соли 1935— 120 ҳазор дарахту бутта шинонда шуда буд.

Ҳукумати Тоҷикистон 3 –юми марти соли 1938 нахустин лоиҳаи генералии шаҳри Душанберо тасдиқ намуд *[6]*.

То миёнаи солҳои 30–юм қариб 50 км кӯчаю хиёбонҳо сангфарш карда шуданд, ки 472 чароғ онҳоро равшан мекарданд. Соли 1936 бори аввал роҳҳои пиёдгарди кӯчаҳои Ленин ва Лоҳутӣ асфалтпӯшу бетонкорӣ карда шуданд. Дар хусуси ғамхории Ҳукумати Шӯрои шаҳр оид ба беҳдошти Душанбе, қарори Шӯрои шаҳр аз 11 июни соли 1934 таҳти №13 «Дар бораи тоза намудани ҷуйҳо» шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи ташкилот, корхона, муассиса ва шахсони алоҳидаро дар бобати тоза нигоҳ доштани муҳити пойтахт ӯҳдадор менамуд.

3–марти соли 1938 Ҳукумати Тоҷикистон нақшаи генералии шаҳри Душанберо, ки аз тарафи меъморони ленинградӣ М. Баранов, Н. Баранов, муҳандисон Г. Ситко ва Шелейховский таҳия гардида буд, тасдиқ намуд [6]. Вале аллакай дар соли 1939 сохтмончиёни пойтахт ба соҳили рости Душанбе қадам ниҳоданд. Ҷавонони шаҳр ба сохтмони кули Комсомол ва боғи он шурӯъ намуданд.

23 январи соли 1939 бо Фармони Раёсати Шӯрои вазирони ҶШСТ дар Душанбе се ноҳияи маъмурӣ —*Душа*нбе (соли 1961 ноҳияи Октябр), Марказӣ (соли 1999 —ноҳияи Исмоили Сомонӣ), ва Роҳи Оҳан таъсис дода шуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) як қатор корхонаҳои соҳаи озуқаворӣ ва Канали Калони Ҳисор дар шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор гирифтанд. Аз минтақаҳои ғарбии ИҶШС ба пойтахти Тоҷикистон якчанд корхонаҳои саноатӣ — фабрикаи бофандагии Люберес, комбинати пиллакашии Москва, заводи собунпазии Харков кӯчонида оварда шуданд. Умуман, ҳаҷми махсулоти саноатии пойтахт дар охири соли 1945 нисбати соли 1940 2,5 маротиба афзуд. Заводу фабрикаҳои кӯчонида овардашуда дар ҷои нав бо мӯҳлати кутоҳтарин барқарор карда мешуданд. Кор ба таври шабонарӯзӣ бурда шуда, рӯзи кории 12–14 соатаро ташкил медод [2, с.60].

Дар нимаи дуюми солҳои 40–ум сохтмони муҷтамаи зебое, ки сохтмонаш аз соли 1939 оғоз ёфта буд, ба охир расид. Нақши асосиро дар он театри Академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ, майдони ба номи 800–солагии Москва, меҳмонхонаи «Вахш» ва бинои истиқоматии сеошёна бо мағозааш мебозиданд [2, с.126].

Соли 1947 Ҳукумати Тоҷикистон оид ба таҳияи нақшаи нави генералии сохтмони Душанбе барои 230 ҳазор истиқоматкунанда, қарор қабул намуд [2, с.127].

1 майи соли 1955 дар кӯчаҳои марказӣ пайдо гаштани аввалин троллейбусҳо, ки дар хати ҳаракати «Вокзали роҳи маҳаллаи Шимол» рафтуомад мекарданд, сокинони шаҳрро мутаҳайир сохта буданд *[6]*.

Мувофиқи қарори Кумитаи иҷроияи шаҳри Душанбе таҳти № 51 30 январи соли 1962 комиссияи шаҳрӣ бо иштироки Кумитаҳои иҷроияи ноҳияҳо номи бештари кӯчаҳоро аз назар гузаронида, ба номгузории кӯчаю гузарҳо мутобиқан тағйирот даровардaнд. Дар натиҷа номгузории 3 хиёбон, 284 кӯча, 134 гузар, 34 тангкӯча, 20 кӯчаи сарбаста тасдиқ гардид. Моҳи декабри соли 1963 бо қарори Кумитаи иҷроияи шаҳр таҳти № 668 доир ба номгузории кӯчаҳои пойтахт ислоҳот гузаронида шуд. Дар ин маврид миқдори кӯчаҳо ба 314 ва гузарҳо ба 168 адад расида, зиёда аз 80 кӯча номи навро соҳиб гадиданд [2, с.140].

Соли 1964 аз ҷониби меъморони Тоҷикистон «Муқаррароти асосии инкишофи шаҳри Душанбе барои солҳои 1965–1980» зери муаллифии В.Пекарский, И.Ткачев, С. Самонина, Т. Терешенко, В. Бирюков пешниҳод карда шуд, ки дар ин маврид он барои 460 ҳазор нафар аҳолӣ пешбинӣ шуда буд. Ин муқаррарот дар шакли лоиҳаи сохтмони Душанбе 25 апрели соли 1966 тасдиқ ёфта, барои сохтмони минбаъдаи шаҳракҳои истиқоматӣ дар кӯчаҳои Маяковский, хиёбони Саъдии Шерозӣ, маҳаллаҳои истиқоматии 1 ва 2–юми Советӣ, микрорайони 82 такони сахт буд. Дар ибтидои солҳои 60–ум фурудгоҳ, вокзали роҳи оҳан, меҳмонхонаи «Душанбе», дар Осиёи Миёна калонтарин беморхонаи клиникии № 3 сохта шуданд.

Соли 1971 Пажӯҳишгоҳи илмию давлатии лоиҳакашии шаҳри Душанбе таъсис ёфт, ки тавассути фаъолияти он дар нимаи дуюми солҳои 70–ум ба нақшаи генералии Душанбе то соли 2005 тағйирот даровардa шуд, ки лоиҳаи он 30 декабри соли 1983 бо назардошти 750 ҳазор нафар аҳолӣ зери фаъолияти меъморон В.Бугаев, Н.Головин, Ф.Сайфиддинов, О.Василев, Н.Улянова, муҳандис А.Соин тасдиқ ёфт.

Дар солҳои 70–80–ум кӯча ва хиёбонҳои пойтахтро биноҳои нави бошукӯҳ –Пажӯҳишгоҳҳои бешумори Академияи илмҳо, Вазоратҳо, муҷтамаи ёдгории Садриддин Айнӣ, меҳмонхонаҳои «Тоҷикистон», «Авасто», муассисаҳои фарҳангии Қасри фарҳангии иттифокҳои касаба, комплекси киною консерти «Борбад», сирк, театри бачагонаи лӯхтак, театри ҷавонон ба номи М. Воҳидов, Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода, Донишкадаи тарбияи бадан ва варзиш, Донишкадаи забонҳо оро медоданд [5, с. 80].

Соли 1975 бо Қарори Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз ҳисоби як қисми худуди ноҳияҳои Марказӣ ва Октябр (ҳоло — Исмоили Сомонӣ) дар Душанбе ноҳияи Фрунзе ташкил дода шуд [5, с.80].

Соли 1984 ба муносибати 50–солагии ташкилёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои комёбиҳои хоҷагию фарҳангӣ, ҳамчунин барои саҳми меҳнаткашони тоҷик дар таъмини ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС шаҳри Душанбе бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шуд.

Соли 1985 дар давраи ҷашни 40–солагии ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар биноҳое, ки госпиталҳо ҷой дода шуда буданд — Вазорати молия, меҳмонхонаи «Сталинобод» (ҳоло «Вахш»), мактабҳои миёнаи № 1, 4, 11, 19, 20 ва ғайра лавҳаи ёдгорӣ насб карда шуд.

Имрӯз кулли тоҷикони ҷаҳонро боиси ифтихор аст, ки Душанбе–маркази давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардидааст. Ҳақиқатан шаҳри Душанбе заминаи таърихии хешро ҳамчун пойтахт аз соли 1924 оғоз намуда, маҳз дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайси маркази ҶШС Тоҷикистон рушд ёфта ва замони истиқлолият ба авҷи аъло расида, сазовории баҳогузории баланди созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гардида, симои воқеии хешро ҳамчун пойтахти давлатдории тоҷикон бараъло собит намуд.

Таҳвияти чунин иқдоми созандагӣ дар он собит гардид, ки бахшида ба ифтихори 90–умин солгарди пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе аз ҷониби Форуми байналмилалии «Мегаполис»-и асри XXI бо Дипломи VII–умин озмуни байналмилалии таҷрибаҳои шаҳрии шаҳрҳои ИДМ ва Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё «Шаҳре, ки он ҷо зистан мефорад» –2014 барои ободонӣ, рушди зерсохтори муосири шаҳрӣ ва дар сатҳи олӣ баргузор намудани чорабиниҳои байнидавлатии кишварҳои ИДМ ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай сарфароз гардид [4, с.263].

Ба чунин маъно таҳвият бахшидан зарур аст, ки дар ҳақиқат ин шаҳрест, баҳри кулли тоҷикони ҷаҳон хонаи умед, пойтахти аслии аз давраи аввали таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон маҳсуб ёфта, хотироту саҳифаҳои рангини таърихиро дар бар гирифта, ояндаи дурахшонро баҳри иттиҳоди

Ватану миллат нигарон аст. Дар баробари он қайд намудан лозим аст, ки баҳри баланд бардоштани маданияти шаҳрдорӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ кӯшиш ба харҷ дода, пойтахтро ҳамчун меҳвари асосӣ ва маркази тамаддуни миллӣ ҳифз намоем. Зеро ҳусни пойтахт –ифтихори миллат ва ободию шукӯҳи он маънои ободии кулли сарзамини тоҷиконро дорад. Дар айни замон оид ба ҷанбаҳои ободонию созандагӣ ва азнавсозии шаҳри Душанбе –пойтахти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон корҳои зиёде ба анҷом расида истодааст.

АДАБИЁТ

1. История таджикскоги народа. Т.5. Новейшая история (1917–1941). Душанбе, 2004.–752 с.
2. История таджикского народа. Т.6. Новейшая история(1941–2010) . Душанбе, 2011.–688 с.
3. Назруллоев С. Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917–2013 гг.). Душанбе: Олами дониш, 2014. –183 с.
4. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. Душанбе: Дониш, 2016.–463 с.
5. Пиров Т.Т. Душанбе. Бахшида ба 80–солагии пойтахти ҶТ, шаҳри Душанбе. Москва, 2003. –120 с.
6. Салимзода Н. Бозтоби чанд воқеоти муҳим. // Маромии пойтахт, 17.04.2019. №15 (556).
7. Эмомалӣ Рахмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.Ҷ.6.–Душанбе: Ирфон, 2006. –544 с.

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ СОЗДАНИЯ СТОЛИЦА ТАССР

В развитии государственности развитых стран мира столица, как единый политический, экономический, социальный и культурный центр, играет большую роль и имеет огромное значение. Поэтому город Душанбе –столица независимой Республики Таджикистан занял это место и в национальной историографии дана информация об истории его создания. Создание столицы недавно образованный автономии Таджикистана имеет длительный период, и знать об этом необходимо каждому человеку, любящему свою Родину. Использование научной литературы, имеющей отношение к теме, внесло ясность в некоторые проблемы. В указанной статье говорится о выборе Душанбе как центра ТАССР, о его развитии во времена бывшего Советского Союза и процветание столицы в период независимости.

В данной статье речь идет об историческом значении проблемы материи и ее атрибутах в учении Ираншахри и ар–Рази. На основе изучаемых фактов в статье можно заключить, что согласно Ираншахри, творец вечен и всегда был творцом, а созидание было постоянной его деятельностью. Следовательно, если Бог постоянно находится в состоянии творения, то и его творения также должны быть извечными. Отсюда, если его творения претворяются в первоматерии, то первоматерия также извечна. Ираншахри как Демокрит под неделимыми частицами понимал атомы. Ираншахри считает время текущей и преходящей субстанцией, из чего следует необходимость существования связи между бытием вещей и временем. Само же время есть вечная сущность, непрерывно движущаяся в океане бесконечности. Эта мысль, позже была заимствована Абубакром Рази.

Рази утверждал вечность и изначальность пяти субстанций, в том числе материи. При этом он признавал существование Бога. С учетом этого, учение Рази нельзя считать ни полностью материалистическим, ни идеалистическим. Скорее, оно было дуалистическим. В сущности Рази повторяет и развивает идеи своего предшественника Ираншахри о пяти субстанциях. Но, по словам Насира Хусрава, Ираншахри старался примирить свои философские взгляды с религией, несмотря на то, что его идеи имеют явно материалистический характер. В отличие от Ираншахри, Рази был более откровенен и прямо критиковал пророчество и всякую религию. Поэтому Насир Хусрав жестко критикует его учение. В учении Рази явно ощущается влияние манихейства, с одной стороны, и атомизма древнегреческих мыслителей, с другой.

Ключевые слова: *материя, атрибут, движение, пространство, время, атом, Бог, творение, субстанция, сущность.*

THE HISTORICAL SIGNIFICANCE OF MATTER AND ITS ATTRIBUTES IN THE TEACHINGS OF ABUL–ABBAS IRANSHAHRI AND ABUBAKR AR–RAZI

This article deals with the historical significance of problem of matter and its attributes in the teachings of Iranshahri and ar–Razi. Based on the facts studied in the article, we can conclude that according to Iranshahri, the creator is eternal and always was the creator, and creation was his constant activity. Therefore, if God is constantly in a state of creation, then his creations must also be eternal. Hence, if his creations are translated into primary matter, then primary matter is also eternal. Iranshahri as Democritus understood atoms as indivisible particles. Iranshahri considers the time to be a current substance, which implies the need for a connection between the existence of things and time. The time itself is an eternal entity, continuously moving in the ocean of infinity. This thought was later borrowed by Abubakr ar–Razi.

Razi affirmed the eternity and primacy of five substances, including matter. However, he recognized the existence of God. With this in mind, the teachings of Razi cannot be considered either completely

materialistic or idealistic. Rather, it was dualistic. In essence, Razi repeats and develops the ideas of his predecessor Iranshahri about five substances. But, according to Nassir Khusrav, Iranshahri tried to reconcile his philosophical views with religion, despite the fact that his ideas were clearly materialistic in nature. Unlike the Iranshahri, Razi was more outspoken and directly criticized the prophecy and all religion. Therefore, Nassir Khusrav severely criticizes his teachings. In the teachings of Razi, the influence of Manichaeism, on the one hand, and the atomism of ancient Greek thinkers, on the other, is clearly felt.

Keywords: *matter, attribute, motion, space, time, atom, God, creation, substance, essence.*

Сведение об авторе:

Султонзода Соки Аслон *–кандидат философских наук, доцент кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел.: (+992) 93 814 86 39; E–mail: sultonzoda83@mail.ru*

About the author:

Sultonzoda Soqi Aslon *- Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Philosophy of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Tel .: (+992) 938148639; E–mail: sultonzoda83@mail.ru*

РУШДИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ (1930–1991)

Ибодуллозода А.И.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инсоният аз давраҳои қадим дар бораи қувваи барқ маълумот дошт, вале барои роҳандозии он дар хоҷагии деҳот қобилият надошт. Баъдан дар нимаи дуюми асри Х1Х дар натиҷаи рушди ҷаҳони капитализм истифодаи қувваи барқ барои инсон имконпазир гардид. Нахустин манбаъҳое, ки дар ибтидо инсон аз онҳо қувваи барқро ҳосил менамуд ин аз мошинаҳои буғӣ буд. Истифодаи мошинаҳои буғӣ дар истеҳлоти манафактурӣ ва корхонаҳои сармоядорӣ то нимаи якуми асри Х1Х идома ёфт. Аз нимаи дуюми асри Х1Х сар карда дар натиҷаи бунёди корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ ниёзи ҷомеаи сармоядаро ба қувваи барқ бештар гардид. Мошинаҳои буғӣ дигар корхонаҳои истеҳсолиро бо қувваи барқи зарурӣ таъмин карда натавонистанд. Бинобарин давлатҳои сармоядорӣ маҷбур гардиданд, ки роҳҳои дигари истеҳсоли қувваи барқро пайдо намоянд[1].

Дар таърихи рушди соҳаи энергетика саҳми олимони барҷаста ба монанди Т.Н. Яблочков, А.Р. Столетов, М М. Петров, А.Н. Ладигин, Д.А. Логинов, М.О. Доливо–Добровольский, И.Ф. Усыгин В. Сименса, 3. Грамма, М. Дгмрс ва махсусан, М. Фарадея, ки конуни эяектромагнитиро кашф карда буданд хеле назаррас аст. Кашфиётҳои энергетикии ин олимони намоён шароит фароҳам овард, ки дар муддати кутохтарин истифодаи қувваи дар ҳаёт дастрас гардад.

Охири асри ХІХ давраи аввали рушди энекргетика дар давлатҳои капиталистӣ ба шумор меравад. Дар ин давра дар якчанд шаҳрҳои бузурги дунё аз ҷумла, соли 1881 дар Петербург ва соли 1882 дар Ню–Йорк истгоҳҳои бузурги барқӣ сохта ба истфода дода мешаванд.

Баъди ғалабаи Инкилоби Октябр қувваи барқ рӯ ба тараққиёт ниҳод. Таҳти сарварии В.И.Ленин ва олими машҳури рус ва зиёда аз 200 нафар олимони соҳаи техника ба монанди Графтио Г.О., Шулгин Е.Я., Горев А.А., Александров И.Г., Штелен М.А., Угримов Б.И., мухандисон М.Я Лапиров–Сколбо, Смирнов М.А., Коган А.Г. ва дигарон нақшаи ГОЭЛРО тахия ва интишор гардид. Ҳадаф аз таҳияи нақшаи мазкур ин электрикунонии марказҳои Россия ва мустамликаҳои он, аз ҷумла Осиёи Миёна буд. Дар асоси нақшаи ГОЭЛРО дар кишвари Туркистон сохтмони панҷ истгоҳи барқӣ бо иқтидори 80–170 хазор кВт. пешбини шуда буд.

Нақшаи ГОЭЛРО, ки дар он сохтмони даҳҳо истгоҳҳои барқии обии хурду бузург дар тамоми ИҶШС пешбини шуда буд рӯи кор омад. Соли 1931 нишондодҳои накшаи мазкур пурра иҷро гардида, истеҳсоли қувваи барқ аз 7,3 то 19,5 % зиёд гардид[3].

Охири соли 1931 иқтидори нерӯгоҳҳои барқӣ 2 мни 976 хазор кВт. ва истехсоли қувваи барқ 11 млрд.–ро дар маҷмӯъ ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 1913 панҷ баробар зиёд буд.

Дар фосилаи панҷсолаи дуюму –сеюм иқтидори энергияи барқӣ ва истеҳсоли қувваи барқ зиёд гардида, шароити мусоид фароҳам омад, ки дар тамоми давлатҳои собиқ аъзои ИҶШС сохтмони НБО шурӯъ гардад.

Бояд қайд намуд, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқ дар охири солҳои 30–юми асри XX дар собиқ давлатҳои узви ИҶШС бо як суръати баланд пеш мерафт. Мутаасифона бо сар задани Ҷанги дуюми Ҷаҳон ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ рушди тамоми бахшҳои хоҷагии қишлоқ дар давлати Шӯравӣ боздошт гардид. Соҳаи энергетика низ дучори ғорати фашизм шуд. Зиёда аз 60 нерӯгоҳҳои пурикдидори барқӣ ки дар маҷмӯъ 5,8 млн. кВт. соат қувваи барқ истеҳсол менамуданд аз ҷониби дастаҳои ғоратгари фашизм вайрону валангор гардиданд. Ҳукумати Шӯравӣ бахотир раҳои ин соҳа аз дасти фашизм таҷҳизотҳои барқиро ба нохияхои Урал, Сибири Ғарбӣ, Қазокистон ва Осиёи Миёна ба роҳ гузошт.

Дар кутоҳтарн мудат гидротурбинаҳо дар ноҳияҳои Шаркӣ ва Осиёи Миёна ба кор дароварда шуданд. Дар фосилаи солхои 1942–1944 дар нохияҳои Шаркӣ 3,4млн. кВт. иктидорхои энергияи барқӣ ба кор дароварда шуданд.[4]

Ғалабаи халқи Шӯравӣ дар Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ аз болои Германияи фашистӣ барои рушди минбаъдаи энергияи баркӣ шароити мусоид фарохам овард. Агар дар соли 1945 иктидори истгоҳҳои барқӣ, 11,124 млн. кВт. ва истеҳсоли кувваи барқ 43, 257млрд. кВт. соатро ташкил дода бошад, пас соли 1951 ии нишондод ба 22,117 ва истехсоли барқ ба 104, 022 млрд. кВт. боло рафт.

Дар панчсолаҳои баъди ҷангӣ бунёди истгоҳои барқии обӣ дар ҳолати осоишта аз нав ба роҳ монда шуд. Дар ин давра дар ҶШС Тоҷикистон низ бунёди бузургтарин НБО роҳандозӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки то ғалаби Инқилоби Октябр саноати энергетикӣ дар Аморати Бухоро хусусна дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон вуҷуд надошт. Баробари ташкилёбии ҶМШС Точикистон (1924) ва ҶШС Тоҷикистон (1929) бо ёриву дастгирии собиқ Ҳукумати Шӯравӣ **ва** ҲК Тоҷикистон тамоми бахшҳои хоҷагии қишлоқ роҳи тараққиётро пеш гирифт.

Бунёди аввалин истгоҳҳои барқии обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози солҳои 30–ум шурӯъ гардид. Дар бештар аз 70 соли мавҷудияти давлати Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон неругоҳҳои барқии обии Қаторшаршараи Варзоб, Қайроқум ба номи «Дӯстии халқҳо», Хоруғ, Норак, Бойғозӣ, Сарбанд, Шаршар ва ғайраҳо бунёд гардид.[5]

Қабл аз инқилоби Октябр дар Шимоли Тоҷикистон танҳо як истгоҳи барқии «Санто» амал мекард, ки он хам хонахои амалдоронро равшан менамуд. Дар дигар қисматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истгоҳҳои хурди дизелӣ мавҷуд буданд ва танҳо биноҳои ҷамъиятиро бо барқ таъмин менамуд.

Дар тули солҳои 1930–1980 бо пешниҳоди КМ ҲК Тоҷикистон якчанд экспедитсия барои омӯхтани қуввахои истеҳсоли ва захирахои энергетикӣ ба Тоҷикистон омада, як қатор корҳои муҳимро анҷом дод ва барои аз худ намудани захираҳои энергетикӣ чораҳои зарурӣ андешиданд. Дар кори минбаъдаи тараққи додани саноат, хочагии кишлок ва электриконии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халки кишвархои канорӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои сеъздҳои XV (декабри соли 1927) ва XVI (июн–июли соли 1930) накши муҳим бозид.

Дар карори съезди XV ВКП/б/ оид ба тартиб додани нақшаи панҷсолаи тараққиёти хочагии халки ИҶШС барои солҳои 1928–1932 кайд карда шуда буд: «Плани панчсола бояд масъалаҳои тараққи додани иқтисодиёт ба маданияти кишварҳои қафомондаи миллӣ ва ноҳияҳои қафомонда диққати махсус дода, зарурияти тадричан барҳам додани қафомонии иқтисодӣ ва мадании онҳоро пешбинӣ намояд, эҳтиёҷу талаботи ин нохияҳоро ба асос гирад». Дар ин ҷамъомад оид ба барҳам додани ақибмондагии иқтисодӣ, махсусан ба кори электрикунонии ин кишварҳо диққати калон дода шуд.

Аагр соли 1937 шумораи умумии электорстансияҳо дар ҷумҳрӣ ба 43 адад ва иқтидори умумии онҳо 16,3 квт. расида бошад, соли 1940 шумораи умумии электростанисяҳо 133 ва иқтидорашон 20,3 ҳазор кВат. расид.

Солҳои 60–70 дар мамлакат даҳо нерӯгоҳҳои барқӣ, ба монанди Қайроқум, Шаршара, Марказӣ, Норак ва Сарбанд сохта ба истифода дода шуданд. Дар натиҷаи бунёд гардидани нерӯгоҳҳои мазкур дар ҷумҳурӣ се системаи энергетики қувваи барқдиҳандаи (ҷанубу шимол ва Помир) ба вуҷуд омаданд, ки боиси рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқ гардид.

Чи тавре, ки манбаъҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд соли 1965 дар ҷумҳурӣ 1589 адад нерӯгоҳҳои хурду калони дизелию гидроенергетикӣ мавҷуд буда шакштои онҳо нерӯгоҳои бузурги оби буда 84% қувваи барқро истеҳсол мекарданд.

Дар ҳудуди солҳои 60–70 уми асри XX тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бо хатҳои баланшидат ва пастшидати таъмин гардида, истгоҳои хурди дизелӣ барҳам дода шуданд. Ҳамзамон дар ин солҳо системаи ягонаи барқии минтақаҳои шарқии ИҶШС ва ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ташкил

ёфта буд. ҶШС Тоҷикистон қувви барқ аз ин системаи ягонаи Осиёи Марказӣ ба воситаи хатти барқии ҶШС Ӯзбекистон ворид мешуд ва баръакс Тоҷикистон ба ин системаи ягонаи барқӣ ба ҳамаи ҷумҳуриҳои бародарии Осиёи Миёна қувваи барқ интиқол менамуд.[6]

Баробари барҳам хурдани ИҶШС системаи ягонаи на ин ки саноату хоҷагии қишлоқ балки системаи ягонаи энергетики он низ барҳам хурд. Ин ба ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Шӯрави таъсир расонид ва масъалаи ҷиддиеро ба миён овард.

Ҳамин тавр, бо шарофати Инқилоби Октябр ва барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ ва ба он тобеъ гардидани мулкҳои Осиёи Миёна аз ҷумла Ҷумхурии Тоҷикистон ба кишвари пешрафтаи иктисодӣ ва воридкунандаи қувваи барқ табдил ёфт.

АДАБИЁТ

1. Маркс К., Энгелс Ф. Сочинение. Т. 23.
2. Нурмаҳмадов Н. Барқи обии Тоҷикистон: Захираҳо ва нақшаҳо.–Душанбе, 2000.
3. Стеклов В. Ю. В. И. Ленин и электрофикация. Изд. Наука. М. 1970. С.10–11.
4. Турсунов А. Торжество Ленинской идей электрофикациии в Республики Средней Азии. –Душанбе, 1972.
5. Раҳимов Ю., Раҳимов Ф. ташаккул ва инкишофи гидроенергетикии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият. – Душабе, 2014.

РАЗВИТИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (1930–1991)

Энергетический сектор является одним из важнейших секторов отрасли, его развитие и прогресс имеют большое экономическое и социальное значение.

Строительство первых гидроэлектростанций в Республике Таджикистан началось с начала 30–х годов. За более чем 70 лет существования Советского государства в Республике Таджикистан были построены гидроэлектростанции Варзоб, Кайрокум, «Дружба народов», Хорог, Норак, Байгази, Сарбанд, Шарш и другие.

В 60–70–х годах XX века все районы республики были обеспечены высоковольтными и низковольтными линиями, а небольшие дизельные станции были разрушены. В то же время была создана единая энергетическая система для восточных районов СССР и всех республик Центральной Азии. Таджикская ССР импортирует электроэнергию из этой единой центрально–азиатской системы по линии электропередач Узбекской ССР, напротив, Таджикистан поставляет электроэнергию в эту единую энергосистему для всех республик Центральной Азии

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, электроэнергия, электричество, советская, станция, орошение, дизель.*

DEVELOPMENT OF THE ENERGY INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (1930–1991)

The energy sector is one of the most important sectors of the industry, its development and progress are of great economic and social importance.

The construction of the first hydroelectric power stations in the Republic of Tajikistan began in the early 1930s. For more than 70 years of the existence of the Soviet state in the Republic of Tajikistan, hydropower plants of Varzob, Kairokum, «Friendship of Peoples», Khorog, Norak, Baigazi, Sarband, Sharsh and others were built.

In the 60–70s of the twentieth century, all areas of the republic were provided with high–voltage and low–voltage lines, and small diesel stations were destroyed. At the same time, a unified energy system was created for the eastern regions of the USSR and all the republics of Central Asia. The Tajik SSR imports electricity from this unified Central Asian system through the transmission lines of the Uzbek SSR; on the contrary, Tajikistan supplies electricity to this unified energy system for all the republics of Central Asia

Keywords: *Republic of Tajikistan, power, electricity, Soviet, station, irrigation, diesel.*

Сведения об авторе:

Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло *–кандидат исторических наук, доцент кафедры национальной истории Таджикистана Таджикского национального университета Тел: (+992) 918629162*

About the author:

Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo *–Associate Professor, Department of History of Tajikistan Tajik National University*

ҲАМКОРӢ БО КИШВАРҲОИ ИДМ ДАР КОНТЕКСТИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ахиева С.У.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Чуноне ки маълум аст, асосҳои консептуалии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, пеш аз ҳама дар Консепсияи сиёсати хориҷӣ, Стратегияи амнияти миллӣ, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва ғайра сабт гардидаанд.

Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2013 тасдиқ шудааст, самтҳои фаъолияти давлат, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии онро дар хориҷи кишвар дарбар мегирад. Тибқи мукаррароти Консепсия, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои узви ИДМ, таҳкими минбаъдаи ИДМ –заминаи амиқсозии ҳамкориҳои минтақавии иштирокчиёни он, ки на танҳо мероси таърихии муштарак доранд, балки нерӯи васеи ҳамгироиро дар соҳаҳои гуногун доранд, ба шумор мераванд [6].

Ҳамкорӣ бо кишварҳои фазои пасошӯравӣ дар тӯли тамоми таърихи муосири Тоҷикистон ҳамеша дар байни манфиатҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ҳамеша ҷойгоҳи махсусро ишғол мекард. Ҳамин тавр, дар консепсияи сиёсати хориҷии соли 1997 муносибатҳо бо кишварҳои ИДМ ба самти пешрафта эълон шуда буданд. Дар таҳрирҳои минбаъдаи Консепсия дар солҳои 2000, 2008, 2013 ин самт низ авлавиятнок боқӣ монд.

Масъалаи рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои ИДМ дар давраи пасошӯравӣ дар ҷомеа нуқтаи назари гуногун дошт. Яке аз онҳо ба ғояе буд, ки ягонагии ҷумҳуриҳои славянӣ ва Қазоқистонро таъмин мекард, дар ҳоле ки дигарон бештар таваҷҷӯҳ, пеш аз ҳама, ба таҳкими сарҳади давлатии Тоҷикистон доштанд. Ба ибораи дигар, суол ин буд, ки сарҳадҳои ИДМ–ро ҳифз кунем ё афзалият ба таҳкими сарҳадҳои Тоҷикистон мебошад [4, с.31].

Бешубҳа, дар он давраи таърихӣ рушди ҳамгирої дар доираи ИДМ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти сиёсии кишвар қарор гирифта буд: «ҶумҳуриитТоҷикистон ба таъмини манфиатҳои муҳимтарини миллӣ, рушди муносибатҳои байни Тоҷикистон ва кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва ҳамгирої дар доираи ИДМ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои самарабахши дуҷониба ва бисёрҷониба дар Иттиҳоди Россия ва Тоҷикистон, инчунин бо тарафҳои шартномаи ҶумҳуриитТоҷикистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон аҳолӣ дар бораи амиқсозии ҳамгирої дар соҳаҳои иқтисодии гуманитарӣ [5].

Мусаллам аст, ки ба имзо расондани Созишнома дар бораи ташкили минтақаи тиҷорати озод 15 апрели соли 1994 барои муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва мамлакатҳои аъзои Иттиҳод аҳамияти хоса дошт. Аз солҳои аввали фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар кишварҳои шомили он гашта низоми савдои боҷ дар соҳаи савдо, вале бар асоси дуҷониба амалӣ карда шуд. Дар соли 2003 дар заминаи бисёрҷониба минтақаи тиҷорати озод таъсис дода шуд, ки он бо Қарори Шӯрои сарони давлатҳо аз 19 сентябри соли 2003 "Дар бораи ба охир расидани ташкили минтақаи савдои озод ва рушди ҳамкориҳои кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи иқтисодиёт" эъломия қабул карданд. Соли 2003 дар Саммити Ялта дар ИДМ Созишнома дар бораи фазои ягонаи иқтисодӣ ба имзо расид, ки ба таҳкими робитаҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва коҳиш додани хароҷоти онҳо дар доираи ҳаракати озоди молҳо, хизматрасонӣ, сармоя ва шахсони воқеӣ нигаронида шудааст [8].

Қадами муҳим дар роҳи таҳкими ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод имзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 15 майи соли 1992 ба мӯҳлати 5 сол ва тамдиди минбаъда дар Тошканд буд. Сараввал, созишномаро роҳбарони шаш кишвар имзо карданд: Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон ва Узбакистон. Аллакай дар соли 1993 ба ин рӯйхат собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ –Беларус, Озарбойҷон ва Гурҷистон ворид гардиданд [7].

Дар ин шартнома пешбинӣ шуда буд, ки давлатҳои аъзо бояд амнияти онҳоро дар асоси дастҷамъӣ таъмин кунанд. Дар сурати таҳдид ба амният, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, давлатҳои иштирокчӣ бо мақсади муайян кардани мавқеи худ ва андешидани чораҳо барои рафъи хатар машваратҳо баргузор мекунанд. Дар сурати таҷовуз ба ягон давлати иштироккунанда, ҳама дигарон бояд ба ӯ ёрии зарурӣ расонанд.

Дар ибтидо, Созишнома ба таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳи миллии кишварҳои иштирокчӣ, таъмини шароити мӯътадил ва муносиби беруна барои бунёди давлати нави мустақили онҳо мусоидат намуд.

Соли 2002 дар заминаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД) таъсис дода шуд, ки муҳофизати асосии фазои ҳудудӣ ва иқтисодии кишварҳои иштирокчии шартномаро бо саъю талоши муштараки қӯшунҳо ва воҳидҳои ёрирасон аз ҳама гуна таҷовузгарони берунаи ҳарбӣ–сиёсӣ, террористони байналмилалӣ, инчунин офатҳои азими табиӣ эълом дошт. Имрӯз СПАД як созмони минтақавии байналмилалӣ мебошад, ки доираи васеи мушкилоти амниятро ҳал мекунад. Илова ба таҳдидҳои низомӣ, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба муборизa алайҳи терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҷиноятҳкории муташаккили фаромиллӣ, вокуниши дастаҷамъона ба ҳолатҳои фавқулодда, офатҳои башардӯстона, доираи васеи таҳдидҳо дар соҳаи иттилоот ва муборизa бо киберҷиноятҳо тамаркуз мекунад.

Дар шароити муосир, СПАД барномаи стандартизатсияи силоҳро дар доираи СААД бо мақсади ноил шудан ба ҳамдигарфаъолияти воситаҳои алоқа ва назорат, стратегияи ивазкунандаи воридот, ки дар партави таҳримҳои зидди Тоҷикистон ва рӯйдодҳо дар Украина, стратегияи зидди маводи мухаддир, чораҳои муборизa бар зидди экстремизм, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва сарҳадот татбиқ карда мешавад. гурӯҳҳои ҷиноятҳкории муташаккил. Тоҷикистон ҳоло ҳам пайвандгари асосии СПАД мебошад.

Як лаҳзаи муҳим дар стратегияи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ИДМ, таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бо мақсади ҳамаҷониба модернизатсия, ҳамкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувор ба манфиати баланд бардоштани сатҳи зиндагии кишварҳои аъзо (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Тоҷикистон, аз 29 Майи 2015 –Қирғизистон). Бо имзои Аҳднома дар бораи таъсиси ЕАЭО гузариш ба лоиҳаи иқтисодии Евразия ба сатҳи нав ва амиқи интегратсия нишон дода шуд [2].

Созишнома ҷанбаҳои асосии ба ташкилотҳои байналмилалӣ хос инъикосёфтаро таъмин менамояд, принсипҳои баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо, тамомияти арзӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳуҷҷат механизми мувофиқати қабули қарорҳоро дар ҳама сатҳҳо дар бар мегирад. Принсипи баробарии намояндагони тарафҳо дар доираи сиёсати кадрӣ дар мақомоти иттифоқ таъмин карда шудааст.

Қайд карда мешавад, ки Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии шаҳрвандони Қазоқистон, Тоҷикистон, Беларус, Арманистон, Қирғизистон нигаронида шудааст ва озодии ҳаракати молҳо, хизматрасонӣ, сармоя ва меҳнат ва сиёсати ҳамоҳангшудаи иқтисодиро пешбинӣ менамояд.

Ҳуҷҷат дар чаҳорчӯби қонунгузории Иттиҳоди Гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ асос ёфтааст, ки стандартҳои мавҷуда мутобиқ карда шуда ва ба қоидаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқ карда шудаанд [2].

Одатан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳамчун шарикони наздики стратегӣ дар фазои пасошӯравӣ рушд мекунанд. Муносибатҳои онҳо да мувофиқа бо Созишнома дар бораи Иттиҳоди Россия ва Беларус таъмин карда мешавад. Ба салоҳияти давлати Иттиҳодӣ сиёсати хоричӣ, мудофиа ва амнийт, системаи буҷа, низоми пулӣ ва андоз, масъалаҳои гумрук, системаҳои энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия дохил мешаванд. Дар баробари ин, ҳар як мамлакати аъзои Иттиҳод соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, тамомияти арзӣ, сохтори давлатӣ, Конституцсия, Парчами давлатӣ ва нишонҳо дорад. Ғайр аз он, самтҳои муҳимтарини сиёсати хоричӣ таъмин намудани шинохти давлати Иттиҳод аз ҷониби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, иштироки фаъолона дар фаъолият ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, густариши робитаҳои ҳамаҷониба бо ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар доираи ИДМ ва иштирок дар таъмини субот ва амнийт дар қитъаи Авросиё ва ҷаҳон мебошанд [4, с.33] .

Тоҷикистон ва Беларус дар ҳалли бисёр масъалаҳои умдаи байналмилалӣ мавқеи умумӣ ё наздик доранд ва дар СММ ва дигар созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ зич ҳамкорӣ мекунанд.

Имрӯзҳо дар муносибатҳои байни Тоҷикистонву Россия фазои ягонаи муҳоҷират фаъолият мекунад, ки он барои гузариши мутақобила тибқи санадҳои дохилии миллӣ бидуни назорати гумрукӣ ва сарҳадӣ имкон фароҳам меорад. Ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсати молиявӣ ва пулию қарзӣ ва танзими асъор идома дорад.

Дар равобити Тоҷикистонву Россия нақши муҳим дар рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ фаъолона рушд мекунад. Ҳамаи 6 минтақаи Беларус ва Минск бо аксарияти субъектҳои

ҶумҳуриитТоҷикистон шартномаҳои ҳамкорӣ доранд, ки дар байни онҳо Москва ва вилояти Москва, Санкт–Петербург, Тюмен, Смоленск, Нижний Новгород ва Тотористон фаъол мебошанд.

Ба таври хулоса ҳамнро метавон қайд намуд, ки ҶумҳуриитТоҷикистон дар фазои геополитикии Авруосиё мавқеи махсусро ишғол мекунад, ки ҳалқаи асосӣ дар ҳама иттиҳодияҳои бузургтарини интегратсионии минтақавӣ мебошад. Ин, пеш аз ҳама, ба иқтидори иқтисодӣ ва низомии он, инчунин мавқеи мусоиди геополитикӣ вобаста аст. Муҳимтарин иттиҳодияи ҳамгирои СПАД ва тамоюлҳо дар доираи ИДМ мебошад. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Ҷумҳурии Иттиҳоди Беларус ва Тоҷикистон низ аҳамияти хос доранд. Онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои минбаъда шароити мусоид доранд ва метавонанд дар иттиҳодияҳои дигар сазовори рақобат бошанд.

АДАБИЁТ

1. Договор о Евразийском экономическом союзе [Электрон. ресурс]. Режим доступа: http://economy.gov.ru
2. Евразийский экономический союз: офиц. сайт (ЕАЭС)
3. [Электрон.ресурс]. –Режим доступа: www.eaeunion.org

Зона свободной торговли в странах СНГ: история создания [Электрон. ресурс]. –Режим доступа: http://ria.ru/spravka/20120730/713035602.html

4. Казакова М.Н. Региональные приоритеты национальной безопасности России: внешнеполитическое измерение// Регионология. –2010. –С. 30–36.
5. Концепция внешней политики Российской Федерации (утв. Президентом РФ 15 июля 2008 г.) [Электрон. ресурс]. –Режим доступа: http://kremlin.ru
6. Концепция внешней политики Российской Федерации (утв. Президентом РФ 12 февраля 2013 г.) [Электрон. ресурс]. –Режим доступа: http://mid.ru/brp_4.nsf
7. Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ): офиц. сайт [Электрон. ресурс]. –Режим доступа: www.odkb–csto.ru

СОТРУДНИЧЕСТВО СО СТРАНАМИ СНГ В КОНТЕКСТЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

С момента создания теории и практики национальной безопасности, главным его приоритетом являлось сохранение территориальной целостности государства. В современных условиях национальные интересы и их приоритеты не только не ограничены территорией государства, но они надёжно защищены и за её пределами. В этой связи основные направления внешней политики Республики Таджикистан в рамках сотрудничества со странами Союза Независимых Государств выдвинуты на первый план.

Ключевые слова: *сотрудничество, Союза Независимых Государств, Республики Таджикистан, внешняя политика, национальная безопасность, Огранизация Договора по Коллективной Безопасности и др.*

COOPERATION WITH CIS COUNTRIES IN THE CONTEXT OF EXTERNAL POLICIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Since the creation of the theory and practice of national security, its main priority has been the preservation of the territorial integrity of the state. In modern conditions, national interests and their priorities are not only limited by the territory of the state, but they are reliably protected beyond its borders. In this regard, the main directions of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in the framework of cooperation with the countries of the Union of Independent States are highlighted.

Keywords: *cooperation, Union of Independent States, Republic of Tajikistan, foreign policy, national security, Organization of the Collective Security Treaty, etc.*

Сведение об авторе:

Ахиева Саодат Умарбековна *–кандидат политический наук, заведущ одел магистратура Таджикского государственного педагогического университета именни С. Айни, E-mail: milledi2000@mail.ru*

About the author:

Akhieva Saodat Umarbekovna *- Candidate of Political Science, Head of the Master's Degree of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: milledi2000@mail.ru*

ҚУТБИДДИН ШЕРОЗӢ ВА ФАЛСАФАИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК

Амирхон Ш.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Ҷураев К.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Афкори фалсафиву ҷаҳоншиносии миллати тоҷик таърихи куҳан дошта, дар рушди фарҳанги башарӣ бо таълимотҳои фикрӣ ва афкори макотибу мутафаккирони равшанназар дар марҳилаҳои мухталиф саҳми намоён гузоштааст. Аз зумраи чунин шахшиятҳое, ки бо фаъолияти илмии худ дар таърихи фалсафаи тоҷику форс ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд Қутбиддин Шерозӣ мебошад. Ин мутафаккир ҳамчун намояндаи соҳибандеша ва сермаҳсули мактаби машшоияи шарқӣ умри бобаракати хешро сарфи омӯзишу таҳқиқ, хизмат ба мардум ва эҷоди осори гаронарзиш намудааст. Қутбиддин Шерозӣ дар муҳити фарҳангии асри XIII–и машриқзамин ҳамчун ситораи тобнокест, ки бо воридшавиаш ба майдони илму адаб маънавиёти ин миллатро мунаввар намудааст.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои муътамад Қутбиддин Шерозӣ соли 634–и ҳиҷрии қамарӣ мутобиқ ба соли 1236–и мелодӣ дар шаҳри Шероз ба дунё омадааст. Номи пурраи мутафаккир Қутбиддин Маҳмуд ибни Масъуд ибни Муслиҳи Шерозии Козрунии Шофеӣ буда, дар саҳифаҳои аввали осори хеш худро бо ҳамин ном муаррифӣ кардааст. Вай нахуст бо номи Қутбиддин Шерозӣ сипас ба Мавлавӣ Қутбиддин Шерозӣ шӯҳратёр гашта, баъдан номи аслӣ ва тахаллусу кунияаш миёни аҳли донишу фарҳангиёни давронаш пазируфта шуд ва дар сарчашмаҳои адабиву фалсафӣ бо номи Аллома Шерозӣ маъруф гардид. Дар бархе аз сарчашмаҳо номи мутафаккирро Муҳаммад навиштаанд, ки ба назари муҳаққиқон мувофиқ нест. Ин гуна навиштаҳоро иштибоҳи таърихнигорони шахсият ва осори Қутбиддин Шерозӣ гуфтаанд. [2,3,5]

Доир ба тахаллуси мутафаккир низ дар сарчашмаҳои таърихӣ назари ягона вуҷуд надорад, аммо аксарият «Абулсаноъ» будани он иттифоқи назар доранд. Аз ҷумла, дар китоби «Дуру–л–камина» [10, с.54] ва «Фаводу–л–баҳия» [9, с.327] бо ҳамин куния мутафаккирро муаррифӣ кардаанд, вале баъзе аз муаррихон тахалусҳои «Форсӣ» ва ё «Шофеӣ» ё баъзан ҳардуи онро ба дунболи номаш илова менамоянд, то мақому мартаба ва шукуҳу шаҳомати илмиаш бештар гардад. Қутбиддин Шерозӣ дар хонадони шахси донишманд ва фарҳангии Шероз ба дунё омадааст. Падари мутафаккир аз зумраи табибони номдор ва донишмандони Шероз маҳсуб мегардид. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва осори Қутбиддин Шерозӣ падараш Зиёвуддин Масъуд ибни Муслиҳи Козрунӣ ном дошта, дар баробари табиби машҳур ва ба муолиҷаи беморон машғул буданаш, дар бемористони «Музафария»-и Шероз ба толибилмон аз тибу табобат дарс медодааст. Илова бар ин, ба ҳикмату маърифат завқи баланд дошта, аз аҳли илму ирфон низ ба шумор мерафт. Вай бо Шаҳобиддин Абуҳафс Умар ибни Муҳаммад Сухрвардӣ (1161–1254) робитаи дӯстӣ дошта, дар маҳфилҳои ӯ пайваста ширкат мекардааст. Ҳамин майлу рағбати зиёд ба ҳикмати ирфонӣ боис шуда, ки аз дасти Шаҳобиддин Сухрвардӣ хирқаи иродат бипӯшад. Дар сарчашмаҳо гуфта мешавад, ки дар талаби ин ҳикмат чанд вақте ба Бағдод низ сафар карда будааст. Зиёвуддин Масъуд дар соли 648–и ҳиҷрӣ баробар бо 1250–и мелодӣ аз дунё гузашт ва замони даргузашти ӯ Қутбиддин 14 сол дошт.

Қутбиддини Шерозӣ ҳанӯз аз даврони наврасиву ҷавонӣ илмҳои муқаддимотиву зарурии замони худ (ахлоқ, шариат, ҳадис ва ғ.) ва тибро назди падари худ омӯхт. Иловатан, баъзе паҳлӯҳои амалии илми тибро дар назди тағояш Камолиддин Абулхайр ибни Муслиҳи Козрунӣ ва дигар табибони номдори давр –Закӣ Ракшобӣ ва Шамс Котибӣ дарс гирифта, нозукиҳои ин касбро пурра аз худ менамояд. Аз он сабаб, ки падари мутафаккир майлу рағбати беандоза ба ҳикмати ирфонӣ доштааст, ҳанӯз дар сини 10–солагӣ ба Қутбиддин Шерозӣ хирқаи иродати ирфониро пушонида, ӯро ба омӯхтани ин ҳикмат ҳидоят менамояд. Пас аз чанде Қутбиддин дар назди Наҷибуддин Алӣ ибни Бузағаши Шерозӣ ки яке аз донишмандони машҳури ҳикмати ирфонӣ буд, дониши худро дар ин самт сайқал дод ва пас аз омӯхтани нозукиҳои ҳикмати зикршуда аз дасти ӯ низ хирқа пӯшид. Новобаста аз иродат ба ҳикмати ирфонӣ, Қутбиддин Шерозӣ ба ҳалқаи суфиёни узлатнишин напайваста, дар синни 14–солагӣ, пас аз марги падар дар бемористон ба пизишкӣ ва табобати беморон машғул гардид. Вай дар баробари табобати беморон пайваста ба мутолиаи осору таълифоти бузургони тиб мепардохт, то дониш ва маҳорати касбии худро такмил диҳад. [7, с.48] Қутбиддин муддати даҳ сол ба ҳамин шакл дар бемористон фаъолият карда, кӯшиш ба харҷ медод,

то нисбати касби хеш содиқ бошад ва аз табибони дигар дида илми тибро беҳтар аз худ намояд. Дилаш пайваста ба таҳсил моил буд. Нахуст «Ал–қонун»-и Ибни Синоро дар назди тағои худ Камолиддин Абулхайр ибни Муслиҳи Козрунӣ омӯхта, пас ба дарси Шамсиддин Муҳаммад ибни Аҳмади Кабшӣ ва баъд аз он дар ҳавзаи илмии Шайхулкул Шарифиддин Закии Бушконӣ ки дар омӯзиш ва шарҳу тафсири осори тиббӣ пешрафта буданд, иштирок мекард. Дар ҳамин муҳит, «Шарҳ»-и Фахриддини Розӣ ва чаҳор китоби дигареро дар ҳошияи «Ал–қонун»-и Ибни Сино мутолиа карда, ба моҳияти аслии он сарфаҳм меравад, вале ҳанӯз ҳам вай барои кушодани баъзе мушкилоти ин китобҳо дастёб нагашта буд. Аз андешаҳои ӯ бармеояд, ки бо вуҷуди он ки аксари гуфтори шореҳони осори Ибни Сино аз суханони Фахри Розӣ сарчашма гирифта бошанд ҳам, вале наметавон онҳоро барои кушодани моҳият ва маънии асар кофӣ адонист. Бо мақсади баёни воқеии моҳияти «ал–Қонун»-и Ибни Сино ба таснифи «Шарҳи Қонун» машғул мегардад.

Дар ҳамин даврон олими барҷаста, файласуф ва мутафаккири номдори давр Хоҷа Насриддини Тусӣ ба шаҳри Қазвин омад. Вақте ки хабари омадани вай ба гуши Қутбиддин Шерозӣ расид, ӯ барои дидорбинӣ ва иштирок дар маҳфили илмии Насриддини Тусӣ ба Қазвин меояд [8;134] ва ба гурӯҳи донишҷӯёне, ки аз Насриддини Тусӣ дарс меомӯхтанд, шомил шуда, бисёр нозукиҳои фалсафа, ҳандаса, нуҷумшиносӣ ва дигар илмҳоро азбар менамояд. Ҳамин тавр, Қутбиддин Шерозӣ то замони ба Мароға баргаштани Насриддини Тусӣ дар дарсҳояш хеле фаъолона иштирок мекард. Баъд аз чанд муддати таҳсил ҳамчун шогирди пешқадам ном баровард.

Иродатмандии Қутбиддин Шерозӣ пас аз баргаштани Насриддини Тусӣ ба Мароға низ идома ёфт. Дар соли 658 ҷониби Мароға раҳсипор гардид, то худро ба ҳузури устоди бузург Хоҷа Насриддини Тусӣ бирасонад. Ин мусофират панҷ сол давом кард ва барои мутафаккир хеле пурбарор арзёбӣ мегардад, зеро ӯ илми ҳайат ва асари «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Синоро назди Насриддини Тусӣ омӯхта, мушкилотҳои барои хонанда мавҷудбударо доир ба «Ал–қонун»-и Ибни Сино бо ёрии тафаккури ҳакимонаи ӯ ва заҳматҳои пайвастаи худ ошкор намуд. Ба ҳамин гуна ҳудуди панҷ сол илму хирад омӯхт ва донишу маънавиёти хешро такмил дод. Дар маҷмуъ, Қутбиддин Шерозӣ тавассути ҳидоятҳои Насриддин Тусӣ ба марҳилаи камолоти маънавӣ мерасад, вале дӯстии миёни онҳо он қадар дер давом намекунад.

Тавре ки аз сарчашмаҳо бар меояд, дар ниҳоят муносибати шахсии Қутбиддин Шерозӣ бо Насриддини Тусӣ то андозае сард мегардад. Аз ҷумла, Хондамир дар «Ҳабиб–ус–сияр» [13, с.37] овардааст: «рӯзе Қутбиддин Шерозӣ дар хидмати Насриддини Тусӣ ба маҷлиси Ҳалокухон ҳозир мешавад. Амири муғул (Илхон) бинобар он, ки дар он айём аз Насриддини Тусӣ ранҷида буд ва эътирозу хушунати худро пинҳон карда наметавонист, бо ғазаб гуфт: Агар расад нотамом намемонд, туро мекуштам. Қутбиддин ба вай наздик шуда гуфт: Ман расадро тамом кунам?! Чун Насриддини Тусӣ аз назди подшоҳ берун омад Қутбиддинро хитоб карда гуфт: Раво бошад, ки дар пеши чунин муғули ноэтимоде ин гуна сухан гӯйӣ? Шояд, надонад, ки ту ҳазл мекунӣ! Қутбиддин ҷавоб дод, ки: «Ман ҳазл накардам ва ҷиддӣ он суханро ба забон овардам» [14, с.194].

Сабаби сард гаштани муносибатҳо миёни Қутбиддин Шерозӣ ва Насриддини Тусӣ ба китоби «Зийҷи Илхонӣ» рабт дода мешавад, зеро дар муқаддимаи ин китоб Насриддини Тусӣ аз Қутбиддин Шерозӣ ном набудааст, ки ҳамин амал боиси ранҷи хотири шогирд аз устод мегардад ва дар ниҳоят ӯ тарки Мароға мекунад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Қутбиддин Шерозӣ бо вуҷуди ҳушмандӣ ва донишу заковати баланди худ, то пайвастан ба маҳфили Насриддини Тусӣ дар байни олимон шинохта нашуда ва ҳанӯз шуҳрате пайдо накарда буд. Аз ин рӯ, муаррихони он аср, ба мисли Фазилуллоҳ Ҳамадонӣ дар «Ҷоме–ул–таворих», Ибн Шокир дар «Фавоту–л–вафоёт» Қутбиддин Шерозиро аз зумраи аъзои маҷмаи расадхонаи Илхонӣ нашумурдаанд [7, с.51]. Насриддини Тусӣ низ дар муқаддимаи «Зийҷи Илхонӣ» номи Қутбиддин Шерозиро дар ҳеҷ ҷое аз ин китоб зикр накардааст. Аз ҷониби дигар назар афканем, мусаллам аст, ки Қутбиддин Шерозӣ яке аз бузургтарин шогирдони Насриддини Тусӣ ба шумор рафта, ҳамчун дастёри вай дар расадхона ба ӯ кӯмак мекард. Қутбиддин боварӣ дошт, ки Насриддини Тусӣ ӯро баъд аз худ роҳбари Зийҷи Илхонӣ таъйин мекунад, зеро аз дар миёни шогирдон ӯ ҳамчун донандаи хуби илмҳои ситорашиносиву математика маҳсуб меёфт. Илова бар ин, солҳои тулонӣ дар хидмати Насриддини Тусӣ буд ва дар сохтмони расадхонаи Мароға низ ширкат дошт. Дар ниҳоят Қутбиддин Шерозӣ дарк кард, ки назари Насриддини Тусӣ нисбати ӯ, дар мавриди роҳбарии «Зийҷи Илхонӣ» он қадар хуб нест, муносибаташро сард кард ва аз мавқеи муносиб истифода намуда, назди Ҳулокухони муғул (1216–1265) даромада, пешниҳод кард,

ки агар Илхон дар масъалаи таъйини роҳбари расадхона мушкилӣ дошта бошад, ман метавонам ин вазифаро ба уҳдаи худ гирам, вале Ҳулокухон ба ӯ эътиное накард ва пешниҳодашро напазируфт.

Ҳамин тавр, чун Қутбиддин Шерозӣ аз Насриддини Тусӣ ранҷи хотир дошт, ба дастури вай, ки ба фарзандаш Хоҷа Аслиддин дар такмил додани «Зийҷи Илхонӣ» ва бартараф намудани нуқсонҳои он кӯмак намояд, розӣ нашуд. Дар ниҳоят, замони дар қайди ҳаёт будани Насриддини Тусӣ мутафаккир мусофирати худро ба вилоятҳои давлати Илхониён оғоз кард. Қутбиддин Шерозӣ дар оғози сафари худ нахуст ба шаҳрҳои Хуросон, ки ба иёлоти Нишопур дохил мешуданд, рафта, баъд аз он ба шаҳрҳои Ироқу Аҷам ба сафари тулонӣ баромад, ки маркази он Исфаҳон маҳсуб меёфт. Ҳокими Исфаҳон шахси бомаърифате буд бо номи Баҳоуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, ки аҳли донишро хеле эҳтиром мекард. Ин эҳтиром сарчашма аз муҳити оилавии ӯ мегирифт, зеро падараш Шамсиддини Соҳибдевон аз ҷумлаи донишмандон ва фарҳангдӯстони даври худ ба шумор мерафт. Қутбиддин Шерозӣ дар ин ҷо бо Баҳоуддин Муҳаммад Ҷувайнӣ мулоқот карда, китоби худ «Ниҳоят–ул–идрок»–ро ба писари вай мебахшад. Баъд аз Исфаҳон мутафаккир ба Бағдод рахти сафар баста, дар он ҷо бо бузургони тасаввуф, аз ҷумла Муҳаммад ибни Сакрони Бағдодӣ вохӯрӣ мекунад. Пас аз ин, мусофирати вай дар соли 1269 аз Бағдод шурӯъ мешавад. Қутбиддин Шерозӣ дар он ҷо бо орифи тавоно Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ мулоқот мекунад ва ба бисёр саволҳои худ, ки ба онҳо ҷавоби аниқ пайдо накарда буд, шарҳу баёноти дуруст ба даст меорад.

Абдулқодири Мисрӣ дар китоби «ал–Ҷавоҳир музийя»-и худ таъкид кардааст, ки Қутбиддин Шерозӣ «ба Куния рафт ва дар он ҷо ба хидмати Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ расид ва ӯро зиёрат кард ва пас аз он озими Сивос ва Милтия шуд ва самти қазоро ёфт ва дар ин ҳангом ба тадриси фиқҳ ҳам пардохт ва шогирдони зиёде пайдо кард ва сипас китоби Ибни Ҳоҷибро шарҳ дод ва чанд сол баъд аз он ба Табриз рафт. Аҳмад Такудор писари Ҳулокухони муғул ӯро ба сафорат ба дарбори Малик Сайфуддин Қаловунсолеҳ подшоҳи Миср фиристод ва Қутбиддин аз ин сафар суди илмӣ бурд ва он ин ки насхи (нусхаҳо–Ш.А.) чанд шарҳеро, ки атбоъ бар «Қонун»-и Ибни Сино навишта буданд, ӯ ҷавобҳое, ки дар бораи бархе аз масоили «Қонун» навишта шуда буд ба даст овард ва маҷмӯи шарҳҳои «Қонун», ки қироат кард болиғ ба даҳ ҷилд шуд ва сипас худ шарҳе бар «Қонун» навишт ва он акнун дар панҷ муҷаллад мебошад ва бисёр муфассал аст». [10, с.342]

Чи тавре аз ин гуфтаҳои Абдулқодири Мисрӣ бармеояд, сафари тӯлонии Қутбиддин Шерозӣ, ки баъд аз нохушиҳову нофаҳмиҳои зиёд байни вай ва устодаш Насриддини Тусӣ ба вуҷуд омада буд, дарҳои наву бастаи бисёр донишҳоро ба рӯйи ӯ кушод ва боиси мулоқоту дидорбинӣ бо шахсиятҳои бузурги таърихӣ, аз қабили Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва давлатдорони давр гардид. Ин шиносоиҳои наздик боиси он гаштанд, ки ба бисёр муаммоҳои сарбаста дар бахши фалсафа ва ҳикмати ирфонӣ ҷавобҳои зарурӣ пайдо намояд, шарҳи дақиқ ва амиқе доир ба бузургтарин китоби Ибни Сино «ал–Қонун» таҳия намояд. Ҳамчунин, «Китоб–уш–шифо»–ро аз бар мекунад. Болатар аз ин, ба хидмати дипломатӣ дар ҳукумати Аҳмад Такудор шурӯъ карда, ҳамчун сафири давлат дар Миср ба фаъолият мепардозад. Дар маҷмӯъ, ин фаъолиятҳои илмӣ ва давлатӣ сабаби афзудани шуҳрати Қутбиддин Шерозӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна мегарданд. Ӯ дигар шогирди Насриддини Тусӣ дар Мароға набуда, балки ба шахсияти бузурги илмиву давлатӣ табдил ёфта буд ва аз вай ҳамчун олими тавоно дар саросари кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ёд мекарданд.

Бузургии Қутбиддин Шерозӣ дар он зоҳир мегашт, ки вай дар доираи улуми роиҷи замон, аз қабили шариат, калом, ирфон ва фалсафа маҳдуд нагардида, ба омӯзиши илмҳои иҷтимоӣ, тиббӣ ва ситорашиносӣ машғул гардид ва ба дараҷаи муайян расид. Мероси илмии мутафаккир гувоҳ аз камолоти маънавӣ ва тафаккури ташаккулёфтаи илмии ӯ мебошад.

Қобил ба зикр аст, ки Қутбиддин Шерозӣ ҳангоми мусофират ва зиндагӣ дар шаҳри Куния, ки пойтахти иёлоти Рум ба шумор мерафт, асари «Ҷомеъ–ул–усул»–ро пурра ҳифз карда, онро борҳо дар назди олими шинохтаи давр Садриддин Қунавӣ (соли вафоташ 674ҳ. мутобиқ ба 1276м.) қироат намуд. Аз Садриддин Қунавӣ тариқаи иршоди орифона ва равиши шариат, тариқат ва ҳақиқатро фаро гирифт. Вай бо бузургони Рум, аз қабили Муиниддин ибни Сулаймони Парвона барин шахсиятҳо ошноӣ пайдо карда, то ба даргаҳи ҳокимони давр роҳ пайдо мекунад. Ҳокими Рум ҳамеша эҳтироми Қутбиддин Шерозиро ба ҷо меовард ва шароити хуби зиндагиву корро барои ӯ омода карда буд. Бо истифода аз шароити мувофиқ мутафаккир дар ҳамин шаҳр китоби «Тухфату–ш–шоҳия»–ро тасниф мекунад. Чи тавре, ки гуфтем соли 681 ҳиҷрӣ баробар бо 1283–и мелодӣ аз тарафи Аҳмад Такудор (681–683ҳ.қ. баробар ба 1283–1285м.) Қутбиддин Шерозӣ дар Миср сафир таъйин мегардад ва ба сафорати Миср ба назди Малик Қаловуни Афӣ (678–689 баробар бо 1280–1291м.) раҳсипор мешавад. Муддати фаъолият дар мансаби сафирӣ Қутбиддин Шерозӣ тавонист

худро ҳамчун шахсияти кордон ва донишманди мумтоз муаррифӣ намояд ва боварии Аҳмад Такудорро нисбати худаш бештар созад. Дар сарчашмаҳои таърихӣ фаъолияти ӯро дар мансабҳои давлатӣ то ба дараҷаи қозиулқузот ном бурдаанд.

Тавре ки баён кардем, ҳукуматдорони давр Қутбиддин Шерозиро хеле эҳтиром мекарданд ва ба онҳо рафтуомади зиёд дошт. Вай аз онҳо дастгирии фаровон меёфт. Рӯзе Абоқохон вайро гуфт: «Ту фозилтарин шогирдони Хоҷа Насирӣ, ки ба пояи арҷманд расидӣ. Кӯшиш кун, ки чизе аз мақомоти илмии Хоҷа фуругузор накунӣ». Қутбиддин дар ҷавоб гуфт: «Чунин кардам ва маро бар ӯ ниёзе нест». Бахусус, Ғозохон Қутбиддинро хеле ҳурмату эҳтиром мекард ва аз ҷониби вай ҳамаҷониба дастгирӣ меёфт. Сафиюддини Мутриб низ танҳо барои дидорбинӣ аз Қутбиддин Шерозӣ ба ӯ ду ҳазор дирҳам ато намуд.

Дар маҷмӯъ, даромади солонаи Қутбиддин Шерозӣ сӣ ҳазор дирҳамро ташкил медод. Вай тамоми ин маблағҳоро ба шогирдон медод ва чизе барои худ намеандухт. Ба қавли муҳаққиқон аз шогирдони бузурги ӯ чаҳор нафар олимони машҳур буданд, ки ҳар яке аз онҳо дар асри 8–уми ҳиҷрӣ (мутобиқ ба асрҳои 13–14–и мелодӣ) «рукне аз аркони муҳими дониш» ба шумор мерафтанд.

Ба ҷумлаи шогирдони Қутбиддин Шерозӣ инҳо дохил мешуданд:

1. Тоҷиддин Алӣ ибни Абдуллоҳи Ардабелии Шофеъии Табрезӣ. Вай дар ҳудуди солҳои 670–746 ҳ.қ. (1272–1348м.) зиндагӣ ба сар бурда, аз ҷумлаи донишмандоне буд, ки қисмате аз «Ҷомеъ–ул–усул»-и Қутбиддин Шерозиро ситоиш кардааст.
2. Қутбиддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Розии Бувайҳӣ маъруф ба Қутби Таҳтомӣ (с.в.766 ҳ.қ. мутобиқ ба 1368м.). Китоби машҳури вай «Ал–муҳокимот» ба ҳисоб рафта, бузргтарин таълиф дар бахши фалсафа мебошад.
3. Низомуддин Аъраҷи Нишопурӣ муаллифи китоби «Шарфи шофеия» ва тафсири «Ғароиб–ул–Қуръон» мебошад. Таснифи ин китоб дар соли 728 ҳ.қ. мутобиқ ба 1330–и мелодӣ ба поён расидааст. Пас аз нашри ин асар вай ба ҳалли мушкилоти таҳрири «Маҷастӣ»-и Насриддини Тусӣ даст ёфта буд. Низомуддин Аъраҷи Нишопурӣ дар ин асар ҳошия нигошта, онро ба Қутбиддин Шерозӣ мерасонад ва бо пешниҳоди ӯ дар соли 704 ҳ.қ. мутобиқ ба 1306–и мелодӣ ҷумлаҳои ҳошияҳоро муназам намуда, онро «Тафсир–ут–таҳрир» ном мениҳад. Нусхаи ин асар дар китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон маҳфуз аст.
4. Камолиддин Ҳасан ибн Алии Форсӣ (665–718 ҳ.қ. мутобиқ ба 1267–1320м.) шогирди дигаре аз Қутбиддин Шерозӣ буд, ки ҳангоми таснифи шарҳи «Қонун»-и Сино ба Қутбиддин Шерозӣ хеле кӯмак мекард. Вай бо пешниҳоди Қутбиддин Шерозӣ китоби «Танқиҳ–ул–манозир»–ро таълиф кард. Ин китоб дар асри ХХ дар шаҳри Ҳайдарободи Покистон дар ду ҷилд ба чоп расид.

Тибқи шаҳодати шогирдон ва аксарияти таърихнигорон Қутбиддин Шерозӣ тезҳуш, соҳиби хотираи қавӣ, хушсухан ва базлагӯ буда, ҳангоми гузаштани дарс ҳазлиёти зиёд мекардааст. Бо шогирдон ва аҳли илму адаб муносибати самимӣ дошта, пайваста ҷиҳати такмили дониши худ ва шогирдон кӯшиш ба харҷ медодааст.

Пас аз иқомат дар Куния ба Табрез рафта, дар ин шаҳр 14–сол аз мансабҳои давлативу ҷамъиятӣ канора мегирад ва аз он пас ба таснифу таълифи осори худ мепардозад. Қутбиддин Шерозӣ марди некуахлоқ ва ҷавонмард буда, ҳеҷ гоҳ ғамгин намешуд ва андуҳе ба худ роҳ намедод. Ҳамеша дар тан ҷомаи суфиён дошт, рубобро бо маҳорат менавохт ва дар бозии шатранҷ дасти чира дошт. Ҳамеша, ҳатто дар давроне, ки аз мардум канорнишинӣ карда буд, ба шатранҷбозӣ машғул буд.

Яке аз муҳаққиқони муосири эронӣ Сиддиқ Сафизода дар китоби «Таърихи фалсафа дар Эрон» аз забони Аснодӣ дар китоби «Табақот» овардааст, ки «Қутбиддин Шерозӣ шаробро дӯст медошт ва кори дилро осон меангошт» [10, с.341]. Дар асоси далели мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Қутбиддин Шерозӣ тафаккури илмӣ ва ҷаҳонбинии дунявӣ дошта, ба ривоёти динӣ ва шариати исломӣ бо дидаи ратсионалӣ назар мекардааст. Майл ба бозии шатранҷ, навохтани асбобҳои мусиқӣ ва нушидани шароб одатҳое буданд, ки ба онҳо нафарони оз ва дур аз хурофот дар асрҳои миёна машғул мешуданд.

Дар баробари ин маълумотҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки мутафаккирро ҳамчун шахсияти диндор ва пайваста машғули ибодат муаррифӣ кардаанд. Масалан, Сиддиқ Сафизода дар китоби «Таърихи фалсафа дар Эрон» сифатҳои болозикрро дар нисбати мутафаккир ба давраи ҷавонии ӯ алоқаманд дониста, аз забони муаррихон зикр менамояд, ки: «Вай пайваста намоз бо ҷомоат мегузорид ва дар эътиқодоти динӣ дар шеваи пиразанон буд, дар баробари фақеҳон ва бенавоён ва ҳангоме ки вайро месутаданд фурутанӣ менамуд, мардумро ба омӯхтани Қуръон андарз медод [10, с.341].

Тавре ки дар боло ишора намудем, Қутбиддин Шерозӣ баъд аз Рум вориди Табрез гашта, дар хидмати Султон Муҳаммад Худобанда Улҷойту (703–716ҳ. мутобиқ ба 1305–1318м.) қарор дошт. Обу ҳавои Табрез мувофиқ ба мизоҷи мутафаккир омад ва аз ҳамин хотир вай то охири умр дар он шаҳр зиндагӣ кард. Пас аз гузашти умри бобарак мутафаккир соли 710 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1312 мелодӣ дар синни 76–солагӣ аз олам даргузашт. Ҷасади мутафаккирро дар гуристони Ҷарандоб Гуҷил дар канори мазори Қозӣ Носириддин Абдуллоҳ Байзовӣ (690 ҳ.қ. мутобиқ ба 1292м.) ба хок супурданд.

Пас аз даргузашти Қутбиддин Шерозӣ ҳаводорони афкору ақоид ва осораш марсияҳо ва сугвориҳои зиёде дар ҳаққи вай суруданд. Барои мисол:

Бозӣ кард чархи каҷрафтор,
Дар маҳи рӯза, оҳ аз он бозӣ.
«Зол»–у «Ё» рафта аз гаҳи ҳиҷрат,
Рафт дар парда Қутби Шерозӣ [10, с.342].

Сарфи назар аз носозгориҳои рӯзгор, рашку ҳасади ҳамкорону ҳамасрон, муносибати тезу тунд бо устодаш Насириддини Тусӣ ва давлату савлатдорони муғул Қутбиддин Шерозӣ ҳар лаҳзаи умри бобаракати худро фидои илму маърифат карда, осору таълифоти зиёде аз худ боқӣ гузоштааст.

Хулоса, рӯзгори мардони накуном ва шахсиятҳои фарҳангӣ дар таърихи тамаддуни миллат саҳифаи пурғановатеро меноманд, ки аз он чандин нафарони дигар ғановати маънавӣ бардошта, дар раванди рушди ҷомеа масраф менамоянд. Тавре ки таҳлили рӯзгор ва фаъолияти Қутбиддин Шерозӣ нишон медиҳад, ҳар давраи таърихӣ шахсиятҳоеро ба арсаи эҷод овардааст, ки аз нубуғашон фарҳангу маънавиёти миллат сероб гардида, бо фаъолияти эҷодӣ ва кору пайкорашон дар ташаккули афкори созанда ва худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири назаррас гузоштаанд. Месазад, ки шахсият, рӯзгор ва осори чунин шахсиятҳои фарҳехтаи миллат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад ва барои насли наврас муаррифӣ гарданд.

АДАБИЁТ

1. Арабо–мусульманская философия в системе мировой культуры/ Ред.–сост. Фролова Е.А. –М.: Изд. ИФ АН СССР, –1983.
2. Заҳабӣ Шамсуддин. Дувал таърих–ал–ислом. Бо кӯшиши Мозин ибн Салим. Дорулмуғнӣ, 1998.,
3. Заҳабӣ Шамсуддин. Таърихи дуввали ислом. Ҳайдаробод, 1237ҳ.қ.Ҷ.2. –167с.
4. История таджикской философии (с древнейших времен до XVв.). Т.2. Под общей редакции А.А.Шамолова, Душанбе: «Дониш»,2011.–788с.
5. Қумӣ. Мерот–ул–ҷанон. Ҳайдаробод. 1210ҳ.
6. Қутбиддин Шеразӣ. Дурату–т–тоҷ ли ғурату–д–Дабоҷ./ Мохдухт Бону Ҳумой. Муқаддимаи мусаҳеҳ. Теҳрон: Чопи аввал: Ширкати интишороти илм ва фарҳанг, 1339ҳ.
7. Қутбиддин Шеразӣ. Дурату–т–тоҷ ли ғурату–д–Дабоҷ./ Муҳаммад Машкуҳ. Муқаддимаи мусаҳеҳ. Теҳрон: Чопи сеюм: Ҳикмат, 1340ҳ.
8. Мударис Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тусӣ. Теҳрон, 1378. –С.134.
9. Муҳаммад Абдулҳайи Қунавии Ҳиндӣ. Фаводу–л–баҳия. Ҳайдаробод, 1240. –327с.
10. Сидиқ Сафизода. Таърихи фалосифаи Эрон (Аз Зардушт то Мулло Ҳодии Сабзворӣ). Теҳрон: Андешаи халоқ. 1385.–341с.
11. Субки. Табақот–ул–шофеъӣ. Ҷ.1. 248с.
12. Тимкин С. История естествознания.–М.,1999.–86с.
13. Хондамир. Ҳабибу–с–сияр. Теҳрон, 1336. –37с.
14. Хонсорӣ. Равзату–л–ҷинон». Теҳрон, 1367. –194с.
15. Ширази Кутбиддин. Царский подарок в области астрономии.//Древнее и средневековые источники по этнографии и истории Африки южные Сахари./ Пер. В.В.Матвеева.–М.: Восточная литература, 2002–Т.4.: Арабские источники XIII–XIV вв.

КУТБИДДИН ШИРАЗИ И ТАДЖИКСКАЯ СРЕДНЕВЕКОВАЯ ФИЛОСОФИЯ

Настоящая статья –является первой попыткой в современной философской науке, который посвящается определению жизни и жизнедеятельности одной из выдающихся представителя восточного перипатетизма Кутбиддина Ширази и выявлению его место в истории средневековой таджикской философии. Основной задачей статьи является рассмотрение биографии мыслителя, на основе достоверных исторических источников и произведении самого мыслителя, а также конкретизавать место и роли Кутбиддина Ширази в развитии таджикской философии XIII–XIV вв. и на эволюцию рационалистической мысли эпохи средневековья через призму светской науки. В процессе анализа и изучения источников жизнь мыслителя была тщательно проанализирована и

раскрыта с момента его рождения до конца жизни. На основе достоверных источников и сравнительного анализа изучено жизнь, общественная и общественно–научная деятельность Кутбиддина Ширози, которая еще не была тщательно исследована. Можно говорит, что не анализируя жизнь и деятельность Кутбиддина Шерози и не определяя его место в таджикской средневековой философии нельзя определит его философского учения. Кутбиддина Ширази как последователь восточного перипатетизма и как координатор философских школ средневековья смог доказать разумную мудрость и ее превосходство с помощью философского мышления.

***Ключевые слова**: Кутбиддин Ширози, перипатетизм, рационализм, Ахмад Такудор, Насриддин Туси, Ильхановский календарь, обсерватория, медицинская наука, экология, научное мышление, мировоззрение и другие.*

QUTBIDDINI SHEROZI AND TAJIK MEDIEVAL PHILOSOPHY

This article if worth –because this is the first try in the modern Tajik philosophy about one of the best features of the eastern peripatetic philosophy Qutbiddin Sherozi and determination of his position in the history of Tajik mediaeval philosophy. The actual goal of this article is to review the life of the scholar to base itself onto historical solid resources and his works, also to concretize the status of Qutbiddin Sherozi in development of Tajik philosophy in the XIII–XIV centuries in parallel the evolution of philosophical rationalization of medieval philosophy from the point of view of science. In the process of analysis and study the resources the life of the scholar from the birth to end was carefully analyzed. The life and state with social and scientific affairs of Qutbiddin Sherozi which was not carefully yet analyzed had several important issues in it. It was crucial to analyze this part of his life since it has many great points to know him as a scholar better. Qutbiddin Sherozi as the continuation of works by other peripatetic scholars was able to develop further the renationalized science mixing those with philosophy of kalam and hikmah and also showed its priority over those in his works.

***Keywords:** Qutbiddin Sherozi, peripatetic, rationalism, Ahmad Takudor, NasruddiniTusi, ZihyiIlkhoni, laboratory, medical science, environmental science, scientific thinking, world view, and opthers.*

Сведения об авторах:

***Амирхон Ш.Т.** –кандидат философских наук, зав кафедрой истории философии и социальной философии Таджикский национальнный университет.*

***Джураев Комрон** –Таджикский государственный университет имени С.Айни, кандидат философских наук. Тел: (+992_) 918351970 E-mail: komron 90 @mail.ru*

About the authors:

***Amirkhon Sh.T.** –Candidate of Philosophy, Head of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy, Tajik National University.*

***Juraev Komron** - Tajik State University named after S. Aini, applicant for the Department of Philasophy. Tel: (+ 992) 918351970 E-mail: komron 90@mail.ru.*

УДК:327.930,22

НАҚШИ ҲИНДИ БРИТАНИЯ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ХОНИГАРИҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БО МАМОЛИКИ ҲАМҶАВОР, ДАР АСРҲОИ XVIII–XIX, ОҒОЗИ АСРИ XX (БАР МАБНОИ САРЧАШМАҲО)

Саидов С.М.

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар ҳалли муносибатҳои байнидавлатии хонигариҳои Осиёи Миёна бо мамолики ҳамҷавор дар асрҳои ХУIII–XIX, оғози асри XX, абарқудратҳои вақт, Россия, Англия, аз ҷумла Ҳинди Британия нақши калон бозидаанд. Сарзамини Ҳинд аз қадим бо доштани мавқеи муносиби ҷуғрофӣ ва боигариҳои ҳангуфташ, диққати абарқудратҳои миктақавию ҷаҳониро ба худ моил карда буд. Аз ин ҷост, ки пас аз муборизаҳои шадид баҳри тақсими сарзаминҳои нав, яке аз абарқудратҳои истеъморгари вақт Англия, дар нимаи аввали асри ХУIII, тавонистааст, ки тавассути ташкил ва ба роҳ мондани ширкатҳои бузурги тиҷоратӣ, дар сарзамини Ҳинди бостонӣ султанониии худро роҳандозӣ намоянд. Англисҳои истеъморгар, ақидаҳоеро паҳн менамуданд, ки тибқи он, пас аз ҷангҳо дар Америкаи Шимолӣ ва соҳибистиқлолшавии Америка, минбаъд диққати асосии англисҳо

бояд ба истеъмори сарзаминҳои нав дода шавад. Яке аз муҳимтарин масъалаи муҳим дар ин самт, барои англисҳо, ишғол ва ғуломгардондани мардуми Ҳиндустон буд» [6, с.37].

Аз ин ҷост, ки англисҳо бо роҳи мудохилаи ошкоро дар кишвари Ҳинд, ки он вақт аз якчанд музофоти мустақил ва ниммустақил иборат буд, нақшаҳои ишғолгароёнаи худро амалӣ менамуданд. Муҳаққиқ Хариташвили ақида дорад, ки маҳз ҷангҳои вайронкоронае, ки Аҳмадшоҳи Дурронӣ бар зидди ҳокимони алоҳидаи сарзамини Ҳинд, ба хусус дар Панҷоб анҷом додааст, сабаби коҳиши қудрати ҳокимони музофотҳои Ҳинд гардидаанд ва сабаби осон аз ҷониби англисҳо забт шудани он шудааст» [9, с.67]. Охирин давлати мустақиле, ки дар ин сарзамин, дар шарқи Бангола бокӣ монда буд ва дар он маратхҳо зиндагӣ мекарданд, аз ҷониби Аҳмадшоҳи Дурронӣ забт шуда, ба харобӣ рӯ овард.Ин сабаби ба таври осон ишғол гардидани сарзамини Ҳинд аз ҷониби англисҳо гардид[7, с.17].

Тибқи нигоштаҳои муҳаққиқ Р.Датта, аввалин роҳбари «Ширкати Ҳинди Шарқӣ» Клайв ва пас аз ӯ Гастингс дар оғоз ҳамчун ширкати «Тоҷирони Лондон, дар Ҳинди Шарқӣ» фаъолият мебаранд ва дар бархе аз сарчашмаҳо, бо исми «Ширкати муттаҳидаи нидердандии Ҳинди Шарқӣ» ва ё « Ширкати Ҳинди Шарқӣ» низ зикр шудааст[6, с.39]. Сарчашмаи мазкур, аввалин губернатори ширкати «Ост Инд» ро Томас Смит ном мебарад. Воридшавии эмиссарҳои ширкати мазкур ба қисматҳои шарқии сарзамини Ҳинд, ба соли 1754–57 рост меояд. Фоидае, ки англисҳо аз сарзамини Ҳинд мегирифтанд, беандоза калон будааст.Р.П. Датта дар марҳилаи ибтидоӣ инкишоф ва тараққӣ кардани Англияро натиҷаи ғоратгариҳо аз Ҳинд медонад: «Плоды грабежа Индия в конце XV111 в. играли главную роль в обеспечении первоначального капитала для промышленной революции в Британии» («Ҳосили ғоратгариҳо дар охири асри ХУШ дар Ҳинд, маблағгузориҳои ибтидоиро дар ғалабаи инқилоби саноатии Британия таъмин намуд» [6, с.40]. Ё ин ки «Ҳамасола, аз соли 1757 то соли 1825, аз Ҳинд, Англия наздики 20 млн фунт даромад медид» [6, с.41]. Дар ҳар ду маврид, ҳам забти давлатҳои мустақили Осиёи Миёна аз ҷониби русҳо ва ҳам забти Ҳинди бостонӣ аз ҷониби англисҳо, абаркудратҳои вақт мақсади ягона доштанд, ки он ҳам, ба даст овардани боигарӣ аз ин сарзаминҳо будааст., Дар ин хусус пешоҳангони артиши давлатҳои ғосиб борҳо гуфтаанд ва дар хотираҳояшон он аъмоли бадандешонаашонро ба қалам додаанд Дар радифи вайронкориҳояшон, баъзан баҳри ободии сарзамини забткардаашон овоз баланд мекарданд. Профессор Платонов дар ин бора чунин менависад: «Англисҳо кӯшиши зиёд кардаанд, то ин ки тавассути Россия ба Осиё роҳ ёбанд. Пионер (роҳнамо.С.С.)–и онҳо дар ин амал, Антон Ҷенкинсон буд…» Платонов С.Ф. «Москва и Запад в XVI –XVII веках» Л.1925,с.34). Ба Ҳинд омадани англисҳоро олим ва сайёҳи рус И.П.Минаев дар китоби худ «Очеркҳои Сейлон ва Ҳинд. Аз дафтари хотираҳои марди рус» чунин ба қалам додааст: «Бо ҳам унс гирифтани аврупоиҳои ишғолгар, бахусус англисҳо бо ҳиндуҳо умуман тасаввурнопазир аст.Англисҳо дар Ҳинд решаи амиқ надавонидаанд:онҳо чун захм дар тани инсонанд.н бегонаҳо дар ин сарзамин танҳо дар фикри ёфтани боигарӣ мебошанд. Онро пайдо намоянд ва сер шаванд он ҷоро тарк мекунанд [5, с.16]. Дар оғози асри ХУ111, овозаҳои ба Ҳинд ҳуҷум намудани русҳо, англисҳоро безобита намуда буд.Онҳо бовар доштанд, ки русҳо ба Ҳинд ҳуҷум мекунанд Баъд аз шурӯи ҷангҳои байни империяҳо дар Аврупо, Россия аз Англия –қасос гирифтанӣ шуда ба сарзамини Ҳинд,, яъне ба «Ширкати Ҳинди Шарқӣ" («Ост Индская Компания») ҳамла карданӣ мешавад:»Павели 1 ба қарор меояд, ки тавассути сарзамини Осиёи Миёна артиши худро равонаи Ҳинд карда, ба дили империяи британии англисҳо зарба занад.12 январи соли 1801 сарвари артиши аттаманҳои Дон, генерал Орлов ба шоҳ якчанд иттилоия мефиристад, ки аз ҷумла чунин нигошта шуда буданд:»...англисҳо тавассути қувваҳои ҳарбии баҳрӣ ва артишашон, мақсади ҷуҷум кардан ба самти ман ва иттифоқчиёни мо шведиҳо ва даниягиҳоро доранд.Ман омодаам онҳоро қабул намоям, аммо моро зарур аст, ки худ ба самти онҳо ҳуҷум намоем, ба он ҷое, ки барои онҳо ҳассос аст ва онҳо интизории онро дар он ҷо надоранд.Чунин макон, метавонад Ҳинд бошад»[6, с.241]. Ҳақиқатан ҳам чунин нақшаи ҳуҷум ба Ҳинди Британия аз ҷониби сарони Россия ва Франсия, Павели 1 ва Б.Наполеон тарҳрезӣ гардида буд, аммо бо кушта шудани шоҳи рус ин нақша ичро нашуда мемонад. Таърихнигори англис Джордж Эванс дар китобаш «Иҷрошавандагии ҳуҷум ба Ҳинди Британия», дар асоси нигоштаҳои Поттинҷер, Киннейр, Муркрофт ва Муравёв ба хулоса омада буд, ки русҳо ба Ҳинд зарба зада метавонанд, аммо ин амали онҳо на ба мақсади тасарруф кардан, балки ба мақсади суст кардани иқтидори сиёсиву ҳарбии Англия хоҳад буд. Ин ҳуҷум на тавассути Эрон, балки тавассути Хева, Кобул бо ағбаи Хайбар амалӣ хоҳад шуд, нигошта буд ӯ. Коннолӣ низ чунин ақида дошт ва нигошта буд: «Ҳиротро ба базаи ҳарбӣ табдил додани русҳо аз эҳтимол дур нест» [6, с.226]. Аммо, коршиносони рус, аз ҷумла А.Медведев дар китоби

«Ҷанги абарқудратҳо» зикр мекунад, ки то солҳои 40 асри Х1Х, русҳо дар фикри тасарруфи Бухоро ё Хева набудаанд, ки он ба ҳақиқат рост намеояд. Ӯ зикр мекунад, ки ҳарчанд ҳазорон асирони рус дар хоки хонигариҳои Осиёи Миёна қарор доштанд, русҳо ҳамеша дар сиёсати хеш дар Осиёи Марказӣ гӯё мақсади мудофиавӣ доштанд.Чунин ақидаро, мо дар осори муҳаққиқони масоили сиёсӣ доир ба хонигариҳои асрҳои ХУ111 Х1Х Осиёи Миёна ва Ҳинди Британия, Е. А. Княжецкой О.Ю. Омарова, В.Б. Вилинбахова. М.Ю.Юлдашев, Ю.Э. Брегел мушоҳида менамоем. Муҳаққиқони зикршуда, дар даврони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ тадқиқот бурдаанд, қариб бо як овоз характери прогрессивӣ доштани ғасби Аморати Бухоро, Хонигариҳои Хива ва Қуқанд аз ҷониби Россияро ёдрас шуда, аз ҷониби англисҳо забт шудани сарзамини Ҳиндро барои халқҳои он зараровар донистаанд.Аммо, аз нигоҳи имрӯз, чунин ақидаи олимон ба ҳақиқат рост намеояд, чунки лашкаркашӣ намудан ва зери султа гирифтани як давлати мустақил, ин худ вайрон кардани ҳамаи қавонини башар аст. Фаромӯш набояд сохт,ки мақсади асосии подшоҳигарии рус, ғулом гардонидани халқҳои Осиёи Миёна буд. Онҳо халқҳои Осиёи Миёнаро ҳамчун бегонаҳо, («инородцы») меҳисобид ва ҳар як бедоршавии фарҳангҳои миллиро дар ин халқҳо тез буғӣ мекарданд. Ҳамин тавр, сад сол пас аз ворид шудани англисҳо ба Ҳиндустон, дар натиҷаи хоиниҳои зиёд ва қонуншиканиҳои номаҳдуд аз ҷониби роҳбарияти ширкати Ост Индия, нахустин шуришҳои мардумии зиддианглисӣ ба амал меоянд. Ҳаракатҳои зиддианглисии мардуми Ҳинд дар соли 1857 – 59 таъсири худро расонданд, то ин ки ширкати Ост Индия, фаъолияти роҳбарӣ дар умури дохилӣ ва хориҷии Ҳиндро аз даст диҳад ва Ҳинд ҳамчун мустамликаи шоҳаншоҳӣ, ба зери итоати бевоситаи шоҳони англис ворид шуда, ҷузви империяи онҳо эълон карда шуд [6, с.47]. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқ Строчи замони ҳукмронии малика Викторияро давраи беҳтарини фаъолияти шоҳаншоҳии Британия дар Хиндустон донистааст: «Ҳиндустон имрӯз тавассути он гурӯҳи роҳзаноне, ки саргарми ғаниматандӯзӣ буданд, идора намешавад» [6, с.95]. Лекин, ин маънои онро надошт, ки мардуми Ҳинд озод шуда буданд. Баръакс, ҳиндуҳо тибқи мақоли «аз борон раҳида ба барф задан» ро дар худ имтиҳон карда буданд.. Шарқшиноси рус Терентев Михаил Африканович дар бораи манфиатҳое, ки аз забткорихои русҳо ба даст меомад, навиштаҳои Коноллии англисро аз газетаи «Тайм» мисол меорад: «… Ҷахон аз забткориҳои Россия бурд хоҳад кард, чунки мумкин аст сарзамини дигареро пайдо намудан душвор бошад, ки мисли Осиёи Миёна дар орзӯи таҳаввулот ба самти ободӣ бошанд. Фанатизми исломӣ дар ҳама зинаҳои идорӣ заминҳои як вақтҳо серҳосили ин ҷойҳоро ба биёбон ва шаҳрҳои шукуфонро ба вайронаҳо табдил додаанд…» [8, с.2]. Ҳол он ки ҳамин муаллифи зикршуда, дар китоби дигараш чунин нигоштааст: «Самарқандро дар худ нигоҳ дошта,метавонем ба таври ҳамешпгӣ Бухороро бе нон, бе об гуруснаю ташна нигоҳ дорем ва ҳамин тавр, ғурури аҳолии иртиҷоии ин минтақаро, тавассути парҳез кардан («путём спасательной диеты») идора намоем» [8,с.29].Чунин таҳдидотро аз ҷумла барои тарсонидани афғонҳо мо дар муносиботи Ҳинди Бритониё ва Афғонистон низ мушоҳида менамоем. Тибқи нигоштаҳои муҳаққиқ Ғубор Мир Муҳаммад Ғулом дар китоби «Афғонистон дар масири таърих» чунин омадааст: «Ноиб шоҳи Ҳинд Литтон иброз намуда буд: «Агар Шералихон ба пешниҳодоти мо розӣ нашавад, дар якҷоягӣ бо Россия, Афғонистонро аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест мекунем» « [1, с.17]. Саволе ба миён меояд, ки муносиботи хонигариҳои Осиёи Миёна бо Ҳинди Британия дар кадом сатҳ қарор гирифта буд? Дар ин маврид, зикр намудани маълумоти муҳаққиқоне ба маврид аст, ки сабаби асосии бо Ҳинд муносибати хуб барқарор карда натавонистани Хонигариҳои Осиёи Миёнаро, аз вазъи бади сиёсии Хонигариҳои Осиёи Миёна донистаанд.

Мутаассифона, бо ғасби Ҳинд аз ҷониби Англия, мардуми Осиёи Миёна, дар мисоли тоҷирон, сайёҳон, адибон, сиёсатмдорон, сарзамини дар ҳамсоягӣ қарор доштаи худ–Ҳиндро, бо душвориҳо дидан мекарданд. Ғасби Ҳинд аз ҷониби Англия сабаб гардид, ки рафту омад миёни ду халқи ҳамсоя ва ҳамзабон (то ишғол шудан аз ҷониби англисҳо, забони расмии Ҳинд форсӣ будааст) ба нестӣ расад. Девори сунъие, ки бо исми»девори мудофиавӣ» («буферная зона»), аз тамоми замини як давлат (Афғонистон) эъмор гардид, дигар рафту омади мардуми оддӣ ва тоҷиронро барҳам зад. Аз ин рӯ муносибот дар тамоми самтҳои байнидавлатӣ миёни Хонигариҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндро ташкил менамуд, акнун тавассути русҳо амалӣ мегардиданд. Чунки дар нимаи дуюми асри ХХ, сарзамини Бухоро, Хива ва Қуқанд ба зери тасрруфи русҳо даромада буданд. Таърихи муносиботи тиҷоратӣ ва дипломатии русҳо бо Ҳинд, ба нимаҳои асри ХУ11 рост меояд.

Дар он вақт, дар солҳои 1648 –1651 шоҳи рус Алексей Михайлович ба подшоҳи моғулҳои бузург Ҷаҳонгир сафирони худро бо номи Никита Серёжикини тоҷир ва чанде пас Василий

Шоринро мефиристад. Аммо, ҳам Серёжкин ва ҳам Шорин дар мулки Форс аз ҷониби шоҳ Аббоси II боздошт карда шуда, ба ватанашон бармегарданд [6, с.137].

Шоҳи рус Алексей аз ахбори аз Бухоро овардаи Пазухин ном сафираш илҳом гирифта, боз ба сӯи Ҳинд сафорати дигареро омода менамояд. Ин дафъа сафоратро тоҷири астраханӣ Муҳаммад Юсуф Қосимов роҳбарӣ мекунад. М.Ю. Қосимов бо ҳамроҳии сафири дар Бухоро будаи русҳо Довудов, ба воситаи Бухоро ба Балх,сипас ба Ҳинд роҳ меёбанд ва дар он ҷо аз ҷониби дарбори шоҳӣ мавриди пурсуҷӯ қарор мегиранд.Вазъи ҳолро то ба шоҳ Ҷаҳонгир мерасонанд. Ӯ бошад сафирони русро хуш намепазирад ва изҳор менамояд, ки «…давлатҳои мо дар масофаи аз ҳам дур қарор доранд, русҳо бошанд аз мулки мо ғайр аз мақсади ба дастовардани боигарӣ, чизи дигареро намехоҳанд»[6, с.144]. Ҳамин тавр М.Қосимов аз Ҳинд бебарор (агар харидорӣ карданӣ 40 нафар асирони русро ба назари эътибор нагирем) бармегардад Намоянда–сафири дигари русҳо Семён Маленко, ҳамчун тоҷир дар соли 1694 тавассути Форс ва бо ризояти шоҳи он ба самти Хинд, роҳсипор мешавад. Ӯ бо мақсади дидор бо ҳокими моғулҳои бузург, ва барқарорсозии робитаҳои байниҳамдигарӣ роҳсипор мешавад. Маленко то ба Ҳинд тавассути кишти худро мерасонад, пас аз фурухтани молҳои тиҷоратии хеш, аз ҳокими моғули бузург ҳамчун тӯҳфа ба шоҳи Рус як филбачаро низ бо худ гирифта бо ҳамон роҳ боз пас мегардад, аммо дар роҳ, дар с. 1699, дар Шамаха вафот мекунад [6, с.149]. Дар давраи ҳокимияти Пётр кушишҳои бо давлатҳои феодалии Осиёи Миёна ва Ҳинд барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ –тиҷоратӣ давом дода шудааст. Новобаста аз вазъияти фавқулоддае, ки ба амал меомад, тоҷирони Осиёи Миёна ба самти Астрахан, Оренбург ва тоҷирони рус ба самти шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Балх рафтуомад мекарданд. Аввалин чунин корвони молҳои тиҷоратии русҳо бо ибтикори губернатори Оренбург дар с.1750 ба самти Кобул ки онҳо онро «аввалин шаҳри Ҳинд» медонистанд раҳсипор мешавад. Савдогарони рус бо роҳбарии Неплюев пас аз баргаштан ба ватан мақсади барқарор кардани сафорати муназзами тиҷоратӣ ва дар шаҳрҳои Бухоро, Хива, Кобул ва Қандаҳор кушодани ожонсиҳои тиҷоратии ҳамешагӣ мешаванд. Ҳокими ҳамонвақтаи Қандаҳор Аҳмадшоҳи Дурронӣ, ки мулкҳои Ҳирот ва Машҳадро дар зери нуфузи худ нигоҳ медошт, ба савдогарон ваъдаи амни сафоратро дода будааст. Дар Осиёи Миёна англисҳо разведкаи идорашаванда доштанд. Полковник д–Арси Тодд дар солҳои 30 асри Х1Х фармондеҳи қушунҳои артиллерии Эрон ба ҳисоб мерафт.Дар навбати худ, ӯ тамоми фаъолияти кормандони иктишофии (разведкаи) англисро дар сарзаминҳои Эрон, Афғонистон, Осиёи Миёна роҳнамоӣ мекард. Дар ин ҳангом, мо ба сӯи Бухоро ба сафар баромадани намояндагони ҷосусии англис Бернсро бо ҳамроҳии Джеймс Джерард 7 –марти соли 1832 – мушоҳида менамоем. Россияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар тӯли мавҷудияти худ, натавонистанд, ки роҷеъ ба бисёр масоили байналхалқӣ, ба хусус дар Осиёи Миёна ва Ҳинд ҳалли одилонаи масъалаҳоро пайдо намоянд. Ҳар кӯҷо ин ду абарқудрати вақт мудохила менамуданд, он ҷо ба бухрони амиқ табдил меёт. Аз ҷумла, хонигариҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои Ҳинд ва Эрону Афҳонистон аз ҳамин гуна «тӯъмаҳо» и хоме буданд, ки ин «кафторҳо» ба ғорати онҳо гирифтор буданд.Дар ин хусус муҳаққиқ Бобохоҷаев дуруст нигоштааст: «Англисҳо дар тарғиботи зиддирусии худ, сарони кишварҳои Осиёи Миёна ва Афғонистонро ба бастани муоҳадаҳои зиддирусӣ ташвиқ мекарданд. Англисҳо нақшаҳояшонро доир ба эҳдо намудани иттиҳоди зиддирусӣ дар Осиёи Миёна пинҳон намедоштанд. Англисҳо мехостанд, ки ҳамеша тавассути афғонҳо ба Россия зарар расонанд ва барои даст ёфтан ба он, роҳҳои гуногунро истифода мекарданд» [2, с.43]. Ҷон Макдоналд Киннер дар китоби худ «Нигоштаҳои илмии ҷуғрофӣ оид ба Империяи Форс»,(«Географические ученые записки о Персидской империи») зикр мекунад, ки Эронро Россия метавонад ба осонӣ аз худ намояд. Барои ноил шудан ба ин мақсад, русҳоро лозим аст, ки интизор бошанд, то ин ки ҷангҳои байнихудии шоҳзодаҳо барои соҳиб шудан ба тахт оғоз ёбанд ва аз фурсат истифода бурда, яке аз он шоҳзодаҳоро ҷонибдорӣ намуда, Эронро барои ҳамла ба Ҳинд истифода намоянд» [6, с.252].

Таърихнигори англис Ҷорҷ Эванс дар асоси нигоштаҳои Поттинҷер, Киннейр, Муркрофт ва Муравёв ба хулоса омада буд, ки русҳо ба Ҳинд зарба зада метавонанд, аммо ин амали онҳо на ба мақсади тасарруф кардан, балки ба мақсади суст кардани иқтидори сиёсиву ҳарбии Англия хоҳад буд. Ин ҳуҷум на тавассути Эрон, балки тавассути Хива, Кобул бо ағбаи Хайбар амалӣ хоҳад шуд, нигошта буд ӯ, дар китоби «Иҷрошавандагии ҳуҷум ба Ҳинди Британия». Корманди хадамоти иктишофии Ҳинди англисҳо Коннолӣ низ чунин ақида дошт. Ӯ нигошта буд: «Ҳиротро ба базаи ҳарбӣ табдил додани русҳо аз эҳтимол дур нест» [6, с.266]. Аммо, коршиносони рус, аз ҷумла А.Медведев дар китоби «Ҷанги абарқудратҳо» зикр мекунад, ки «...то солҳои 40 асри Х1Х, русҳо

дар фикри тасарруфи Бухоро ё Хева набуданд», ки он ба ҳақиқат рост намеояд[6, с.266]. Ӯ зикр мекунад, ки ҳарчанд ҳазорон асирони рус дар хоки хонигариҳои Осиёи Миёна қарор доштанд, русҳо ҳамеша дар сиёсати берунии хеш нисбати хонигариҳои Осиёи Марказӣ гӯё танҳо мақсади мудофиавӣ дошта буданд. Шарқшиноси дигари рус Терентев Михаил Африканович дар бораи манфиатҳое, ки аз забткорихои русҳо ба даст меомад, навиштаҳои Коноллии англисро аз газетаи «Тайм» мисол меорад: «… Ҷахон аз забткориҳои Россия бурд хоҳад кард, чунки мумкин аст сарзамини дигареро пайдо намудан душвор бошад, ки мисли Осиёи Миёна дар орзӯи таҳаввулот ба самти ободӣ бошанд… Фанатизми исломӣ дар ҳама зинаҳои идорӣ заминҳои як вақтҳо серҳосили ин ҷойҳоро ба биёбон ва шаҳрҳои шукуфонро ба вайронаҳо табдил додаанд…» [8, с.2]

Маҳз англисҳо сабаб гардида буданд, ки дар соли 1883 афғонҳо ба сарзамини Бадахшон, тавассути убури дарёи Панҷ ҳуҷум намоянд. Дар он вақт, аз ҷониби амири Афғонистон, мавзеъҳои Шуғнон, Рӯшон ва Вахон ишғол гардиданд. Қасдгирӣ кардани англисҳо аз русҳо барои дар Афғонстон ба амирӣ расидани «дӯсти» Кауфман –Абдураҳмонхон будааст. (Абдураҳмонхон то ба тахти Афғонистон нишастанаш, беш аз 10 сол дар Самарқанд зиндагонӣ кардааст.С.С.)» [6, с.237]. Англисҳо бо чунин амал, нияти Дарвозу Кулоб, Қаротегину Балҷувон ва Ҳисору Қурғонтеппаро низ гирифтани афғонҳо буданд.Чуноне ки М. Греггор дар китобаш зикр мекунад, ин нақшаи бузурги тақсими сарзаминҳои ишғолии Россия байни коалитсияи зиддирусӣ будааст[3, с.111] Забти мавзеи Пендин аз ҷониби афғонҳо дар соли 1884 низ. маҳз бо ибтикори афсарони англис сурат гирифтааст, ки дар охир бо ғалабаи русҳо анҷомидааст. Дар натиҷаи ин задухурд, вазъияти ҷангӣ миёни Россия ва Англия ба амал омад. Аҷиб он буд, ки амири Афғонистон аз соҳибӣ кардани он мавзеи бахснок даст кашида буд[10, с.224].

«Россия ва Англияро аз ҷанг мӯе ҷудо мекард? Ин ҷанг барои тақсими луқмаи хом, яъне Осиёи Миёна буд»,(«Россия была на волосок от войны с Англией из за дележа добычи в Средней Азии» [4, с.186]. Дар охири асри Х1Х, дар васоити ахбори умуми Англия, ахбори зиддунақис, оид ба омодагии русҳо барои ҳуҷум ба Афғонистон нашр мегардид ва мавриди баҳс қарор мегирифт. Аммо, он чӣ ба амал омад, он буд, ки артиши русҳо дар соли 1892 афғонҳоро барои аз хоки Бадахшон берун кардан, оғоз ба фаъолият намуданд. Тибқи шартномаи англо афғонӣ, ки аз ҷониби Абдурахмонхон ва Дюранд аз 2–Х1–соли 1893 имзо гардид, афғонҳо розӣ шуданд, ки сарзамини Шуғнон, Рӯшон ва Вахонро ба русҳо дода, ба ҷои он заминҳои қисми чапи Дарвозро соҳиб шаванд.

АДАБИЁТ

1. Ғубор Мир Ғулом Муҳаммад Ғулом. Афғонистон дар масири таъриҳ.1343. –601 с.
2. Бабаходжаев М.А. «Очерки социально –экономической и политической истории Афганистна (конец ХІХ –в) Ташкент, 1975.
3. Мау Греггор. Оборона Индии ч.1, 11, СМА вып.10 спб.1891.
4. Ленин В.И. «Полное собрание сочинений, т.,186. –30 с.
5. Минаев И.П. «Очерки Цейлона и Индии. Из путевых заметок русского ч.11.СПБ,1878
6. Медведев А. Война империй. Тайная история борьбы Англии против России / А.Медведев.Москва, 2016г., –798с.
7. Хариташвили Н. Афганистан в описании русского офицера Б.Л.Тагеева.Конец Х1Х –начало ХХ в.// Историография и источниковедение истории стран Азии и Африки №22, СПб. 2004
8. Терентьев М.А. Россия и Англия в Средней Азии.СПб.,1875, –361 с.
9. Кирзон Дж. Индия между двумя огнями. Из журнала «The Nineteenth Century», за август 1903 г. / перевел Г. Ш. подполковник Десино // СМА. Вып. ХІV СПб., 1903. С. 189.
10. Файз Муҳаммад хон Котиб Сироҷ –ут –таворих, т. С.111. –383.

РОЛЬ БРИТАНСКОЙ ИНДИИ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ СРЕДНЕАЗИАТСКИХ ХАНСТВ В ХУ111–Х1ХВВ. И НАЧАЛО ХХ В. (НА ОСНОВЕ ИСТОЧНИКОВ)

Для изучения роль Британской Индии в международных отношениях среднеазиатских ханств в ХУ111–Х1Х вв.и начало ХХ в. в этом регионе побывали много экспедиции, целью которых были разные: от этнографического исследования, до военной разведки в пользу империалистических стран. Многие ученые в своих трудах подчеркивали, что географическое расположения Среднеазиатских ханств очень удобен для наблюдения и ведение полноценных разведывательных работ со стороны империалистических держав того времени.. По этому, начиная с колонизацией Индии со стороны англичан, борьба за приобретением не только Памира и Кашгара, но и Среднеазиатских ханств ускорилось. Достаточно взглянуть на список исследовательских работ,

чтобы определить важность изучения Британской Индии и Среднеазиатских ханств для мировой цивилизации.

Ключевые слова: *Британская Индия, Среднеазиатские ханства, империализм, держав, Россия, XVII1– XIX.*

THE ROLE OF THE BRITISH INDIAN IN THE DIPLOMATIC RELATIONSHIP OF CENTRAL ASIAN KHANATE WITH NEIGHBORING COUNTRIES IN XУ111–X1X CENTURIES AND THE BEGINNING OF XX CENTURY (ON THE BASIS OF THE SOURCES)

Therefore, it is worth if we call the streets and villages of our region the names of those great Tajik scholars who have made a huge contribution to the study and familiarization of Tajik history and culture around the world. For example, to study the mountainous region of the British Indian, starting from the second half of the X1X century, this region was visited by many expeditions, the purpose of which were different: from ethnographic research to military intelligence in favor of the imperialist countries. Many scientists in their writings stressed that the geographical location of the British Indian is very convenient for observation and warfare in four directions. Therefore, since the colonization of India by the British, the struggle for the acquisition of the Pamirs accelerated. Just look at the list of researchers who visited the British Indian and Central Asian to determine the importance of studying this region for world civilization.

Keywords: *Russia, Central Asi, by Russia, Kirghiz –Kaisaks, separate, England, khanates, Central Asian, trader economic, relations, diplomatic, XVII1– XIX c..*

Сведения об авторе:

Саидов Султон Махмадович *–Таджикский государственный университет коммерции, доцент кафедры общественных наук. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Дехоти 1/2 . Тел. (+992) 935013312*

About the author:

Saidov Sulton Mahmoud adovich *–Tajik State University of Commerce, Associate Professor of Social Sciences. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Street ½ Tel: (+992) 935013312.*

АЗ ТАЪРИХИ СОХТМОНИ НАҚБҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

Айнулозода Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати роҳҳо вобастагӣ дорад. Зеро алоқаи иқтисодии байни ноҳияҳо маҳз ба воситаи роҳҳо амалӣ мегардад. Сохтмону таъмири роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ зарурати сохтани якчанд нақбҳоро дар замони соҳибихтиёрӣ ба миён овард, чунки аз нимаи фасли тирамоҳ то баҳор алоқаи ноҳияҳои марказӣ ва шимолии ҷумҳурӣ ба воситаи роҳи автомобилгард қатъ мегардид. Чунин ҳолат барои ҷумҳурӣ сараввал зарурати сохтани нақби «Истиқлол»–ро ба миён гузошт, ки он дар аввал бо номҳои нақби «Уштур» ва «Анзоб» ҳам маълум буд. [1, с.199]

Тарҳи сохтмони нақб аз ҷониби мутахассисони институти «Гидроспецпроект»-и шаҳри Москва ва институти лоиҳакашии «Тоҷикгипротрансстрой» ва системаи ҳавокашии он аз ҷониби ширкати «Метростил» иҷро гардидааст. Масири нақби Анзоб дар қисми баландкӯҳи қаторкӯҳи Ҳисор дар наздикии ағбаи Уштур мегузарад. Сохтмони нақби Анзоб соли 1989 оғоз ёфт, аммо бинобар бесуботии вазъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмон ба муҳлати номуайян мавқуф гузошта шуд. [4, с.537] Бояд қайд намуд, ки корҳои сохтмонӣ аз ду ҷониб–ҷануб ва шимол оғоз ёфта, тақрибан 600 метр иҷро гардида буд. Аҳолии минтақаҳои водии Зарафшон барои ба ноҳияҳои марказ ва ҷануби ҷумҳурӣ расидан маҷбур буданд, ки аз сарҳади Ҷумҳурии Узбекистон истифода намоянд. Дар ин давра мақомоти Узбекистон баъзан ба муҳлати номуайян сарҳадро мебастанд ки боиси пайдо шудани монеаҳои сунъӣ мегардид. Аз ин рӯ барои таъмини иртиботи доимии минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубии мамлакат соли 1998 дар ҷумҳурӣ сохтмони нақби мошингарди Анзоб бо дарозии 5049 метр дубора ба роҳ монда шуд. Моҳи январи соли 2001 Ҷумҳурии Узбекистон раводиди ҳатмии транзитиро ҷорӣ кард, ки ин барои ҳаракати аҳолии Тоҷикистон аз як гӯшаи кишвари худ ба сӯи дигар монеаҳо ба вуҷуд овард.

Танҳо баъди беҳтар гардидани вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ аз соли 2003 сохтмони нақб идома дода шуд. Тендерро ширкати эронӣ «Собир Интернешнл» ба даст оварда, якуми январи соли 2004 миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Эрон созишнома дар бораи сохтмони нақби Анзоб ба маблағи 39 миллион доллар ба имзо расид ва муҳлати сохтмони нақб бист моҳ муқаррар карда шуд. Аз ин маблаг 10 миллион доллар –аз ҳисоби маблағҳои грантии ҳукумати Эрон, 7,8 миллион доллар –ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 21,2 миллион ҳамчун қарзи Эрон ба Тоҷикистон ҷудо гардида буд. [3, с.50] Вақте ки созишномаи тарафайн ба имзо расид, аллакай 1486 метр нақби нақлиётӣ ва 1514 метр нақби ҳавокаш аз қисмати шимол ва 164 метр нақби нақлиётӣ ва 167 метр нақби ҳавокаш аз қисмати ҷануб тайёр буд. [7]

Сарфи назар аз шароити мураккаби корӣ, мушкилот дар таҳвили таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ, алахусус дар фасли зимистон, то моҳи марти соли 2006 сохтмончиён кисми зиёди корро ба охир расонданд. Ширкати «Собир Интернешнл» бо роҳбарии мутахассисони дараҷаи байналмилалӣ Алӣ Мӯсавӣ Раҳимӣ, Эҳсони Рачабзода, Алиакбари Қишмипур, Ҷамоли Муқимӣ, Ҷаводи Каримӣ, Ҷалоли Силаҳшӯр, Аҳмади Шорей, Ҳодии Гударзӣ ва Шоҳпури Иқбол бо мутахассисону коргарони тоҷик дар ҳамдастӣ тамоми душвориҳоро бартараф сохта, 23 марти соли 2006, соати 3–ю 30 дақиқа дар нуқтаи 1 километру 890 метр ҷанубу шимоли нақби мазкурро ба ҳам пайвастанд. [7]

26 июли 2006 бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод маросими расмии баистифодадиҳии нақб баргузор гардид. Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Ба истифода додани нақби «Истиқлол» барои рушди иқтисод, соҳаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ муҳим буда, ин қадами аввалин барои баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад, ки Шимол ва Ҷануби Тоҷикистонро пайваст менамояд». Бо пешниҳоди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон номи нақби Анзоб ба нақби Истиқлол иваз карда шуд. [3, с.51]

Тибқи маълумоти Низом Ҳакимов, вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 сентябри соли 2011 ба мақсади ба анҷом расонидани корҳои боқимондаи сохтмонӣ ва пурра мавриди истифода қарор гирифтани нақби «Истиқлол» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳуми иловагии ҳамкорӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст. Маблаги иҷрои корҳои боқимондаи бозсозии нақб 6 миллион долларро ташкил дода, саҳми Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун грант 3 миллион доллар мебошад. Масъулияти иҷрои корҳои бозсозӣ ба уҳдаи ширкати «Собир Интернешнл»-и Эрон буда, пардохти маблаги он пас аз анҷоми корҳои сохтмонии муайяншуда бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқшаванда тавассути Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ ва Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон амалӣ гардид. Ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ, хоса бетонрезии сатҳи ин нақб ҳаракати нақлиёт аз оғози моҳи июн то охири моҳи сентябр муваққатан манъ карда шуда, тавассути ағбаи Анзоб ба роҳ монда шуда буд. Насби ҳавокашҳо, таъмини нақб бо барқ ва чароғон кардани он мувофиқи қарордоди басташуда аз ҳисоби маблаги НБО «Сангтӯда–2» ба анҷом расонда шуд.[8] Аммо дар нақби «Истиқлол» корҳои бартараф намудани норасоиҳо минбаъд ҳам идома ёфт. Аз ҷумла солҳои 2014 –2015 корҳои таъмиру такмили ин нақб идома дода шуд. Аз 22 июн то 25 сентябри соли 2015 ҳаракати нақлиёт аз нақб маҳдуд гардид. Барои анҷоми ин корҳо ҳар ду тараф–Тоҷикистон ва Эрон 3 млн доллари, ҷамъ 6 млн. доллари амрикоӣ ҷудо намуданд. 25 сентябри соли 2015 маҳдудияти гузариши нақлиёт дар нақб бардошта шуд. Вале корҳои бартараф намудани норасоиҳо ҳанӯз ҳам давом дорад. [1, с.199]

Нақби «Шаҳристон» дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсӣ дорад. Санаи 11 июли соли 2006 сохтмони нақби «Шаҳристон» бо дарозии 5 километру 253 метр оғоз гардид. Дар сохтмони нақб 375 нафар коргарон иштирок карданд, ки 80 нафари онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, 65 мутахассис, илова бар ин 73 мошину механизмхо ҷалб карда шуданд.

То ба истифода додани он нақлиёт тавассути ағбаи «Шаҳристон» масофаи 23 километрро бо роҳҳои каҷу килеби кӯҳӣ ва пурхавфу хатар тай мекард. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ин мавзеъ барои рафтуои мошинҳо хеле вазнин буд. Аз ин ағба мошинҳои сабукрав фасли тобистон дар муддати якуним соат, фасли зимистон се–чор соат, мошинҳои боркаш бошад, айёми сармо ва боришоти барф баъзан то як ҳафта ва даҳ рӯз гузар мекарданд. То моҳи августи соли 2011 сохтмончиён дар нақби асосӣ тақрибан 91 ҳазору 900 метрро тай карданд ва тақрибан ҳамин масофа тавассути нақби ҳавокашӣ иҷро шуда буд. Бояд қайд намуд, ки то ин вақт 4 ҳазору 447 метр корҳои бетонрезӣ ба анҷом расонида шуда буд. [2]

Охири соли 2011 ва аввали соли 2012 дар нақби Шаҳристон беш аз 700 нафар коргарони чинӣ ва тоҷик дар се баст шабонарӯз кор мекарданд то ки то моҳи октябри соли 2013 нақб ба истифода дода шавад. [3, с.50]

27 октябри соли 2012 бо иштироки Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нақби «Шаҳристон» ифтитоҳ ёфт. Ҷаноби Олӣ зимни суханрониашон дар варзишгоҳи шаҳри Истаравшан махсус зикр карданд: «Ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» ва ба ин васила ба марҳалаи ниҳоӣ расидани бунёди шоҳроҳи бузурги Душанбе–Чанак дар самти амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон, яъне раҳоӣ бахшидани кишварамон аз бунбасти коммуникатсионӣ беҳтарин тухфа барои тамоми мардуми тоҷик аст». [5]

Пас аз ба истифода додани нақби «Шаҳристон» мошинҳои мусофиркаш ин роҳро дар 5 дақиқа ва мошинҳои боркаш дар 10 дақиқа тай менамоянд.[5] Бо кушодашавии нақб суръати гардиши бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли тобистон чор–панҷ соат зиёд шуда, гардиши мусофирон бошад, ду–се соатро ташкил дода, масофаи боркашонӣ то 750 километр кам карда шуд. Инчунин иртиботи мавсимӣ барҳам хӯрда, акнун тамоми сол иртиботи ҷануб ва шимоли ҷумҳурӣ таъмин карда шуд.

Ағбаи «Шар–Шар» дар масири шоҳроҳи Душанбе –Кӯлоб –Дарвоз –Хоруғ –Мурғоб –Кулма дар оянда робитаи нақлиётии миёни минтақаҳои калонтарини мамлакатро дар давоми сол таъмин карда, Тоҷикистонро бо давлатҳои ҳамсоя ва бандарҳои обӣ пайванд менамояд.

Солҳои зиёд ин роҳ барои рафтуомади одамон ва ҳаракати нақлиёт мушкилоти зиёд ва хатари ҷиддиро эҷод мекард.

аз ин рӯ бо мақсади беҳтар намудани ҳаракати нақлиёт дар ин шоҳроҳ миёни ҳукумати Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 20 октябри соли 2006–ум созишномаҳои дахлдор ба имзо расид, ки тибқи он сохтмони нақби Шар–Шар оғоз гардид. [11] Мутахассисону кормандони муҳандисиву техникии Тоҷикистону Чин дар бунёди нақби «Шар–Шар» заҳмат кашида, дохили нақбро бо ҳавокашҳои барқӣ, шабакаҳои таъмини бехатарии ҳаракат, аз ҷумла шабакаи зидди сӯхторӣ муҷаҳҳаз карданд, ки ҳамаи он аз маркази идоракунӣ тавассути таҷҳизоти компютерии муосир назорат ва идора карда мешуд муҷаҳаз намуданд.

30 августи соли 2009 маросими тантанавии ифтитоҳи нақби мошингарди «Шар–Шар» субҳи барвақт бо ташрифи Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба даромадгоҳи шимолии он оғоз ёфт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон Тсзо Сюелян ва роҳбари Ширкати сохтмони роҳу пулҳои ин кишвар лентаи рамзиро бурида, нақби мошингарди «Шар–Шар»–ро расман кушода намуданд.

Дар зарфи қариб 3 сол нақби дарозиаш 2224 метр бо баландии 7 метр ва паҳноии 11,5 метр ва 5 километр роҳҳои ба он баранда ва 1 пули бо дарозии 180 метр бо сарфи зиёда аз 130 миллион сомонӣ ҳамчун маблағи грантии туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ба мардуми Тоҷикистон сохта мавриди истифода қарор дода шуд. Нақби мазкур масофаи роҳи мошингарди Душанбе –Кӯлобро то 7 километр ва вақти ҳаракати воситаҳои нақлиётҳоро то 40 дақиқа кӯтоҳ намуд. [9] Дар сохтмони нақб 380 нафар коргарону мутахассисон, ки 185 нафарашон шаҳрвандони Тоҷикистон буданд, зиёда аз 70 адад таҷҳизоти гуногун истифода карда шуданд.[10] Бо мақсади пояндагии озодиву истиқлолияти миллати куҳанбунёди тоҷик бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2014 нақби «Шар–Шар» ба «Озодӣ» номгузорӣ карда шуд. [3, с.87]

28 феврали соли 2009 дар ҷаласаи навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи таҷдид ва сохтмони қитъаи роҳи Душанбе –Ваҳдат –Данғара бо нақби «Чормағзак» қабул шуда, 15–уми марти соли 2010 сохтмони нақби «Чормағзак» бо арзиши 300 млн сомонӣ ё 68 млн доллар оғоз гардид. Дарозии нақб 4 ҳазору 430 метрро ташкил дода, дар доираи азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе–Ваҳдат–Данғара татбиқ карда шуд.

Моҳи августи соли 2011 бо баъзе сабабҳо пудратчии асосӣ–ширкати чинии «China Road» пас аз мувофиқа бо ҳукумати Тоҷикистон муҳлати ба истифода додани нақби «Чормағзак»–ро аз моҳи март то октябри соли 2013 мавқуф гузошт. Яке аз сабабҳои ба таъхир гузоштани сохтмони нақб ин резиши сангҳо дар қисмати ҷануби нақб дар моҳи апрели соли 2011 ба ҳисоб мерафт. Чунин ҳолатҳо дар давоми сохтмони нақб чор маротиба ба амал омадааст [6].

1 октябри соли 2013 маросими расмии баистифодадиҳии шоҳроҳи Душанбе–Ваҳдат–Дангар ва ифтитоҳи нақби «Чормағзак», ки қисми ҷудонашавандаи ин шоҳроҳ буд, баргузор гардид. Баъд аз ба истифода додани нақби «Чормағзак» масофаи роҳи мошингарди Душанбе–Ваҳдат–Кӯлоб дар муқоиса бо роҳи Душанбе–Қӯрғонтеппа–Кӯлоб 100 километр кӯтоҳтар шуд. [12] Моҳи феврали

соли 2014 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номи нақби «Чормағзак» ба «Хатлон» иваз карда шуд.

Яке аз иншоотҳои дигар дар доираи лоиҳаи барқарорсозии роҳи автомобилгарди Душанбе–Чанак сохтмони нақби «Майхура» бо дарозии тақрибан 900 метр ба ҳисоб мерафт. Арзиши умумии сохтмони ин нақб 12 млн доллари амрикоиро ташкил дода, сохтмони он соли 2011 ба охир расид. [3, с.72]

Хулоса, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишварро яке аз ҳадафҳои стратегӣ карор дода, барои расидан ба ин ҳадаф дар самти бунёди пулу нақбҳо ва сохтмону азнавсозии роҳҳо корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

АДАБИЁТ

1. Абулҳаев Р., Акрамӣ З.И., Масов Р. ва диг. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. –Душанбе, «Дониш», 2016. –466 с.
2. Бобораджабов М. Марҳилаи навбатӣ. –Минбари халк. –2008. –9 апр. №27 (596)
3. Гафурова Г. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости (1991–2016 гг.). Дисс. канд.ист.наук. –Худжанж. 2018, –188 с.
4. История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история), Под общей редакцией академика Академии наук Республики Таджкистан Р.М.Масова. –Душанбе: «Империал–Групп», 2011. –688 с.
5. Каримзода Б. Тоннель «Шахристан» открылся. // Садои мардум. 2012. –13 дек. №151(2978).
6. Китайские специалисты пытаются устранить источник появления грунтовых вод в тоннеле «Чормагзак». UA. AVESTA. TJ/[Электронный ресурс]. Режим доступа: http: // www. avesta. tj, 11 июля 2012. Дата обрашения: 15.01.2020.
7. Мадалиев Қ. Нақби Истиқлол–вақоеъномаи роҳсозон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2257 (Санаи мурочиат: 20.01.2020).
8. Мунаввари Сафар. Нақби «Истиқлол» бозсозӣ мешавад// Ҷумҳурият. –2013, 13 апрел. №: 52–53; Накби Шар–шар: аз оғози сохтмон то имрӯз// Ҷумҳурият. –2007. –12 июля. №82 (21277).
9. Нақби Шар–Шар кушода шуд//Ҷумҳурият. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2955. (Санаи мурочиат: 20.01.2020).
10. Накби Шар–шар: аз оғози сохтмон то имрӯз// Чумхурият. –2007. –12 июля. №82 (21277).
11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани нақби Шар–Шар ва оғози азнавсозии роҳи Душанбе–Ваҳдат–Данғара, 30 августи соли 2009. //Ҷумҳурият. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2934. (Санаи мурочиат: 21.01.2020).
12. Чоршанбиев П. Бо қарори ҳукумати Тоҷикистон нақби «Чормағзак», ки моҳи ноябри соли гузашта ифтитоҳ гардида буд, ба «Хатлон» тағйири ном кард.//Азия –Плюс. 2014. –12 феврал. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/economic/20140212/na–bi–chorma–zak–ro–khatlon–va–shar–shar–ro–ozod–nomguzor–kardand. (Санаи мурочиат: 31.01.2020).

ИЗ ИСТОРИИ СТРОИТЕЛЬСТВА ТОННЕЛЕЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В этой статье автор предоставляет информацию об истории строительства тоннелей в Таджикистане. Отмечается, что строительство и ремонт автомобильных дорог республики обусловили необходимость строительства нескольких тоннелей. Потому что с середины осени до весны центральные и северные районы республики были отрезаны дорогой. Эта ситуация ставит необходимость для республики построить тоннель Истиклол, который первоначально был известен как туннель Анзоб. Строительство тоннеля Истиклол протяженностью 5,2 км началось в 1989 году. Однако он был отложен на неопределенный срок. Только после улучшения экономической ситуации в стране с 2003 года началось строительство тоннеля. 23 марта 2006 года строительство тоннеля было завершено.

11 июля 2006 года началось строительство Шахристонского тоннеля. Основными финансистами и экспертами были китайцы, а большинство рабочих были местными жителями. Туннель введен в эксплуатацию 27 октября 2012 года.

5 сентября 2006 года начался строительство тоннеля Шар–Шар ныне Озоди, длиною 2224 метра. Финансирование тоннеля было предоставлено Китайской Народной Республикой. Строительство тоннеля было завершено в 2009 году.

Одним из других объектов стало строительство тоннеля «Майхура» длиной около 900 метров в рамках проекта реабилитации автодороги Душанбе–Чанак. Общая стоимость тоннеля составляет 12 миллионов долларов США.

В целом, строительство и ремонт вышеупомянутых тоннелей имеет особое значение для дальнейшего развития народного хозяйства.

Ключевые слова: *Таджикистан, строительство тоннеля, Анзоб, Истиклол, Чормагзак, Хатлон, Шар–Шар, Озоди, Шахристон, Майхура.*

FROM THE HISTORY OF THE CONSTRUCTION OF TUNNELS IN TAJIKISTAN

In this article, the author provides information on the history of the construction of tunnels in Tajikistan. It is noted that the construction and repair of roads of the republic necessitated the construction of several tunnels. Because from mid–autumn to spring, the central and northern regions of the republic were cut off by the road. This situation makes it necessary for the republic to build the Istiklol tunnel, which was originally known as the Anzob tunnel. The construction of the 5.2 km Istiklol tunnel began in 1989. However, he was postponed indefinitely. Only after improving the economic situation in the country in 2003, the construction of the tunnel began. March 23, 2006 the construction of the tunnel was completed.

On July 11, 2006, the construction of the Shahriston Tunnel began. The main financiers and experts were Chinese, and most of the workers were locals. The tunnel was commissioned on October 27, 2012.

On September 5, 2006, the construction of the Shar–Shar tunnel, now Ozodi, with a length of 2224 meters, began. Tunnel funding was provided by the People's Republic of China. The construction of the tunnel was completed in 2009.

One of the other facilities was the construction of the Maykhura tunnel with a length of about 900 meters as part of the Dushanbe–Chanak automobile rehabilitation project. The total cost of the tunnel is 12 million US dollars.

In general, the construction and repair of the above tunnels is of particular importance for the further development of the national economy.

Key words: *Tajikistan, tunnel construction, Anzob, Istiklol, Chormagzak, Khatlon, Shar–Shar, Ozodi, Shakhriston, Maykhura.*

Сведения об авторе:

Айнулозода Нахтулло *–кандидат исторических наук, начальник управления учебной части Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: (+992) 918947518 E –mail nahtullo.87@mail.ru*

About the author:

Ainulozoda Nahtullo, *Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 918947518 E – mail nahtullo.87@mail.ru*

УДК:930(1–87)

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЁННЫХ НАЦИЙ: ИСТОРИЧЕСКИЙ АСПЕКТ

Хусейнзода А., Нуриддинов Р.Ш.

Таджикский национальный университет

В современном нестабильном мире усиливаеться необходимость объединения государств для реализации всеобъемлющей программы действий по решению глобальных проблем. В настоящее время все страны обладают различными политическими направлениями, специфическим уровнем экономического и социального развития, а также имеют национальные, культурные, религиозные, этнические особенности. Каждое государство преследует свои национальные интересы, имеют свою позицию в современном мире и обладают определенными ресурсами и возможностями для их достижения. Стоит отметить что эти отличительные черты препятствуют в решении глобальных проблем.

Как показывает И. Клод в своей книге «Проблемы и прогресс международной организации», основатели Организации Объединенных Наций имели историю, на основу которой они опирались. Он так же отмечает что страны всегда собирались вместе для реагирования на кризисы, но принцип постоянно действующей глобальной организации все еще считалась экспериментальной. [1, с.24–25]

Следует отметить что с возникновением государственности двусторонние отношения были основным способом связи и урегулирования конфликтов между государствами. В начале XIX века в Европе этот процесс начал меняться и многосторонние конференции стали основой диалога о сотрудничестве. Наиболее яркими примерами таких конференций послужили четыре крупных конференций, которые состоялись в период с 1815 и 1822 годами в ответ на раздробленность которое было связанно с Наполеоновскими войнами. Один из первых конгрессов который был провозглашён Венским конгрессом ознаменовал собой первые шаги для достижения мира который был основан соглашением между наиболее сильными и слабыми державами, с помощью баланса

сил, который был направлен на сдерживание будущей агрессии, подобной агрессии Франции при Наполеоне. Долгие годы лидеры крупнейших наций Европы, собирались около тридцати раз, для того чтобы обсудить своевременные политические вопросы. Такие совещания проходили в Берлине, Париже, Лондоне и других городах Европы. По инициативе более могущественных стран так называемых «Великие державы», был создан исполнительный комитет по европейским делам. Позднее к этому собранию присоединялись, Греция, Бельгия в 1830 году и Турция в 1856 году. Как отмечает представитель Организации Объеденных Наций И. Клод, «дипломатия по конференциям стала установленным фактом жизни в девятнадцатом веке». [1, с.26]

Тем не менее в независимости от вопросов, связанных с безопасностью которые обсуждались на совещаниях, Европа так же принимала активное участие в международных усилиях по организации на территории государств других вопросов. Были созданы комиссии для управления судоходством на реках Дунай и Рейн. Для того чтобы улучшить средства связи были созданы Всемирный почтовый союз и Международный телеграфный союз которые функционируют и до сегодняшнего дня. Необходимо отметить что рост торговли и миграции в то время привели к распространению таких болезней, как холера, что послужило толчком для проведения шести международных конференций, посвященных вопросам здравоохранения на период с1851 по 1903 год. [1]

В 1889 и 1907 гг. были проведены мирные конференции в Гааге, Нидерландах, на которых число государств было увеличено до сорока четырех, включая большую часть Латинской Америки. Гаагские конференции были показателем равенства участников в противовес великим державам. Особая заслуга Гаагских конференций были в том, что международные отношения основывались на стандартных нормах и регулярном созыве членов. Эти конференции не создали постоянный институт, но они дали основу многосторонним консультациям, которые в итоге привели к созданию Международного суда (Постоянный Суд Международной Юстиции, который находится в Гааге) и Лиги Наций основанной в результате Версальско–Вашингтонской системы Версальского соглашения в 1919–1920 годах. [1, с.28]

Первая мировая война положила конец Европейскому Концерту и запланированной третьей Гаагской мирной конференции. После окончания первой мировой войны эти две концепции возобновились и были объединены в Лигу Наций, которая сохранила статус исполнительного комитета великой державы в сочетании с эгалитарной универсальностью Гаагской идеи. Совет Лиги стал исполнительным комитетом и предоставил постоянный статус пяти основным державам, которые пользовались властью и влиянием. Совет и Ассамблея были показателем эгалитарного идеала Гаагской концепции, то есть она давала возможность всем членам Лиги иметь права на равные голоса. Лига не только объединила две предыдущие идеи, но еще и создала постоянный секретариат и регулярные собрания для дальнейшей трансформации сотрудничества, которые были инициированы конференциями, комиссиями и общественными союзами.

Вопреки всем усилиям Лига Наций столкнулась с трудностями, и она не смогла предотвратить Вторую мировую войну. [2, с.5–6]

Члены Лиги Наций надеялись на то что можно предотвратить войну мирным путем, так как основная цель Лиги Наций заключалась в предотвращении агрессии коллективными действиями ее членов. Лига Наций была основана на том, что война –это ошибка, а диалог и переговоры — это путь разрешения споров, которые возникали между ее членами. В итоге члены Лиги Наций не справились с целенаправленной агрессией стран «оси» и их союзников. [3, с.8]

Вторая мировая война доказала неэффективность Лиги Наций. Таким образом эта война дала импульс инициативе по укреплению безопасности в мире. 18 апреля 1946 году Лига Наций официально завершила свое существование. Все ее обязательства были переданы Организации Объединенных Наций. Так же Организация Объединенных Наций унаследовала многие компоненты структуры и процедуры Лиги Наций. Решение о создании Организации Объединенных Наций было принято на Ялтинской конференции руководителями стран антигитлеровской коалиции и было подписано И. Сталиным, Ф. Рузвельтом и У. Черчиллем. На этой конференции, проходившей 4—11 февраля 1945 года, были сформулированы основные принципы деятельности Организации Объединенных Наций, определена ее структура и функции. 25—26 апреля 1945 года была проведена Конференция в Сан–Франциско, которая закрепила официальное учреждение Организации Объединенных Наций. [4, с.259]

После подписания каждая нация в рамках собственного процесса ратифицировала Хартию. 28 июля 1945 году Сенат Соединённых Штатов Америки одобрил Хартию путем голосования 89

голосами против 2. С согласия Сената Трумэн подписал акт о ратификации, и таким образом Хартия была ратифицирована. Двухпартийное участие Сената на протяжении всего процесса оказалось очень успешной стратегией. Договор обсуждался публично и к 24 октябрю 1945 года страны подписали и ратифицировали Хартию. 24 октября Организация Объединенных Наций была официально создана, а 27 декабря 1945 года все первоначальные члены ратифицировали ее. [4, с.262–267]

Структура Организации Объединенных Наций, состояла из четырех органов: Генеральной Ассамблеи (куда входят представители всех стран –членов Организации Объединенных Наций); Совета Безопасности (Одиннадцать стран –членов Организации Объединенных Наций — пять постоянных и шесть — избранных Ассамблеей), Экономического и Социального Совета и Международного Суда. Техническая работа возлагалась на Секретариат Организации Объединенных Наций. [5, с.330]

Организации Объединённых Наций как универсальная организация в современное время сталкивается с критикой со стороны выступающих за реформирование Организации Объединенных Наций. Необходимо отметить что организацию невозможно назвать демократической, так как государства основатели имеют больше прав, чем остальные страны, но несмотря на это созданы все условия для сотрудничества. Создание Организация Объединенных Наций было осознанным шагом государств и полномочия, которые возлагались на организацию были ориентированы на благо будущего сотрудничества стран мира. Следует отметить что, в период создания ООН человечество осознавало, то что, насколько разрушительна война и к каким последствиям она приводит.

«Устав Организации Объединенных Наций, который вы только что подписали», — сказал президент Трумэн в своем обращении на последнем заседании Конференции, — «является прочной основой, на которой мы можем построить лучший мир. Этот акт войдет в историю. После победы в Европе и в ожидании окончательной победы в этой самой разрушительной из всех войн, мы одержали победу над самой войной... Вместе сэтим Уставом для всего человечества открывается надежда на наступление такого времени, когда все достойные его представители получат возможность жить так, как это подобает свободным людям». [5, с.330]

Организация Объединенных Наций отпраздновала свое 50–летие в 1995 году. В начале своей деятельности Организация Объединенных Наций выдержала давление холодной войны, деколонизации и многочисленных региональных кризисов. Секретариат Организации Объединенных Наций превратился в компетентную международную бюрократию, гораздо большую и сложную, чем предполагалось в 1945 году и Генеральный секретарь, который раньше считался главным администратором, стал крупным мировым лидером. С окончанием холодной войны и новой эрой глобализации Организации Объединенных Наций оказалась под давлением реформ. Предполагается, что Совет Безопасности должен отражать изменения в мировом балансе сил и должен стать более прозрачным. Но Устав оказался гибким инструментом, в него были внесены лишь трижды поправки, чтобы расширить Совет Безопасности с его первоначальными 11 членов до сегодняшнего 15 и расширить членский состав Экономического и Социального Совета (ЭКОСОС) в два раза до его нынешних 54 членов. Организация Объединенных Наций выросла с 51 подписавшего ее члена в 1945 году до 189 в 2001 году. Деколонизация, включая подопечные территории, столь чувствительную проблему в Ялте и Сан–Франциско, конструктивно и эффективно контролировалась Генеральной Ассамблеей и Советом по Опеке. Все бывшие колонии и подопечные территории теперь являются независимыми членами Организации Объединенных Наций, и Совет по Опеке больше не имеет никакой реальной функции.

В состав Организации Объединенных Наций входят 193 государства. С 1945 года (51 государство) состав увеличился почти в 4 раза. Членом Организации Объединенных Наций может быть только государство. Согласно гл. II Устава, организация открыта «для всех миролюбивых государств, которые примут на себя содержащиеся в настоящем Уставе обязательства и которые, по суждению Организации, могут и желают эти обязательства выполнять». [6, с.11]

Любая организация должна адаптироваться к меняющемуся миру, и Организация Объединенных Наций продолжает находить способы творчески приспособиться к своей новой среде. Так же Организации Объединенных Наций должна развиваться в соответствии с политической обстановкой и в связи с новыми угрозами безопасности в мире. История показывает, что, если организация не справляется со своими основополагающими задачами, тогда более подходящие институты могут его заменить. Сегодня под влиянием демократического гражданского

общества члены Организации Объединенных Наций должны чувствовать ответственность за свои действия. Учреждение должна будет адаптироваться к этой изменяющейся среде.

Карлос Ромуло, один из основателей Организации Объединенных Наций на Конференции в Сан–Франциско в 1945 году, довольно кратко сказал: «у нас в Организации Объединенных Наций единственный мировой форум, который у нас когда–либо будет. Вы упраздняете Организацию Объединенных Наций, и нам придется создать еще одну». Вольтер однажды сказал, великий французский писатель: «Если бы у нас не было бога, нам нужно было бы создать бога». В этом есть логика. [3, с.37]

Сегодня Организация Объединенных Наций занимает политическое пространство в центре глобального диалога. Мы не можем взять газету, не найдя в нем что–то об Организации Объединенных Наций. Как было заявлено в Декларации тысячелетия Организации Объединенных Наций в 2000 году, «ответственность за управление мировым экономическим и социальным развитием, а также за угрозы международному миру и безопасности должна быть распределена между народами мира и должна осуществляться на многосторонней основе. Как самая универсальная и наиболее представительная организация в мире, Организация Объединенных Наций должна играть центральную роль». [3, с.40]

ЛИТЕРАТУРА

1. Inis L. Claude, Jr., 1984, Swords into Plowshares. The Problems and Progress of International Organization, fourth edition, Random House, New York, pp. 24–28.
2. Yale–UN Oral History Interview with Alger Hiss, October 11, 1990, p. 5–6.
3. UN History Book Text pp.8,37,40 Internet Recourse. https://acuns.org/wpcontent/uploads/2012/06/The_Founding_of_the_United_Nations_International_Cooperation_as_an_Evolutionary_Process.pdf (Дата обращения 08.02.2020)
4. А.С. Протопопов, В.М. Козьменко, Н.С. Елманова. История международных отношений и внешней политики России 1648–2005. Москва –2006. С.259–267
5. Исторические аспекты создания ООН. А.С. Харланов, профессор кафедры мировой экономики Дипломатической академии МИД РФ (г. Москва), президент Международного банковского института (Санкт–Петербург) С. 330,331
6. Interview with Romulo, p. 11.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ: ИСТОРИЧЕСКИЙ АСПЕКТ

В статье рассматривается возникновение Лиги Наций, а затем ее преемника –Организации Объединенных Наций, ознаменовавшей новую эру в развитии международного права. В статье также анализируется качественно изменившееся международное сотрудничество государств, которое приобрело постоянные руководящие органы, которые в своей работе опирались на коллективные решения государств, принятые на основе принципов, которыми руководствуется мировое сообщество при признании и уважении прав человека и прав народов. Так же в статье показан пример неустойчивости организаций, которые не справляются своими обязанностями в следствие чего теряют свое влияние или перестают существовать. Сегодня под влиянием растущего демократического гражданского общества Организация Объединенных Наций обязана стать более ответственной за свои действия, как и государства –члены, которые определяют решения и политику. Учреждение должно будет адаптироваться к этой изменяющейся среде.

Ключевые слова: *Лига Наций, Организация Объединенных Наций, ратификация, коллектив, сотрудничество, признание, мировое сообщество, государства, права человека, среда.*

THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE UNITED NATIONS: HISTORICAL ASPECT

The article deals with the emergence of the League of Nations and then its successor, the United Nations, which marked a new era in the development of international law. The article also analyzes the qualitatively changed international cooperation of States, which has acquired permanent governing bodies, which in their work were based on collective decisions of States taken on the basis of principles that guide the world community to recognize and respect human rights and the rights of peoples. The article also shows an example of the instability of organizations that do not cope with their responsibilities, as a result of which they lose their influence or cease to exist. Today, under the influence of a growing democratic civil society,

the United Nations is obligated to become more responsible for its actions, as are the Member States that determine decisions and policies. The institution will need to adapt to this changing environment.

Keywords: *League of Nations, The United Nations, ratification, collective, cooperation, recognition, world community, States, human rights, environment.*

Сведения об авторах:

Хусейнзода Азиз *–Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международные отношения Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Тел: (+992) 934010800. E-mail:* aziz_1989@mail.ru

Нуриддинов Рахимали Шахбозович *–Таджикский национальный университе, доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: rshn1995@mail.ru*

About the authors:

Huseinzoda Aziz *–Tajik National University, graduate student of the Department of International Relations, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, 17 Rudaki Ave.,* ***Tel:*** *(+992) 934010800. E-mail: aziz_1989@mail.ru*

Nuriddinov Rahimali Shahbozovich *–Tajik National University Dr. of Science (Political Science), Professor, Head of the Department of International Relations,. Address: 17, Prospect Rudaki, Dushanbe, 734025, Tajikistan. E-mail: rshn1995@mail.ru*

УДК –9(М) 01

РУШДИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ВА РАВИЯҲОИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1954 –1984)

Норов И.С.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Аз аввалҳои солҳои 50 –уми асри ХХ дар Тоҷикистон барои ташаккули илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти махсус дода мешуд. Барои пешрафти соҳаҳои мухталифи илми ҳуқуқшиносӣ як қатор олимони ватанию хориҷӣ саҳмгузорӣ намудааанд. Дар ин давра ташаккули корҳои илмӣ–тадқиқотӣ тезонида шуда дар давоми солҳои 1954 –1959 4 кори илмии фундаменталӣ пешбарӣ гардид. Як қатор мавзӯҳо барои пешрфти соҳаи ҳуқуқ коркард карда шудабуданд, ки аз ҷумлаи онҳо:

1. Инкишофи давлат ва ҳуқуқ дар Тоҷикистони Шӯравӣ. Иҷрокунанда –дотсент В.Г. Гранберг
2. Масъалаҳо вобаста ба иқтисодиёт ва ҳуқуқ. Иҷрокурнанда –дотсент Г.С. Явич
3. Нақши фаъоли ҳуқуқи шӯравӣ дар корҳои ҳимояи захираҳои табии ИҶШС. Иҷрокунанда –номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ю.П. Касаткин
4. Ҳуқуқи муаллифӣ дар ИҶШС. Иҷрокунанда –номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ В.И. Корецкий

Олимони ҳуқуқшиноси ДДТ ба номи В.И.Ленин (имрӯза Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон) дар конфронсҳои илмӣ иштирок ва бо маърӯзҳои илмӣ ё1баромад мекарданд. Аз ҷумла 15 декабри соли 1955 дар конференсияи илмии донишгоҳ, дар бахши таърих ва ҳуқуқ 4 маърӯза пешниҳод гардида буд. 22 майи соли 1956 дар конференсияи илмӣ дар ДДТ, ки он ба създи ХХ –КПСС бахшида шуда буд, 5 маърӯза дар бахши ҳуқуқ пешниҳод гардид.

Дар баробари корҳои тадқиқотию илмӣ олимони ҳуқуқшиноси донишгоҳ ба масъалаи методика ва методологияи таълим низ аҳамияти махсус медоданд. Ин амалҳо барои пешрафти сатҳу сифати таълим мусоидат намуд. 11 январи соли 1957 аз ҷониби профессор И.Б.Новицкий ва дотсент В.И.Корецкий маҷмӯаи «Масъалаҳои методикаи таълими ахлоқи ҳуқуқӣ» аз чоп баромад, ки ҳамаи устодони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ низ ба он саҳми худро гузошта буданд.

Аъзоёни кафедраи ҳуқуқи граждани дар раванди ташаккули корҳои илмӣ ба пешрафти сохтори ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистони Шӯравӣ саҳми босазо гузоштанд.

Маҷмӯаи «Корҳои илмии факултети ҳуқуқшиносӣ», ки соли 1957 аз чоп баромада буд, аҳамияти муҳими илмӣ дошт. Дар ин маҷмӯа 8 мақолаи илмӣ оварда шудааст, ки соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносиро дар бар мегирад, ки яке аз мақолаҳо, ки муаллифаш Жогин Н.В. бо чунин ном «Некоторые вопросы ответственность за преступления, составляющие пережитки феодально–байского быта» аз чоп баромада буд. Гарчанде корҳои илмии ба мавзӯи мазкур таааллуқдошта ҳимоя шуда буданд ҳам, аммо мавзӯи зерин мубрам ва доғи рӯз ба ҳисоб мерафт, ки ӯ соли 1959 дар ҳамин мавзӯъ номзадии худро ҳимоя намуда буд [1].

Маҷмӯаи дигари факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба ном В.И. Ленин соли 1957 таҳти унвони «Масъалаҳои сохтори давлтдорӣ, ҳуқуқ ва қонуният» аз чоп баромад, ки он фарогири тамоми паҳлӯҳои илми ҳуқуқшиносӣ инъикос ёфта буд. Соли 1958 Г.С. Севликянц дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии додани музди меҳнати колхозчиён дар соҳаи пахтакорӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кард ва баъдтар вай доктори илмҳои иқтисодӣ шуд.

Корҳои илмию тадқиқотии ҳуқуқшиносони ҷумҳурӣ бо маҷмуаҳо маҳдуд намешавад. Соли 1957 моногрфияҳои С.А. Раҷабов ва Л.С. Явич аз чоп баромад.

Аз 22 то 24 апрели соли 1958 дар ДДТ конфренсияи илмӣ бахшида ба рӯзҳои Ленинӣ баргузор гардид. Дар ин конфронс В.Г. Гранберг дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии ҳуқуқи граждани», А. Мавлянов «Ленин дар бораи демократия ва диктатура» ва Г.С. Севликянц «Назария ва амалияи ҳуқуқи колхозӣ дар марҳилаи муосир» ва ғайраҳо бо маърӯзаҳои худ баромад карданд [4, с.28].

Ҳамчунин дар конфронс масъалаҳои ҳуқуқии хориҷӣ аз қабили «Ҷиноятқорӣ дар ИМА ва Англия», маърӯзаи Ю.П. Касаткин ва «Ислоҳоти конституцсионии Фаронса» маърӯзаи Л.М. Энтин низ мавриди баҳс қарор гирифта буд [4, с.29].

Дар солҳои 50 –уми асри ХХ шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гаштанд. 13 декабри соли 1959 китоби «Таърихи олимони сиёсӣ» аз чоп баромад, ки дар он дар бораи олимони соҳаҳои сиёсату давлат ва ҳуқуқ маълумотҳои муҳими арзиши илмидошта гирд оварда шудааст.

Соли 1959 маҷмуаи нави мақолаҳои илмии олимони факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин аз чоп баромад. Дар ин маҷмӯа нақши марказиро мақолаи С.А. Раҷабов бо номи «В.И. Ленин –ташкилотчии давлати Шӯравӣ» мебозид[2, с.49–55].

Дар ин маҷмӯа инчунин мақолаҳои навиштаи Г.Н. Манов ва А.Д. Брензон низ дар ин маҷмӯа ба чоп расида буд. Мавзӯи мақолаи В.К. Гиригорев «Масъалаҳои системаи заминдории Шӯравӣ ва сохтори он» ном дошт, ки дар он масъалаҳои ҳуқуқи заминдорӣ ва қонунгузории Шӯравӣ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин мақолаҳои М.М. Мавлянов, У. Илебаев, К.М. Крацев, Е.А. Андрусенко низ ҷолиби диққат буданд.

Соли 1960 Я.М. Яковлев рисолаи номзадиро дар бахши криминалистика ҳимоя кард. Ш.Р. Розиқов бошад дар бораи таърихи сохтмони сохтори судӣ дар Тоҷикистон монография чоп карда буд. Соли 1960 дар донишгоҳ конфренсияи сатҳи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар ҷомеа» баргузор гардида буд, ки дар он Ю.П. Касаткин, М. Муллоев, Я.М. Яковлев, Е.М. Яковлев, Л.В. Фронн, А.Р. Грушенко, П.Я. Жуков бо мақолаҳои пурмазмун баромад карда буданд.

Аз соли 1953 то соли 1958 коргарони факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин 4 монография, 3 маҷмуаи илмӣ ва 40 мақолаҳои илмӣ аз чоп бароварданд. Дар ин давра кадрҳои маҳаллӣ О. Усмонов, М. Муллоев, А. Мавлянов, Ш. Розиқов, Р. Ҳамроқулов ва дигарон ба саҳнаҳои илми ҳуқуқшиносӣ ворид гардиданд [4, с.30].

Дар аввалҳои солҳои 60–уми асри ХХ илми ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон то як андоза рушд ёфта буд. Барои пешрафти илми ҳуқуқшиносӣ дар мамлакат қарорҳои ҳукумат ва ҳизб аҳамияти хосаро доро мебошанд, ки дар солҳои 60 ва 70–уми асри ХХ дар самти илм қабул карда шуда буданд.

Дар маҷмӯъ дар солҳои 60 ва 70–уми асри ХХ олимони ҳуқуқшиноси Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталифи илми ҳуқуқшиносӣ тадқиқотҳои илмӣ анҷом доданд, ки асоси онҳоро масъалаи ҳуқуқии сохтмони сотсиализм баҳри расидан ба коммунизм ташкил медод.

Тадқиқотҳои олимони ҳуқуқшинос фонди илмии илми ҳуқуқшиносии Шӯравиро бой гардонид. Корҳои илмӣ –тадқиқотии олимони ҳуқуқшиноси Тоҷикистонро дар он вақт ба соҳаҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Тадқиотҳо дар соҳаи давлатшиносӣ;
2. Тадқиқотҳо дар соҳаи ҳуқуқи граждани ва равандҳои он;
3. Тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ;
4. Тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ;

Инак якчанд корҳои илмии солҳои 60–70–уми асри ХХ–ро вобваста ба соҳаҳои дар боло зикр гардида, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони Тоҷикистон бурда шудаанд меорем:

1). Соҳаи тадқиқотҳои давлатшиносӣ

«Масъалаи мавқеъ, нақш ва аҳамияти Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳр дар ҶШС Тоҷикистон», С.М. Қосимов дар ин мавзӯъ соли 1961 рисолаи номзадӣ ҳимоя кард.

«В.И. Ленин ва давлати миллии Шӯравӣ», монографияи С.А. Рачабов, ки он соли 1970 аз чоп баромада буд.

«В.И. Ленин –тасхиркунандаи бузурги илм», мақолаи С.А. Рачабов, ки соли 1963 аз чоп баромадааст.

Мачмӯаи мақолаҳои устодони факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин доир ба масъалаи давлат, ҳуқуқ ва сиёсати ленинӣ соли 1963 аз чоп баромад.

Соли 1970 академик С.А. Рачабов барои корҳои илмиаш дар соҳаи давлатшиносӣ ба гирифтани ҷоизаи ба номи Абӯалӣ ибни Сино мушарраф гардид.

2). Тадқиқотҳо дар соҳаи ҳуқуқи граждани ва равандҳои тадбиқи он:

– «Дар бораи хелҳои шартномаи хариду фурӯш», мақолаи О. Усмонов соли 1960 аз чоп баромад ва соли 1961 дар ин мавзӯъ аз ҷониби ӯ пурра тадқиқ гардида рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд.

– Соли 1968 Е.М. Яковлев дар мавзӯи ҳуқуқи граждани рисолаи докторӣ ҳимоя карда буд.

– Мачмӯаи корҳои илмие, ки соли 1962 аз чоп баромад, ки 5 мақолаи он ба масъалааи ҳуқуқи граждани бахшида шуда буд.

–монография бо номи «Таърихи қонунгузории граждани дар Тоҷикистон», ки муаллифаш О. Усмонов буд он соли 1975 аз чоп баромад.

–боз монографияи «Ҳуқуқ ба манзили шаҳрвандони Шӯравӣ» О. Усмонов соли 1975 аз чоп баромада буд. Ин дастовардҳои олимони ҳуқуқшиноси тоҷик дар ташаккули илми ҳуқуқшиносии тоҷик ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқӣ заминаи устувор гузошт.

3). Тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ

– дар Тоҷикистон аз соли 1962 то соли 1971 мачмӯаи «Масъалаҳои криминалистика ва экспертизаи судӣ» ҳамасола аз чоп мебаромад, ки дар он масъалаҳои муҳимтарини соҳа баррасӣ карда мешуд.

–аз 24 то 27 октябри соли 1962 дар шаҳри Душанбе конференсияи криминалистон баргузор гардид, ки масъалаҳои мубраму ҳалталаби ин соҳа мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд [4, 41].

– соли 1966 «Мачмӯи мақолаҳои устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ» дар зери роҳбарии Р.Н. Ҳамроқулова, Л.В. Франк аз чоп баромад [4, с.42].

– соли 1963 Л.В. Франк дар мавзӯи «Масъалаи раванди баррасии парвандаи ҷиноӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд [4, 43].

– Н. Ю. Қурбонов соли 1968 дар мавзӯи «Мубориза бар зидди ҷиноятқории ноболиғон» рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд [4, с.44].

4). Тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ:

–моҳи майи соли 1968 дар шаҳри Душанбе конфренсияи умумииттифоқии илмӣ баргузор гардид, ки асосан мавзӯи «Масъалаҳои умдаи таърихи сохтмони давлатдорӣ»–ро дар бар мегирифт. Соли 1970 тамоми мърӯзаҳои дар ин конфренсия қироатгардида дар мачмӯаи алоҳида аз чоп баромад.

–моҳи декабри соли 1972 бахшида ба 50 солагии таъсисёбии ИҶШС конфренсияи илмӣ–омавӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Дар конфронси мазкур як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ дида баромада шуда буданд.

– соли 1968 қисми якум ва соли 1972 қисми дуюми мачмӯаи корҳои илмии кафедраи таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқи ДДТ ба номи В.И. Ленин аз чоп баромада буд.

– С.А. Рачабов соли 1962 дар мавзӯи «Сиёсати миллии Ленин дар ИҶШС» дар конфренсия баромад кард.

– А.А. Исмоилов дар мавзӯи «Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар идоракунии давлат», соли 1965 рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд.

Соли 1978 дар мамлакат Конституцсияи нав қабул карда шуд. Аз соли 1984 дар Тоҷикистон кори дастачамъона дар фасли «Мустаҳкамгардонӣ ва пуррагардонии масъалаи давлат ва ҳуқуқ ва батанзимдарории муносибатҳои ҷамъияти оғоз ёфт. Дар ин давра корҳои илмӣ густарши тоза пайдо намуданд. Танҳо дар соли 1984 кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин 2 монорафия, 2 мачмӯаи мақолаҳои илмӣ, 2 дастури таълимӣ, 49 мақола, 5 тезис дар шакли ҳисобот, ду дасури методӣ ва 9 брошюраро аз чоп бароварданд. Дар 60 конфренсия 198 маърӯза дар мавзӯъҳои мухталифи илми ҳуқуқшиносӣ шунида шуд. Тадқиқотҳои илмӣ дар 6 кафедраи факултет

аз рӯи 17 мавзӯъ идома меёфт, ки дар он 40 нафар устодони кафедра иштирок меварзиданд ва саҳми худро дар пешрафти илми ҳуқуқшиносӣ мегузоштанд [3, с.131].

Муаллифон дар назди худ вазифа гузоштанд, ки корҳои илмии худро ҷамъоварӣ намуда дар маҷмӯаҳои алоҳида аз чоп бароранд. Соли 1982 маҷмӯаи корҳои илмии С.А. Рачабов аз чоп баромад, ки дар он 440 мақолаи вай ҷой дода шуда буд [5, с.86].

Дар ин давра профессорон А.Аъзамхоҷаева, М.Ҳакимова, Ш.Урзова, З.Иномҷонова, А.С.Пирадов кор ва фаъолият намуда дар тарбияи олимони ҷавон саҳми беандозаи худро гузоштанд.

Соли 1984 дар мамлакат роҳи нави илмҳои ҷомеашиносӣ аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ муайян карда шуд, ки ин ҳам бошад густариши ҳимояи рисолаҳои номзадиро дар назар дошт. Аз соли 1975 то соли 1984 олимони ҳуқуқшиноси тоҷик 9 рисолаи номзадӣ ва ду докторӣ ҳимоя карда буданд.

Ҳамин тавр дар солҳои 70–80–уми асри XX соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон рушд ёфта он барои тайёр намудани мутахассиссони ватанӣ, пешгирӣ намудани ҷиноятқорӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардум саҳми сазовор гузошт. Бинобар ин мо гуфта метавонем, ки дар ташаккули илми ҳуқуқшиносии тоҷик саҳми олимони ватанӣ низ хеле назаррас ба шумор меравад. Муҳаққиқоне ба монанди О. Усмонов, М. Муллоев, А. Мавлянов, Ш. Розиқов, Р. Ҳамроқулов аз зумраи чунин олимонеанд, ки мақолаву монографияҳои худро барои таҳкими пояи ҳуқуқи граждани ва соҳаҳои мухталифи дигари илми ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ ва имрӯза бахшидаанд. Ин гуна олимони фидои илму ватан буданду ҳастанд, ки илми ҳуқуқ дар Тоҷикистон рушд кард ва боз дар ташаккули он олимони ҷавони соҳаи мазкур саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

АДАБИЁТ

1. Берензон А.Д., Основные особенности советской аграрное првовое порожение в механизме советского сотциолистического государство., Сталинобод.–1959.
2. Научная конфреция посвяшенная ленинским дням., 22–24 апреля 1958 года. Тезиси даходов. Сталинобод.–1958.
3. Наука в Таджикиском госуниверситете, –Душанбе:, Дониш.–1985.
4. Раджабов С.А, Клеандров М.И., Развитие юридической науки в Таджикистане. –Душанбе:, Дониш, 1986. –112 с.
5. Раджабов С.А.–учёный, педагог, общественилный деятель., Изд. 2. Библиография. –Душанбе:, Дониш. –1982.

РАЗВИТИЕ ЮРИСПРУДЕНЦИИ И ЕГО ОТРАСЛЕЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ (1954–1984 годы)

В статье дано краткая информация о развитии юридических наук и его направлениях в Таджикистане за 1954 –1984 годы. Анализированы примеры из произведений ученых по этой сфере и определены важности этих произведений. Изложены характерные особенности развития юридической науки. А также определены и анализированы степени правового знания народа. Подчёркивается, что ученые по юридической сферы 1954–1984 годах достигли больших научных достижений. Также автор пытается дать информацию о проведении научных конференций и участии ученых–юристов. Следует отметить, что этот вопрос решается с точки зрения истории, и здесь автор приложит усилия исследовать все аспекты данного вопроса.

Данная проблема была изучена в трех этапах. На первом этапе были рассмотрены фундаментальные научные работы, которые были написаны в 1954 –1959 годах.

Вторая проблема, связанная с содержанием, –это раздел научных работ 60–х и 70–х годов XX века, которые были разделены на разных категориях. В данной статье представлены четыре категории, исследования в области государствоведении, гражданского права и ее процессов, борьбы с преступностью и истории и теории государства и права.

В третьей части представлена информация о положении юридической науки в начале 80–х годов XX века. Деятельность ученых по юриспруденции находились в центре внимания автора.

Статья содержит комплекс основных вопросов по истории юридической науки в 1954 –1984 годах в Таджикистане.

Ключевые слова: *наука, юриспруденция, ТНУ имени В.И. Ленина, государство и право, СССР, Таджикский ССР, юридический отрасль, история науки.*

THE DEVELOPMENT OF LEGAL STUDIES AND ITS BRANCHES IN TAJIKISTAN (1954–1984 YEARS)

The article provides brief information about the development of legal sciences and its directions in Tajikistan for 1954 –1984. Examples from the works of scientists in this field are analyzed and the importance of these works is determined. The characteristic features of development of legal science are stated. And also the degrees of legal knowledge of the people are defined and analyzed.

It is emphasized that scientists in the legal sphere in 1954–1984 achieved great scientific achievements. The author also makes effort to give information about scientific conferences and participation of legal scholars. It should be noted that this question is solved from the historical point of view, and here the author will endeavor to explore all aspects of this question.

This problem was studied in three stages. At the first stage, fundamental scientific works were considered, which were written in 1954–1959.

The second problem related to the content which is the section of scientific works of the 60s and 70s of the twentieth century, that were divided into different categories. This article presents four categories, research in the field of state studies, civil law and its processes, the fight against crime and the history and theory of state and law.

The third part presents information about the situation of legal science in the early 80–ies of the twentieth century. The activities of legal scholars were the focus of the author's attention.

The article contains a set of basic questions on the history of legal science in 1954–1984 in Tajikistan.

Keywords: *science, jurisprudence, TNU after V. I. Lenin, state and law, USSR, Tajik SSR, legal branch, history of science.*

Сведения об авторе:

Норов Исматулло–*аспирант кафедры отечественной истории Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. (Республика Таджикистан) E-mail: ismatullo.norov.1995mail.ru. Тел: (+992) 927703589.*

About the author:

Norov Ismatullo*–post–graduate student of the home history department under, Khujand State University named after academician B.Gafurov. (Tajikistan Repablic) E-mail: ismatullo.norov.1995mail.ru. Тел: (+992) 927703589.*

САҲМИ КИШВАРШИНОСОНИ СОЛҲОИ 30–40–УМИ АСРИ ХХ ДАР ОМӮЗИШИ БОСТОНШИНОСИИ ВОДИИ ҲИСОР

Сангинов Ҳ.Ҳ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар солҳои 30–юми асри ХХ Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи аввали ташакулёбии худро ҳамчун ҷумҳурии мустақил паси сар намуд. Мутаассифона муҳаққиқони соҳаи бостоншиносӣ дар ҷумҳурии навбунёд ҳануз набуданд. Аввалин омӯзишҳои археологии водии Ҳисор бошад, соли 1932 аз ҷониби бахши кишваршиносии Институти илмӣ–тадқиқотии Комиссариати маорифи халқи РСС Тоҷикистон дар соҳилҳои қадимаи дарёи Душанбе ҷиҳати муайян намудани ёдгориҳои давраи асри нави санг неолит доир гардида буд [1, с.13]. Бинобар ин давраии аввали омӯзиши бостоншиносии ҷумҳури ба фаъолияти кишваршиносон вобастагии зич дошт. Инҳо А.Е.Маҷӣ, В.Р.Чейлитко ва В.Д.Салочинский буданд.

Гарчанде А.Е.Маҷӣ мутахассиси соҳаи бостоншиносӣ набошад хам, вале ӯ ба таърих муносибати мустақиман дошта, корманди Институти шарқшиносӣ буд. Дар ҳудудҳои шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он ҷиҳати муайян намудани ёдгориҳои давраҳои гуногуни таърихи кишвар ва шаҳри ҳамонвақтаи Сталинобод тадқиқотҳои бостоншиносӣ доир намуд. Дар бойгонии шӯъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон харитахо, нақшаҳои мавқеи ҷойгиршавии шаҳракҳо, қурғонҳо ва инчунин тасвирҳои гирдовардашудаи бозёфтҳои бостоншиносии мавзеҳои атрофи шаҳр маҳфузанд.

Теъдоди маводҳои тасвирии А.Е.Маҷӣ 250 саҳфаро дар бар мегиранд. Арзиши ин мероси гаронбаҳои А.Е.Маҷӣ дар он аст, ки ӯ тавонист тамоми ин ёдгориҳоро бинад, қайд намояд. Харитаи тартибдодаи А.Е.Маҷӣ 34 адад ёдгориҳои бостоншиносиро дар бар мегирад .Ҳангоми сохтмонҳои азими шаҳр аксари ин ёдгориҳо бебозгашт нобуд гардиданд. Аз рӯи тасвирҳои нақшавии

маҳфузмонда доир ба якчанд ёдгориҳо ва бозёфтҳои ҷамънамуда маълумот пайдо намуда метавонем. Оиди ёдгориҳои боқимонда гуфтан мумкинаст, ки онҳо аз бошишгоҳои зичи ҳудуди пешинаи шаҳри Душанбе, асосан аз соҳилҳои дарёи Лучоб, Варзоб ва Душанбе иборат мебошанд.

Аз руи коркарди техникаи ин сангҳо ва олотҳои ёфташуда, дар ин зинаҳои соҳил замони зисти одамони ибтидоиро муайян кардан мумкин аст, ки ин давраи асри санги миёна –мезолит (8–7–ҳазорсол .п.м) мебошад. Дар соли 1954 аз соҳили рости дарёи Лучоб А.Е.Маҷӣ олотҳои сангиеро гирдовард, ки онҳо ба давраи дигари асрисанг яъне ба давраи неолит (6–3 ҳазор сол п.м) истифода мешуданд. Онҳо дар асоси усули тайёрнамудани олот аз шағали дарёи (обсанг) тайёр карда шудаанд. Инҳо нуклеусҳо, пораҳо, тарошаҳо мебошанд.

А.Е.Маҷӣ соли 1951 аз наздикии майдони бозори Роҳиоҳан (ҳозира Шоҳмансур) олотҳои сангии дар шакли каландҳои хеле суфта, пайдо намуд. Аз рӯи тасвири он гуфтан мумкин аст, ки барои тайёр намудани он шағали сабзро аз тоифаи сангҳо истифода бурдаанд. Чунки ҳамаи олотҳои суфташудаи давраи ниолити: табар, каланд, кордҳо аз чунин тоифаи сангҳо тайёр карда мешуданд.

Чун қоида бошишгоҳҳои асрисанг бисёртар қад–қади соҳилҳои дарёҳо, яъне ба сарчашмаи об наздиктар ҷойгир шудаанд. Ҳудуди бозор аз соҳили дарёи Душанбе дар масофаи зиёд ҷойгир аст . Олотҳое, ки дар соҳили дарёи Лучоб ва бозори Шоҳмансур ёфт шуданд, маҳсули дасти сокинони Маданияти неолитии Ҳисор мебошад. Ин маданият қариб тамоми ҳудуди имрӯза Тоҷикистони ҷанубиро фаро гирифта буд,

Ёдгориҳои замони антиқии А.Е.Маҷидро аз рӯи се нуқта муайян намудан мумкинаст. Ёдгории асосӣ, албатта, шаҳраки Душанбе ба ҳисоб меравад. Баъдан ба омӯзиши он бисёр бостоншиносон шурӯъ намуданд. Махсусан аз солҳои 80–уми асри ХХ ва солҳои 2002–2004.

А.Е.Маҷи расми нодире аз соли 1928–ро дорад, ки дар он тасвири шер дарсуфаи дарёи Варзоб мебошад. Дар он шаҳраке, ҷойгир шудааст, ки ҳоло сохтмонаш ба итмом нарасидааст ва биноҳои он намуди якимората мебошанд. Дар худи ҳамин ва як қисми нақшаи пурраи шаҳрак, ки қисмати шимолияш дар вакти гузаронидани канал дар солҳои 50–ум шуста шуда буд, тасвир ёфтааст. Дар вақти тадқиқоти ин ҳудудҳо А.Е.Маҷӣ маводҳои зиёди кулолӣ ,ки ба ду давраи асосии ин шаҳрак таалуқ доранд ҷамъ намуд. Дар байни кулолҳои антиқа –тағорача, машраба, ҷомҳо бо зарфҳои васеи тагашон ҳамвор мавҷуд буданд. Чунин зарфҳо ба давраи кушонӣ хос буда, онҳо таърихи қабати поёнии шаҳрчаи Душанберо дарохири асри II т.м. ва аввали асри I т.м.нишон медиҳанд [2, с.162–163].

Аз рӯи маълумоти техникӣ сафол хуб тайёр карда шуда, бо сифати баланд пухта шудааст. Ин ҷомҳоро бостоншиносон «зарфҳои садобарор», меноманд. Дар бораи мавҷудияти яке аз шаҳракҳои давраи Кушонӣ, ки дар тарафи рости соҳили поёнии Лучоб ҷойгир шудааст, пораҳои бисёр зарфҳои гуногуншакл ва як зарфи бутун боқимонда шаҳодат медиҳанд.

Дар теппаҳои тарафи ғарбии роҳи оҳани истгоҳи Сталинобод ҷойгир буданд, пораҳои зиёди зарфҳо ёфт шуданд. Ба замони Кушониён ҷомҳои борики пояи пастдошта дохил мешуданд. Дар бораи дар ин макон вуҷуд доштани шаҳрак дар асри миёнаи мутараққӣ зарфҳои кулолӣ бо нақшу нигори гуногу, ки бо усулҳои геометрӣ ичро карда шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Афсус, ки расмҳо бо сиёҳӣ кашидашудаанд ва навъҳои рангҳоро муайян кардан ғайриимкон аст. Бо чунин тарзҳои гуногун болопӯши якчанд оташдонҳои сайёр, ки бомуҳр ороиш дода шуданд ё кандакорӣ шудаанд нақкошӣ ёфтаанд. Асосан ин ороишот шакли ҳандасавӣ доштанд.

Дар маҳаллаи Шишихона (ҳоло шаҳраки 84) А.Е.Маҷӣ нақшаи умумии ҷойгиршавии онро тартиб дод (Солҳои 1982–1984 Т.М.Отахонов кӯшиш намуд ,ки ба омӯзиши ин макон шурӯъ кунад. Ҳафриётҳо асосан аз рӯи нақшаи А.Е.Маҷӣ бурда шуданд [3. с.24].

Гарчанде ки А.Е.Маҷӣ ҳафриёт нагузаронида бошад ҳам, вале ӯ тавонист танҳо маводҳоро аз болои теппа, ки ба мавҷудияти ин шаҳрча вобастагии зич доранд ҷамънамуд.

Аз маводҳои маҳфузмонда се ёдгориро ҷудо кардан мумкинаст, ки онҳо дар атрофи ин шаҳр воқеъ гардида буданд. Яке аз шаҳракҳо аз тарафи шимол ва дигаре аз тарафи ҷанубии шаҳр воқеъ гардидаанд. Аз рӯи тасвир гуфтан мумкин аст, ки шаҳракҳо дар қуллаи теппа ҷойгиршуда, шаҳрро аз тарафи шарқ иҳота менамоянд. Онҳо дар худ теппаҳои росткунҷашакл ва қуллаҳои ҳамвори дарозияшон то 100м, паҳноии 20–30 м ва баландии то 10 м–ро доштанд.

Дар байни намудҳои зарфҳои сафолии хусусияти хос дошта порчаи зарфи сирдорро ҷудо кардан мумкинаст. Сири зарф сафедранг мебошад. Аз болои зарф бо хатҳои мавҷнок ва якқатор нуқтаҳои рангҳои сабз, гулобӣ ва хокистарранг дошта оро дода шуда буданд.

А.Е. Мачӣ тарафи ғарбии шаҳрро дар назди деҳаи Шайнак таҳқиқ намуд. Мутассифона аз тамоми бозёфтҳои ӯ дар бойгони танҳо расми кӯза бонақшҳои бурида боқӣ мондааст, ки аз рӯи намудаш мансуби асри мёнаи дерина мебошад [4, с. 165].

Аз ин бар меояд, ки омузиши ҳамаи маводҳое, ки А.Е.Мачӣ аз худ боқӣ мондааст бисёр муҳим аст. Намуди қадимаи шаҳракҳои Душанбе ва роҳҳои онро танҳо дар тасвирҳои ӯ дидан мумкинаст. Чун ки ба ҷои шаҳраки Шишихона шаҳраки 84 сохташуда, истгоҳҳои асрисангӣ чун қоида дар канораи соилҳо ва каналҳои шусташудаанд.

Шахсияти дигаре, ки дар ин солҳо ба омӯзиши археологии водии Ҳисор диққат дода буд В.Р.Чейлитко мебошад. Ӯ дар аввали солҳои 40–ум ба омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистон оғоз намуда, дар ҳудуди ҷумҳурӣ ёдгориҳои зиёди бостоншиносиро таҳқиқ намуд .

Оиди фаъолияти В.Р.Чейлитко М. М.Дяконов маълумот дода, қайд мекунад, ки қабристони ёдгории Тупхона дар ноҳияи Ҳисор диққати ин бостоншиносро хануз дар соли 1941 ба худ ҷалб намуда буд. Ӯ ба таърихи водии Ҳисори бостонӣ хуб шинос буда, барои ҳифзи ёдгориҳои таърихии он кӯшишҳо намуд

В. Р.Чейлитко дар Тупхона ҳафриёти начандон калон гузаронид. Мутаассифона ҳисоботҳои ин ҳафриёт то замони мо нарасидаанд. Аз ин сабаб оид ба натиҷаҳои онҳо чизе гуфтан душвор аст. Мувофиқи гуфтаи М.Дяконов В.Р. Чейлитко дар Тупхона ҳафриёт гузаронида, як катор шурфхоро дар нишебихои чанубӣ ва шимолии теппа гузошта, хумеро кашф кард, ки дохилаш ҷасади кӯдак дошт. [5, с.155].

В.Р.Чейлитко яке аз аввалинҳо шуда ба таҳқиқоти шаҳраки қаблазисломии Қалъаи Шодмон дар водии Ҳисор, дар имрӯза ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ солҳои 1943–1944 ба омӯзиши ин ёдгорӣ шуруъ карда буд. Нишонаи ҳафриётҳои ӯ дар маркази баландии ёдгорӣ ва қисмати шимолу ғарбӣ боқӣ мондааст. [6, с.181].

Дар нимаи аввали солхои 40–уми асри гузашта дар ҷумҳурии Тоҷикистон бостоншинос П.Смоличиев фаъолият кардааст. Ӯ 5 августи соли 1941 дар маркази шаҳри Сталинобод кашфиёте намуда, онро таҳти сарлавҳаи «Дафнкунӣ ба шакли қатшуда дар нохияи Сталинобод» нашр намуд [7, с.75–82].

Ҳангоми санҷиши қубурҳои обии шаҳр дар назди яке аз онҳо устухонхои одам ва зарфхои сафолӣ ба микдори 10 адад ёфтшуданд . Аз рӯи боқимондаҳо ва изи ангуштон дар кисми поёнии онҳо П.С.Смоличев муайян намуд, ки онҳо аз чиҳати шакл ва бузургӣ гуногун мебошанд . Аз рӯи таҳқиқи ҳолати чойгиршавии устухонхои кос ва дигар кисмхо маълум гардид, ки ҷисм дар вакти гуронидан дар ҳолати қатшуда буда, ба паҳлуи рост гузошта шуда буд.

Таҳқиқҳо муайян намуданд, ки дар чунин қабрҳо одамони сардароз бо фоизи начандон калони моил ба мезосифалӣ ва брохсифалӣ дохил мешуданд. Вале ба кадом халқият таълуқ доштани онро гуфта натавонист, чунки косахонаи сар хеле зарар дидабуд. Аз рӯи усули тайёр намудани зарфҳои сафолӣ, шакли он ва тарзи дафнкунӣ (қатшуда) П.Смоличев ин ёдгориро мансуб ба нимаи аввали ҳазорсолаи яки пеш аз милод донистааст.

Қабрҳои тасодуфан ёфтшуда дар ҳудуди Сталинобод ва гирду атрофи он ягона набуданд.Чунин қабрҳо ҳангоми ичрои корҳои сохтмонӣ дар ҳудуди Комбинати насоҷии пойтахт низ ёфт шуданд. Ин бозёфтҳо аз он шаҳодат медоданд, ки чунин намуди дафнкунӣ дар водиии Ҳисор низ паҳншуда мебошад.

Чунин буданд аввалин таҳқиқотҳои кишваршинсони ҷумҳурӣ ҷиҳати омӯзишии археологии водии Ҳисор ва муайян намудани таърхи он дар солҳои 30–40 уми асри гузашта. Албатта, ин таҳқиқотҳоро пурра гуфтан хатост. Чунки аксари ин кишваршиносон ҳаваскор буда, дониши зарури таърихӣ ва илмӣ–таҳқиқотӣ надоштанд. Вале қайдҳои онҳо махсусан оид ба ёдгориҳои бостоншиносии водӣ то ҳануз аҳамияти худро гум накардаанд.

Дар радифи муҳаққиқони ибтидои солҳои 40–ум ҳамчунин метавон С. Забелинро низ қайд намуд, ки гарчанде дониши касбӣ дошта, мутахассиси асри санг ҳисоб мешуд, кӯшишҳояш ҷиҳати дар ёфти палеолити Тоҷикистон натиҷа надоданд. Ӯ соли 1943 ҳамроҳи М.Паничкин дар ҳудуди имрӯза шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Душанбе, Ҳисор таҳқиқҳо оғознамуда, зиёда аз 30 ҷиҳати пайдо намудани ёдгориҳои асри санг ғору калпҳоро дида баромада, дар 8–тои он ҳафриётҳо доир намуд [8. с25]. Мутаассифона бо сабабҳои аз ӯ вобастанабуда С. Забелин натавонист корҳои худро ба анҷом расонад.

Ҳаминтариқ, ба камбудӣ ва костагиҳо дар таҳқиқҳои аввалин бостоншиносон–кишваршиносони солҳои 30–40–уми асри гузашта нигоҳ накарда метавон гуфт, ки дар таҳқиқи ёдгориҳо ва махсусан

бақайдгирию ҳифзи онҳо ин муҳаққиқон барои кашфиётҳои бузурги археологии кишвар заминаи боэътимод гузоштанд.

АДАБИЁТ

1. Бобомуллоев С. Древнейшая и древняя история Гиссара. Душанбе, 2015. –13 с.
2. Филимонова, А.Е. Маджи–один из первыхкраеведов –археологов Таджикистана. // Наследие предков.Душанбе, 2007. С.162–163
3. Атахонов Т.М. Археологическая карта Таджикистана Гиссаркая долина. Душанбе, 2015.
4. Филимонова, А.Е. Маджи–один из первыхкраеведов–археологов Таджикистана. // Наследие предков.Душанбе, 2007. –165 с.
5. Дьконов М.Работы Кафирниганского отряда //Труды Согдийско–Таджикской археологической экспедитции.Т.1.1946–1947гг. М–Л.,1950.
6. Дьяконов.М.У истоков древней культуры Таджикистана. Сталинобобод.1956 –181 с.
7. Смоличев П.И.Погребения со скорченны костями в районе г.Сталинабада.//Изв.Тадж.филиала АН СССР,№1,Сталинабад,1949. С.75–81
8. Литвинский Б.А. Археологическое изучение Таджикистана советской наукой (Краткий очерк) Сталинобод, 1954.

ВКЛАД ЛЮБИТЕЛЕЙ АРХЕОЛОГОВ 30–40 ГОДОВ В АРХЕОЛОГИЧЕСКОМ ИЗУЧЕНИЕ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье речь идёт о роли заслугах первых археологов хеологов краеведов Таджикистана в археологическом изучение памятников страны и формирование археологической науки в Таджикистане.Это были в основном русские исследователи В.Чейлитко, А.Маджи В.Салочинский, С.Замятин и другие. Первое трое не были археологами,но интерес к истории прошлого таджикской земли привели их к археологическим окрытиям начиная с новокаменного века (неолит) до развитого средневековья. Конечно, как отмечают позднее выдающиеся советские ученые – археологии как М.Дьяконов и Б. Литвинский методы работы этих краеведов были не вполне научым. Но их стремление и интерес к истории и археологии способствовли им фиксироват многие археологические памятники не только вокруг столицы республики –тогдашнего Сталинабада, но и в некоторых районах страны, провести отдельные раскопки, предположить их датировку.

В некоторой степены по локализации древних и средневековых городов они были правы. Также фиксации места расположения памятников, особенно каменного века на территории Гиссарской долины А.Маджи, отдельные раскопки напамятниках Тупхона и Калаи Шодмон данного района В.Чейлитко в последующие годы дали возможность научным окрытиям на этих памятниках археологами –специалистами республики.

Ключевые слова: *Памятник, посуда, археалогия, городище, холм, орнамент,речка Лучоб,Душанбе.*

CONTRIBUTION OF LOVERS OF ARCHAEOLOGISTS OF 30–40 YEARS TO ARCHAEOLOGICAL STUDY OF THE GISSAR VALLEY

The research of histotans Hisjr adjt the superfIciaI work of historiahs in 30–40 years. This articIe consists of the service historians Tajikistan and aIso adout the evolving historical knowledge in Tajikistan. However there were the researchet of Russian like В Чайлитка А Маци etcetera. Three of them werant historians dut the enthusiasm of Tajik history land enlightened them like graet historians from stone century rill rhe development Maddle Fges.

However afterward the vtneradle revolution scientists like М Диякок анд Б Литвинов mentijned that their investigation way wasn't completely sclentiflc. However thtir effort and enthusiasm weren't in vbain but it gave them an opportuneity histoty dereliction not only in old capital of Staliobod and also in an0ther region of country was a great chance.

Keywords: *Manument, tablenane, archeoljgy, hillfort, hill, ornament, Luchob river, Duhsanbe.*

Сведения об авторе:

Сангинов Хуснiддин Хайталиевич *–докторант 3–го курса факультета истории, Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, тел: (+992) 988946000*

About the author*:*

Sanginov Husniddin Haytalievich *–post–graduate student of the first year of the faculty of history, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, tel: (+992) 988946000*

ТДУ 1:297.18

ТАЪЛИМОТИ ТАҲАММУЛГАРОЙ ДАР ИСЛОМ

Бойназаров Ҳ.Э.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови АИ ҶТ

Мо дар ҷомеае зиндагӣ мекунем, ки мардумони он бо ақидаҳои мутафовит ва даркҳои гуногун, ахлоқ, табъ ва мизоҷҳои мухталиф аз ҳам дигар фарқ доранд. Бинобар ин табиӣ аст, ки дар бархӯрд ва алоқаҳои ҷамъиятии хеш бо дигарон шоҳиди бархӯрдҳо ва рафторҳои нодурусте бошем. Дар ин гуна маврид назари Ислом ин аст, ки дар баробари бадрафториҳои дигарон бо афву гузашт муносибат намоем**.** Усулан чи гуна метавон дар ҷомеае, ки рафтоҳои мутафовит дар он мушоҳида мешавад, бидуни сабр ва таҳаммул гузашт ва зиндагӣ кард? Кадом яке аз мо айбе надорем? Кадоме аз мо дӯст надорем айб ва рафтори нописанди мо аз ҷониби дигарон бахшида шавад? Кадом яке аз мо дӯст надорем, Худо ӯро бибахшад?

Агар чунин аст, пас бояд мардумро бибахшем ва дар баробари бадрафториҳои дигарон бо рӯҳия ва амали ҷавонмардонаи гузашт бархӯрд намоем. Худованди Карим дар Қуръон мефармояд: «Бояд бибахшед ва бадрафториҳои дигаронро нодида бигиред, оё дӯст намедоред Худованд шуморо бибахшад. Худованд бахшанда ва меҳрубон аст» [1, с.352].

Ҳол он ки посухи савол ба таври кулли равшан гардид ва донистем, ки аз назари Ислом дар марҳилаи аввал бояд дар баробари бадрафториҳои дигарон бо афву гузашт, муносибат намоем. Шоиста аст дар атроф ва ҳошияи ин асли ахлоқӣ ва мавзеъҳои корбурдии он нуктаҳоеро ёдовар шавем.

Таҳаммулпазирӣ ва мудоро дар фарҳанги исломӣ маънои комилан ахлоқӣ дошта, одатан барои тавсифи шеваи амалкарди инсон ба кор меравад ва бо мафҳуми мудоро ва таҳаммулгароии аврупо ё худ толерант тафовутҳои асосӣ дорад. Тасоҳул (осонгирӣ) ва мадоро ба манзалаи як фазилати ахлоқӣ ва шеваи рафтору амал дар маҷмӯаи андешаҳои исломӣ ҷойгоҳи хосаеро касб кардааст. Қуръони Карим дар масъалаи таҳаммулгаройӣ ва рифқу мадоро дар рафтор бо дигарон аз ҷумла ақалиятҳои динӣ ва наждӣ таваҷҷуҳ доштааст ва яке аз маъмуриятҳои паёмбарони Худоро низ ҳамин медонад.

Масъалаи мудоро ва таҳаммулпазирӣ аз муҳимтарин масъалаҳое аст, ки имрӯз дар раванди такомули сиёсии давлатҳо пеш меояд ва ҳар давлате хоҳу нохоҳ бо ин масъала мувоҷеҳ мешавад. Дар ҳоли ҳозир давлат ва шахсиятҳои каме ёфт мешаванд, ки худро яксара душмани таҳаммулгаройӣ ва мадоро эълон кунанд, ҳатто мудорою таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ яке аз равиш ва нишонаҳои фарккунандаи ҷиҳатгириҳои гуногуни сиёсӣ, фикрӣ ва эътиқодии даврони мо ба шумор меравад. Бо таваҷҷуҳ ба чунин ҷойгоҳе аст, ки дар андешаҳои сиёсии ислом ин масъала диққати мутафаккирон ва пурсишҳои амиқу густардае дар бораи он пешниҳод гардида истодааст.

Муҳимтарин пурсишҳо дар ин бора ибораванд аз: Оё дар фарҳанги исломӣ таҳаммулпазирӣ ва мудоро дар сарчашмаҳои асили исломӣ ва суннати назарию амалии паёмбар вуҷуд доштааст? Оё фарҳанги таҳаммулпазирии динӣ бо мафҳуми муосири толерант мутобиқат мекунад? Рафтори мусалмонон бо намояндагон ва пайравони дигар динҳо чи гуна будааст?

Мудоро ва таҳаммулпазирӣ дар фарҳанг ва андешаҳои исломӣ ба маънои инкори хушунат, сахтгирӣ ва таассуби беҷо, асли ахлоқӣ –эътиқодие аст, ки бори арзишӣ дошта ва манбаъҳои таърихии исломӣ низ онро тасдиқ менамояд. Таҳаммулпазирӣ ва рифқу мудоро амали инсонӣ – исломие аст, ки дар арсаҳои мухталифи фикрӣ, амалӣ, сиёсию иҷтимоӣ қобили барномарезӣ аст. Асосан ин масъала бояд аз мавзеъи қудрат корбаст гардад. Бинобар ин, мудоро бештар дар робитаҳои мутақобили ҳукумат ва мардум махсусан дар ҷанбаҳои ҳуқуқи иҷтимоӣ ва фардӣ инъикос меёбад. Бархе аз донишмандон таҳаммулгароиро замоне медонанд, ки шахс ночор ба чашмпӯшӣ бошад, яъне ҳангоме, ки инсон битавонад дар баробари рафтори нохушоянд нисбат ба худаш вокуниш нишон диҳад ва ба ночор ин вазъиятро таҳаммул кунад. Халифаи чаҳорум Алӣ ибни Абутолиб (а) чунин таҳаммулгароиро нишонаи фарзонагию соҳибхирадӣ дониста мегӯяд: «Ҳаким нест он кас ки таҳаммул накунад, бо касе, ки чорае ҷуз таҳаммул кардан бо ӯ нест» [6, с.57].

Дар сарчашмаҳои исломӣ ғайр аз калима ва ибораи «афв», истилоҳи «сафҳ» низ омадааст. Ҳарчанд афв ва сафҳ ба як маъно ва ҳарду вожа дар мавриди гузашт ва чашмпӯшӣ аз тақсир ва хатои дигарон истифода мегардад, аммо дар калимаи «сафҳ» илова бар мафҳуми афв ва бахшиш, маънои дигаре низ истеъмол шудааст ва он нодида гирифтан аст. Бинобар ин, мумкин аст, касеро

пас аз исботи хато ва маҳкумият, афв кунем, вале сафҳ аз ҷиҳати маъноӣ вақте ба ҳақиқат мепайвандад, ки хато ва тақсири хатокорро умуман нодида бигирем, ба гунае, ки гӯё тамоман хатое муртакиб нашудааст, то сазовори афв бошад. Ҳамин тавр метавон гуфт «афв» ба маънои пӯшондани хато ва тақсир аст ва «сафҳ» ба маънои рӯйгардонидан ва нодида гирифтани хато.

Нуктаи дигаре, ки дар алоқамандӣ бо афв ва таҳаммулпазирӣ бояд донист, ин аст, ки афв танҳо дар сурате дуруст мебошад, ки инсон қудрати гирифтани интиқом ва ҷазо доданро дошта бошад, дар ғайри ин сурат, агар ба хотири адами тавоноӣ ба ҷазо додани хатокор, гуноҳ ва тақсири ӯро нодида бигирад, на танҳо кори арзишманде накарда аст, балки ин гуна амал сабаби он мегардад, то ки ӯ дучори кинаварзӣ ва бадбинӣ шавад. Бинобар ин, чашмпӯшӣ аз хатоҳо ва тақсирҳои дигарон дар замони нотавонӣ афв ва гузашт шуморида намешавад.

Ба ғайр аз таърифи ин луғатҳо яъне «сафҳ ва афв» калимаҳои ҳамрадиф ва ҳаммаъно дар Қуръон ҳамонанди мудоро, сабр, лаййин, қавлу феъли неку, ҷидоли аҳсан, самҳа, рифқ, афв, казми ғайз, сафҳ, даҳн, саҳл, хафзи ҷаноҳ, раьфату раҳмат, машварат, некӣ дар баробари бадӣ ва ғайра зикр гардидааст. Калима ва вожаи «сафҳ» дар Қуръон ба маънои рӯй баргардондан ва гузашт кардани ҷавонмардона омадааст, ки дур аз сарзанишу айбҷӯӣ ва ҷазо додан бошад. Дар оятҳои баъд, ки аз истилоҳи «сафҳ» истифода шудааст. Худованд пайғамбарро ба бархӯрди мусолиматомез ва ҳамчунин чашмпӯшӣ аз озору зишткории ғайримусалмонон, ба тавре, ки гуноҳон ва хатоҳои ононро ба рӯяшон наёварад, даъват менамояд. Ин мафҳум дар сураҳои ҳамчун: «Бақара», «Моида», «Ҳиҷр», «Нур», «Тағобун» ва «Зухруф» ифода ёфтааст.

Фирӯз Ободӣ дар асараш «Қомус» дар бобати мафҳуми калимаи мазкур гуфтааст: «Ин вожа ифодакунандаи маъонии «доманаи кӯҳ, паҳнои шамшер, чеҳра ва ба маънои тарафу рӯи ҳар чизе» баён гардидааст»[3, с.146].

Аз он ҷо ки хушунат дар баробари мардуми омма ва камсавод, аксаран сабаби афзоиши норизоятӣ ва таассуб мегардад, бинобар ин Худо ба пайғамбараш рафтори санҷидаеро тавсия медиҳад, ки бо онҳо муносиб бархӯрд намояд, то он ҷо ки сарзаниш ва маломат дар он роҳ надошта бошад. Дар баробари исрору пофишорӣ, нодониҳо, таассубҳо, коршиканию мухолифатҳои онҳо нармӣ ва муҳаббат нишон деҳ ва: « Аз гуноҳони онҳо сарфиназар кун ва таҳаммулпазир бош, онҳоро бибахаш, бахшиши зебо, ки тавьам бо маломат набошад» [1, с. 266].

Худованд дар Қуръон яҳудиён, масеҳиён, собеин (ситорапарастоне, ки ба ягонагии Худо эътиқод доштанд) ва зардуштиёнро аҳли китоб муаррифӣ мекунад. Дар оятҳои фаровоне хостори барқарории муносибатҳои одилона ва ҳамзистии мусолиматомез бо онҳо мешавад ва дар баробари талошҳои мухаррибонаю иғвогароёнаи аҳли китоб ба хусус яҳудиёну масеҳиён Қуръон мегӯяд: « ... Шумо онҳоро афв ва гузашт намоед, то Худо фармони худашро бифиристад»[1, с.17].

Худованд дар мавриди паймоншиканӣ ва озори пайдарпайи яҳудиёни дар атрофи Мадина буда, нисбат ба Муҳаммад (с.а.в.) дар ҳоле, ки ӯ аз онҳо паймон гирифта буд ва онҳо ҳар лаҳза паймоншиканӣ карда ба пайғамбар хиёнат мекарданд, Худованд ба паёмовараш дастур дода мегӯяд: « ... Ҳар рӯз ба хиёнати наве аз онҳо пай мебарӣ, магар гурӯҳе аз онҳое, ки аз ин хиёнатҳо дар каноранд ва онҳо дар ақалият қарор доранд, пас аз онҳо сарфиназар кун ва таҳаммулпазир бош, чунки Худованд некӯкоронро дӯст медорад»[1, с.109].

Яке аз иқдомоти муҳим барои пайдо кардани роҳҳои ҳамзистии мусолиматомез, гуфтугӯи мантиқӣ ва мубодилаи назар дар заминаи ақидаҳову шеваи андешаву дидгоҳҳои якдигар аст. Аз ин рӯ Худованд аз пайғамбари худ мехоҳад, ки асли таблиғ ва даъвати хешро бар асоси гуфтугӯ ва мантиқ қарор дода, халкро ба ҳикмат ва далелҳои қонеъкунанда, яъне мавъизаи ҳасана даъват намояд ва аз хушунат дар ин бобат худдорӣ намояд. Бо беҳтарин равиш ва таҳаммули ақидаи тарафайн бо аҳли ҷадал мунозира кунад. Худо дар Қуръон мегӯяд: «Бо ҳикмат ва андарзи некӯ ба роҳи парвардигорат даъват кун ва бо онҳо ба равише, ки некӯтар аст, истидлол ва мунозира намо ....» [1, с.281].

Файласуфи маъруфи муосири Эрон шодравон Муртазо Мутаҳҳарӣ дар мавриди таҳаммулгароии пайғамбар (с) менависад: «Таҳаммулгароӣ ва осонгирию чашмпӯшии пайғамбар, на танҳо мунозира дар маҳфилҳои динӣ ва баҳсҳои каломиро дар қаламрави Ислом мумкин сохт, балки сабаби асосие шуд дар ҳамкории аҳли китоб бо мусалмонон дар сарзаминҳои исломӣ, масалан ҷойгоҳи яҳуд дар сарзаминҳои исломӣ беҳтар аз мавқеияти онон дар қаламравӣ масеҳиён буд ва масеҳиёни Шарқ он таҳаммулгароиеро, ки дар ҳавзаҳои мусулмонӣ медиданд дар қаламрави масеҳиён наёфтанд»[4, с.141 –142].

Ӯ менигорад: Дар партави таҳаммулгароии динӣ ва бархӯрди каримонаи мусалмонон бо ғайри мусалмонон дар садри Ислом рушди донишҳо ба марзи шигифтангезе расид ва ҷомеаи исломӣ дар авҷи шукӯфоии илмӣ қарор гирифт, масеҳиёну яҳудиён ва пайравони динҳои дигар низ, озодона дар ин нишоти илмӣ саҳм доштанд. Шодравон Мутаҳҳарӣ қайд кардааст: « Баъзе аз масъалаҳои таҳаммулгароӣ нисбат ба аҳли китобро ба ҳисоби халифагон гузоштаанд, ки донишу биниши халифаҳо сабаб гашта аст, ки дар дарбори онҳо мусалмон, масеҳӣ, яҳудӣ ва зардуштию ғайра гирди ҳам омада ва аз якдигар истифода кунанд, аммо ин донишу биниши халифаҳо набуд, ин дастури худи пайғамбар, ки илҳом гирифта аз таълимоти илоҳӣ будааст»[4, с. 161].

Қуръон асли тавҳид ва яктопарастиро ба манзалаи асоси муносибатҳои ҳасана бо пайравони динҳои яктопарастӣ пешниҳод кардааст, ки бар асоси он Худованд аз аҳли китоб мехоҳад дар зери ливои ягона ва муштараки осмонӣ, яъне асли тавҳид ҷамъшуда ба ҳамзистии худ идома диҳанд.

Китоби Худо ба паёмбар дастур медиҳад, то дар баробари гуфтори мушрикон ва аҳли китоб, яъне насрониёну яҳудиён таҳаммулпазир бошад ва бо шеваи некутар, то ҳадде аз онҳо дурӣ гузинад: «Дар баробари он чи (душманон) мегӯянд таҳаммул кун ва ба тарзи шоиста аз онон дурӣ гузин!». [1, с.573].

Қуръон дар мавридҳои зиёд таҳаммулпазириро ба унвони як аслу поя дар муборизa бо бадиҳои ғайри мусалмонон гӯшзад карда, таъкид менамояд: Ҳаракатҳои ношоиста, гуфтори баду ранҷу озори онҳо туро нороҳат мекунад, аммо ту вазифа надорӣ дар баробари он хушунатҳо ва бадгӯиҳои онҳо аксуламал нишон диҳӣ. Бадиро бо некӣ посух деҳ, ки ин худ яке аз муассиртарин равишҳо барои бедор кардани зеҳнҳои хуфта ба шумор меравад. Худо мегӯяд бо онҳо мудоро кун: «Бадиҳои онҳоро бо афв, гузашт ва некӣ дафъ кун ва суханони нохушояндашонро бо беҳтарин мантиқ посух гӯ»[1, с.347].

Соиби Табрезӣ гуфтааст:

Сабр бар ҷаври фалак кун, то барои рӯсафед,

Дона чун дар осиё афтад, таҳаммул боядаш [5].

Дар сураи Фуссилат ба баёни ин нукта, ки мазмунан ба ояти дар боло овардашуда мушобиҳат дорад, пардохта сабаб ва натиҷаи таҳаммулпазириро чунин мешуморад: «Ҳаргиз некӣ ва бадӣ яксон нест, бадиро бо некӣ дафъ кун. Натиҷаи ин кор он хоҳад шуд, ки душманони сарсахт дӯстони гарму самимӣ шаванд»[1, с.480].

Шоира Саида Муҳиддинзода дар эҷодиёташ овардааст:

Душмани ту дӯст мегардад, тавонгар гар тӣ,

Лек гаҳ дар нотавонӣ, дӯст ҳам душман шавад[2, с.190].

Баръакси он чи баъзеҳо тасаввур мекунанд, «таҳаммул ва мудоро» ҳаргиз ба маънои таҳаммули бадбахтиҳо ва тан додан ба зиллату хорӣ ва таслим шудан дар баробари сабаб ва омилҳои шикаст нест, балки таҳаммул ба маънои пойдорӣ ва бетобӣ накрдан дар баробари ҳар мушкил ва ҳодисае аст. Бинобар ин, аз ин матлаб ҳаргиз набояд тааҷҷуб кард, зеро ҳангоме, ки инсон дар баробари ҳодисаҳои сахт ва мушкилоти тоқатфарсо қарор мегирад ва нерӯи худро дар рӯёрӯӣ ва муқобила бо он ночиз мебинад, ниёз ба такягоҳе дорад, ки аз ҳар ҷиҳат номаҳдуд ва қудраташ бепоён бошад. Таърихи мардони бузург гувоҳӣ медиҳад: яке аз муҳимтарин омили пирӯзии онҳо пойдорӣ ва устувор истодану таҳаммул дар баробари ноҳамвориҳо будааст. Шахсоне, ки аз ин сифат бебаҳраанд, дар гирифториҳо бисёр зӯд аз по дармеоянд ва метавон гуфт: нақшеро, ки ин омил дар пешрафти ашхос ва ҷомеаҳо ифо мекунад, на фароҳам будани имкониятҳо дорад ва на, истеъдод ва ҳӯшу ғайр аз он.

АДАБИЁТ

1. Қуръон /Тарҷумаи тоҷикӣ/ –Душанбе: «ЭР –граф», –2011. 605 с.
2. Ҳусайн Воизи Кошифӣ, таҳиякунанда Қурбон Восеъ, «Футувватномаи Султонӣ, Ахлоқи Муҳсинӣ, Рисолаи Хотамия», –Душанбе, «Адиб», 1991. 190 с.
3. Фирӯз Ободӣ. «Қомус», –Теҳрон, 1987. ҷ.1. 146 с.
4. Муртазо Мутаҳҳарӣ, «Сайре дар сираи аиммаи атҳор «, –Теҳрон,–1361 ҳ.ш\1981, –С. 141 –142
5. К.Шаробиёнӣ.»Сабр дар ашъори порсӣ». [манбаи электронӣ]. URL: http://hdabiir.com/index.php/143–sabr (санаи истифодабарӣ: 16.11.2019)
6. Муҳаммадбоқири Маҷлиси «Биҳор –ул–анвор», –Теҳрон, 1359 ҳ.ш\1978, –57с.
7. Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Билозарӣ. «Футуҳ –ул–булдон». –Теҳрон –1367 ҳ.ш\1988, ҷ,1.456 с.

УЧЕНИЕ О ТОЛЕРАНТНОСТИ В ИСЛАМ

Толерантность и терпимость как этическая ценность и вид поведения занимают особое место в исламских учениях. В священном Коране особое внимание уделяется толерантности и терпимости по отношению к поведении других, особенно религиозных и этнических меньшинств. Также толерантность считается одним из основных признаков пророков. В Коране толерантность считается одним из основных форм в борьбе со злостью не мусульман к мусульманам. Также в этой книге мусульман призывают отнестись толерантно к этническим меньшинствам. Даже пророку Мухаммаду (с) было ниспослано: «Не равны добро и зло. Отринь, [зло] тем, что лучше, и тогда тот, с кем ты враждуешь, станет таким, как твой близкий друг».

Толерантность и терпимость являются отличительными чертами нашего времени. Особенно они становятся более важными в условиях развития социо–экономических отношений. С учетом этого предлагаются новые политические идеи исламских мыслителей. В дополнении к этому в нашей стране, где проживают представители разных национальностей, развивается поликультурная атмосфера. В таких условиях объединить общества на основе гуманистических ценностях приобретают особое значение. Толерантность и терпимость не принадлежат отдельному обществу или течению.

Ключевые слова: *толерантность, терпимость, свобода выражения, свобода совести и вероисповедания, концепция, поли культурность, национальная культура, гуманизм, гуманистический, соболезнование.*

THE TEACHING TOLERANCE IN ISLAM

Tolerance and tolerance as an ethical value and type of behavior occupy a special place in Islamic teachings. The Holy Qur'an focuses on tolerance and tolerance towards the behavior of others, especially religious and ethnic minorities. Tolerance is also considered one of the main signs of the prophets. In the Qur'an, tolerance is considered one of the main forms in the fight against non–Muslim anger towards Muslims. Also in this book, Muslims are encouraged to tolerate ethnic minorities. Even the Prophet Muhammad (c) was sent down: «You are not obliged to respond to their rudeness and violence. Answer evil with good, which is an important factor for awakening the lost «.

Tolerance and tolerance are the hallmarks of our time. Especially they become more important in the conditions of development of socio–economic relations. With this in mind, new ideas of political Islam are proposed. In addition to this, in our country, where representatives of different nationalities live, a multicultural atmosphere is developing. In such conditions, to unite societies on the basis of humanistic values acquire special significance. Tolerance and tolerance do not belong to a separate society or current.

Keywords: *tolerance, tolerance, freedom of expression, freedom of conscience and religion, concept, multiculturalism, national culture, humanism, humanistic, condolences.*

Сведения об авторе:

Бойназаров Хасан Эшонқулович *–соискатель* института философии*, политологии и* права *имени А.М. Баховаддинова* Академии наук *Республики* Таджикистан. *Телефон: (+992) 909-29-10-81 E-mail: khasanjon07@mail.ru*

About the author*:*

Boynazarov Hassan Eshonqolovich *is a graduate student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law Behalf of A.M.Bahovaddinov Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan Phone: (+992) 909–29–10–81 E-mail: khasanjon07@mail.ru*

ПОЛИТИКО–ИСТАРИЧЕСКОГО ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН С РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ВОЕННОЙ СФЕРЕ

Амиров Т.Ш.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

С установлением дипломатических отношений в начале 90-х годов прошлого века, начали расширяться и укрепляться связи с Российской Федерацией, и, по правку, их можно назвать образцом стратегического партнерства и союзничества. Они буквально пронизаны атмосферой особого доверия, взаимопонимания и открытости.

Новый период, в котором Таджикистан выступает уже в качестве геополитического партнера России, начинается с момента развала СССР и провозглашения государственного суверенитета этими странами, что в различных политических и общественных кругах Российской Федерации и Таджикистана оценивались по–разному. Несмотря на разные взгляды на выбор пути развития, интересы традиционно дружественной Таджикистану страны не противоречили высшим интересам таджикского народа.

В этом контексте американский геополитик Збигнев Бжезинский в своей книге «Великая шахматная доска» отмечает, что в такой ситуации «в Средней Азии национальные устремления, возможно, были слабее», и в этой связи «…Соединенные Штаты стали первой и единственной действительно мировой державой», которые развивают своё военное присутствие в регионе». [1] Видно, что военное строительство США и НАТО аэродрома Кант в Киргизии, указывает на юго–восточную, азиатскую направленность военно–политических усилий сверхдержав. Западные государства не чувствуют опасений в связи с возникновением в Центральной Азии новой военно–политической организации. Кондолиза Райс, бывший министр иностранных дел США, подчёркивала, что мы в Ираке и Афганистане ищем интересы Америки по обеспечению демократии.

В конце XX века во время гражданского противостояния между двумя странами военно–техническое сотрудничество было ключевым направлением. Военное сотрудничество Республики Таджикистан с Россией было направленно, в основном, на вопросы охраны граничный, подготовку военных кадров, совместных военных учений и других важных направлений сотрудничества. В связи с этим, задача России состояла в том, чтобы обеспечить стабильную обстановку в территории Таджикистана, развивать в перспективе российско–таджикское сотрудничество. [2]

Особенно важным можно считать миротворческие функции России на постсоветском пространстве. В этом контексте ни у одной страны Европы и США не было малейшего желания участвовать в решении многочисленных проблем на территории бывшего Советского Союза. [3] К тому же, Россия не могла позволить себе держаться в стороне и наблюдать за тем, что происходит в регионе Центральной Азии особенно на таджикско–афганской границе. Руководство Российской Федерации рассматривает постсоветское пространство, в том числе Республику Таджикистан, как зону своих «национальных интересов», защита которых подразумевает использование всех доступных инструментов государственной политики. Этот потенциал государств Центральной Азии является их выгодным геополитическим расположением.

Другим стратегическим интересом политики Российской Федерации в Республике Таджикистан является обеспечение безопасности в регионе, которая связана со стабилизацией ситуации в пограничной зоне, с борьбой против распространения терроризма, экстремизма и организованной преступности. Таджикистан играет ключевую роль в противодействии вышеуказанным угрозам. Российская Федерация широко внедряет свои военно–технические программы в Республике Таджикистан для укрепления страны. Однако это не есть единственное средство в спектре внешнеполитических возможностей России.

Наряду с укреплением военно–технических отношений, Москва также широко использует дипломатические возможности обороноспособности Таджикистана. Решение использовать тот или иной инструмента в своей внешней политике Россия принимает, исходя из собственных национальных интересов. Став суверенным государством, Таджикистан первоочередной целью считал формирования собственной армии и создания мощную военную силу. Говоря об особенностях развития военного сотрудничества России и Таджикистана в 2000–2019 годах, следует отметить, что под руководством Президента, Маджлиси Оли, Правительства Республики Таджикистан внешнеполитическое ведомство страны основное внимание уделяло выработке директивных указаний, определению целей и задач в области внешней политики, способов их достижения и решения, исходя из национально–государственных интересов, долгосрочного обновления страны как светского, демократического и правового государства, гарантирующего достойную жизнь всем гражданам, проживающим в республике.

Россия оказала помощь Таджикистану в развязке внутреннего кризиса, организовала свои присутствие на таджикско–афганской границе, создания ограниченного контингента вооруженных сил, коллективных миротворческих сил, выступала инициатором организации двух сторонного и многостороннего диалога военных ведомств двух братские страны в последние десятилетии. [4] Известно, что в современном мире ни одно государство не может защитить свою безопасность

только собственными силами от международной террористической угрозы. В этом контексте без реальной военной помощи России в Таджикистане сохранить безопасность на таджикско–афганской границе невозможно.

В такой ситуации следует отметить, что динамика и перспектива сотрудничества Таджикистана с Россией с первых дней независимости были успешны и носили стратегический характер во всех сферах, в том числе в дипломатических, политических, военных и военно–технических направлениях.

В дальнейшем, подчеркнул Президент Таджикистана, независимо от того, какие силы будут участвовать в политической жизни страны, всестороннее сотрудничество, в том числе и военное, между нашими странами будет расширяться и укрепляться на базе Договора о коллективной безопасности стран Содружества. [5]

Глава государства высказался о необходимости расширения параметров сотрудничества в сфере коллективной безопасности в целях совместного противодействия таким новым угрозам и вызовам, как контрабанда оружия, незаконный оборот наркотиков и терроризм. По его мнению, с учетом неурегулированный региональных и локальных конфликтов, в том числе афганского кризиса, а также возникновения упомянутых новых угроз и вызовов, характерных для современной геополитической ситуации, необходимо усилить роль Договора о коллективной безопасности стран СНГ на качественно новом уровне. Встреча была результативной и прошла в духе полного взаимопонимания. [6]

В состав Группы вошли:

–пограничный отряд в г. Пяндж; пограничный отряд в пгт. Московский;

–пограничный отряд в г. Калай–Хумб; пограничный отряд в г. Хорог. [7]

Пограничные вопросы стали ключевым направлением военно–технического сотрудничества между Таджикистаном и Россией в конце XX века. Исходя из сказанного, можно заключить, что основные уроки и опыта военно–политического сотрудничества между Таджикистаном с Россией заключаются в следующем:

Во–первых, российское военное присутствие целиком и полностью оправдало себя. Одновременно Таджикистану была оказана военная огромная и современная военно–техническая помощь в строительстве вооруженных сил и пограничных войск, причем это можно было бы сделать вне рамок этого военного присутствия.

Во–вторых, сохранение 201–ой российской военной базы в Таджистане в начале XXI века и растащить огромное количество оружия, военной техники, боеприпасов.

В–третьих, использовать правительственными войсками и формированиями Вооруженными силами нашими двух государств в условиях современной международной террористической и экстре мистических угрозах в регионе.

В–четвертых, полностью оправдали себе нормативно–правовые документы военных ведомств двух государств, которые сохраняли юрисдикцию основы 201–ой военной базы России в Таджикистане.

В соответствии с Соглашением между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией о пограничном вопросе, погранслужба России охраняла таджикско–афганскую границу в течение 10 лет. В такой сложной ситуации российские военнослужащие потеряли многих солдат и офицеров, например, заставы пограничников обстреливались более чем 50 раз, было 130 (129) попыток прорыва границы, 64 боестолкновения, 150 обстрелов застав, в которых погибло 15 пограничников. Всего погибло 26 пограничников и более 40 были ранены. Одновременно в республики было убито 30 российских и таджикских военнослужащих. Несмотря на это, целью военно–технического сотрудничества Таджикистана с Россией стало обеспечение безопасности Центрально–азиатского региона в период перед становления независимости. Военно–техническое сотрудничество между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией было очень высоким, особенно по пограничным вопросам.

Следует отметить, что с начало восстановления военно–технических отношений между двумя странами была создана группа пограничных войск Российской Федерации в Республике Таджикистан в составе 5 пограничных отрядов, авиационного полка, резерва командующего группой погранвойск. А также, свыше 80% личного состава ГПВ Российской Федерации в республике составляли граждане Таджикистана –в пограничном отряде в Мургабе. [8] В состав ГПВ Российской Федерации в Республики Таджикистан также вошли:

23–й отдельный авиационный полк; 1–й отдельный радиоцентр спец назначения; 1–я база снабжения и хранения в г. Душанбе; 9–я межокружная школа сержантского состава службы собак; 6–я окружная школа поваров; 10–й отдельный инженерно–строительный батальон; 1–й окружной госпиталь и ОКПП «Душанбе». В этот период российскими пограничниками было задержано более 1300 нарушителей государственной границы, предотвращено 850 переправ, найдено более 80 тайников вооружения и боеприпасов, изъято более 900 единиц оружия, 7 тонн наркотических веществ, 300 раз происходили боестолкновения с нарушителями границы. [9]

Эксперт Ассоциации военных политологов, генерал–майор в отставке, Григорий Н.Б. отмечает, что «на таджикско–афганской границе было предотвращено 129 попыток прорыва ее вооруженными нарушителями, 64 пограничных боевых столкновений, 149 раз наши пограничники подвергались обстрелам боевиками». А также в ходе боевых столкновений погибли 26 пограничников и военнослужащих миротворческих сил, более 40 человек было ранено. А всего на пограничников было совершено 100 нападений». [10]

В этом контексте Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, Глава государства, высказался о необходимости расширения параметров сотрудничества в сфере коллективной безопасности в целях совместного противодействия таким новым угрозам и вызовам, как контрабанда оружия, незаконный оборот наркотиков и терроризм. По мнению Президента Республики Таджикистан Э.Рахмона, с учетом не урегулированности региональных и локальных конфликтов, в том числе афганского кризиса, а также возникновением упомянутых новых угроз и вызовов, характерных для современной геополитической ситуации, необходимо усилить роль договора о коллективной безопасности стран СНГ на качественно новом уровне. [11]

За период с 2001 года по настоящее время Таджикистан посетили делегации в составе высокопоставленных российских чиновников, как Е. Примакова, П. Грачева, В. Серова, Н. Трубникова, Ю. Батурина, Е. Михайлова, С. Шойгу. Министр иностранных дел РФ С. Лавров проводил в Москве совещание по Таджикистану с министром обороны, директором ФПС, руководителем СВР, а его заместитель Б. Пастухов провел встречу послов стран «пятерки», встретился с их представителями. Недостаток финансовых средств не позволял максимально использовать и технические возможности, в том числе авиацию, силы и средства ПВО, радиоэлектронные средства контроля, поэтому приходилось компенсировать это усилением интенсивности использования личного состава.

Как свительствует реалии прошлого, в конце 90–х годов XX и начало XXI века Россия потеряла свои геополитические позиции в нескольких регионах бывшего СССР. Это касается и Центральной Азии, и, конечно же, Таджикистана. Имели место и некоторые осложнения в отношениях между Российской Федерацией и Таджикистаном, что было связано со сложившейся социально–политической ситуацией в республике.

Российская Федерация оказывала все объемлемую военно–техническую помощь Таджикистану. Положительно можно оценить сотрудничество двух стран в период независимости на фоне того, какие сложные, подчас болезненные, внешне политические процессы происходили на территории стран Содружества Независимых Государств. Это было обусловлено вполне объективными причинами, и, в первую очередь, наркотрафиком из Афганистана в Россию и страны Содружества через Таджикистан.

Таким образом, подводя итог выше изложенному, можно сделать вывод, что военно–политические отношения Таджикистана с Россией начинается с момента развала СССР и провозглашения государственного суверенитета этими странами. Их взаимоотношения развиваются в качестве геополитических партнеров, и это в различных политических и общественных кругах Российской Федерации и Таджикистана оценивается по–разному. Несмотря на разные взгляды на выбор пути развития, интересы традиционно дружественной Таджикистану страны не противоречат высшим интересам таджикского народа.

ЛИТЕРАТУРА

1. Уральской О.У. Збигнев Бжезинский: «Великая шахматная доска». –Москва, 1998. –5 с.
2. Текущий архив Управления информации, прессы, анализа и внешнеполитического планирования МИД РТ. Папка Российская Федерация. Отчеты за2000–2006 гг. Л.56.
3. Алиева Р.Р. Становление и развитие межгосударственных отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации в конце XX –начале XXI вв. С. 208.–233
4. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана: монография.–Душанбе: Офсет, 2010. –132с.

5. Рахмонов Э. Ответы на вопросы военного журнала/Э. Рахмонов. –Душанбе, 2003. –314с.
6. Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмона:монография/ З. Саидов.–Душанбе 2000.–139с.
7. Одинаева Б.Ф. Особенности наркоситуации в Центральной Азии и сотрудничество Таджикистана в борьбе с незаконным оборотом наркотиков//Россия и Центральная Азия в условиях геополитической трансформации: внешнеполитическое измерение/ Б.Ф. Одинаева. –Душанбе, 2007. –С. 130.
8. Алиева Р. Р. Становление и развитие межгосударственных отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации в конце XX –начале XXI вв. С. 208.–233
9. Пирумшоев Х., Маликов М. Россия–Таджикистан: история взаимоотношений: монография/ Х. Пирумшоев., М. Маликов. –Душанбе, 2009. –688с.
10. Григорий Н.Б. Независимое военное обозрение. Мы помним тебя, Таджикистан: монография/ Н.Б. Григорий. –М., 2013. –36с.

ПОЛИТИКО–ИСТАРИЧЕСКОГО ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН С РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ВОЕННОЙ СФЕРЕ

В статье рассматривается процесс становления и развития военно–техническое сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации как фактор укрепления центрально–азиатской безопасности. При этом отмечается, что между двумя государством подписано 60 договоров, соглашении и межведомственных протоколов. Среди вышеназванных политико–правовых документов особое место занимает двухстороннее соглашение по военно–оборонительным вопросам. Как утверждается в статье, в начале XXI века российско–таджикское стратегическое партнёрство нуждается в обновление в связи с новыми вызовами и угрозами современности.

А также, на данной статье анализированны основы взаимодействия двух стран в области военно–технического сотруднечество в двухсторонной основе, а так же расмотренны ответственность сторон при исполнение своих международных объязательство в области политики, военной и военно–технического сотрудничество с учетом новых угроз и безопасности которые грозят современному обществув Центральной Азией.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, Российская Федерация, Центральная Азия, Организация Договора о коллективной безопасности, военно–техническое сотрудничество, соглашение, политика.*

POLITICAL-ISTARIC RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE RUSSIAN FEDERATION IN THE MILITARY SPHERE

In the article were seen revival and development of the treatment of military and the main difficulties of collaboration of military of Tajik Republic and Russian Federation the likefactorstrongholdsecurityin Central Asia. Accordingly, still there are 58 treatments, agreements and bilateral protocols between the two countries. In my point of view bilateral agreement of military–defense issues takes special place among top politico–juridical documents. As it is mentions in the article Russian–Tajik relationship at the beginning of the 21century needs for a strategic cooperation of refreshing from appearance of a new threat and modern dangers.

At the same time was analyzed and researched about the responsibility which was noted both sides during the acting of international undertaking, and to take into consideration the article, that showed the aim which was corresponding the collaboration of military –political of both countries and rising the new threat and danger on Central Asia.

Keywords: *Tajik Republic, Russian Federation,Central Asia, Collective security treaty organization, the treatment of military–technical, agreement, political.*

Сведения об авторе:

Амиров Толиб Шарифович *–доктор phD кафедра политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: города Душанбе, улица Тольстой 55/1. E-mail: tolib.amirov.88@mail.ru: (+992) 988 616395.*

About the author:

Amirov Tolib Sharifovich *– doctor (PhD) Department of Political Science of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: Dushanbe city, Tolstoy street 55/1. E-mail: tolib.amirov.88@mail.ru: (+992) 988 616395.*

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТАЪРИХИИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

Рауфзода К.Қ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Давлати ҳуқуқбунёд дастоварди бузурги тамаддуни инсонӣ, назарияи пешқадам, муайянсозандаи таҳаввули ҷомеа, тамоюли асосии такомул ва пешрафти ҷаҳони муосир мебошад. О. Усмонов нисбат ба давлати ҳуқуқбунёд чунин гуфтааст: «Он аз як тараф, ғоя ва назарияи сиёсиву ҳуқуқӣ ва аз тарафи дигар, амалияи давлативу ҳуқуқӣ, воқеъияти ҳаётӣ аст. Назария ва амалияи давлати ҳуқуқбунёд аз ҳам ҷудоношавандаанд. Ҳамчун назарияи илми давлати ҳуқуқбунёд – зарурияти ҷамъиятию давлатӣ ва талабот ба қонуни ҷараёни умумии таҳаввули ҷомеъаи инсонӣ буда, дар айни замон воқеияти сиёсиву ҳуқуқӣ мебошад ва ба ин маъно шакли амалисозии талаботи давлати ҳуқуқбунёд, роҳи амалӣ намудани он аст ». [1, с.3–5]

Давлати ҳуқуқбунёд қисми ҷудонашавандаи таҳаввули таърихии ҷомеаи башар ва дар айни замон назарияи муосири ҷаҳон аст. Назарияи давлати ҳуқуқбунёд дар марҳилаи гузариши тамаддуни ғарбӣ аз ҷомеаи феодалӣ ба капиталистӣ ташаккул меёбад. Аммо унсурҳои назариявӣ ва заминаҳои он ҳанӯз дар замонҳои қадим пайдо мешаванд. Бояд гуфт, ки давлати ҳуқуқбунёд – назарияи на ин ё он кишвар ё минтақаҳои алоҳида, балки кулли башар буда, аҳамият ва тобиши ҷаҳонӣ, арзиши умумибашарӣ дорад.

Ташаккулу такомули ғоя ва назарияи давлати ҳуқуқбунёд тӯлонӣ буда, як чанд марҳилаҳоро дар бар мегирад.

–Марҳилаи аввал –давраи пайдоишу таҳкими заминаҳои таърихӣ –назариявӣ мебошад. Ин заминаҳоро ақидаҳои мухталиф оид ба тақсимоти мақомоти ҷудогонаи давлат, таснифи шаклҳои дуруст ва нодурусти давлат (вобаста ба принсипи қонуният), шакли омехтаи давлатдорӣ, нахустин мафҳумҳои ҳуқуқии давлат ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки кишвари мо, ки ҳоло дар марҳилаи гузариш аз давлати сотсиалистӣ ба давлати либералӣ–демократӣ қарор дорад. Аз таҷрибаи ҷаҳонии амалисозии давлати ҳуқуқбунёд, ақидаву ғояҳои пешқадам истифода мебарад. Мавриди зикр аст, ки барпо намудани давлати ҳуқуқӣ яке аз арзишҳои муҳимтарини Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бунёди он яке аз шартҳои муҳимтарини ҷомеаи озоду мутамаддин ба ҳисоб меравад. Конституцияи соли 1994, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рӯйдоди басо нодири ҳаёти сиёсии кишвар буда, дар он заминаҳои воқеии барпо намудани ҷомеаи ҳуқуқӣ дар асоси дастовардҳои миллӣ оид ба анъана ва мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар кишварамон гузошта шудааст.

Асоси Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро андешаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ташкил медиҳад. Дар Конституция принсипҳои мухталифи давлати ҳуқуқбунёд инъикос ва рушди худро пайдо карданд. Принсипи давлати ҳуқуқбунёд мисли сохти демократӣ дар сохти конституционии ҷумҳурӣ ягонагии сиёсати ҳокимияти номаҳдудро дар назар надорад, балки давлати ҳуқуқбунёд ба маънои конституционӣ –чунин меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки онҳо асосҳои тартиботи ҳуқуқиро ташаккул медиҳанд, ягонагии сиёсиро мустаҳкам мегардонанд ва ҳангоми ба амал баровардани онҳо давлат дар Конституция муқаррар мекунад, ва он шакли мушаххаси таърихӣ пайдо мекунад. Бояд зикр намуд, ки маҳз дар тӯли узвияти тақрибан 70 –солаи Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ асосҳои ҳуқуқии озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон ташаккул ёфта, ин ҳуқуқҳо дар Конституцияи Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳурӣ инъикос ёфта буд. Лекин, як хусусияти ба худ хоси ин ҳуқуқу озодиҳо аз он иборат буд, ки он бештар хислати иқтисодӣ –иҷтимоӣ дошта, ба он эътибори зарурӣ дода мешуд. Ин аз як тараф, табиӣ буд, Конституцияи замони Шӯравӣ ҳаёти воқеӣ, табақаҳои иҷтимоии сиёсӣ ва асоси низоми иқтисодии ҷомеаи шӯравиро инъикос мекард.

Дар Конституцияи Иттиҳоди Шӯравӣ ба шаҳрвандон қариб ҳамаи озодиҳои демократӣ, ба монанди баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар (моддаи 34), баробарҳуқуқии нажоду миллатҳо (моддаи 36), ҳуқуқ ба меҳнати кафолатнок (моддаи 40), ба истироҳат (моддаи 42), ба ҳифзи саломатӣ (моддаи 42), ҳифзи иҷтимоӣ (моддаи 43), ба манзил (моддаи 44), иштирок дар корҳои давлатӣ (моддаи 48) дахлнопазирии шахс (моддаи 54) ва ғайраҳо дода шуда, ин ҳолатҳо дар Конституцияҳои Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, аз он ҷумла дар Конституцияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон тазаккури худро ёфта буданд. [2.с.8–10]

Татбиқи ин ҳуқуқу озодиҳо бо тавассути Шӯроҳое, ки асоси низоми сиёсии замони шӯравӣ буд, бо роҳбари ҳизбӣ иттиҳоди шӯравӣ амалӣ гардонида бораи ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо гирдиҳамоиҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта фармон баровард.

Мувофиқи он, шаҳрвандони ба синни 18–сола расида, ба мақомоти маҳаллии шӯрои давлатӣ на кам аз 10 рӯз қабл аз гузаронидани ин тадбир ариза пешниҳод мекарданд. Ҳукумати маҳаллӣ онро баррасӣ намуда, ба ташкилкунандагони чорабинӣ оид ба қарори қабулкардаи худ на дертар аз 5 рӯз то вақти саршавии он хабар медод. Ҳукумати маҳаллӣ ӯҳдадор карда мешуд, ки дар хусуси ба вақти дигар гузаронидани ин тадбир таклиф гузорад ва танҳо дар мавридҳои дар қонун пешбинигардида ба гузаронидани чорабинӣ иҷозат медиҳад.

Иштирокчиёни чорабинӣ ӯҳдадор буданд, ки аз гирифтани силоҳе, ки ба муқобили ҳаёт ва саломатии одамон ва барои расонидани зарари моддӣ истифода шуданаш мумкин аст, худдорӣ намоянд. Мавриди зикр аст, ки фаҳмиши нодурусти демократия, надонистани ҳуқуқ ва қонунҳо, паст будани дараҷаи шуури сиёсию ҳуқуқии аҳолӣ ба он оварда расонид, ки дар оғози ин дигаргуниҳо ҷумҳурии моро қонуншиканиҳо ба гирдоби худ кашида, ин усулҳои демократи ифодаи иродаи халқ ба як фоҷиаи калон табдил ёфт, ба мисли воқеаҳои феврали соли 1990. Бо ташаббуси як зумра дасисабозон масъалаи «гурезагони арманӣ»–ро баҳона карда, дар пойтахт гирдиҳамоиҳои берун аз талаботи қонун сурат гирифта, ҳаёти сиёсию маънавии пойтахтро халалдор ва заминаи ҷанги шаҳрвандӣ гаштанд.

Бо мақсади пешгири кардани ҳолатҳои фавқулодда (конуншиканӣ ва зӯроварӣ, поймол кардани ҳуқуқу озодихои дигарон) Ҳукумати Тоҷикистон 3 ноябри соли 1995 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода» қабул намуд, ки тибқи он дар ҳолати фавқулода гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ манъ карда мешуд. Бо мақсади танзими ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, рохпаймоиҳои осоишта ва дигар чорабиниҳои оммави ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон 29 июни соли 1991 Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи танзими ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиботи гузаронидани онҳо» қабул карда шуда буд.

Дар шароити душвори он давра, ин қонун даҳалона вайрон карда мешуд, ки онро воқеаҳои сентябри соли 1991 ва воқеаҳои минбаъда бори дигар собит сохтанд. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конституцияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор падидаҳои нави ҳуқуқӣ дар Конституция сабт шуда, ҳамаи онҳо дар қонунҳои дахлдор мустаҳкам гардонида шуда буданд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конституцияи худ дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон (моддаи 5) манъ намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайриқонуние, ки зуҳуротҳои манфиро тарғиб менамоянд (моддаи 8) чун кафолати давлати ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба зиммаи худ гирифта эътироф намуд, ки «махдуд кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи чамъиятӣ, ҳимояи сохти конституционӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ (моддаи 14 банди 2) равона кардааст.

Дар айни замон дар моддаи 47 Конституция омадааст, ки «Дар давраи вазъияти фавқуллода ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16 (ҳуқуқ ба ҳимояи шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар), моддаи 17 (баробарии ҳуқуқ дар назди қонун ва суд), моддаи 18 (ҳуқуқ ба зиндагӣ), моддаи 19 (ҳуқуки ҳифзи судӣ), моддаи 20 (ҳуқуқ ба беасос гунаҳкоршавӣ), моддаи 22 (дахлнопазирии манзил), моддаи 25 (ҳуқуқ ба шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои дахлдор) ва моддаи 28 (ҳуқуқи муттаҳидшавии шаҳрвандон) пешбинӣ шудааст, ва инчунин дигар қонунҳое, ки барои идоракунии давлати равона карда шудааст, маҳдуд карда намешавад». [3. Конституцияи 1994]

Дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ нақши махсус ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ дода мешуд. Лекин, ин ташкилотҳо як ҷузъи ҷудоинопазири ҳизби коммунист ва ёрдамчии он дар низоми сиёсию иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб мерафтанд. Дар Конституцияи Тоҷикистон бо назардошти ҳолатҳои ҳуқуқие, ки дар замони шӯравӣ маҳдуд буданд, ин зуҳуротҳо аз нав баррасӣ шуда, дар давраи демократикунонии ҷомеа ба он мақоми ташкилотҳои ғайриҳуқуматӣ дода шуда, онҳо дар айни замон дар ташаккули ҷомеаи ҳуқуқӣ роли муҳиме мебозанд. Бояд зикр намуд, ки бунёди ҷомеаи адолатпарвару демократӣ, ки дар асоси волоияти қонун асос ёфтааст ва он тасодуфан пайдо нашудааст. Имрӯз мо гарчанде ки ба конституцияи гузаштаи давраи шӯравӣ аз нигоҳи танқидӣ назар кунем ҳам, он дар замони худ ҳодисаи нодири ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати Миллӣ Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ ин нуқтаро борҳо таъкид карда, иброз доштааст, ки маҳз дар замони шӯравӣ ва Инқилоби Октябр

тоҷикон соҳиби давлати миллӣ гашта, маҳз ҳамин давра халқи тоҷикро аз торикию ноумедӣ озод карда буд. Мақсад ёдовар шудани гузашта, аз он иборат аст, ки мо гузаштаро фаромӯш накунем, аз саҳву хатогиҳои ҷойдошта сабақ омӯзем, вале барои мо, марҳилаи ҳозираи инкишофи кишвар ва ояндаи он басо муҳим аст.

Ҷомеаи имрӯза бо роҳи бунёди ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд дохил шудааст, вазифаи мо аз он иборат мебошад, ки аз манфиатҳои таърихии худ рӯ нагардонида, ҳар як зуҳуроти мусбии айёми гузаштаро қабул фармоем ва онро барои таҳкими волоияти қонун истифода барем.

Барои бунёди ҷомеаи ҳуқуқию демократӣ барои мо заминаҳои зарурӣ вуҷуд доранд:

Пас аз ин заминаҳо кадомҳоянд:

1.Таҷрибаи таърихии халқ, ки дар рафти муборизаҳои шадид, баҳри пойдории ҳуқуқу озодиҳо ба даст омадааст;

2. Таҷрибаи давлатдории дифокунандаи ҳуқуқу озодиҳои умум;

3. Мавҷуд будани низоми давлатдорӣ ва сиёсати давлатӣ;

4. Арзи вуҷуд кардани Конституцсия ва қонунҳои дар асосҳои он ташаккулёфта;

5. Такя кардан ва имконияти омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

6. Такя ба анъанаҳои давлатдорӣ ва руҳияи қонуничрокунии он;

7. Пайвастан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва меъёрҳои асосии ҳуқуқи башар.

Ин заминаҳои давлати ҳуқуқбунёд имконият медиҳад, ки мо дар оянда ба бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ расем. Чӣ тавре, ки мо дар оғози мақола кайд кардем, мо дар ибтидои бунёди чунин ҷомеа қарор дорем. Шубҳае нест, мақсади мо расидан ба ин гуна ҷомеа амалӣ мешавад.

«Таърих гувоҳ аст, ки –иброз доштааст Эмомалӣ Раҳмон, –дар тӯли ҳазорсолаҳо давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои харобиовар ва таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронидааст, аз дунболи ҳар шикаст, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст. Ин рисолаи таърихиро, ки дар раванди давлатдорони ҷаҳон назир надорад, метавон рисолати давлатдории тоҷикон намуд». [4. Ҷумҳурият №35]

Ин рисолаи таърихӣ дилпурӣ медиҳад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон нуқтаҳои Конституцсияи худро дар бобати бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ пурра амалӣ мегардонанд.

АДАБИЁТ

1. Конституцсияи СССР. –М.,1984. –С.8–10
2. Конституцсияи Ҷумҳурии ТоҷикистонЮ 1994.
3. Усмонов О. Давлат ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2000. –С.3–5.
4. Эмомалӣ Рахмон Истиклолият неъмати бебаҳост // Ҷумҳурият, № 35, 11 сентябри соли 2003.

СТАНОВЛЕНИЕ И ИСТОРИЧЕСКОЕН РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА

Данная статья посвящена актуальной проблеме становлению и историческому развитию правового государства. В статье исследование исторические события, которые стали помехой в защите прав и свобод граждан, возникновению гражданской войны в Таджикистана. Указаны причины и факторы содействующие развитию Таджикистана на пути правового государства. Изучены взаимосвязь правового государства и гражданского общества и т.д. Чтобы создать правовое государство, прежде всего, необходимо создать правовую основу. Правовое государство – это высокий уровень государственного развития, основанный на верховенстве закона и права, признающем высшую социальную ценность людей.

Ключевые слова: *Правовое государство, правовая база, государственного развития, политической власти, Конституции Республики Таджикистан.*

FORMATION AND HISTORICAL DEVELOPMENT LEGAL STATE

This article is devoted to the actual problem of the formation and historical development of the rule of law. The article examines the historical events that hindered the protection of the rights and freedoms of citizens, the outbreak of the civil war in Tajikistan. The reasons and factors contributing to the development of Tajikistan on the way of the rule of law are indicated. The relationship between the rule of law and civil society, etc. has been studied. To create a legal state, first of all, it is necessary to create a legal basis. The

rule of law is a high level of state development based on the rule of law and law, recognizing the highest social value of people.

Keywords: *Legal state, legal framework, state development, political power, the Constitution of the Republic of Tajikistan.*

Сведение об авторе:

Рауфзода Комронжон Кадриддин *–магистрант второго курса факультета история Таджиксого государственного педагогического университета имени С. Айни;*

About the auhor:

Raufzoda Komronjon Kadriddin *–2nd year magister of the History Department, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

АҲАМИЯТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ ИҚТИСОД ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ПОКИСТОН

Суфиев С.Н.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ

Ҳамкориҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо халқҳои нимҷазираи Ҳиндустон таърихи қадима доранд. Халқҳои минтақаро Роҳи бузурги абрешим, таърихи умумӣ дар доираи давлатҳои қадим ва асримиёнагӣ, фарҳанг ва тамаддун мепайваст. Баъди ташкил шудани Покистон ҳамкории он бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи давлати Шӯравӣ ҷараён гирифта, бо барҳам хӯрдани он, бинобар пайдоиши холигӣ дар фазои минтақа, мавқеи муҳимми стратегӣ, боло рафтани аҳамияти захираҳои табиӣ ва истифодаи бозори истеъмолии он барои фурӯши маҳсулоти худ барои касби мақоми махсус дар минтақа талош намуд.

Бозори дар ҳоли васеъшавии Осиёи Марказӣ ва захираҳои бузурги табии он барои афзоиши сармоягузорӣ дар минтақа дурнамои хубро ба вуҷуд оварданд. Вале, набояд зарурати таҷиди иқтисод, барқарор кардани суботи сиёсӣ ва назорати самаранокро аз болои низоъҳои қавмӣ фаромӯш кард. Қобилияти ҳалли мушкилоти дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар марҳилаи аввал аз дастгирӣ ва кумаки хориҷӣ вобаста буд[12].

Дар баробари ин, давлати Покистон мақсад дорад, ки дар фазои ҷуғрофии мусулмони минтақа таъсири маънавии худро зиёд карда, бад–ин васила нуфузи худро миёни кишварҳои мусулмон (дар доираи Сомзони ҳамкории исломӣ ва Созмони ҳамкории иқтисодӣ) ва қитъа баланд бардорад.

Охирҳои соли 1992 сафари аввалини расмии олимартабаи Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон бо сарварии Вазири иқтисодиёти ин давлат Сардор Осаф Али ба давлатҳои навбунёди Осиёи Миёна оғоз гардид. Моҳи апрели соли 1992 баъд аз боздид ва шиносоӣ бо Ҷумҳурии Узбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ин ҳайат аз Ҷумҳурии Тоҷикистон низ боздид намуд. Мақсади асосии ин сафар дар баробари шиносоӣ бо роҳбарияти нави Ҳукумати Тоҷикистон масъалаҳои омӯхтани вазъи сиёсии мамлакат, фикру ақидаҳои роҳбарияти онҳо, мақсаду маромии ҳизбҳои сиёсӣ, муайян намудани мавқеи ҳизбҳо дар ҷамъият иборат буд. Бояд қайд кард, ки қисми муайяни роҳбарияти Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки намояндагони ҳизби "Лигаи мусулмонони Покистон" буданд, умед доштанд, ки дар ояндаи наздик бо сабабҳои тезутунд гардидани вазъи сиёсӣ ва суст шудани таъсири шӯравӣ –бозсозиҳо дар кулли давлатҳои Осиёи Миёна сохтори давлатҳои мусулмониро ба майдон меоварад[9. с.607].

Зимни бозгашт ва ҳисобот дар назди Ҳукумати Покистон Сардор Осаф Аҳмад Алӣ дар асоси дини ислом мустаҳкам намудани муносибатҳои Покистон ва давлатҳои навбунёди Осиёи Марказиро зери танқид гирифта, барои бо молҳои истеҳсоли покистонӣ ҳарчи бештар тезтар вориди бозори давлатҳои навбунёди Осиёи Миёна ва Қазоқистон шудан, сиёсати ҳарчи бештар равнақу ривоҷ додани ҳамкории дучонибаро дар соҳаи тиҷорат, иқтисодиёт ва фарҳанг пешниҳод намуд.

Солҳои баъдӣ Ҳукумати Покистон бо давлатҳои навбунёди Осиёи Марказӣ сиёсати равнақу ривоҷ додани ҳамкориро дар соҳаи тиҷорат, иқтисодиёт ва фарҳанг псш гирифт[9. с. 608].

Новобаста аз мушкилоти молиявӣ, Покистон дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ сафорати худро кушода, то апрели соли 1992 вобаста ба лоиҳаҳои зиёд бо Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон корро оғоз намуд, ки мақсади муттаҳид кардани иқтидори захиравӣ бо таҷриба ва сармояи покистониро дошт. Ин лоиҳаҳо соҳаҳои зеринро, аз қабили, алоқаи моҳворавӣ,

телекоммуникатсия, низоми обёрӣ ва кори бонкӣ, истеҳсоли таҷҳизот, сохтмони роҳҳои оҳан, нерӯгоҳҳои барқӣ дар бар мегирифт[12].

Моҳи апрели соли 1992 ҳайати давлатии тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо сафари расмӣ дар Покистон қарор дошт ва дар чараёни он тарафи Покистон изҳор намуд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи молию пулӣ дар ҳаҷми 500 млн. доллар барои сохтмони неругоҳи барқию обии Роғун ба муддати 5 сол доданист[3].

Покистон мебоист то 3600 мегаватт нерӯйи барқ дар муддати 30–сол мегирифт. Созиши мубодилавӣ кӯмакро аз Покистон ба маблағи 5 миллион доллар, 25% нақд ва 75 % бо молҳои истеҳсоли Покистон пешбинӣ менамуд[12].

В данной статье рассматривается исследование природных ресурсов Таджикистана в 20–30 годов XX столетия. Проанализированы характерные особенности деятельность научных экспедиций на территории Таджикистана.

Так же, автор, путем сопостовительного метода и анализа освещает роль научных центров Советского Таджикистана в изучении природных ресурсов страны.

Ключевые слова: *Таджикистан, природные ресурсы, научные учреждение, Кара –Мазар, Общество, экспедиция, исследование.*

RESEARCH OF NATURAL RESOURCES OF TAJIKISTAN IN 20-30 YEARS XX CENTURY

The research of natural resources of Tajikistan in the 20–30 years of the twentieth century is reviewed in this article. The characteristic features of the activities of scientific expeditions on the territory of Tajikistan are analyzed.

The author also highlights the role of scientific centers of Soviet Tajikistan in the study of natural resources of the country by a comparative method and analysis.

Keywords: *Tajikistan, natural resources, scientific institution, Kara–Mazar, Society, expedition, research.*

Сведения об авторе:

Махмадов Убайдулло Давлатович *– ассистент кафедры права Таджикского государственно педагогического университета им. С. Айни, E -mail: mailto:nsadi79@mail.ru*

About the author:

Mahmadov Ubaidullo Davlatovich *– assistant of the Department of law of the Tajik state pedagogical University, named after S. Aini, E-mail:mailto:nsadi79@mail.ru*

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ СОХТМОНИ НИЗОМИ МАОРИФ ДАР НОҲИЯИ ЛАХШ

Талипова С. Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Соли 1931 баробари таъсисёбии ноҳияи Лахш (Ҷиргатол) шӯъбаи маорифи халқ дар қаламрави он ба фаъолият шуруъ намуда, дар амали сохтани сиесати маорифпарваронаи Ҳокимияти Шӯравӣ баланд бардоштани шуурнокии сиёсӣ, фарҳангии аҳолӣ нақши муассир гузошт оғоз гардида, ячейкаҳои аввалини комсомолию ҳизбӣ, колҳозҳо таъсис ёфт.

Нахустин мактаб дар қаламрави ноҳия ҳанӯз соли 1925 таъсис ёфта буд, ки дар он 17 нафар хонанда таҳсил намуда, омӯзгори аввалин А.Ғайнулин (миллаташ тотор) ба талабагон сабақ медод. Соли 1931 курси яксолаи тайёр намудани омӯзгорони мактабҳо ба кор шурӯъ карда, худи ҳамон сол мактаби нави 4- сола кушода шуд, ки ин барои ноҳия ҳодисаи муҳим ба шумор мерафт. Ба ин мактаби нав аз оилае, ки то 5 нафар аъзо доштанд 1 талаба, аз оилаҳое, ки беш аз 5 нафар аъзо доштанд, 2 талаба ба таҳсил фаро гирифта мешуд[1, 60].

Дар аввал на ҳамаи оилаҳо розӣ мешуданд, ки фарзандонашонро ба мактабҳои нави шуравӣ супоранд. Баъзе хонандагоне низ буданд, ки ҳам дар мактаби кӯҳна ва ҳам дар мактаби нав таҳсил доштанд. Бояд қайд намуд, ки то соли 1931 дар мактабҳои нав таълим бо алифбои ниёгон –ҳуруфоти арабиасоси тоҷикӣ (форсӣ) пеш бурда мешуд. Аз соли 1926 тамоми мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муассисаҳои ноҳияи Ҷиргатол ба ҳуруфоти лотинӣ ва аз соли 1940 ба ҳуруфоти кириллӣ гузаштанд[2, с.57].

Дар ибтидо ҳарчанд дар ноҳия курсҳои яксолаи педагогӣ таъсис ёфта, дар онҳо омӯзгорон тайёр мешуданд, вале мактабҳои ноҳия бо омӯзгорон ба пуррагӣ таъмин набуданд. Дар мактабҳо муаллимон намерасиданд, дар як қатор мактабҳои ноҳия бошад аз сабаби набудани муаллимон баъзе фанҳои таълимӣ аз қабили физика, математика, забони русӣ, забони модарӣ ва география омӯхта намешуданд. Аксарияти муаллимони мактабҳои ноҳия ҳатто маълумоти миёна надоштанд.

Аксарияти аҳолии Ҷиргатолро қирғизҳо ташкил медоданд. Барои ҳамин Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумҳурии ҳамсоя –Қирғизистон бо мақсади таъмини мактабҳо кадрҳои педагогӣ дархост намуд. Таълим дар мактабҳо бо мушкилиҳои зиеде, аз ҷумла таъмин набудан бо ашёҳои хониш, китобу дафтар, қалам, тахтаи синфӣ ва мизу курсӣ, пеш бурда мешуд. Дар аввал китобҳои дарсӣ танҳо барои муаллимон дастрас карда мешуд. Ба таври васеъ овардани ашёҳои хониш аз соли 1937 ибтидо мегирад ва ашёҳо то маркази ноҳияи Комсомолобод оварда мешуданд. Аз Комсомолобод то Лахш роҳи мошингард набуд ва лозим меомад, ки ашёҳои хониш бо шутурҳо ва аспҳо ба ноҳия кашонда шаванд.

Дар рушди низоми маорифи ноҳия қарори ШКХ Тоҷикистон «Дар бораи кӯдакони миллатҳои ақаллият (қазоқҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва миллатҳои дигар) аз 11 октябри соли 1930 нақши муҳим гузошт. Ин қарор имконият дод, ки таълими умумии ибтидоӣ ба забони модарӣ ва вусъати сохтмони биноҳои мактабӣ дар байни аққалиятҳои миллии ҷумҳурӣ рушд ёбад. Дар асоси ҳамин қарор ноҳияи Ҷиргатол тавонист, ки дар баробари мактабҳои тоҷикӣ кори мактабҳои қирғизиро низ ҷоннок намояд[1, с.67].

Мувофиқи ҳисобот соли таҳсили 1932-1933 дар ноҳияи Ҷиргатол 25 мактаби дараҷаи якум мавҷуд буд, ки 17 тояшро мактабҳои қирғизӣ ташкил медоданд. Шумораи хонандагон ба 925 нафар мерасид, аз ҷумлаи онҳо 297 нафарро духтарон ташкил медоданд, омӯзгорон бошанд аксарият қирғизҳо буданд.

Ҳамагӣ дар мактаҳои ноҳия 56 нафар муаллим кор мекард, ки аз онҳо 45 нафарашон қирғизҳо буданд. Шароити дарсдиҳӣ дар ноҳия хеле душвор буд, зеро китобҳои дарсӣ ва асбобҳои аёнӣ ниҳоят кам буданд. Аксарияти китобҳои дарсӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон оварда мешуданд. Китобҳо баъзан дар вақташ омада намерасиданд[3, с.8].

Дар баробари ин соли 1932 дар ноҳия 22 мактаби маҳви бесаводӣ вуҷуд дошт, ки дар онҳо 1783 нафар хонанда таҳсил мекарданд, аз ҷумлаи онҳо 509 нафарашон занон ва духтарон буданд[4, с.3].

Тибқи маълумоти расмӣ соли хониши 1937-1938 дар ноҳия 37 мактаби ибтидоӣ вуҷуд дошт, ки дар онҳо 3653 нафар хонанда таҳсил мекарданд. Духтарон 1653 нафарро ташкил медоданд. Шумораи омӯзгорон ба 117 нафар расид [5,9].

Дар ин соли таҳсил раванди ба мактаб ҷалб кардани хонандагон беҳтар шуд. Дар назди Шӯрои Комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистон Комитети ҷумҳуриявии беҳтар кардани таълими умумӣ ва дар ҳайати комитетҳои иҷроияи шӯроҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва шӯроҳои қишлоқ комитетҳои маҳаллии оид ба таълими умумӣ ташкил карда шуданд.

Дар ноҳияи Ҷиргатол ба ҳайати он намояндагони шӯъбаи маориф, ташкилоти ҳизбӣ, иттифоқи касаба, худидоракунии мактабҳо, колхозҳо шомил буданд. Ташкили ин комитет дар ноҳия самараи хуб дод. Ин буд, ки дар соли 1938 - 1939 шумораи мактабҳои ибтидоии ноҳия ба 57 адад расид. Дар онҳо 4509 нафар хонанда таҳсил мекарданд [6,3].

Бояд қайд кард, ки барои саводнок кардани мардуми ноҳияҳои кӯҳистон аз гӯшаву канорҳои гуногуни собиқ ИҶШС муаллимон меомаданд. Онҳо барои баланд бардоштани сифати таълим дар ноҳияи Ҷиргатол низ хизматҳои бузург кардаанд. Имрӯз номи чунин омӯзгорон, пеш аз ҳама: Кузмина М.К., Павлов Р.К., Иванов М.К., Саидханов У., Хасанов И., Назаров Р., Ҳусейнов Р., Яқубов Ч., Расулов Г., Рачабов Ч., Қурбонов Ю., Каримов Х., Лебедов С.Д. ва дигарон дар саҳифаи таърихи ноҳия навишта шудаанд [7, с. 4]. Муаллимони фиристодашуда дар байни мардуми ин маҳалҳо баромад карда, мақсад ва мароми инқилоби маданиро фаҳмонда медоданд. Камбудиҳоро дарёфт намуда, кӯшиш мекарданд, ки онҳоро бартараф намоянд [8,24-25].

Ҳамин тавр, дар ноҳияи Ҷиргатол низ барпо шудани сохти Шӯравӣ низоми маорифи халқ ташкил карда шуда, мактабҳои шакли нав ба фаъолият сар карданд.

АДАБИЁТ

1. Наврузов Ғ. История образования и развития Гармской области Таджикской ССР (1921 –1956 гг.). –Душанбе, 2017.
2. Обидов И. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон. –Душанбе: Ирфон, 1965,
3. Обидов И. Аз таълимоти ибтидоӣ ба маълумоти миёнаи умумӣ. –Душанбе: Маориф, 1986.
4. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 360. оп.1. д. 212.
5. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 360. оп. 1. д. 135.
6. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 360. оп. 1. д. 242.
7. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 360. оп. 3. д. 107.
8. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 360. оп. 4. д. 134.

ВЗГЛЯДЬ НА ИСТОРИИ СОЗДАНИЕ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ В РАЙОНЕ ЛАХШ

В статье рассматривается об истории создания системы образования в район Лахш. В 1931 году на ровне с образованием района Лахш также начали свою деятельность и отдел по образование и внесла свой вклад в развитии политического и культурного понимания население района. Таким образом в районе Лахш с приходом Советского строя была организована система образования и были открыты школы с новой формы обучения.

***Ключевые слова**: Лахш, Советское Руководство, Кыргызстан, школы, дети, образования, Туркменистан, партийная организация, кадры, колхозы.*

A SIGHT TO THE HISTORY OF THE CREATION OF THE EDUCATION SYSTEM IN THE LAKHSH DISTRICT

This article deals with history of the education system in the Lakhsh district. In 1931, on a par with the formation of the Lakhsh district also started its activities and the Department for education and contributed to the development of political and cultural understanding of the population of the district. Thus, with the arrive of the Soviet system, the education system was organized in the Lakhsh district and schools were opened with a new form of education.

***Keywords**: Lakhsh, Soviet Leadership, Kyrgyzstan, schools, children, education, Turkmenistan, party organization, personnel, collective farms.*

Сведение об авторе:

***Талипова Сайёра Шомахматовна** - старший преподаватель кафедры История таджикского народа, исторического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, E-mail: tolipova@mail.ru*

About the author:

Talipova Sayora Shomakhmatovna *- Senior Lecturer of the Department of History of the Tajik People, Faculty of History, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: tolipova@mail.ru*

РОЛЬ ШЕЛКОВОГО ПУТИ В РАЗВИТИЕ МОНУМЕНТАЛЬНОЙ ИСКУССТВО

Бойназаров Б.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Памир - это подножье солнца, страна лунных гор, живописный край. Какими только поэтическими названиями не наделялся этот расположенный в центре Азии высокогорный край.

Во многих регионах Памира, особенно в долине Вахан. с древнейших времен сохранились монументальные сооружения и культурные традиции, продолжающие играть важную роль в современной жизни общества. В древности здесь сходились в один крепкий узел дороги Великого шелкового пути в странах Центральной Азии. Здесь, на территории Восточного и Западного Памира, оставили свои следы не только коренные жители этого края, но и те люди, которые долгие столетия протаптывали караванные тропы на обрывистых склонах Памирских гор. И неудивительно, что скалы долины Вахан запечатлели на своей поверхности многовековую и сложную историю племен и отдельных групп, проходивших через эту долину, связывающие Восток и Запад.

Известно, что без опыта прошлого, без сохранения исторически сложившихся традиций, составляющих основу народных культур, общество существовать не может. Более того, в долине Вахан в сохранившихся монументальных памятниках культуры, традиционных приемах народного зодчества заложен огромный информативный материал, свидетельствующий о том. что мир далеких эпох не исчез бесследно, а сохраняется и передается от поколения к поколению в народных обычаях и традициях.

Во многих регионах Бадахшана имеются исторические памятники декоративного и монументального искусства древнейших времен. Здесь в разное время перекрещивались исторические судьбы далеких предков таджиков и других народов.

Однако Памир был местом, с которым многие народы и племена издавна связывали свою историю, этническую традицию. С этой страной связана эпическая традиция о миграции арийцев, начавших новую арийскую эру в северной Индии. Афганистане и Восточном Иране. Памир оказывается в центре внимания. Многие зарубежные исследователи писали, что Вахан с древнейших времен являлся главной дорогой, связывающей Западную Азию иследовательно, классический мир с глубиной Центральной Азии, с Дальним Востоком. Через Вахан пролегал один из наиболее важных и оживленных путей древности и средневековья.

По этому пути следовали торговые караваны, купцы доставляли много товара. Через Вахан проходили линии не только торговых, но и военных коммуникаций. Этим путем распространялись многие культурные и экономические достижения древних народов.

Жители верховья Пянджа были свободолюбивыми, боролись за сохранение своей независимости, о чем свидетельствуют остатки крепостей, которые сохранились и по сей день во многих районах Памира, особенно в долине Вахана. На трассе Великого шелкового пути народы Бадахшана возводили культово-монументальные общественные сооружения; усыпальницы, караван- сараи и другие инженерно- строительные объекты.[1]

В больших населенных пунктах сосредотачивались талантливые зодчие, мыслители, художники, музыканты и другие народные умельцы, которые создали на своем веку немало уникальных произведений искусства.

Следует отметить, что история наскальных рисунков представляет с собой удивительный феномен народного творчества, совершенно свободный от какого-либо влияния сильных мира.

Художественная творческая выразительность достигалась в этих краях лаконичным контуром прорисовки фигур - в долинах Ваханских наскальных изображений очень выразительны рисунки спускающихся с гор разных животных, с характерной композицией движений и настороженно смотрящих вперед.

Наскальные рисунки расположены в живописных кишлаках Лангар. Асор. Даршай. Наматгут. где издавна проходили торговые пути древних племён при слиянии рек Пяндж и Вахандарья. соединяющиеся в долине Каракорум и Гиндукуш. Каждый наскальный рисунок имеет интересное по содержанию композиционное решение. Но главное место среди рисунков занимают разнообразные сцены охоты мифических героев, на горных животных, уходящие своими корнями в глубину веков.

Наиболее интересной является очень сложная композиционная сцена изображения любимого Ваханцами музыкального инструмента рубоба. Рубобы встречаются и в других местах, но нигде они так не сконцентрированы как в долине Вахан (

Следует отметить, что наскальные рисунки на Памире по своему жанру многочисленны только в долине Вахан. Это связано с народным фольклором памирцев. Имеются мотивы, связывающие рубоб с человеком, рубоб является как бы олицетворением человека. Поэтому рубобы изображены с большим разнообразием, с которым их изображали Ваханцы[2]

Многочисленные рисунки выделяются разнообразием композиционного содержания и выразительностью. Это изображение благожелательной птицы Симург.

Симург. как легендарная сказка, встречается в исторических и художественных произведениях. Мифическая легенда о Симурге в судьбе истории нашего народа занимает особое место.

Следуют отметить героев легендарных произведений Фирдоуси «Шахнаме» Рустама и Сухроба и многих других. В процветании и благодеянии прославилась эта птица.

То, что отражено в произведениях классической литературы об истории Благосклонности Симурга, все остается в литературе, в одежде и речи. Радостно, что среди наскальных рисунков долины Вахан изображено Благодушие Симурга. Эти изображения из редких рисунков и оставили в печатляющий след в нашей истории и культуре. Симург изображен на знамени, а знамя в руках благообразного мужчины. Всадником на площади изображён Симург. Земной шар. солнце и другие элементы связываю! сочетание космического пространства поверхности земли и отражены в светлой сказке о Симурге

Видно, что художники очень выразительно передают пространство охоты: охотник, стоя, из туго натянутого лука пускает стрелу в животных. Каждый рисунок по композиционному решению является разнообразным по стилю и приему изображения группы всадников, вооруженных саблями, площади изображены в характерной для горного края разнообразной манере.

В заключение следует добавить, что Памир является самой богатой наскальной рисунки в Таджикистане, а также окружающей горных странах нигде такого количества и такого разнообразия наскальных рисунков не наблюдается.[3]





ЛИТЕРАТУРА

1. Бернштам А. Н. Историко - археологические очерки центрального Тянынаня и Памира - Алая. М.: 1952. - с. 117 - 239 - 329.
2. Ранов В.Путешествие в Согдиану. Древние рисунки на скалах Лянгара. Душанбе.-Ирфон, 1981.с.76-94
3. Бойназаров Б. И. Накшхои Вахон. / Мероси ниёгон. - 1995. -№2. – 45 с.
4. Бойназаров Б. И. Симурги руи санг. - Точикистон. -2004. .
5. Бойназаров Бойназар. Досенти кафедраи «Назария ва методикам тартияи мусики-бадей»
6. Бернштам А.Н. Историке- архиологичеекке очерки ***центрального*** Тяньшаня и Памира - Алая. М.: 1952 с 117-329
7. Ранов В.Путешествие в Согдиану. Древние рисунки наскалах Лянгара. Душанбе,- Ирфон, 1981.С.76-94

8.3.Бойназаров Б.И. Семург руи санг -Точикистон 2004,- №12 С.45-46

РОЛЬ ШЕЛКОВОГО ПУТИ В РАЗВИТИЕ МОНУМЕНТАЛЬНОЙ ИСКУССТВО

Долина Вахан имеет богатые исторические памятники, её можно сравнить с музеем под открытом небом. Все здесь напоминает о глубокой древности. Вахан с древнейших времен являлся главной дорогой, связывающей Западную Азию с классическим миром. По этому пути следовали торговые караваны, и предприимчивые купцы доставляли большие партии товаров; этим путем распространялись многие культурные и экономические достижения древних народов, а также через эту долину проходили линии военных коммуникаций.

Следует отметить, на то есть все основания, что природные ресурсы долины Вахан в прошлом обеспечивали возможность проживания более многочисленного населения. Таким образом, долина Вахан является своеобразной историей, в которой концентрировались очень многие политические, социально - экономические и культурные события, его этническая история, традиция о миграции арийцев и других народов.

Таким образом, возникновение и начальный этап существования Ваханских крепостей был связан, как правило, с попыткой защиты от нападения кочевников, изучением народного жилища, монументального и декоративного искусства, архитектуры. Долина Вахан- важнейший этап в изучении исторического и культурного наследия Древности.

Основные типы традиционных крепостей и жилищ, наскальных рисунков долины Вахан сложились в результате длительного и сложного процесса развития культурных контактов и взаимовлияний народов Востока.

Несмотря на многие объективные условия и региональную самобытность народной архитектуры крепостей, жилищ, установлена основополагающая роль природно-климатических факторов в формировании жилого пространства.

Историческое развитие монументального и декоративного искусства долины Вахан свидетельствует о преобладающем влиянии символики в композиционном построении крепостей и зданий различного назначения

THE ROLE OF THE SILK ROAD FOR DEVELOPMENT MONUMENTAL ART

Vakhan valley has rich historical monuments. It might compare with the museum under open sky. All of things their reminds about deep anciety. Vakhan from ancient times was the mainstream road connecting West Asia with classical world.

On this way followed Commercial caravans and enterprising tradesmen provided big parts of good; by this way spreader the most cultural and economic achievements of ancient people, as well as across this valley passed the lines of military communications. It should be note on that there are all reasons that Natural Resourses of Vakhan valley in the passt provided the possi bility of living numerals population.

Thus Vukhan valley is the peculiar history in which concentrated varity. The most political Social economical and cultural events. It ethnic history traditions about migrations orient and other peoples.

Thus appearance and a primary stage of existence of Vakhan fortresses was connected as a rule with attempt of defence from normads attacks. The Learning of national housing monumental and decorative arts and architecture

Vakhan valley is the important stage in the learning of historical and cultural legacy of the anciety. The basically types of traditional fortresses and houses, the pictures on the rocks of Vakhan valley put together in the result of long time and complex process of development of cultural contacts and interconnection of orient people.

Inspire of a lot objective condition and regional originality of national architecture of fortresses and houses set up basically vole natural and climate factors in forming housing space. Historical development of monumental and decorative arts of Vakhan valley shows about predominating influence of symbol marks in compositional building of fortresses and houses of differ assignment

Сведение об авторе:

Бойназаров Бойназар *– доцент, кафедры теория и методика воспитании музыкально-художественный факультета начальное образование, Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни*

About the author:

Boynazarov Boynazar *- Associate Professor, Department of Theory and Methods of Education, School of Music and Art, Primary Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*

ТАЪРИХИ РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНУ ОЛМОН

Кайхусрави С.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон, ки соли 1992 аз байни кишварҳои Иттҳоди Аврупо аввалин шуда, муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд, ки он аз равобити илмию фарҳангӣ оғоз гардидааст [3]. Дар ин марҳилаи замонии начандон зиёд миёни Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марказҳои илмии ҶФО ҳамкориҳо барқарор гашта, хеле густариш ёфтанд. Қариб ҳамаи Институтҳои илмию таҳқиқотии АИ ҶТ, чи илмҳои дақиқ чи гуманитарӣ, бо пажӯҳишгоҳҳои Олмон робитаҳои илмӣ доранд. Олимони олмонӣ ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб мешаванд, таҳқиқотҳои муштарак, ҳамоишҳои илмӣ, таҷрибаомӯзӣ ва монанди инҳо сурат мегиранд…

Ҳар чанд, ки равобити илмию фарҳангии Тоҷикистону Олмон асосан ҳамчун як ҷузъи муносибатҳои байнидавлатӣ танҳо дар давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба шакл гирифта, ба низоми муайян даромадааст, пешинаи тӯлонӣ дорад. Ин робитаҳо дар замонҳои мухталиф ва дар ҳукуматҳои гуногуни сарзамини мо ба шаклҳои гуногун идома доштанд ва омӯзиши таърихи ин онҳо барои самту сифати робитаҳо имрӯзаву оянда муфид хоҳад буд.

Албатта, дар густариши ҳар гуна муносибати байналмилалӣ, чи иқтисодию иҷтимоӣ ва чи илмию фарҳангӣ, ҳар кишвар пеш аз ҳама муносибатҳои миллии худро дар назар дорад. Бо вуҷуди ин, робитаҳои илмӣ аз чаҳорчӯби ҳадафҳои сиёсӣ фаротар ва натиҷаҳои он ҳамеша мондагор будаанд.

Аввалин муносибатҳои илмию фарҳангии мо ва олмониёнро муаррихон дар ду ҳазор соли пеш дидаанд. Он замон олмониёне, ки дар лашкари Рум бо сипоҳи Ашкониён меҷангиданд, аз фарҳанги ғаниро ба ёдгор бурдаанд.

Шарқшиносони олмонӣ низ дар таҳқиқ, тарҷума ва интишори осори олимону адибони тоҷику форс хидматҳои шоиста анҷом додаанд. Ҳануз соли 1635 гертсог Фридрихи II саёҳати олим, дипломат ва сайёҳ Адам Олеар ва шоир П. Флеминг ба Россияву Форс маблаҳгузорӣ кард, то китобе дар бораи Шарқ нависанд. Урупоиён маҳз тавассути китоби «Саёҳат ба Маскаву Форс», ки натиҷаи ҳамин сафар буд, бо ашъори Фирдавсӣ, «Гулистони Саъдӣ» ва ғазалиёти Ҳофиз, рубоиёти Хайём ошно шуданд. Ҳамчунин Рӯдакӣ ва Носири Хусравро низ ба урупоиён бори аввал дар нимаи авали садаи 19 муҳаққиқи олмонӣ Ҳерман Эте ошно кард. Китобҳои «Рӯдакӣ шоири Сомониён» ва «Пешиниёни Рӯдакӣ ва муосирони ӯ»-ро иншо кад. Ҳамчуни дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Носири Хусрав ва асарҳои ӯ пажӯҳиш анҷом дод. Ҳамчунин муҳаққиқи олмонитабори австриягиву олмонӣ " Хаммерфон Пургштал дар асари арзишманди худ «Таърихи шеъри форсӣ» ашъори беш аз 200 шоири тоҷику форсро ба урупоиён пешниҳод намуд ва бо равишҳои перафтаи адабиётшиносӣ баррасӣ намуд. Муҳақиқи дигари олмонӣ Анна Мария Шиммел дар асари «Бузургии Шамс», ки ҳосили заҳмати чилсолаи ӯст, ашъору андешаи Ҷалолиддини Румиро таҳқиқ кард. [2]

Дар риштаҳои фалсафа ва фарҳангшиносӣ низ муҳаққиқони олмонӣ, ки фарҳанги ориёӣ ва исломӣ пажӯҳишҳои амиқ анҷом додаанд. Файласуфи машҳур Фридрих Нитше дини зардуштиро, ки аллакай дар олмон мавриди пажӯҳиш ва арзёбӣ қарор гирифта буд, дини заминӣ ва ба зиндагӣ мувофиқ дониста, асари мондагнору калидии худ «Чунин гуфт Зартушт»-ро бо номи ин паёмбари ачдоди тоҷикон гирех зад. Ин файласуфи баланназар ва орзуманди абармард дар васфи Ҳофиз низ шеъри зебое дорад. Қабл аз ӯ шоир ва файласуфи машҳур И. В. Гёте шефтаи адабиёти тоҷику форсу буд, ба ин хотир зубони форсӣ омӯхт ва «Девони шарқию ғарбӣ»-и худро офарид, ки он ҳанух ҳам урупоиён барои шинохти Шарқ ба он мурочеа мекунанд.

Замони ба Россия тобеъ шудуни Осиёи Миёна ба марҳилаи нави кишваркушоии урупоиён рост омад. Агар то ибтидои садаи XIX урупоиён дар мавриди Осиёи Миёна аз маълумотҳои сайёҳоне монанди Марко Поло истифода мекарданд, аз нимаи дувуми садаи XIX густариши империяҳои Британияву Руссия ба Осиё зарурати омӯзиши ҷуғрофию мардумшиносиро пеш овард. Ва аз ҳамин давра Осиёи Миёна маҳалли экспедитсияҳову таҳқиқотҳои олимони урупоӣ қарор гирифт. Олимони русу англис бо кӯшиши зиёд ба омӯзиши минтаҳа оғоз карданд. Олимони олмонӣ низ бо рағбати на камтар аз он ба ин раванд ҳамроҳ шуданд. Дар ин давра аз, як тараф, муҳаққиқони олмонӣ аз Австрияву Олмон эспедистияҳову саёҳатҳо ташкил карданд, аз тарафи дигар, дар байни шаҳрвандони Россия, ки бо ҳадафҳои гуногун ба минтаҳа меомаданд, олмони олмонитабор низ кам набуданд.

Танҳо дар байни солҳои 1871-1914 ба Осиёи Миёна 30 нафар олими олмониву австриягӣ сафарҳои илмӣ анҷом доданд[8]. Таҳқиқоти олимони олмонӣ бар хилофи таҳқиқоти британиягиҳову

русҳо, ки бештар аз нуқтаи назари империалистӣ анҷом мешуданд, хусусияти мушоҳидавию тавсифӣ ва баъзан табиатшиносӣ доштанд.

Таҳқиқотҳои табиатшиносии олимони олмонӣ дар охири салдаи XIX ва авали садаи XX бештар риштаҳои орография (омӯзиши низоми кӯҳҳо), ирригаттсия (омӯзиши низоми обёрӣ), гидрография (омӯзиши захираҳоиобӣ), климатология, зоология (омӯзши ҳайвонот ва хазандаҳо) ва ғайраро дар бар гирад. Аммо дар риштаҳои мардумшиносӣ, кишваршиносӣ, бостоншиносӣ, таърих ва илмҳои дигари инсонӣ низ аз экспедитсияҳои сешумори олмониён ва муҳаққиқони олмонитабор асарҳои арзишманд ба миён омадаанд

Дар самтҳои гуногуни илм – тиб, ҷуғрофия, таърих ва иқтисодиёти минтақа асосан олимони Олмониву Авсриягӣ таҳқиқот анҷом додаанд. Масалан, соли 1871 профессори Донишгоҳи Дорпат В. Петсхолд, ки экспедитсияи ӯ бо даъват ва маблағгузории Генерал-Губернатори Туркистон Кауфман сурат гирифт, Осиёи Миёна, аз ҷумла кӯҳҳои Самарқанду Хуҷандро бо мақсади ҷамъоварии маълумотҳои ҷуғрофӣ саёҳат кард. Маълумотҳои ӯ дар китоби маҳураш, ки маълумотҳои гуногуни кишваршиносӣ, ҷуғрофӣ, мардумшиносӣ ва таърихиро шомиланд, бо номи «Туркистон» ба табъ расид. Инчунин ӯ китобе бо номи «Лашкаркашии Искандари Мақдунӣ» дар Олмон интишор дод, ки назарияи ӯ дар бораи ватани аслии ориёиён будани Осиёи Миёна ва Афғонистон матраҳ гардидааст [5]. Муҳаққиқи дигари олмонӣ Паул Георг Гейсс номи «Туркистон»-ро барои Осиёи Миёна нодуруст ҳисобида, онро номи маъмурие медонист, ки соли 1867 империяи Россия барои Генерал-губернатории ин минтаҳа додааанд. [2] Дар ин маврид бояд мутзаккир шуд, ки ҳанӯз соли 1929 олими машҳури олмонӣ Александр Гумболд натичаи экспедитсияҳои худро дар чор чилд бо номи «Оссиёи Марказӣ» нашр намуд ва ҷуғрофияи мафҳуми мазкурро илман муқаррар намуд [5].

Сайёҳи дигар Макс фон Просковетс дар фарҷоми таҳқиқоти худ китобе дар бораи тиҷорат ва кишоварзии Бухорову Самарқанд навишт. Муҳаққиқи олмонӣ Свен Ҳедин (Sven Hedin, 1865-1952 солҳои 1885-1935 тайи ҳафт экспедитсияи илмӣ дар Эрон, Месопатами, Осиёи Миёна, Тибет, Ҳиндустон ва Чин таҳқиқот анҷом дод [5].

Солҳои 80-и садаи XIX орнитолог Валигриан Руссов чандин маротиба ба Осиёи Миёнаро саёҳат карда, 3500 навъи парандагонро тавсиф кард. Табиби олмонӣ В. Зеллербек аз минтаҳа, аз ҷумла аз Бухоро диданд кард. Соли 1911 дотсенти Донишгоҳи Вена Мохел ва ҳамчунин шаҳрвандони Олмон К. Вилд, К. Рейтер, А. Броннер сафари думоҳа ба Осиёи Миёна анҷом доданд.

Дар рушди илмҳои тиб ва химия дар садаи нуздаҳи Осиёи миёна олимони олмонӣ саҳми калон гузоштаанд. Соли 1908 бо ташаббуси А. Швартс Ҷамъияти табиатшиносон ва табибони Осиёи Миёна ташкил ёфт ва солҳои 1910-1913 бо роҳбрии онҳо дар Хива беморхонаи навъи урупоӣ ва почта кушода шуд. Як қатор олимони олмонӣ барои таҳқиқот ва ҷамъоварии экспонатҳо баъзеашон як давари муайян, баъзеи дигар тамоми умр дар ин ҷо монда, фаъодияти илмии худро идома доданд. Мунаҷҷим Франц фон Шварц по бо даъвати Генерал-губернатор Кауфман соли 1874 барои кор даъват шуда, дар расадхонаи Тошканд понздаҳ сол кор кард ва ҳамчун этнограф ва кишваршинос дар минтаҳа шуҳрат ёфт. Мутахассисони олмонӣ Г. Г. Флегер – сардухтур ва мудири беморхонаи шаҳри Тошканд, К.О. Рейнгарт – сардухтури санитарӣ, Х. Сеннер – мудири дорухонаи шаҳрии Тошканд буданд.

Мутахассисони олмонитабори Россиягӣ Р.Р. Шредер, Е.К. Бетгер, И.И. Гейер, Л.С. Берг, А.Ф. Миддендорф, Г.К. Ризенкампф, П.И. Лерх, В.В. Бартольд, А. Шмидт, А. Кун и ва дигарон дар рушди илму истеҳсолоти минтаҳа саҳми калон гузоштаанд [5].

Минтаҳаи Осиёи Миёна аз ҷиҳати мардумшиносӣ дар ин давра таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёдеро ҷалб мекард. Дар охири садаи XIX Энтолог Бастиан минтаҳаҳои гуногуни Осиёи Миёнаро мавриди омӯзиш қарор дод. Чанд кӯзачаи қадимаеро, ки дар Тошканд ба ӯ тақдим шуда буд, ба музеи Берлин супурд. Соли 1895 рассоми олмонӣ Рихард Зоммер ба Осиёи миёна омада, расми чандин ашёи рузғорро аз назари мардумшиносӣ моҳирона кашид, ҳамчун асарҳои ҳунарӣ ва экспонатҳои мардумшиносӣ арзишманданд [6, 42].

Нимаи дувуми садаи XIX марҳилаи нави ҷуғрофишиносӣ ба шумор меравад. То ин давра, агар ҷуғрофишиносон бо роҳҳои обӣ сафар мекарданду ба минтаҳаҳои наздисоҳилӣ, аз қабили Амрико ва Ҳиндустон мутаваҷҷеҳ буданд ва киштиҳоро «донишгоҳҳои шиновар» меномиданд, акнун бо ихтирои авомобил ба хушкӣ, кишварҳои дурдасти Шарқ, ба кӯҳҳову биёбонҳо рӯй оварданд.

Олими олмонӣ Вилли Рикмерс аз нахустин ва машҳуртарин муҳаққиқони қаторкӯҳҳои Помир ба ҳисоб меравад. Ӯ солҳои 1896, 1898, 1906, 1910 ва 1913 дар кӯҳҳои Бухорои Шарқӣ ва Помир пурмаҳсул кор кардааст. Экспедитсияи соли 1906 зери роҳбрии Вилли Рикмерс харитасозии қуллаи Пётри Каирро анҷом дод. Агар сафарҳои нахустинро худи Вилли Рикерс ва ҳамсараш – шарқшинос Мабел маблағузорӣ мекарданд, соли 1910 таҳти роҳбрии Вилли Рикмерс экспедитсияи олмонӣ-австриягӣ (Der deutsche und osterreichische Alpenverein) дар Помир кор кард. Ин экспедистсия ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Он тектоникаи қуллаи Пётри Кабир ва морфологияи пиряхи он

ва ҳамчунин қуллаи Гарморо омӯхт. Экспедитсияи 1913, ки аз тарафи Иттиҳодияи кӯҳнавардони олмонӣ-австриягӣ маблағгузорӣ шудааст, қисмати шарқии қуллаи Пётри Кабирро дар Дарвоз таҳқиқ намуд. Қисми асосии кори ин экспидитсия харитасозии минтақаи қуллаҳо Сандал ва Гармо мебошад.Узви ин экспедистия В. Даймлер аввалин акси ин қулларо гирифт.

Муҳаққиқи дигари олмонӣ, ки дар омӯзиши қаторкӯҳҳои Помир саҳми калон дорад, Арвед фон Шулц Шульц (Schultz Arved, von) мебошад. Ӯ, ки солҳои 1904, 1905 ва 1909 дар ин минтақа таҳқиқот анҷом дода буд, февраи соли 1911 аз заминҷунбии Помир бохабар шуда, тобистони ҳамон сол ба экспедитсияи нав баромад. Ӯ минтақаи соҳили дарёҳои Помирдарё ва Ғундро таҳқиқ карда, ба маҳалли заминҷуни меравад дар асоси маълумоти ҷамъкардааш ба хулосаҳои дақиқи илмӣ мерасад. Натиҷаҳои экспедитсияи А. Шулц, ки соли 1912 интишор ёфтанд, дар Помиршиносӣ сафҳаи тозаву дурахшон буданд. Дастоварди муҳими ин экспедитсия дар қатори тавзеҳоти бешумори геграфию геологӣ таҳия ва нашри харитаи Помир, махсусан Сарез ба ҳисоб мерафт [6, 42].

Раванди пажӯҳиши пурсамару босуръати олимони олмониро Ҷанги ҷаҳонии аввал ба муддати понздаҳ сол қатъ намуд. Танҳо соли 1928 Иттиҳоди Шӯравӣ Экспедитсияи Помиру Олтойро бо ширкати олимони олмонӣ ташкил намуд. Дар он аз ҳарду тараф 11 нафарӣ муҳаққиқон ширкат варзиданд, ки гурӯҳи олимони олмониро Вилли Рикмерс роҳбарӣ мекард. Ин экспедитсияи комплесӣ бо дастовардҳои худ шуҳрати зиёд касб намуд. Ҳисоботи кори экспедитсия ба забонҳои русиву олмонӣ мустақилона иншо шуда ва варианти олмонии он дар Олмон чоп гардид ва филми ҳуҷҷатие ҳам бо номи «Помир – Боми ҷаҳон» таҳия гардидааст. Варианти русии филм нобуд шуда, вале варианти олмонии он маҳфуз ва рақамӣ карда шудааст.

Бояд таъкид кард, ки чун экспедитсияҳои мазкур комплексӣ буданду дар таркиби онҳо олимони шарқшинос, мардумшинос, кишваршинос ва ғайра низ шомил буданд, ки маълумотҳои арзишманде дар бораи ҷомае ва фарҳанги аҳолии минтақа ба илми ҷаҳонӣ додаанд, ки имрӯз ҳам аз аҳаммият холӣ нестанд, бар замми он ки заминаи рушди як қатор илмҳо ба шумор мераванд.

12 майи соли 1944 сессияи ВерховногШӯрои Олии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон Қонун «Дар боаи Комиссариати Халқии Иттифоқӣ-ҷумҳуриявии корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон» қабул кард. Бо ташкили ин комиссариат Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон дар мувофиқа ва бо иҷозати Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС равобити худро бо кишварҳои дурру наздик ба роҳ мемонд, ки он асосан аз муносибатҳои илмиву фарҳангӣ иборат буд.

Соҳои 1957-58 Манфред Лоренс аз Ҷумҳурии Демократии Олмон дар назди кафедраи забони тоҷикии дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон таҳсил карда, ба таҳқиқоти илмӣ машғул шуд ва соли 1961 дар Берлин рисолаи илмиро таҳти унвони «Тадқиқот оид ба муқоисаи синтаксии забонҳои форсию тоҷикӣ» дифоъ кард. Ӯ минбаъд ба тадриси забони тоҷикӣ дар Донишгоҳи Берлин, таҳқиқи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик пардохт ва ҳамчун мубаллиғи адабиёту фарҳанги тоҷик дар Урупо шинохта мешуд, устоди фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд [1, 12-34-63]. Зимнан, соли 2011 аз тарафи Асосгузораи сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон хидматҳои ӯ бо «Ордени Дӯстӣ» қадр карда шуд.

Дар нимаи садаи 20 Ҷумҳурии Демократии Олмон асарҳои нависандагони тоҷик, махсусан Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил ва дигарон тарҷумаву нашр шуданд. Тӯли ин солҳо ташрифи намояндагони илму фарҳанг, истеҳсолот сурат мегирифтанд. Ширкати олимон дар конфронсу симпозиумҳои илмӣ сурат мегирифт. Масалан, соли 1968 пофессор В. Зундерман дар конференсияи байналмилаии ЮНЕСКО оид ба таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Осиёи миёна дар аҳди Кӯшониён ширкат варзид [11,78]. Ин чунин, соли 1969 Ҳафтаи филмҳои олмонӣ ба муносибати 20-солагии Ҷумҳурии Демократии Олмон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, дар доираи он гурӯҳи кинодокументалистҳо аз студияи «Дефа» Ф. Гебхард, коргардонҳо Х Эмут, Г. Шойнерт шикат варзиданд [11,84].

10 марти 1966 намояндагони Ҷамъияти дӯстии олмониву шӯравии Олмони Ғрабӣ бо сарварии Президенти ин ҷамъият Ролфом Элиас ба муддати 4 рӯз ба Душанбе омада, аз Китобхонаи Давлатии ба номи А. Фирдавсӣ, Музеи таъриху кишваршиносӣ, донишгоҳҳои пойтахт ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ дидан карданду бо мардум во хурданд.

Соли 1977 Вазири Корҳои хориҷии Ҷумҳурии Демократии Олмон ба Тоҷикистон ташриф овард.

Аз Ҷумҳурии Демократии Олмон адибон, олимон ва рӯзноманигорон бо ҳадафҳои илмиву эҷодӣ борҳо ба Тоҷикистон ташриф овардаанд

Охири соҳои 80-уми садаи 20 бо тағйири фазои сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ равобити илмию фарҳангии Тоҷикистони шуравӣ бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз нав рӯ ба рушд ниҳод Соли 1986 дар рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Олмони Фдеретивӣ баргузор гардид. То соли 1992, яъне то барқарор гардидани равобити дипломатӣ чандин маротиба ташрифҳои дутарафа сурат гирифт.

Хулоса, пешинаи равобити илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмонро ба се марҳила метавон тақсим кард.

Марҳилаи аввал аз нимаи авали садаи 17 оғоз мегардад. Дар ин давра мутахассисони олмонӣ асосан дар риштаҳои фалсафа, адабиётшиносӣ ва забономӯзӣ ҷаҳонбинӣ ва адабиёти тоҷику форсро мариди таҳқиқ қарор додаанд.

Марҳилаи дуввум асосан давраи таҳқиқот дар илмҳои табиатшиносӣ ва кишваршиносиву мардумшиносӣ буда, аз нимаи авали садаи 19, аниқтараш аз соли 1828 шурӯъ дар авали садаи бист ба авҷи рушд мерасад ва бо оғози Ҷани Ҷаҳонии дувум қатъ мегардад.

Марҳилаи севум робитаҳои илмӣ дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ то давраи истиқлолро дар бар мегирад.

Дар муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон навбати аввал барқарор гардидани робитаҳои илмию фарҳангӣ бешакк, давоми мантиқии марҳилаҳои пешина ба ҳисоб рафта, яке аз омилҳои рушду тавсеаи он мебошад.

АДАБИЁТ

1. Бобохонов М, Шодипур Ю., Ховаршинос М. Лоренс. Душанбе, Шарқи озод, 2001. 124 с.
2. Вохидова С., Иранистика и таджиковедение в немецкоязычной историографии, (XV -нач. XXI вв.) . Автореферат на соискание ученой степени доктора исторических наук, Душанбе, 2010
3. Дипломатия Таджикистан, (к 50-летию создания Министерства иностранных дел Таджикистан) https://mfa.tj › uploads › main › 2013/03 › diplomatiya_tajikistana_
4. Дипломатия Таджикистан, Душанбе, 2009, 296 с.
5. Кнауэр Н, Х., Немцы древнего края (Туркестан, Средняя, Центральная Азия), 2016 V.e. IRWA 334 стр.
6. Котюкова Т.В. О вкладе выходцев из стран западной, центральной и северной Европе в научное изучение русского Туркестана в конце XIX –начале XX в., Институт военной истории Министерства обороны РФ, г. Москва, kotyukovat@mail.ru
7. Мишарев Д. Ю. Вклад выдающихся предста-вителей немецкой диаспоры в развитие Туркестанского края во второй половине XIX –начале XX веков: И.И. Гейер // Узбекистон-да этнодемографик жараёнлар (халкаро кон-ференция материаллари) Ікисм.Ташкент, 2005. С. 209.
8. Рахимов Б. Э. Якубова М.Б. Обзор немецкоязычных исследований, посвящённых туркестанскому генерал-губернаторству. – С. 43.
19. Франсиска Т, Об экспедициях Рикмерса в 1890–1928 https://mytashkent.uz › 2018/08/08 › villi-rikmers-issledovatel-turkestana
10. Шаҳобиддинов Н., Нитше ва Зардушти таърихӣ, Душанбе, 2016. 362 с.
11. Шевченко В. И.,Ты покорыл нас, Таджикистан» Душанбе, Ирфон, 1974. 224 с.

ИСТОРИЯ ТАДЖИКСКО-ГЕРМАНСКИХ КУЛЬТУРНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Научные связи между Республики Таджикистан и Федеративной Республики Германии в период государственной независимости Таджикистана на уровне государственных отношенный становилось и динамично развивается. В статье описывается прошлое этих отношенный, который имеет достаточно длинной истории, и рассматриваются периоды факторы развитие спад этих отношенный.

Ключевые слова: *научные связи, ориенталисте, экспедиции, география, естествознанье, периоды.*

HISTORY OF TAJIK-GERMAN CULTURAL RELATIONS

Scientific relations between the Republic of Tajikistan and the Federal Republic of Germany during the period of state independence at the level of state relations were becoming and dynamically developing. The article describes the past of these relations, which has a fairly long history, and examines the periods of factors in the development of the decline of these relations.

Key words: *scientific connections, orientalists, expeditions, geography, natural science, periods.*

Сведения об авторе:

Кайхусрави Субхонзод*, аспирант Института изучение проблем стран Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан, E-mail: askikho@mail.ru*

About the author:

Kaihusravi Subhonzod*, PhD student at the Institute for the Study of Asian and European Countries of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, E-mail: askikho@mail.ru*

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ–тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см –ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроғ ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издаётся в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

Ба чопаш 13.11.2020 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/8. Коғази офсетӣ 80 гр.
Ҷузъи чопӣ 35,6. Адади нашр 80 нусха
Супориши № 197.

Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 121.